**Keywords**: small business, financial reporting, international financial reporting standards, conceptual framework.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Каримов Алишер Сафаралиевич*** — Институти иқтисодиёт ва таҳлили системавии тараққиёти хоҷагии қишлоқи Академияи илмҳои хоҷагии қишлоқи Тоҷикистон, доктoранти Ph.D. **Суроға**: 734020, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯчаи Ҳаёти-нав, 306. Телефон: **904-16-93-93**

***Мирзоалиев Абдумалик Абдунабиевич*** — Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи ҳисоботи бухгалтерӣ ва аудит. **Суроға**: 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи А.Деҳотӣ, 1/2

**Сведения об авторах:** ***Каримов Алишер Сафаралиевич*** **-** Институт экономики и системного анализа развития сельского хозяйства Таджикской академии сельскохозяйственных наук, доктор Ph.D. **Адрес**: 734020, Республика Таджикистан, г.Душанбе, улица Хаёти-Нав, 306. Телефон: **904-16-93-93**

***Мирзоалиев Абдумалик Абдунабиевич*** **-** Таджикский государственный университет коммерции, кандидат экономических наук, доцент кафедры бухгалтерского отчета и аудита. **Адрес:** 734061, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица А. Дехоти 1/2

**Information about authors:** ***Karimov Alisher Safaralievich*** - Institute of Economics and System Analysis of Agricultural Development of the Tajik Academy of Agricultural Sciences, Doctor Ph.D. **Address**: 734020, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Khayoti-Nav street, 306. Phone: **904-16-93-93**

***Mirzoaliev Abdumalik Abdunabievich*** - Tajik State University of Commerce, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of Accounting Reports and Auditing. **Address**: 734061, Republic of Tajikistan, Dushanbe, A. Dekhoti street 1/2

ТДУ: 338.43.01

# ТАҶРИБАИ ХОРИҶИИ ИСТИФОДАИ САМАРАНОКИ ЗАХИРАҲОИ ОБИЮ ЭНЕРГЕТИКӢ

***Исайнов Ҳ.Р., Раҳмонов Ҷ.Ҳ.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,**
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ**

Таҷрибаи мамлакатҳои хориҷӣ дар ҳалли муаммоҳои мавҷудаи соҳаи хоҷагии об ва истифодаи захираҳои обӣ басо тезутунд мебошад. Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки дар аксари кишварҳо оиди ташкил, маблағгузорӣ ва танзими низоми истифодаи об, давлат нақши асосиро мебозад. Масалан, дар Австрия, Венгрия, Испания, Италия, Полша, Португалия, Руминия, Туркия, Чехия ва Юнон обёрӣ яке аз самтҳои афзалиятноки рушди иқтисодиёт ба шумор рафта, объекти банақшагирии давлатӣ мебошад. Дар ИМА, ҳукумат ба соҳаи об субсидия медиҳад.

Дар бисёр мамлакатҳои аврупоӣ принсипи муқаррар намудани музди истифодаи об вобаста ба ҳаҷми хароҷоти хатҳои байнихоҷагии об истифода мешавад. Пардохтҳо барои истифодаи об ҳамчун даромади андоз ҳисоб карда, ба буҷети давлат ворид мешаванд. Масалан, дар Испания иншоотҳои калони гидротехникӣ барои танзими ҷараёни калони захираҳои об қариб дар ҳамаи мавридҳо бевосита аз ҳисоби давлат маблағгузорӣ карда мешаванд.

Дар минтақаи Осиё ва уқёнуси Ором зиёда аз 80%-и ҳаҷми умумии истифодаи об барои зироаткории обӣ рост меояд. Ҳукуматҳои кишварҳои минтақаи Осиё ва уқёнуси Ором қисми зиёди хароҷоти сохтмон ва истифодабарии шабакаҳои обёрии берунаро маблағгузорӣ менамоянд. Аксари системаҳои бузурги ирригатсионӣ моликияти давлатӣ буда, аз ҷониби ҳукумати марказӣ ё ҳукуматҳои маҳаллӣ идора карда мешаванд.

Маблағи сохтан ва ба кор андохтани иншоотҳои калони гидротехникӣ қариб дар ҳамаи мамлакатҳо аз ҳисоби буҷети давлатӣ ва дар сурати нокифоя будани онҳо бо ҷалб намудани қарзҳои гуногуни имтиёзнок дода мешавад. Масалан, дар Япония давлат 90% ва зиёда аз он корҳои хоҷагии об ва то 10%-ро аз ҳисоби қарзҳои корпоратсияҳои хусусии манфиатдор маблағгузорӣ менамоянд.

Дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико (ИМА) идоракунии системаҳои калони хоҷагии об, ҳифзи онҳо ва ташаккули захираҳои об аз ҷониби ҳукумат амалӣ ва маблағгузорӣ карда мешавад. Лоиҳаҳои бузурги гидроэнергетикӣ пурра аз ҷониби мақомоти федералӣ дар асоси иҷозати махсуси Конгресси ИМА маблағгузорӣ карда мешаванд. Илова бар ин, Санади оби тоза аз соли 1987 ба заминдороне, ки усулҳои пешрафта ва самараноки обёрии заминҳои худро истифода мебаранд, кумакпулиро пешбинӣ менамоянд.

Мамлакатҳои минтақаи муътадилу тропикии Амрикои Шимолӣ ва ҷанубии ИМА, Мексика, Аргентина ва Чили нисбат ба давлатҳои Аврупо ва Осиё, ки дар ҳамин минтақаҳои табиӣ воқеъ, бо захираҳои об бештар таъмин мебошанд. Дар давлатҳои номбурда, ба ҳар нафар оби равон аз 7 то 48 ҳазор $м^3$ мерасад, дар сурате, ки ин нишондиҳанда дар тамоми қитъаи Аврупо тақрибан 5 ҳазор $м^3$ ва 1000 $м^3$-ро ташкил медиҳад. Агар таҳлили мазкур дар шакли муқоисавӣ баррасӣ гардад, пас дидан мумкин аст, ки дар байни қитъаҳои олам, аз ҳама бештар қитъаи Амрикои Ҷанубӣ ва Австралия, камтар аз ҳама қитъаи Аврупо ва Осиё бо об таъмин мебошад. Дар қитъаи Австралия ин натиҷа ба он робита дорад, ки дарёҳои Гвинеяи Нав ва Зеландияи Нав бисёр сероб буда, шумораи аҳолияшон нисбатан камтар мебошад.

Вобаста ба захираҳои об бояд, фаромӯш накард, ки ҳаҷму истифодаи он дар қитъаи олам аз шумораи аҳолӣ ва дар оянда андешидани чорабиниҳои иловагӣ вобаста мебошад. Мувофиқи таҳқиқоти омории СММ, ҳоло дар кураи замин истифодаи умумии об ба бештар аз 2838 $км^3$ дар як сол мерасад. Аз ин ҳисоб, зиёда аз нисфи масрафи об ба қитъаи Осиё рост меояд, зеро дар ин ҷо қариб 60% аҳолии дунё зиндагӣ мекунанд.

Бояд қайд кард, ки ҳолати кунунии истифодаи захираҳои об яке аз захираҳои табиии пурқувват дар ҷаҳон мебошад. Маълумоти умумиҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки истеъмоли ҷаҳонии оби ширин аз ҳар як намуди ашёи хоми саноатӣ як маротиба зиёдтар аст ва дар як шабонарӯз 10 км$^3$ мерасад, ки ба истеҳсоли солонаи ҳамаи намудҳои маъданҳои фоиданок баробар аст. Гузашта аз ин, чунончи маълум аст, истифодаи захираҳои об бо мақсади фаъолияти иқтисодӣ бо омили демографӣ алоқаманд аст. Чунин муносибат дар минтақаҳое, ки дастрасии паст бо захираҳои обӣ доранд, аҳаммияти хосса доранд. Ин асосан аз сабаби он аст, ки талаботи ҷаҳонӣ барои захираҳои об бо афзоиши аҳолӣ муайян карда мешавад. Ҳамин тариқ, дар давоми зиёда аз ним асри охир аҳолии ҷаҳон 3,8 маротиба афзуда, истеъмоли захираҳои об зиёда аз 7 маротиба афзудааст. Дар маҷмуъ, раванди истифодаи омори ҷаҳонӣ оид ба истифодаи захираҳои обро дар бахшҳои гуногуни иқтисодиёт мавриди таҳлил қарор медиҳем (ҷадв.1).

**Ҷадвали 1. Тамоюли истифодаи захираҳои обӣ дар соҳаҳои иқтисодиёти ҷаҳонӣ**
**Table 1. Trends in the use of water resources in the world economy**

| Соҳаҳои иқтисодиёт | Воҳиди ченак | Солҳо | | | | 2020/1900 | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 1900 | 1950 | 2015 | 2020 | бо рақамҳо | маротиба |
| Аҳолӣ | млн. нафар | 1600,0 | 2542,0 | 6181,0 | 7113,0 | 5513,0 | 4,4 маротиба |
| Заминҳои обӣ | млн. га | 47,3 | 101,0 | 264,0 | 288,0 | 240,7 | 6,1 маротиба |
| Кишоварзӣ | км$^3$/сол | 513,0 | 1080,0 | 2605,0 | 2817,0 | 2304,0 | 5,5 маротиба |
| Саноат | км$^3$/сол | 21,5 | 86,7 | 384,0 | 472,0 | 450,5 | 21,9 маротиба |
| Хоҷагиҳои коммуналӣ | км$^3$/сол | 43,7 | 204,0 | 776,0 | 908,0 | 864,3 | 20,7 маротиба |
| Дигарҳо | км$^3$/сол | 0,3 | 11,1 | 208,0 | 235,0 | 324,7 | 783,3маротиба |
| Дар маҷмуъ | км$^3$/год | 579,0 | 1382,0 | 3973,0 | 4431,0 | 3852,0 | 7,6 маротиба |

Сарчашма: UN Statistics Division, MDG goalsindicators, 2021.

Маълумотҳои дар ҷадвал нишон додашуда аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки аксари захираҳои об дар соҳаи кишоварзӣ, бахусус, дар соҳаи обёрӣ истифода мешаванд. Дар сохтори ҳаҷми умумии истеъмоли об, 67-70% (2,817,0 км$^3$/сол) дар соҳаи кишоварзӣ, ки тақрибан 50% барои обёрӣ, 20-23% барои саноат ва 8-10% барои иқтисодиёт ва ҳамчун обҳои нӯшокӣ истифода мешаванд. Дар айни замон, соҳаи кишоварзӣ ҳар сол беш аз 2,8 ҳазор киловатт-соат оби нӯшокиро истеъмол мекунад - 70%-и истеъмоли ҷаҳонӣ ё 7 маротиба бештар аз саноати ҷаҳон.

Тақсими об дар кураи Замин нобаробар сурат гирифтааст, ки он ба инкишофи соҳаҳои гуногуни кишоварзӣ ва саноат таъсири назаррас мерасонад. Ин, пеш аз ҳама, ба хусусиятҳои сатҳи замини маҳал ва омилҳои иқлимӣ сахт вобастагӣ дорад. Масалан, дар минтақаи муътадил ва экваториалӣ ба ҳар нафар 25 ҳазор м$^3$ оби нӯшокӣ, вале дар минтақаи хушкӣ (биёбону нимбиёбон), ки 1/3 ҳиссаи аҳолии ҷаҳон зиндагӣ мекунад, ба ҳар нафар дар як сол ҳамагӣ 3 ҳазор м$^3$ рост меояд. Ин қисмати обро ҳам аксар барои обёрии заминҳо истифода мебаранд.

Ҳоло тақсими обро ба ҳар сари аҳолӣ дар қитъаҳои алоҳидаи кураи Замин мавриди таҳлил қарор медиҳем. Мувофиқи ин нишондиҳандаҳо таъминоти аз ҳама бештари об ба қитъаҳои Австралия ва Океания рост меояд.

Агар ба вазъи демографӣ дар кураи Замин назар андозем, пас дидан душвор нест, ки қисме аз рақамҳои ҷадвали поёнӣ (ҷадвали 2), махсусан дар қитъаи Осиё ва Африқо тағйироти куллиро талаб мекунад. Бо вуҷуди ин, муқаррар намудан осон аст, ки таъминот бо оби дарёҳо дар байни қитъаҳои олам фарқи ҷиддӣ дорад. Масалан, агар ҷараёни пурраи оби дарёҳо ба ҳар сар аҳолӣ дар Аврупо 4,76 ҳазор м$^3$ ташкил кунад, пас ин нишондиҳанда дар Амрикои Ҷанубӣ 44,3 ҳазор м$^3$ ва дар Австралия ва Океания бошад, ба 94 ҳазор м$^3$ мерасад. Аз давлатҳое, ки ҳоло дар миқёси дунё аз ҷиҳати захираи об ба ҳар сар аҳолӣ хеле бой ҳисобида мешаванд, ин дар қитъаи Осиё давлати Лаос, ба сари ҳар нафар дар як сол 63 ҳазор м$^3$ оби равон ва 14 ҳазор м$^3$ оби зеризаминӣ, дар

қитъаи Африқо - Конго (120 ҳазор ва 45 ҳазор м$^3$), дар Америкаи Шимолӣ - Канада (115 ҳазор ва 30 ҳазор м$^3$), дар Америкаи Марказӣ - Никарагуа (54 ҳазор ва 22 ҳазор м$^3$), дар Америкаи Ҷанубӣ - Бразилия (48 ҳазор ва 16 ҳазор м$^3$), дар Австралия ва Океания - Зеландияи Нав (128 ҳазор ва 64 ҳазор м$^3$) ба ҳисоб меравconfigured (ҷадв. 2).

**Ҷадвали 2. Тақсими оби нӯшокӣ (оби дарёҳо) ба ҳар сари аҳолӣ**
**Table 2. Distribution of drinking water (river water) per capita**

| Қитъа | Масоҳат, ҳаз. км$^2$ | Ҳаҷми оби дарё, км$^3$ | | Захираҳои оби дарёҳо ба ҳар сари аҳолӣ, ҳазор м$^3$/сол | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | пурра | зеризаминӣ | пурра | зеризаминӣ |
| **Аврупо** | 9770 | 3110 | 1065 | 4,8 | 1,6 |
| **Осиё** | 45200 | 13190 | 3410 | 5,2 | 1,3 |
| **Африқо** | 30290 | 4225 | 1465 | 9,3 | 3,2 |
| **Америкаи Шимолӣ** | 20830 | 5960 | 1740 | 16,6 | 4,8 |
| **Америкаи Ҷанубӣ** | 17810 | 10380 | 3740 | 44,3 | 16,0 |
| **Австралия ва Океания** | 8400 | 1965 | 465 | 0,95 | 0,2 |
| **Ҳамагӣ*** | 132300 | 38830 | 11885 | 9,1 | 27,1 |
| **Ғайр аз Антарктида ва Гренландия** | | | | | |

Сарчашма: UN Statistics Division, MDG goalsindicators, 2021.

Таҳқиқотҳо нишон доданд, ки дар муддати 100-150 соли охир дар тамоми сайёраи мо, ҳаҷми умумии обҳои равон қариб тағйир наёфтааст, Вале бо сабаби афзоиши аҳолӣ дар давоми як аср таъминоти об ба ҳар сар аҳолӣ то 2,3 баробар кам шудааст. Ин нишондиҳанда солҳои охир босуръат афзоиш мекунад. Дар се-чор даҳсолаи охир таъминот бо оби нӯшокӣ ба сари аҳолӣ нисбати солҳои 1950-1970 бештар аз 3 маротиба коҳиш ёфт. Ин вазъият дар аксарияти давлатҳои Осиё ва Африқо дар инкишофи соҳаҳои саноат ва кишоварзӣ мушкилиҳои зиёдро ба бор овард. Масъалаи мазкур боиси ташвиши давлатҳои рушдкарда ҷаҳон низ гардидааст, зеро обҳои кӯлу дарёҳо дар қитъаю мамоликҳо низ нобаробар тақсим шудаанд. Масалан, агар дар Африқо фақат 10%-и аҳолӣ ба таври доимӣ бо об таъмин бошад, ин нишондиҳанда дар Аврупо бештар аз 95%-ро ташкил медиҳад. Чунин фарқияти таъмини об дар қитъаю мамлакатҳо, пеш аз ҳама, ба омилҳои иқлимӣ, сатҳи замини маҳал вобастагӣ дорад. Дар сайёраи мо сол то сол талабот ба оби нӯшокӣ зиёд мешавад ва дар солҳои 2010-2020 ин рақам зиёда аз 4 ҳаз. км$^3$-ро ташкил кард.

Қисми асосии сарфи об ба кишоварзӣ, ки аксар барои обёрӣ истифода мешавад ва сипас, ба соҳаҳои саноату хоҷагии таъминоти маишӣ рост меояд. Ҳоло ҳар сокини мамлакатҳои рушдкарда дар як шабонарӯз аз 300 то 400 литр об сарф мекунад, ҳол он ки дар замонҳои қадим истеъмоли шабонарӯзии об барои як нафар ба 12-18 литр рост меомад. Олимон муқаррар кардаанд, ки барои тандурустии инсон дар як шабонарӯз 2 литр об кифоя аст.

Маълумотҳои ҷаҳонии оморӣ аз он гувоҳӣ медиҳад, ки давлати Бразилия ҷойи аввалро дар сайёра, дар робита бо захираҳои оби тозаи ошомиданӣ мегирад ва аз рӯи ин нишондиҳанда дар ҷойи авввал мебошад. Мувофиқи ин нишондиҳанда, Федератсияи Русия баъд аз Бразилия, ҷойи дуюмро ишғол намуда, зинаҳои поёниро Ҷумҳурии Чин, Канада, Ҳиндустон ва Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, ки дорои захираҳои бузурги обӣ мебошанд, ишғол менамоянд. Илова бар ин, дар Русия кӯли калонтарин дар ҷаҳон, кӯли Байкал (LakeBaikal), бо оби тозаи 23 ҳазор км$^3$ - ҳамчун захираи глобалии ҷаҳонии оби тоза ҳисобида мешавад. Нишондиҳандаи сарчашмаи мушаххаси захираҳои обӣ дар як километри мураббаъи қаламрав, пас аз рӯи ин нишондиҳанда, Бразилия ҷои аввалро ишғол мекунад, Ҳиндустон ҷойи дуюм ва сипас Фаронса, ИМА ва Канада мебошад [17,с.41-45].

Дар маҷмуъ, то ба имрӯз дар марҳилаҳои гуногуни рушд зиёда аз 50 варианти хатсайрҳои пайвастшавии дохили ҳавза ва байниҳавзаӣ мавҷуд аст. Онҳо қисми зиёди

ҳудуди аврупоии Россия, миёна ва ҷанубии Сибири Ғарбӣ, ҳудуди Осиёи Марказиро ишғол менамоянд [9,с.148-152; 12,с.18]. Қариб дар ҳама ҷо барои истеъмоли оби саноатию коммуналӣ ва истифодабарандагони обе, ки обро барои обёрӣ истифода мебаранд, музди баландтарин муқаррар карда мешавад (он хароҷоти комплекси хоҷагии обро барои хизматрасонии ин минтақа пурра мепӯшонад). Ҳоло дар назди Ҳиндустон, Австралия, Иордания, Африқои Ҷанубӣ барин мамлакатҳо масъалаи кам кардани нарасидани захираҳои об истодаанд, онҳо дар таъмини эҳтиёҷотиояндаи об аз наздик иштирок мекунанд [2,с.80-89; 5,с.273-276].

Ҳамин тавр, баъзе натиҷаҳои корҳои таҳқиқотии олимону мутахассисон, гидротехникҳо исбот карданд, ки механизмҳои кам кардани камобӣ ба се гурӯҳ тақсим мешаванд, аз ҷумла:

- кам кардани сарфи захираҳои об, ҷорӣ намудани технологияи сарфаи об барои истифодаи оқилонаи захираҳои обию энерегетикӣ имкон медиҳад ва дар аксари мавридҳо назар ба сохтмони инфрасохтори нав аз ҷиҳати иқтисодӣ фоиданоктар аст;

- афзоиши захираҳои мавҷудаи об, таъмини дастрасӣ ба захираҳои иловагии об, қисми муҳимми ҳалли мушкилоти норасоии об боқӣ мемонад. Дар баробари лоиҳаҳои бузурги сармоягузорӣ, лоиҳаҳои дастрасии обҳои зеризаминӣ низ баррасӣ мешаванд, ки аз ҷиҳати захираи оби тоза аз ҳама манбаъҳои дигар пештаранд;

- аз нав дида баромадани тақсимоти захираҳои обию энергетикӣ байни истеъмолкунандагон - таҳлили самаранокии иқтисодии истеъмоли захираҳои обӣ ва энергетикӣ аксаран нишон медиҳад, ки кишварҳо аз захираҳои об ва энергия ноодилона истифода бурда, қисми зиёди онҳоро ба минтақаҳои дорои арзиши иловагии паст равона мекунанд [4,с.98; 7,с.184].

Масалан, замоне Арабистони Саудӣ барои парвариши гандум, барои содирот аз об аз технологияи гаронбаҳои шӯрсозӣ истифода мекард. Дар ин кишвар гузаштан ба тарифҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ асоснок барои ҳамаи истеъмолкунандагон механизми асосии аз навтақсимкунии самараноки захираҳои об ва ба ҳадди аксар расонидани фоида ба иқтисодиёт мебошад.

Албатта ин рақаму далелҳо аз истифодаи самараноки захираҳои об гувоҳӣ медиҳад. Он нуктае, ки ба захираҳои энергетикӣ ва соҳаи энергетика вобастагӣ дорад, бояд қайд намуд, ки баъзе аз кишварҳои рушдкардаи ҷаҳон дар роҳи таъмини рӯзафзояндаи аҳолӣ ва иқтисодиёт бо энергияи "сабз" муваффақиятҳои назаррасро ба даст овардаанд. Масалан, дар ИМА бо дарназардошти қабули қонун «Дар бораи барқароркунӣ ва сармоягузории иқтисодиёти амрикоӣ» дар соли 2014-ум ҳукумати федералӣ $90 млрд. барои ҳавасмандсозӣ ва рушди энергияи «сабз», технологияи ба ҳифзи энергия ва захираҳо равонашаванда ва зиёд намудани миқдори ҷойҳои кории «сабз» равона кардааст [11,с.26]. Кишварҳои Скандинавия ба дигаргунсозиҳои пурраи иқтисодиёт, ба фоидаи соҳаҳо, ки намудҳои нави технологияи экологии ҷойдошта ва молу хизматҳоро дар бар мегиранд, гузаштаанд. Дар шароити буҳрони ҷаҳонии молиявӣ чунин дигаргунсозиҳо, пеш аз ҳама, аз ҳисоби ёрмандиҳои экологии давлатии намудҳои пешқадами фаъолият, бо дарназардошти рушди истеҳсолоти анъанавӣ амалӣ карда мешаванд.

Таъсири нисбатан баланд дар ояндаи иқтисоди ҷаҳонӣ - ин мубориза бар зидди тағйироти иқлим ва баланд бардоштани самаранокии энергия ба ҳисоб меравад. Айни замон ба ҳиссаи чор кишвари дунё (Ҷумҳурии Мардумии Чин, ИМА, Ҳиндустон ва Федератсияи Россия) аз нисф зиёди партовҳои глобалии газҳои парникӣ рост меояд. Дар ин ҷода саҳми давлатҳои аъзои ИДМ, аз ҷумла Федератсияи Россия низ баланд аст, новобаста аз оне, ки саҳми он дар миқёси ҷаҳон (5,2%) дар ду даҳсолаи охир кам гардида, дар шароити ҳозира он 4-маротиба нисбат ба Ҷумҳурии Мардумии Чин (22,3%) ва ИМА (19,9%) ақиб меистад [7].

Кӯшиши кишварҳои аъзои Аврупо, ки бояд то соли 2020-ум партовҳои газҳои парникиро ба миқдори 20% кам намоянд, самаранокии энергияро ба 20% баланд бардошта, ҳиссаи сарчашмаҳои барқароршавандаи энергияро то 20% зиёд менамояд. Мувофиқи ин нақша, ки бо номи 20:20:20 машҳур аст, иқтисоди Аврупо дар ояндаи наздик ба таври пурра тағйир меёбад .

Аллакай дар ояндаи наздик яке аз самтҳои афзалиятноки иқтисодиёти кишварҳои пешрафта «иқтисоди гази карбонаш паст», бо самаранокии баланди энергия ва таъсиррасонии минималӣ ба низоми иқлимӣ хоҳад буд. Аз ин ҷо ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки амалисозии бартариятҳои энергетикӣ ва иқлимӣ ба таври автоматӣ фишори экологиро паст менамоянд, ки ба бузургии истифодаи энергия, истифодаи захираҳои табиӣ, партовҳои газҳои парникӣ ва ҳаҷми ифлосиҳо алоқаманд мебошанд.

Ҳамаи ин далелу рақамҳо шаҳодати он аст, ки дар даҳсолаҳои наздик кишварҳои рушдкарда метавонанд иқтисодиёти ба дастовардҳои инноватсионӣ ва технологияи ҳифзи энергия асосёфта дошта бошанд, ки хусусияти асосии он, таъсири минималии он ба муҳити зист аст. Ҷавоб ба ин суол, пеш аз ҳама, ташкили бозори минтақавии энергетикӣ мебошад, ки дар заминаи зарурати маблағгузориҳои бузург ба бозори ягонаи минтақавии энергетикӣ (бо дарназардошти сохтану ба истифода додани хатти интиқоли қувваи барқи CASA-1000), мавҷудияти захираҳои фоиданоки арзиши аслиаш нисбатан паст (бо дарназардошти шароитҳои табиию ҷуғрофӣ барои сохтани НОБ-ҳои бузургу миёна) ва дараҷаи даромаднокиаш нисбатан баланд асос меёбад.

Дар хусуси гузаштан ба иқтисоди сабз Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар конфронси 21-уми тарафҳои Конвенсияи қолабии СММ (дар бораи тағйири иқлим дар моҳи январи соли 2015 дар ш. Парижи давлати Фаронса), аз ҷумла қайд намуданд: «Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти эътирофи ҳаҷми зиёди партовҳои гулхонаӣ, дар раванди истифодаи манбаъҳои энергетикӣ, рушди минбаъдаи соҳаи энергияи таҷдидшавандаро омили муассири коҳиши партовҳо медонад. Ба ҳамин тартиб, кишвари мо, ба истифодаи пурсамари манбаъҳои таҷдидшавандаи энергия, алалхусус гидроэнергетика, ки ба рушди иқтисодиву иҷтимоӣ, мутобиқшавии аҳолӣ ба тағйирёбии иқлим ва ташаккули «иқтисоди сабз» мусоидат менамояд, таваҷҷуҳи хос медиҳад» [15,с.2]. Ба ақидаи Президенти кишвар, бунёди иншоотҳои гидроэнергетикӣ яке аз омилҳои муҳимми коҳиш ёфтани офатҳои табиӣ вобаста ба об таъсиррасон ба ҳисоб меравад. Аз ин ҷост, ки дар ҷумҳурии мо, рушди соҳаи гидроэнергетика яке аз самтҳои асосии ба рушди устувори иқтисодӣ мусоидаткунанда маҳсуб меёбад.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки хизматрасониҳои молиявӣ ва сектори молиявӣ амалигардонии миллиардҳо долларро ҷиҳати гузаштан ба истеҳсоли энергияи барқароршаванда назорат ва пешниҳод менамоянд. Ба энергияи барқароршаванда, пеш аз ҳама, истеҳсоли қувваи барқ бо истифода аз захираҳои обӣ (гидроэнергетика), захираҳои офтоб, шамол (бод), мадду ҷазр (албатта, кишварҳое, ки дар соҳили баҳру уқёнусҳо ҷойгир шудаанд) ва ғайра дохил мешаванд, ки аз нуқтаи назари экологӣ нисбатан безараранд. Бисёре аз сармоягузорони институтсионалии дарозмуддат, ба мисли фондҳои нафақа ва ширкатҳои суғуртавӣ бо роҳи ташкили «портфелҳои сабз» имконияти камкунии таваккалро, ки ба муҳити зист, тибқи гузаштан ба истеҳсоли энергияи барқароршаванда эътироф мекунанд. Масалан, дар соҳаи энергияи барқароршаванда, дар давраи аз соли 2012 то соли 2015 $ 627 млрд. сармояи хусусӣ равона карда шуд. Ҳаҷми сармоягузориҳо ба ин соҳа ба се маротиба, яъне аз $74 млрд. дар соли 2012-ум то $208 млрд. дар соли 2015-ум афзуд [6,с.18]. Илова бар ин, молиякунонии давлатӣ дар банақшагирии гузариш ба иқтисоди сабз нақши калон мебозад. Масалан, Ҷумҳурии Мардумии Чин дар давраи 12-уми нақшаи панҷсола, ки аз соли 2011-ум инҷониб оғоз шудааст, $211 миллиардро дар панҷ соли сипаришаванда ба се соҳаи асосии иқтисоди миллӣ, аз қабили коркард ва истифодаи такрории партовҳо, технологияи тоза ва энергияи барқароршаванда ҷудо намудааст. Интизор меравад, ки бо чунин ҳаҷми маблағгузориҳо индустрияи ҳифзи муҳити зист дар Ҷумҳурии Мардумии Чин афзуда, ба таври муътадил ба ҳисоби миёна ҳар сол ба миқдори 15-20% афзоиш меёбад. Ҳаҷми истеҳсоли соҳаҳои дар боло номбаршуда дар панҷсолаи оянда, то $743 млрд. зиёд мегардад, ки ин нишондиҳанда нисбат ба соли 2010 қариб 5 маротиба зиёд аст (хотиррасон карданием, ки ин рақам дар соли 2010 $166 миллиардро ташкил медод) [1,с.141-157].

Пешвои ҷаҳонӣ дар ташкил ва рушди энергияи «сабз» давлати Дания мебошад. Ин кишвар аз рӯйи афзоиши аҳолӣ дар вазъи муътадил қарор дошта, дар он сохтмони неругоҳҳои бо ангишт ва дигар навъҳои сӯзишворӣ амалкунанда вуҷуд надорад. Дания ҷобаҷокунонии (упаковка)-и нӯшокиҳоро, ки ба истифодаи дубора мусоид нест, манъ намудааст ва дар шароити ҳозира 15% қувваи барқи истеҳсолкардааш тавассути шамол ба даст меояд. Новобаста аз он, ки Дания дар шароити ҳозира тавозун байни партовҳои гази карбонӣ ва карбони бо он алоқамандро муқаррар накарда бошад ҳам, аммо дар ин ҷода низ доимо ба сӯйи пеш ҳаракат дорад [16,с.121].

Дар шароити ҳозира бисёре аз давлатҳои рушдкардаи ҷаҳон, диққати асосиро ба рушди сарчашмаҳои ғайрианъанавии қувваи барқ, ки аз ҷиҳати экологӣ безарар ва аз нуқтаи назари иқтисодӣ самаранок мебошад, равона кардаанд. Масалан, имрӯз дар ҷаҳон зиёда аз 30 неругоҳҳои қувваи барқии офтобӣ сохта шудаанд, ки иқтидори умумии онҳо 380 МВт-ро ташкил медиҳад. Дар истифодаи энергияи шамолӣ (бодӣ) давлати ИМА пешсаф мебошад, ки 1500 МВт-ро аз 17000 МВт-и иқтидорҳои ҷаҳонӣ доро аст [8,с.297].

Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки энергияи шамолӣ аввалин маротиба дар штати Калифорнияи ИМА, дар аввали солҳои 80-уми асри гузашта, баъд аз боло рафтани нарх ба захираҳои нафт пайдо шудааст. Он замон дар ИМА барномаи федералии ҳавасмандкунии андозбандӣ (яъне имтиёзҳои андозӣ) дар соҳаи энергияи барқароршаванда амал менамуд. Дар штати Калифорния бо роҳбарии губернатори ҳамонвақтаи он Джерри Браун барномаи ба ҳавасамандиҳои андозбандӣ равонакардашуда, инчунин, фазои инвеститсионии мусоид фароҳам оварда шуд. Ин чорабинӣ имкониятеро ба амал овард, ки трубинаҳои ба воситаи шамол амалкунанда сохта шуда, тамоми хоҷагиҳои шаҳри Сан-Франсиско ба қувваи барқи аз ҷиҳати экологӣ тоза таъмин гардиданд [10,с.146-152; 13,с.62-70].

Баъдтар дар Аврупо ба қувваи барқи шамолӣ диққати бештар доданд. Ҳамон трубинаҳои шамолии қувваи барқ истеҳсолкунандаи дар штати Калифорнияи ИМА истифодашаванда, дар кишвари Дания истеҳсол мешуданд. Дар давраи солҳои 1995-2015-ум қувваи барқи шамолӣ бо суръати тез паҳн шуда, рушд кард, ки онро муҳаққиқон бо суръати афзоиши индустрияи компютерӣ шабоҳат медиҳанд.

Имрӯзҳо давлати Дания 15%-и қувваи барқи худро тавассути шамол истеҳсол мекунад. Дар водии Шлезвиг-Гольштейни давлати Олмон, ки дар қисмати шимолии он ҷойгир шудааст, 20%-и қувваи барқ бо ёрии шамол истеҳсол мешавад, ки дар баъзе аз минтақаҳои он ин нишондиҳанда ҳатто то 75% мерасад. Вилояти Наварра, ки яке аз марказҳои саноатии давлати Испания ба шумор меравад, тақрибан 10 сол пеш аз ин ба истеҳсоли қувваи барқи шамолӣ шуруъ карда буд, имрӯзҳо 22%-и қувваи барқи худро ба воситаи шамол ба даст меорад. Дар маҷмуъ, бо нишондиҳандаҳои мутлақ дар ин соҳа пешсаф давлати Олмон ва баъдтар ИМА мебошанд. Инчунин, дар рӯйхати панҷгонаи пешсафҳо, давлатҳои Испания, Дания ва Ҳиндустон низ дохил мешаванд [16,с.121].

Ҳамин тавр, таҷрибаи истифодаи самараноки захираҳои обию энергетикии як қатор кишварҳои дунёро таҳлил намуда, бояд қайд кард, киислоҳоти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ, ки дар аксар кишварҳои ҷаҳон амал мекунанд, аз нав дида баромадани усулҳои ҳалли мушкилоти мавҷуда, аз ҷумла мушкилоти идоракунии захираҳои об ва таҳияи стратегияҳо ва тактикаҳоро барои ҳалли муаммоҳо дар шароити муносибатҳои нави иқтисодӣ талаб мекунад. Дар ин росто, дар раванди рушди муносибатҳои бозоргонӣ, мавқеи созмонҳо дар системаи иқтисодии ҷомеа тағйир ёфтааст. Аз объекти идоракунии асосноки маъмурии мутамарказ, ки мустақилияти иқтисодии маҳдуд ва таносуби нисбии иқтисодӣ дорад, ташкилотҳо ба субъектҳои худидоракунӣ, пурра ва қисман ба муфлисшавӣ дучор мешаванд.

Самаранокии экологӣ-иқтисодӣ, истифодаи захираҳои обию энергетикӣ ба андозаи муайяни он, ки натиҷаҳои умумӣ бо нақшаҳо ва натиҷаҳои он вобаста аст, амал менамояд. Бо ин мақсад, дар бисёр кишварҳо мақомоти давлатӣ мунтазам иттилооти заруриро нашр мекунанд, нақ-шаҳо ва лоиҳаҳоро барои муҳокимаи ҷамъиятӣ пешниҳод мекунанд, бо истифодабарандагони захираҳои об оиди истифодаи

оқилонаи ин неъмати бебаҳо машварат менамоянд. Намунаи сохтори чунин муносибатҳо кумитаҳои машваратӣ, дигар ташкилотҳои ғайрирасмӣ ва ғайрирасмӣ дар баъзе аз кишварҳои рушдкардаи дунё мебошад. Чунин муносибат дар идоракунии об ҳамчун принсипи доимӣ амалкунанда баррасӣ карда мешавад.

Дар маҷмуъ, барои ҳалли мушкилоти самарабахши эҳтиёҷоти ҷамъиятӣ, барои захираҳои обӣ ва ҳифзи об вазифаҳои асосии самаранокии экологӣ-иқтисодии он инҳоянд: мониторинг ва татбиқи тадбирҳо барои ҳифзи захираҳои об аз ифлосшавӣ; таъмин ва татбиқи чораҳо барои ҳифзи захираҳои об аз ифлоскунӣ; таъмини ва амалисозии фаъолияти системаҳои об ва иншооти об; сохтмони идораи об; пайгирии сиёсати ягонаи илмӣ-техникӣ оид ба истифода ва ҳифзи захираҳои об; танзими ҳуқуқии истифода ва ҳифзи захираҳои об ва ғайра.

Дар айни замон, Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи нав қарор дорад, ки бояд истифодаи оқилонаи захираҳои обию энергетикӣ, татбиқи ҳамаҷонибаи тадбирҳои обистифодабарӣ, беҳбудии самаранокии захираҳои обию энергетикӣ ва самаранокии иқтидори мавҷудаи захираҳои об ва ғайраҳоро дар маҷмуъ, таъмин намояд. Умуман, мисолҳои зикршуда нишон медиҳанд, ки барои бисёре аз кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон, соҳаи энергетика ва хоҷагии об - бахши муҳимтарини иқтисодиёт мебошад. Ва баъдтар аз ҳама, фаъолияти тамоми соҳаҳои иқтисодиёт ва соҳаҳои иҷтимоии он аз давлат ва истифодаи самараноки захираҳои обию энергетикӣ вобаста мебошад. Баланд бардоштани истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, таъмини аҳолӣ бо об ва ғизо, саноат бо ашёи хом, энергетика ба захираҳои об, ҳалли амнияти озуқаворӣ ва амнияти иқтисодӣ, баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ (махсусан аҳолии деҳот), ин рӯйхати пурраи нишондиҳандаҳоест, ки ба таври якҷоя бо хусусиятҳои истеҳсолии истифодаи самараноки захираҳои обию энергетикӣ таъсир мерасонанд.

## АДАБИЁТ


1. Арифов Х.О. К вопросу использования передового международного опыта при водопользовании и международного водного права в Таджикистане / Х.О. Арифов, П.Х. Арифова // Экономика Таджикистана: стратегия, развитие. -2007. -№2. -С.141-157.
2. Водообеспеченность мирового сельского хозяйства на воду для орошения // Экономика сельского хозяйства России. –М., 2017. -№12. -С.80-89.
3. Ганиев Т.Б. Эффективность мирового опыта формирования системы устойчивого менеджмента водного хозяйства и рационального водопользования в условиях глобализации мировой экономики / Т.Б. Ганиев // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. -Душанбе, 2018. -№6. -Ч.1. -С.29-36.
4. Григорьев Е.Г. Водные ресурсы России: Проблемы и методы государственного регулирования / Е.Г. Григорьев. -М.: Научный мир, 2007. -248 с.
5. Ибодуллоев А.Р. Вода - бесценное богатство и источник жизни. Таджикистан - передовая страна в решении глобальных водных проблем / А.Р. Ибодуллоев. –Душанбе: Контраст, 2018. -С.273-276.
6. Инвестиционные аспекты развития регионального водного сектора. -Алматы: ЕАБР, 2016. -48 с.
7. Исайнов Х.Р. Эколого-экономические основы повышения эффективности мелиорации в сельском хозяйстве (теория, методология и практика) / Х.Р. Исайнов. -М.: ФГОУ ВПО РГАУ-МСХА им. К.А. Тимирязева, 2007. -223 с.
8. Кузнецова А.И. Инфраструктура: вопросы теории, методологии и прикладные аспекты современного инфраструктурного обустройства. Геоэкономический подход / А.И. Кузнецова. -3-е. изд. -М.: КомКнига, 2013. -С.297.
9. Наджмиддинов Ф.Н. Водные ресурсы как фактор безопасности в Центральной Азии / Ф.Н. Наджмиддинов, А. Куджмурадов // Таджикистан передовая страна в решении глобальных водных проблем. –Душанбе: Контраст, 2018. -С.148-152.
10. Носиров Н.К. Мировой опыт финансирования водохозяйственных организаций на базе платного водопользования / Н.К. Носиров, М.А. Аминджанов, А.М. Мадаминов // Мелиорация и водные ресурсы: проблемы и пути их решения (Материалы научно-практической конференции, 25 декабря 2010 г.). -Душанбе, 2010. -С.146-152.
11. Оценка оценок окружающей среды Европы. Европейское агентство по окружающей среде. -Копенгаген, 2015.
12. Сарсембеков Т.Т. Отчет о региональном водном партнерстве (Республики Казахстан) / Т.Т. Сарсембеков, С.К. Ахметов. -Алма-Ата, 2016. -55 с.
13. Семкин А. Зарубежный опыт развития органов местного самоуправления сельским хозяйством во взаимосвязи с государственным управлением / А. Семкин // АПК: Экономика, управление. –М., 2018. -№2. -С.62-70.

14. Статистический ежегодник Республики Таджикистан (официальное издание). –Душанбе: Госкомстат РТ, 2000. -262 с.; за 2017. -352 с.; за 2021 г. -362 с.
15. Тағйирёбии иқлим - мушкилоти бузурги сайёра. Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар конфренсияи 21-уми тарафҳои Конвенсияи қолабии СММ дар бораи тағйири иқлим // Газетаи «Ба қуллаҳои дониш. – Душанбе, 7-уми декабри соли 2015. -С.2.
16. Экоэкономика: Как создать экономику, сберегающую планету / Вступ. Сл. В.И. Данилова-Данильяна; пер. с англ. -М.: Идательство «Весь Мир», 2003. -С.121.
17. Kryzhanovska Diana A. Illegal operations with vat in Ukraine / Kryzhanovska Diana A. // The Genesis of Genius. - 2015. -Т. 1. -№2. -С.41-45.
18. UN Statistics Division, MDG goalsindicators. - 2021.

## ТАҶРИБАИ ХОРИҶИИ ИСТИФОДАИ САМАРАНОКИ ЗАХИРАҲОИ ОБИЮ ЭНЕРГЕТИКӢ

Дар мақола таҷрибаи хориҷии истифодаи самараноки захираҳои обӣ-энерге-тикӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Ҷанбаҳои глобалии таъмини бехатарии обию энергетикӣ таҳқиқ карда шудаанд. Роҳҳои таъмини истифодаи самараноки захираҳои обию энергетикӣ дар бисёре аз кишварҳои ҷаҳон бо мақсади татбиқи таҷрибаи пешқадами онҳо дар шароити ҷумҳурии мо, омӯхта шуданд. Вазъи кунунӣ ва тамоюли истифодаи иқтидорҳои обию энергетикӣ дар баъзе аз кишварҳои ҷаҳон мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Диққати махсус ба рушди энергияи тозаи барқароршаванда дода шудааст. Таҷрибаи ҷаҳонӣ аз он гувоҳӣ медиҳад, ки гузариш ба намуди каммасрафи рушди иқтисодиёти аз ҷиҳати иқтисодӣ, экологӣ ва иҷтимоӣ хеле самараноктар аст. Қайд карда мешавад, ки истифодаи васеи манбаъҳои барқароршавандаи энергия, ки бар хилофи манбаъҳои анъанавии сӯзишворию энергетикӣ захираҳои барқароршаванда буда, чун қоида муҳити зистро ифлос намекунад, метавонад таъсири бузурги экологӣ ба муҳити атроф расонад. Дар мақола асоснок карда мешавад, ки ҳоло навъҳои зерини энергия паҳн шудаанд: офтобӣ, шамолӣ, энергия аз биомасса ва партовҳо ва ғайраҳо. Ин манбаъҳо бо мақсади таъмини Ҳадафҳои Рушди Устувор (ҲРУ), моделҳои сабз ва камкарбон дар иқтисодиёт таваҷҷуҳи зиёд дода мешавад. Қайд карда мешавад, ки дар шароити ҷумҳурии мо ба мисли баъзе кишварҳои дигари минтақа гидроэнергетика, ки аз ҷиҳати экологӣ бехатар ва аз нуқтаи назари иқтисодӣ камхарҷ ва ё ба истилоҳ «энергияи сабз» қобили қабул ва дастрас мебошад. Чорабиниҳои комплексии экологӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, бо мақсади баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳои обу энергетикӣ пешниҳод карда мешаванд. Самтҳои асосии таъмини истифодаи оқилонаи захираҳои обӣ-энергетикӣ ва рушди ояндаи он дар кишварҳои алоҳидаи ҷаҳон, бо мақсади истифодаи таҷрибаи пешқадами онҳо дар шароити ҷумҳурии мо, муайян ва пешниҳод гардидаанд.

**Калидвожаҳо:** захираҳои обӣ, иқтидорҳои энергетикӣ, экология, иқтисодиёт, энергияи барқароршаванда, «энергияи сабз», захираҳои обӣ-энергетикӣ, бехатарии обӣ-энергетикӣ, таҷриба, таҷрибаи хориҷӣ, самтҳо.

## МИРОВОЙ ОПЫТ ЭФФЕКТИВНОГО ИСПОЛЬЗОВАНИЯ ВОДНО-ЭНЕРГЕТИЧЕСКИХ РЕСУРСОВ

В статье рассмотрен мировой опыт эффективного использования водно-энергетических ресурсов. Исследованы глобальные аспекты обеспечения водно-энергетической безопасности. Изучены пути эффективного использования водно-энергетических ресурсов во многих странах мира, с целью применения передового их опыта в условиях нашей республики. Проанализировано современное состояние и тенденции использования водно-энергетических ресурсов в отдельных странах мира. Особое внимание уделено развитию возобновляемой чистой энергии. Мировой опыт доказывает, что переход на энергосберегающий тип экономического развития гораздо эффективнее с экономических, экологических и социальных позиций. Отмечается, что большой природоохранный эффект может дать широкое использование возобновляемых источников энергии, являющихся - в отличие от традиционных топливно-энергетических - возобновляемыми ресурсами и, как правило, не загрязняющих окружающую среду. В статье обосновывается, что в настоящее время получили распространение следующие виды такой энергии: солнечная, ветровая, энергия из биомассы и отходов и другие. Этим источникам уделяется большое внимание в Целях устойчивого развития (ЦУР), «зеленой» и низкоуглеродной моделях экономики. Отмечается, что в условиях нашей республики, как и в некоторых других странах региона, наиболее приемлемой и доступной является возобновляемая гидроэнергия, которая признана экологически безопасной и экономически эффективной, или так называемой «зеленой энергией». Предложены комплексные эколого-экономические и социальные мероприятия по повышению эффективности использования водно-энергетических ресурсов. Определены и предложены основные направления рационального использования водно-энергетических ресурсов и перспективы их развития в отдельных странах мира с целью применения их передового опыта в условиях нашей республики.

**Ключевые слова:** водные ресурсы, энергетический потенциал, экология, экономика, возобновляемая энергия, «зеленая энергия», водно-энергетические ресурсы, водно-энергетическая безопасность, опыт, мировой опыт, направление.

## WORLD EXPERIENCE IN EFFICIENT USE WATER AND ENERGY RESOURCES

The article considers the world experience in the efficient use of water and energy resources. The global aspects of ensuring water and energy security have been studied. The ways of effective use of water and energy resources in many countries of the world have been studied in order to apply their best practices in the conditions of our republic.

The current state and trends in the use of water and energy resources in individual countries of the world are analyzed. Particular attention is paid to the development of renewable clean energy. World experience proves that the transition to an energy-saving type of economic development is much more efficient from economic, environmental and social standpoints. It is noted that the widespread use of renewable energy sources, which, in contrast to traditional fuel and energy sources, are renewable resources and, as a rule, do not pollute the environment, can give a great environmental effect. The article substantiates that the following types of such energy are currently widespread: solar, wind, energy from biomass and waste and others. These sources are given great attention in the Sustainable Development Goals (SDGs), green and low-carbon models of the economy. It is noted that in the conditions of our republic, as well as some other countries of the region, the most acceptable and affordable is renewable hydropower, which is recognized as environmentally safe and cost-effective, or the so-called "green energy". Comprehensive environmental, economic and social measures are proposed to improve the efficiency of the use of water and energy resources. The main directions of the rational use of water and energy resources and the prospects for their development in individual countries of the world are determined and proposed in order to apply their best practices in the conditions of our republic.

**Keywords:** water resources, energy potential, ecology, economy, renewable energy, "green energy", water and energy resources, water and energy security, experience, world experience, direction.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Исайнов Ҳисайн Раҳимович* -** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, декани факултети иқтисод ва идора. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **918-40-61-42.** E-mail**: Rahimovich@mail.ru**
***Раҳмонов Ҷасур Ҳомидович* -** Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ, докторанти Ph.D. **Суроға**: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121. Телефон: **918-58-72-58.** E-mail**: jasur.rahmonov.94@mail.ru**

**Сведения об авторах:** ***Исайнов Хисайн Рахимович* -** Таджикский национальный университет, доктор экономических наук, профессор, декан факультета экономики и управления. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **918-40-61-42.** E-mail**: Rahimovich @mail.ru**
***Рахмонов Джасур Хомидович* –** Таджикский государственный педагогический университет им. С. Айни, докторант Ph.D. **Адрес**: 734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 121. Телефон: **918-58-72-58.** E-mail**: jasur.rahmonov.94@mail.ru**

**Information about the authors:** ***Isaynov Khisain Rakhimovich* -** Tajik National University, Doctor of Economics, Professor, Dean of the Faculty of Economics and Management. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **918-40-61-42.** E-mail: **Rakhimovich @mail.ru**
***Rakhmonov Jasur Khomidovich* –** Tajik State Pedagogical University named after. S. Aini, doctoral student Ph.D. **Address:** 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 121. Phone: **918-58-72-58.** E-mail: **jasur.rahmonov.94@mail.ru**

ТДУ: 331.50

# УСУЛҲО ВА РОҲҲОИ ИҚТИДОРИ СОДИРОТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

*Давлатов А.А., Қодирзода Ф.А.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Татбиқи ташаббусҳои бомуваффақи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои татбиқи ислоҳот дар иқтисодиёти миллӣ, бахусус дар самти беҳбуди фазои сармоягузорӣ, дастгирии бахши хусусӣ ва андешидани тадбирҳои зарурӣ барои соҳаҳои афзалиятнок, ки фазои мусоидро барои таъмини рушди устувори иқтисодии кишвар фароҳам меоварад, дар ин давра самараи хуб додааст [18].

Аз солҳои аввали истиқлолияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути гузариш ба соҳаҳои иҷтимоию иқтисодӣ, аз низоми марказии банақшагирии давлатӣ ба муносибатҳои бозаргонӣ ислоҳоти низоми иқтисодиёти миллӣ гузаронида шуд ва дар ин самт як қатор корҳо анҷом дода шуданд. Барои амалӣ намудани ислоҳот дар ин самт, қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул шудаанд, ки муносибатҳои иқтисодиро муайян ва танзим мекунанд [11,с.5-11].

Пайдо шудани шаклҳои гуногуни моликият, ташкили намудҳои гуногуни фаъолияти иқтисодӣ, хусусигардонии моликияти давлатӣ, ҷорӣ намудани пули миллӣ, таъсиси корхонаҳои муштарак, савдои озоди беруна ва ҳалли масъалаҳои афзалиятноки иҷтимоию иқтисодӣ барои таҳкими иқтисодиёти Тоҷикистон тадбирҳои ҷиддӣ ба шумор мерафтанд.

Самтҳои асосии фаъолияти корхонаҳои муштараки амалкунанда ин истеҳсоли маҳсулоти саноати сабук ва молҳои истеъмолии халқ, амалиётҳои хариду-фурӯш: содирот ва воридоти молҳо, коркарди маҳсулоти хоҷагии қишлоқ, телекоммуникатсия, истихроҷ ва коркарди канданиҳои фоиданок, истеҳсоли семент, коркарди нахи пахта ва истеҳсоли матоъҳои пахтагин мебошанд [15,с.16-23].

Мувофиқи маълумотҳои расмии оморӣ ҳаҷми сармоягузориҳои хориҷӣ умуман дар мамлакат бо суръати баланд ҳам набошад зиёд шуда истодааст. Дар маҷмуъ, сол аз сол ба мамлакат ҳар чи бештар сармояи хориҷӣ ворид шуда истодааст, ки ин бевосита далели мусбӣ мебошад ва шаҳодати беҳтаршавии раванди сармоягузорӣ дар мамлакат мебошад. Бевосита раванди сармоягузориҳои мустақими хориҷиро дида баромада гуфтан мумкин аст, ки дар ин ҷо дастовардҳо бештар мебошанд.

Дар бахши сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ тамоюли устувор мавҷуд набошад ҳам, дар солҳои охир ҳаҷми сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ иқтисодиёти мамлакат зиёд шуда истодааст (ҷадвали 1). Дар қисмати воридшавии солонаи сармоягузориҳои мустақим ҳаминро қайд намудан ба маврид аст, ки дар аввали соли 2017 андӯхти сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ дар мамлакат ба 3584,8 ҳазор даллари ИМА баробар буд. Дар соли 2017 бошад, 354,5 ҳазор доллари ИМА баробар гардид [13,с.12].

Рушди сармоягузориҳои мустақим ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон далели мусбӣ мебошад. Онҳо дар фарқият аз сармоягузориҳои портфелӣ ва ғайра, ки онҳо муҳлатнок, баргардонанда ва воситаҳои пулии пардохтӣ мебошанд, нисбатан зиёдтар бо рушди сектори ҳақиқии иқтисодиёт, технологияҳои пешқадам ва истифодаи методҳои муосири менеҷемент ва маркетинг робита доранд. Дар баробари ин, онҳо ба ташаккулёбии қарзи берунии Ҷумҳурии Тоҷикистон намеоваранд. Барои маълумоти пурратар гирифтан нисбати сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ, таҳлили сохтори ҷуғрофӣ ва соҳавии онҳо зарур мебошад [13,с.21].

Сохтори ҷуғрофии сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ хеле гуногуншакл мебошад. Дар қатори шариконӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар самти сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ чӣ мамлакатҳои хориҷи дур ва чӣ мамлакатҳои ҳамсоя, хусусан шарикон аз рӯи ҳамгироии давлатҳои мустақил дучор мешаванд. Зиёда аз 30 мамлакти ҷаҳон дар раванди амалисозии сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ дар мамлакати мо иштирок мекунанд. Дар баробари ин, сол аз сол шумораи шарикони давлати мо аз рӯи сармоягузорӣ афзуда истодааст.

Ин бошад дар навбати худ имкониятҳои навро барои васеъкунии иқтидори саноатии мамлакат ва дар оянда васеъкунии содирот мусоидат хоҳанд кард. Дар ин маврид дастгирии давлатӣ ва фароҳам овардани шароитҳои мусоид барои сармоягузорон нақши асосиро бозӣ карда, рақобатпазирии Ҷумҳуриро дар сатҳи минтақа ва ҷаҳон баланд мебардорад [3].

Мувофиқи маълумотҳои соли 2017, бузургтарин сармоягузориҳои мустақим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Федератсияи Россия 26%, Чин 35%, Британияи Кабир 10,5%, Эрон 9,9%, ИМА, Покистон, Италия, Кипр, Кореяи Ҷанубӣ, Қазоқистон ва дигарҳо мебошанд.

**Ҷадвали 1. Маълумот оид ба сармоягузориҳои хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2011-2017 (ҳазор доллари ИМА)**
**Table 1. Information on foreign investments in the Republic of Tajikistan in 2011-2017 (thousands of US dollars)**

| | *2011* | *2012* | *2013* | *2014* | *2015* | *2016* | *2017* |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Андӯхти сармоягузориҳо ҳамагӣ: аз ҷумла (дар аввали соли ҳисоботӣ): | 2637,1 | 3385,4 | 4110,7 | 4715,8 | 5056,3 | 5063,8 | 5665,4 |
| Сармоягузориҳои мустақим | 1566,7 | 1755,2 | 2291,4 | 2580,2 | 2785,5 | 3245,7 | 3584,8 |
| Сармоягузориҳои дигар | 1374,5 | 1458,2 | 1585,1 | 1792,1 | 1878,0 | 2222,3 | 2156,7 |
| Воридшавии сармоягузориҳо ҳамагӣ: аз ҷумла (дар як сол) | 325,5 | 746,4 | 1011,9 | 909,3 | 977,8 | 842,7 | 1100,4 |
| Сармоягузориҳои мустақим | 161,4 | 391,4 | 341,1 | 377,4 | 470,9 | 434,2 | 354,5 |
| Сармоягузориҳои дигар | 77,0 | 112,7 | 159,3 | 195,8 | 257,2 | 279,2 | 46,0 |

Сарчашма: Статистический ежегодник Республики Таджикистан. -Душанбе, 2018. -С.245.

Тарафи дигари муҳимми раванди ҷалби сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ ба иқтисодиёти мамлакат ин сохтори соҳавии сармоягузориҳо мебошад. Умуман дар ин самт тағйиротҳои ҷиддӣ дар солҳои охир ба амал наомаданд. Мувофиқи таҳлилҳои аз тарафи мутахссисони ватанӣ гузаронидашуда дар ин самт, тамоюлҳои зерин ҷой доранд;

1. Ҳаракат аз соҳаҳои истихроҷ ба соҳаҳои коркард;

2. Инвесторҳои хориҷӣ дар шароити иқлими номусоиди сармоягузорӣ ба соҳаҳои сармоягузориаш кӯтоҳмуддат ва зудхароҷот бароранда майл доранд. Дар ҳолати маҳдуд будани бозори дохилӣ дараҷаи «истифодаи» соҳаҳо, ки тамом мегарданд, сармоягузорони хориҷӣ сармояи худро ба дигар соҳаҳо равона месозанд. Яъне, онҳо ба он корхонаҳои амалкунанда ва муфлисшудаи мамлакат сармоягузорӣ менамоянд, ки дигар сармоягузорон ҳоло ба онҳо даст назадаанд.

Бояд қайд намуд, ки дар ду се соли охир раванди сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон динамикаи мусбиро нишон дода истодаанд, ки ин бевосита далели мусбӣ мебошад [12,с.15].

Нисбати сохтори минтақавии сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ сухан гуфтан ба маврид аст, ки дар ин бахш бевосита номутаносибии сармогузориҳо дар мамлакат ба назар мерасад. Дар таҷриба дидан мумкин аст, ки сармоягузорон барои сармоягузорӣ минтақаҳоеро интихоб мекунанд, ки дар онҳо инфрасохтори молиявии нисбатан рушдкарда буда, пардохтпазирии аҳолӣ баландтар мебошад. Дар баробари ин, асосан минтақаҳое мебошанд, ки то солҳои 90-уми асри XX бештари корхонаҳои саноатӣ дар ин минтақаҳо фаъолият мекарданд.

Дар робита бо маълумотҳои овардашуда бояд гуфт, ки нобаробарии тақсимоти минтақавии сармоягузориҳои мустақим аён аст. Баъзе мутахассисон яке аз сабабҳои чунин номутаносибиро дар суст будани сиёсати минтақавии ҷалби сармогузориҳои хориҷӣ мебинанд, пеш аз ҳама, дар самти инфрасохтори нақлиётӣ, энергетика ва бозори суғурта, гаравгонӣ, кафолати бехатарии сармоя ва сармоягузорон, таъмини онҳо бо иттилоот оид ба лоиҳаҳои сармоягузорӣ муайян мекунанд. Дар оянда бояд кӯшиш ба харҷ дода шавад, ки сармоягузориҳои хориҷӣ ҳар ҷӣ бештар ба ин минтақаҳои

суструшдкарда ҷалб карда шаванд, чунки тавассути сармоягузориҳо мумкин аст баъзе мушкилоти иҷтимоӣ-иқтисодии аҳолии маҳаллӣ ба таври мусбӣ ҳалли худро ёбанд [4].

Корхонаҳои муштараки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амалкунанда на танҳо барои васеъгардонии иқтидори иқтисодии мамлакат, инчунин, барои васеъкунии иқтидори содиротӣ мусоидат карда истодаанд. Қисми бештари сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ дар мамлакат ба соҳаҳои истеҳсоли маҳсулоти нассоҷӣ, истихроҷи металлҳо ва сангҳои қиматбаҳо, истеҳсоли нӯшокиҳо ва консерваҳо равона шудаанд. Ин гуна молҳо дар таркиби содироти моли тайёр аз Тоҷикистон ҳиссаи калон доранд.

Як қатор корхонаҳои муштарак дар мамлакат бо коркарди нахи пахта ва самараноктаринашон бо истеҳсоли маҳсулоти нассоҷӣ, алюминий ва ғайра барои содирот машғул мебошанд ва дар ин самт, баъзе дастовардҳо низ ба даст оварда шудаанд. Маҳсулоти нассоҷӣ асосан ба мамлакатҳои хориҷи дур содирот карда мешаванд. Мисол 100%-и содироти Тоҷикистон ба Италиё, 80%-и содирот ба Кореяи Ҷанубӣ ва 95%-и содирот ба Британияи Кабирро маҳсулоти нассоҷӣ ташкил медиҳад. Дар навбати худ ин мамлакатҳо дар қатори сармоягузорони асосӣ дар ин, соҳаи саноати Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Дар баробари ин содироти металлҳо ва сангҳои қиматбаҳо ва маҳсулоти тайёри хӯрока, ки дар истеҳсоли он сармояи хориҷӣ иштирок мекунад низ дар таркиби содирот назаррас мебошад [1].

Инчунин, бурди мамлакат аз сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ метавонад дар беҳтаргадонии сохтори содироти мамлакат саҳми худро ёбад. Маҳз сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ метавонанд ба диверсификатсияи содироти мамлакат мусоидат намоянд. Дар мисоли маҳсулоти нассоҷӣ дидан мумкин аст, ки ҳиссаи калон набошад ҳам содироти молҳои тайёр зиёд шуда истодааст ба монанди, матоъҳои пахтагин, либоси тайёр (пӯшок, пиҷак, шимҳои мардона, ҷакет, юбкаҳои занона ва куртаҳои мардона), нахи коркардашудаи пахтагин. Бештари ин молҳо сол аз сол ба Италиё содирот карда мешаванд.

Дар ин раванд нақши муҳимро корхонаҳои муштараки Тоҷикистону-Амрико «Хуҷанд», корхонаи Тоҷикистону-Итолё «Ҷавонӣ», корхонаи Тоҷикистону-Корея «Кабоол-Тоҷик-Текстайлз» дар бахши коркарди нахи пахта, истеҳсоли маҳсулоти нассоҷӣ ва пӯшоки сифати баланд аз пахта иҷро мекунанд. Корхонаҳои муштараки Тоҷикистону Хитой низ дар тақвияти содироти мамлакат ҳиссагузор мебошанд.

Бахусус сухан дар бораи корхонаҳои муштараки истеҳсолкунандаи семент меравад. Баъди ба фаъолият оғоз намудани корхонаҳои бузурги истеҳсолкунандаи семент натанҳо бозори дохилии мамлакат бо ин навъи маҳсулот таъмин карда шуд, балки имрӯз Тоҷикистон ба содироткунандаи семент дар минтақа табдил ёфтааст.

Дар дурнамо ба соҳаҳои асосии стратегии ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, пеш аз ҳама, бояд соҳаҳои зерин дохил карда шаванд:

- инкишофи гидроэнергетика, ба анҷом расонидани сохтмони неругоҳҳои барқии обӣ ва дигар обеъктҳои хоҷагию-энергетика;
- истихроҷи ашёҳои минералӣ ва коркарди онҳо;
- азнавсозии корхонаҳои саноати сабук, ки асоси онҳо коркарди пурраи нахи пахта мебошад;
- ташкил ва азнавсозии корхонаҳо оид ба коркард ва нигоҳдории сабзавот, меваҳо ва ғ.
- ташкил кардани корхонаҳо оид ба истеҳсоли маҳсулоти борҷомабандӣ;
- зиёд намудани коркарди гранит, мармар, сангҳои қиматбаҳо ва нимқиматбаҳо ва истеҳсоли маҳсулот аз онҳо;
- инкишофи низоми коммуникатсияи иттилоотӣ, телевизионӣ ва алоқа;
- истеҳсолоти молҳои техникӣ барои хона;
- сохтмони комплексҳои туристӣ, инкишофи алпинизми байналхалқӣ ва шикор, созмон додани комплексҳои истироҳатию-санатории аҳммияти байналмилалӣ дошта ва ғ.

Саноатикунонии босуръати кишвар барои таъмини устувории иқтисодиёт заминаи амиқ мегузорад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон саноатикунонии босуръатро ҳамчун ҳадафи чоруми стратегии кишвар қабул намуд, ки он барои таъмин намудани устувории иқтисодиёт, ташкили ҷойҳои нави корӣ, баланд бардоштани иқтидори содироти мамлакат ва ба рақобатнокии он заминаи амиқ мегузорад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 26 декабри соли 2019 дастовардҳои асосии иҷтимоию иқтисодии мамлакатро дар соли 2019 таҳлилу баррасӣ намуда, ба рушди соҳаи саноат аҳаммияти махсус зоҳир намуданд. Пешвои миллат, аз ҷумла зикр намуданд: «Мо таъмини истиқлолияти энергетикӣ ва истифодаи самарабахши неруи барқ, аз бунбасти коммуникатсионӣ баровардан ва ба кишвари транзитӣ табдил додани Тоҷикистон, ҳифзи амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолии мамлакат ба ғизои хушсифат, инчунин, вусъатдиҳии шуғли пурмаҳсулро ҳамчун ҳадафҳои стратегии худ интихоб намуда, нақшаи гузариши иқтисодиёти кишварро аз шакли аграрӣ–индустриалӣ ба индустриалӣ–аграрӣ амалӣ гардонида истодаем. Дар натиҷаи тадбирҳои амалинамудаи Ҳукумати мамлакат дар се соли охир, ҳиссаи соҳаи саноат дар маҷмуи маҳсулоти дохилӣ аз 15,2 то 17,3% афзоиш ёфт» [10].

Бояд тазаккур дод, ки ҷиҳати дарназардошти аҳаммияти соҳаи саноат, дар ҳалли масъалаҳои иқтисодиву иҷтимоии мамлакат ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ аз соли 2018 шуруъ намуда, саноатикунонии босуръати кишвар ҳадафи чоруми стратегӣ эълон гардид ва то соли 2030 ҳиссаи соҳаи саноат дар маҷмуи маҳсулоти дохилӣ бояд ба 22% расонида шавад.

Мавриди зикр аст, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон такя бо корхонаҳои соҳавӣ ҷиҳати татбиқи амалишавии ҳадафи чоруми стратегии давлат, саноатикунонии босуръат, гузариши иқтисодиёти мамлакат аз аграрӣ-саноатӣ ба индустриалӣ–аграрӣ табдил додан як қатор барномаҳоро таҳия намуда истодааст.

Ҳиссаи соҳаҳое, ки ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулотҳои саноатӣ тариқи зайл ба назар мерасанд ин соҳаҳои электроэнергетика 31,3%, саноати маъдан 25,6%, саноати хӯрокворӣ 19,0%, саноати масолеҳи сохтмон 8,7%, саноати сабук 7,1%, саноати мошинсозӣ 6,1%, табъу нашр 0,9%, саноати ангишт 0,7% ва газ 0,5% мебошанд. Афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот дар саноати ангишт 152,4%, саноати маъдани кӯҳӣ 115,0%, саноати масолеҳи сохтмон 111,1%, саноати сабук 113,5%, саноати мошинсозӣ 110,6%, саноати табъу нашр 169,8%, саноати хӯрокворӣ 118,4% корхонаҳои пахтатозакунӣ 67,9%, нафт ва газ 124,5% ва электроэнергетика 123,3%-ро ташкил медиҳад.

Рушди соҳаи саноат дар ҳамаи минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин гардидааст аз ҷумла, дар ВМКБ 105,0%, вилояти Суғд 116,4%, вилояти Хатлон 107,3%, шаҳри Душанбе 122,3% ва НТҶ 149,4%-ро ташкил медиҳад. Дар соли 2018 ҳаҷми муҳимтарини маҳсулоти саноатии дар мамлакат истеҳсолшаванда, ки асосан ба содирот нигаронида шудааст, аз 103,0 то 169,4% нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта афзоиш ёфтаст. Ҷиҳати истифодаи технологияиҳои муосир ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти воридотивазкунанда зиёд гардида, талаботи бозор ба маҳсулотҳои саноатии ватанӣ қисман таъмин гардида истодааст.

Дар ин давра маҳсулотҳои нави саноатии воридотивазкунанда, ба монанди халта, риштаи полипропиленӣ, ротбанд, хишти сабук, гаҷкартон, халтаҳои полиэтиленӣ, собуни мушкин, гӯшти мурғ, сачоқчаҳои хушк, эмулсия, бозичаҳои кӯдакона, трактор, ядак (прицеп), автобус, фойтунчаҳои кӯдакона, аробачаҳои кӯдакона, пахтаи тиббӣ, гирдакҳои пахтагин ва чӯбчаҳои пахтагини нафис истеҳсол карда шуданд [8].

Хушбахтона солҳои охир як қатор корхонаҳои саноатии пуриқтидор ба фаъолият шуруъ намуданд, ки дар рафти саноаткунонии кишварамон саҳми беандозаи худро гузоштаанд. Аз ҷумла, гурӯҳи корхонаҳои “Ғаюр” дар самти ҷалби сармояи хориҷӣ ва таъсиси корхонаҳои азими саноатӣ дар соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёт фаъолияти пурсамар доранд ва давра ба давра вобастагии бозори ҷумҳуриро аз маҳсулоти сохтмонӣ ва нассоҷии хориҷӣ коҳиш дода истодаанд.

Ҳамзамон, бояд қайд кард, ки нақши гурӯҳи корхонаҳои "Ғаюр" дар таъсиси ҷойҳои нави корӣ, бозомӯзии мутахассисон, вориди технологияҳои муосири инноватсионӣ, ғанӣ намудани буҷет бо андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ, ба роҳ мондани истеҳсолоти ивазкунандаи воридот ва маҳсулоти ба содирот нигаронидашуда, беҳтар кардани тавозуни гардиши савдои хориҷӣ, саноатикунонии босуръати кишвар, ки ҳадафи чоруми миллӣ эълон гардидааст, инчунин, анҷом додани корҳои созандагӣ ва хайру эҳсонкорӣ назаррас аст.

Айни ҳол маҳсулоти корхонаҳои сементбарорӣ талаботи аҳолии Тоҷикистонро пурра қонеъ намуда, қисми боқимондаи он ба давлатҳои ҳамсоя, аз ҷумла ҷумҳуриҳои Ӯзбекистону Қирғизистон, Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ва Федератсияи Русия содирот карда мешавад. Иқдоми саноатикунонии мамлакат, яъне аз давлати аграрӣ ба индустриалӣ-аграрӣ мубаддал гардондани Тоҷикистон, ба таври назаррас дар амал татбиқ мешавад.

Бояд қайд намуд, ки дар соҳаи саноати кишвар айни замон Стратегияи рушди саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, барномаҳои соҳавӣ, аз ҷумла Барномаи рушди металлургияи ранга ва сиёҳ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2025, Барномаи рушди саноати сабук дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2022, Барномаи рушди соҳаи кирмакпарварӣ ва коркарди пилла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020 ва Барномаи рушди қолинбофӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2014-2020 амалӣ гардида истодаанд.

Барномаҳои мазкур ба афзун намудани ҳаҷми маҳсулот, таъмини рақобатнокии он, ташкили корхона ва коргоҳҳои нав бо таъсиси ҷойҳои корӣ ва ҳал намудани вазифаҳои иҷтимоии давлат мусоидат намуда, барои гузариши иқтисодиёти кишвар аз шакли тавлидкунандаи ашёи хом ба истеҳсолкунандаи маҳсулоти ниҳоӣ замина мегузорад.

Дар соҳаи саноати ҷумҳурӣ барномаҳои зиёди рушд амалӣ гардида истодаанд, ки ҳадафи асосии онҳо навсозии корхонаҳои пешинаву бунёди корхонаҳои нав, татбиқи технологияҳои инноватсионӣ дар истеҳсолот ва роҳандозӣ намудани истеҳсоли маҳсулоти нав, таъсиси ҷойҳои нави корӣ, тақвияти истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазири воридотивазкунанда ва зиёд намудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти содиротӣ буда, барои гузариши иқтисодиёти кишвар аз иқтисоди аграрӣ – саноатӣ ба индустриалӣ – аграрӣ ва истеҳсоли маҳсулоти тайёри ниҳоӣ замина мегузоранд.

Захираю имкониятҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рушди истеҳсоли молу маҳсулоти баландсифати саноатӣ, афзоиш додани содирот ва пайдо кардани мавқеи сазовор дар бозори ҷаҳонии молу хизматрасонӣ зиёданд. Аз ин лиҳоз, ворид намудан ва истифодаи васеи технологияҳои муосири инноватсионӣ, баланд бардоштани сатҳи касбияти мутахассисон, соҳибкорон ва қобилияти идоракунии кадрҳо, ҷорӣ намудани усулҳои муосири менеҷменти сифат ва омодасозии кадрҳои баландихтисос омилҳои асосии ноил шудан ба ин ҳадафҳо ба ҳисоб мераванд. Аз ҷониби Сарвари давлат эълон гардидани мораторийи дусола ба санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ барои рушди соҳаи саноат ва таъсири бевоситаи он ба бахшҳои дигари иқтисодиёти кишвар заминаи мусоид мегузорад [14].

Стратегияи минбаъдаи рушди соҳаи саноат дар барои зиёд намудани ҳаҷми истеҳсоли дохилӣ ва, пеш аз ҳама, маҳсулоти саноатии воридотивазкунанда, ташкил намудани корхонаҳои хурду миёна ва дар ин замина таъсис додани ҷойҳои нави корӣ, ворид намудани технологияҳои нави замонавӣ, ки ҷавобгӯи талаботи замон мебошад ва таҷдиду барқароркунии корхонаҳои амалкунанда равона карда шудааст. Ин тадбирҳо барои таҳкими минбаъдаи иқтидори содиротии кишвар низ, тақвият хоҳад дод.

Саноати имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои заминаи маҷмуии инкишофёфта ва аз ҷиҳати техникӣ муҷаҳҳаз буда, соҳаҳои гуногунро дар бар мегирад. Онро зиёда аз 90 самти истеҳсолот ва бештар аз 140 навъи маҳсулот муаррифӣ мекунанд, ки ба соҳаҳои истихроҷ ва коркарди маъданҳои кӯҳӣ, истихроҷи ангишт, саноати сабук ва кимиё, мошинсозӣ, коркарди металл, масолеҳи сохтмон ва саноати хӯрокворӣ тааллуқ доранд [12].

Аз соли 2014 то соли 2019 дар соҳаи саноати кишвар тамоюли мусбати рушд нигоҳ дошта шуда, дар самтҳои алоҳида суръати афзоиш бо маротиб зиёд таъмин гардидааст. Тибқи маълумоти расмӣ дар 6 соли охир (солҳои 2014-2019) дар ҷумҳурӣ 1632 корхонаи нав бо таъсиси 33152 ҷойи корӣ сохта, ба истифода дода шудаанд.

Саноати кишвар омили муҳимтарини ҳалли масъалаҳои иҷтимоиву иқтисодӣ буда, ҳиссаи он дар маҷмуи маҳсулоти дохилӣ ҳамасола ба тадриҷ зиёд гардида истодааст. Қайд намудан ба маврид аст, ки ҳаҷми номиналии истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ аз 10,4 млрд сомонии соли 2014 то ба 27,6 млрд сомонӣ дар соли 2019 расонида шуда, 2,6 баробар афзудааст. Дар маҷмуъ, ҳиссаи саноат дар ММД соли 2019 ба 17,4% баробар гардид, ки нисбат ба соли 2014 5,3% зиёд шуд.

Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар соҳаи саноати истихроҷ аз 1,4 млрд сомонии соли 2014 то ба 4,9 млрд сомонӣ дар соли 2019 расонида шуда, нисбат ба соли 2014 3,5 баробар ё 3,5 млрд сомонӣ афзудааст. Афзоиш дар соҳаи саноати истихроҷ асосан аз ҳисоби зерсоҳаи истихроҷи маводи ғайриэнергетикӣ аз 1,2 млрд сомонии соли 2014 то ба 4,5 млрд сомонӣ дар соли 2019 ба назар мерасад [2].

Истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар соҳаи саноати коркард аз 6,9 млрд сомонии соли 2014 то ба 15,9 млрд сомонӣ дар соли 2019 расонида шуд, ки зиёдшавии он нисбат ба соли 2014 2,3 баробар ё 9,0 млрд сомонӣ афзудааст. Зиёдшавӣ дар соҳаи саноати коркард асосан аз ҳисоби зерсоҳаи истеҳсоли маҳсулоти хӯрока, аз ҷумла нӯшокиҳо ва тамоку аз 3,3 млрд сомонии соли 2014 то ба 5,4 млрд сомонӣ дар соли 2019, истеҳсоли маҳсулоти нассоҷӣ ва дӯзандагӣ аз 1,3 млрд сомонии соли 2014 то ба 2,7 млрд сомонӣ дар соли 2019, истеҳсоли ҳар гуна маҳсулоти ғайрифилизии маъданӣ аз 0,9 млрд сомонии соли 2014 то ба 2,9 млрд сомонӣ дар соли 2019 ва истеҳсоли металлургӣ ва истеҳсоли маснуоти тайёри филизӣ аз 0,9 млрд сомонии соли 2014 то ба 3,9 млрд сомонӣ дар соли 2019 ба назар мерасад [10].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2019 дар соҳаи саноат - 219 корхонаи нави саноатӣ бо таъсиси 2942 ҷойи корӣ, аз ҷумла, дар - 59 корхона бо 969 ҷойҳои нави корӣ, - 57 корхона бо 678 ҷойҳои кории нав, - 3 корхона бо 87 ҷойҳои кории нав, шаҳри - 60 корхона бо 812 ҷойҳои кории нав ва - 40 корхона бо 386 ҷойҳои кории нав сохта ба истифода дода шуд. Аз шумораи умумии корхонаҳои нав: 38 - корхона ба соҳаи мошинсозӣ, 53 - корхона ба саноати сабук, 50 - корхона ба соҳаи масолеҳи сохтмон, 62 - корхона ба саноати хӯрокворӣ, 2 - корхона ба саноати маъдан, 1 - корхона ба саноати ангишт, 5 - корхона ба соҳаи табъу нашр ва 8 - корхона ба дигар соҳаҳо рост меояд.

Саноатчиёни кишвар дар соли 2019 дар самтҳои гуногуни саноат фаъолият намуда, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатиро ба 27 миллиарду 586,6 млн сомонӣ расониданд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2018 3 млрд 809,4 млн сомонӣ зиёд гардида, суръати афзоиш 113,6%-ро ташкил дод.

Афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот дар: саноати ангишт 114,2%, саноати маъдани кӯҳӣ 117,6%, саноати масолеҳи сохтмон 114,3%, саноати сабук 123,6%, саноати мошинсозӣ 129,6%, саноати табъу нашр 109%, саноати хӯрокворӣ 109,2%, корхонаҳои пахтатозакунӣ 102,5%, нафт ва газ 117,6% электроэнергетика 119,6%-ро ташкил додааст [10].

Бо мақсади коркарди пурра ва кампартови ашёи хом аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаҳои бисёрсамта ва калонмиқёс амалӣ гардида истодааст, ки тадқиқотҳои илмӣ ва истеҳсолии васеъро дар бар мегирад. Аз ҷумла, "Барномаи давлатии коркарди пурраи нахи пахта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон", "Барномаи давлатии коркарди пурраи ашёи хоми чорво (пашм ва пӯст) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон", "Барномаи давлатии рушди саноати сабук дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" ва ғайраҳо қабул ва татбиқ шуда истодаанд.

Амалисозии ин барномаҳо истифодабарии ашёи хоми ватанӣ, бо нархи дастрас таъмин намудани аҳолӣ бо маҳсулоти тайёр, ташкили ҷойҳои нави корӣ ва дар натиҷа, баланд бардоштани некуаҳволии молиявии давлатро дар назар дорад. Дар баробари ин, барнома ба таври назаррас баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот аз ҳисоби мукаммалгардонии технология, сарфаи ашёи хом ва маҳсулотҳо, беҳтарсозии истифодабарии захираҳои истеҳсолӣ, иваз намудани техникаи фарсудашуда, сохтани

таҷҳизоти маҳсулнокии баланддошта, истифодабарии низомҳои автоматию электронии идоракунии равандҳои истеҳсолиро талаб менамояд.

Таҳия ва татбиқи техникаву технологияҳои нав дар равандаҳои технологии корхонаҳои саноатӣ ҷанбаи пешқадам дар рушди иқтидори истеҳсолӣ ва пешрафти кишвар мебошад. Барои ноил шудан ба ин мақсад аз тарафи доираҳои илмӣ, олимон ва мутахассисони кишвар як қатор лоиҳаҳо коркард ва чорабиниҳои илмӣ-таҷрибавии васеъ гузаронида мешавад. Мақсади асосии гузаронидани чорабиниҳои мазкур, афзун кардани номгӯи маҳсулот, баланд бардоштани сифат, кам кардани ҳиссаи меҳнати дастӣ мебошад.

Рушди ҷамъият ва давлат дар тамоми давру замон аз таҳаввулоти илмӣ сарчашма мегирад. Барои тасдиқи ин гуфтаҳо дастовардҳои бузурги илмию техникии олимону мутахассиони ҷумҳурӣ ва ҷаҳониро ба таври намуна гуфтан мумкин аст.

Имрузҳо мо дар давраи татбиқи натиҷаҳои технологияҳои инноватсионӣ дар соҳаҳои гуногун қарор дорем, ки зинаи 3-юми мукаммалгардонии низоми истеҳсолот ва равандҳои технологӣ ба шумор меравад. Зеро ду зинаи аввал ин механикикунонӣ ва автоматикикунонии равандҳову амалиётҳои ҷараёнҳои истеҳсолӣ буда, алакай дар замони мо қариб, ки мавқеи худро аз даст дода истодаанд. Натиҷаи равшани дастовардҳои инноватсионӣ асосан дар ҷараёнҳои истеҳсолоти саноатӣ ба назар мерасанд. Аз ҷумлаи татбиқи муассири технологияҳои инноватсионӣ дар равандҳои истеҳсолоти маҳсулот қобили таваҷҷуҳанд.

Саноати сабук соҳаи афзалиятноки иқтисоди Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Дар солҳои соҳибистиқлолии кишвар дар самти нассоҷӣ, қолинбофӣ, дӯзандагӣ, истеҳсоли мебел, коркарди пӯст ва ҷуроббофӣ иқтидорҳои нав ба фаъолият пардохта, як қатор корхонаҳои дигар аз нав таҷдид гардиданд. Афзалиятнокии саноати сабук ба дастрас будани ашёи хоми маҳаллӣ, вобастагӣ надоштан аз воридоти ашёи хом аз хориҷи кишвар, таъсиси шумораи зиёди ҷойҳои корӣ ва имконияти васеи бо маҳсулоти тайёр таъмин намудани аҳолӣ асоснок шудааст [5].

Дар заминаи муносибатҳои дуҷониба ва бисёрҷониба, бо мақсади татбиқи сиёсати давлатӣ ва ташкили самараноки фаъолияти мақомоти давлатӣ, Ҳукумати мамлакат ислоҳоти сохтории давлатиро дар соҳаҳои мухталиф тавассути гузариш ба низоми идоракунии давлатӣ, дар асоси муносибатҳои нави бозаргонӣ таъсис дод, ки дар раванди он ба ислоҳоти як қатор соҳаҳои асосии кишвар мушарраф гардиданд:

Бо дарназардошти қонуникунонии муносибатҳои иқтисодӣ, дар асоси пайдоиши моликияти хусусӣ ва фаъолияти озодонаи бахши хусусӣ ва низоми идоракунӣ имкон дод, ки ҳамаи бахшҳои воқеии иқтисодиётро дигаргун ва рушд дода, барои рушди корхонаҳои нав ва бунёди ҷойҳои нави корӣ мусоидат кунад.

Таъсис додани шароити мувофиқ барои ташаккул ва рушди шаклҳои гуногуни моликият ва дар ин замина, афзоиши роҳҳои таъмини хизматрасонӣ дар тули 27 соли истиқлолияти давлатӣ барои фароҳам овардани фазои мусоид, барои фаъолияти соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ мусоидат намуд.

Дар асл, ислоҳоти иқтисодӣ бо хусусигардонии моликияти давлатӣ ва ташаккули шаклҳои гуногуни моликият оғоз меёбад. Марҳилаи муҳимтарини гузаштан ба иқтисоди бозорӣ, пайдоиши моликияти хусусӣ мебошад.

Сиёсати ягонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи хусусигардонии моликияти давлатӣ, дар солҳои аввали истиқлолияти давлатӣ оғоз гардида, соли 1997 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хусусигардонии моликияти давлатӣ» қабул карда шуд.

Қонуни мазкур барои ташаккули низоми нави иқтисодӣ замина гузошт ва дарҳо дар самти иқтисодиёти озоди бозорӣ кушода шуданд. Инчунин, хусусигардонии моликият барои ҷалби сармоягузории васеи дохилӣ ва хориҷӣ шароити мусоид фароҳам овард.

Дар заминаи Қонуни мазкур аз ҷониби созмонҳои бонуфуз лоиҳаҳои «Дастгирӣ дар татбиқи стратегияи рушди бахши хусусӣ», «Сармоягузории инфрасохтор дар Тоҷикистон» ва «Такмили фазои сармоягузорӣ» ба анҷом расиданд, ки дар асоси

мақсад ва вазифаҳои муқарраргардида, хусусигардонии моликияти давлатӣ дар ҷумҳурӣ дар ду марҳила сурат гирифт.

Дар давраи аввал, хусусигардонии корхонаҳои хурдтарин – корхонаҳои савдо, хӯрокворӣ, хизматрасонӣ ва воситаҳои нақлиёт ва дар давраи минбаъда – азнавсозии корхонаҳои калон ва миёнаи саноатӣ, нақлиётӣ, коммуникатсия ва сохтмонӣ анҷом дода шуданд.

Дар давраи солҳои 1991-2018 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 11410 иншоотҳои хурд ва 1367 корхонаҳои миёна ва калон сохта шудаанд. Дар баробари ин, нишондиҳандаҳо низ тавонист ба 42 лоиҳа ба маблағи 55 млн. доллари ИМА дар бахши хусусӣ сармоягузорӣ намояд [9].

Барои расидан ба ҳамаи ин нишондиҳандаҳо, Ҳукумати кишвар дар ин давра даст ба ислоҳоти зиёди соҳавӣ зад, ки тавассути онҳо бахши хусусӣ тадриҷан густариш ёфт. Дар ислоҳоти гузаронидашуда, лоиҳаҳои худ дар ҳама раванди он фаъолона иштирок дошт. Махсусан, дар заминаи «Лоиҳаи ислоҳоти маъмурикунонии андоз»-и ГБУ, бо мақсади ислоҳоти низоми андоз Кодекси андоз дар таҳрири нав қабул карда шуд, ки дар он рӯйхати андозҳо аз 21 то 10 намуд коҳиш ёфтаанд. Ҳамчунин, ин рақам аз 1 январи соли 2020 ба 9 намуд баробар гардид [7].

Дар давраи истиқлолият Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ислоҳоти низоми иҷозатномадиҳиро анҷом дод, ки дар он шумораи иҷозатномаҳо аз 650 то 74 адад коҳиш ёфтааст [6]. Дар ин асос рӯйхати электронии ягонаи давлатии ҳуҷҷатҳои иҷозатномадиҳӣ дар ҷумҳурӣ муайян карда шуд.

Ислоҳоти гузаронидашуда имконият доданд, ки мавқеи мамлакат дар арсаи байналмилалӣ ва рейтингҳои байналмилалӣ беҳтар гардад, аз ҷумла, беҳтар намудани мавқеи Тоҷикистон дар ҳисоботи "Пешбурди тиҷорат" Бонки умумиҷаҳонӣ, мавқеи кишвар дар ин ҳисобот аз соли 2009 то соли 2018 ба 29 зина (аз 156 ба 127) боло рафт, дар ин давра Тоҷикистон се маротиба ба рӯйхати даҳ кишвари ислоҳотгар дохил шуд [16].

Дар давраи истиқлолият низоми молиявии ҷумҳурӣ, хусусан пойгоҳи қонунгузории он, бо дарназардошти талаботи стандартҳои байналмилалӣ таъсис дода шуда, низоми нави молиявӣ истифода шудааст, ки бо принсипҳои шаффофият, ҳисоботдиҳӣ ва самаранокӣ муайян карда мешавад.

Ҳамчунин, дар низоми молиявии хазинадории кишвар, низоми корбарии электронӣ амал мекунад, ки ҷавобгӯи талаботҳои байналмилалӣ буда, шаффофияти низоми пардохт ва сатҳи баланди хизматрасонӣ ба мизоҷонро таъмин менамояд.

Дар асоси муқаррароти барномаҳои қабулшудаи давлатӣ, сиёсати асосии пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар давраи истиқлолият ба таҳкими бахшҳои иктисодӣ ва молиявӣ, беҳбуд бахшидани некуаҳволии мардум ва нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ нигаронида шудааст.

Бо қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маблағгузории хурд» асосҳои рушди бозор барои соҳибкорӣ дар ҷумҳурӣ пайдо шуданд. Баъд аз қабули қонуни мазкур аз ҷониби созмонҳои баналмилалӣ якчанд лоиҳаҳо дар бахши молиявии кишвар маблағгузорӣ карда шудаанд: «Лоиҳаи "Дастрасӣ ба маблаггузории сабз» - 9690 ҳаз. доллари ИМА, «Рушди бахши маблағгузории хурд» - 4378 ҳаз. доллари ИМА, «маблағгузории созмонҳои хурд ва миёна дар Тоҷикистон» - 4000 ҳаз. доллари ИМА, «Лоиҳаи рушди маблағгузории хурд дар ҶТ» - 3474 ҳаз. доллари ИМА ва ғайра, ки бевосита ба рушди бахши молиявӣ такони ҷиддӣ бахшиданд [9].

Татбиқ ва истифодаи самаранокии низоми пардохти электронӣ, кортҳои пластикӣ, банкоматҳо низ дар байни муваффақиятҳои низоми бонкӣ, дар фаъолияти бонкҳои ҷумҳурӣ барои беҳтаргардонии соҳаи содирот дар давраи истиқлолият мебошанд.

Ворид намудани пули миллӣ ба муомилот, таъсиси бозори пули ватанӣ ва низоми ҳисобдории байналхалқӣ, беҳтаргардонии соҳаи содирот, узвият дар созмонҳои бонуфузи ҷаҳонӣ, ташкили заминаи ҳуқуқӣ ва кафолатҳои давлатии қобилияти мубодилаи асъори миллӣ низ дастовардҳои назарраси сиёсати пулию қарзӣ барои 27 соли истиқлолият ҳисобида мешавад.

Дар замони имрӯза саноати Тоҷикистон дорои заминаи комилан таҳияшуда буда, соҳаҳои мухталифро фаро мегирад. Он аз 90 майдони истеҳсолот ва зиёда аз 140 намуди маҳсулот вобаста ба истихроҷ ва коркарди маъданҳои кӯҳӣ, саноати ангишт, саноати сабук ва кимиёвӣ, муҳандисӣ, коркарди металлҳо, масолеҳи сохтмон ва саноати хӯрокворӣ иборат аст.

Барои расидан ба ин натиҷаҳо албатта, пеш аз ҳама, он тағйироте, ки дар самти мукаммалгардонии фазои сармоягузории кишвар шуда будаанд, аҳаммияти аввалиндараҷа доранд. Дар таъмин ва ислоҳоти фазои сармоягузорӣ ва беҳтарсозии соҳаи содироти мамлакат бо лоиҳаҳои маблағгузоришуда, нақши муҳим мебозанд. Бо амалӣ намудани лоиҳаҳои «Мусоидат ба беҳгардонии шароит барои ҷалби сармоя», «Такмили фазои сармоягузорӣ», «Беҳтарсозии фазои сармоягузорӣ», «Лоиҳа оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар Тоҷикистон» ва ғайра фазои рушди соҳаи саноат беҳтар гардид.

**Муқарриз: н.и.и., м/к-и ДМТ – Гулмамадов А.**

**АДАБИЁТ**


1. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе, 2014. –С.10-12.
2. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе, 2019. –С.8-15.
3. Алиев А.Д. ООН и вопросы проведения операции по поддержанию мира и стабильности в Таджикистане / А.Д. Алиев //Паём. – 2019. -т.17. –С.242.
4. Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон. –С.2. [Манбаи электронӣ]. URL: http://sanoat.tj.
5. Донишгоҳи техникии Тоҷикистон. [Манбаи электронӣ]. URL: http://web.ttu.tj/ru (санаи муроҷиат 20.12.2021с.).
6. Ислоҳоти иқтисодӣ ва рушди бахши хусусӣ. [Манбаи электронӣ]. URL: http://kumitaizabon.tj/tg/print/6496. (санаи муроҷиат 25.03.2019)
7. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе, 2015. -239 с.
8. Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Манбаи электронӣ]. URL: https://parlament.tj/news/ (санаи муроҷиат: 24.01.2022).
9. Маълумоти Кумитаи сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ дар санаи 15.03.2019 с.; 25.02.2019.
10. Паёми солонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки соли 2019 баён гардида буд.
11. Солехзода А.А. Некоторые аспекты регулирования внешнеэкономической деятельности Республики Таджикистан в рамках макроэкономической политики / Солехзода А.А., П.О. Шарифов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – Душанбе, 2020. -№6. –С.5-11.
12. Стратегияи миллии рушд барои соли 2030. –Душанбе, 2016. –С.15.
13. Стратегияи миллии рушд барои солҳои 2016-2020. –С.12. [Манбаи электронӣ]. URL: http://mmk.tj/file.
14. Хабар news. [Манбаи электронӣ]. URL: https://hgu.tj/news/media/item/503.html (санаи муроҷиат 18.05.2021с.).
15. Хикматов С.Х. Состояние экономики и деятельность кредитных организаций Таджикистана: ситуации, проблемы и развитие / С.Х. Хикматов, Чахоншох С. // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. –Душанбе, 2020. -№6. –С.16-23.
16. Ҳисоботи Бонки ҷаҳонӣ "Doing bussines (DB) 2012-2019". [Манбаи электронӣ]. URL: http://russian.doingbusiness.org/data/exploreeconomies/tajikistan. (санаи муроҷиат 25.03.2019).
17. Хушвахтзода, К.Х. Создание регионального агропродовольственного кластера в условиях ВТО / Хушвахтзода К.Х., Махмадизода Ф.Б. // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2022. -№2. -С.5-12.
18. Эмомали Рахмон. Таджикистан: десять лет независимости, национального единства и созидания / Эмомали Рахмон. –Душанбе, 2001. –т.1. -145 с.


## УСУЛҲО ВА РОҲҲОИ ИҚТИДОРИ СОДИРОТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Самтҳои асосии фаъолияти корхонаҳои муштараки амалкунанда ин истеҳсоли маҳсулоти саноати сабук ва молҳои истеъмолии халқ, амалиётҳои хариду-фурӯш: содирот ва воридоти молҳо, коркарди маҳсулоти хоҷагии қишлоқ, телекоммуникатсия, истихроҷ ва коркарди канданиҳои фоиданок, истеҳсоли семент, коркарди нахи пахта ва истеҳсоли матоъҳои пахтагин мебошанд. Мувофиқи маълумотҳои расмии оморӣ ҳаҷми сармоягузориҳои хориҷӣ умуман дар мамлакат бо суръати баланд ҳам набошад зиёд шуда истодааст. Дар маҷмуъ, сол аз сол ба мамлакат ҳар чӣ бештар сармояи хориҷӣ ворид шуда истодааст, ки ин бевосита далели мусбӣ мебошад ва шаҳодати беҳтаршавии раванди сармоягузорӣ дар мамлакат мебошад. Бевосита раванди сармоягузориҳои мустақими хориҷиро дида баромада гуфтан мумкин аст, ки дар ин ҷо дастовардҳо бештар мебошанд. Дар бахши сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ тамоюли устувор мавҷуд набошад ҳам, дар солҳои охир ҳаҷми сармоягузориҳои мустақими хориҷии иқтисодиёти мамлакат зиёд шуда истодааст. Дар қисмати воридшавии солонаи сармоягузориҳои мустақим ҳаминро

қайд намудан ба маврид аст, ки дар аввали соли 2017 андӯхти сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ дар мамлакат ба 3584,8 ҳазор даллари ИМА баробар буд. Дар соли 2017 бошад, 354,5 ҳазор доллари ИМА баробар гардид.

**Калидвожаҳо:** истеҳсолот, босалоҳият, самтҳои гуногун, маблағгузорӣ, саноатикунонӣ, рушди инфрасохтор, қувваи корӣ, корхонаҳои саноатӣ, амнияти озуқаворӣ, фарсудашавӣ, қарзҳои бонкҳо, содирот, маблағгузорӣ, воридотивазкунанда, логистика, маҳсулоти ватанӣ.

## МЕТОДЫ И ПУТИ РАЗВИТИЯ ЭКСПОРТНОГО ПОТЕНЦИАЛА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

Основными направлениями деятельности совместных предприятий являются производство продукции легкой промышленности и товаров народного потребления, операции по купле-продаже: экспорт и импорт товаров, переработка сельскохозяйственной продукции, телекоммуникации, добыча и переработка полезных ископаемых, производство цемента, переработка хлопкового волокна и производство хлопчатобумажной ткани. Согласно официальным статистическим данным, объем иностранных инвестиций в страну увеличивается высокими темпами. В целом, в страну из года в год поступает все больше иностранного капитала, что является положительным фактом и свидетельством улучшения инвестиционного процесса в стране. Непосредственно рассматривая процесс прямых иностранных инвестиций, можно сказать, что здесь достижений больше. Несмотря на отсутствие устойчивой тенденции в сфере прямых иностранных инвестиций, объем прямых иностранных инвестиций в экономику страны в последние годы увеличивается. В части годового притока прямых инвестиций стоит отметить, что на начало 2017 года сумма прямых иностранных инвестиций в страну равнялась 3584,8 тыс. долларов США. В 2017 году она равнялась 354,5 тыс. долларов США.

**Ключевые слова:** производство, компетенция, разные направления, финансирование, индустриализация, развитие инфраструктуры, рабочая сила, промышленные предприятия, продовольственная безопасность, амортизация, банковские кредиты, экспорт, финансирование, импортозамещение, логистика, отечественная продукция.

## METHODS AND WAYS OF DEVELOPING THE EXPORT POTENTIAL OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

The main activities of joint ventures are the production of light industry products and consumer goods, purchase and sale operations: export and import of goods, processing of agricultural products, telecommunications, mining and processing of minerals, production of cement, processing of cotton fiber and production of cotton fabric. According to official statistics, the volume of foreign investment in the country is increasing at least rapidly. In general, more and more foreign capital enters the country from year to year, which is a positive fact and evidence of an improvement in the investment process in the country. Looking directly at the process of foreign direct investment, we can say that there are more achievements here. Despite the absence of a stable trend in the field of foreign direct investment, the volume of foreign direct investment in the country's economy has been increasing in recent years. In terms of the annual inflow of direct investment, it should be noted that at the beginning of 2017, the amount of foreign direct investment in the country was 3584.8 thousand US dollars. In 2017, it was equal to 354.5 thousand US dollars.

**Keywords:** production, competence, different areas, financing, industrialization, infrastructure development, labor force, industrial enterprises, food security, depreciation, bank loans, exports, financing, import substitution, logistics, domestic products.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Давлатов Анушервон Аъзамбекович* -** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктoранти Ph.D-и кафедраи иқтисодиёти ҷаҳон. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **anushervon2030@mail.ru.** Телефон: **(+992) 904-46-00-34**
***Қодирзода Фарҳоди Анвар*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисод, дотсенти кафедраи иқтисоди ҷаҳон. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **907-65-66-99**. E-mail: **f123085@mail.ru**

**Сведения об авторах:** ***Давлатов Анушервон Аъзамбекович*** – Таджикский национальный университет, докторант Ph.D кафедры мировой экономики. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **anushervon2030@mail.ru.** Телефон: **(+992) 904-46-00-34**
***Кодирзода Фарход Анвар*** - Таджикский национальный университет, кандидат экономических наук, доцент кафедры мировой экономики. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **907-65-66-99.** E-mail: **f123085@mail.ru**

**Information about authors:** ***Davlatov Anushervon Azambekovich* -** Tajik National University, Ph.D. candidate of the Department of World Economy. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. E-mail: **anushervon2030@mail.ru.** Phone**: (+992) 904-46-00-34**
***Kodirzoda Farhod Anvar*** - Tajik National University, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of World Economy. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **907-65-66-99**. E-mail: **f123085@mail.ru**

**ТДУ: 657.471**

# ТАЪМИНОТИ ИТТИЛООТИИ БАҲИСОБГИРИИ ИДОРАКУНИИ ХАРОҶОТ ДАР КОРХОНАҲОИ КИШОВАРЗӢ

***Абдулмуминзода Н.А.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Ҳолати муосири рушди бозори соҳаи кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳалли масъалаҳои такомули таъминоти иттилоотии идоракунии истеҳсолоти кишоварзӣ ва аз ҳама муҳим – таъминоти иттилоотии баҳисобгирии идоракунии хароҷот ва ҳисобкунии арзиши аслии маҳсулоти кишоварзиро талаб менамояд. Бо вуҷуди танзими қатъии баҳисобгирии муҳосибӣ дар мамлакат, вазъи имрӯзаи ташкили баҳисобгирии идоракунии хароҷот ва ҳисобкунии арзиши аслии маҳсулот дар корхонаҳои соҳаи кишоварзӣ нигаронкунанда боқӣ мемонад.

Бояд гуфт, ки дар интишороти илмии олимони ватанӣ солҳои охир таваҷҷуҳ ба масъалаҳои баҳисобгирии идоракунӣ, аз ҷумла баҳисобгирии идоракунӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ зиёд шудааст. Дар корҳои илмии муҳаққиқон С.Ф. Низомов [9; 10], Н.М. Собирзода [3], А.Х. Файзуллоев [13], Қ.Х. Хушвахтзода [2; 3; 14; 15], А.З. Ҳафизов [16; 17] ва дигарон ҷанбаҳои гуногуни баҳисобгирии идоракунӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ ба таҳқиқ фаро гирифта шудаанд.

Ҳоло дар корхонаҳои кишоварзии мамлакат низоми баҳисобгирии муҳосибӣ асосан ба баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ такя мекунад, ки умуман ба воқеияти кунунии иқтисодиёти миллӣ мутобиқ аст. Арзёбиҳо оид ба натиҷаҳои молиявии истеҳсолот, ки аз ҷониби менеҷмент ва роҳбарияти корхонаҳои кишоварзӣ ва воҳидҳои сохтории онҳо, инчунин истифодабарандагони берунии иттилооти баҳисобгирии муҳосибӣ ба ҷо оварда мешаванд, барои муайян кардани вазъи молиявӣ ва натиҷаҳои молиявии фаъолият имконият медиҳанд. Бо вуҷуди ин, дар ҳама ҷонибҳо, ки иттилооти баҳисобгирии муҳосибиро дар шакли ҳисоботи молиявӣ истифода мебаранд, назари хеле сода ба мухтавои шаклҳои ҳисоботи молиявӣ ҳамчун таъминоти иттилоотии қабули қарорҳои идоракунӣ мушоҳида мешавад. Аз ҷумла, ҳисобот оид ба вазъи молиявӣ ҳамчун ҷадвале баррасӣ мешавад, ки дар бораи амволи корхона ва манбаҳои пайдошавии онҳо маълумот медиҳад. Дар ин маврид, иттилооти ҳисоботи мазкур дар асоси бақияҳои ҳисобҳои муҳосибӣ, ки ба доираи танҳо баҳисобгирии муҳосибии молиявӣ дохил мешаванд, ташаккул меёбад. Дар амалияи баҳисобгирии идоракунии корхонаҳои кишоварзӣ ҳисобҳои махсус барои баҳисобгирии хароҷоти истеҳсолот ва ҳисоб кардани арзиши аслии маҳсулот – ҳисобҳои баҳисобгирии идоракунӣ бурда намешаванд ва онҳо дар нақшаи расмии ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ низ пешбинӣ нашудаанд.

Ислоҳоти куллии муносибатҳои иқтисодие, ки дар соҳаи кишоварзии иқтисодиёти миллӣ идома дорад, ташкили оқилонаи баҳисобгирии муҳосибӣ ва баланд бардоштани саҳми онро дар идоракунии истеҳсолоти кишоварзӣ пешбинӣ менамояд. Рушди бобарори соҳаи кишоварзӣ дар шароити имрӯза қатъиян беҳтар намудани сифати идоракунии корхонаҳои кишоварзиро бо истифода аз усулҳои иқтисодии хоҷагидорӣ тақозо мекунад. Бинобар ин, дар низоми идоракунии истеҳсолоти кишоварзӣ ба рушди баҳисобгирии идоракунии хароҷот дар асоси истифодаи низоми мукаммали таъминоти иттилоотӣ таваҷҷуҳ бояд зоҳир кард.

Барои менеҷменти корхонаҳои саноати кишоварзӣ дар шароити муосир, пеш аз ҳама, натиҷаҳои фаъолияти молиявию хоҷагидорӣ – нишондиҳандаҳои фоида ё зарар зарур мебошанд, ки «онҳо дар ҳисоботи молиявӣ – тавозуни муҳосибӣ ва ҳисобот оид ба натиҷаҳои молиявӣ оварда мешаванд ва дар навбати худ барои таҳлили идоракунӣ ва назорати минбаъда ҳамчун манбаи иттиллотӣ мебошанд» [7,с.103].

Дар натиҷаи таҳқиқи фаъолият ва низомҳои баҳисобгирии муҳосибии якчанд корхонаҳои кишоварзии шаҳри Ҳисор ва дигар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ метавон тасдиқ кард, ки дар онҳо норасоии маълумот ҳангоми ҳалли масъалаҳои идоракунии хароҷот ба назар мерасад. Таъминоти иттилоотии баҳисобгирии идоракунии хароҷот

ва ҳисобкунии арзиши аслии маҳсулот ба таври муносиб ба роҳ монда нашудааст. Маълумоти таҳлилӣ, ки бояд дар идоракунии хароҷот ба кор бурда шаванд, асосан дар низоми баҳисобгирии идоракунӣ ташаккул ёфта, равандҳои истеҳсолӣ ва молиявиро дар лаҳзаи қабули қарорҳои идоракунӣ тавсиф медиҳанд. Фаъолияти босамари корхонаҳои кишоварзӣ корбурди равиши консептуалии ҳамаҷонибаро барои ҳалли масъалаҳои баҳисобгирии идоракунии хароҷот ва ҳисобкунии арзиши аслии маҳсулоти кишоварзӣ талаб менамояд, ки «бо коркард ва такмили минбаъдаи таъминоти иттилоотии идоракунии хароҷот дар шароити иқтисодиёти бозорӣ асос меёбад» [6,с.298].

Менеҷерҳо ва роҳбарияти корхонаҳои кишоварзӣ бо истифода аз маълумоти баҳисобгирии идоракунӣ ва ба ҳисоб гирифтани омилҳои берунӣ ва дохилӣ ҳангоми муайян кардани ҳадафҳои рушди корхона ва манбаҳои ноилгардии онҳо афзалиятҳо ва самтҳои асосии рушди тиҷорати худро муайян ва фаъолияти онро барои давраҳои оянда банақшагирӣ мекунанд. Иттилооте, ки дар шароити ташкили дурусти баҳисобгирии идоракунӣ ва таъминоти иттилоотии он дар корхона гирифта мешавад, имкон медиҳад, ки хароҷоти истеҳсоли маҳсулот кам карда шавад, тамоми манбаҳои дохилии рушди истеҳсолот ошкор карда ва дар ин асос имконияти рушди корхона ҷиҳати таъмини роҳбарият бо воситаҳои зарурии назорати иҷрои қарорҳои идоракунӣ арзёбӣ карда шавад.

Тамоми иттилоотеро, ки дар раванди идоракунии корхонаи кишоварзӣ истифода мешавад, метавон ба иттилооти дохилӣ (хориҷшаванда) ва берунӣ (воридшаванда) ҷудо кард. Иттилооти дохилӣ маълумотест, ки дар худи корхона ташаккул ёфтааст, онро метавон маҳсулоти иловагии фаъолияти муқаррарии ҳар як корхона ҳисобид. Манбаи дохилии иттилооти баҳисобгирии идоракунӣ низоми ҳуҷҷатгардиши дохилӣ (ҳисоботи молиявӣ ва оморӣ, омори фурӯш, сифат, истеҳсолот ва ғ.) мебошад. Манбаҳои иттилооти берунии дар баҳисобгирии идоракунӣ истифодашаванда, берун аз доираи фаъолияти корхона қарор доранд, аз ҷумла мавод ва маълумоти аз таъминкунандагон ва мизоҷон гирифташуда, маълумоти мақомоти давлатии назорат дар соҳаҳои алоҳидаи фаъолият, интишороти алоҳида, ярмаркаҳо, намоишҳо, ҳамоишҳо, пойгоҳҳои маълумот ва дигарҳо. Иттилооти баҳисобгирии идоракунӣ ҳамчунин метавонад ба иттилооти миқдорӣ ва сифатӣ ҷудо карда шавад. Иттилооти сифатӣ асосан хосияти ғайримолиявӣ дорад, ки суръати иттилооти фаъолияти корхонаро пурратар мегардонад ва таваҷҷуҳи роҳбариятро ба масъалаҳои муайяни ифодаи пулӣ надошта равона мекунад. Иттилооти миқдорӣ бошад, баръакс, бо ададҳо алоқаманд аст ва хосияти молиявӣ (пулӣ) дорад, масалан, ҳисоботи молиявӣ, ҳисоботи идоракунӣ, ҳисоботи андоз, буҷетҳо, нақшаҳо, ояндабиниҳо.

Барои соҳаи растанипарварӣ даври тулонии истеҳсолот хос аст. Масалан, хусусияти парвариши зироатҳои ғалладонаи кишти тирамоҳӣ ин аст, ки хароҷоти дар соли ҷорӣ анҷомдодашуда бо истеҳсоли маҳсулот дар ҳамин сол алоқаманд нестанд. Маҳсулоти ғалладонаи дар соли ҷорӣ киштшуда, танҳо дар соли оянда, ки арзиши аслии истеҳсоли пурраи он ташаккул меёбад, истеҳсол мешавад. Ин раванд фарқияти хароҷотро аз рӯи вақт бо назардошти марҳилаҳои даври истеҳсолӣ бо ҷудо кардани хароҷоти солҳои гузашта барои ҳосили соли ҷорӣ, хароҷоти соли ҷорӣ барои ҳосили солҳои оянда ва хароҷоти соли ҳисоботиро барои ҳосили худи ҳамин сол пешбинӣ менамояд.

Дар низоми идоракунии корхонаи кишоварзӣ талаботи воқеӣ ба иттилооти фаврӣ ва аниқ дар бораи хароҷот ва арзиши аслии маҳсулот барои саривақт қабул кардани қарорҳои идоракунӣ оид ба мукаммалсозии раванди истеҳсолот вуҷуд дорад. Барои ин дар низоми баҳисобгирии идоракунии корхонаи кишоварзӣ тарзҳои махсуси ташаккули иттилоот ба кор бурда мешаванд. Вале бояд қайд кард, ки усулҳои истифодашаванда бояд ба хусусиятҳои истеҳсолот дар соҳаи растанипарварӣ ва талаботи идоракунӣ ба иттилоот мувофиқ бошанд. Ҳангоми ташаккули иттилоот дар низоми идоракунии хароҷот дар истеҳсоли ғалладона, ба ҳисоб гирифтани чунин хусусиятҳои асосии самти мазкури фаъолият зарур аст [12,с.33]:

- тақсимоти аниқи хароҷот ба маҳсулоти асосӣ, ҳамбаста ва иловагӣ;

- муайян кардани хароҷоти бо хосиятҳои сифатии ғаллаи парваришшуда ва ба ҳисоб гирифтани навънокии он;

- бамеъёрдарории талафоти даври истеҳсолӣ;

- тақсими воқеъбинонаи хароҷоти умумиистеҳсолӣ ва умумихоҷагӣ ба маҳсулоти соҳаи мазкур.

Вобаста аз технологияи парвариши зироатҳои алоҳида, махсусгардонии корхона ва миқёсҳои истеҳсолот дар корхонаҳои кишоварзӣ ҳангоми парвариши зироатҳои ғалладона, арзиши аслии зироатҳои кишти тирамоҳӣ ва баҳорӣ дар заминаи моддаҳои хароҷоти дар натиҷаи равандҳои технологӣ пайдошуда, ташаккул меёбад. Равандҳои истеҳсолӣ дар давраи тирамоҳ-зимистон оғоз мегарданд, ки дар рафти онҳо коркарди тирамоҳии замин, пошидани нуриҳо, тухмӣ, яхобмонӣ ба ҷо оварда мешавад ва мантиқан амалиёти мазкур ба истеҳсолоти нотамом мансуб дониста мешаванд. Бо оғози корҳои баҳории бо парвариши зироатҳои кишти тирамоҳӣ алоқаманд набуда, арзиши аслии истеҳсолии зироатҳои кишти баҳорӣ дар заминаи моддаҳои хароҷоти бо корҳои саҳроии баҳорӣ, коркарди тухмӣ ва кишти он, корҳои ҳифз ва нигоҳдории кишт, инчунин, ғундоштани ҳосил, кашонидан ва нигоҳдории он алоқаманд мебошанд, ташаккул меёбад.

Мисоли возеҳи алоқамандии иттилооти баҳисобгирии муҳосибии идоракунӣ бо қарорҳои идоракунӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ ҳисобкунии арзиши аслии маҳсулоти растанипарварӣ аз рӯи моддаҳои маҷмуии хароҷот ҳам барои тамоми истеҳсоли маҳсулот ва ҳам барои воҳиди маҳсулот дар шакли ҷадвали таҳлилие мебошад, ки мо онро дар асоси маълумоти ҶДММ «Латиф Муродов»-и шаҳри Ҳисор тартиб додем (ҷадвали 1). Бояд қайд кард, ки ҶДММ «Латиф Муродов» яке аз корхонаҳои кишоварзие мебошад, ки дар тафовут аз аксари дигар корхонаҳои соҳа, дар он баҳисобгирии муҳосибӣ нисбатан беҳтар ташкил карда шудааст.

Дар асоси маълумоти ҷадвали 1, ки нишондиҳандаҳои он аз маълумоти баҳисобгирии муҳосибии идоракунӣ ташаккул ёфтаанд, хулосаҳое бароварда мешавад, ки барои қабули қарорҳои идоракунӣ истифода шуда метавонанд. Арзиши аслии миёнаи 1 сентнери маҳсулот дар соли 2022 чунин аст: пахта – 729,28 сомонӣ, гандум – 232,1 сомонӣ, ҷав – 189,28 сомонӣ, ҷуворимаккаи дон – 187,05 сомонӣ, шолӣ – 147,80 сомонӣ, зағер – 158,48 сомонӣ, картошка – 136,79 сомонӣ, помидор – 61,20 сомонӣ, пиёзи беҳӣ – 40,71 сомонӣ, бодиринг – 72,05 сомонӣ, карам – 28,45 сомонӣ, сабзӣ – 200,2 сомонӣ, лаблабу – 36,77 сомонӣ, ҷуворимаккаи силос – 14,75 сомонӣ, юнучқаи нав – 47,30 сомонӣ, юнучқаи куҳна – 29,84 сомон, алафи яксола – 15 сомонӣ.

**Ҷадвали 1. Ҳисоби арзиши аслии маҳсулоти асосии растанипарварии ҶДММ «Латиф Муродов» дар соли 2022, сомонӣ**

**Table 1. Calculation of the cost of the main product of plant breeding at Latif Murodov LLC in 2022, somoni**

| Номгӯйи зироат | Ҳаҷми кишт, га | Хароҷот, сомонӣ | | | | | Истеҳсоли маҳсулот, сентнер | | Арзиши аслӣ, сомонӣ | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | хароҷоти моддӣ + тухмӣ ва масолеҳи кишт, маводи сухт | пардохти меҳнат ва тарҳи иҷтимоӣ | истеҳлок | дигар хароҷот | ҳамагӣ | ҳамагӣ | аз 1 гектар | ҳамагӣ | воҳиди маҳсулот |
| 1. Пахта | 245,0 | 1358161 | 1824024 | 1540 | 2197667 | 5381392 | 7379 | 30,12 | 5381392 | 729,28 |
| 2. Гандум | 342,01 | 1267422 | 103297 | - | 1308411 | 2679130 | 11543 | 33,75 | 2679130 | 232,10 |
| 3. Ҷав | 40,0 | 162409 | 13414 | - | 118515 | 294338 | 1484 | 37,10 | 280891 | 189,28 |
| 4.Ҷуворимаккаи дон | 90,5 | 366669 | 48869 | - | 772611 | 1188149 | 6219 | 191,05 | 1163264 | 187,05 |
| 5. Шолӣ | 31,08 | 201540 | 2880 | - | 25411 | 229831 | 1555 | 50,03 | 229831 | 147,80 |
| 6. Зағер | 20 | - | - | - | 193 | 12678 | 80 | 4,00 | 12678 | 158,48 |
| 7. Картошка | 15,15 | 98436 | 3695 | - | 291824 | 393955 | 2880 | 190,10 | 393955 | 136,79 |

| | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 8. Помидор | 0,83 | - | - | - | 362 | 12700 | 207,5 | 250,00 | 12700 | 61,20 |
| 9. Пиёзи бехӣ | 25,0 | 10429 | - | - | 13923 | 407074 | 10000 | 400,00 | 407074 | 40,71 |
| 10. Бодиринг | 0,19 | - | - | - | - | 2738 | 38 | 200,00 | 2738 | 72,05 |
| 11. Карам | 1,05 | - | - | - | - | 5975 | 210 | 200,00 | 5975 | 28,45 |
| 12. Сабзӣ | 2,17 | 18204 | - | - | 739 | 72208 | 361 | 166,35 | 72208 | 200,02 |
| 13. Лаблабу | 14,0 | 84703 | 72104 | - | 114393 | 271200 | 7376 | 526,80 | 271200 | 36,77 |
| 14. Ҷуворимаккаи силос | 58,62 | 137037 | 48363 | - | 96464 | 288951 | 19579 | 334,00 | 288951 | 14,75 |
| 15. Юнучқаи нав | 85,1 | 183555 | 39780 | - | 858320 | 1155235 | 19352 | 227,40 | 915350 | 47,30 |
| 16. Юнучқаи кухна | 179,08 | 120875 | 73099 | - | 1487551 | 1741841 | 35016 | 195,53 | 1044877 | 29,84 |

Сарчашма: Таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти ҶДММ «Латиф Муродов»

Бояд гуфт, ки иттилоот дар бораи ҳисоби арзиши аслии маҳсулот, ки дар ҷадвали 2 оварда шудааст, бинобар дастрас набудани маълумоти саҳеҳ дар баҳисобгирии муҳосибии ҶДММ «Латиф Муродов», пурра нест. Мушоҳида мешавад, ки барои баъзе номгӯйҳои маҳсулот, чун зағер, пиёзи бехӣ, бодиринг, карам, сабзӣ ва дигарҳо, маълумот дар бораи ҳаҷми унсурҳои ташкилдиҳандаи арзиши аслӣ – хароҷоти моддӣ, пардохти меҳнат (бо андози иҷтимоӣ) ва истеҳлок маълумот дар ҳисоботи корхона мавҷуд нест. Маблағи истеҳлок танҳо барои пахта муайян аст, вале ҷамъи умумии истеҳлок барои тамоми намудҳои маҳсулот маблағи 8182 сомониро ташкил медиҳад.

Тавре аз ҷадвал дида мешавад, дар арзиши аслии ҳама намудҳои маҳсулот, вазни қиёсии бештарро моддаи дигар хароҷот ташкил медиҳад. Дар ин маврид, таркиби дигар хароҷот, аз ҷумла андозҳо, хароҷоти об ва тамоми хароҷоти умуиистеҳсолӣ ва маъмуриро дар бар мегирад.

Дар ҷадвал робитаи зичи байни арзиши аслӣ ва ҳосилнокӣ барои 1 сентнер ҳосили аксари намудҳои растанӣ ва зироатҳо муқаррар карда шудааст: ҳар чӣ қадаре ки ҳосилнокӣ баланд бошад, арзиши аслии маҳсулот пасттар аст. Масалан, аз ҷадвали 2 дида мешавад, барои пахта, ки ҳосилнокии он аз 1 га 30,12 сентнер (камтарин) аст, арзиши аслии як сентнер ҳосили пахта 729,28 сомониро ташкил додааст, ки дар байни намудҳои маҳсулоти дар ҶДММ «Латиф Муродов» истеҳсолшуда, аз ҳама баландтарин аст. Ҳосилнокии аз ҳама баландтарин аз 1 га кишти лаблабу мушоҳида мешавад, ки арзиши аслии 1 сентнер ҳосили зироати мазкур 36,77 сомониро ташкил медиҳад. Барои муфассал кардани таҳлили идоракунӣ дар асоси маълумоти ҳосилшуда, ҳисобкунӣ ва баҳодиҳиҳои иловагиро бо ба ҳисоб гирифтани маълумоти ду соли пешин ба ҷо меорем (ҷадвали 2).

Аз маълумоти ҷадвали 2 мушоҳида мешавад, ки дар давраи таҳлилии солҳои 2020-2022, дар арзиши аслии аксари маҳсулоти растанӣ ва зироатҳои дар ҶДММ «Латиф Муродов» истеҳсолшаванда, тағйироти муҳим рух додааст. Масалан, арзиши аслии як сентнер ҳосили пахта дар соли 2022, нисбат ба соли 2020 ба андозаи 39,35% зиёд шудааст. Ҳамин тавр, дар ин давра арзиши аслии як сентнер гандум – 56,25%, ҷав – 3,38%, ҷуворимаккаи дон – 15,55%, шолӣ – 31,39%, зағер – 73,45%, картошка – 5,6 баробар, сабзӣ – 4,4 баробар, помидор – 2 баробар, пиёзи бехӣ – 14,8%, бодиринг – 30,67% зиёд шуда, арзиши аслии карам – 7% ва ҷуворимаккаи силос – 23,8% паст шудааст.

**Ҷадвали 2. Тағйирёбии арзиши аслии воҳиди маҳсулоти асосии растанипарварии ҶДММ «Латиф Муродов» дар давраи солҳои 2020-2022, сомонӣ**

**Table 2. Change in unit cost of the main crop productiont of plant breeding at Latif Murodov LLC in 2020-2022, somoni**

| Номгӯйи зироат | Солҳо | | | Тағйирёбӣ (+, -), 2022/2020 | |
|---|---|---|---|---|---|
| | 2020 | 2021 | 2022 | сомонӣ | % |
| 1. Пахта | 523,35 | 602,11 | 729,28 | 205,93 | 139,35 |
| 2. Гандум | 148,54 | 156,79 | 232,10 | 83,56 | 156,25 |
| 3. Ҷав | 183,10 | 314,14 | 189,28 | 6,18 | 103,38 |
| 4. Ҷуворимаккаи дон | 161,88 | 174,77 | 187,05 | 25,17 | 115,55 |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 5. Шолӣ | 112,49 | 149,47 | 147,80 | 35,31 | 131,39 |
| 6. Зағер | 91,37 | 59,50 | 158,48 | 67,11 | 173,45 |
| 7. Картошка | 24,36 | 60,19 | 136,79 | 112,43 | 5,6 баробар |
| 8. Помидор | 30,23 | 5,42 | 61,20 | 30,97 | 2 баробар |
| 9. Пиёзи бехӣ | 35,46 | 28,33 | 40,71 | 5,25 | 114,8 |
| 10. Бодиринг | 55,14 | 25,38 | 72,05 | 16,91 | 130,67 |
| 11. Карам | 30,59 | 23,64 | 28,45 | -2,14 | 93,00 |
| 12. Сабзӣ | 45,56 | 40,38 | 200,02 | 154,46 | 4,4 баробар |
| 13. Лаблабу | 27,89 | 80,50 | 36,77 | 8,88 | 131,84 |
| 14. Ҷуворимаккаи силос | 19,36 | 19,48 | 14,75 | -4,61 | 76,19 |
| 15. Юнучқаи нав | 17,73 | 23,48 | 47,30 | 29,57 | 2,7 баробар |
| 16. Юнучқаи кухна | 16,58 | 12,57 | 29,84 | 13,26 | 179,98 |

Сарчашма: Таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти ҶДММ «Латиф Муродов»

Дар асоси маълумоти ҷадвали 2 тасдиқ мекунем, ки иттилооти баҳисобгирии идоракунӣ, ҳамчун воситаи муассири таъминоти иттилоотии идоракунии хароҷот дар корхонаҳои кишоварзӣ барои қабули қарорҳои идоракунӣ нақши муҳим дорад, зеро дар асоси он роҳбарияти корхона барои ҳисобкунии дурусти арзиши аслии маҳсулот ва идоракунии хароҷот қарорҳои идоракунии муносиб қабул мекунад. Дар ин маврид, қарорҳои идоракунӣ оид ба идоракунии хароҷот дар шакли буҷетикунонии ҷорӣ ва ояндабинии фаъолияти корхона таҳия карда мешаванд, ки ба роҳбарият ва муассисони корхона дар самти бозбинии фаъолияти истеҳсолӣ ва идоракунии хароҷот кумак мекунанд.

Ҳамин тавр, баҳисобгирии идоракунии хароҷот ва ҳисобкунии арзиши аслии маҳсулот дар асоси корбурди таъминоти иттилотии муносиб имкон медиҳад, ки усулҳо ва тарзҳои пешниҳоди иттилооти идоракунӣ мувофиқи талаботи муосири идоракунии истеҳсолоти кишоварзӣ бозбинӣ карда шаванд, ки ин имрӯз барои рушди соҳаи кишоварзии иқтисодиёти миллӣ хеле мубрам аст. Дар баробари ин, ба меъёрҳои ҳуқуқии механизми баҳисобгирии муҳосибии молиявӣ, стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ ва қонунгузории андоз таваҷҷуҳ кардан лозим аст, ки ислоҳоти доимии онҳо барои пешгирӣ аз хавфҳо дар фаъолияти молиявию хоҷагидорӣ, таваҷҷуҳи хосси хадамоти баҳисобгирии муҳосибии корхонаҳои соҳаи кишоварзиро тақозо мекунад.

Яке аз масъалаҳои муҳим дар ташаккули таъминоти иттилоотии баҳисобгирии идоракунӣ, ин аст, ки бо вуҷуди муҳиммии намудҳои иттилооти дар доираи баҳисобгирии идоракунӣ пешниҳодшаванда аксаран таваҷҷуҳи роҳбарият ба иттилооти миқдорӣ (молиявӣ) тамаркуз шуда, иттилооти сифатӣ ба эътибор гирифта намешавад. Чунин равиш албатта камсамар аст, зеро қабули қарорҳои дуруст танҳо ҳангоми ба ҳисоб гирифтани тамоми иттилооти мавҷудбуда имконпазир аст.

Татбиқи консепсияи баҳисобгирии идоракунӣ ба содагӣ ва осонии истифодаи иттилооти идоракунӣ асос ёфтааст. Маҳаки асосии баҳисобгирии идоракунӣ муфид будани он барои қабули қарорҳои идоракунии самаранок мебошад. Усулҳо, тарзҳо ва қоидаҳои таҳлили иттилооти воридшаванда, ки аз ҷониби менеҷер барои қабули қарорҳои идоракунии муассир истифода мешаванд, таъминоти таҳлилии баҳисобгирии идоракуниро ташкил медиҳанд, ки имрӯз яке аз воситаҳои муҳимтарини идоракунии корхонаҳои кишоварзӣ мебошад.

Азбаски ҳисоботи идоракунӣ бояд иттилооти муфид ва пурраро дар бораи фаъолияти корхонаи кишоварзӣ дар бар гирад ва ҳамчун пойгоҳи иттилоотии боэътимод барои таҳияи қарорҳои идоракунии ба зиёд кардани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир бо истифодаи хароҷоти камтарин нигаронидашуда хизмат кунад, «иттилоот бояд ба як қатор маҳакҳои муайян ҷавобгӯ бошад. Бинобар ин, иттилоотро бояд ҳамчун захираи истеҳсолот баррасӣ кард ва ба таъминоти иттилоотӣ талаботи мувофиқро пешниҳод намуд» [1,с.191].

Дар миқёси корхонаи кишоварзӣ яке аз унсурҳои муҳимми таъминоти иттилоотии низоми идоракунии истеҳсолот, тавре мо аллакай исбот кардем, маълумоти баҳисобгирии идоракунӣ мебошад. Ана дар ҳамин робитаи зичи баҳисобгирии

идоракунӣ бо идоракунии истеҳсолоти кишоварзӣ зоҳир мегардад, чунки маҳз баҳисобгирии идоракунӣ вазифаи иттилоотии муҳимтаринро иҷро мекунад. Бинобар ин, дар шароити корхонаҳои кишоварзӣ «низоми баҳисобгирии муҳосибӣ метавонад ҳамчун низоми иттилоотие муайян карда шавад, ки ҳадафи он пешниҳоди иттилооти молиявии дахлдор оид ба захираҳои корхона ва самаранокии истифодаи онҳо мебошад» [11,с.379]. Вале тавре омӯзиши вазъи ташкил ва пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ дар баъзе корхонаҳои кишоварзии шаҳри Ҳисор ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ нишон медиҳад, дар аксари корхонаҳо низоми ҳамгирои баҳисобгирии муҳосибӣ, ки бояд намудҳои асосии баҳисобгирӣ – баҳисобгирии молиявӣ, баҳисобгирии идоракунӣ ва баҳисобгирии андозро дар бар гирад, роҳандозӣ нашудааст. Бинобар ин, дар аксари корхонаҳои кишоварзӣ низоми баҳисобгирии муҳосибӣ қодир нест, ки менеҷмент ва роҳбариятро бо иттилооти зарурӣ барои қабули қарорҳои идоракунӣ ва гирифтани маълумоти саҳеҳ дар бораи хароҷоти истеҳсолӣ таъмин кунад.

Барои татбиқи бобарори ҷанбаҳои ташкилию-методӣ ва амалии баҳисобгирии идоракунӣ зарур аст, ки дар корхонаҳои кишоварзии калон ва миёна низоми нисбатан мустақил ё ҳамгирои иттилоотӣ барои ташаккули иттилооти бамаврид, воқеъбинона, даркшаванда ва муфиди идоракунии истеҳсолоти кишоварзӣ ташкил карда шавад. Ин кор аз мутахассисони соҳаи кишоварзӣ ва кормандони хадамоти муҳосибӣ на танҳо таҳия, балки донистани муқаррароти методологӣ, ҷанбаҳои ташкилӣ, методӣ ва техникии баҳисобгирии идоракуниро талаб мекунад. Бинобар ин, мутахассисе, ки дар соҳаи баҳисобгирии идоракунӣ фаъолият мекунад, бояд асосҳои ҳама намудҳои баҳисобгирии муҳосибӣ, хусусан баҳисобгирии идоракуниро донад. Ғайр аз ин, мутахассиси баҳисобгирии идоракунӣ бояд хусусиятҳои ташкилӣ, қоидаҳои методӣ, техникӣ ва тарзҳои баҳисобгирии идоракуниро барои корбурди ҳамаҷонибаи донишҳои назариявӣ ва малакаҳои амалии худ вобаста аз талаботи иттилоотии низоми идоракунӣ дар корхонаи мушаххаси соҳаи кишоварзӣ донад.

Дар мавриди вазъи кунунии ташкил ва пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ, аз як тараф, норасоии назарраси иттилоот, дермонии он мушҳоида мешавад, аз тарафи дигар, метавон тасдиқ кард, ки коршоямии ҳиссаи зиёди иттилооте, ки баҳисобгирии муҳосибӣ пешниҳод мекунад, барои ҳадафҳои идоракунии истеҳсолот кам аст. Бинобар ин, дар корхонаҳои кишоварзӣ мутахассисон имкон доранд, ки танҳо рӯйдодҳо ё далелҳои хоҷагидории аллакай рухдодаро тафсир кунанд, вале онҳо дар муайян кардани тамоюлоти рушд ва ояндабинии нишондиҳандаҳои стратегии намудҳои фаъолияти кишоварзӣ ба мушкилӣ дучор меоянд. Барои ташкили пойгоҳи иттилоотии идоракунии истеҳсолоти кишоварзӣ, ба роҳ мондани ҳамкории байни роҳбарият, менеҷерҳо, иқтисодчиён, муҳандисон, агрономҳо, зоотехникҳо ва дигар мутахассисони қабулкунандаи қарорҳои идоракунии муносиб оид ба иҷрои барномаҳои истеҳсолӣ аҳаммияти муҳим дорад. Ҳамаи ин бо роҳи муттаҳид кардани кори тамоми хадамоти идоракунии корхона дар фазои ягонаи иттилоотӣ ба хотири дарки ҳарчи амиқтари объектҳои идоракунӣ ва таъсири умумӣ ба низоми идоракунӣ дар доираи низоми ҳамгирои баҳисобгирии муҳосибӣ, ки дар он баҳисобгирии идоракунӣ мавқеи калидиро ишғол мекунад, ноил мегардад.

Ҳангоми татбиқи унсурҳои низоми идоракунии хароҷот дар ҶДММ «Латиф Муродов» меҳнатфарогирии баҳисобгирии хароҷот меафзояд, вале ба андозаи на он қадар муҳим, фаврияти иттилооти ҳам аввалӣ ва ҳам баҳисобгирии муҳосибӣ баланд мешавад, бинобар ин, вазифаҳои назоратии онҳо дар идоракунии истеҳсолот беҳтар иҷро мешаванд. Ба ин тавассути такмили ҳуҷҷатҳо, ҳуҷҷатгардиш, феҳристҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартиби пешбурди баҳисобгирии идоракунии хароҷот ноил шудан мумкин аст.

Вобаста ба ин, корбурди як қатор ҳуҷҷатҳо ва феҳристҳои баҳисобгирӣ ва назорати хароҷоти истеҳсоли маҳсулот зарур аст, чун: ҳисоботи истеҳсолии воҳидҳои сохторӣ; ҳисоботи ҷамъбастии истеҳсолӣ дар ҳар як воҳиди сохторӣ; ведомости баҳисобгирии таҳлилӣ ва назорати тамоюлоти хароҷот аз меъёрҳои муқарраршуда. Ин ҳуҷҷатҳо ва феҳристҳои баҳисобгирӣ барои татбиқи идоракунии хароҷот дар якҷоягӣ бо истифодаи усули меъёрии баҳисобгирии хароҷот мутобиқ мебошанд.

Ҳамин тавр, модели умумии равандҳои иттилоотии идоракунии хароҷотро барои ҶДММ «Латиф Муродов» дар шакли амсилаи дар расми 1 тасвиршуда таҳия менамоем.

**Расми 1. Модели умумии равандҳои иттилоотӣ дар амсилаи идоракунии хароҷот дар ҶДММ «Латиф Муродов»**

**Figure 1. General representation of information processes in the cost management model at Latif Murodov LLC**




**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Шаклҳои ҳуҷҷатҳои таҳияшуда барои баҳисобгирии хароҷот имкон медиҳанд, ки иттилооти таҳлилӣ саривақт ташаккул ёфта, ба низом дароварда шавад, татбиқи ҷадвали аниқи ҳуҷҷатгардиш таъмин карда шавад, тартиби қоидаҳо ва воситаҳои идоракунӣ барои ҳар як зинаи идоракунӣ асоснок ва бо ҳуҷҷатҳо муқаррар карда шавад.

Ҳамин тавр, таъминоти иттилоотии баҳисобгирии идоракунии хароҷот самти муҳимтарин дар ташаккули сатҳи беҳтарини хароҷоти истеҳсоли маҳсулот дар корхонаҳои кишоварзӣ мебошад. Мукаммалсозии баҳисобгирии идоракунии хароҷоти истеҳсоли маҳсулот ва таҳлили онҳо шарти ҳатмии мустаҳкам намудани муносибатҳои дохилихоҷагӣ дар корхонаи кишоварзӣ ва воҳидҳои сохтории он, имконияти қабули фаврии қарорҳои идоракунии асоснок, ба даст овардани самари иқтисодии зарурӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии корхона дар бозори маҳсулоти кишоварзӣ мебошад.

**Муқарриз: д.и.и., профессори ДМТ – Исайнов Ҳ.Р.**

**АДАБИЁТ**


1. Агеева О.А. Информационное обеспечение управленческого учета / О.А. Агеева, С.А. Давыдова // Вестник университета. – 2015. -№12. -С.189-192.
2. Барфиев К.Х. Теория понятийного аппарата управленческого учета сельскохозяйственных организаций на основе учетно-аналитического комплекса / К.Х. Барфиев, С.О. Мирзохонов // Крымский научный вестник. - 2016. -№1(7). -С.311-321.
3. Барфиев К.Х. Системы управленческого учета затрат по центрам ответственности в отрасли растениеводства / К.Х. Барфиев, Н.М. Собирзода, С.О. Мирзохонов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. - 2019. -№3. –часть 2. -С.119-125.
4. Беспятых А.В. Новые подходы к учету затрат незавершенного производства в растениеводстве / А.В. Беспятых, Е.П. Беспятых, О.А. Беспятых // Вопросы новой экономики. - 2012. -№2. -С.102-107.
5. Габибова М.А. Учет затрат в растениеводстве / М.А. Габибова // Актуальные вопросы современной экономики. - 2014. -№3. -С.219-223.

6. Гончарова И.А. Модернизация управления в агроформированиях: аспекты контроля / И.А. Гончарова // Аудит и финансовый анализ. – 2014. -№3. -С.298-302.
7. Ергунова О.Т. Определение учетно-аналитической системы агропромышленных парков региональной экономики / О.Т. Ергунова, Ф.Х. Цапулина // Совершенствование экономического механизма эффективного управления в хозяйствующих субъектах сельскохозяйственной направленности на региональном уровне. Материалы международной научно-практической конференции. -Чебоксары: ЧГСХА, 2017. -С.102-106.
8. Коваленко Е.В. К вопросу теории учета и калькулирования себестоимости сельскохозяйственной продукции / Е.В. Коваленко // Известия Международной академии аграрного образования. - 2013. -№19. -С.262-265.
9. Низомов С.Ф. Развитие системы стратегического управленческого учета в сельскохозяйственном производстве / С.Ф. Низомов, А.Х. Файзуллоев // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2021. -№7. -С.5-13.
10. Низомов С.Ф. Хусусиятҳои баҳисобгирии хароҷоти истеҳсолии маҳсулоти кишоварзӣ / С.Ф. Низомов, Д.У. Икромова // Тоҷикистон: иқтисод ва идора. – 2020. -№2. -С.51-60.
11. Новикова И.И. Информационное обеспечение процесса управления затратами в сельскохозяйственных организациях / И.И. Новикова // Никоновские чтения. – 2011. -№16. -С.379-381.
12. Проняева Л.И. Применение учетного инструментария для целей управления затратами и исчисления себестоимости продукции зернопроизводства / Л.И. Проняева, О.А. Федотенкова // Международный бухгалтерский учет. – 2015. -№1(343). -С.31-42.
13. Файзуллоев А.Х. Низоми баҳисобгирӣ-таҳлилии идоракунии истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ: дисс. номзади илмҳои иқтисодӣ: 08.00.12 / А.Х. Файзуллоев. -Душанбе, 2020. -198 с.
14. Хушвахтзода К.Х. Классификация затрат в стратегическом управленческом учете на сельскохозяйственных предприятиях / Хушвахтзода К.Х., Н.А. Ойев // Финансовая экономика. – 2020. -№7. - С.257-26.
15. Хушвахтзода К.Х. Анализ современного инструментария стратегического управленческого учета на сельскохозяйственных предприятиях / Хушвахтзода К.Х., Н.А. Ойев / Научно-аналитический журнал. Финансовая экономика. – 2020. -№8. -С.350-354.
16. Ҳафизов А.З. Таҳқиқи асосҳои методологӣ ва ташкилии баҳисобгирии идоракунии стратегӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ / А.З. Ҳафизов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2021. -№3. -С.171-175.
17. Ҳафизов А.З. Таҳқиқи низоми идоракунии корхонаҳои кишоварзӣ чун объекти татбиқи баҳисобгирии идоракунии стратегӣ [Матн] / А.З. Ҳафизов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2021. -№8. -С.195-202.
18. Ярощук Е.В. Особенности учета затрат и калькулирования себестоимости продукции растениеводства / Е.В. Ярощук, Ю.В. Рощина // Крымский экономический вестник. - 2013. -Т.1. -№3. -С.265-267.

## ТАЪМИНОТИ ИТТИЛООТИИ БАҲИСОБГИРИИ ИДОРАКУНИИ ХАРОҶОТ ДАР КОРХОНАҲОИ КИШОВАРЗӢ

Масъалаи таъминоти иттилоотӣ дар замони муосир барои идоракунии босамари истеҳсолоти кишоварзӣ хеле муҳим буда, дар робита бо афзуншавии аҳаммияти баҳисобгирии идоракунии хароҷот дар низоми идоракунии корхонаҳои кишоварзии муосир бозбинии амиқи ҳам муҳтавои баҳисобгирии идоракунии хароҷот ва ҳам хусусиятҳои ташаккули ҳисоботи идоракунӣ дар асоси таъминоти иттилоотии муносиб талаб карда мешавад. Иттилоот дар бораи хароҷот ва ташаккули арзиши аслӣ, асоси қабули қарорҳои идоракунӣ оид ба муқаррар кардани нархи фурӯши маҳсулот, муайян кардани фоидаи соли ҳисоботӣ, ояндабинии нишондиҳандаҳои даромади корхона ва идоракунии истеҳсолоти кишоварзӣ мебошад. Бинобар ин, таҳияи таъминоти иттилоотии баҳисобгирии идоракунии хароҷот ва ҳисобкунии арзиши аслии маҳсулоти кишоварзӣ имрӯз аҳаимияти муҳим пайдо мекунад. Дар мақолаи мазкур масъалаҳои ташкили низоми босамари таъминоти иттилоотии баҳисобгирии идоракунии хароҷот ва ҳисобкунии арзиши аслии маҳсулоти кишоварзӣ баррасӣ мешаванд. Низоми баҳисобгирии идоракунии хароҷот дар корхонаҳои кишоварзӣ таҳқиқ карда шуда, мавқеи таъминоти иттилоотӣ дар идоракунии хароҷот ва ҳисобкунии арзиши аслии маҳсулоти кишоварзӣ муайян карда шудааст. Дар натиҷаи таҳқиқи низомҳои баҳисобгирии муҳосибии якчанд корхонаҳои кишоварзии шаҳри Ҳисор ва дигар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ тасдиқ карда шудааст, ки дар онҳо таъминоти иттилоотии баҳисобгирии идоракунии хароҷот ва ҳисобкунии арзиши аслии маҳсулот ба таври муносиб ба роҳ монда нашудааст. Вобаста ба ин, тавсияҳо барои ташкили низоми муносиби таъминоти иттилоотии баҳисобгирии идоракунии хароҷот дар корхонаҳои кишоварзӣ таҳия карда шудаанд.

**Калидвожаҳо:** корхонаҳои кишоварзӣ, низоми баҳисобгирии муҳосибӣ, баҳисобгирии идоракунии хароҷот, низоми идоракунии хароҷот, баҳисобгирии хароҷоти истеҳсолот, ташаккули арзиши аслӣ, арзиши аслии маҳсулоти кишоварзӣ, тақсимоти хароҷот.

## ИНФОРМАЦИОННОЕ ОБЕСПЕЧЕНИЕ УПРАВЛЕНЧЕСКОГО УЧЕТА ЗАТРАТ НА СЕЛЬСКОХОЗЯЙСТВЕННЫХ ПРЕДПРИЯТИЯХ

Вопрос информационного обеспечения в современное время очень важен для эффективного управления сельскохозяйственным производством, а в связи с растущим значением управленческого учета затрат в системе управления современным сельскохозяйственным предприятиям требуется глубокий пересмотр как содержания управленческого учета затрат, так и особенности формирования управленческой отчетности на основе надлежащего информационного обеспечения. Информация о затратах и формировании себестоимости является

основой для принятия управленческих решений по установлению отпускной цены продукции, определению прибыли отчетного года, прогнозированию показателей доходов предприятия и управлению сельскохозяйственным производством. Поэтому разработка информационного обеспечения управленческого учета затрат и определение себестоимости сельскохозяйственной продукции имеет сегодня большое значение. В данной статье рассматриваются вопросы создания эффективной системы информационного обеспечения управленческого учета затрат и определения себестоимости сельскохозяйственной продукции. Исследована система управленческого учета затрат на сельскохозяйственных предприятиях, определено место информационного обеспечения в управлении затратами и определении себестоимости сельскохозяйственной продукции. В результате исследования систем бухгалтерского учета ряда сельскохозяйственных предприятий города Гиссара и других районов республиканского подчинения подтверждается, что информационное обеспечение управленческого учета затрат и определение себестоимости продукции у них не реализовано должным образом. В связи с этим разработаны рекомендации по созданию надлежащей системы информационного обеспечения управленческого учета затрат на сельскохозяйственных предприятиях.

**Ключевые слова:** сельскохозяйственные предприятия, система бухгалтерского учета, управленческий учет затрат, система управления затратами, учет затрат на производство, формирование себестоимости, себестоимость сельскохозяйственной продукции, распределение затрат.

## INFORMATION SUPPORT FOR MANAGEMENT ACCOUNTING OF COSTS AT AGRICULTURAL ENTERPRISES

The issue of information support in modern times is very important for the effective management of agricultural production, and in connection with the growing importance of management cost accounting in the management system of modern agricultural enterprises, a deep revision of both the content of management cost accounting and the features of the formation of management reporting based on appropriate information support is required.Information about costs and cost formation is the basis for making management decisions on setting the selling price of products, determining the profit of the reporting year, forecasting enterprise income indicators and managing agricultural production. Therefore, the development of information support for management cost accounting and determination of the cost of agricultural products is of great importance today. This article discusses the issues of creating an effective information support system for management cost accounting and determining the cost of agricultural products. The system of management accounting of costs in agricultural enterprises has been studied, the place of information support in cost management and determination of the cost of agricultural products has been determined.As a result of a study of the accounting systems of a number of agricultural enterprises in the city of Gissar and other regions of republican subordination, it is confirmed that information support for management accounting of costs and determination of product costs is not implemented properly. In this regard, recommendations have been developed for creating an appropriate information support system for management cost accounting at agricultural enterprises.

**Keywords:** agricultural enterprises, accounting system, cost management accounting, cost management system, production cost accounting, cost formation, cost of agricultural products, cost distribution.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Абдулмуминзода Насимҷон Абдулмумин*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, унвонҷӯйи кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **o_nasim7777@mail.ru.** Телефон: **903-70-12-34**

**Сведения об авторе:** ***Абдулмуминзода Насимджон Абдулмумин*** – Таджикский национальный университет, соискатель кафедры бухгалтерского учета. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **o_nasim7777@mail.ru**. Телефон: **903-70-12-34**

**Information about the author:** ***Abdulmuminzoda Nasimjon Abdulmumin*** - Tajik National University, applicant for the Department of Accounting. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. E-mail: **o_nasim7777@mail.ru.** Telephone: **903-70-12-34**

ТДУ: 336.2.01

# ИСТИФОДАИ МЕТОДИКАҲО НИСБАТ БА ҚАРЗҲОИ АНДОЗӢ ДАР НОҲИЯҲОИ ТОБЕИ ҶУМҲУРӢ

*Давлатов Д.С., Қаюмов С.Ш.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Аз ҳисоби давлат ҷудо кардани маблағҳои иловагӣ аз буҷет барои минтақаҳо бо ба поён рафтани фаъолияти даромаднокии корхонаҳо, коҳиши истеҳсолот, афзоиши камбизоатӣ ва бекорӣ алоқаманд аст. Буҷетҳои маҳаллӣ барои амалигардонии вазифаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, барои тақсими маблағҳои умумидавлатии нигаҳдорӣ ва рушди зерсохти иҷтимоии аҳолӣ нақши муҳим доранд.

Буҷетҳои маҳаллӣ заминаи молии ниҳодҳои идоракунии маҳаллӣ ба шумор мераванд ва барои иҷрои вазифа ва фаъолияти онҳо, нигаҳдории ҳукуматҳо, ташкилотҳо, нигаҳдории муассисаҳои маориф ва тибб, хоҷагии коммуналӣ, фарҳанг, варзиш ва ғайра пешбинӣ шудаанд [1,с.82].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба буҷетҳои маҳаллӣ, вилояти Суғд, Хатлон, ВМКБ, шаҳри Душанбе ва ноҳияҳо ва шаҳрҳои тобеи ҷумҳурӣ шомил мегарданд. Бисёре аз шаҳрҳо ва ноҳияҳо дотатсионӣ мебошанд ва маблағҳои худии онҳо барои пӯшонидани хароҷоти буҷети маҳал намерасад.

Сохтори интиқолҳои байнибуҷетӣ аз рӯйи муҳтавои иқтисодиаш ба ду қисм ҷудо мешавад: ёрии молиявӣ ва интиқолҳои ҷуброншаванда.

Ёрии молиявӣ дар навбати худ ба ду самт ҷудо мегардад: ёрии молиявӣ барои амалигардонии хароҷоти ҷорӣ ва ёрии молиявӣ бо мақсади маблағгузорӣ.

Ингуна ёрӣ дар ду шакли интиқол расонида мешавад: дотатсияҳо, ки интиқоли бидуни қайду шарт ба шумор рафта, аз фонди ёрии молиявӣ ҷудо мегарданд ва субсидияҳо, ки аз фонди тавозун ҷудо гардида, кумаки молии бо шарт ба шумор мераванд.

Вазифаи иқтисодии андоз ҳамчун ташкили сарчашмаҳои даромади буҷети давлатӣ буда, истифодаи он ба давлат имконият медиҳад, ки ҷараёни такрористеҳсол ва сиёсати иҷтимоиро таъмин намояд [11,с.165]. Намудҳои алоҳидаи воридоти андозҳоро мақомоти қонунбарори давлат муайян менамояд, вобаста аз вазъи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии мамлакат оид ба тасдиқи он Кодекси андоз ва Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул ва мавриди амал қарор дода шудааст.

Ҳисоббаробаркунии таъмини буҷетӣ бояд бо таносуби даромадҳои андозӣ барои як сокин, ки буҷети маҳаллӣ метавонад онро ба даст орад, дар асоси заминаи андозӣ (иқтидори андозӣ) ва нишондоди миёнаи қиёсӣ дар қаламрави муайян, инчунин, бо дарназардошти тафовутҳо дар сохтори аҳолӣ, омилҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, обуҳаво, ҷуғрофӣ ва дигар шароитҳои объективӣ, ки ба нархи хизматрасониҳо барои ҳар як сокин таъсир мегузоранд, муайян мегардад.

Бо сабаби иқтидори пасти андоз, дар баъзе аз шаҳрҳо ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ нақшаи ҷамъоварии андоз иҷро нагардид ва ин шаҳру ноҳияҳо барои тавозуни буҷетҳои маҳаллӣ аз марказ кумакпулиҳо ва субсидия дарёфт карданд.

Барои кумаки молиявӣ ба буҷетҳои маҳаллӣ ва тавозун бахшидан ба онҳо, дотатсияҳо, субсидияҳо, кумакпулиҳо ва трансфертҳои буҷетӣ истифода мегарданд [2,с.157].

Маънои дотатсия кумаки ройгони молиявӣ ба низоми буҷети сатҳи дигар барои пӯшонидани хароҷоти ҷорӣ мебошад. Дотатсия ба он буҷетҳои маҳаллие дода мешавад, ки таъмини бехатарии онҳо аз сатҳи меъёрҳои ҳамоҳангии таъмини бехатарии буҷетии минтақаҳо боло набошад.

Субвенсияҳо маблағҳои буҷетие мебошанд, ки ройгон барои пӯшонидани хароҷоти мақсаднок дар чаҳорчӯбаи низоми буҷетӣ дода мешаванд. Субвенсияҳо ҳангоме ҷудо мегардад, ки қисмати даромаднокии буҷетҳои маҳаллӣ, барои пӯшонидани хароҷоти фаъолияташон нокифоя мегардад, барои пӯшонидани ин хароҷот ба онҳо аз марказ кумаки молиявӣ ҷудо мегардад (расми 1).

Бо мақсади васеъ намудани низоми пешбурди соҳибкорӣ дар ҷумҳурӣ, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи андоз ҷиҳати боз ҳам содагардонии низоми андозсупорандагон тадбирҳо андешида истодаанд [5,с.17].

**Расми 1. Кумаки молиявии буҷетҳои маҳаллӣ**
**Figure 1. Financial assistance of local budgets**



Сарчашма: Таҳия муаллифон.

Таҳқиқотҳо нишон доданд, ки ба ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ низ аз буҷети ҷумҳурӣ маблағҳои мақсаднок (субвенсияҳо) ҷудо гардидаанд (ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1. Мусоидати молиявӣ (субвенсия) ба буҷетҳои маҳаллӣ дар солҳои 2013-2019 (млн.сомонӣ)**
**Table 1. Financial assistance (subsidy) to local budgets in 2013-2019 (million somoni)**

| Нишондиҳандаҳо | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2019/13 (+/- , %) | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| ВМКБ | 127,6 | 155,5 | 159,0 | 159,3 | 173,3 | 169,0 | 191,4 | **+63,8** | **150** |
| Вилояти Хатлон | 373,1 | 485,6 | 468,0 | 487,1 | 519,8 | 447,6 | 540,3 | **+167,2** | **145** |
| Вилояти Суғд | - | - | - | - | - | - | - | **-** | **-** |
| ш. Душанбе | - | - | - | - | - | - | - | **-** | **-** |
| ш. Ваҳдат | - | - | - | - | - | - | - | **-** | **-** |
| ш. Роғун | - | - | - | - | - | - | - | **-** | **-** |
| ш. Турсунзода | - | - | 9,9 | - | - | - | - | **-** | **-** |
| н. Варзоб | 9,8 | 13,2 | 12,5 | 12,8 | 14,4 | 11,9 | 13,5 | **+3,7** | **138** |
| н. Рашт | 25,6 | 31,4 | 35,0 | 34,9 | 41,0 | 40,3 | 45,8 | **+20,2** | **179** |
| ш. Ҳисор | - | - | - | - | - | - | - | **-** | **-** |
| н. Лахш | 19,0 | 25,1 | 25,8 | 25,8 | 28,4 | 28,0 | 32,5 | **+13,5** | **171** |
| н. Нуробод | 16,1 | 21,3 | 21,9 | 23,5 | 26,7 | 26,2 | 32,7 | **+16,6** | **203** |
| н. Рӯдакӣ | - | - | - | - | - | - | - | **-** | **-** |
| н. Сангвор | 10,2 | 12,9 | 15,0 | 14,8 | 13,2 | 13,8 | 20,4 | **+10,2** | **200** |
| н. Тоҷикобод | 12,6 | 16,6 | 17,5 | 15,8 | 17,6 | 18,0 | 21,5 | **+8,9** | **170** |
| н. Файзобод | 13,2 | 18,2 | 18,0 | 20,4 | 24,1 | 25,5 | 32,8 | **+19,6** | **248** |
| н.Шаҳринав | 15,2 | 18,6 | 17,9 | 14,8 | 17,5 | 16,5 | 20,5 | **+5,3** | **135** |
| **Ҳамагӣ** | **622,4** | **798,3** | **800,6** | **809,3** | **876,0** | **797,0** | **951,4** | **+329** | **153** |

Сарчашма: Маълумоти Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Чи тавре аз ҷадвал ба мо айён гардид, дар байни шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ноҳияҳое, ки ҳар сол барои пӯшонидани хароҷотҳои мақсаднок аз буҷетҳои сатҳашон болоӣ субвенсияҳо мегиранд, инҳо ба шумор мераванд, ноҳияи Варзоб, ноҳияи Рашт,

ноҳияи Лахш, ноҳияи Нуробод, ноҳияи Сангвор, ноҳияи Тоҷикобод, ноҳияи Файзобод ва ноҳияи Шаҳринав.

Таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки дар ноҳияи Варзоб соли 2019 – 13,5 млн. сомонӣ ҷудо гардидааст, ки нисбат ба соли 2013 - 1,3 маротиб зиёд мебошад. Ин нишондод дар дигар ноҳияҳо яъне ноҳияи Рашт соли 2019 - 45,8 млн. сомонӣ нисбат ба соли 2013 – 1,7 маротиба, ноҳияи Лахш соли 2019 - 32,5 млн. сомонӣ нисбат ба соли 2013 – 1,7 маротиба, ноҳияи Нуробод соли 2019 – 32,7 млн. сомонӣ нисбат ба соли 2013 – 2 маротиба, ноҳияи Сангвор соли 2019- 20,4 млн. сомонӣ нисбат ба соли 2013 – 2 маротиба, ноҳияи Тоҷикобод соли 2019 – 21,5 млн. сомонӣ нисбат ба соли 2013 - 1,7 маротиба, ноҳияи Файзобод соли 2019 – 32,8 млн. сомонӣ нисбат ба соли 2013 – 2,5 маротиба ва дар ноҳияи Шаҳринав бошад соли 2019 – 20,5 млн. сомонӣ ҷудо гардида буд, ки нисбат ба соли 2013 – 1,3 маротиба зиёд, яъне 5,3 млн. сомониро ташкил намуд.

Дар шаҳри Турсунзода бошад танҳо соли 2015 ба маблағи 9,9 млн. сомонӣ субвенсия ҷудо гардида буд.

Андозҳо ва ҷамъовариҳои маҳаллӣ, қисмате аз низоми андози ҷумҳурӣ мебошанд. Маблағҳои буҷетҳои маҳаллӣ аз андозҳои умумидавлатӣ ва маҳаллӣ, инчунин, аз ҷамъовариҳо ва ҷаримаҳо ташкил мегарданд [11,с.169]. Аммо, тақсими андозҳои умумидавлатӣ, миёни буҷети ҷумҳуриявӣ ва буҷетҳои маҳаллӣ, тавассути Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ гардида, ҳар сол дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи буҷети давлатӣ барои соли навбатии молиявӣ" дар шакли фоизҳо тасдиқ мегардад.

Ин гуна низоми муносибати байнибуҷетӣ аз як қатор камбудиҳо иборат аст. Барои мисол, як қатор андозҳо, ки дар сатҳи маҳаллӣ, дар шаҳрҳо ва ноҳияҳо эҷод гардидаанд, аз рӯйи меъёр ба буҷети ҷумҳурӣ пардохт мегарданд. Масалан, соли 2017 50% ААИ, ки дар шаҳри Душанбе эҷод гардида буд, ба буҷети ҷумҳурӣ пардохт мешуд. Инчунин, шаҳри Душанбе ва шаҳри Роғун 21%-и маблағи андоз аз фоидаро ба буҷети ҷумҳуриявӣ пардохт намуданд. Ба ҳамин хотир, мо чунин мешуморем, ки барои худмустақилияти молиявии буҷетҳои маҳаллӣ, ҳамаи андозҳои ҷамъоварда бояд дар буҷети маҳал бимонанд.

Ҳар як шаҳр ва ноҳия бояд кӯшиш кунад, ки рушд карда, фаъолияти соҳибкориро равнақ диҳад ва хоҷагиҳои деҳқонӣ ё оилавиро ташаккул диҳад. Дотатсия ва субвенсияҳо бошанд, рушди як қатор минтақаҳоро пешгирӣ мекунад ва руҳияи вобастагиро эҷод мекунад.

Бояд қайд намуд, ки андоз на фақат хусусиёти молиявӣ дорад, инчунин, усули танзими ғайримустақим ва ҳавасмандкунии равандҳои иқтисодӣ дар сатҳи макро, мезо ва микро ба шумор меравад [10,с.27]. Ба ҳамин хотир, онҳо яке аз фишангҳои асосии рушди иҷтимоӣ-иқтисодии минтақаҳо ба ҳисоб мераванд.

Иқтидори пасти андозӣ, ба нақшагирии нодурусти андозӣ, пешгӯйиҳо ва як қатор муаммоҳои дигар ба қарздоршавии буҷетҳои маҳаллӣ дар шаҳр ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ оварда расонидаанд. Механизми танзими рӯёнидани қарзи андозӣ аз ду мафҳум, яъне: бақияпулӣ ва қарзи андозӣ иборат аст.

Бақияпулӣ қарзи пардохткунанда дар назди буҷет ба миқдори андозҳо ва ҷамъовариҳои ҳисобгардида, аммо пардохтнашуда мебошад.

Мафҳуми қарзи андозӣ бошад, каме васеътар буда, на танҳо бақияпулиро дар бар мегирад, балки барои сари вақт пардохт накардани маблағҳои андозӣ ва вайрон кардани қонунгузории андозӣ ҷарима ва муҷозот низ пешбинӣ мегардад.

Ҳамаи усул ва фишангҳои танзими қарзи андозиро, мо ба се гурӯҳ ҷудо мекунем:

- ихтиёрӣ - довталабона;
- хабардоркунӣ ва огоҳкунанда;
- маҷбурӣ.

Шакли аввали танзими қарзи андозӣ, хусусияти дархосткунандаро дар асоси қонунгузорӣ ҳангоми ҳисобу китоб додани муҳлат дар пардохти қарзи андозӣ ва бозсозии қарзи андозиро пешбинӣ мекунад [9,с.77]. Шакли дуюм хабардоркунӣ ва огоҳкунанда, баъди равон кардани талаб аз тарафи ниҳоди андозбандӣ, оид ба пардохти андоз, бо нишондодани маблағи бақияпулӣ ва ҷаримаҳо ва муҳлати иҷрои

талаб, инчунин, баъди ҷорӣ шудани чораҳо оид ба рӯёнидани андоз ва таъмини ӯҳдадориҳо дар ҳолати аз тарафи андозсупоранда сарфи назар кардани ин талабот амалӣ мегардад. Инчунин, ба ин шакл усули ба ҳисобгирии маблағи барзиёд пардохтшуда (баргардонидашуда) ва маблағҳои бозпардохти қарзи андозсупорандагон дохил мешаванд.

Ниҳодҳои андозӣ дар чаҳорчӯби амалигардонии танзими қарзҳои андозӣ усулҳо ва шаклҳои мушаххасро истифода мебаранд. Дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ бо сабаби иқтидори пасти иқтисодӣ ва молиявӣ иқтидори андозӣ ҳам дар сатҳи паст қарор дорад. Иқтидори пасти андозӣ бошад, сабаби боло рафтани қарзи андозӣ гардида, ҷаримаҳо нисбати андозсупорандагон бештар шудаанд (ниг. ба ҷадвали 2).

**Ҷадвали 2. Истифодаи методикаҳо нисбат ба қарзҳои андозӣ дар НТҶ (млн. сомонӣ)**
**Table 2. The use of methods in relation to tax credits in the NTJ (million somoni)**

| Шаҳру ноҳияҳо | 2013 | | | 2014 | | | 2015 | | | 2016 | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Қарзи андоз | Ҷаримаҳо | Пеня | Қарзи андоз | Ҷаримаҳо | Пеня | Қарзи андоз | Ҷаримаҳо | Пеня | Қарзи андоз | Ҷаримаҳо | Пеня |
| **НТҶ, аз ҷумла:** | **42,6** | **0,14** | **8,6** | **46,1** | **0,6** | **7,6** | **53,9** | **3,0** | **10,8** | **71,4** | **0,25** | **37,2** |
| ш. Ваҳдат | 7,4 | 0,0 | 1,1 | 7,0 | 0,0 | 1,2 | 10,7 | 0,0 | 3,2 | 16,3 | 0,0 | 5,1 |
| ш.Роғун | 1,2 | 0,0 | 0,6 | 1,6 | 0,0 | 0,6 | 2,1 | 0,0 | 0,5 | 12,6 | 0,0 | 2,0 |
| ш.Турсунзода | 8,6 | 0,0 | 1,2 | 6,6 | 0,0 | 0,6 | 5,1 | 0,0 | 1,4 | 4,8 | 0,0 | 1,0 |
| н. Варзоб | 2,8 | 0,0 | 0,32 | 4,8 | 0,0 | 0,8 | 9,1 | 0,0 | 2,3 | 9,2 | 0,0 | 3,5 |
| н. Рашт | 2,1 | 0,04 | 0,3 | 3,8 | 0,0 | 0,3 | 0,8 | 0,0 | 0,2 | 0,75 | 0,0 | 0,3 |
| ш. Ҳисор | 9,1 | 0,0 | 2,6 | 7,4 | 0,0 | 2,3 | 8,5 | 2,8 | 0,0 | 10,7 | 0,0 | 3,5 |
| н. Лахш | 0,46 | 0,0 | 0,1 | 0,71 | 0,0 | 0,02 | 0,93 | 0,0 | 0,3 | 0,87 | 0,0 | 0,5 |
| н. Нуробод | 0,14 | 0,0 | 0,05 | 0,2 | 0,0 | 0,05 | 0,22 | 0,0 | 0,0 | 0,18 | 0,0 | 0,05 |
| н. Рӯдакӣ | 7,0 | 0,1 | 1,2 | 8,1 | 0,2 | 1,6 | 10,1 | 0,2 | 0,3 | 9,4 | 0,25 | 10,8 |
| н. Сангвор | 0,05 | 0,0 | 0,01 | 0,07 | 0,0 | 0,01 | 0,06 | 0,0 | 0,01 | 0,1 | 0,0 | 0,02 |
| н. Тоҷикобод | 0,16 | 0,0 | 0,01 | 0,17 | 0,0 | 0,01 | 0,43 | 0,0 | 0,04 | 0,67 | 0,0 | 0,1 |
| н. Файзобод | 1,1 | 0,0 | 0,4 | 1,0 | 0,4 | 0,0 | 1,2 | 0,0 | 0,3 | 1,1 | 0,0 | 0,0 |
| н. Шаҳринав | 2,5 | 0,0 | 0,7 | 4,7 | 0,0 | 0,1 | 4,7 | 0,0 | 2,3 | 4,8 | 0,0 | 10,4 |

**Давоми ҷадвали 2.**

| Шаҳру ноҳияҳо | 2017 | | | 2018 | | | 2019 | | | 2019/2013 (бо %) | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Қарзи андоз | Ҷаримаҳо | Пеня | Қарзи андоз | Ҷаримаҳо | Пеня | Қарзи андоз | Ҷаримаҳо | Пеня | Қарзи андоз | Ҷаримаҳо | Пеня |
| **НТҶ, аз ҷумла:** | **83,7** | **0,4** | **25,3** | **63,3** | **0,3** | **8,4** | **63,7** | **0,0** | **13,7** | **149,5** | **0,0** | **159,3** |
| **ш. Ваҳдат** | 13,5 | 0,0 | 5,3 | 11,8 | 0,0 | 4,4 | 10,7 | 0,0 | 2,8 | 144,5 | 0,0 | **254,5** |
| **ш.Роғун** | 11,5 | 0,0 | 3,2 | 12,2 | 0,0 | 2,9 | 17,5 | 0,0 | 2,3 | 1458,3 | 0,0 | **383,3** |
| **ш.Турсунзода** | 5,7 | 0,0 | 0,1 | 5,4 | 0,0 | 0,1 | 4,7 | 0,0 | 1,3 | 54,6 | 0,0 | **108,3** |
| **н. Варзоб** | 9,2 | 0,0 | 0,4 | 9,1 | 0,0 | 0,1 | 4,8 | 0,0 | 2,0 | 171,4 | 0,0 | **625,0** |
| **н. Рашт** | 1,2 | 0,0 | 0,5 | 0,41 | 0,0 | 0,1 | 0,49 | 0,0 | 0,004 | 23,3 | 0,0 | **1,3** |
| **ш. Ҳисор** | 10,6 | 0,0 | 4,7 | 9,8 | 0,0 | 0,1 | 7,7 | 0,0 | 2,0 | 84,6 | 0,0 | **76,9** |
| **н. Лахш** | 4,7 | 0,0 | 4,8 | 3,4 | 0,0 | 0,1 | 3,0 | 0,0 | 0,073 | 652,1 | 0,0 | **73** |
| **н. Нуробод** | 0,17 | 0,0 | 0,05 | 0,19 | 0,0 | 0,1 | 0,17 | 0,0 | 0,009 | 121,4 | 0,0 | **18** |
| **н. Рӯдакӣ** | 8,4 | 0,4 | 3,1 | 6,6 | 0,3 | 0,1 | 4,8 | 0,0 | 1,1 | 68,5 | 0,0 | **91,6** |
| **н. Сангвор** | 0,09 | 0,0 | 0,02 | 0,09 | 0,0 | 0,1 | 0,29 | 0,0 | 0,097 | 58 | 0,0 | **970** |
| **н. Тоҷикобод** | 1,1 | 0,0 | 0,06 | 1,4 | 0,0 | 0,1 | 1,3 | 0,0 | 0,751 | 812,5 | 0,0 | **751** |
| **н. Файзобод** | 1,0 | 0,0 | 0,2 | 0,96 | 0,0 | 0,1 | 0,64 | 0,0 | 0,049 | 58,1 | 0,0 | **12,25** |
| **н. Шаҳринав** | 6,3 | 0,0 | 2,9 | 3,1 | 0,0 | 0,1 | 2,1 | 0,0 | 1,2 | 84 | 0,0 | **171,4** |

Сарчашма: Маълумоти Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Таҳқиқи ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ оид ба қарзи андоз нишон медиҳад, ки дар соли 2013 қарзи андоз 42,6 млн. сомонӣ, соли 2014 қарзи андоз 46,1 млн. сомонӣ, соли 2015 қарзи андоз 53,9 млн. сомонӣ, соли 2016 қарзи андоз 71,4 млн. сомонӣ, соли 2017 қарзи андоз 83,7 млн. сомонӣ, соли 2018 қарзи андоз 63,3 млн. сомонӣ ва дар соли 2019 қарзи андоз 63,7 млн. сомониро ташкил додааст. Таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки қарзи андоз дар соли 2019 нисбат ба соли 2013 қариби 50% зиёд гардидааст.

Нишондиҳандаҳои боло бори дигар аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ иқтидори пасти иқтисодӣ ва дар маҷмуъ, иқтидори пасти андозӣ ва молиявӣ дида мешавад. Ин иқтидори паст ба кам шудани ҷамъоварии андозҳо ва зиёд шудани қарзи андозӣ сабаб гардид.

Маъмурикунонии андоз бояд ба самаранокии кор оид ба рӯёнидани қарзи андозӣ нигаронида шуда бошад. Ниҳодҳои мақомотҳои маҳаллии ҳокимияти иҷроияи ҳамаи сатҳҳо, барои иҷрои қисми даромадноки буҷети ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ уҳдадоранд.

Дар амал ду мафҳум нисбати қарздории корхонаҳо аз андоз вуҷуд дорад: мафҳуми якум, иҷро нашудани нақшаи андоз ва ҷамъовариҳо аз уҳдадориҳои қонунан муайяншуда бори андозсупорандагонро муайян мекунад. Дуюм, вайрон кардани қонунгузории андозӣ, барои сари вақт пардохт накардани андозҳо ҷарима пешбинӣ гардида, барои вайронкардани муқарраротҳои қонун ва Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷарима ситонида мешавад, ки дар кодекси маъмурӣ, дар шакли таҳримҳо муайян гардидааст.

Мақсади асосии механизми танзими қарзи андозӣ, пардохти қарзи андоз, ҷамъовариҳо ва ситонидани ҷаримаҳо мебошад (нигаред ба ҷадвали 3).

**Ҷадвали 3. Қарзи андозии шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дар солҳои 2013-2019 (млн. сомонӣ)**

**Table 3. Tax debt of subordinate cities and districts of the republic in 2013-2019 (million TJS)**

| **Шаҳру ноҳияҳо** | **2013** | **2014** | **2015** | **2016** | **2017** | **2018** | **2019** | **2019/13 (бо маротиба)** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| НТҶ, аз ҷумла: | 42,6 | 46,1 | 53,9 | 71,4 | 83,7 | 63,3 | 63,7 | **1,5** |
| ш. Ваҳдат | 7,4 | 7,0 | 10,7 | 16,3 | 13,5 | 11,8 | 10,7 | **1,4** |
| ш. Роғун | 1,2 | 1,6 | 2,1 | 12,6 | 11,5 | 12,2 | 17,5 | **14,5** |
| ш. Турсунзода | 8,6 | 6,6 | 5,1 | 4,8 | 5,7 | 5,4 | 4,7 | **0,5** |
| н. Варзоб | 2,8 | 4,8 | 9,1 | 9,2 | 9,2 | 9,1 | 4,8 | **1,7** |
| н. Рашт | 2,1 | 3,8 | 0,8 | 0,7 | 1,2 | 0,4 | 0,5 | **0,2** |
| н. Ҳисор | 9,1 | 7,4 | 8,5 | 10,7 | 10,6 | 9,8 | 7,7 | **0,8** |
| н. Лахш | 0,5 | 0,7 | 0,9 | 0,9 | 4,7 | 3,4 | 3,0 | **6,0** |
| н. Нуробод | 0,1 | 0,2 | 0,2 | 0,18 | 0,17 | 0,2 | 0,17 | **1,7** |
| н. Рӯдакӣ | 7,0 | 8,1 | 10,1 | 9,4 | 8,4 | 6,6 | 4,8 | **0,7** |
| н. Сангвор | 0,05 | 0,07 | 0,06 | 0,1 | 0,09 | 0,09 | 0,29 | **5,8** |
| н. Тоҷикобод | 0,16 | 0,17 | 0,43 | 0,67 | 1,1 | 1,4 | 1,3 | **8,1** |
| н. Файзобод | 1,1 | 1,0 | 1,2 | 1,1 | 1,0 | 0,9 | 0,6 | **0,5** |
| н. Шаҳринав | 2,5 | 4,7 | 4,7 | 4,8 | 6,3 | 3,1 | 2,1 | **0,8** |

Сарчашма: Муаллиф дар асоси маълумотҳои ҷадвали 2 таҳия намудааст.
Маводҳои Кумитаи андози назди Ҳукумати ҶТ. [Манбаи электронӣ]. URL: http/andoz.tj/

Таҳқиқи қарзи андозии ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ нишон медиҳад, ки қарзи андозӣ дар соли 2019 нисбат ба соли 2013 1,5 баробар афзоиш ёфт. Қарзи аз ҳама зиёдро шаҳри Роғун, ноҳияи Тоҷикобод, ноҳияи Лахш ва ноҳияи Сангвор дорад. Қарзи андозии Роғун дар соли 2019 нисбати соли 2013 14,5 маротиба, ноҳияи Тоҷикобод 8,1, ноҳияи Лахш 6,0 маротиба ва ноҳияи Сангвор 5,8 маротиба афзоиш ёфтааст. Дар шаҳри Ваҳдат, дар ҳамин давра қарзи андозӣ 1,4 маротиба боло рафт ва дар шаҳри Турсунзода бошад, қарзи андозӣ беш аз 50% кам гаштааст.

Қарзи андозии ноҳия Варзоб ҳам дар ин давра 1,7 маротиба ва қарзи андозии ноҳияи Нуробод низ 1,7 маротиба боло рафт. Шаҳр ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ барои саривақт напардохтани андоз ҷарима пардохт мекунанд.

Таҳқиқи қарзи андозӣ дар митақа нишон медиҳад, ки баробари зиёд шудани қарзи андозӣ, дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ҷарима барои саривақт пардохт накардани андоз зиёдтар мегардад.

Қарзи андозӣ дар шаҳрҳо ва ноҳияҳои калон дар диаграммаи 2 оварда шудааст.

**Диаграммаи 2. Тағйири қарзи андозӣ дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, дар шаҳрҳо ва ноҳияҳои калон**

**Diagram 2. Change of tax debt in subordinate districts of the republic, in cities and large districts**




Сарчашма: Тахия Муаллифон.

Тавре аз нишондиҳандаҳои диаграмма бармеояд, қарзҳои андозии ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дар соли 2013 42,6 млн. сомонӣ ва дар соли 2019 бошад, ба 63,7 млн. сомонӣ баробар шудааст, ки нисбати соли 2013 21,1 млн. сомонӣ зиёд шудааст. Ин нишондиҳанда дар шаҳри Ҳисор ба маблағи 1,4 млн. сомонӣ ва дар шаҳри Турсунзода ба маблағи 3,9 млн. сомонӣ коҳиш ёфтааст. Дар шаҳри Ваҳдат бошад, ин нишондиҳанда соли 2013 7,4 млн. сомонӣ ва дар соли 2019 бошад, ба 10,7 млн. сомонӣ баробар шудааст, ки нисбати соли 2013 3,3 млн. сомонӣ афзудааст.

Дар давраи таҳқиқи ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ на танҳо қарзи андозӣ, балки ҷаримаҳо ва фозиҳо низ афзоиш ёфтааст. Ин ҷаримаҳо ва фоизҳо маблағи калонро ташкил медиҳанд [12,с.245].

Мақсади асосии танзими қарзи андозӣ, пардохти андозҳо, ҷамъовариҳо ва рӯёнидани ҷаримаҳо мебошад.

Нишондодҳое, ки қарзи андозиро ба ҳар сари аҳолӣ муайян мекунанд, дар ҷадвали 4 оварда шудаанд.

Таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, маҷмуи маҳсулоти минтақавӣ (МММ) соли 2019 боло рафта, нисбати соли 2013 ба ҳар сари аҳолӣ 74,9% зиёд шудааст. Андозҳо дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ба ҳар сар аҳолӣ 69,8% афзоиш ёфта, қарзи андозӣ бошад, ба ҳар сар аҳолӣ 28,3% боло рафтааст.

Болоравии қарзи андозӣ ва ҷарима, аз иқтидори пасти андозии шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ гувоҳӣ медиҳад. Субъектҳои хоҷагидорӣ, корхонаҳо ва соҳибкорон, қодир нестанд, ки миқдори зиёди андозҳоро пардохт кунанд ва доим қарздор ва ҷаримабандӣ мешаванд.

Аммо, новобаста ба ин коҳишёбии қарзи андозӣ, қарзи андоз дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ зиёд буда, корхонаҳо фоида намеоранд. Корхонаҳоро бояд навсозӣ кард, ба минтақа сармоя ҷалб намуд ва техника ва таҷҳизотҳои нави муосирро ворид намуда, маҳсулотро ҳам навоварӣ кард.

**Ҷадвали 4. Нишондодҳои қарзи андозӣ ба сари ҳар як сокини ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дар солҳои 2013-2019**

**Table 4. Indicators of tax debt per inhabitant of the subordinate districts of the republic in 2013-2019**

| Нишондодҳо | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2019/13 (бо %) |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Маҷмуи маҳсулоти минтақа (МММ), млн. сомонӣ | 6181,8 | 6630,3 | 7590,6 | 8913,7 | 9719,8 | 11073,5 | 12287,7 | **198,7** |
| МММ ба сари аҳолӣ, сомонӣ | 3314,1 | 3447,9 | 3848,6 | 4410,1 | 4693,9 | 5223,3 | 5796,0 | **174,9** |
| Андозҳо бо ҳисоби млн. сомонӣ | 536,9 | 654,7 | 706,9 | 807,9 | 831,2 | 988,9 | 1036,5 | **193,0** |
| Андозҳо ба ҳар сари аҳолӣ, бо сомонӣ | 287,8 | 340,5 | 358,4 | 399,7 | 401,4 | 466,5 | 488,9 | **169,8** |
| Қарзи андозӣ, бо млн. сомонӣ | 42,6 | 46,1 | 53,9 | 71,4 | 83,7 | 63,3 | 63,7 | **149,5** |
| Қарзҳои андозӣ ба як нафар, бо сомонӣ | 23,6 | 24,2 | 28,3 | 26,9 | 41,8 | 30,1 | 30,3 | **128,3** |

Сарчашма: Муаллифон дар асоси маълумотҳои Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва маҷмуаи омори солона таҳия намудаанд.
Маълумотҳои Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва маҷмуаи омори солона

Дар қатори ҷаримаҳо, инчунин, бақияпулӣ низ шакл мегирад. Дар сурати доштани бақияпулӣ аз андоз, пардохти ҷаримаҳо ба ниҳоди андоз, ки дар қонунгузории андоз пешбинӣ шудаанд, мабалғи пардохти он, мустақилона ҳисоб мегардад.

Ба ин усулҳо ва фишангҳо, инҳо дохил мешаванд:

- дастуруламалҳои ҷамъоварӣ барои бонк, рӯёнидани бечунучарои маблағи қарзӣ аз суратҳисоби андозсупоранда ва манъи амалиётҳои бонкӣ;
- ҳабси моликият, фурӯши моликияти андозсупоранда;
- мурофиаи муфлисшавӣ - назорат, беҳбудӣ бахшидани молиявӣ, идоракунии беруна.

Дар сурате, ки ниҳодҳои андозӣ қарори баргардонидани андозро (пурра ё қисман) қабул намуданд, ё ҳангоми мавҷуд будани бақияпулӣ аз андоз, ки дар давраи байни санаи додани эъломия ва санаи баргардонидани маблағҳои дахлдор, бақияпулӣ сабт намегардад.

Ҳангоми надоштани бақияпулӣ аз андоз, қарзи ҷаримавӣ, ки бояд пардохт гардад бо талаби андозсупоранда, ба суратҳисоби мушаххаси ӯ баргардонида мешаванд.

Агар муроҷиатномаи хаттии андозсупоранда вуҷуд дошта бошад, маблағҳои баргардонидашударо мешавад, ки ба ҳисоби пардохти андозҳои оянда сабт намуд.

Солҳои охир, такмили усулҳои танзими қарзи андозӣ, ба шумораи масъалаҳои муҳимми низоми андозӣ табдил ёфтаанд [7,с.45]. Дар асарҳои илмии олимон, масъалаҳои ташаккули қарзи калони андозӣ ва сатҳи пасти ҷамъоварии андоз мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Олимони зиёд, шаклҳои мухталифи поён овардани қарзи андозиро, бо амалигардонии як қатор чорабиниҳои дар қонунгузории андоз пешбинӣ шуда, пешниҳод мекунанд.

Дар ҳар як корхонаи ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ сабабҳои қарзи андозӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтанд ва роҳҳои самаранокии бартараф кардани он ҷустуҷӯ шудаанд. Масъалаи зиёд кардани ҷамъоварии андоз дар ҳама сатҳҳо мавриди баррасӣ қарор дорад, аммо то ба ҳол дар ин маврид натиҷаҳои назаррас ба сӯи беҳбудӣ мушоҳида намегарданд.

Баъзе муаллифон чунин меҳисобанд, ки қарзи андозӣ сохтори бисёр печида дорад, мафҳумҳои асосӣ, ки бо далели қарзи андозӣ эҷод мегарданд ва аз ҷониби ниҳодҳои андозӣ мавриди истифодаи ҳамешагӣ қарор мегиранд [3,с.91] ва дар айни ҳол, омили аслӣ ба шумор мераванд.

**Ҷадвали 5. Мафҳумҳои асосие, ки аз ҷониби ниҳодҳои андозӣ ҳангоми қарзи андозӣ истифода мегарданд**
**Table 5. The main terms used by tax authorities in tax credit**

| Мафҳум | Маънои мафҳум |
|---|---|
| Қарзи пардохтҳои андозӣ | Ҳаҷми бақияпулӣ, пардохтҳои мухлат додашуда ва ҷаримаҳои батаъхирмонда мебошанд. |
| Бақияпулӣ, камомад | Меъёри андоз ва ё маблағи ҷаъмоваринашудае, ки дар мухлати пешниҳодшудаи низоми қонунгузорӣ пардохт нашудаанд. |
| Пардохтҳои мухлат додашуда | Пардохтҳои (ҳаҷми маблағҳои тибқи ухдадорӣ иҷронашуда дар мухлати муайян кардаи қонун роҷеъ ба андозҳо ва ҷамовариҳо), ки тибқи он мухлати пардохт тағйир дода шудааст, яъне ба мухлати муайян дар асоси санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба таъхир гузошта шудааст. |
| Пардохтҳое, ки мухлати ситониданашон таваққуф гардидааст | Пардохти ҳаҷми маблағ тибқи ухдадориҳои иҷронашуда, ки қонунгузории ҶТ муайян кардаасту ситонидани андозашон ба мухлати муайян таваққуф шудааст. |
| Қарз дар назди буҷет аз рӯйи фоизҳо ва таҳримҳои андозӣ | Ухдадориҳои андозсупоранда доир ба пардохти фоизе, ки барои сари вақт насупоридани андозу ҷаъмовариҳо муайян шудааст (ба тартиби судӣ) таҳримҳои ҷаримавӣ барои вайрон кардани қонунгузорӣ дар соҳаи андоз |
| Таҳримҳо ва фоизҳои мавқуф гузоташуда | Ухдадориҳо доир ба пардохти фоизҳо ва таҳримҳои эълоншудаи андоз, ки мухлаташон тағйир дода шудааст, яъне ба давраи дертар дар асоси санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таъин шудааст. |
| Таҳримҳо ва фоизҳое, ки бояд ситонида мешуданду акнун ба мавқуф гузошта шудаанд | Ухдадорӣ дар мавриди фоизҳо ва таҳримҳои эълоншудаи мақомоти андоз, ки ситониданашон ба мухлати муайян, тибқи қонунгузории ҶТ ва ё қарори суд мавқуф гузошта шудааст. |
| Қарзи корхонаҳои барҳам додашуда | Ҳаҷми маблағҳои ухдадориҳои иҷронашудаи андоз, ки қонунгузорӣ муайян кардааст, фоизҳое, ки барои сари вақт насупоридани андозҳо ва дигар ҷамъовариҳо, таҳримҳои ҷаримавӣ барои вайрон кардани қонунгузорӣ дар бахши андоз, ки бар души корхонаҳои барҳамдодашуда вогузор аст. |
| Қарзҳо аз рӯйи пардохтҳо ба фондҳои мақсадноки давлатӣ | Ҳаҷми маблағи ухдадориҳои иҷронашудаи пардохтҳо ба фондҳои мақсадноки давлатӣ, фоизҳои ҷамъшуда барои сари вақт напардохтани таҳримҳои ҷаримавӣ то ворид кардани андози иҷтимоӣ |

Сарчашма: Таҳия муаллифон.

Маъмурикунонии андоз бояд ба фаъолияти самаранок оид ба назорат ва риояи қонунгузории андозӣ, аз ҷумла барои рӯёнидани қарзи андозӣ равона гардад [4].

Маъмурикунонии андозӣ низ кори зиёде барои коҳиш додани қарзи андозӣ анҷом медиҳад, аз ҷумла:

- равон кардани талабот оид ба пардохти андоз ва ҷамъовариҳо.
- манъ кардани амалиётҳо аз рӯйи суратҳисобҳои қарздорон.
- ҳабси моликияти корхонаҳои қарздор.
- пешниҳоди ҷамъоварии андоз аз суратҳисобҳои бонкии андозсупоранда.
- равон кардани қарор оид ба ҳабси моликияти қарздорон ба ниҳодҳои судӣ.
- истифодаи тартиби муфлисшавӣ.

Таҳлили кори ниҳодҳои андозӣ оид ба рӯёнидани қарзи андозӣ ва муфлисшавӣ, сатҳи пасти самаранокии ин ниҳодҳоро ошкор кард.

Қарзи андозӣ ва бақияпулиҳо то ҳадде хосси тамоми низомҳои андозӣ мебошанд. Дараҷаи шиддати ташаккули онҳо аз як қатор омилҳо, ки дар низомҳои гуногуни молӣ, хусусиятҳои гуногун доранд, вобастагӣ дорад.

Ҳатто дар кишварҳои тараққикарда, мушкилоти ҷамъоварии андоз, новобаста аз сатҳи ниҳодҳои андозӣ боз ҳам муҳим боқӣ мемонад.

Дар баробари ин, сабабҳои иқтисодии ташаккули бақияпулиро мо ба ду гурӯҳ ҷудо мекунем, ки инҳо мебошанд:

* Гурӯҳи якум, баъзе сабабҳои қарзи андозӣ бо мавқеияти умумии ноустувори иқтисодӣ алоқамананд, барои мисол бо таваррум, коҳиши умумии истеҳсолот, фоиданаоварии корхонаҳо, даромаднокии пасти корхонаҳо, қудрати хариди пасти харидорон, камбудии пули нақди лозима ва ғ.;

* Гурӯҳи дуюм, сабабҳои техникӣ ва истеҳсолӣ дар корхонаҳо, вайрон кардани амалиётҳои ҳисобӣ, саркашӣ аз пардохти андоз, пинҳон кардани даромад, истифода аз ҳадди ақали андозӣ ва ғ.

Хулоса, маъмурикунонии андозии давлат бояд ба фаъол кардани кори иттилоотӣ - фаҳмондадиҳӣ равона гардад ва аз таҷдиди қарзи андоз истифода намояд. Давлат бояд ба андозсупоранда шароитеро фароҳам орад, ки онҳоро ба пардохти андоз ҳавасманд гардонад, аммо дар баробари ин, ба худи давлат хисорот ворид накунад.

**Муқарриз: д.и.и., профессори ДМТ – Иброҳимзода И.Р.**

**АДАБИЁТ**


1. Гулов, Г. Назария ва таърихи андозбандї. Васоити таълимї / Г. Гулов. -Душанбе: Нушбод, 2022. -200 с. – ISBN 9789999706631. – EDN ZCCHIH.
2. Давлатов, Д.С. Налоги как основной фактор обеспечения социально-экономического развития региона / Д.С. Давлатов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2020. -№10. –часть 1. -С.155-159. – EDN CTDFXY.
3. Джураева, М.Н. Проблемы совершенствования и развития дехканского (фермерского) хозяйства / М.Н. Джураева, С.Ш. Каюмов, М.С. Курбонова // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2015. -№2/5(172). -С.90-92. – EDN UNRJOL.
4. Иброхимов И.Р. Пути совершенствования налогово-бюджетной политики Таджикистана. Монография / И.Р. Иброхимов. –Душанбе: Ирфон, 2004. -51 с.
5. Исматов, А.Ф. Налоговая система Республики Таджикистан: эффективность налоговых поступлений в государственный бюджет после принятия нового Налогового кодекса / А.Ф. Исматов, Эраджи Д., Т.С. Раджабов // Новые вызовы новой науки: опыт теоретического и эмпирического анализа: Сборник статей VI Международной научно-практической конференции, Петрозаводск, 13 февраля 2023 года. -Петрозаводск: Международный центр научного партнерства «Новая Наука» (ИП Ивановская И.И.), 2023. -С.15-19. – EDN RCVMCC.
6. Кодекси андози Љумњурии Тољикистон. 2017. -С.15-21.
7. Курбонова, М.С. Основные показатели социально-экономического развития регионов / М.С. Курбонова // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2018. –№3. –С.44-47. – EDN XWXSQP.
8. Маъмуров А.М. Анализ и результаты расчета собираемости налогов и налогового администрирования / А.М. Маъмуров // Вестник Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики. Серия общественных наук. – 2015. -№4(65). -С.13-21.
9. Умаров, Х.У. Экономический рост и решение проблемы безработицы / Х.У. Умаров // Экономика Таджикистана: стратегия развития. -Душанбе, 2006. -№2. –С.98-104.
10. Davlatov, D.S. The experience of foreign countries on regulation of the tax system / D.S. Davlatov. – 2021. -No.1. -P.70-78. – EDN DSOZIJ.
11. Ibrohimzoda, I.R. Theoretical evolution of the tax burden / I.R. Ibrohimzoda, T.S. Radjabov // The Finance and Economic Bulletin. – 2022. –No.2(31). -P.27-35. – EDN HLSOVL.
12. Ismatov, A.F. Role of tax income in enrichment of the state budget / A.F. Ismatov. – 2021. –No.4. –P.162-169. – EDN WMTMWX.
13. Rizoqulov, T.R. Taxation in the digital economy: problems and prospects / T.R. Rizoqulov, O.M. Aliev // Herald of the Tajik State University of Commerce. – 2020. –No.4-2(34). –P.243-250. – EDN PDQQNC.


## ИСТИФОДАИ УСУЛҲО НИСБАТ БА ҚАРЗҲОИ АНДОЗӢ ДАР НОҲИЯҲОИ ТОБЕИ ҶУМҲУРӢ


Мақолаи мазкур маҳз ба масъалаҳои муҳимми имрӯзаи иқтисодӣ бахшида шуда, дар он истифодаи усулҳо оид ба қарзи андозӣ шарҳ дода мешвад. Вазифаи иқтисодии андоз ҳамчун ташкили сарчашмаҳои даромади буҷети давлатӣ буда, истифодаи он ба давлат имконият медиҳад, ки ҷараёни такрористеҳсол ва сиёсати иҷтимоиро таъмин намояд. Намудҳои алоҳидаи воридоти андозҳоро мақомоти қонунбарори давлат муайян менамояд. Қайд карда шудааст, ки иқтидори пасти андозӣ, ба нақшагирии нодурусти андозӣ, пешгӯйиҳо ва як қатор муаммоҳои дигар ба қарздоршавии буҷетҳои маҳаллӣ дар шаҳр ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ оварда мерасонанд. Механизми танзими рӯёнидани қарзи андозӣ аз ду мафҳум, яъне: бақияпулӣ ва қарзи андозӣ иборат аст. Гуфта мешавад, ки бақияпулӣ қарзи пардохткунанда дар назди буҷет ба миқдори андозҳо ва ҷамъовариҳои ҳисобгардида, аммо пардохтнашуда мебошад. Мафҳуми қарзи андозӣ бошад, каме васеътар буда, на танҳо бақияпулиро дар бар мегирад, балки барои сари вақт пардохт накардани маблағҳои андозӣ ва вайрон кардани қонунгузории андозӣ ҷарима ва

муҷозот низ пешбинӣ мегардад. Дар мақола барои таҳлил ва хулосабарорӣ як қатор ҷадвалҳо оварда шудаанд.

**Калидвожаҳо:** андозҳо, буҷетҳои маҳаллӣ, кумаки молиявӣ, ёрии молиявӣ, вазифаи иқтисодии андоз, иқтидори пасти андозӣ, бақияпулӣ, маблағи андоз, қарзи андоз, таҳқиқи қарзи андозӣ, танзими қарзи андозӣ, нақшаи андоз, пардохти қарзи андозӣ, ҷамъоварии андозҳо, болоравии қарзи андозӣ, ҷаримаҳо, фишангҳои қарзи андозӣ.

## ИСПОЛЬЗОВАНИЕ МЕТОДОВ В ОТНОШЕНИИ НАЛОГОВОЙ ЗАДОЛЖЕННОСТИ В РЕГИОНАХ, ПОДЧИНЕННЫХ РЕСПУБЛИКЕ

Данная статья посвящена актуальным экономическим вопросам сегодняшнего дня и объясняет использование методов налогового кредита. Экономическая функция налога заключается в организации источников доходов государственного бюджета, а его использование позволяет государству обеспечивать поток воспроизводства и социальной политики. Отдельные виды налоговых поступлений определяются законодательным органом государства. Отмечается, что низкая налоговая емкость, неправильное налоговое планирование, прогнозы и ряд других проблем приводят к задолженности местных бюджетов в городских и подчиненных им районах республики. Механизм регулирования роста налоговой задолженности состоит из двух понятий, а именно: просроченная задолженность и налоговая задолженность. Говорится, что остаток – это задолженность плательщика перед бюджетом в сумме начисленных, но не уплаченных налогов и сборов. Понятие налоговой задолженности несколько шире и включает в себя не только недоимки, но и штрафы и пени за несвоевременную уплату налогов и нарушение налогового законодательства. В статье представлен ряд таблиц для анализа и выводов.

**Ключевые слова:** налоги, местные бюджеты, финансовая помощь, экономическая роль налога, низкая налоговая способность, баланс, сумма налога, налоговая задолженность, расследование налоговой задолженности, урегулирование налоговой задолженности, налоговый план, уплата налоговой задолженности, сбор налогов, налоговая задолженность, увеличение, штрафы, налоговая задолженность.

## THE USE OF METHODS IN RESPECT OF TAX DEBT IN REGIONS SUBJECTED TO THE REPUBLIC

This article focuses on current economic issues of today and explains the use of tax credit methods. The economic function of the tax is to organize the sources of state budget revenues, and its use allows the state to ensure the flow of reproduction and social policy. Certain types of tax revenues are determined by the legislature of the state. It is noted that low tax capacity, incorrect tax planning, forecasts and a number of other problems lead to debts of local budgets in urban and subordinate areas of the republic. The mechanism for regulating the growth of tax debt consists of two concepts, namely: overdue debt and tax debt. It is said that the balance is the payer's debt to the budget in the amount of accrued but not paid taxes and fees. The concept of tax debt is somewhat broader and includes not only arrears, but also fines and penalties for late payment of taxes and violation of tax laws. The article presents a number of tables for analysis and conclusions.

**Keywords:** taxes, local budgets, financial assistance, economic role of tax, low tax capacity, balance sheet, tax amount, tax debt, investigation of tax debt, settlement of tax debt, tax plan, payment of tax debt, collection of taxes, tax debt, increase, fines, tax debt.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Давлатов Диловар Сайфуллоевич*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, муаллими калони кафедраи андоз ва андозбандӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **dilovar_76@mail.ru**. Телефон: **918-35-43-45**
***Қаюмов Сайфудин Шарифович*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи андоз ва андозбандӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **901-00-77-14**

**Сведения об авторах**: ***Давлатов Диловар Сайфуллоевич*** – Таджикский национальный университет, старший преподаватель кафедры налогов и налогообложения. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **dilovar_76@mail.ru**. Телефон: **918-35-43-45**
***Каюмов Сайфудин Шарифович*** - Таджикский национальный университет, кандидат экономических наук, доцент кафедры налогов и налогообложения. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **901-00-77-14**

**Information about the authors:** ***Davlatov Dilovar Saifulloevich*** - Tajik National University, senior lecturer at the Department of Taxes and Taxation. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. E-mail: **dilovar_76@mail.ru.** Phone: **918-35-43-45**
***Kayumov Saifudin Sharifovich*** - Tajik National University, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of Taxes and Taxation. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **901-00-77-14**

ТДУ: 330.42(575.3)

# МОДЕЛИ ИҚТИСОДӢ-РИЁЗИИ ТАҲЛИЛ ВА БАҲОДИҲИИ СИФАТИ ЗИНДАГИИ АҲОЛӢ ДАР МИСОЛИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Расулов Д.Т., Алимардонов Т.А.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Модели иқтисодӣ - риёзии дар шароити муосир яке аз роҳҳои мубрам ба шумор меравад, ки он ҳадафҳои муҳимро бартараф месозад. Дар иқтисодиёт бо моделҳо кор ва фаъолият намудан, таҳлилҳои хуб ба даст оварда мешавад. Модел аз калимаи лотинии (moduls) гирифата шуда маънои андоза, ченак, намуна ва қоидаро дорад. Моделсозӣ яке аз ҳадафҳои асосӣ ба ҳисоб рафта барои беҳтар гардонидани сатҳ ва сифати зисти аҳолӣ натиҷаҳои хуберо ба амал меорад. Ҳангоми сохтани моделҳо, таҳлилҳои риёзӣ лозим мешавад, ки он яке аз ҳадафҳои асосӣ барои сохтани моделҳо ба шумор меравад.

Дар мақолаи илмии олимони ватанӣ қайд карда шудааст, ки тағйирот дар консепсияи рушди иҷтимоӣ дар ҳар як кишвар мустақиман ё ғайримустақим ба сатҳи некуаҳволии аҳолӣ ва гурӯҳҳои алоҳида таъсир мерасонад [9,с.28-36]. Бозгашти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз “сотсиализми инкишофёфта” ба муносибатҳои бозорӣ дар асоси равандҳои хусусигардонӣ, рушди соҳибкорӣ ва танзими давлатии равандҳои иқтисодӣ, танзими нархҳо, асосан ба даромади воқеии аксарияти аҳолӣ таъсири худро расонид.

Сатҳ ва сифати зиндагии аҳолӣ асосан аз хусусиятҳои идоракунии давлатӣ, аз устувории институтҳои шаҳрвандӣ, институтҳои рушди инсонӣ ва ҳамкорӣ байни шохаҳои ҳокимияти давлатӣ ва таъсироти мутақобилаи байни онҳо вобаста аст. Муносибатҳои иҷтимоӣ омили муҳим мебошад, ки мувофиқан дар сатҳи давлатӣ барномаи рушд дар сатҳи миллӣ барои марҳилаҳои мухталифи ташаккул таҳия карда мешавад. Сатҳи пасти ҳосилнокии меҳнат системаи ақибмондаро пешакӣ муқаррар мекунад. Таъсири камбудии сифатнокии таҳсилоти касбӣ дар расми 2, таъсири байниҳамдигарии омилҳое, ки ба пайдоиши "домҳои институтсионалӣ" барои рушди устувор баррасӣ мешаванд, нишон медиҳад [5,с.19-23].

Ба ақидаи мо, ҳамаи ин омилҳои нишондодашуда барои рушди кишварҳое, ки иқтисоди табдилёфта доранд ва инчунин, вобастагии одамон аз шароитҳои иқтисодиро доранд, монеа эҷод мекунанд. Бинобар ин, дар ҳоли ҳозир эътирофи табиату хусусияти дохилии инсон ҳамчун чизест, ки ба ташаккули сохтори нави институтсионалии иқтисодиёт, ки ба афзоиши арзишҳои ахлоқӣ ва фарҳангӣ асос ёфтааст, таҳавуллот ҳисобидан мумкин аст [4,с.84-89].

Таҷрибаи кишварҳои ИДМ нишон дод, ки дар давраи пасошуравӣ шароитҳои иҷтимоию иқтисодӣ дар сатҳи паст буданд. Сифати зиндагӣ, маҳсулнокии пасти истеҳсолот, мавқеъ дар системаҳои муносибатҳои иқтисодии байналхалқӣ беҳбудиро талаб мекунад.

**Расми 1. Ҳамоҳангсозии омилҳои номатлубе, ки ба пайдоиши "домҳои институтсионалӣ"-и рушд боис мешаванд**

**Figure 1. Coordination of unfavorable factors that lead to the emergence of "institutional traps" of development**




Аз ҷониби муаллифон тартиб дода шудааст

Бинобар ин, дар мақола муносибати байни зерсистемаҳои иқтисодӣ, институтсионалӣ ва рушди иҷтимоию иқтисодӣ омӯхта шуда, таъин карда шудааст. Ба ақидаи мо, ташаккули сармояи инсонӣ барои рушди муносибатҳои рақибона, ки

макроиқтисодиёти устуворро пешгӯӣ мекунад, асос меёбад. Аз ин лиҳоз, дар мақолаи илмӣ асоснок карда шудааст, ки сифати зиндагии аҳолӣ аз иқтидори иқтисодӣ вобаста аст ва ҷузъи муҳимми он боигарии миллиро ташкил медиҳад ва дар мақола нишондиҳандаҳои тавсифдиҳандаи боигарии миллӣ, ифодакунандаи потенсиали кишвар, имконияти афзоиши ҳаҷми истеъмолот, даромадҳо ва сифати зиндагии аҳолӣ омӯхта шудааст. Мувофиқи баҳодиҳии коршиносони СММ, аҳолии кишвар дар камбизоатӣ қарор доранд, агар музди меҳнат дар он камтар аз 1,15 доллар дар як соат дар кишварҳои иқлими гарм ва камтар аз 2 доллар дар як соат дар кишварҳои сард ($16 дар як рӯз, 320 доллар дар як моҳ)-ро ташкил диҳад, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ин нишондиҳандаҳо тамоюли гуногун доранд (ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1. Музди миёнаи моҳонаи кормандони соҳаҳои иҷтимоӣ аз рӯи соҳаҳои иқтисодиёти кишвар, (сомонӣ)**

**Table 1. Average monthly salary of social workers by sectors of the country's economy, (somoni)**

| Соҳаҳо | Солҳо | | | | | | Соли 2017. нисбат ба 2000, бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | |
| Дар тамоми бахшҳои иқтисодӣ | 962,16 | 1144,19 | 1233,82 | 1335,52 | 1393,78 | 1540,84 | 1,6 |
| Тандурустӣ | 735,18 | 800,72 | 831,13 | 900,00 | 977,22 | 1023,12 | 1,4 |
| Маориф | 773,85 | 892,02 | 938,48 | 1058,55 | 1117,60 | 1247,46 | 1,6 |
| Дигар фаъолияти хизматрасонӣ | 1054,85 | 1386,57 | 1543,44 | 3006,66 | 3314,66 | 3952,80 | 3,7 |

Ҳисоби муаллифон аз рӯи маводҳои: Вазъи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маҷмуаи оморӣ. -Душанбе: АСПРТ, 2022. -С.125-140.

Аз ҷадвали 1 маълум аст, ки дар соли 2021 дар ҷумҳурӣ музди меҳнати номиналӣ 1540,84 сомониро ташкил медиҳад (тақрибан 140,9 доллари ИМА бо курси доллари ИМА дар охири соли 2021). Аз соли 2016 то соли 2021 музди маоши миёнаи моҳонаи кормандони соҳаи иҷтимоӣ аз рӯи бахшҳои иқтисодиёти кишвар ба 1,6 баробар афзуд. Аз рӯи баҳодиҳӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар байни кишварҳои сатҳи даромади миёнаи аҳолӣ доранд, ҷойгир аст. Бо вуҷуди ин, тибқи натиҷаҳои таҳлил, муайян карда шудааст, ки мо мавқеи охиринро дар кишварҳои ИДМ ва Иттиҳоди Аврупо ишғол менамоем.

Дар мақола, ошкоршудаи коэффитсиентҳои ҷуфти коррелятсия алоқамандии зичи байни тағйирёбандаҳои эндогенӣ ва экзогенниро (на камтар аз 0,58) нишон медиҳанд. Ин доир ба алоқамандии байни музди миёнаи моҳонаи меҳнат барои ҳифзи тандурустӣ ва дигар фаъолияти хизматрасониро нишон медиҳад. Умуман ҳамаи моделҳои сохташуда дорои сатҳи баланди эътимод буда, барои таҳлил ва пешгӯиҳо истифода мешаванд. Батартибдарорӣ оид ба ҳар як индикатор, рейтинги миёнаи минтақаҳоро барои ҳамаи нишондиҳандаҳо бо формулаи зерин амалӣ карда мешавад:

$$\overline{R}_i = \frac{1}{k}\sum_{j=1}^{k} R_{ij} \quad (1), [6]$$

дар ин ҷо $R_{ij}$ рейтинги андозаи нишондиҳандаҳои i-юм; k - миқдори индикаторҳо мебошад.

Бояд қайд кард, ки ҳар чи қадар бузургии $R_{ij}$ хурд бошад, ҳамон қадар ҳудуд рушдкарда маҳсуб мешавад, чунки индикатори комплексии сифати зиндагии аҳолӣ доир ба ин шаҳодат медиҳад. Нишондиҳандаи сифати зиндагӣ як андозагирии бисёрченака мебошад, зеро барои ҳисоб кардани он бояд ҳамаи ҷузъҳои таркибӣ ва қаноатмандии аҳолӣ (гурӯҳи иҷтимоӣ) бо даромадҳои молиявии худ аз ҷониби субъектҳои минтақавӣ ба назар гирифта шаванд.

Оид ба ин масъала, дар мақолаҳои худ олимони ватанӣ чунин мафҳумҳоро овардаанд: дар шароити кунунӣ омӯзиши равандҳои иҷтимоӣ-демографӣ ҳангоми

батанзимдарорӣ ва банақшагирии оила аҳаммияти муҳим пайдо менамояд ва яке аз фишангҳои асосии инкишофи иҷтимоию иқтисодии кишвар мебошад [11].

Илова бар ин, дар асоси муттаҳидгардонии усулҳои мавҷудбуда барои арзёбии сифати зиндагӣ, дар мақола моделсозии иқтисодӣ - риёзии сифати зиндагии аҳолӣ бо истифодаи маълумотҳои оморӣ амалӣ карда мешавад (ҷадвали 2).

**Ҷадвали 2. Динамикаи нишондиҳандаҳои сифати зиндагии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2021 [8,с.162-173]**

**Table 2. Dynamics of indicators of the quality of life of the population of the Republic of Tajikistan for the years 2021-2016**

| **Нишондиҳандаҳо** | **Солҳо** | | | | | | **Соли** 2021 нисбат ба соли 2016, бо маротиб |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | **2016** | **2017** | **2018** | **2019** | **2020** | **2021** | |
| | **Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон** | | | | | | |
| Даромадҳо бар сари аҳолӣ, сомонӣ | 3628,2 | 3919,7 | 4550,3 | 5203,6 | 6944 | 8514 | 2,3 |
| Музди меҳнати миёна, сомонӣ | 962,16 | 1144,19 | 1233,82 | 1335,52 | 1393,78 | 1540,84 | 1,6 |
| Шумораи кормандон (1000 нафар) | 2385 | 2407 | 2426 | 2463 | 2506 | 2534 | 1,1 |
| | **ш. Душанбе** | | | | | | |
| Даромадҳо бар сари аҳолӣ, сомонӣ | 1619,53 | 1800,53 | 1935,30 | 2040,49 | 2080,81 | 2282,97 | 1,4 |
| Музди меҳнати миёна, сомонӣ | 1154,20 | 1401,49 | 1403,38 | 1438,35 | 1548,17 | 1710,66 | 1,5 |
| Шумораи кормандон (1000 нафар) | 153,2 | 155,6 | 162,5 | 165,5 | 169,3 | 178,1 | 1,2 |
| | **Вилояти Хатлон** | | | | | | |
| Даромадҳо бар сари аҳолӣ, сомонӣ | 714,13 | 843,39 | 913,30 | 998,54 | 1053,78 | 1143,19 | 1,6 |
| Музди меҳнати миёна, сомонӣ | 1309,99 | 1431,89 | 1712,08 | 1666,38 | 1730,98 | 1858,49 | 1,4 |
| Шумораи кормандон (1000 нафар) | 403,8 | 447,7 | 456,7 | 473,2 | 476,0 | 486,8 | 1,2 |
| | **Вилояти Суғд** | | | | | | |
| Даромадҳо бар сари аҳолӣ, сомонӣ | 774,23 | 1012,97 | 1072,28 | 1182,69 | 1236,26 | 1418,81 | 1,8 |
| Музди меҳнати миёна, сомонӣ | 1509,96 | 1714,13 | 1869,29 | 1945,10 | 1971,89 | 2441,67 | 1,6 |
| Шумораи кормандон (1000 нафар) | 401,9 | 402,7 | 408,2 | 421,5 | 432,4 | 438,0 | 1,1 |
| | **ВМКБ** | | | | | | |
| Даромадҳо бар сари аҳолӣ, сомонӣ | 796,24 | 917,03 | 1034,72 | 1200,35 | 1347,36 | 1459,28 | 1,8 |
| Музди меҳнати миёна, сомонӣ | 1619,30 | 1676,74 | 2096,44 | 1974,65 | 2269,21 | 2326,12 | 1,4 |
| Шумораи кормандон (1000 нафар) | 23,6 | 23,6 | 24,5 | 23,2 | 24,1 | 25,1 | 1,1 |
| | **НТМ** | | | | | | |
| Даромадҳо бар сари аҳолӣ, сомонӣ | 901,81 | 968,57 | 1038,24 | 1120,09 | 1192,85 | 1274,72 | 1,4 |

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Музди меҳнати миёна, сомонӣ | 1133,87 | 1309,68 | 1406,47 | 1518,98 | 1851,21 | 2298,39 | 2,0 |
| Шумораи кормандон (1000 нафар) | 119,8 | 116,7 | **114,7** | **114,4** | **112,3** | **109,6** | 0,9 |

Сарчашма: Ҳисобкунии муаллифон.

Аз ҷадвали 2 дида мешавад, ки дар давоми давраи баррасишаванда, афзоиши даромади аҳолӣ ва музди миёнаи моҳонаи онҳо, инчунин, шумораи кормандон дар кишвар ва минтақаҳои он мушоҳида мешавад.

Ҳисобкуниҳои таҷрибавии дар компютер иҷрошуда бо истифода аз барномаи стандартии regree 2.78, инчунин, таҳлили маълумотҳои ҷадвали элктронии MS Excel, ба иҷроиш оварда шудааст, ки натиҷаҳои он дар ҷадвали 3 нишон дода шудаанд.

**Ҷадвали 3. Натиҷаҳои модели иқтисодӣ-риёзии сифати зиндагии аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [3,с.284-287]**

**Table 3. Results of the economic-mathematical model of the quality of life of the population in the Republic of Tajikistan**

| **№ р/т** | **Шакли модели иқтисодӣ-риёзӣ** | **Омилҳо** |
|---|---|---|
| | **Ҷумҳурии Тоҷикистон** | |
| 1. | $Y = 975{,}86x - 2E{+}06$, $R^2 = 0{,}9182$, $F_{крит} = 56{,}75714$<br>$Y = 30{,}829X – 59774$, $R^2 = 0{,}982$, $F_{крит} = 187{,}1475$<br>$Y = 106{,}97x – 214646$, $R^2 = 0{,}9775$, $F_{крит} = 221{,}3413$ | Y- даромадҳо бар сари аҳолӣ, сомонӣ<br>$X_1$- музди меҳнати миёна, сомонӣ<br>$X_2$- шумораи кормандон (млн. нафар). |
| | **ш. Душанбе** | |
| 1. | $Y = 121{,}81x – 243907$, $R^2 = 0{,}9712$, $F_{крит} = 74{,}06846$<br>$Y = 93{,}066x – 186411$, $R^2 = 0{,}8946$, $F_{крит} = 15{,}46003$<br>$Y = 4{,}8171x - 9559{,}4$, $R^2 = 0{,}9701$, $F_{крит} = 85{,}30861$ | Y- даромадҳо бар сари аҳолӣ, сомонӣ<br>$X_1$- музди меҳнати миёна, сомонӣ<br>$X_2$- шумораи кормандон (млн. нафар). |
| | **Вилояти Хатлон** | |
| 1. | $Y = 81{,}763x – 164095$, $R^2 = 0{,}9864$, $F_{крит} = 772{,}9965$<br>$Y = 102{,}69x – 205657$, $R^2 = 0{,}8733$, $F_{крит} = 10{,}77533$<br>$Y = 14{,}754x – 29324$, $R^2 = 0{,}8604$, $F_{крит} = 84{,}86965$ | Y- даромадҳо бар сари аҳолӣ, сомонӣ<br>$X_1$- музди меҳнати миёна, сомонӣ<br>$X_2$- шумораи кормандон (млн. нафар). |
| | **Вилояти Суғд** | |
| 1. | $Y = 114{,}38x – 229753$, $R^2 = 0{,}9541$, $F_{крит} = 64{,}78351$<br>$Y = 157{,}36x – 315725$, $R^2 = 0{,}8884$, $F_{крит} = 13{,}38668$<br>$Y = 8{,}0829x – 15898$, $R^2 = 0{,}9471$, $F_{крит} = 147{,}5866$ | Y- даромадҳо бар сари аҳолӣ, сомонӣ<br>$X_1$- музди меҳнати миёна, сомонӣ<br>$X_2$- шумораи кормандон (млн. нафар). |
| | **ВМКБ** | |
| 1. | $Y = 136{,}34x – 274072$, $R^2 = 0{,}9968$, $F_{крит} = 741{,}0648$<br>$Y = 148{,}28x – 297305$, $R^2 = 0{,}8785$, $F_{крит} = 12{,}21623$<br>$Y = 0{,}22x - 420{,}05$, $R^2 = 0{,}3488$, $F_{крит} = 1{,}313472$ | Y- даромадҳо бар сари аҳолӣ, сомонӣ<br>$X_1$- музди меҳнати миёна, сомонӣ<br>$X_2$- шумораи кормандон (млн. нафар). |
| | **НТМ** | |
| 1. | $Y = 74{,}835x – 149973$, $R^2 = 0{,}9988$, $F_{крит} = 4417{,}702$<br>$Y = 215{,}99x – 434392$, $R^2 = 0{,}9119$, $F_{крит} = 27{,}99541$<br>$Y = -1{,}8429x + 3834{,}4$, $R^2 = 0{,}9619$, $F_{крит} = 52{,}45431$ | Y- даромадҳо бар сари аҳолӣ, сомонӣ<br>$X_1$- музди меҳнати миёна, сомонӣ<br>$X_2$- шумораи кормандон (млн. нафар). |

Сарчашма: Ҳисобкунии муаллифон

Дар мақола барои баҳодиҳӣ ва таҳлили индекси рушди инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар асоси хусусиятҳои мавҷудбуда, тағйирёбии нишондиҳандаҳои иҷтимоию иқтисодӣ, натиҷаҳои таҳқиқот дар асоси истифодаи барномаи стандартии таҳлили маълумотҳо SPSS Statistics 21 ва инчунин, барномаи компютерӣ дар асоси усули таҳлили холис ва системаи қабули қароҳо Expert Decide коркард шуд. Натиҷаҳои умумигардонии баҳодиҳии дастрасии вазъи иҷтимоӣ бар арзёбӣ намудани сифати зиндагӣ, ки он чи гуна тағйир ёфтааст, дар ҷадвали 4 пешниҳод карда шудааст.

Дар мақолаҳои олимони ватанӣ, оид ба моделсозии математикӣ таҳлилҳо гузаронида шудааст, ки мисоли чунин гуфтаҳост. Тавре таҳлили давлатҳои рушдкарда нишон медиҳад, дар шароити иқтисоди бозорӣ шуғли аҳолӣ нишондиҳандаест, ки фаъолияти механизми танзими талабот ва пешниҳоди меҳнатро муайян мекунад [6,с.63-66].

**Ҷадвали 4. Вазъи иҷтимоӣ нисбат ба баҳодиҳии тағйирёбии сатҳу сифати зиндагонии аҳолӣ (бо фоиз) [2]**

**Table 4. Social status in relation to the assessment of changes in the level and quality of life of the population (in percentage)**

| Нишондиҳандаҳо | | Тағйирёбии сатҳу сифати зиндагонии аҳолӣ | | | | | | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Такмил дода шуд | Каме беҳтар шуд | Боқимондаи сатҳ ҳамин гуна | Каме бадтар шуд | Каме бадтар шуд | Ҷавоб додан душвор аст | |
| Вазъи иҷтимоӣ | коргар | 35,4% | 27,9% | 36,5% | 29,4% | 45,5% | | 31,5% |
| | деҳқонон | | 6,6% | | | | 9,1% | 2,5% |
| | коргари идора | 58,3% | 50,8% | 51,9% | 41,2% | 54,5% | 63,6% | 53,0% |
| | хизматчӣ | 2,1% | | 7,7% | 11,8% | | | 3,5% |
| | тоҷирон / соҳибкорон | | 9,8% | | 11,8% | | | 4,0% |
| | деҳқонон | 4,2% | 3,3% | | | | | 2,0% |
| | дигарҳо | | 1,6% | 3,8% | 5,9% | | 27,3% | 3,5% |
| Ҳамагӣ | | 100,0% | 100,0% | 100,0% | 100,0% | 100,0% | 100,0% | 100,0% |

Сарчашма: Ҳисобкунии муаллифон

Мақсади асосии ҳар гуна фаъолияти иқтисодӣ, баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ мебошад.

Сатҳи зиндагии аҳолӣ – гуфта, дараҷаи истеъмоли неъматҳои моддӣ ва хизматҳоро меноманд.

Дараҷаи истеъмоли неъматҳои моддию хизматҳо аз рӯи хароҷоти оилаҳо муайян карда мешавад. Дар навбати худ хароҷоти оилаҳо аз унсурҳои зерин таркиб ёфтаанд:

- андозҳо;
- пардохтҳои иҷтимоӣ;
- пардохтҳо ба хизматҳои коммуналӣ (барои барқ, пардохти хона ва ғайра);
- хароҷот барои харидани молҳо;
- хароҷотҳои иҷтимоӣ (барои фароғат, гирифтани маълумот ва ғайра);
- хароҷот барои нақлиёт;
- пасандозҳо ва ғайраҳо.

Дар мамлакатҳои рушдкарда барои нишон додани сатҳи зиндагии аҳолӣ, нишондиҳандаи «бузургии сабати истеъмолӣ»-ро истифода мебаранд.

Сабати истеъмолӣ гуфта маҷмуи неъматҳои истеъмолӣ ва хизматҳоеро меноманд, ки барои таъмини талаботи оилаи миёна лозим аст. Сабати истеъмолӣ аз молҳои хӯрокворӣ, молҳои ғайрихӯрокворӣ ва хизматҳо таркиб меёбад.

Ба сатҳи зиндагии аҳолӣ омилҳои зерин таъсир мекунанд:

- дараҷаи даромад, ки бо афзоиши он истеъмолот зиёд мешавад ва баръакс;
- дараҷаи нархҳо, ки бо болоравии онҳо даромади ҳақиқӣ кам шуда, сатҳи зиндагӣ паст мешавад;
- меъёри андоз ба даромади шахсони воқеӣ ва меъёри андоз ба фоидаи шахсони ҳуқуқӣ.

Доир ба ин масъала дар ҷадвали 5, аз барномаи стандартии таҳлили маълумотҳо SPSS Statistics 21, истифода намуда оид ба вазъи иҷтимоӣ нисбат ба намудҳои хизматрасонии иҷтимоӣ, таҳлилҳо гузаронида шудааст.

Аз ҷадвали 5 дида мешавад, ки маълумотҳо доир ба вазъи иҷтимоӣ, инчунин, намудҳои хизматрасонии иҷтимоӣ, таҳлилҳо гузаронида шудааст. Муқоисае, ки дар ҷадвал оид ба нишондиҳандаҳо гузаронида шудааст, натиҷаҳои хуберо нишон дод. Дар ҷадвал оид ба вазъи иҷтимоии коргарон, деҳқонон, хизматчиён, хизматчиёни ҳарбӣ, тоҷирон, хоҷагидорон, ва ғайраҳо, дигар намуди хизматрасониҳои иҷтимоӣ, таҳлилҳо гузаронида шудааст. Маълумотҳои овардашудаи ҷадвал натиҷаи хуберо нишон медиҳанд.

**Ҷадвали 5. Вазъи иҷтимоӣ нисбат ба намудҳои хизматрасонии иҷтимоӣ (бо фоиз)**
**Table 5. Social status in relation to types of social services (in percentage)**

| Нишондиҳандаҳо | | Намуди хизматрасониҳои иҷтимоӣ | | | | | | | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Нигоҳдории тандурустӣ | Кумаки башардӯстона | Кумак ба камбизоатон | Кумак дар ёфтани кор | Такмили ихтисос ва бозомӯзӣ | Ташкили истироҳат | Диг-ар | |
| Вазъи иҷтимоӣ | коргар | 25,0% | 28,6% | 36,7% | 55,6% | 21,2% | 20,0% | 44,4% | 31,5% |
| | деҳқонон | | | | | 9,6% | | | 2,5% |
| | хизматчӣ | 62,5% | 57,1% | 50,0% | 44,4% | 55,8% | 80,0% | 37,8% | 53,0% |
| | хизматчии ҳарбӣ | 12,5% | | | | 1,9% | | 2,2% | 3,5% |
| | тоҷирон / соҳибкорон | | | 13,3% | | 3,8% | | 4,4% | 4,0% |
| | хоҷагидор | | 14,3% | | | | | 4,4% | 2,0% |
| | дигарҳо | | | | | 7,7% | | 6,7% | 3,5% |
| Ҳамагӣ | | 100,0% | 100,0% | 100,0% | 100,0% | 100,0% | 100,0% | 100,0% | 100,0% |

Сарчашма: Ҳисобкунии муаллифон

Чунин мафҳумҳо дар мақолаи олимони ватанӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст: дар ин самт таъмини нашъунамои дуруст ва сатҳи муосири фаъолияти сохторҳои сиёсию иҷтимоӣ, шарти хеле муҳим дониста мешавад [1,с.38-44].

Қонуни ҶТ «Дар бораи хизматрасонии иҷтимоӣ» қабул гардидааст, ки он барои беҳтар гардонидани сатҳи сифати зиндагонии аҳолӣ самара меорад. Қонуни мазкур асосҳои ҳуқуқии фаъолиятро дар соҳаи хизматрасонии иҷтимоӣ ба аҳолӣ муқаррар менамояд ва муносибатҳоеро, ки ҳангоми амалӣ намудани ҳуқуқи шаҳрвандони Тоҷикистон, шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони дигар, хизматрасонии иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба миён меоянд, онро ба танзим медарорад. Қонуни мазкур аз 6 боб ва 28 модда, иборат мебошад, ки он маҳз самти баландбардории сифати зиндагонии аҳолиро маънидод менамояд.

Доир ба ин масъала ҷои истиқоматро нисбат ба баҳодиҳии сифати хизматрасониҳои иҷтимоӣ таҳлил менамоем. Ҳангоми таҳлилнамоӣ аз барномаи SPSS Statistics 21, истифода намуда, ҷои истиқоматро нисбат ба баҳодиҳии сифати хизматрасониҳои иҷтимоӣ муқоиса менамоем.

**Ҷадвали 6. Муқоисаи ҷои истиқомат нисбат ба баҳодиҳии сифати хизматрасониҳои иҷтимоӣ (бо фоиз)**
**Table 6. Comparison of the place of residence in relation to the assessment of the quality of social services (in percentage)**

| Нишондиҳандаҳо | | Баҳодиҳии сифати хизматрасониҳои иҷтимоӣ | | | | | | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Комилан қаноатманд | Пурра қаноатманданд | Сатҳи миёна | Асосан норозианд | Тамоман қаноатманд нест | Ҷавоб додан душвор аст | |
| Ҷои истиқомат | хонаи шахсӣ | 80,0% | 78,1% | 44,0% | 51,6% | 20,0% | 42,9% | 52,0% |
| | як ҳуҷра дар як оилаи хурд (на амвол) | - | - | 13,2% | 6,5% | - | - | 7,0% |
| | ҳуҷра дар намуди манзили кӯҳна | - | 3,1% | 1,1% | 9,7% | 40,0% | - | 4,5% |
| | ҳуҷра (квартира) ба иҷора гирифташуда | 20,0% | 6,2% | 18,7% | 9,7% | 20,0% | 9,5% | 14,5% |
| | Ҳуҷраи алоҳида | - | 12,5% | 23,1% | 22,6% | 20,0% | 47,6% | 22,0% |
| Ҳамагӣ | | 100,0% | 100,0% | 100,0% | 100,0% | 100,0% | 100,0% | 100,0% |

Сарчашма: Ҳисобкунии муаллифон

Дар ҷадвали 6, оид ба муқоисаи ҷои истиқомат нисбат ба баҳодиҳии сифати хизматрасониҳои иҷтимоӣ таҳлилҳо гузаронида шудаанд. Ҳангоми гузаронидани таҳлилҳо оид ба ҷои истиқомат ва баҳодиҳии сифати хизматрасониҳои иҷтимоӣ, натиҷаҳо дар намуди фоизӣ муайян карда шудаанд. Аз ҷадвал дида мешавад, ки нишондиҳандаи хонаи шахсӣ, нисбат ба баҳодиҳии сифати хизматрасониҳои иҷтимоӣ натиҷаҳои хуберо нишон додаанд. Дар ҳамин раванд, нишондиҳандаи ҳуҷраи ба иҷора гирифташуда, нисбат ба баҳодиҳии сифати хизматрасониҳои иҷтимоӣ низ натиҷаҳои назаррасро нишон додаанд.

Барои таҳлил ва баҳодиҳии дараҷаи нобаробарии даромад ва сатҳи некуаҳволии аҳолӣ, қобилияти харидории даромади пулии аҳолӣ хело зарур ҳисобида мешавад, чунки болоравии қобилияти харидории даромади пулии аҳолӣ, дараҷаи мусбии некуаҳволӣ ва сифати сатҳи зиндагиро инъикос мекунад. Баланд бардоштани дараҷаи некуаҳволи аҳолӣ, яке аз масъалаҳои муҳимми хизматрасонӣ дар соҳаи иҷтимоии минтақаҳои кишвар ба ҳисоб меравад. Мақсади асосӣ дар ин самт, баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ, таъмини шуғли пурмаҳсул, ташаккул ва рушди бозори минтақавии меҳнат ва дар ҳамин замина, баланд бардоштани сатҳи ташаккулёбии даромадҳои умумӣ ва инфиродӣ мебошад.

Барои ноил шудан ба сатҳи баландтарини некуаҳволӣ А.Смит формулаи одиро пешниҳод намуд: сулҳ, сабукии андозҳо ва таҳаммулпазирӣ дар идоракунӣ, боқимондаро кулли ҷараёни табиӣ иҷро мекунад. Мутафаккир вобастагии некуаҳволии ҷомеаро аз таносуби байни миқдори "меҳнати солона" муайян кардааст, яъне тамоми маҳсулоте, ки аҳолӣ дар зиндагӣ ба онҳо ниёз доранд, дар давоми сол истеъмол мекунанд ва ё ин ки натиҷаи фаъолияти меҳнати аҳолӣ мебошанд, ё худ маҳсулоте мебошад, ки ба ивази натиҷаҳои меҳнати аҳолӣ ва ё шумораи истеъмолкунандагон аз кишварҳои дигар ба даст оварда мешаванд [7,с.1-60].

Моҳияти назариявии хизматрасониҳои иҷтимоӣ ва сатҳи зиндагии аҳолӣ яке аз ҳадафҳои асосӣ ба ҳисоб меравад. Барои баланд бардоштани сатҳи сифати зисти аҳолӣ хизматрасониҳои иҷтимоӣ низ омили басо муҳим арзёбӣ мегардад. Барои дар сатҳи муайян қарор доштани сатҳи зисти аҳолӣ мо бояд аз моделҳои иқтисодӣ-риёзӣ истифода намоем.

**Муқарриз: д.и.и., профессори ДМТ – Низомов С.Ф.**

**АДАБИЁТ**


1. Алимардонов Т.А. Факторы, влияющие на качество жизни населения и определение ее социально-экономических условий / Т.А. Алимардонов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. -Душанбе, 2021. -№4. -С.47-53. (0,43 пл).
2. Алимардонов Т.А. Анализ средней месячной заработной платы / Т.А. Алимардонов, О.С. Табаров // Вестник Таджикского национального университета. –Душанбе, 2018. -№5. -С.38-44.
3. Алимардонов Т.А. Экономико-математическое моделирование качество жизни населения / Т.А. Алимардонов, Р.М. Бобоева // Материалы Международной научно-практической конференции на тему «Индустриализация страны и обеспечение устойчивого развития экономики» (г. Душанбе, 27 февраля 2020 года). -С.284-287.
4. Алимардонов Т.А. Эконометрическое моделирование качества жизни населения в регионах РТ / Т.А. Алимардонов // Материалы республиканской научно-практической конференции на тему «Некоторые проблемы моделирования экономических и естественных наук», (25 мая 2018г.). -Душанбе, 2018. –С.84-89. (0,37 п.л).
5. Алимардонов Т.А. Экономико-математическое моделирование качества жизни населения РРП / Т.А. Алимардонов // Стратегические подходы государственного и местного управления в условиях глобализации. Материалы республиканской научно-практической конференции. -Душанбе, 2019. -С.19-23. (0,31 пл.).
6. Бобоева Р.М. Вопросы моделирования рынка труда РТ на региональном уровне (научная статья) / Р.М. Бобоева // Вестник Таджикского национального университета (научный журнал). -Душанбе, 2015. -№2/5(172). -С.63-66. ISSN 2074-1847. (493 в перечне реценз. изд.).
7. Бехатарии озуқаворӣ ва камбизоатӣ. Маҷмуаи оморӣ // Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе, 2020. -№4. -60 с.
8. Комилов С.Дж. Моделирование параметров качества жизни населения в территориальных образованиях / С.Дж. Комилов, Т.А. Алимардонов // Вестник Таджикского национального университета. -Душанбе, 2020. -№2. -С.162-173.

9. Комилов С.Дж. Основы повышения качества жизни населения и формирование среднего класса / С.Дж. Комилов, Г.Ш. Алиева, Т.А. Алимардонов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. –Душанбе, 2020. -№1. -С.28-36. (0,56 пл.).
10. Одинаев М.А. Арзёбии омори сатҳи зиндагии аҳолӣ / М.А. Одинаев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2018. –№6. -Қ. 2. – 0,4 ч.ч.
11. Таҳлили омории инкишофи равандҳои демографӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Хушвахтзода Қ.Х., М.А. Одинаев, Ф.С. Обидов, И.С. Шамсов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2022. –№2. – 0,5 ч.ч.
12. Ходиев Д.А. Моделирование и прогнозирование привлечения инвестиций для освоения природно-ресурсного потенциала региона / Д.А. Ходиев, Х.А. Хофизов, О.С. Табаров // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. - 2018. -№6. -С.30-36.

## МОДЕЛИ ИҚТИСОДӢ-РИЁЗИИ ТАҲЛИЛ ВА БАҲОДИҲИИ СИФАТИ ЗИНДАГИИ АҲОЛӢ ДАР МИСОЛИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақола маълумотҳо аз сарчашмаҳои муътамад оид ба модели иқтисодӣ - риёзии таҳлил ва баҳодиҳии сифати зиндагии аҳолӣ дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шуда, таҳлил ва баррасӣ карда шудааст. Сатҳи зиндагии аҳолӣ категорияи мураккаби иҷтимоию иқтисодӣ буда, сатҳи рушд ва дараҷаи қонеъ гардонидани талаботи ҷисмонӣ, маънавӣ ва иҷтимоиро инъикос менамояд. Мақолаи илмӣ оид ба муаммоҳои баландбардории сатҳу сифати зиндагонии аҳолӣ ҳамчун яке аз масъалаҳои мубрам бахшида шудааст. Инчунин, дар мақола чунин масъалаҳо ба монанди вобаста ба сатҳи камбизоатӣ, сатҳи пасти даромад, сатҳи пасти маҳсулнокии меҳнат, қафомондагии системаи таҳсилоти умумӣ ва касбӣ, системаи нишондиҳандаҳои омории сатҳи зиндагии аҳолӣ, индекси рушди инсонӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Қайд кардан бо маврид аст, ки дар мақола оид ба динамикаи нишондиҳандаҳои сифати зиндагии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, натиҷаҳои модели иқтисодӣ-риёзии сифати зиндагии аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳлилҳои иқтисодӣ-риёзӣ гузаронида шудааст. Ғайр аз ин, дар мақола востаҳои иқтисодӣ- риёзии моделсозии равандҳои баҳодиҳии нишондиҳандаҳои сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ самаранок истифода шудааст. Инчунин, дар мақола оид ба вазъи иҷтимоӣ нисбат ба баҳодиҳии тағйирёбии сатҳу сифати зиндагонии аҳолӣ, унсурҳои хароҷоти оилаҳо, вазъи иҷтимоӣ нисбат ба намудҳои хизматрасонии иҷтимоӣ, муқоисаи ҷои истиқомат нисбат ба баҳодиҳии сифати хизматрасониҳои иҷтимоӣ таҳлилҳо гузаронида шудааст. Модели иқтисодӣ - риёзии таҳлил ва баҳодиҳии сифати зиндагии аҳолӣ, яке аз масъалаҳои муҳим бароибаландбардории сатҳу сифати зисти аҳолӣ ба ҳисоб меравад, ки ин мафҳум дар мақола дида шудааст. Инчунин, дар мақола оид ба вазъи иҷтимоии аҳолӣ таҳлили муқоисавӣ гузаронида шудааст.

**Калидвожаҳо:** модели иқтисодӣ-риёзии, сифати зиндагии аҳолӣ, унсурҳои хароҷоти оилаҳо, вазъи иҷтимоӣ нисбат ба намудҳои хизматрасонии иҷтимоӣ, динамикаи нишондиҳандаҳои сифати зиндагии аҳолӣ, баҳодиҳии сифати хизматрасониҳои иҷтимоӣ, ҷои истиқомат, даромадҳо бар сари аҳолӣ, музди меҳнати миёна, шумораи кормандон, барномаи стандартии таҳлили маълумотҳо SPSS Statistics.

## ЭКОНОМИКО-МАТЕМАТИЧЕСКАЯ МОДЕЛЬ АНАЛИЗА И ОЦЕНКИ КАЧЕСТВА ЖИЗНИ НАСЕЛЕНИЯ НА ПРИМЕРЕ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

В статье была представлена, проанализирована и обсуждена информация из достоверных источников по экономико-математической модели анализа и оценки качества жизни населения на примере Республики Таджикистан. Уровень жизни населения является сложной социально-экономической категорией, он отражает уровень развития и степень удовлетворения физических, духовных и социальных потребностей. Научная статья посвящена проблемам повышения уровня и качества жизни населения как одной из актуальных проблем. Также в статье рассматриваются такие вопросы, как бедность, низкие доходы, низкая производительность труда, отсталость системы общего и профессионального образования, системы статистических показателей уровня жизни населения, индекс человеческого развития. Стоит отметить, что в статье о динамике показателей качества жизни населения Республики Таджикистан приведены результаты экономико-математической модели качества жизни населения Республики Таджикистан, проведен математический анализ. Кроме того, в статье эффективно использованы экономико-математические методы моделирования процессов оценки показателей уровня и качества жизни населения. Также в статье анализируется социальная ситуация в связи с оценкой изменения уровня и качества жизни населения, элементы расходов семьи, социальная ситуация в отношении видов социального обслуживания, сравнение места проживания в связи с оценкой качества социальных услуг. Экономико-математическая модель анализа и оценки качества жизни населения считается одним из важных вопросов повышения уровня и качества жизни населения, эта концепция рассматривается в статье. В статье также проведен сравнительный анализ социального положения населения.

**Ключевые слова:** экономико-математическая модель, качество жизни населения, элементы расходов семьи, социальный статус по отношению к видам социальных услуг, динамика показателей качества жизни населения, оценка качества социальных услуг, место жительства, доход на душу населения, средняя заработная плата, количество работников, программа стандартного анализа данных SPSS Statistics.

**THE ECONOMIC - MATHEMATICAL MODEL OF THE ANALYSIS AND EVALUATION OF THE QUALITY OF LIFE OF THE POPULATION IN THE EXAMPLE OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN**

The article presented, analyzed and discussed information from reliable sources on the economic and mathematical model for analyzing and assessing the quality of life of the population using the example of the Republic of Tajikistan. The standard of living of the population is a complex socio-economic category; it reflects the level of development and the degree of satisfaction of physical, spiritual and social needs. The scientific article is devoted to the problems of increasing the level and quality of life of the population as one of the current problems. The article also discusses such issues as poverty, low incomes, low labor productivity, backwardness of the general and vocational education system, systems of statistical indicators of the standard of living of the population, and the human development index. It is worth noting that the article on the dynamics of indicators of the quality of life of the population of the Republic of Tajikistan presents the results of an economic and mathematical model of the quality of life of the population of the Republic of Tajikistan, and a mathematical analysis is carried out. In addition, the article effectively uses economic and mathematical methods for modeling the processes of assessing indicators of the level and quality of life of the population. The article also analyzes the social situation in connection with the assessment of changes in the level and quality of life of the population, elements of family expenses, the social situation in relation to types of social services, comparison of place of residence in connection with the assessment of the quality of social services. The economic and mathematical model for analyzing and assessing the quality of life of the population is considered one of the important issues of increasing the level and quality of life of the population; this concept is discussed in the article. The article also provides a comparative analysis of the social status of the population.

**Keywords:** economic-mathematical model, quality of life of the population, elements of family expenses, social status in relation to the types of social services, dynamics of indicators of the quality of life of the population, assessment of the quality of social services, place of residence, income per capita, average salary, number of employees, program standard data analysis SPSS Statistics.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Расулов Додулло Тоҷиддинович*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E.mail: **dodullo_2010@mail.ru.** Телефон: **(+992) 988-93-93-10**
***Алимардонов Тохирджон Ашуралиевич*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи кибернетика ва иқтисоди рақамӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **Alimardonov.86@bk.ru**. Телефон: **207-56-56-44**

**Сведения об авторах:** ***Расулов Додулло Тоджиддинович*** – Таджикский национальный университет, кандидат экономических наук, доцент кафедры бухгалтерского учета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. E.mail: **dodullo_2010@mail.ru.** Телефон: **(+992) 988-93-93-10**
***Алимардонов Тохирджон Ашуралиевич*** - Таджикский национальный университет, кандидат экономический наук, доцент кафедры кибернетики и цифровой экономики. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **Alimardonov.86@bk.ru**. Телефон: **207-56-56-44**

**Information about the authors:** ***Rasulov Dodullo Tojiddinovich*** – Tajik National University, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of Accounting. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. E.mail: **dodullo_2010@mail.ru**. Phone: (+992) **988-93-93-10**
***Alimardonov Tokhirjon Ashuralievich*** - Tajik National University, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of Cybernetics and Digital Economics. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. E-mail: **Alimardonov.86@bk.ru.** Phone: **207-56-56-44**

ТДУ: 336.2.01

# ТАҲЛИЛ ВА БАҲОДИҲИИ ҲОЛАТИ ИСТИФОДАИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ ЭЛЕКТРОНӢ ДАР РАВАНДИ МАЪМУРИКУНОНИИ АНДОЗ

*Исматов А.Ф.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар шароити танзими муносибатҳои бозорӣ, пешравии соҳаҳо ба ворид гардидани технологияҳои рақамӣ дар ҷомеа бо мақсади беҳтар гардидани ҷараёни муомилоти соҳаҳо дар иқтисодиёт мусоидат намуд. Табадулоти рақамӣ дар иқтисодиёт мушкилоти нави соҳаи андоз гардида, сарфи назар аз фаҳмиш ва истифодабарии он дар ҷомеа якбора инкишоф ёфтааст.

Асосҳои ба вуқуъ пайвастани системаи андозбандӣ ба вазъи базиси иқтисодӣ ва сохтори ҷамъиятӣ-сиёсии гузариш ба давраи бозоргонӣ феълан вобаста аст. Дар айни ҳол, аснои ташаккули системаи андозбандии типи бозоргонӣ, принсипҳои сохти он мақоми махсусро талаб мекунанд [4,с.55].

Низоми андози амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар баробари ба миён омадани падидаҳои нави рақамӣ ба мушкилотҳои зиёд рӯ ба рӯ гардид, ки асоси онро раванди якбора паҳн гардидани истифодаи технологияҳои рақамӣ ташкил медиҳад. Дар шароити фароҳам овардани низоми рақамикунонии иқтисодиёт, чунин ҳолат дар асоси таҷрибаи мамлакатҳои пешрафта ба вуҷуд омадааст. Дар шароити имрӯза, ҷаҳонишавии имкониятҳои истифодабарии низоми рақамӣ, дар аввал қобилияти давлатро дар ҷамъоварии маблағҳои андоз суст гардонида, бо гузаронидани ислоҳотҳо дар системаи андоз шароитиҳои нави иқтисодиро таъмин менамояд.

Ҳолати ба миён омадани навовариҳои технологӣ, рушди иқтисоди рақамиро дар бахшҳои иқтисоди миллӣ арзёбӣ менамояд. Чунин ҷараён дар шароити ҷаҳонишавӣ ба рақамикунонии истеҳсолот, низоми молия, андоз, бонк ва дигар соҳаҳо ҳамчун шарти ҳатмӣ дар ҳамкориҳои байни соҳавӣ дар бисёр мамлакатҳои ҷаҳон ба назар мерасанд. Тавре мушоҳида гардид, дар солҳои охир истифодаи афзояндаи потенсиалӣ рақамикунонӣ дар бисёре аз кишварҳои шимолии минтақаи Осиё ва Осиёи Марказӣ дар бахшҳои пурқуввати таҳқиқот ва рушд ба назар мерасанд.

Ҷоринамоии иқтисоди рақамӣ дар байни кишварҳои ҷаҳон табиати гуногун дорад ва ин комилан мантиқист, зеро дар иқтисодиёти кишварҳои пешрафта шартҳои гузариш ба иқтисоди рақамӣ хеле барвақт ба миён омад ва дар бисёре аз кишварҳои рӯ ба инкишоф ҳоло ҳам ақибмондагии технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ ба назар мерасанд. Ташаккули ин шакли иқтисодиёт ҳанӯз аз воқеият дур аст, ба ибораи дигар, ташаккули иқтисоди рақамӣ аз сатҳи -рушди иқтисодии кишварҳои ҷаҳон вобаста аст [13,с.293].

Инак, олимони ватании мо Рузикулов Т.Р., ва Алиев О.М. вобаста ба масъалаҳои андози рақамӣ дар ҷумҳуриро муфассал омӯхтанд, таҷрибаи ҷаҳонӣ ва дурнамои рушди ин андозро баррасӣ намуда, таъкид намудаанд, ки бо инкишофи технологияи иттилоотӣ масъалаҳои ояндадори ин намуди андозро дар ҷумҳурӣ пешниҳод намуданд. Инчунин, Кассирова Ф.Ҷ. ва Алиев О.М. чунин мешуморанд, ки «... андози рақамӣ манбаи иловагии даромади буҷети давлатӣ мебошад, зеро имрӯз, модели бизнес ба ташаккул ва рушди тиҷорати электронӣ ва дар зери таъсири ин тамоюлҳо дар ҷамъоварии андозҳои анъанавӣ мусоидат менамояд” [8,с.148].

Мавқеи рақамикунонӣ дар истифодаи технологияи рақамӣ ҷанбаи назариявӣ ва амалӣ дорад. Ҷанбаи назариявии истифодаи технологияҳои рақамӣ бештар ба дарк ва фаҳмиши ҳар шахс равона гардидааст. На ҳама муҳаққиқон рақамикунониро аз ҷараёнҳои истифодаи технологияҳои рақамӣ фарқ мекунанд. Азбаски татбиқи истифодаи технологияҳои рақамӣ бо роҳи сода, роҳи мураккабро бартараф кардан бошад, пас рақамикунонӣ аз марҳилаи ибтидоии татбиқи технологияи рақамӣ мансуб мебошад. Ҷараёни таъмини истифодаи технологияи рақамӣ, раванди рақамикунониро таъмин менамояд. Тартиби пешниҳоди эъломияи андоз дар шакли электронӣ тавассути

шабакаҳои алоқа дар доираи ҳамгироиҳои иттилоотии мақомоти андоз, андозсупорандагон ва операторони махсуси алоқа сурат мегирад.

Вазифаи иқтисодии андоз ҳамчун ташкили сарчашмаҳои даромади буҷети давлатӣ буда, истифодаи он ба давлат имконият медиҳад, ки ҷараёни такрористеҳсол ва сиёсати иҷтимоиро таъмин намояд. Намудҳои алоҳидаи воридоти андозҳоро мақомоти қонунбарори давлат муайян менамояд, вобаста аз вазъи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии мамлакат оид ба тасдиқи он Кодекси андоз ва Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул ва мавриди амал қарор дода шудааст [7,с.165].

Пеш азислоҳоти маъмурикунонии андоз ёдовар шудан ба маврид аст, ки тартиби пешниҳод намудани ҳисоботҳои андозсупорандагон ба мақомоти андоз чи қадар ҳаяҷоновар ба назар мерасид. Яъне, мушкилотҳои он замон дар мавҷуд будани саргардонии андозсупорандагон ва зиёд гардидани гардиши маълумотҳои дар коғаз чопшаванда буд. То вақти пешниҳоди ҳисоботҳо ба мақомоти андоз, кӯшиши андозсупоранда барои ҷустуҷӯи роҳи осон буд. Минбаъд дар асоси ислоҳоти маъмурикунонии андоз, тартиби содагардонии бақайдгирӣ ва пешниҳоди ҳисоботҳои андозсупорандагон ба назар гирифта шуд. Аз тарафи дигар, фикр намоем, ҳар амали иҷрошаванда ба тақозои замон раворна гардида, вобаста ба фаҳмиш ва масъулият рушд меёбад.

Чунин мешуморем, ки айни замон зарурияти истифодаи технологияҳои пешрафта дар тамоми сфераҳои фаъолияти ҳамаҷонибаи субъектҳои иқтисодӣ муҳим арзёбӣ мегардад. Имрӯз истифодаи технологияҳои рақамиро дар мақомоти андоз ҳамчун роҳи дурусти сарфаи вақт ва ҷамъоварии маблағҳои андоз дастур дода шудааст. Чунки вақти зиёд сарф кардан гардиши ҳуҷҷатгузориҳои коғазӣ харочотҳои ҳарду тарафро зиёд намуда, боиси мушкилотҳои андозбандӣ мегардад. Вақте, ки 26 декабри соли 2005 аз тарафи давлат Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳуҷҷати электронӣ" таҳти №122 ва дар ин замина соли 2007 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи имзои электронии рақамӣ" қабул гардид, ки тибқи он гардиши такрории коғазҳо аз тарафи мақомоти андоз талаб карда намешавад.

Масалан, мо ҳолати истифодаи технологияҳои рақамиро дар робитаҳои табодули маълумотҳо байни андозсупорандагон ва мақомоти андоз дар расми 1 таҳлил менамоем.

**Расми 1. Робитаи мақомоти андоз бо андозсупорандагон ҳангоми табодули маълумотҳо**
**Figure 1. Relations between tax authorities and taxpayers during data exchange**




Сарчашма: Таҳияи муаллиф.

Агар ба расми дар боло зикргардида назар намоем, ба фаъолияти мақомоти андоз баргардем, иваз кардани шаклҳои ҳисоботи коғазиро бо шаклҳои рақамӣ метавон марҳалаи содаи рақамикунонӣ арзёбӣ кард, ки бидуни он ҷорӣ намудани равандҳои мураккаби рақамикунонӣ имконнопазир аст. Рақамикунонӣ аз раванди истифодаи технологияҳои иттилоотӣ бармеояд, чунки бо ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ, раванди рақамисозӣ дар аввал ниҳоят кори мушкил мебошад. Ҳоло истифодаи технологияҳои рақамӣ дар ҷараёни корҳо, хизматрасониҳо ва фурӯши маҳсулотҳо дар заминаи сармоягузориҳои молиявӣ ба назар мерасанд. Сухан дар бораи то чи андоза инкишоф ёфтани раванди рақамӣ дар ҳалли вазифаҳои зерин меравад:

- алоқа – ҷустуҷӯ ва ҷамъоварии иттилоот, нигоҳдорӣ ва паҳнкунии он, огоҳсозии шаҳрвандон;
- идоравӣ – таъмини иттилоот барои қабули қарорҳои идоракунӣ ва пешниҳоди онҳо ба шахсони тобеъ;
- таълимӣ – омӯзиши кадрҳои вазорату идораҳо тавассути вебинарҳо, видеолексияҳо, порталҳои таълимӣ ва мониторинги дониши кормандон бо истифода аз системаҳои тестии электронӣ;
- маъмурӣ - муомилоти ҳуҷҷатҳои электронӣ ва коргузорӣ;
- назорат - тавсияи нишондиҳандаҳои ченшавандаи самаранокӣ, ташкили сабти видео ва назорати параметрии онлайн;
- нигоҳдорӣ - бойгонии маълумот;
- тадқиқот – ҷустуҷӯи иттилооти нав ва коркарди таҷрибаи дахлдор;
- амният - ҳифзи иттилоот бо дастрасии маҳдуд ва маълумоти махфӣ, пешгирӣ ва безарар гардонии таҳдиди ҳамлаҳои киберӣ.

Баъд аз солҳои 2000-ум дар шароити ҷаҳонишавии истифодаи интернет, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои гузаштан ба "ҳукумати электронӣ" аз соли 2003 тадбирҳои зарурӣ амалӣ намуд. Дар зарфи 20 соли татбиқи Стратегияи давлатии ТИК, системаи ягонаи ҳамкориҳои давлатӣ байни тамоми мақомотҳои идоракунанда ба роҳ монда шудааст. Мақсади асосии стратегияи мазкур дар раванди ташаккули низоми мукаммали ҳукумати электронӣ, марҳила ба марҳила рушд додани шаклҳои электронии мубодилаи маълумотҳо, рушди соҳаи хизматрасониҳои иттилоотӣ, ҳалли масъалаҳои ҳамкориҳои иттилоотии мақомотҳои давлатӣ, татбиқи лоиҳаҳо оид ба таъсиси марказҳо вобаста ба самти пайгирии "равзанаи ягона" дар тамоми минтақаҳои кишвар ва дар ин замина, мусоидат намудан ба сатҳи ихтисосмандии кормандон ва зиёд намудани хизматрасониҳои электронӣ барои аҳолӣ мебошад.

Бояд қайд кард, ки таҳияи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ», дар назди худ мақсади таъсис ва ҷорӣ намудани принсипи содакардашудаи бақайдгирии давлатии "Равзанаи ягона"-ро низ гузошта буд, аммо дар он замон ин масъала бо дарназардошти истифодаи таҷрибаи хориҷӣ роҳи ҳалли худро наёфт. Чунки қонуни қабулгардида танҳо бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқиро ба танзим медаровард, таҷрибаи хориҷӣ ошкор намуд, ки бақайдгирии давлатии соҳибкорни инфиродӣ дар ин замина муайян нагардида буд.

Бо мақсади таъмини низоми мукаммали ҳукумати электронӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2009 оид ба ташкили принсипи равзанаи ягона чунин пешниҳод намуданд "Принсипи равзанаи ягона бояд дар муомила бо соҳибкорон амри воқеӣ бошад ва дар ин ҷода шароите бояд муҳайё сохт, ки ҳар як соҳибкор ва ҳар як шаҳрванди хоҳишманд тавонад дар муддати кӯтоҳтарин ҳуҷҷатҳои марбут ба соҳибкорӣ ва тиҷорати худро аз қайд гузаронида, ба фаъолият шуруъ намояд. Бо мақсади боз ҳам сода гардонидани қоидаҳои бақайдгирии давлатии субъектҳои хоҷагидорӣ, ҷорӣ кардани усули нави бақайдгирӣ, яъне тарзи маълумотдиҳӣ қобили қабул аст" [10,с.11].

Ҷиҳати иҷрои дастуру супоришҳои Роҳбари давллат ба Кумитаи андоз бори дигар зарурат пайдо шуд, ки дар раванди ҳамкориҳои байнисоҳавӣ дар муҳлати кӯтоҳ то 1-уми июли соли 2009 татбиқи "Равзанаи ягона"-ро бо тартиби замонавии бақайдгирии

давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорни инфиродӣ таъсис диҳад. Метавонем қайд намоем, ки бештар аз 10 сол мешавад, ки Кумитаи андоз тартиби бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродиро тибқи қоидаиҳои муайяннамудаи принсипи “Равзанаи ягона” ба роҳ мондааст. Айни ҳол дар асоси маълумотҳои омории ҷамбасти 30 соли фаъолияти давлат, мо ҳолати умумии бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродиро барои солҳои 2008-2021 таҳлил менамоем.

**Расми 2. Таҳлили ҳолати бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ дар солҳои 2008-2021 (бо ҳисоби сомонӣ)**
**Figure 2. Analysis of state registration of legal entities and individual entrepreneurs in 2008-2021 (in TJS)**




Сарчашма: Таҳияи маллиф дар асоси Омори 30 - солагии Истиқлолияти давлатӣ

Нишондиҳандаҳои дар расми 2, овардашуда, собит менамояд, ки ҳолати бақайдгирии шахсони ҳуқуқӣ то соли 2009 бениҳоят зиёд баназар мерасад, вале аз соли 2009 бо тартиби қоидаҳои муайяннамудаи принсипи “равзанаи ягона”, нишондиҳандаи бақайдгирии шахсони ҳуқуқӣ ба андозаи се маротиба дар соли 2009 кам гардид. Ҳамин тавр, аз соли 2009 тартиби бақайдгирии андозспорандагон (шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ) тибқи қоидаҳои муайяни Феҳристи ягонаи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ бо тартиби зиёдшавӣ мунтазам аз тарафи Кумитаи андоз амалӣ гардида истодааст. Қайд кардан бамаврид аст, ҳолати бақайдгирии соҳибкорони инфиродӣ дар соли 20019-2020 аз рӯи нишондиҳандаи дар расми 2 пешбинигардида, на он қадар таносуби фарққунанда доранд, яъне, зиёд нагардидани бақайдгирии фаъолити соҳибкорони инфиродӣ ба натиҷаи таъсири раванди бемории COVID – 19 мебошад. Масалан, баъд аз як сол нишондиҳандаи соли 2021-ро муқоиса намоем ба соли 2020 қариб ду маротиба ҳолати зиёдшавӣ дорад. Раванди содагардонии бақайдгирии давлатии андозсупорандагон дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи “Бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ” ва принсипи “Равзанаи ягона” ба танзим дароварда мешавад.

Вобаста ба такмили маъмурикунонии андоз як қатор тадбирҳо аз тарафи мақомоти андоз андешида истодаанд, ки боварии мардумро дар оянда оид ба сиёсати пешгирифта зиёд менамояд. Чунин раванд боиси содатар гардидани муносибати андозсупорандагон бо мақомоти андозро тақозо менамояд. Бо ин восита ҳар як андозсупорандаро мақомоти андоз зарур мешуморад, ки дар оянда муносибати фосилави пардохти андозро иҷро намоянд. Чунин тадбирҳо аз соли 2014 то имрӯз ҷиҳати автоматикунонии анбори электронӣ ва татбиқи технологияҳои муосири рақамӣ натиҷаи хуб додааст. Бо ин восита ҳукумат дониши ҳуқуқии бахши андоз ва технологияи рақамиро густариш медиҳад ва дар натиҷа, ҳар як амалиёти андоз мустақилона аз тарафи ҳар як андозсупоранда риоя хоҳад гардид.

Бо мақсади анҷом додани фаъолияти пурсамар мақомоти андоз дар фаъолияти худ аз стандартҳои байналмилалӣ ва технологияҳои муосир бештар истифода мебарад, ки барои беҳтар намудани муносибатҳои шарикона бо бахши хусусӣ, содатар ва қулай намудани иҷрои уҳдадориҳои андоз мусоидат менамояд. Бо ин мақсад яке аз ҳадафҳое, ки ба таври осон ба даст овардани маълумотро тақозо менамояд, ки аз тарафи мақомоти андоз механизми танзимкунандае барои анҷом додани муносибатҳои тарафайн бо мақсади андозбандӣ сохтмон дода шудааст, ин сомонаи интернетии Кумитаи андоз ба шумор меравад. Тавре ба мо маълум аст, аввалин сомонаи Кумитаи андоз (www.andoz.tj) аз соли 2007 мавриди истифодаи шаҳрвандон ва андозсупорандагон қарор дорад, ки то имрӯз бо тақозои замон дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қоидаҳои ягона барои сомонаҳои расмии вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот дар шабакаи интернет» (аз 10 июли соли 2017, №344) ҷиҳати аз нав такмил додани сомонаи интернетӣ таҷдиди назар намоянд. Ҳамин тавр, соли 2020 шакли таҷдидшудаи сомонаи Кумитаи андоз аз нав тарҳрезӣ гардида, мавриди истифода қарор дода шудааст.

Қобили қайд аст, ки раванди рақамикунонии маъмурикунонии андоз дар асоси қарорҳо, барномаҳо ва консепсияи қабулнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тақвият гардида, дар натиҷа, дар давоми се соли охир аз ҷониби Кумитаи андоз як қатор хизматрасониҳои нав мавриди амал қарор гирифтаанд, ки «Утоқи шахсии андозсупоранда», «Утоқи шахсӣ оид ба лоиҳаҳои грантӣ» барои пешниҳоди ҳисоботи андоз дар шакли электронӣ аз ҷониби татбиққунандагони лоиҳаҳои сармоягузорӣ, «Донистани рақами мушаххаси андозсупоранда», «Феҳристи ягонаи давлатӣ», «Пешниҳоди ҳуҷҷатҳо барои бақайдгирии давлатӣ» барои дар шакли электронӣ бе ҳозир шудан ба мақомоти андоз пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳо, «Андози даромад аз иҷора», «Тафтиши ҳуҷҷатҳои электронӣ», «Портали хизматрасониҳои электронӣ», «Ҳисобнома - фактураҳои электронӣ», «Ҳисобкунаки андоз» барои ҳисоб намудани андозҳо аз объектҳои молу мулки ғайриманқул, андози замин, андози воситаҳои нақлиёт, андози ягона барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ, соҳибкорони инфиродии тибқи патент фаъолиятдошта ва ғайра, «Онлайн номнавис намудан барои қабул» дар Кумитаи андоз, «Онлайн – мушовир», «Пардохти андозҳо» – хизматрасонии эквайрингӣ ҷиҳати пардохти андозҳо тавассути кортҳои пардохти бонкӣ, «Саволҳо ва пешниҳодҳо», дар шакли электронӣ дастрас намудани маълумот аз Феҳристи ягонаи давлатӣ аз ҳамин ҷумлаанд. Дар маҷмуъ, бештар аз 76 номгӯи модулҳо барои амалӣ намудани хизматрасониҳои электронӣ аз тарафи мақомоти андоз анҷом дода шудааст.

**Расми 3. Шумораи хизматрасониҳои электронии мақомоти андоз дар солҳои 2015-2022**
**Figure 3. The number of electronic services of tax authorities in 2015-2022**




Сарчашма: Таҳияи муаллиф.

Айни ҳол аз миқдори хизматрасониҳои пешниҳодгардида, қариб 50%-и онро ба таври васеъ андозсупорандагон истифода мебаранд. Миқдори хизматрасониҳои электронии пешниҳоднамудаи мақомоти андоз ҳамсола вобаста ба давраи гузариш дар ҳолати афзоиш қарор дошта, дар давоми солҳои 2016-2022 ба чунин дастовардҳо расидааст, ки он дар шакли диаграмма чунин арзёбӣ мегардад.

Дар давоми панҷсоли сипаригардида, чунин мушоҳида гардид, ки шумораи хизматрасониҳои электронии мақомоти андоз дар соли 2020 нисбат ба соли 2016 дар ҳолати афзоиш қарор дошта, зиёдшавии он мутаносибан ба 3,1 баробар гардид. Дар ҷараёни таҷдиди корҳо, ҳангоми аз навсозии барномаҳо ва аз назаргузаронии модулҳо мушкилотҳое, ки дар аввал ҳангоми таҳрезӣ ва истифодаи барномаҳо ба амал омада буданд, дар баробари аз худ гардидани таҷрибаи хориҷии истифодаи технологияҳои рақамӣ ва бартараф гардидани камбудиҳои ҷойдошта, паси сар гардиданд. Масалан, қайд кардан ба маврид аст, ки дар модули таҷдидшудаи «Утоқи шахсии андозсупоранда», дар муқоиса бо шакли пешинаи он, илова ба шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ, инчунин, барои шахсони воқеӣ низ имконияти пайваст шудан ба утоқи шахсӣ фароҳам оварда шудааст. Он имконият медиҳад, ки тавассути утоқи шахсӣ шаҳрванд метавонад, пеш аз ҳама, маълумоти инфиродии худ, аз ҷумла: рақами мушаххаси андозсупоранда, дар қайди кадом нозироти андоз қарор доштан, объектҳои молу мулки ғайриманқули бақайдгирифташударо мушаххас намуда, бо огоҳномаҳои ирсолнамудаи мақомоти андоз ва дигар иттилоот, ки дар мақомоти андоз оид ба иҷрои уҳдадориҳои андозӣ мавҷуд аст, шинос шавад.

Андозсупоранда метавонад дар дилхоҳ вақт бо истифода аз имкониятҳои худ, аз утоқи кории худ ва ё маҳалли зист, ҳисобварақаҳои худро аз рӯи ҳар як намуди андозе, ки тибқи талаботи қонунгузорӣ аз ҷониби онҳо ба буҷет пардохт мешавад, аз назар гузаронида, иҷрои уҳдадориҳои худро бо маълумоти дар мақомоти андоз мавҷудбуда, муқоиса намояд. Чунин раванди корҳо дар мақомоти андоз идома ёфта, марҳила ба марҳила дар идомаи корҳои созандагӣ баҳри рушди иқтисодиёти ҳамаҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон беҳбудиро талаб мекунад.

Барои амалӣ намудани рақамикунонии мақомоти андоз дар назди Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, корхонаи воҳиди давлатии «Маркази барномасозии маъмурикунонии андоз» ташкил гардидааст, ки вазифаи асосии он таҳия, нигоҳдорӣ ва хизматрасонии техникии барномаҳои компютерии амалкунанда, хизматрасониҳои иттилоотӣ-машваратӣ, ташкил ва истифодабарии махзани маълумот ва захираҳои иттилоотӣ, ташкил ва таъмини бехатарии системаю шабакаҳои иттилоотӣ ва коркарди маълумот ба шумор меравад.

Дар асоси сиёсати пешгирифтаи Ҳукумти Ҷумҳурии Тоҷикистон, татбиқи иқсоди рақамӣ ва таҳкими минбаъдаи амалишавии он дар доираи амалӣ намудани Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Барномаи рушди маъмурикунонии андоз дар Кумитаи андоз аксари хизматрасониҳои давлатӣ ба андозсупорандагон ва шаҳрвандон бо истифода аз технологияҳои муосири иттилоотӣ дар шакли электронӣ ба роҳ монда шудаанд ва ҳамаи ин тадбирҳо, пеш аз ҳама, барои аз ҷониби андозсупорандагон сода ва осон гардидани иҷрои уҳдадориҳои андоз, аз ҷумла ҳисобу пардохти андозҳо равона гардидаанд. Инчунин, амалӣ гардидани ҳадафи чоруми стратегӣ дар соҳаи саноат, аз ҷумла раванди саноатикунонии босуръати кишвар барои солҳои 2022–2026 «Солҳои рушди саноат» Кумитаи андозро водор менамояд, ки бо дарназардошти омӯзиши таҷрибаи дигар давлатҳо, ҷиҳати такмили барномаҳо ва модулҳои барномаҳои компютерии амалкунанда, роҳандозӣ намудани хизматрасониҳои нави электронӣ, ки ба рушди соҳибкорӣ имтиёзҳои андозро зиёд намуда, ҳавасманди иқтисодиро чораҷӯӣ намояд.

Тавре аз ахборотҳои Кумитаи андоз маълум гардид, ҳолати дар амал қарор доштани хизматрасониҳои дар доира Нақша чорабини Барномаи рушди маъмурикунонии андоз амалигардида, ба ҳолати моҳи майи соли 2023 дар маҷмуъ 27,6 ҳазор адад шаҳрвандон ва андозсупорандагон ба маблағи 7,6 млн. сомонӣ андозҳоро ба тариқи ғайринақдӣ ба буҷет пардохт намудаанд.

Яке аз бахшҳои муҳиммиислоҳоти иқтисодӣ, ки нисбати он Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пайваста аҳаммияти хосса зоҳир менамояд, ислоҳот дар муомилоти пулӣ ва ҷорӣ намудани механизм ва шаклҳои замонавии ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ ба шумор меравад [15,с.95].

Тибқи нишондоди омори Бонки миллӣ дар се моҳаи якуми соли 2023 амалиётҳое, ки тавассути ПОС – терминалҳо ва ҳамёни электронӣ гузаронида шудааст, дар маҷмуъ 2,6 млрд. сомониро ташкил медиҳанд, ки ин нишондод нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 1,5 млрд. сомонӣ зиёд мебошад. Ҳолати истифодаи ПОС – терминалҳои электронӣ ва истифодаи ҳамёнҳои электронӣ, ки барои андозсупорандагон ва шаҳрвандон ҳангоми анҷом додани иҷрои корҳо, хизматрасониҳо ва фурӯши маҳсулотҳо шароити мусоидро ба вуҷуд меорад, аз нигоҳи сарфаи вақт ва дастрасӣ ба маълумот шаффофияти воридоти андозҳоро ба буҷети давлат таъмин менамоянд. Айни ҳол теъдоди ПОС – терминалҳои электронӣ дар нуқтаҳои фаъолияти андозсупорандагон насбгардида, дар маҷмуъ, зиёда аз 4,0 ҳазор ададро ташкил медиҳад. Метавонем қайд намоем, ки дар шароити иқтисоди рақамӣ тавассути ПОС – терминалҳои мазкур шаҳрвандон ва андозсупорандагон, хусусан дар минтақаҳои дурдасти аҳолинишин метавонанд андозҳоро бо истифода аз кортҳои бонкӣ ба таври ғайринақдӣ ба буҷет пардохт намоянд.

Бо мақсади амалӣ гардидани қисми 6 моддаи 31 Кодекси андоз ва Қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.11.2018, №565 оид ба тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ, аз ҷониби шаҳрвандон ва андозсупорандагон дар чор моҳи соли 2023 дар ҳаҷми 5,5 млрд. сомонӣ маблағи умумии андозҳо ва пардохтҳои ҷорӣ ба буҷет ворид гардидааст, ки зиёда аз 4,5 млрд. сомонии онро маблағҳои ба таври ғайринақдӣ пардохт шуда ташкил медиҳад, яне ба 82,0%-и маблағи умумии пардохшудаи ҳамин давра рост меояд. Бинобар ин, дар соли 2022 аз 15,4 млрд. сомонӣ маблағҳои умумии андозҳо ва пардохтҳои ба буҷет воридшуда, зиёда аз 12,5 млрд. сомонӣ ё худ 81,0%-и онро маблағҳои ба таври ғайринақдӣ пардохтшуда, ташкил медод.

Бо мақсади вусъатдиҳии хизматрасониҳои рақамӣ тавассути хизматрасонии эквайрингӣ пардохт намудани андозҳо, айни замон, бо як қатор ташкилотҳои қарзии молиявӣ, аз ҷумла Амонатбонк, Бонки байналмилалии Тоҷикистон, Спитамен бонк, Коммерсбонки Тоҷикистон, Алиф бонк, Душанбе Сити ҳамкориҳо дар мақомоти андоз ба роҳ монда шудааст.

Тартиби нави истифодаи дастгоҳҳои назоратӣ-хазинавии онлайн, ба гардиши пулӣ тавассути кортҳои пардохтии бонкӣ ва ҳамёни мобилӣ, зиёд намудани муомилоти ғайринақдӣ, рақамикунонӣ ба таъмини самаранокии рушди пайвастаи системаи маъмурикунонии андоз мусоидат менамояд.

Аммо гузариши тадриҷан ба технологияҳои рақамӣ татбиқи системаро метезонад, автоматикунонӣ ва роботикунонии он корҳое, ки ҳамучун навовариҳои илмӣ, эҷодӣ ба миён омадаанд. Умуман, раванди автоматикунонӣ чунин корҳоро дар бар мегирад, ки амалиёти физикии доимо такроршаванда ё иҷрои одиро талаб мекунанд, ки он кори мураккабе нест, тахассуси паст ё миёнаро талаб мекунад[14,с.25].

Дар шароити имруза вобаста ба аҳаммияти истифодаи технологияҳои рақамӣ ва истифодаи хизматрасониҳои электронӣ саҳми олимони ватанӣ назаррас мебошад, чунки гузариш ба иқтисоди рақамӣ ё рақамикунонии соҳаҳо ҳамчун самти афзалиятнок дар ҷодаи соҳаҳои иқтисодӣ ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, метавонам қайд намоям, ки дар самти рақамикунонии андоз шаклҳои гуногуни хизматрасониҳои электронӣ аз тарафи мақомоти андоз пешниҳод гардидааст, ки чунин тадбирҳои рақамӣ дар оянда боиси расидан ба ҳадафҳои олии кишварро тақозо менамояд.

Вобаста ба ин ислоҳот дар соҳаи маъмурикунонии андоз, содагардонии расмиёт ва баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои давлатӣ ба соҳибкорон, муосиргардонии низоми пешниҳоди иҷозатҳо ва иҷозатномаҳо, пайвастшавӣ ба шабакаи таъмини неруи барқ ва дигар шабакаҳои муҳандисӣ, бақайдгирии молу мулк, таъмини дастрасии осон ба қарзҳо, ҳалли масъалаҳои пардохтнопазирии корхонаҳо, расмиёти баррасии баҳсҳои

тиҷоратӣ, расмиёти содиротию воридотӣ ва транзитӣ, таъмини иҷрои қарордодҳо ва дигар чорабиниҳо идомаи мантиқии худро тақозо менамоянд.

Қабул гардидани Кодекси андоз дар таҳрири нав, аз 23-юми ноябри соли 2021, таҳти №1844 асосҳои методологии низоми андозбандиро дар ҷумҳурӣ қисман тағйир дод, истилоҳотҳо, мафҳумҳо ва муқарраротҳои нав ворид гардид. Ҳамаи ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки Кодекси андоз на танҳо бо мақсади ҳалли мушкилоти имрӯзаи соҳа, балки барои ҳалли мушкилоти дурнамои андоз таҳия гардида, ба сатҳи ҷомеаи демократии пешрафта мувофиқ аст [6,с.17].

Имрӯзҳо мақомоти андоз бо мақсади содагардронии расмиёти бақайдгирӣ, сарфа намудани вақти андозсупорандагон, аз технологияи иттилоотӣ ва истифодаи барномаҳои компютерӣ кӯшиш намуда, тамоми хизматрасониҳои худро дар шакли электронӣ, бидуни ташриф овардани андозсупоранда ба мақомоти андоз ба роҳ монда, корҳои тавзеҳотию фаҳмондадиҳиро на танҳо зиёд, балки сифатан низ беҳтар намуда истодааст.

Дар асоси нишондиҳандаҳои зикргардида, оид ба истифодаи технологияҳои рақамӣ ҳаминро қайд намудан ба маврид аст, ки раванди истифодаи технологияҳои рақамӣ танҳо аз тарафи мақомоти андоз кафолати доимӣ надорад. Бинобар ин, Кумитаи андоз вазифадор мегардад, ки раванди ҳамкориҳоро бо мақомотҳои дахдор, ҷиҳати таъмини бехатарии молиявии кафолати истифодабарии технологияҳои рақамӣ ва қабули барномаҳо дар ин самт бештар намоянд.

Тартиби пешниҳоди эъломияи андоз дар шакли электронӣ тавассути шабакаҳои алоқа дар доираи ҳамгироиҳои иттилоотии мақомоти андоз, андозсупорандагон ва операторони махсуси алоқа сурат мегирад. Яъне, риояи дурусти истифодаи технологияҳо, мушкилотҳои дар гузашта мавҷуд будаи саргардонии андозсупорандагон ва зиёд гардидани гардиши маълумотҳои дар коғаз чопшавандаро аз байн мебарад. Истифодаи технологияҳои рақамӣ барои пешниҳоди ҳисоботҳо ба мақомоти андоз, ҷустуҷӯи роҳи осон буд. Минбаъд дар асоси ислоҳоти маъмурикунонии андоз, тартиби содагардонии бақайдгирӣ ва пешниҳоди ҳисоботҳои андозсупорандагон ба назар гирифта, таҳияи идоракунии хизмарсониҳои электрониро боз ҳам ба таври шаффоф ва сабук ба роҳ монанд.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДМТ – Гулов Ш.М.**

**АДАБИЁТ**

1. Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025. Замима ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «30» апрели соли 2021, №168.
2. Гулов, Ш.М. Современное состояние налоговой системы Республики Таджикистан / Ш.М. Гулов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2022. -№5. -С.193-198.
3. Гулов, Ш.М. Муаммоҳои андозбандӣ дар шароити муосир / Ш.М. Гулов // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. – 2023. -№2(82). –С.193-200. – EDN KLXNTO.
4. Давлатов, Д.С. Таҷрибаи давлатҳои хориҷа оид ба танзими низоми андозбандӣ / Д.С. Давлатов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2021. -№1. С.70-78. – EDN DSOZIJ
5. Иброҳимов, И. Асосҳои методологии танзими низоми андоз / И. Иброҳимов, Ҳасанзода Я. // Ахбори Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ. – 2020. -№2(260). –С.53-57. – EDN RZTTXB.
6. Использование цифровых технологий в государственном управлении / Статьи. [Электронный ресурс]. URL: https://hsbi.hse.ru/articles/ispolzovanie-tsifrovykh-tekhnologiy-v-gosudarstvennom-upravlenii. 16.01.2023
7. Исматов, А.Ф. Налоговая система Республики Таджикистан: эффективность налоговых поступлений в государственный бюджет после принятия нового Налогового кодекса / А.Ф. Исматов, Д Эраджи, Т.С. Раджабов // Новые вызовы новой науки: опыт теоретического и эмпирического анализа: Сборник статей VI Международной научно-практической конференции, Петрозаводск, 13 февраля 2023 года. -Петрозаводск: Международный центр научного партнерства «Новая Наука» (ИП Ивановская И.И.), 2023. -С.15-19. – EDN RCVMCC.
8. Исматов, А.Ф. Нақши воридоти андозҳо дар ғанӣ гардонидани буҷети давлатӣ / А.Ф. Исматов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2021. -№4. – С.162-169. – EDN WMTMWX.
9. Касирова, Ф.Д. Мировой опыт и перспектива развития цифрового налога / Ф.Д. Касирова, О.М. Алиев // Endless Light in Science. – 2023. -№3-3. -С.145-151. – DOI 10.24412/2709-1201-2023-145-151. – EDN UIPIAF.

10. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ» таҳия ва қабул гардид. (№5 аз 22 апрели соли 2003).
11. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» 21.12.2021 13:10, шаҳри Душанбе.
12. Ризокулов Т.Р. Налогообложение в условиях цифровой экономики: проблемы и перспективы / Т.Р. Ризокулов, О.М. Алиев // Вестник Таджикского государственного университети коммерции. -Душанбе, 2020. -№S4(34). -том 2.
13. Шамсов И.С. Заминаҳои рақамисозии иқтисодиёт ва таъсири он ба бозори дохилии меҳнат / И.С. Шамсов // Ташаккулёбӣ ва рушди иқтисодиёти рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: дурнамо ва тамоюли он. Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ. – 2022. -С.297.
14. Шамсов И.С. Взаимосвязь информационных технологий и рынка труда в условиях перехода к цифровой экономике / И.С. Шамсов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. - 2020. -№1. -С.24-27.
15. Шамсов, И.С. Вусъатдиҳии рақамикунонии андоз дар самти рушди маъмурикунонии андоз / И.С. Шамсов, А.Ф. Исматов // Паёми молия ва иқтисод. – 2022. -№1(30). –С.91-97. – EDN WGSQRK.

## ТАҲЛИЛ ВА БАҲОДИҲИИ ҲОЛАТИ ИСТИФОДАИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ ЭЛЕКТРОНӢ ДАР РАВАНДИ МАЪМУРИКУНОНИИ АНДОЗ

Солҳои охир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон такмил додани низоми андоз, механизму воситаҳои идоракунии андоз ва ислоҳотҳо дар такмили қонунгузорӣ андоз ба миён омадаанд. Дар ҷараёни фаъолияти мақомоти андоз як қатор норасоиҳои қонунгузориҳо ошкор ва бартараф гардида истодаанд, ки бо ёрии онҳо ба андозсупорандагон имконияти пардохти андоз танзим карда шудаАнд. Баланд бардоштани самаранокии фаъолияти низоми идоракунии андоз дар асоси таҳкими устуворӣ ва танзими қонунгузории андоз, инчунин, ҷорӣ гардидани истифодаи таҷрибаи хориҷӣ ба вуҷуд меояд. Гузариш ба шароити иқтисоди рақамӣ ва ҷорӣ гардидани технологияҳои рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, имкониятҳои зиёди истифодаи хизматрасониҳои электрониро ба вуҷуд овард. Бо мақсади вусъатдиҳии рақамикунонии маъмурикунонии андоз Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон имкониятҳои зиёди истифодаи технологияҳои рақамиро чораҷӯӣ намуда, баҳри рушди хизматрасониҳои электронӣ (фосилавӣ) ҳамкориҳои худро бо шарикони хориҷӣ мустаҳкам намуда истодааст. Дар мақола аҳаммияти назариявии истифодаи технологияҳои рақамӣ, раванди содаи истифодаи хизматрасониҳои электронӣ ва нақши хизматрасониҳои электронӣ ҷиҳати рушди маъмурикунонии андоз мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Инчунин, вобаста ба кафолати доимӣ надоштани истифодаи хизматрасониҳои электронӣ аз тарафи мақомоти андоз ва дар ин самт беҳтар намудани раванди ҳамкориҳои фосилавии мақомоти андоз бо мақомотҳои дигари давлатӣ ҷиҳати таъмини бехатарии молиявӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта шуд.

**Калидвожаҳо:** технологияҳои рақамӣ, иқтисоди рақамӣ, рақамикунонии андоз, рақамикунонии маъмурикунонии андоз, маъмурикунонии андоз, хизматрасониҳои электронӣ, хизматрасониҳои фосилавӣ, андози рақамӣ, сиёсати андоз ва танзими андоз.

## АНАЛИЗ И ОЦЕНКА ИСПОЛЬЗОВАНИЯ ЭЛЕКТРОННЫХ УСЛУГ В ПРОЦЕССЕ НАЛОГОВОГО АДМИНИСТРИРОВАНИЯ

В последние годы в Республике Таджикистан внедрено совершенствование налоговой системы, механизмов и инструментов налогового управления, а также реформы по совершенствованию налогого законодательства. В процесе деятельности налоговых органов выявляется и устраняется ряд недостатков законодательства, с помощью которых налогоплательщики смогли уплатить налоги. Повышение эффективности системы налогового администрирования основано на усилении стабильности и регламентированности налогового законодательства, а также внедрении использования зарубежного опыта. Переход к условиям цифровой экономики и внедрениЮ цифровых технологий в Республике Таджикистан создали множество возможностей для использования электронных услуг. В целях расширения цифровизации налогового администрирования Налоговый комитет при Правительстве Республики Таджикистан принимает меры по использованию цифровых технологий и укрепляет сотрудничество с зарубежными партнерами по развитию электронных услуг. В статье анализируется теоретическая значимость использования цифровых технологий, простота процесса использования электронных услуг и роль электронных услуг в развитии налогового администрирования. Также в связи с отсутствием постоянной гарантии использования электронных услуг налоговыми органами и в этом направлении изучалось совершенствование процесса дистанционного взаимодействия налоговых органов с другими государственными органами в целях обеспечения финансовой безопасности.

**Ключевые слова:** цифровые технологии, цифровая экономика, цифровизация налога, цифровизация налогового администрирования, налоговое администрирование, электронные услуги, дистанционные услуги, цифровой налог, налоговая политика и налоговое регулирование.

## ANALYSIS AND EVALUATION OF THE USE OF ELECTRONIC SERVICES IN THE PROCESS OF TAX ADMINISTRATION

In recent years, the Republic of Tajikistan has introduced the improvement of the tax system, mechanisms and tools of tax management, as well as reforms to improve legislation. In the course of the activities of the tax authorities, a number of shortcomings of the legislation are identified and eliminated, with the help of which taxpayers were able to pay taxes. Increasing the efficiency of the tax administration system is based on strengthening the stability and regulation of tax legislation, as well as introducing the use of foreign experience. The transition to a digital economy and the introduction of digital technologies in the Republic of Tajikistan have created many opportunities for the use of electronic services. In order to expand the digitalization of tax administration, the Tax Committee under the Government of the Republic of Tajikistan takes measures to use digital technologies and strengthens cooperation with foreign partners in the development of electronic services. The article analyzes the theoretical significance of the use of digital technologies, the simplicity of the process of using electronic services and the role of electronic services in the development of tax administration. Also, due to the lack of a permanent guarantee of the use of electronic services by tax authorities, in this direction, the improvement of the process of remote interaction of tax authorities with other government agencies was studied in order to ensure financial security.

**Keywords:** digital technologies, digital economy, tax digitalization, tax administration digitalization, tax administration, electronic services, remote services, digital tax, tax policy and tax regulation.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Исматов Абдулҳафиз Фазлидинович*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ассистенти кафедраи андоз ва андозбандӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 17. Телефон: **(+992) 907-93-06-64; 918-19-02-39.** E-mail: **ismatov_af24@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Исматов Абдулхафиз Фазлидинович*** - Таджикский национальный университет, ассистент кафедры налогов и налогообложения. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 907-93-06-64; 918-19-02-39.** E-mail: **ismatov_af24@mail.ru**

**Information about the author:** ***Ismatov Abdulkhafiz Fazlidinovich*** **-** Tajik National University, assistant of the Department of Taxes and Taxation. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki avenue 17. Phone: **(+992) 907-93-06-64; 918-19-02-39.** E-mail: **ismatov_af24@mail.ru**

ТДУ:338.439.01(575.3)

# ТАКМИЛИ НИЗОМИ ИДОРАКУНИИ КАС - САМТИ МУҲИММИ РУШДИ КОМПЛЕКСИ ОЗУҚАВОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Бахтиёри Изатулло Муродзода***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар ҷумҳурӣ тайи солҳои пешин дар натиҷаи мутамарказонӣ, кишоварзӣ ба истеҳсолоти бузурги ҷамъиятӣ табдил дода шуда буд. Чунин тарзи ташкили истеҳсолот якчанд даҳсола рушди босуръати кишоварзиро таъмин карда тавонист. Истеҳсоли маҳсулот дар соҳаҳои растанипарварӣ ва чорводорӣ афзоиш ёфт. Аммо чунин пешравӣ ва рушд дер давом накард. Аз солҳои 80-уми асри XX сар карда, ҳам дар низоми сиёсӣ ва ҳам дар низоми иқтисодӣ тағйиротҳо ба амал омаданд. Ин тағйиротҳо боиси пошхӯрии як низоми бузурги хоҷагидорӣ гардиданд. Дар натиҷаи он, кандашавии робитаҳои мавҷудаи иқтисодӣ байни субъектҳои хоҷагидорикунанда ба амал омаданд, ки таъсири бевоситаи худро ба кулли соҳаҳои хоҷагии халқ ва махсусан ба соҳаи кишоварзӣ расониданд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки таъмини аҳолӣ бо маводи озуқавории худӣ, имрӯзҳо барои ҳар як давлати сайёра, аз ҷумлаи масоили ҳалталаби аввалиндараҷа маҳсуб меёбад. Ҳалли ин мушкилот дар ҳар як давлати соҳибистиқлол аз кишоварзӣ ва комплекси агросаноатии рушдкарда ва идоракунии самараноки он вобастагии мустақим дорад.

Дар ин радиф, идоракунии комплекси агросаноатӣ бояд ҳамчун ҷараёни меҳнати фаъолу мақсаднок, ба самти муайянкунии мақсади амалкарди истеҳсолоти агросаноатӣ вобаста аз шароиту қонуниятҳои инкишофи он, ба самти зерин равона карда шавад: мувофиқати таносубҳои истеҳсолӣ, ҳамбастагӣ ва алоқамандии мувофиқ миёни қисмҳои таркибии алоҳида, унсурҳои системаи идоракунӣ, таъмини рушди мунтазаму баробари доираҳо ва соҳаҳои КАС, ташкили кори коркунони дар ҷараёни интегратсия ва кооператсия иштироккунанда, танзими фаъолияти иқтисодии субъектҳои идоракунӣ дар фосилаҳои муайяни вақт ва ҳудудҳои муайян. Дар зери мафҳуми танзими муносибатҳои истеҳсолӣ дар КАС, ҷараёни барқароркунии системаи ташкили оқилонаю ҳуқуқии идоракунӣ ва алоқаҳои иқтисодӣ миёни субъектҳою объектҳои идоракунии КАС фаҳмида мешавад. Мафҳуми ташкили идоракунӣ дар маънои аслии худ, мафҳуми хеле ҳам васеъ мебошад. Аввалан, ташкили идоракунӣ дар КАС ё худ дар дигар соҳаҳои бо ҳам алоқамандии иқтисодиёт маънои тартиб, мувофиқат, таъсир ва алоқамандии байниҳамдигарии субъекту объектҳои идоракунӣ ва унсурҳои системаи идоракуниро мефаҳмонад. Бо чунин тарз ба роҳ мондани ташкили идоракунӣ ба рушди иқтисодӣ-иҷтимоии деҳот таъсири бевосита мерасонад.

Ташкили хоҷагидорӣ шакл ва усулҳои фаъолияти истеҳсолии коркунонро бо мақсади ба даст овардани натиҷаҳои беҳтарин муайян мекунад. Дар ташкили меҳнат, яъне фаъолияти истеҳсолии худ коркунон озод нестанд, онҳо танҳо корҳоеро иҷро мекунанд, ки органҳои идоракунӣ дар якҷоягӣ барои идоракунии истеҳсолот қабул намуданд. Дар шакли умумӣ тайёр набудани қисмати зиёди кадрҳои дастгоҳи идоракунӣ, бевосита ташаккулёбии сохтори идоракунии ба шароити бозор мувофиқ садди роҳ мешуданд. Аз гуфтаҳои боло бармеояд, ки дар шароити кунунӣ консепсияи нави принсипиалии ташкили идоракунии КАС лозим аст. Дар ин консепсия вобаста аз тағйиротҳои дар системаи идоракунии мамлакат ба вуҷуд омада, нақши давлат бояд таҷдиди назар карда шавад. Принсипҳои асосии ин консептсия, ки комплекси агросаноатиро ҳамчун як низоми идоракунии бутун муаррифӣ менамояд, бояд инҳо бошанд: - гузариши давлат аз функсияи идоракунии соҳаҳо ва корхонаҳо ба танзими истеҳсолоти агросаноатӣ, алоқаҳои байнисоҳавӣ ва байниминтақавии он; - ба таври дақиқ муайян намудани тамоми объектҳои идоракунӣ вобаста аз шакли моликият (давлатӣ, кооперативӣ, хусусӣ); -ба таври дақиқ муайян намудани функсияҳои идоракунии давлатӣ миёни органҳои иҷроияи маҳаллӣ ва вазорати кишоварзию дигар кумитаҳои давлатии дахлдор.

Муҳимтарин ҳолати принсипиалии консепсияи идоракунии КАС, ин амалкарди мунтазами функсияҳои ба таври объективӣ барои идоракунӣ зарурӣ мебошанд. Бо мақсади ҳарчӣ беҳтар намудани идоракунии объектҳои давлатии КАС, ин объектҳоро ба уҳдаи Вазорати кишоварзӣ гузаронидан лозим аст. Ёрдампулиҳои аз ҷониби буҷети давлатӣ барои комплекси агросаноатӣ ҷудошуда, хусусан барномаҳои мақсаднок, гузаронидани таҳқиқотҳои илмӣ ва дигар чорабиниҳо бояд, характери бевосита бо корхонаи зарурӣ расониданро дошта бошанд.

Мақомотҳои идоракунии комплекси агросаноатӣ бояд дар амал ҷорӣ гардидани комёбиҳои рушди илмӣ - техникӣ, технологияро дар тамоми доираи КАС, аз ҷумла КАО ба зиммаи худ гиранд. Барои ин, ба ин органҳо ҳуқуқи таъсиррасониро ба ташаккулёбии механизми муносибатҳои байнисоҳавӣ додан лозим аст. Нақши нави давлат ҳамчун субъекти идоракунӣ ба таври асосӣ дар танзими истеҳсолот, координатсияи алоқаҳои байнисоҳавӣ ва ҷараёнҳои рушди КАС, аз ҷумла КАО ба манфиати тамоми ҷомеа мебошад. Дар навбати худ се нуқтаи асосиро, ки мавқеъ ва нақши идоракунии давлатиро дар КАС, аз ҷумла КАО дар ҳама дараҷаҳои он муайян мекунад, ба инобат гирифтан лозим аст: - ба таври дақиқ муайян намудани функсияҳои идоракунии давлатӣ дар дараҷаи хоҷагиҳо ва корхонаҳои мустақим аз рӯйи категорияи онҳо; - муайян намудани функсияҳои идоракунии хоҷагидорӣ дар дараҷаҳои гуногуни системаи КАС ва таъмини ҳамбастагии идоракунии давлатӣ ва хоҷагидорӣ; - муайян намудани таносуби оптималӣ байни зерсистемаҳои конкретӣ чораҳои идоракунии давлатӣ ва хоҷагидорӣ.

Функсияҳои асосии идоракунии давлатӣ дар КАС, аз ҷумла КАО бояд нуқтаҳои зеринро фарогир бошанд: - дар амал татбиқ намудани принсипҳои умумии ислоҳотҳои аграрии гузаронидашуда; - пешбинӣ ва коркарди стратегияи умумии рушди комплекси агросаноатӣ; - танзими истеҳсол ва фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ; -ташкили потенсиали истеҳсолии КАС; - таъмини ёрии мувофиқи молиявию - қарзӣ ба истеҳсолкунандагон; - таъмини фаъолияти иқтисодии берунмарзии корхонаҳои КАС.

Умуман, механизми нави идоракунии КАС, аз ҷумла КАО бояд функсияҳои дар боло номбурдаро дар худ таҷассум намояд. Дар маҷмуъ, дар шароити имрӯза, такмили механизми рушди идоракунии КАС - самти муҳимми рушди комплекси озуқаворӣ ҷумҳурӣ бо назардошти принсипҳо ва вазифаҳои дар боло қайдшуда, дар чунин шакл ташаккул ёфта истодааст (расми 1).

**Расми 1. Системаҳои асосии идоракунӣ дар КАО**
**Figure 1. Main management systems in KAO**




Албатта, ғайр аз функсияҳои номбаршудаи идоракунии КАС боз як қатор функсияҳои дигарро низ бояд ба инобат гирифт: - банақшагирии индикативӣ; - коркард ва ба роҳ мондани барномаҳои рушди комплексӣ, аз он ҷумла барномаҳои рушди иҷтимоӣ ва таъмини онҳо аз ҷиҳати молиявӣ; - танзими таҳқиқотҳои илмӣ дар КАС, тайёркунӣ ва баланд бардоштани дараҷаи тахассуси кадрҳо; -ташкил ва назорат аз болои кору фаъолияти хизматрасониҳои давлатӣ ва органҳои идоракунии давлат; - танзими иқтисодии ҷараёнҳои истеҳсолӣ-иҷтимоӣ ба воситаи нарх, механизми молиявӣ-қарзӣ, андоз, боҷи гумрукӣ, бурсияҳо барои содир намудани сармояи хориҷӣ ва барои дар амал татбиқ гардидани барномаҳои иқтисодӣ; - бо низом гузаронидани ислоҳоти

замин; - танзими ҳолати экологии истеҳсолоти КАС; - амалигардонии фаъолияти ахбори консултативӣ ва аудит дар КАС.

Аз таҳлили таҷрибаҳо ва назарияҳои ба такмили низоми идоракунии КАС, аз ҷумла КАО бахшидашуда бармеояд, ки ҳар яке аз системаҳои идоракунӣ мавриди истифодаи худро доро мебошанд. Дар миёни системаҳои идоракунии комплекси агросаноатӣ, мақоми махсусро идоракунии давлатӣ ишғол менамояд. Хусусан, дар шароити бозор нақши органҳои идоракунии давлатӣ баланд мегардад, аммо қобили қайд аст, ки ин аз ҳисоби афзоиши нақши танзими давлатии механизми хоҷагидорӣ мебошад. Яъне, дар шароити бозор давлат механизми хоҷагидории КАС-ро тавассути фишангҳои иқтисодӣ танзим менамояд. Айни замон ҳалли масъалаҳои хоҷагидории субъектҳои хоҷагидорикунанда ба уҳдаи худи онҳо бор мегардад. Яъне, субъектҳои мустақили хоҷагидорикунанда ба фаъолияти иқтисодии худ дар доираи КАС, аз ҷумла КАО худидоракуниро ҷорӣ намудаанд. Ғайр аз ин, қайд кардан лозим аст, ки идоракунии давлатӣ дар доираи КАС, аз ҷумла КАО мақоми худро дорад ва он ҳангоми истифодаи оқилонаи воситаҳои буҷавӣ, ёрмандиҳои давлатӣ ва захираҳои қарзӣ, сиёсати самараноки сармоягузорӣ ва институтсионалӣ зуҳур мекунад.

Яке аз самтҳои ниҳоят муҳимми идоракунии ҷараёнҳои иқтисодию истеҳсолӣ дар доираи комплекси агроозуқаворӣ, ин мушкилоти идоракунии ҷараёнҳои сармоягузорӣ дар корхонаҳои ин комплекс маҳсуб меёбад. Таъмини ҷараёни мунтазами такрористеҳсоли фондҳои асосии корхонаҳо аз ҳисоби саривақт барқароршавии онҳо ба даст оварда мешавад. Яке аз шартҳои асосии афзоиши сифатию миқдории иқтидорҳои истеҳсолии корхонаҳои кишоварзӣ, нигоҳ доштани пастравии истеҳсолот, истеҳсоли маҳсулоти босифати ба рақобат тобовар ва ба даст овардани фоидаи максималӣ ва фаъолгардонии фаъолияти сармоягузорӣ ба ҳисоб меравад. Барои фаъолгардонии фаъолияти сармоягузории корхонаҳо мавҷудияти сарчашмаҳои молиякунонӣ шарти муҳим ба шумор меравад. Дар шароити муносибатҳои бозорӣ на ҳама вақт корхонаҳо имконияти аз ҳисоби худ сармоягузорӣ карданро соҳиб ҳастанд. Ҳамзамон, таҷрибаи ҷалби сармоягузорон аз он шаҳодат медиҳад, ки на ҳама роҳбарони корхонаҳои кишоварзӣ оид ба паҳлуҳои мусбию манфии сарчашмаҳои молиякунонии сармоягузориҳо маълумоти аниқ доранд.

Дар ҳамин радиф, мушкилоти дигаре, ки иқтисодчиён - таҳлилгарон ва аспирантону докторантони ҷумҳуриро ба ташвиш овардааст, ин масъалаи маводи омори расмии ҷумҳуриро мутолиа карда, дар бораи ҳаҷми умумии сармоягузориҳо дар ҷумҳурӣ маълумоти аниқ пайдо карда натавонистани онҳо мебошад. Зеро дар омори расмӣ ҳаҷми сармоягузориҳо ба капитали асосӣ дар алоҳидагӣ дода шудааст ва инвеститсияҳои хориҷӣ бошанд дар дигар бахш баҳодиҳӣ гардидаанд. Паҳлуи дигари норавшани ин масъала он аст, ки охир сармоягузориҳо (инвеститсияҳо) ин танҳо сармоягузориҳо ба капитали асосӣ нестанд. Бо ибораи дигар, маводи омори расмиро мутолиа карда, мо дар бораи ҳаҷми умумии сармоягузориҳо дар иқтисодиёти ҷумҳурӣ, сохтори умумии сармоягузориҳо (воқеӣ, молиявӣ), ҳиссаи сармоягузориҳо дар МУД маълумоти аниқро пайдо карда наметавонем, то ин ки оид ба вазъи иқтисодиёти ҷумҳурӣ натиҷагирӣ намоем. Иқтисодчиён инвеститсияҳоро локомотиве меноманд, ки вагонҳои пурбор (соҳаҳои иқтисодиёт)-ро ба сӯи пеш мекашанд. Инҷониб, сиёсати иқтисодӣ, аз ҷумла, аз сиёсати сармоягузории давлат ва ҳукумати кишварро ҷонибдорем ва натиҷаҳои ниҳоии онро, ки дар бунёди иқтидорҳои нави истеҳсолӣ ва объектҳои инфрасохтори иҷтимоӣ таҷассум ёфта истодаанд, дида истодаем. Аз ин рӯ, умед дорем, ки ба инобат гирифтану ҳаллу фасл намудани мушкилоти дар бахши баҳисобгирии сармоягузориҳо ва таснифоти сарчашмаҳои молиякунонии онҳо, ки дар омори расмӣ ҷой доранд, боиси боз ҳам самараноктар истифодабарии сармоягузориҳо дар доираи макроиқтисодиёт гардида, дар доираи корхонаҳо ба таъмини истифодаи самараноки инвеститсияҳо (махсусан маблағҳои аз ҷониби давлат ҷудошаванда) мусоидат менамоянд. Зеро бидуни сармоягузориҳо ва истифодаи самараноку мақсадноки онҳо ягон ислоҳот, бахусус ислоҳот дар низоми идоракунии КАС ё комплекси агроозуқаворӣ ба таври оқилона ва самаранок буда наметавонад.

Дар доираи такмили низоми идоракунии КАС, аз ҷумла комплекси озуқавории он омӯзишу таҳлили таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки ягон давлати дунё аз тамоми намуди захираҳо ба қадри кофӣ таъмин нест. Яъне, дар ҳудуди як мамлакат мумкин аст, ки як намуди захираҳо зиёд, дувумӣ камёфт ва савумӣ маҳдуд бошанд. Аз ин рӯ, ҳар як давлат кӯшиш мекунад, ки аз захираҳои дар ихтиёраш буда, махсусан, аз захираҳои камёфт ва захираҳои маҳдуд самаранок истифода намояд. Маҳдудияти захираҳо, аз он ҷумла, маҳдудиятҳои технологию экологӣ ҳангоми истифодаи захираҳо мушкилоти истеҳсоли миқдори зарурии молу хизматҳоро ба вуҷуд меоварад. Ҳамзамон, набудани як низоми мукаммалгардидаи якдигарро ивазнамоии захираҳо боиси аз меъёр зиёд истифодашавии ин ва ё он намуди захираҳои мавҷуда мегардад. Аз ин рӯ, ҷустуҷӯи намудҳои нави захираҳо ва бунёди шароитҳои мувофиқ барои аз потентсиал ба сарчашма табдилёбии онҳо яке аз вазифаҳои муҳимтарини иқтисодиёти муосир ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, дар мавриди тағйиротҳо дар низоми КАС ва комплекси агроозуқавории ҷумҳурӣ амалишаванда, масъалаи дар боло зикршуда, махсусан, идоракунии захираҳои об ва заминҳои кишоварзӣ бояд ба инобат гирифта шаванд. Зеро заминаи асосии ташаккул ва равнақи комплекси агроозуқаворӣ, пеш аз ҳама, ин ду сарват маҳсуб меёбанд.

Натиҷаи таҳлилу татқиқотҳо нишон медиҳад, ки камбудиҳои асосии системаи идоракунии давлатӣ дар комплекси агросаноатӣ чунинанд:

- даст кашидани давлат аз функсияҳои идоракунии истеҳсолоти агросаноатӣ, хусусан таъсири давлат ба муносибатҳои байнисоҳавӣ кам шуда, мувозинат дар мубодилаи байни соҳаи кишоварзӣ ва саноат қариб, ки вуҷуд надорад;
- ба инобат нагирифтани вазъи дар истеҳсолоти кишоварзӣ ба амаломада ва хусусиятҳои кишоварзӣ дар минтақаҳои алоҳида ҳангоми гузаронидани ислоҳотҳои иқтисодӣ;
- мавҷуд набудани марҳилаҳо дар тағйиротҳои дар истеҳсолоти кишоварзӣ ба вуҷуд омада ва ба инобат нагирифтани омилҳои иҷтимоӣ.

Нақши танзимкунӣ ва худтанзимкунии бозорро тайи чанд садсолаи охир таҷрибаи ҷаҳонӣ исбот намудааст. Моҳияти гузариш ба муносибатҳои бозорӣ мақсадҳои стратегии ислоҳоти иқтисодии гузаронидашаванда мебошанд, аммо шароити бозор ба ғайри қувваҳои бунёдкунанда, боз қувваҳои барҳамдиҳанда ё худ вайронсозанда амал мекунанд. Муътадил гардонидани амалкарди ин қувваҳо, вазифаи муҳиму аввалиндараҷаи ташкили илмии истеҳсолот ва идоракунии он мебошад. Даст кашидани давлат аз чунин як функсияи танзимкунӣ ин бевосита маънои рӯ ба рӯ шудан ба буҳрон дар истеҳсолот ва идоракунии он мебошад, ки таҷрибаи ҷаҳонӣ ба ин шаҳодат медиҳад. Дар шароити бозор банақшагирӣ ҳамчун функсияи идоракунӣ тавассути методи индикативӣ дар ҳамгироӣ боояндабинӣ амалӣ мегардад, ки ин шарти самаранокии амалкарди механизми хоҷагидорӣ дар комплекси агросаноатӣ ба шумор меравад.

Маълум аст, ки мукаммалии такмили низом ва механизми рушди идоракунии КАС, ҳамчун самти муҳимми рушди комплекси озуқавории ҷумҳурӣ баромад мекунад, ки аз самаранокии фаъолияти идоракунии системаҳои асосии идоракунӣ дар КАС вобастагии мустақим дорад. Албатта, соҳаи кишоварзӣ дар комплекси агросаноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соҳаи марказӣ баҳисоб рафта, саноати коркарди ватаниро бо ашёи хоми хушсифат таъмин менамояд. Дар ин замина мо дар матни зер кӯшиш ба харҷ медиҳем, ки самаранокии низоми идоракунии КАС, аз ҷумла комплекси агроозуқавориро дар ТБО аҳолии кишвар, бахусус, дар минтақаи агросаноатии Марказу Ҳисор барои хонандаи гиромӣ ошкор созем. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар соҳаи аграрӣ гузариш аз иқтисоди нақшавӣ ба иқтисодиёти бозорӣ тақозо дорад, ки то як дараҷаи муайян аз идоракунии маъмурӣ дар КАС даст кашида, ба усули идоракунии иқтисодӣ гузарем. Зимни он танзими давлатӣ тавассути чорабиниҳо ё худ низоми чорабиниҳои иқтисодӣ амалӣ мегардад. Дар ҷадвали 1 мо яке аз иқдомҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, яъне меъёрҳои муқарраршудаи физиологии истеъмоли маҳсулоти озуқаворӣ ба ҳар нафар аҳолии ҷумҳуриро меорем, ки барои тақвияти таҳлили ояндаи мавзуи мазкур зарур мебошанд.

**Ҷадвали 1. Меъёрҳои тавсиявии физиологии истеъмоли маҳсулоти асосии озуқаворӣ ба ҳар сари аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Table 1. Recommended physiological rates of consumption of basic food products per capita of the Republic of Tajikistan**

| Номгӯи маҳсулот | Грамм дар як шабонарӯз | Килограмм дар як моҳ | Килограмм дар як сол |
|---|---|---|---|
| Нон ва маҳсулоти нонӣ, ярмаҳо, лӯбиёгиҳо | 404,7 | 12,1 | 147,7 |
| Гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ | 111,9 | 3,4 | 40,8 |
| Моҳӣ ва маҳсулоти моҳигӣ | 24,6 | 0,7 | 9,0 |
| Шир ва маҳсулоти ширӣ | 316,0 | 9,5 | 115,3 |
| Тухм (дона) | 0,5 | 15,0 | 180,0 |
| Равған (растанӣ, чарбу) | 46,2 | 1,38 | 16,6 |
| Қанд | 54,8 | 1,6 | 20,0 |
| Сабзавот ва полезиҳо | 455,0 | 13,7 | 166,1 |
| Мева ва буттамева | 340,0 | 10,2 | 124,1 |
| Картошка | 252,0 | 7,6 | 92,0 |
| Чой | 5 | 0,15 | 1,8 |

Сарчашма: Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.08.2018, №451.

Ба сифати чорабиниҳои иқтисодӣ, нархгузорӣ, андозситонӣ, механизми молиявӣ-қарзӣ, ташкили хизматрасониҳои маркетингӣ хизмат мекунанд. Дар идоракунии комплекси агросаноатӣ донистани таносуб, яъне мутаносибияти объект ва субъекти идоракунӣ шарти муҳим ба шумор меравад. Объективӣ будани идоракунӣ, ин шарти муҳим ва аввалиндараҷа дар ҳама зинаҳои низоми идоракунӣ ба шумор меравад, аммо дар навбати худ, таъсири субъективии коркунон, ки дар сохтори идоракунии КАС фаъолият мекунанд, хеле калон аст. Чунки идоракунии самаранок ва ё ҳалли оқилонаи мушкилотҳоро маҳз мутахассисон кор карда мебароянд, ки он меҳнат ё худ фаъолияти эҷодкоронаи субъектҳои идоракуниро инъикос менамоянд. Аз ин ҷост, ки идоракунии самараноки комплекси агросаноатӣ, ки пешрафти илмӣ-техникӣ ва иқтисодию иҷтимоии онро таъмин менамояд, мавҷудияти мутаносибии муайянро миёни объекту субъекти идоракунӣ тақозо дорад. Дар замони Иттиҳоди Шуравӣ, дар зери таъсири идеологияи он ба чунин як хулоса омада буданд, ки модели беҳтарини пешбурди истеҳсолот, ин истеҳсолоти ҷамъиятӣ ва идоракунии маъмурӣ-фармонфармоӣ шакли «оқилонаи» он мебошад. Бад-ин тариқ, ҳарҷӣ таҷрибаи ҷаҳонӣ ва илми иқтисод андӯхта буд, рад гардида, зери тозиёнаи танқид қарор гирифта буд. Кӯр-кӯрона тақлид намудан ба ин модел ва принсипҳои ташкилии он дар ниҳояти кор ба пошхӯрии як низоми бузурги хоҷагидорию идоракунӣ оварда расонид. Дар давраи гузариш ба муносибатҳои бозорӣ, ҳолати иқтисодӣ-иҷтимоӣ дар радифи ҷараёнҳои хоҷагидории ҷаҳонӣ сурат мегирад. Яъне, тавассути ҳамбастагии оқилонаи танзими бозорӣ ва идоракунии давлатӣ дар механизми хоҷагидорӣ тағйиротҳои сифатию миқдориро ба даст овардан мумкин аст.

Чунончи таҳлилҳо нишон медиҳанд, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулотҳои асосии соҳаи кишоварзии ҷумҳурӣ дар замони истиқлолияти кишвар тамоюл ба инкишоф дорад (ҷадвали 2).

Ҳангоми методи хоҷагидории маъмурӣ-фармонфармоӣ ба самаранокии идоракунӣ дар низоми КАС, на он қадар аҳаммият медоданд, чунки дар он вақт вазифаи асосӣ иҷрои нақшаҳои аз боло пешниҳодгардида буд, аммо ба кадом восита ин нақшаҳо иҷро мешуданд, аҳаммияте надошт, вале механизми навташкилёфтаи хоҷагидорӣ ба бозор нигаронида шудааст ва дар он идоракунӣ аз талаботу таклифоти бозор вобаста мебошад. Бо ибораи дигар, идоракунӣ аз рақобати бозорӣ ва истифодаи самараноки захираи мавҷудаи комплекси агросаноатӣ вобастагӣ дорад. Дар ин ҷода кадрҳои дар сохтори идоракунии КАС машғулбуда, нақши муҳимро мебозанд. Яъне, ҳар қадар ин кадрҳо донишҳои зарурии дар шароити бозор муҳимро аз худ кунанд, ҳамон қадар самаранок метавонанд фишангҳои танзими ҷараёни такрористеҳсолро ба даст гирифта,

ба идоракунӣ таъсир расонида, суръат ва самаранокии истеҳсолотро таъмин намуда, ба тағйиротҳои мусбӣ дар ҳаёти иҷтимоии ҷомеа мусоидат намоянд.

**Ҷадвали 2. Истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба як нафар аҳолӣ, кг**
**Table 2. Production of agricultural products per capita, kg**

| Номгӯйи маҳсулот | Солҳо | | | | | | | 2021 нисбат ба 1991, бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 1991 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | |
| Ғалладона | 54,3 | 163,4 | 161,2 | 141,5 | 152,2 | 165,0 | 161,8 | 2 баробар |
| Картошка | 32,3 | 103,9 | 88,6 | 106,8 | 107,9 | 108,7 | 106,2 | 2,3 баробар |
| Сабзавот | 112,1 | 202,2 | 210,4 | 234,8 | 236,7 | 263,5 | 264,9 | 1,4 баробар |
| Полизӣ | 31,2 | 68,7 | 71,4 | 71,1 | 76,1 | 80,5 | 83,5 | 1,6 баробар |
| Меваҳо ва буттамеваҳо | 31,6 | 42,1 | 45,8 | 49,6 | 51,4 | 49,7 | 45,3 | + 43,4 |
| Ангур | 21,6 | 24,8 | 25,8 | 26,8 | 26,8 | 25,4 | 27,3 | + 26,4 |
| Гӯшт (дар вазни кушташуда) | 13,4 | 13,5 | 14,1 | 14,5 | 14,8 | 16,0 | 16,7 | + 24,6 |
| Шир | 104,9 | 106,2 | 107,5 | 108,9 | 108,5 | 108,5 | 106,3 | + 1,3 |
| Тухм, дона | 81,1 | 39,0 | 38,6 | 49,9 | 78,7 | 104,5 | 107,4 | + 32,4 |

Сарчашма: Кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маҷмуаи оморӣ. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе, 2022. -С.15 (354с.)

Масъалаҳо ва таҳқиқотҳоро оиди мушкилоти идоракунӣ таҳлил намуда, мебинем, ки системаи идоракунӣ дар шароити бозор низ самти иҷтимоии худро гум намекунад. Ва ин масъала бояд мавриди омӯзишу коркарди илмӣ дар институтҳои таҳқиқотӣ, ҳуқуқӣ қарор гирад. Чуноне, ки аз ҷадвали 3 маълум гардид, истеҳсоли ғалла ва маҳсулоти ғалладонагӣ тибқи меъёрҳои тавсияшаванда, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.08.2018, таҳти №451 тасдиқ карда шудааст 147,7 кг дар як солро ташкил медиҳад, ки ин дар соли 2021 ба сари аҳолӣ 161,8 кг-ро ташкил дода истодааст ва ё ин ки аз меъёр 9,5% зиёд мебошад. Инчунин, истеҳсоли картошка 15,4%, сабзавот ва обчакорӣ 59,5% зиёд мебошанд.

**Ҷадвали 3. Таъминнокии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маҳсулоти кишоварзӣ (таносуби фоизи бо меъёри тавсияшавандаи истеъмол 1 кг/одам дар як сол)**
**Table 3. Availability of agricultural products of the population of the Republic of Tajikistan (percentage ratio with the recommended rate of consumption of 1 kg/person per year)**

| Навъҳои маҳсулот | Меъёри тавсияшавандаи истеъмол 1 кг/одам дар як сол | СОЛҲО | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2019 | | 2020 | | 2021 | |
| | | Ба сари аҳолӣ, кг | Сатҳи таъмин будан, % | Ба сари аҳолӣ кг | Сатҳи таъмин будан, % | Ба сари аҳолӣ, кг | Сатҳи таъмин будан, % |
| Ғалла ва маҳсулоти ғалладонагӣ | **147,7** | 152,2 | 103,0 | 165,0 | 111,7 | 161,8 | 109,5 |
| Картошка | **92,0** | 107,9 | 117,2 | 108,7 | 118,1 | 106,2 | 115,4 |
| Сабзавот ва обчакорӣ | **166,1** | 236,7 | 142,5 | 263,5 | 158,6 | 264,9 | 159,5 |
| Мевагӣ ва ангур | **124,1** | 78,2 | 63,0 | 75,1 | 60,5 | 72,6 | 58,5 |
| Шир | **115,3** | 108,5 | 94,1 | 108,5 | 94,1 | 106,3 | 92,2 |
| Гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ | **40,8** | 14,8 | 36,2 | 16,0 | 39,2 | 16,7 | 40,9 |
| Тухм (дона) | **180,0** | 78,7 | 43,7 | 104,5 | 58,0 | 107,4 | 60,0 |

Сарчашма: Ҳисобҳои муаллиф дар асоси маводи маҷмуаи омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. - 2022.-С.15(354с.).

Аммо таъминнокии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маҳсулотҳои ширу маҳсулоти кокарди саноатии он, гӯшту маҳсулот коркарди саноатии он, мевагиҳо ва тухм нисбатан камтар мебошад.

Самти асосии афзоиши маҳсулоти умумии кишоварзӣ, интенсификатсияи муттасили соҳаҳои растанипарварӣ ва чорводорӣ дар базаи химиякунонӣ, мелиоратсия

ва механизатсияи комплексӣ ба ҳисоб меравад. Зиёдшавии маҳсулоти растанипарвариро аз ҳисоби баландбардории ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ ба даст овардан мумкин аст. Неруи (потенсиали) ҳосилнокии навъҳои зироатҳое, ки дар шароити имрӯза дар кишоварзӣ ба кор бурда мешаванд, ҳамагӣ 55-65% истифода мешавад. Сабаби инро мутахассисон чунин маънидод мекунанд: риоя накардани технологияи парвариш ва нигоҳубини растаниҳо ва ҷамъоварии ҳосил, аз меъёрҳои муқарраршуда кам андохтани нуриҳои органикӣ ва минералӣ, тайёркунии ғайриқаноатбахши тухмӣ ва маводи кӯчатшаванда, дараҷаи пасти ташкили истеҳсолот дар хоҷагиҳо.

Самтҳои муҳимтарини афзоиши маҳсулоти умумии чорводорӣ инҳоянд: беҳтаргардонии таркиби насли (зоти)-и чорво, рушди босуръати базаи хӯроки чорво, баландбардории дараҷаи механизатсияи ҷараёнҳои меҳнатғунҷоишашон баланд, мукаммалгардонии усулҳои нигоҳдории чорво. Ба ҳисоби мутахассисон танҳо аз ҳисоби истифодаи ратсионалии захираҳои моддӣ-меҳнатӣ, саривақт гузаронидани чорабиниҳои зооветеринарӣ маҳсулнокии чорворо 20-25% баланд бардоштан мумкин аст. Роҳҳои асосии баландбардории дараҷаи молнокии истеҳсолоти кишоварзӣ дар шароити имрӯза инҳоянд: - кам кардани харҷи дохилихоҷагии маҳсулот барои ниёзҳои истеҳсолӣ; - беҳтаргардонии сифати тухмӣ, хӯроки чорво ва истифодаи сарфакоронаи онҳо; - кам кардани талафоти маҳсулот дар ҷараёни истеҳсол, нигоҳдорӣ, кашонидан ва фурӯши он; - тайёркунии кадрҳои баландихтисос, ки дар шароити бозор кор карда метавонанд. Натиҷаҳои ниҳоии молиявӣ ва иқтисодии фаъолияти корхонаҳои кишоварзиро аз бисёр ҷиҳат ҳаҷм ва сифати маҳсулоти фурӯхташуда муайян мекунанд.

Маҳсулоти фурӯхташуда ҳамчун ченаки боигарӣ ва беҳбудӣ на танҳо барои кишоварзӣ, балки барои дигар соҳаҳо ва истеҳсолоти комплекси агросаноатӣ баромад мекунад. Фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ ин як ҷараёни фаъоли иқтисодиест, ки ҳаракати маҳсулоти молии корхонаҳои кишоварзиро аз истеҳсолот (истеҳсолкунанда) то истеъмолот (истеъмолкунанда) инъикос менамояд. Самаранокии фурӯши маҳсулоти кишоварзиро дараҷаи интегратсияи кишоварзӣ дар тақсимоти ҷамъиятии меҳнат тавсиф мекунад. Фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ аз шарту шароитҳои зерин вобастагӣ дорад: -таркиби физикавии ашёи хоми кишоварзӣ ва маҳсулоти тайёри хӯрока; - завқ (хоҳиш)-и харидор ва хароҷотҳои мақсадноки он; - хароҷотҳои мақсадноки молистеҳсолкунандаи кишоварзӣ; - тақсимоти ҳудудии истеҳсолкунандагон ва истеъмолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ; - технологияи истеҳсолот ва хароҷотҳо дар секторҳои савдо ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ.

Расонидани маҳсулотҳои кишоварзӣ ба ташкилотҳои савдои чакана тавассути корхонаву ташкилотҳои савдои яклухт аз бисёр ҷиҳат ба тақсимоти ҳудудӣ ва ҷойгиршавии мавқеи истеҳсоли намудҳои маҳсулотҳои кишоварзӣ вобастагӣ дорад. Аз ин лиҳоз, низоми бозорҳои яклухти маҳсулоти кишоварзӣ (хӯрокворӣ) бояд ба иҷроиши вазифаҳои зерин мусоидат намоянд: - таъмини мунтазаму шабонарӯзии аҳолӣ бо маҳсулотҳои хӯрокворecho баландсифат; -таъмини баромади молистеҳсолкунандагони кишоварзӣ ва истеъмолкунандагони маҳсулоти онҳо ба бозори рақобати озоде, ки ҳар ду ҷониб имкониятҳои воқеии интихобро дошта бошанд; - мусоидат намудан ба ҷараёни ҳаракати босуръати молҳо то истеъмолкунандагони ниҳоӣ; - мусоидат намудан ба содаву одӣ гардидани ҳисоббаробаркуниҳо ва пардохтҳои миёни харидорону фурӯшандагон. Зимни бунёду ташаккулёбии бозори рақобатноку озоди маҳсулотҳои кишоварзӣ нуктаҳои дар боло номбурдашударо ба инобат гирифтан лозим меояд.

Дар замони гузариш ба бозор як зумра коркунон бекор мемонанд ва барои қисмати дигар бо музди меҳнати ночиз зиндагӣ кардан мушкилӣ менамояд. Маълум аст, ки рушд ва пешравӣ дар мамолики пешқадам бар он сабаб ба амал омадааст, ки назариячиён ва амалиячиён дар ин мамолик бештар ба ҷиҳати ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ диққати ҷиддӣ додаанд. Масалан, дар асоси «сеҳри иқтисодии олмон» консепсияи хоҷагии бозорӣ - иҷтимоии Л. Эрхард таҳкурсӣ дорад. Ба фикри олимон-иқтисодчиён ва сиёсатмадорони Олмон хоҷагии бозорӣ бидуни нишонаҳои самти иҷтимоидошта муҳите мебошад барои бойшавии як гурӯҳи хурд ва муфлисшавии қисмати калони ҷомеа. Ба ақидаи онҳо аз консепсияи хоҷагии бозорӣ-иҷтимоӣ оҳиста-

оҳиста ба консепсияи интегратсияи дигар соҳаҳои фаъолияти инсон гузаштан мумкин аст. Ҳамчунон, бояд қайд кард, ки асоси «модели шведӣ»-и рушди ҷомеаро низ консепсияи интегратсияи иқтисодӣ ташкил медиҳад, ҷой дорад. Дар маҷмуъ, таҳлили консепсияҳои гуногун оид ба идоракунӣ ба 3 хулосаи назариявӣ-амалӣ оварда мерасонад:

**Якум**, ихтисос дар соҳаи идоракунӣ, ки ба дониши чуқури назариявӣ ва омӯзиши равандҳои такрористеҳсол асос ёфтааст, омили асосии ташаккулёбии ин ва ё он системаи идоракунӣ ба шумор меравад.

**Дуввум**, хоҷагии бозорӣ маҳз тавассути функсияи танзимкунии давлатӣ самти иҷтимоӣ дошта метавонад.

**Сеюм**, ҳар як давлати мустақил ва соҳибҳуқуқ ҳамчун инъикоскунандаи ташаккулёбӣ ва танзими равандҳои ҷомеаи ҳозиразамону мутамаддин баромад мекунад, ки равандҳои он иқтисодӣ, технологӣ, иҷтимоӣ, экологӣ, маданӣ-фарҳангӣ буда метавонанд.

Маълум аст, ки ин ҳама хулосаҳои овардашуда, таъсири бевоситаи худро ба КАС низ мерасонанд. Дар давраи ташаккулёбии иқтисоди аграрии бисёрсоҳа, шаклҳои гуногуни хоҷагидорӣ ба миён омадааст: хусусӣ, саҳомӣ, коллективӣ, кооперативӣ. Дар айни замон ба ҳар як соҳаи муайяни сектори иқтисодӣ аз системаи умумии идоракунӣ, зерсистемаҳои махсуси КАС дар намуди давлатӣ ё хусусӣ ҷудо мегарданд.

Аз дигар ҷониб, назарияи идоракунӣ ва таҳкурсии он тайи солҳои зиёде пайдо мегардад. Бисёри системаҳои идоракунӣ новобаста аз тағйиротҳои иҷтимоӣ ташкил меёбанд, аммо баъдан вобаста аз вазъи иқтисодӣ ва шароитҳои иҷтимоӣ шакл ва мундариҷаи худро табдилу тағйир дода, ба ҳолати мавҷудаи иқтисодӣ-иҷтимоӣ мувофиқат мекунанд. Таъкид карда мешавад, ки чунин категорияҳо ба монанди стихиявӣ, бошуурона, субъективӣ, механизмҳо, функсияҳо, методҳо, субъектҳо ва объектҳои идоракунӣ, танзимкунӣ, худтанзимкунӣ, худидоракунӣ ба қатори мафҳумҳои фундаменталии идоракунӣ дохил мегарданд.

Ҳамин тариқ, аз таҳлили маводи дар ин мақола таҳқиқшуда, яъне натиҷаи таҳқиқотҳои гузаронидашуда имкон медиҳанд, ки хулосаҳои муайяни назариявӣ бароварда, асосҳои методологии ташкили идоракуниро дар комплекси агросаноатӣ, махсусан дар зеркомплекси озуқавории он муайян намуда, чунин натиҷагирӣ намоем.

1. Идоракунии комплекси агросаноатиро ҳамчун як зернизоми зарурии идоракунии иқтисодиёти мамлакат донистан зарур мебошад, ки яке аз низомҳои калидии он, ин идоракунии комплекси агроозуқаворӣ ба ҳисоб меравад.

2. Аз нигоҳи илмӣ идоракунии комплекси агроозуқаворӣ, низоми муносибатҳои ҷамъиятие мебошад, ки тавассути қонунҳои объективӣ ва принсипҳои ташкилӣ танзим карда мешавад.

3. Идоракунӣ ба тақсимоти ҷамъиятии меҳнат асос ёфта, намуди мушаххаси фаъолияти инсон маҳсуб меёбад, ки дар комплекси агроозуқаворӣ, аз ҷумла дар субъектҳои хоҷагидории он, кооперативҳо, ҷамъияти саҳомӣ ва дигар намуди шаклҳои корхонаҳо алоқаҳо ва ягонагиро дар ҷараёни такрористеҳсоли ҷамъиятӣ таъмин менамояд.

4. Дараҷаи ташкили идоракунии истеҳсолоти комплекси агроозуқаворӣ аз рушди қувваҳои истеҳсолкунанда вобаста мебошад. Ин дар навбати худ, қонунияти объективӣ ва зарурати амалкарду рушди ҷараёнҳои такрористеҳсолии ҷамъиятӣ (ҳамчун як системаи пурра) ба ҳисоб меравад.

5. Механизми нави идоракунии КАС, аз ҷумла, КАО бояд усулҳо, принсипҳо, хусусиятҳо, фишангҳо, вазифаҳо ва функсияҳои дар боло номбаршударо дар худ таҷассум намуда, дар оянда бояд такмил ёбанд.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДМТ – Файзуллоев Т.Т.**

**АДАБИЁТ**


1. Барномаи ислоҳоти кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи солҳои 2012-2020 // Қарори Ҳукумати ҶТ аз 01.08.2012с. -№383. -Душанбе, 2012. -41 с. [Манбаи электронӣ]. URL: www/moa.tj

2. Бахтиёри И.М. Агарная реформа в Республике Таджикистан: положение, направление и трудности / Бахтиёри И.М., И.С. Ашуров // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. -Душанбе: Сино, 2015. -№2/2(161). -С.247-252.
3. Бахтиёри И.М. Комплекси агросаноатӣ ва таъмини бехатарии озуқаворecho аҳолии ҷумҳурӣ / Бахтиёри И.М. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. -Душанбе, 2022. -№8. -С.192-200.
4. Консепсияи сиёсати аграрии Ҷумҳурии Тоҷикистон/Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.12.2008с. -№658. -Душанбе, 2008. -67 с. [Манбаи электронӣ]. URL: www.moa.tj
5. Самиев Ш.Ф. Устойчивое развитие АПК как условие обеспечения продовольственной безопасности страны / Ш.Ф. Самиев, Махмадизода Ф.Б., З.М. Джабборова // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. - 2017. -№2/10. -С.126-130.
6. Тагоев Дж. Агропродовольственные аспекты стратегического развития национальной экономики / Дж. Тагоев // Вестник Российско-Таджикского (славянского) университета. –Душанбе: Типография РТСУ, 2018. -С.8-17, (в соавторстве, автором - 0,4).
7. Тағоев Ҷ.Ҳ. Дурнамои рушди стратегии комплекси озуқаворecho ҷумҳурӣ дар низоми комплекси агросаноатӣ / Ҷ.Ҳ. Тағоев, Бахтиёри И.М. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. -Душанбе, 2023. -№5. –С.61-70.
8. Тағоев Ҷ.Ҳ. Рушди системаи идоракунии фаъолияти инноватсионӣ дар КАС-и минтақа (дар маводҳои вилояти Хатлон). Монография / Ҷ.Ҳ. Тағоев, Н. Наврӯзи. -Душанбе, 2021. -189 с.
9. Турсунов Р.Р. Роль промышленной инфраструктуры в урегулировании конъюнктуры рынка труда в Республике Таджикистан. Экономика и управление: проблемы и решения. Том 2 / Р.Р. Турсунов. -М.: Дом печати, 2019.
10. Фасеҳзода И.С. Моҳияти механизми иқтисодии хоҷагидорӣ ва таҳаввулоти он дар рушди босуботи иқтисодӣ / Фасеҳзода И.С., Х.А. Сайдалиев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. -Душанбе, 2020. -№7. –С.214-218.
11. Фасеҳзода И.С. Рушди истеҳсолоти маҳсулоти озуқаворӣ ва таъсири он ба иқтисодиёти минтақа / Фасеҳзода И.С., Назарзода А. // Маҷаллаи илмию сиёсии «Идоракунии давлатӣ»-и Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе, 2021. -№3(52). -С.58-64.
12. Хушвахтзода, К.Х. Создание регионального агропродовольственного кластера в условиях ВТО / Хушвахтзода К.Х., Махмадизода Ф.Б. // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2022. -№2. -С.5-12.

## ТАКМИЛИ НИЗОМИ ИДОРАКУНИИ КАС - САМТИ МУҲИММИ РУШДИ КОМПЛЕКСИ ОЗУҚАВОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақолаи мазкур аз таҳлили таҷрибаҳо ва назарияҳои ба такмили низоми идоракунии КАС, аз ҷумла КАО натиҷагирӣ шудааст, ки дар миёни системаҳои идоракунии комплекси агросаноатӣ мақоми махсусро идоракунии давлатӣ ишғол менамояд. Хусусан, дар шароити бозор нақши органҳои идоракунии давлатӣ баланд мегардад, аммо қобили қайд аст, ки ин аз ҳисоби афзоиши нақши танзими давлатии механизми хоҷагидорӣ мебошад. Яъне, дар шароити бозор давлат механизми хоҷагидории КАС-ро тавассути фишангҳои иқтисодӣ танзим менамояд. Аз ин рӯ, дар мақола таъкид гардидааст, ки нақши нави давлат ҳамчун субъекти идоракунӣ ба таври асосӣ дар танзими истеҳсолот, координатсияи алоқаҳои байнисоҳавӣ ва ҷараёнҳои рушди КАС, аз ҷумла КАО ба манфиати тамоми ҷомеа мебошад. Дар навбати худ се нуктаи асосиро, ки мавқеъ ва нақши идоракунии давлатиро дар КАС, аз ҷумла КАО дар ҳама дараҷаҳои он муайян мекунад, ба инобат гирифтан лозим аст: ба таври дақиқ муайян намудани функсияҳои идоракунии давлатӣ дар дараҷаи хоҷагиҳо ва корхонаҳои мустақим аз рӯи категорияи онҳо; муайян намудани функсияҳои идоракунии хоҷагидорӣ дар дараҷаҳои гуногуни системаи КАС ва таъмини ҳамбастагии идоракунии давлатӣ ва хоҷагидорӣ; муайян намудани таносуби оптималӣ байни зерсистемаҳои конкретӣ чораҳои идоракунии давлатӣ ва хоҷагидорӣ. Дар маҷмуъ, аз рӯйи натиҷаҳои таҳқиқот муаллиф шароитҳои таъмини бехатарии озуқавориро дар асоси рушди комплекси агроозуқаворӣ ва истифодаи афзалиятҳои мамлакат барои истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ пешниҳод ва асоснок намудааст.

**Калидвожаҳо:** комплекси агросаноатӣ, комплекси озуқаворӣ, истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, сиёсати давлатӣ, бехатарии иқтисодӣ, бехатарии озуқаворӣ, кишоварзӣ, саноатикунонии иқтисодиёти миллӣ, низоми идоракунӣ, идоракукунии давлатӣ, механизми танзими давлатӣ.

## СОВЕРШЕНСТВОВАНИЕ СИСТЕМЫ УПРАВЛЕНИЯ АПК – ВАЖНОЕ НАПРАВЛЕНИЕ РАЗВИТИЯ ПРОДОВОЛЬСТВЕННОГО КОМПЛЕКСА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

В данной статье, на основе анализа опыта и теории по совершенствованию системы управления АПК, сделан вывод, что государственное управление занимает особое положение среди систем управления АПК. В частности, в рыночных условиях возрастает роль органов государственного управления, но стоит отметить, что это связано с повышением роли государственного регулирования экономического механизма. То есть в рыночных условиях государство регулирует экономический механизм АПК посредством экономических рычагов. Поэтому в статье подчеркивается, что новая роль государства как субъекта управления заключается главным образом в регулировании производства, координации межотраслевых связей и процессов развития АПК на благо всего общества. В свою очередь, необходимо учитывать три основных момента, определяющих

положение и роль государственного управления в АПК на всех его уровнях: точное определение функции государственного управления на уровне фермерских хозяйств и руководство предприятиями по их категориям; определение функций управления экономикой на разных уровнях системы АПК и обеспечение координации государственного и хозяйственного управления; определение оптимального соотношения между конкретными подсистемами государственного и экономического управления. В целом, по результатам исследования автор предложил и обосновал условия обеспечения продовольственной безопасности на основе развития агропродовольственного комплекса и использования преимуществ страны для производства сельскохозяйственной продукции.

**Ключевые слова:** агропромышленный комплекс, продовольственный комплекс, производство сельскохозяйственной продукции, государственная политика, экономическая безопасность, продовольственная безопасность, сельское хозяйство, индустриализация национальной экономики, система управления, государственное управление, механизм государственного регулирования.

## IMPROVING THE AGRICULTURAL INDUSTRY MANAGEMENT SYSTEM IS AN IMPORTANT DIRECTION IN THE DEVELOPMENT OF THE FOOD COMPLEX OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

In this article, based on an analysis of experience and theory on improving the management system of the agro-industrial complex, it is concluded that public administration occupies a special position among the management systems of the agro-industrial complex. In particular, in market conditions the role of government bodies increases, but it is worth noting that this is due to the increased role of state regulation of the economic mechanism. That is, in market conditions, the state regulates the economic mechanism of the agro-industrial complex through economic levers. Therefore, the article emphasizes that the new role of the state as a subject of management consists mainly in regulating production, coordinating intersectoral connections and processes of development of the agro-industrial complex for the benefit of the whole society. In turn, it is necessary to take into account three main points that determine the position and role of public administration in the agro-industrial complex at all its levels: the precise definition of the function of public administration at the farm level and the management of enterprises by their categories; determining the functions of economic management at different levels of the agro-industrial complex system and ensuring coordination of state and economic management; determination of the optimal relationship between specific subsystems of state and economic management. In general, based on the results of the study, the author proposed and justified the conditions for ensuring food security based on the development of the agri-food complex and the use of the country's advantages for the production of agricultural products.

**Keywords:** agro-industrial complex, food complex, agricultural production, public policy, economic security, food security, agriculture, industrialization of the national economy, management system, public administration, mechanism of state regulation.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Бахтиёри Изатулло Муродзода* -** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ассистенти кафедраи иқтисод ва идораи КАС. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **bahtier.izatullo@mail.ru**. Телефон: **(+992) 908 00 58 91**

**Сведения об авторе:** ***Бахтиёри Изатулло Муродзода*** – Таджикский национальный университет, ассистент кафедры экономики и управления АПК. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **bahtier.izatullo@mail.ru**. Телефон: **(+992) 908 00 58 91**

**Information about the author:** ***Bakhtiyori Izatullo Murodzoda*** – Tajik National University, assistant at the department of economics and management of agro-industrial complex. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. E-mail: **bahtier.izatullo@mail.ru.** Phone: **(+992) 908 00 58 91**

ТДУ: 330.341.42

# АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ РУШДИ БАХШИ ДАВЛАТӢ ДАР МАРҲИЛАИ МУОСИР

*Тагойназаров А.Қ.*
**Донишгоҳи миллии Точикистон**

Дар замони муосир, дар адабиёти ватанӣ аз ҷониби ҷомеаи илмӣ ба элитаи сиёсии мамлакат масъалаҳои дида баромадани муносибатҳо ба давлат ва бахши давлатӣ пешниҳод карда мешаванд. Вазифаи интихоби модели самарабахши бахши давлатӣ ва системаи идоракунии он гузошта мешаванд. Дар ин ҷараён масъалаи қоидаи моҳиятнокии бахши давлатӣ аҳаммияти махсус ва муҳимро дорад. Аз он рӯзҳо муносибатҳои амиқ барои муайян кардан ва ба қисмҳо ҷудо намудани бахши давлатӣ бо мафҳуми мустақил арзи ҳастӣ надоштанд. Дар алоқамандӣ ба ин Э.Б. Аткинсон ва Ҷ.Э. Стиглитс [1,с.23] қайд менамоянд, ки фаҳмиши бахши давлатӣ аз меъёрҳои истифодашудаи тадқиқотчиён вобастагӣ дорад: истеҳсолоти бозоргонӣ ва ғайрибозоргонӣ, сатҳи назорати давлатӣ. Зимнан, вобаста ба аломатҳои ҷудогона фаъолияти давлат ба фаъолияти хусусӣ монанд мебошад. Дар бисёр ҳолатҳо барои он, ки соҳаи фаъолияти бахши давлатӣ муайян карда шавад, меъёрҳои фоиданокии ҷамъиятӣ ва тавақҷуҳи умумӣ истифода карда мешаванд. Дар маҷмуъ, таҷриба нишон медиҳад, ки мазмуну мундариҷаи меъёрҳои нишондодашуда бо мурури замон метавонанд тағйир ёбанд. Дар замони муосир беҳтаркунонӣ ва ислоҳдорорӣ ба тавақҷуҳи умумӣ ба шумораи зиёди шаклҳои фаъолияти бахши хусусӣ, махсусан, дар соҳаи неъматҳои омехта ворид мегарданд.

Б.В. Балатский [2,с.55] қайд мекунад, ки бахши давлатии иқтисодиёт, яке аз қисмҳои иқтисоди миллӣ буда, аз якчанд субекти хоҷагидорӣ иборат мебошад. Вай зери мафҳуми бахши давлатии иқтисодӣ маҷмуи шахсони ҳуқуқиро мефаҳмад, ки идоракунии онҳо аз тарафи давлат ба роҳ монда мешавад. Дар ин қоида ба андешаи мо, мафҳуми бахши давлатӣ дар доираи фаъолияти корхонаҳои давлатӣ маҳдуд карда мешавад.

Л.И. Якобсон [14,с.13] навиштааст, ки бахши давлатӣ - ин на танҳо соҳаи хусусии давлатӣ, балки буҷа ва дигар захираҳои дохилӣ буда, бевосита дар ихтиёри давлат мебошанд. Дар ин ҷо қоидаи васеи бахши давлатӣ дода мешавад, ки дар худ қариб ҳамаи паҳлуҳои фаъолияти давлатро дар бар мегирад. Бинобар ин, чунин шарҳу эзоҳ додан, ё фаҳмиши бахши давлат барои бисёр олимони мамлакатҳои собиқ иттиҳоди Шуравӣ ба таври намунавӣ боқӣ мемонад. Мо ҳам дар ҷараёни таҳқиқоти мавзуъ ба чунин шарҳу эзоҳи бахши давлатӣ такя намудаем.

Назари иқтисодӣ ба фаъолияти давлат тавақҷуҳро ба захираҳое мутамарказ медиҳад, ки он бо ҳадафи функсияҳо ба он вогузошта дар ихтиёри худ дорад. Дар айни замон якчанд муносибатҳо дар муайян намудани бахши давлатӣ ҳамчун низоми иқтисодӣ, микёсҳо ва ҳадафҳои фаъолияти он ташаккул ёфтаанд.

Аз ҳама тангтар равише мебошад, ки бахши давлатиро аз мавқеи моликият муайян мекунад. Дар чаҳорчӯбаи он бахши давлатӣ бо қисми иқтисодиёте айният дода мешавад, ки дар моликияти давлат буда, аз ҷониби сохторҳои ташикилотии давлат идора карда мешавад [9,с.50]. Аз ин нуқтаи назар, намояндагони сохтори давлатӣ ҳомилони манфиатҳо молик - давлат - буда, онҳоро дар ҷараёни фаъолият дар соҳаи муносибатҳои моликият ифода мекунанд. Сохторҳои ташкилотӣ бошанд, низоми итоати томи мақомот ва муассисаҳои давлатӣ буда, вазифаҳо ва функсияҳои давлатро шакл медиҳанд. Мутобиқ ба ин функсияҳо онҳо намудҳои гуногуни фаъолиятро қонунгузорӣ, иҷроӣ, судӣ, таъсисотӣ, назоратӣ, иттилоотӣ амалӣ месозанд [9,с.51].

Бахши давлатӣ дар чунин фаҳмиш асосан ҳамчун иловаи хоҷагии хусусӣ дар он ҷое хизмат мекунад, ки дар он ҷо ангеза барои сармояи хусусӣ нокифоя мебошад (махсусан, пешниҳоди неъматҳои ҷамъиятӣ). Ба ин бахш одатан он соҳаҳо ва бахшҳои иқтисодро шомил мекунанд, ки ба талаботи умумидавлатӣ хизматрасонӣ намуда,

аҳаммияти умумимиллӣ доранд ва ҳамчун асоси худмуҳофизатии давлат дар раванди таҳаввули он хизмат мекунанд.

**Расми 1. Бахши давлатии иқтисодиёт**
**Figure 1. The state sector of the economy**




Равиши дигар таърифи бахши давлатиро аз мавқеи захираҳо (фондҳо) пурра мекунад, зеро татбиқи ҳар гуна самти фаъолияти давлат дар соҳаи иқтисодӣ ё иҷтимоӣ таъминоти мутобиқи захиравиро талаб мекунад. Мутобиқ ба ин равиш таркибҳои бахши давлатӣ, буҷети давлатӣ ва фондҳои ғайрибуҷетӣ мебошанд [14,с.15]. Буҷети давлатӣ ва фондҳои ғайрибуҷетӣ, системам молиявии давлатро ташкил намуда, олотҳои асосии танзими давлатии иқтисодиёт буда, нақши фаъолро дар таъмини субот ва рушди он мебозад. Бо кумаки фондҳои бахши давлатӣ азнавтақсимкунии ММД-ро байни соҳаҳо, минтақаҳои кишвар, инчунин, байни субъектҳои алоҳидаи иқтисодиёт амалӣ месозад. Бахши давлатӣ тибқи равиши мазкур ба рушди соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёт мусоидат мекунад; он бахшҳоеро дастгирӣ менамояд, ки зиёновар ва камдаромад, вале аҳаммияти калони иҷтимоиро доро мебошанд (масалан, таҳсилот, тандурустӣ), инчунин, барои таъмини амнияти миллӣ заруранд; ба баробаршавии рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаҳои алоҳидаи кишвар мусоидат менамояд; ба дифферентсиатсияи аз меъёр зиёди даромадҳои шаҳрвандон муқобилат нишон медиҳад [14,с.16].

Ҳамин тариқ, равишҳои мазкур бо консепсияи неоклассикие, ки тибқи он бахши давлатӣ танҳо дар мавридҳои махсуси "нокомиҳои бозор" талаб карда мешавад, мутобиқат мекунад. Дар он замон нақши давлат дар намуди танзими фаъолияти монополияҳо, бартараф намудани таъсироти беруна, истеҳсоли неъматҳои ҷамъиятӣ (нимҷамъиятӣ), таъмини тақсимоти баробар ва иттилоот байни контрагентҳо имкон медиҳад "беҳтаршавӣ тибқи Парето" ба даст оварда шавад, яъне ҷобаҷогузории муносиби захираҳо дар системам иқтисодии ҷомеа ноил шавад.

Ба таври анъана фаъолияти бахши давлатӣ аз нуқтаи назари функсияҳои аз ҷониби он иҷрошаванда матраҳ мегардад (ниг. расми 1). Агар дар истилоҳоти ғарбӣ мафҳумҳои бахши давлатӣ ва умумӣ мувофиқ оянд, дар тамсилаи иқтисоди ҷумҳурӣ ва истилоҳот бахшҳои давлатӣ ва умумӣ баробар нестанд. Дар доираи Конститутсияи амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистони ҷудо кардани таъсисоти муниципалӣ аз бахши давлатӣ пешбинӣ шудааст ва дар доираи буҷети давлатӣ ҳамчун олоти асосии татбиқи функсияҳои ба давлат вогузор шуда низ пешбинӣ шудааст.

Ба ақидаи мо, чунин тақсимот бештар дорои хусусияти формалию ҳуқуқӣ буда, муҳтавои воқеии иқтисодии бахши давлатӣ, муқаррарот дар тақсимоти функсияҳо,

воситаҳо барои иҷрои онҳо, соҳаҳои масъулиятро инъикос наменамояд. Намудҳои таснифоти хароҷотии буҷети давлатӣ (функсионалӣ, иқтисодӣ ва идоравӣ) имкон намедиҳад тақсимоти захираҳо тибқи шаклҳои моликият амалӣ карда шавад. Масалан, зимни матраҳ намудани таснифи функсионалӣ аён мегардад, ки ягон адад аз номгӯи хароҷот (ҳатто ба монанди худидоракунии давлатӣ ё маҳаллӣ ё мудофиаи миллӣ)-ро наметавон ба пуррагӣ ба бахши давлатӣ нисбат дод. Рӯйхати гирандагони бевоситаи маблағҳои буҷетӣ гарчанде аз ташкилотҳои давлатӣ иборатанд, вале тақсимоти минбаъдаи ин захираҳо иштирокро дар раванди иҷрои буҷети корхонаҳо ва шаклҳои дигари моликиятро тақозо менамояд. Бинобар ин, пуррагии иҷрои функсияҳои худро аз ҷониби давлат мавриди таҳлил қарор дода, мо дар мақолаи мазкур маълумоти ҷамъбастшударо истифода хоҳем бурд. Унсури марказӣ, бахши ҷамъиятӣ буда, давлат дар иқтисодиёти муосир як қатор функсияҳои муҳимми танзимкунандаеро иҷро мекунад, ки наметавонанд ба ниҳодҳои дигари ҷамъиятӣ вогузор карда шаванд. Вобаста ба сохти ҷамъиятӣ, навъи сохти давлатӣ, сатҳи рушди кишвар ва хусусиятҳои миллии он шаклҳо ва методҳои татбиқи онҳо метавонанд ба таври назаррас фарқ кунанд. Дар ин ҷода, назарияҳои мухталиф вуҷуд доранд ва муҳимтарини онҳоро назарияи танзими давлатии кейнсионӣ ва назарияи институсионалӣ, пеш аз ҳама, назарияи интихоби ҷамиятӣ мебошад.

Консепсияи танзими давлатии кейнсионӣ аз асари асосии Дж Кейнс «Общая теория занятости, процента и денег», ки соли 1936 нашр шудааст, ғизо мегирад. Дж.М. Кейнс [4,с.55] чунин мешуморад, ки иқтисоди бозоргонӣ такмил ёфта, худтанзимшаванда намебошад ва бо қувваҳои дохилии худ бухрон ва бекориро аз байн бурда наметавонад. Ин ҳолат дар давом ё худ минбаъда назарияи батанзимдарории давлатиро васеъ намуд. Баҳри ҳал намудани ин проблемаи дар боло нишондодашуда, дахолати давлат зарур мебошад. Пайдоиши буҳрон ва бекориро Кейнс тавассути нокифоя будани пурсиши «маҷмуӣ» мефаҳмонад, ки ду сабаби асосиро дар он мебинад.

Якум, одамон бо зиёд шудани даромад истеъмолро зиёд менамоянд. Аз ин ҷо нокифоягии талаботи оммавӣ ба вуҷуд омада, дар натиҷаи вай, номутаносиб дар иқтисодиёт ба вуҷуд меояд, ки ҳавасмандии соҳибкоронро ба маблағгузории минбаъда суст намуд.

Дуюм, меъёри пасти даромаднок дар сармоягузорӣ бо сабаби сатҳи баланди фоизнокӣ мебошад, ки моликдоронро маҷбур месозад, то сармояи худро дар шакли пулӣ (бозоргир, серхаридор) нигоҳ доранд. Ин, албатта, ба рушди сармоягузорӣ монеа мегардад ва ба талаботи оммавии нокифоя оварда мерасонад. Рушди нокифояи сармоягузорӣ бекории аҳолиро дар ҷомеа аз байн намебарад ва дар навбати худ сафи бекорон зиёд мегардад. Дар натиҷа бармеояд, ки мутаносибии иқтисодӣ дар ҷомеа вайрон карда шудааст. Аз ин рӯ Кейнс [4,с.56] ба чунин хулоса омад: агар иқтисоди бозоргонӣ худ ба худ пешниҳод шуда бошад, дар ин ҳолат вай метавонад касод гардад ё рӯ ба таназзул орад, яъне дучори карахтӣ гардад. Кейнс тарафдории макроиқтисодии истеҳсолот мебошад ва назарияи «раванди мултипликатсионӣ»-ро» барпо намуд. Мултипликатор - сармоягузор муносибати рушди даромадро ба рушди сармоягузорӣ ифода менамояд. Кейнс муқаррар месозад, ки рушди сармоягузор дар ягон нисбати соҳа ба зиёд шудани даромади миллии ҷомеа оварда мерасонад, нисбат ба рушди аввалаи сармоягузорӣ. Пас ҳамин тавр бошад, алоқаи бевосита ва мутаносиб байни ҷамъ овардани сармоя ва истеъмол вуҷуд дорад [2,с.57].

Аммо назарияи интихоби ҷомеагӣ консепсияи батанзимдарории давлатиро дар доираи баҳисобгирии механизми сиёсии ташаккули қарорҳои макроиқтисодиро рушд дод. Дар ин ҷо агар дар маркази диққати иқтисоди сиёсии куҳна истеҳсоли боигарии моддӣ меистод, аммо дар маркази диққати иқтисоди сиёсии нав-боигарии гайримоддӣ меистад ва иқтисоди сиёсии куҳна, пеш аз ҳама, ҷараёнҳои иқтисодиро омӯхта бошад, дар ин вақт иқтисоди сиёсии нав -ҷараёнҳои сиёсиро меомӯзад.

Ба ақидаи Ҷ.Бюкенен [3,с.45] давлат ва сиёсат ҳамчун майдони бозоргонӣ баромад мекунад, ки дар он ҷо рақобатпазирии одамон таҳти таъсир намудан баҳри қарорҳои қабулшуда рух медиҳанд; барои дастрасӣ ба тақсимоти захираҳо ва даромадҳо дар

иқтисодиёт, ҷомеа; бaҳри макон гирифтан дар зинаи ботартиб ва ба даст овардани ваколатҳо ба захираҳои маъмурият, ҳамчун манбаи фоиданокии маъмурият.

Тибқи фардикунонии методологӣ маънои вай дар он мебошад, ки одамон дар соҳаи сиёсат амал намуда, манфиати худро, яъне тавaҷҷуҳи худро дар мадди аввал мегузоранд ва бинобар ин, дар байни соҳаҳои соҳибкорӣ ва сиёсат сарҳад вуҷуд надорад. Пас ин тавр бошад, ин назария, тарзҳо ва усулҳои истифодабарии институтҳои хизматрасонии давлатӣ ва ҳукуматро ба манфиат ва тавaҷҷуҳи шахсии худ таҳқиқ намуда, тавассути вай асотири давлатро ошкор месозад, дар бораи он ки вай дигар мақсадҳо надорад, ба ғайр аз ғамхорӣ ба манфиати ҷомеа [7,с.39]. Бинобар ин, вазифаҳои давлат ва механизмҳои иҷрои онро чунон такмил дод, ки манфиати ғаразноки хизматчиёни давлатӣ рӯи кор наояд. Назарияҳои дар боло зикршуда, дар пояи конснпсияҳои муосири танзими давлатии иқтисодиёт қарор дорад.

Дар чаҳорчӯбаи таҳлили мазкур ҳамчун вазифаҳои умумӣ барои ҳамаи системаи давлатӣ инҳоро қайд намудан зарур аст: функсияи ҳуқуқӣ иборат аст аз эҷод, инкишоф ва дасггирии асосҳои ҳуқуқии фаъолият кардани иқтисодиёт; функсияи тақсимот - дар ҷудо кардани захираҳои давлатӣ барои ҷуброн намудани нокомиҳои бозор - ташкили истеҳсоли неъматҳои ҷамъиятӣ, танзими таъсироти беруна ва ғ. азнавтақсимкунӣ - дар тағйир додани он таносубҳои тақсимоти даромадҳо ва сарват дар ҷомеа, ки дар доираи системаи бозорӣ, ба ҳадафи ноил шудан ба адолати иҷтимоӣ ташаккул меёбанд; суботсозӣ - дар дастгирии устувории параметрҳои асосии иқтисодиёт (ҳаҷми истеҳсолот, шуғл, сармоягузориҳо, анбӯҳи пулӣ, қурби асъори хориҷӣ ва ғ.) аз ҳисоби захираҳои давлатӣ.

Функсияҳои бахши давлатӣ тавассути танзимкунии давлатӣ зоҳир мешаванд. Танзими давлатӣ иборат аст аз системаи методҳои танзими давлатӣ (фискалӣ, монетарӣ, тиҷорати хориҷӣ) дар маҷмуъ, бо танзими маъмурии ҷобаҷокунии фирмаҳои хусусӣ (талаботи маъмурию бюрократӣ, стандартҳо, меъёрҳо ва қоидаҳои меъморию банақшагирӣ, экологӣ ва дигар, кафолатҳои давлатӣ барои қарзҳои хусусӣ ва ғ). Давлат тавозуни манфиатҳои иқтисодиро дар кишвар эҷод мекунад, сарварии ягон гурӯҳи иҷтимоиро иҷозат намедиҳад, номутаносибиҳое, ки байни марҳилаҳои такрористеҳсолӣ (истеҳсол, тақсимот, мубодила, талабот), байни талабот ва пешниҳод ба вуҷуд меоянд, тасҳеҳ медарорад. Масалан, дар доираи раванди такрористеҳсолӣ давлат объектҳои таъсир ё танзими худро муайян мекунад.

**Ҷадвали 1. Объектҳои асосии танзими давлатии иқтисодиёт**
**Table 1. The main objects of state regulation of the economy**

| № | Объектҳои танзим | Тавсифи фаъолият |
|---|---|---|
| 1. | Даври иқтисодӣ | Гузаронидани сиёсати даврӣ |
| 2. | Сохтори бахшӣ, соҳавӣ ва минтақавии хоҷагӣ | Мушаххас намудани занҷираи пешбар дар ҷанбаи соҳавӣ ё ҳудудӣ |
| 3. | Шартҳои андӯхти сармоя | Ҳавасмандгардонӣ ва андӯхти сармоягузориҳо |
| 4. | Шуғл | Сиёсати шуғл ва паст кардани сатҳи бекорӣ |
| 5. | Гардиши пулӣ | Сиёсати зиддитаваррумӣ ва мубориза бо таваррум |
| 6. | Равобити хориҷии иқтисодӣ, тавозуни пардохтӣ | Таъсири давлатӣ ба содирот ва воридот, қурби асъор, гардиши сармоя ва ғ. |
| 7. | Нархҳо | Танзими динамика ва сохтори нархҳо |
| 8. | НИОКР | Ташаккул додани системаи давлатии инноватсионӣ |
| 9. | Шартҳои рақобат | Сиёсати зиддиинҳисорӣ |
| 10. | Муносибатҳои иҷтимоӣ | Иқтисодиёти бозории ба ҷомеа нигаронидашуда |
| 11. | Омодасозӣ ва бозомӯзии кадрҳо | Сиёсати афзалиятнокии соҳаи таҳсилот |
| 12 | Ҳифзи муҳити зист | Самтгирии экологии фаъолияти иҷтимоию иктисодӣ |

Объектҳои танзими давлатӣ - ин соҳаҳо, бахшҳо, минтақаҳо ва шароити ҳаёти кишвар, ки ҳангоми онҳо мушкилоте ба вуҷуд омадаанд ё ба вуҷуд меоянд, ба таври автоматӣ ҳалнопазиранд ё ҳалпазир дар ояндаи дур мебошанд, дар ҳоле ки бардоштани ин мушкилот таъкидан барои фаъолияти муътадили иқтисодиёт ва нигоҳ доштани суботи иҷтимоӣ аллакай лозим аст” [7,с.39].

Танзими давлатии иқтисодиёт дар шароити иқтисоди бозорӣ тавассути танзимкунӣ амалӣ мегардад. Ҳадафи танзими давлатии нархҳо аз он иборат аст, то ки афзоишии таваррумии нархҳоро дар натиҷаи ба вуҷуд омадани касри устувор роҳ надиҳад, болоравии якбораи нархҳоро ба ашёи хом ва сӯзишворӣ, монополизми истеҳсолкунандагонро роҳ надиҳад, ба эҷоди муътадили рақобате, ки ба истифодаи дастовардҳои пешрафти илмию техникӣ раҳнамоӣ мекунад, мусоидат намояд. Вазифаи муҳим зимнан ноилшавӣ ба натиҷаҳои муайян мебошад. Дахолати давлат ба нархгузорӣ метавонад бевосита ва бавосита бошад (расми 2).

**Расми 2. Методҳои танзими нархҳо**
**Figure 2. Methods of price regulation**




Дар танзими бевоситаи давлатӣ таваҷҷуҳи махсус ба пешгирии густариши монополизм зоҳир карда мешавад, ба истисноии монополияи табиӣ, ки сабабаш табиати маҳсулоти фурӯхташаванда ё ҳуқуқҳои махсуси молик мебошанд. Аз рӯи дараҷаи шиддатнокӣ метавон чор дараҷаи таъсири давлат ба нархгузориро ҷудо кард.

Танзими давлатии иқтисодиёт дар ҷумҳурӣ дорои сохтори дусатҳае мебошад, ки онҳо сатҳи миллӣ ва маҳаллӣ мебошад. Ин ду сатҳи ҳокимияти давлатӣ доираи ваколатҳои худро доро мебошад, ки дар байнашон аз рӯи бартариҳое, ки як сатҳ нисбати дигараш дорад, тақсим мешаванд. Аз як тараф, мақомоти марказии давлатӣ базаи беҳтарини иттилоотиро барои қабули қарорҳо доранд, метавонанд беҳтарин мутахассисони баландихтисосро ҷалб намуда, захираҳои назарраси молиявӣ ва моддиро ҷалб намоянд ва кишварро дар саҳнаи байналмилалӣ муаррифӣ намоянд. Аз тарафи дигар, мақомоти минтақавӣ ва маҳаллӣ анъанаҳо ва хусусиятҳои ҳудуди мушаххас, захираҳои табиати он, вазъи фаъолияти соҳибкорӣ, шавқу ҳавасҳо ва талаботи аҳолии маҳаллиро беҳтар медонанд.

Дар асоси ин метавон дар бораи мувофиқи мақсад будани тақсимоти функсияҳои иқтисодӣ аз рӯи сатҳҳои идоракунии давлатӣ сухан гуфт. Функсияи ҳуқуқӣ дар ҳамаи сатҳҳо татбиқ мешавад, асоси беихтилофии ҳуҷҷатҳои меъёрии сатҳҳои мухталиф, ки принсипи муҳимтарини тамомияти давлат мебошад. Функсияи тақсимот низ ба сатҳҳои мухталифи итоатӣ хос аст. Ҳокимиятҳои марказӣ бояд истеҳсоли он неъматҳоеро, ки барои ҷомеа дар маҷмуъ, муҳиманд (масалан, мудофиаи миллӣ, системаи ягонаи энергетикӣ ва нақлиётӣ, воситаҳои умумимиллии иттилооти оммавӣ) таъмин намояд. Дар сатҳҳои минтақавӣ ва маҳаллӣ бояд неъматҳои маҳаллие истеҳсол карда шаванд, ки танҳо ба ҳудуди додашуда, бо назардошти талабот ва афзалиятҳои аҳолии маҳаллӣ мансуб бошанд.

Муайян кардани шаклҳои самараноктари азнавтақсимкунии даромадҳо, бурдани баҳисобгирии гирандагони трансфертҳо ва арзёбии таъсироти бавуҷудояндаи фарҷӣ танҳо бо доро будан бо иттилооти хеле муфассал имконпазиранд. Аз ин рӯ, қисмати калони барномаҳои азнавтақсимкунӣ дар сатҳи маҳаллӣ, амалӣ кардан мувофиқи мақсад аст, ки дар он назорат аз болои даромадҳои шаҳрвандон ва баҳисобгирии

эҳтиёҷмандон осонтар аст. Аз тарафи дигар, ин функсия қисман дар сатҳи умумимиллӣ татбиқ мешавад, масалан, дар шакли азнавтақсимкунии даромадҳо байни минтақаҳо бо истифодаи системаи муносибатҳои байнибучетӣ. Дар ниҳоят, функсияи суботсозӣ, ки иборат аз нигоҳдории устувори параметрҳои асосии иқтисодиёт (ҳаҷми истеҳсолот, шуғл, сармоягузориҳо, анбӯҳи пулӣ, қурби асъори миллӣ ва ғ.) аз ҳисоби захираҳои давлатӣ буда, ба таври анъанавӣ ба ваколатҳои ҳокимиятҳои маҳаллӣ тааллуқ дорад.

Бо мақсади татбиқи функсияҳои гузошташуда, давлат тадбирҳои муайяни таъсирро ба равандҳои иқтисодӣ кор карда мебарояд. Барои амалисозии ин таъсирот методҳои муайян - усулҳои махсус барои ноил шудан ба ҳадафҳои гузошташуда барои давлат ҳамчун ниҳоди ҷамъиятӣ истифода бурда мешаванд. Дар адабиёти иқтисодӣ методҳои таъсири давлат ба иқтисодиётро ба ду гурӯҳи асосӣ тақсим мекунанд - маъмурӣ, ки дар асл дар унсурҳои иҷборкунӣ, маҳдудсозии озодии иқтисодии субъектҳо асос ёфтаанд ва иқтисодӣ, ки бакордарории механизмҳои ҳавасмандии шахсии онҳо нигаронида шудаанд, гарчанде, ки ҳамаи методҳо, бо будани усулҳои таъсири давлат, тавассути як қатор санадҳои маъмурӣ татбиқ мешаванд. Таносуби оптималиро байни методҳои маъмурӣ ва иқтисодӣ муайян кардан хеле мураккаб аст. Возеҳ аст, ки дар асоси чунин таносуб муҳимтарин ҳамон принсипи фоидаи иқтисодӣ хоҳад шуд: бояд он усулеро истифода бурд, ки дар ҳолати мушаххас самараноктар мешавад.

Методҳои ишорашудаи таъсири давлат ба иқтисодиёт тавассути олот (инструмент)-ҳои мушаххас татбиқ мешаванд, ки онҳоро низ ба блокҳои асосӣ тақсим кардан мумкин аст:

1. Олотҳои (инструмент) ҳуқуқӣ.
2. Олотҳои молиявӣ: танзими андоз, танзими буҷет, танзими арзию пулӣ, олотҳои махсуси танзими равобити хориҷии иқтисодӣ.
3. Олотҳои моликияти давлатӣ ва соҳибкории давлатӣ.

Дар баробари ин, аз ҷониби бахши давлатӣ иҷрои функсияҳои ба он гузошташуда на танҳо ба захираҳое, ки дар ихтиёри он аст, балки аз шароити фаъолияти иқтисодиёт ва марбут бо мавҷудият ва риояи меъёрҳо, “қоидаҳои бозӣ” вобаста аст. Ин маҷмуи меъёрҳо, қоидаҳо ё муҳити институтсионалӣ, чаҳорчӯбае меофарад, ки дар он амали якҷояи байни субъектҳои хоҷагидор дар иқтисодии бозорӣ амалӣ мешаванд. Қисмати назарраси чунин қоидаҳо, яъне қоидаҳои формалӣ, аз қоидаҳои аз ҷиҳати қонунгузорӣ муқарраршудаи фаъолияти ҳамаи агентҳои иқтисоди бозориро банизомдароваранда, ки дар навбати худ тавассути намояндагони ҳокимияти давлатии ҳомилони ниҳодҳои муайяни ғайриформалиро эҷод мекунад, иборат мебошад. Қоидаҳои формалӣ қоидаҳо ва қарордодҳои сиёсӣ, ҳукуқӣ, иқтисодиро дарбар мегиранд. Иерархияи ин қоидаҳо - аз конститутсияҳо шуруъ карда, то санадҳои қонунгузорӣ, қарорҳо, супоришҳо ва қарордодҳои инфиродӣ - маҳдудиятҳои умумӣ ва мушаххасро ташкил медиҳад. Функсияи асосӣ иборат аз он аст, то мубодилаи сиёсӣ ё иқтисодиро осон гардонад.

Табиати дугонаи бахши давлатӣ, ки аз як тараф, ба сифати субъекти муносибатҳои иқтисодӣ, тавлидкунандаи асосии муҳити институтсионалӣ ва аз тарафи дигар, яке аз иштирокчиёни фаъоли ҳамкориҳои бозорӣ, яъне, объекти таъсири танзимкунандаи давлат мебошад, баромад мекунад, махсусан шаклҳои низоиро дар давраи трансформатсияи системавӣ касб намуда, боиси ба вуҷуд омадани ихтилофоти дохилӣ мегардад. Сабаби чунин ихтилофот дар он аст, ки қисми калони қоидаҳо дар чаҳорчӯбаи бахши давлатӣ, дар асоси манфиатҳои шахсӣ ба вуҷуд меояд ва шахсоне, ки давлатро идора карда, дар ихтиёри худ қувваи иҷборкуниро доранд, метавонанд, ин қувваро ба манфиатҳои худ аз ҳисоби ҷомеаи боқимонда истифода баранд.

Аз ин рӯ, ба назари мо пурра намудани таърифи бахши давлатӣ аз мавқеъҳои моликият ва фондҳо бо ҷанбаҳои институтсионалӣ зарурӣ менамояд. Аз нуқтаи назари мо, чунин равиш имкон медиҳад миқёсҳо ва самаранокии ҳузури давлат дар иқтисодиёт ва шартҳои татбиқи функсияҳо ба он вогузоршударо дақиқан арзёбӣ кард [8,с.60, 13].

Бахши давлатӣ фаъолияти мултифункционалӣ ва бисёрсубъектаро бо қарор гирифтан дар маркази робитаҳои мутақобила, бо доираи васеи агентҳо ва гурӯҳҳои ҷамъиятӣ амалӣ месозад. Зимнан, ҳар як робита бо системам муайяни интизориҳои мутақобилаи субъект ва объекти муносибатҳои мутақобила тавсиф меёбад. Масалан,

дар макросатҳ. муносибатҳои мутақобила байни буҷет, субъектҳои федератсия ва молистеҳсолкунандагон дар он асос меёбанд, ки маблағҳои андозӣ ба хотири неъмат, яъне ба таъмини миқдори кофии неъматҳои ҷамъиятии сифати муайян (роҳҳо, хизматрасониҳои тиббӣ, хизматрасониҳои таҳсилотӣ ва ғ.) сарф хоҳанд шуд. Чунин интизориҳо ба таври анъанавӣ дар иқтисодиёти мамлакат нақши муҳимтари институтсионалиро назар ба иқтисодиёти кишварҳои дигар бозӣ мекунанд, дар ҳоле ки дар аксари мавридҳо онҳо дорои хосияти баландшуда, ирратсионалӣ мсбошанд. Диссонанси мушобеҳ дар тасаввурот дар бораи бахши давлатӣ ва таъини шахсони роҳбарикунанда ва фардҳои алоҳида аз ҷониби он боиси халалдор гаштани устувории мубодилаҳои байнисубъектӣ ва дар маҷмуъ, тамоми иқтисодиёт мегардад.

Амали бахши давлатӣ дар муҳити номукаммали институтсионалӣ, метавонад боиси тағйири воқеии хусусиятҳои миқдорӣ ва сифатии сегментҳои бахши аз ҷиҳати формалӣ муайяни давлатӣ бо сабаби махсусияти нопурраи ҳуқуқҳои моликият, шаклҳои мухталифи рафтори оппортунистӣ боис мегардад, ки аз паси худ рушди иқтисодиёти соягӣ, коррупсия, хароҷоти трансактсиониро дар маҷмуъ, дар пай дорад. Аз ин рӯ, ба назари мо, корбарии равиши институтсионалие ба мақсад мувофиқ мебошад, ки баррасии бахши давлатиро на танҳо ба сифати фазои иқтисодӣ, балки ҳамчун ниҳоди махсуси иқтисоди, ки дар чаҳорчӯбаи муҳити муайяни ташаккулёфтаи институтсионалӣ амалкунанда буда, таркиб ва ҳамкории ниҳодҳоро дар соҳаҳои мухталифи иқтисодиёт инъикос менамояд, пешбинӣ менамояд.

**Расми 3. Системаи институтсионалии бахши давлатӣ**
**Figure 3. Institutional system of the public sector**




Бинобар ин, натиҷаи амали якҷояи субъектҳои иқтисодиро мо аз параметрҳои муҳити институтсионалӣ ва ниҳодҳо низ ҳамчун нишондодҳои умумӣ барои тамоми системаи иқтисодӣ вобаста мешуморем, ки муайянкунандаи самти фаъолияти асосӣ ва параметрҳои асосии амали он ва инфиродӣ низ барои субъектҳои алоҳида ба шумор меравад.

Таҳлили гузаронидашудаи шарҳҳои муосири ниҳод (институт) муайян намуд, ки аз ҳама бештар таърифи институти қобили қабул аз нуқтаи назари иқтисодӣ, ҳангоми таърифи бахши давлатӣ ҳамчун институт ба назари мо, таърифест, ки аз ҷониби Д. Норт [8,с.73] пешниҳод шудааст ва инҳоро дарбар мегирад: а) меъёрҳо, қоидаҳое, ки рафтори агентҳои иқтисодиро маҳдуд сохта, ҳамкории байни онҳоро ба тартиб медароранд; б) механизмҳои дахлдори назорат (иҷборкунӣ) аз болои риояи ин қоидаҳо.

Ҳамин тариқ, ба назари мо, бахши давлатӣ ҳамчун институт иборат аз маҷмуи қоидаҳо ва механизмҳои иҷрои онҳоро таъминкунанда мебошад, ки ҳамкориҳои такроршавандаро байни субъектҳои иқтисодиёт сохторсозӣ менамоянд. Бахши давлатӣ ҳамчун мегаинститут иборат аз маҷмуи унсурҳои алоҳида - институтҳо мебошад, ки онҳоро метавон мутобиқ ба сатҳҳои муайяни иерархия тасниф кард: макро-, мезо-,

микро- ва нано иқтисод [11,с.35]. Якҷоя амал кардани институтҳои мухталиф дар маҷмуъ, системаи маҷмуи институтсионалии бахши давлатиро эҷод менамояд (ниг. расми 3.)

Мақоми махсуси бахши давлатӣ дар системаи институтҳои ҷамъиятӣ муайян мегардад, ки он ҳамзамон, субъекти идоракуние мебошад, ки меъёрҳо ва қоидаҳои амал кардани ҳамаи элементҳои системаи иқтисодиро муайян ва объекте мебошад, ки дар чаҳорчӯбаи қоидаҳои мазкур амал ва воқеияти табиати дугонаи онро муайян мекунад [10,с.136].

Системаи меъёрҳоеро, ки ба системам институтсионалии бахши давлатӣ мувофиқанд, муайян намуда, дар асоси методологияи таҳлили системавӣ мо фикр мекунем, ки ба системаи институтсионалии бахши давлатӣ ҷузъҳои зеринанд шомиланд [5,с.50, 6]:

-меъёрҳои базисии (ядро), ки асоси институти мазкурро ташкил медиҳанд: институтҳои иқтисодии ҷомеаи шаҳрвандӣ;

-махсусияти ҳуқуқ ба моликият ва ҳимояи риояи қарордодҳо (қонунӣ будан ва ҷудо шудани ядроро теоремаи Коуз тасдиқ мекунад);

- меъёрҳои иловагие, ки ба қабати ҳимоявӣ, ёзандаи динамикӣ, ки нақши девор байни воқеиятҳо, дидгоҳҳо ва амалҳои агентҳо ва ядро иҷро мекунад, институтҳои формалӣ - меъёрҳо ва қоидаҳои ҷиҳати ба таври қонунӣ ё бодастурамал муқарраршудае, ки фаъолияти шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро ба низом медарорад;

- меъёрҳои ёрирассони дастурамали дастгирикунанда, ки механизмҳои мониторинг, назорат ва дастгирии риояи меъёрҳои ядрои институтро ташаккул медиҳанд;

- санадҳои идоравии сатҳи муайян, ки иҷрои меъёрҳои иловагиро таъмин менамоянд;

- меъёрҳои арзишии самти асосии арзёбиҳои институти мазкурро муайянкунанда, ки дар шуури одамон (дохилшавандагон ҳам ба таркиби ҳомилони институт, ҳам мушоҳидони "ҷонибӣ" дохилшаванда) ташаккул мёёбанд: эътироф ва эътимоди аҳолӣ ба институти давлат, ки метавонанд маънои манфиро касб кунад, ки дар рафтори оппортуниста ва бартарӣ доштани манфиатҳои бюрократия зоҳир мешавад;

• меъёрҳои шинохтӣ, ки (конгнитивные) раванди дарки моҳият ва рафтори меъёрҳои гуногунро аз ҷониби субъектҳои мухталиф ба танзим медароранд: сатҳи дониши ҳомилони институт ва дастрасии иттилооти объективӣ.

Хусусияти равиши мазкур, аз нуқтаи назари мо, аз он иборат аст, ки он бахши давлатиро на танҳо аз рӯи объектҳои функсионалӣ муайян мекунад, балки он унсурҳои робитаи мутақобила, механизмҳои дастгириро, яъне системам махсусе, ки аз он самаранокӣ ё ғайрисамаранокии фаъолияти он вобаста аст, муайян мекунад (муфассалтар ниг. расми 4).

Ҳамин тариқ, ба ақидаимо, ҳамкории воқеии субъектҳои иктисодӣ, ки бо бастани қарордодҳо ва додани ҳуқуқ ба моликият амалӣ мешавад, натиҷаи мусбат ҳам ба иштирокчиёни бевоситаи раванд меораду, ҳам ба давлат, агар сатҳи кофии лозима ва механизмҳои дар амал татбиқ намдуани онҳо мавҷуд бошанд.

Ҳангоми нокифоятии формалин институтсионалӣ имконияти татбиқи раванди муайян бо параметрҳои сатҳи ғайриформалии институтсионалӣ муайян карда мешавад. Агар бо сабаби рушди таърихӣ дар ҷомеа сатҳи баланди таҳсилот, фарҳанги аҳолӣ, эътироф ва эътимод ба давлат ва шаклҳои мусбии интихоби ҷамъиятии бо он марбут истиқрор ёфта бошанд, институтҳои ғайриформалӣ нокифоятии формалии институтсионалиро бартараф намуда, минбаъд боиси ҷуброни пурраи он мешаванд. Агар сатҳи ғайриформалииии институтсионалӣ, асосан, бо тамоюлҳои манфӣ (бартарияти манфиатҳои бюрократҳо, гароишот ба рафтори оппортунистӣ ва ғ.) тавсиф ёбад, натиҷаи татбиқи равандҳо дар иқтисодиёт ҳам барои субъектҳои алоҳида, ҳам барои давлат дар маҷмуъ, манфӣ мешавад. Зикр менамоем, ки институтҳои манфии ғайриформалӣ метавонанд таъсири манфӣ ба коркард ва истиқрори қоидаҳои формалиизатсияшудаи қоидаҳо расонида, ба ташаккулёбии аз нуқтаи назари тамоми системаи иқтисодӣ самаранокии онҳо монеа шаванд [12,с.164].

**Расми 4. Вобастагии натиҷаҳои фаъолияти бахши давлат ба параметрҳои муҳити институтсионалӣ**

**Figure 4. Dependence of the results of the state sector on the parameters of the institutional environment**




Дар маҷмуъ, ҳангоми омӯзиш рушди бахши давлатӣ зарур аст, ки на танҳо ба худи равандҳои мавҷуда, балки ки ба институтҳое, ки дар чаҳорчӯбаашон доимо ин равандҳо ҷараён мегиранд, бояд диққат диҳем. Дар системаи бахши давлатии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчун дар системаҳои дигар, норасоиҳо ва дисфунксияҳои маҳз барои он хос мавҷуданд. Масалан, дар бораи системаи институтҳои ҷумҳурии давраи гузариш сухан гуфта, аксарияти муаллифон ба нокифоятии институтсионалие ишора менамоянд, ки махсусияти давраи шикасти яке аз сохтори институтсионалӣ ва комилан рушднаёфта, вазъи ҷанинии ташаккулёбии дигариро инъикос менамояд. Барои ҳамоҳангии фаъолияти иҷтимоию иқтисодии субъектҳо, сохторҳои ба таври кофӣ пурқудрат ва таъсирнок заруранд. Аз нуқтаи назари мо, сохтан ва тағйир додани институтҳои формалӣ ва ғайриформалӣ дар чунин шароит ба таври назаррас мураккаб мебошад. Сухан на танҳо дар бораи қабули санадҳои дахлдори қонунгузорӣ ё дигари меъёрӣ, балки дар бораи сохтани меъёрҳои якдигарро нигоҳдоранда меравад. Чунин система озодии ба таври кофӣ интихоби рафторро боқӣ мегузорад, ки идоракунии он натиҷаҳои ғайричашмдошт медиҳад.

Ба ақидаи мо, бахши давлати ин системаи муносибатҳои иқтисодӣ дар шахси намояндагони ваколатдор, аз як тараф, корхонаҳо ва ташкилоти ғайридавлатӣ, хоҷагиҳои хонаводагӣ, аз тарафи дигар, бо сабаби муайян, танзим ва муқаррар кардани меъёрҳо ва қоидаҳое, ки рафтори агентҳои иқтисодиро маҳдуд сохта, ба тартиб медароранд, инчунин, механизмҳои дахлдор ва ба тартиб даровардаи риояи онҳо, мебошад.

Принсипҳо ба қисмати меъёрии консепсияи системавӣ мансуб буда, дар шакли ҷамъбастӣ хусусиятҳои вазъи матлуби дохилии системаи институтсионалии бахши давлатиро инъикос менамоянд.

Ҳамин тариқ, мувофиқати системаи ба таври воқеӣ мавҷудаи системаи институтсионалии бахши давлатиро бо хосиятҳо ва принсипҳои фаъолият муайян намуда, методҳои бартараф сохтани онҳоро пешниҳод намоем. Ҳамзамон, ҳангоми омӯзиш рушди бахши давлатӣ зарур аст, ки на танҳо ба худи равандҳои мавҷуда, балки ба институтҳое, ки дар чаҳорчӯбаашон доимо ин равандҳо ҷараён мегиранд, бояд диққат диҳем.

**Муқарриз: д.и.и., и.в. профессори ДМТ – Комилов А.Қ.**

**АДАБИЁТ**

1. Аткинсон Э.Б. Лекции по экономической теории государственного сектора. Учебник / Э.Б. Аткинсон, Дж.Э. Стиглиц; пер. с англ, под ред. Л.Л. Любимова. -М.: Аспект Пресс, 1995. -832 с.
2. Балацский Е.В., Конишев В.А. Российская модель государственного сектора экономики. -М.: Экономика, 2005. -С.55. [Электронный ресурс]. URL. http://www.kapital-rus.ru/articles/article/181135
3. Бьюкенен Д.У. Моя миссия в России / Д.У. Бьюкенен. -М.: Захаров, 2006. -440 с.
4. Кейнс Дж. Общая теория занятости, процента и денег. Антология экономической классики. Т. 2. / Дж. Кейнс; пер. англ. -М.: Экономика, 1992.
5. Коуз Р. Фирма, рынок и право. -М.: Дело, 1993. [Электронный ресурс]. URL: htto://www.libertariuni.ru/libertarium/l lib firm свободный.
6. Лакатос И. Фальсификация и методология научно-исследовательских программ. -М.: Медиум, 1995. [Электронный ресурс]. URL: httD://www.philosoDhv.rU/library/lakat/01 /0.html.
7. Мирсаидов А.Б. Государственное регулирование цен продовольственных продуктов / А.Б. Мирсаидов. – Душанбе: Ирфон, 2013. -С.39.
8. Норт Д. Институты, институциональные изменения и функционирование экономики / Д. Норт. -М.: Фонд экономической книги «Начала», 1997. -С.60-74.
9. Райзберг Б.А., Лозовский Л.Ш., Стародубцева Е.Б. Современный экономический словарь. -М., 2003. [Электронный ресурс]. URL: httD#iur.vslovar.org.ru/14948.html свободный
10. Ходжаев П.Д. Оценка развития институциональных отношений между общественным и другими секторами сферы услуг / П.Д. Ходжаев // Финансово-экономический вестник. - 2021. -№4(28). -С.136-141.
11. Ходжаев П.Д. Усиление роли государства в достижении социально-экономического оптимума в общественном секторе сферы услуг / П.Д. Ходжаев // «Бенефициар» журнал экономических наук. – Кемерово, 2018. -№29. -С.31-36.
12. Ходжаев П.Д. Оценка использования потенциала государственно-частного партнерства в сфере услуг Республики Таджикистан / П.Д. Ходжаев, Л.Д Сафарова. // Вестник Таджикского национального университета Серия экономических наук. -Душанбе, 2015. -№2/9(190). -С.163-167.
13. Шаститко А.Е. Новая институциональная теория / А.Е. Шаститко. -М.: ТЕИС, 1998. -С106-147.
14. Якобсон Л.И. Экономика общественного сектора: Основы теории государственных финансов: Учебник для вузов / Л.И. Якобсон. -М.: Аспект-Пресс, 1996. -С.13.

## АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ РУШДИ БАХШИ ДАВЛАТӢ ДАР МАРҲИЛАИ МУОСИР

Дар мақола асосҳои назариявии бахши давлатӣ дар марҳилаи муосир дида баромада шудааст. Муаллиф исбот менамояд, ки ҳангоми омӯзиши рушди бахши давлатӣ зарур аст, ки на танҳо ба худи равандҳои мавҷуда, балки ба институтҳое, ки дар чаҳорчӯбаашон доимо ин равандҳо ҷараён мегиранд, бояд диққат диҳем. Дар системаи бахши давлатии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчун дар системаҳои дигар, маҳз норасоиҳо ва дисфунксияҳои барои он хос мавҷуданд. Масалан, дар бораи системаи институтҳои ҷумҳурии давраи гузариш сухан гуфта, аксарияти муаллифон ба нокифоятии институтсионалие ишора менамоянд, ки махсусияти давраи шикасти яке аз сохтори институтсионалӣ ва комилан рушднаёфта, вазъи ҷанинии ташаккулёбии дигариро инъикос менамояд. Барои ҳамоҳангии фаъолияти иҷтимоию иқтисодии субъектҳо, сохторҳои ба таври кофӣ пурқудрат ва таъсирнок заруранд. Аз нуқтаи назари мо, сохтан ва тағйир додани институтҳои формалӣ ва ғайриформалӣ дар чунин шароит ба таври назаррас мураккаб мебошад. Сухан на танҳо дар бораи қабули санадҳои дахлдори қонунгузорӣ ё дигари меъёрӣ, балки дар бораи сохтани меъёрҳои якдигарро нигоҳдоранда меравад. Чунин система озодии ба таври кофӣ интихоби рафторро боқӣ мегузорад, ки идоракунии он натиҷаҳои ғайричашмдошт медиҳад. Ба ақидаи муаллиф бахши давлатӣ ин системаи муносибатҳои иқтисодӣ дар шахси намояндагони ваколатдор, аз як тараф, корхонаҳо ва ташкилоти ғайридавлатӣ, хоҷагиҳои хонаводагӣ, аз тарафи дигар, бо сабаби муайян, танзим ва муқаррар кардани меъёрҳо ва қоидаҳое, ки рафтори агентҳои иқтисодиро маҳдуд сохта, ба тартиб медароранд, инчунин, механизмҳои дахлдор ва ба тартиб даровари риояи онҳо мебошад.

**Калидвожаҳо:** бахши давлатӣ, равандҳо, институтҳои формалӣ, институтҳои ғайриформалӣ, механизм, ташкилоти ғайридавлатӣ, хоҷагиҳои хонаводагӣ, система.

## ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ РАЗВИТИЯ ГОСУДАРСТВЕННОГО СЕКТОРА НА СОВРЕМЕННОМ ЭТАПЕ

В статье рассматриваются теоретические основы государственного сектора на современном этапе. Автор доказывает, что при изучении развития государственного сектора необходимо обращать внимание не только на существующие процессы, но и на институты, в рамках которых эти процессы постоянно происходят. В системе государственного сектора экономики Республики Таджикистан, как и в других системах, имеются присущие ей недостатки и дисфункции. Например, говоря о системе институтов переходной республики, большинство авторов указывают на институциональную несостоятельность, отражающую специфику периода несостоятельности одной институциональной структуры и не до конца сложившегося, а также зачаточного состояния образования другой. Для координации социально-экономической деятельности субъектов необходимы достаточно мощные и эффективные структуры. С нашей точки зрения, построение и изменение формальных и неформальных институтов в таких условиях значительно затруднено. Речь идет не только о

принятии соответствующих законодательных или иных нормативных актов, но и о создании стандартов, поддерживающих друг друга. Такая система оставляет достаточно свободы для выбора поведения, поэтому ее управление приводит к неожиданным результатам. По мнению автора, государственный сектор - это система экономических отношений в лице уполномоченных представителей, с одной стороны, предприятий и негосударственных организаций, домашних хозяйств, с другой стороны, обусловленная определением, регулированием и установлением норм и правил, ограничивающих поведение экономических агентов, а также соответствующими и упорядоченными механизмами их соблюдения.

**Ключевые слова:** государственный сектор, процессы, формальные институты, неформальные институты, механизмы, неправительственная организация, домохозяйства, система.

**THEORETICAL FOUNDATIONS OF THE DEVELOPMENT PUBLIC SECTOR AT THE PRESENT STAGE**

The article deals with the theoretical foundations of the development public sector at the present stage. The author proves that when studying the development of the public sector, it is necessary to pay attention not only to existing processes, but also to the institutions within which these processes are constantly taking place. In the system of the public sector of the economy of the Republic of Tajikistan, as in other systems, there are inherent shortcomings and dysfunctions. For example, speaking about the system of institutions of a transitional republic, most authors point to institutional failure, reflecting the specifics of the period of failure of one, one institutional structure and not fully developed, as well as the rudimentary state of formation of another. Sufficiently powerful and effective structures are needed to coordinate the socio-economic activities of the subjects. From our point of view, the construction and change of formal and informal institutions in such conditions is much more difficult. It is not only about the adoption of relevant legislative or other regulations, but also about the creation of standards that support each other. Such a system leaves enough freedom to choose behavior, so its management leads to unexpected results. According to the author, the public sector is a system of economic relations represented by authorized representatives, on the one hand, enterprises and non-governmental organizations, households, on the other hand, is determined by the definition, regulation and establishment of norms and rules that limit the behavior of economic agents, arrange, and as well as appropriate and orderly compliance mechanisms.

**Keywords:** public sector, processes, formal institutions, informal institutions, mechanism, non-governmental organization, households, system.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Тагойназаров Амриддин Қутбидинович* -** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, унвонҷӯи кафедраи умумидонишгоҳии назарияи иқтисод. **Суроға:** 734005, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони . Телефон: **(+992) 918-66-66-86.** E-mail: **istiklol9999@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Тагойназаров Амриддин Кутбидинович*** – Таджикский национальный университет, соискатель кафедры экономической теории. **Адрес**: 734005, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 918-66-66-86.** E-mail: **istiklol9999@mail.ru**

**Information about the author:** ***Tagoynazarov Amriddin Kutbidinovich* -** Tajik National University, applicant for the Department of Economic Theory. **Address:** 734005, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **(+992) 918-66-66-86.** E-mail: **istiklol9999@mail.ru**

ТДУ: 336.027(575.3)

# ДУРНАМОИ МЕХАНИЗМҲОИ ТАНЗИМИ АНДОЗИИ ИҚТИСОДИЁТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

*Гулаҳмадзода Зулфиқор Аҳмад*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Ҷиҳати гузариш ба муносибатҳои иқтисоди бозорӣ ва мукаммалгардонии рушди иқтисодиёти миллӣ дар замони муосир, зарурияти такмили механизмҳои танзими андозии иқтисодиёт дар шароити бозсозии иқтисоди миллӣ дар асоси амалигардонии СМР ҶТ барои давраи то соли 2030 ба миён омад. Бинобар ин, танҳо фишангҳои муҳимми молиявӣ барои татбиқи он лозим меояд. Барои татбиқи сиёсати андозӣ дар СМР ҶТ барои давраи то соли 2030 он дар мадди аввал, ба мо илман кушодани самтҳои муҳимми такмили механизмҳои танзими андозии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Вобаста ба ин Барномаҳои рушди маъмурикунонии андоз барои солҳои 2011-2019 ва солҳои 2020-2025 қабул ва мавриди иҷро қарор гирифта истодаанд. Ҳамзамон, ҳамчун механизми танзимкунандаи асосии андозии иқтисодиёти кишвар Кодекси андоз низ чандин маротиба таҷдиду баррасӣ гардида истодааст.

Дар тули 24-соли амалкунии ин Кодекс, ба он тағйиру иловаҳои гуногун то инҷониб ворид намудаанд, ки ин давраҳои навбатии такмили низоми андози Ҷумҳурии Тоҷикистонро ифода менамояд, ки он зарурияти сиёсати молиявӣ, пеш аз ҳама, сиёсати андозии мамлакатро ба миён овард.

Қайд кардан ба маврид аст, ки бори охир мутобиқи муқаррароти Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 17-уми сентябри соли 2012 таҳти №901 ворид карда шуд ва аз 1-уми январи соли 2013 мавриди амал қарор гирифта, соли 2021 низ тағйирот ворид шуда, аз соли 2022 мавриди амал қарор гирифт, ки дар ин асос қонунгузории андоз такмил дода шуд [8]. Бо назардошти тағйиру иловаҳои номбурда ба дастурамалҳое, ки қаблан ба тасвиб расида буданд, бояд тағйиротҳои иловагӣ дароварда шаванд.

Бо мақсади иҷрои дастуру супоришҳое, ки аз мулоқоти Сарвари давлат бо соҳибкорони ватанӣ (дар соли 2018) ироа гардид, Кумитаи андоз як қатор корҳоро анҷом дода истодааст. Аз ҷумла, бо мақсади дар сатҳи замонавӣ ба роҳ мондани маъмурикунонии андоз ва беҳтар намудани муносибатҳои мақомоти андоз бо соҳибкорон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро ба миён овард.

Мавриди амал қарор гирифтани тағйиру иловаҳои нав барои то як дараҷа дар сатҳи замонавӣ ба роҳ мондани маъмурикунонии андоз, кам кардани шумораи пардохтҳо ва ҳисоботҳои андоз бе расонидани таъсири манфӣ ба даромадҳои буҷет, ҷорӣ намудани қабули ҳисоботи андоз дар шакли электронӣ, пешгирӣ намудани пинҳонкунии андозҳо аз ҷониби андозсупорандагон, кам кардани ҳароҷоти андозсупорандагон ҳангоми пешниҳод намудани эъломияҳои андоз мусоидат карда, имтиёзҳои бе самарро кам менамояд.

Бо мақсади татбиқи дурусти тағйиру иловаҳо, мактубҳои тавзеҳотию дастурӣ таҳия ва ба мақомоти андоз ва андозсупорандагон дастрас шуда, гузаронидани силсилаи семинарҳо дар ҳамаи минтақаҳои ҷумҳурӣ оғоз гардид, ки метавонад бо ин роҳ низоми сиёсати андозӣ дар асоси амаалигардонии СМР ҶТ барои давраи то соли 2030 дода шавад [9].

Ҳамзамон, бо мақсади ҷорӣ намудани таҷрибаи қабули ҳисоботи андоз дар шакли электронӣ, низомҳои компютерии баҳисобгирӣ ва назорати андоз, ташкили махзани иттилоотӣ дар мақомоти андоз дар асоси Фармоиши дахлдори Раиси Кумитаи андоз ба «Дастурамал дар бораи тартиби ҳисоб ва пардохт намудани андоз аз арзиши иловашуда» тағйиру иловаҳо ворид карда шуд, ки он асосан ба такмил додани шакли эъломияи андоз аз арзиши иловашуда вобастагӣ дошта, ҳангоми таҳияи шакли нави эъломия ба тариқи электронӣ пешниҳод гаштани онҳо ба инобат гирифта шуд. Кумитаи

андоз бо мақсади ҷорӣ намудани стандарти хизматрасонӣ ба андозсупорандагон ва барои андозсупорандагон сода гардонидани равандҳои андозсупорӣ бо фармони Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар моҳи майи соли равон «Стандарти ягонаи давлатии ҳизматрасонӣ ба андозсупорандагон»-ро тасдиқ намуд, ки дар мақомоти ҳудудии андоз ҷорӣ шуда истодааст.

Стандарти ягона андозсупорандагонро аз ҳуқуқҳояшон дар муносибатҳои андозӣ огоҳ намуда, ҳангоми аз ҷониби мақомоти ҳудудии андоз анҷом додани хизматрасониҳо муҳлати мушаххас муқаррар менамояд, ки дар натиҷа андозсупоранда метавонад бо тартиби ҳадалимкон содакардашуда ва дар камтарин фурсатҳои имконпазире, ки бо санади мазкур тасдиқ шудаанд, дар қайди андоз истад, ҳисобот пешниҳод намояд, ахбороти заруриро аз мақомоти андоз дастрас созад ва дар маҷмуъ, аз хизматрасониҳои мақомоти андоз дар сатҳи замонавӣ бархӯрдор бошад.

Барои такмил додани механизмҳои танзими низоми сиёсати андозӣ дар шароити иқтисоди миллӣ дар асоси амалигардонии СМР ҶТ барои давраи то соли 2030 барномаҳои компютерии Низоми иттилоотии андоз (СИА) «Бақайдгирии андозсупорандагон», СИА «Бақайдгирии андозҳо», СИА «Андоз аз арзиши иловашуда ва пайгирии ҳисобнома-фактураҳо» ва СИА «Равзанаи ягона» як қатор корҳои муҳим ба анҷом расонида шуд [9].

Барномаҳои СИА «Бақайдгирии андозсупорандагон» ва СИА «Равзанаи ягона» дар ҳамаи мақомоти андоз ҷорӣ карда шуда, барномаҳои СИА «Бақайдгирии андозҳо» ва СИА «Андоз аз арзиши иловашуда ва пайгирии ҳисобнома-фактураҳо» дар нозиротҳои андоз дар ноҳияҳои шаҳри Душанбе, нозиротҳои андоз дар шаҳрҳои Истаравшан, Хуҷанд, Конибодом, Исфара, Қайроққум, Чкалов, Турсунзода, Ваҳдат, Роғун, ноҳияҳои Бобоҷон Ғафуров, Шаҳринав, Ҳисор, Рӯдакӣ, Файзобод ва Варзоб пурра татбиқ шуда, имрӯзҳо маълумотҳо оиди андозсупорандагон (оид ба ҳисоб ва пардохти андозҳо, маблағи муомилоти аз андозбандӣ озод, содирот ва воридоти мол, бақияи қарзи андозҳо ва ғайра) зери назорати қатъии Кумитаи андоз қарор гирифта истодаанд, ки яке аз самтҳои такмилёбии низоми андоз ба ҳисоб меравад.

Ба ғайр аз ин, шакли таҷдидшудаи сомонаи Кумитаи андоз ба истифода дода шуд, ки дар натиҷа имконияти ба тариқи сомона ба андозсупорандагон аз назар гузаронидани санади муқоисавӣ ва варақаи ҳисоббаробаркуниашон фароҳам омад. Ин қадами нахустин буда, дар оянда барномаҳои компютерӣ аз тарафи мутахассисони Кумитаи андоз мукаммал гардонида, ба таври пайвастшавии мустақим (Онлайн) доду гирифт кардани маълумот ба роҳ монда мешавад.

Аз тарафи мутахассисони Кумитаи андоз барномаи компютерии СИА «Андозҳои шахсони воқеӣ» таҳия гардида, аз моҳи сентябри соли 2010 оғоз намуда, давра ба давра дар нозиротҳои андоз дар ноҳияҳои Шоҳмансур, Исмоили Сомонӣ ва Синои шаҳри Душанбе ҷорӣ карда шуда, барои дар Нозироти андоз дар ноҳияи Фирдавсӣ мавриди амал қарор додани он корҳо оғоз гардидаанд.

Бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар моҳи декабри соли 2010 «Барномаи рушди маъмурикунонии андоз барои солҳои 2011-2015» қабул гардид, ки амалӣ намудани он барои рушд ва такмили устувори минбаъдаи низоми андоз замина мегузорад.

Барои такмили низоми сиёсати андозӣ дар амалигардонии СМР ҶТ барои давраи то 2030 самтҳои афзалиятноки рушди соҳаро муайян намудан лозим аст, ки ба инҳо:

- азнавсозии сохторӣ ва функсионалӣ;
- таҳия ва ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ дар соҳаи маъмурикунонии андоз;
- таъмини назорати самарабахши иҷрои қонунгузории андоз дар асоси принсипи худандозбандӣ дохил мешаванд. Яке аз масъалаҳои муҳимми дигар, ин дарёфти роҳҳои мукаммалгардонии механизмҳои танзими низоми андозбандии шахсони ҳуқуқӣ дар кишвар ба ҳисоб меравад. Корхонаҳо узви асосии иқтисодиёти мамлакат ва яке аз соҳаҳои асосии ҷамъият ба шумор мераванд. Аз ҳолати молиявии онҳо на танҳо пешравии худи корхона, балки пешравии муносибатҳои ҷамъиятӣ низ вобастагии зиёд дорад. Маълум аст, ки рушди низоми истеҳсолот ва самаранокии хизматрасонӣ,

инкишофи туризм ва равнақ додани ҳунарҳои мардумӣ боиси болоравии иқтисодиёти мамлакат низ мегардад.

Агар субъектҳои алоҳидаи хоҷагидорӣ аз тарафи давлат бо роҳи пешниҳод намудани имтиёзҳои андозӣ дастгирӣ карда шаванд, дар иқтисодиёт пешниҳоди воситаҳои қарзӣ зиёд мешаванд, ки онҳо ба рушд ва афзоиши нишондиҳандаҳои макроиқтисодии мамлакат оварда мерасонад.

Моҳияти иқтисодии механизмҳои танзими андоз ин аст, ки давлат ба воситаи истифодаи ин фишанги иқтисодӣ як ҳиссаи муайяни даромади худро дар шакли марказонидашуда ҷамъоварӣ намуда, ба ин васила хазинаи давлатро ғанӣ мегардонад ва маблағҳои қисмати даромади буҷетро барои таъмини рушди иқтисоди миллии кишвар, бахусус соҳаҳои афзалиятноки миллии он, саҳмгирии зарурӣ дар амалӣ намудани вазифаҳои иҷтимоӣ - давлатӣ ва ғайра сарф менамояд.

Давра ба давра афзоиши маҷмуи маҳсулоти дохилӣ ва расидан ба ҳадафҳои стратегии кишвар роҳест барои рушди минбаъда, таъмини истиқлолияти энергетикӣ, баромадан аз бунбасти озуқаворӣ, инчунин, пешбинӣ намудани имтиёзҳои зиёди андозӣ барои шахсони ҳуқуқию воқеӣ. Даромади миллӣ сарчашмаи асосии ташкили даромадҳои давлатӣ мебошад, ки аз афзоиши нишондиҳандаҳои он вазъи иқтисодии мамлакатро баҳо додан мумкин аст [7].

Дар айни ҳол, механизмҳои танзими низоми андоз, ин на танҳо сарчашмаи даромадҳои буҷетӣ, балки унсури муҳимтарини сохтори иқтисодиёти бозорӣ мебошад.

Дар сатҳи иқтисоди миллӣ, хусусан танзими макроиқтисодӣ, нақши механизмҳои танзими андозҳо хеле назаррас аст. Бахусус, дар шароити иқтисоди бозорӣ механизмҳои танзими низоми андоз дар таъмини нишондиҳандаҳои маҷмуи маҳсулоти дохилӣ нақши бағоят бузург дорад.

Соли 2021 маҷмуи маҳсулоти дохилӣ 98,9 млрд. сомониро ташкил намуд, ин нишондиҳанда соли 2014 ба маблағи 45607 млн. сомонӣ расонида шуда буд. Афзоши маҷмуи маҳсулоти дохилӣ дар соли 2021 нисбати соли 2014 ба 53,3 млрд. сомонӣ ё 116,9% зиёд шудааст [4,с.113-114].

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ҳарчанд тамоми нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ зиёд шуда истода бошанд ҳам, мутаассифона даромадҳои андозӣ нисбати нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ майли камшавӣ доранд. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки ҳолати иқтисоди воқеӣ ва сарчашмаҳои андозбандӣ тамоюли мусбӣ надоранд. Аз ин хулоса баровардан мумкин аст, ки ҳарчанд нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ вобаста ба таваррум, зиёдшавии ҳаҷми номиналии ММД ба вуҷуд омада бошад ҳам, ба сарчашмаи андозҳо ва даромадҳои воқеии андозсупорандагон таъсири мусбӣ нарасонид, ки аз номукаммалии механизмҳои танзими андозӣ шаҳодат медиҳанд. Аз дигар ҷиҳат, зиёд шудани гаронии андоз нисбати андозсупорандагон боиси камшавии воридотҳои андозӣ гардида истодааст, ки зарурияти такмили механизмҳои танзими андозӣ ногузир аст.

Дар соли 2021 вазъи ноустувори иқтисодию молиявӣ дар ҷаҳон ва таҳримҳои иқтисодӣ дар кишварҳои шарикони тиҷоратӣ, тағйирёбиҳои қурбӣ ва ноустувории нархҳо дар бозорҳои ҷаҳонии мол ва ашёи хом ба иқтисодиёти аксарияти кишварҳо, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсири манфӣ расонид. Ҳолати мазкур дар ҷумҳурии мо тавассути кам шудани интиқоли маблағҳо ва ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ, боиси ноустувории қурбӣ, коҳиш ёфтани сатҳи даромадҳои ҳақиқии дар ихтиёрдоштаи аҳолӣ ва сатҳи талабот ба молҳои воридотӣ гардид. Бо вуҷуди таъсири нишонаҳои бухронӣ, рушди иқтисодиёти кишвар дар соли 2021 дар сатҳи нисбатан муътадил нигоҳ дошта шуд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки механизмҳои танзими андозии иқтисодиёт дар сатҳи зарурӣ амалӣ нашуда истодаанд, вобаста ба ин, аз рӯи ҳамаи вазифаҳои мақомоти идораи давлатӣ ва таҳлили иҷроиши даромади буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраҳои дар боло қайд карда шуда хулосаҳои муайян баровардан мумкин аст, ки он ба беҳтар намудани танзими андозӣ алоқаманд мебошанд:

1. Ташкил намудани низоми самараноки кам кардани ҳаҷми бақияи қарзи андозҳо ва пардохтҳо ва дигар чорабиниҳое, ки давра ба давра амалӣ намудани онҳо имкон

медиҳад, то фаъолияти соҳа дар сатҳи замонавӣ ба роҳ монда шуда, самаранокии кори он афзун гардад, омили мазкур метавонад ба мукаммал гардидани танзими низоми андоз дар оянда замина гузошта, ба такмил додани банақшагирии қисми даромади буҷет аз рӯи сарчашмаҳои воридоти онҳо асос гузорад;

2. Такмил додани санадҳои танзимкунандаи соҳаҳои андозу гумрукии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, чунки афзоиши воридоти маблағ ба буҷети давлатӣ дар бисёр ҳолатҳо вобастагии зиёд аз дараҷаи такмили базавии Қонунҳо доранд;

3. Такмил додани шакл ва усулҳои назорати иҷроиши даромадҳои андозиву гумрукӣ ва дигар қисматҳои даромади буҷети давлатӣ дар ҷойҳо;

4. Амалӣ гардонидани назорат оид ба таври нақшагии хазинадорӣ иҷро намудани даромадҳои андозӣ ва дигар даромадҳои буҷетҳои ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ, яъне амалӣ намудани назорати ҳаррӯза оид ба иҷроиши буҷети давлатӣ;

5. Ба назорати қатъии худ гирифтани мақомотҳои давлатии ҳокимият оиди бо пуррагӣ ҷамъоварии даромадҳои давлатӣ (воридоти андозӣ ва ғайриандозӣ) ва таъмини иҷроиши онҳо;

6. Заминаи мусоид фароҳам овардан барои инкишоф ва такмил додани фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, пеш аз ҳама, соҳибкорони хурду миёна, вобаста ба такмили механизмҳои танзими андозии иқтисодиёт;

7. Такмил додани шакл ва усулҳои хусусигардонии моликияти давлатӣ, пеш аз ҳама, беҳтар намудани фаъолият ва муносибати мақомоти амволи давлатии ҷумҳуриявӣ;

8. Дигар чораҳои зарурии танзимие, ки ҳампайваст бо беҳтар намудани иҷроиши қисми даромади буҷети давлатӣ (беҳтар намудан ва такмили баъзаи ҳуқуқии иҷроиши буҷет, хазинадорӣ, андозу гумрук ва ғайра) мебошад.

Дар маҷмуъ, дар солҳои истиқлоли давлатӣ, такмили механизми андозии кишвар ҷиҳати рушди иқтисоди миллӣ ба як қатор дастовардҳо дар соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ, технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ, идоракунии қарзи давлатӣ, хазинадорӣ ва раванди банақшагирии буҷети давлатӣ пешравии назаррасро ноил гардида, дар самти идоракунии захираҳои инсонӣ, аудит, барномаи миёнамуҳлати хароҷоти давлатӣ ва иштироки шаҳрвандон дар ҷараёни буҷетӣ беҳбудӣ дида шавад ҳам, барои идомаи ислоҳоти такмили механизмҳои танзими низоми андозу буҷет саъйю талошҳои зиёд ва амалӣ намудани тадбирҳои иловагии зерин зарур мебошад, аз ҷумла:

– таҳкими иқтидори институтсионалӣ ва техникии мақомоти калидии иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар самти банақшагирии стратегӣ ва ислоҳот;

– ҷорӣ намудани методологияи нави банақшагирии миллии стратегӣ дар бахши давлатӣ;

– ворид намудани тағйирот ба заминаи санадҳои меъёрию ҳуқуқии амалкунанда бо мақсади беҳтар муносиб кардан ва ҳамоҳангсозии ислоҳоти бахши давлатӣ, аз ҷумла ислоҳот дар соҳаи идоракунии молияи давлатӣ;

– муносиб кардани сохтори ташкилии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– таҳияи методологияи дахлдор барои баҳогузории таъсири чораҳо ва ислоҳот (аз ҷумла, механизми ҳисоби самаранокии имтиёзҳои андозӣ ва дигар имтиёзҳо);

– таҳлил, мутобиқгардонӣ ва амалӣ намудани моделҳои дахлдори дурнамои макроиқтисодӣ ва андозӣ дар Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– аз нав дида бромадани вазифа ва функсияҳои шуъбаи макроиқтисод ва омори молиявии сарраёсати буҷети давлатӣ ва сиёсати андозҳои Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– беҳдошти моделсозӣ ва ояндабинии макрофискалӣ дар асоси метод ва воситаҳои боэътимоди эмпирикӣ, аз ҷумла таҳлили ҳассосият бо мақсади беҳтар намудани дақиқии нишондиҳандаҳои ҳисобшавандаи макрофискалӣ;

– тақвияти ҳамоҳансозӣ байни Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки имконият медиҳад аз

сарчашмаҳои андозӣ ва ғайриандозӣ баҳодиҳии дақиқи даромадҳои давлатӣ гирифта шавад;

– таъмини робитаи зичи байниҳамдигарӣ бо модели ояндабинии даромадҳо ва чаҳорчӯбаи умумии макрофискалӣ;

– таъмини дастрасӣ ба низоми иттилотии андозбандӣ ва идоракунии молияи давлатӣ барои вазорату идораҳои соҳавӣ (яъне тақсимкунандаи асосии маблағҳои буҷетӣ);

– муносиб гардонидани шумораи тақсимкунандаи асосии маблағҳои буҷетӣ, инчунин, бознигарии вазифа ва ваколатҳои он;

– самаранок ва пурра ҷорӣ намудани Барномаи миёнамуҳлати хароҷоти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– беҳтар намудани мутобиқати тақсимкунандаи асосии маблағҳои буҷетӣ, тақсимкунандаи маблағҳои буҷетӣ ва гирандаи маблағҳои буҷетӣ ба меъёр ва дастурамалҳои амалкунанда;

– бознигарӣ ва дар амал ҷорӣ намудани модули нави Барномаи миёнамуҳлати хароҷоти давлатӣ дар Ҷумхурии Тоҷикистон дар низоми иттилоотии идоракунии молияи давлатӣ;

– баланд бардоштани сифати нақшаҳои стратегии аз ҷониби вазоратҳои соҳавӣ таҳияшуда (яъне, тақсимкунандаи асосии маблағҳои буҷетӣ) бо нишон додани хароҷот барои татбиқи онҳо;

– ҳамгироии пурраи хароҷоти сармоягузорӣ дар буҷети муштараки давлатӣ ва Барномаи миёнамуҳлати хароҷоти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– таҳия ва истифодаи муносибатҳои маҷмуӣ (яъне, механизм) ба баррасӣ, интихоб ва ҳисоби арзиши лоиҳаҳои сармоягузории асосӣ;

– лоиҳаи буҷети давлатӣ барои соли молиявии дахлдор, ки ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда мешавад, маълумоти муфассал оид ба имтиёзҳои сармоягузорӣ, инчунин, андозӣ ва гумрукӣ ва асоснокии мақсад ва самаранокии татбиқи онҳоро дар бар мегирад;

– дастгирии доимии машварат намудани вазоратҳои соҳавӣ (яъне, тақсимкунандаи асосии маблағҳои буҷетӣ) барои таҳияи нақшаҳо ва барномаҳои стратегӣ дар асоси таҷрибаи пешқадами байналмилалӣ;

– коркард ва истифодаи таснифоти барномавӣ барои тамоми бахшҳои буҷетӣ (яъне, барои ҳамаи соҳаҳо);

– таъмини самаранок ва ҷорӣ намудани буҷетикунонии барномавӣ дар бахши давлатӣ;

– бознигарӣ ва мувофиқакунии ҳамаи барномаҳои дорои баҳодиҳии арзиши татбиқи онҳо бо мақсадҳои сиёсати миллӣ/соҳавӣ, ки имконият медиҳад идоракунии умумии самаранокӣ ва тобеияти ҳисоботдиҳӣ дар низоми буҷети бахши давлатӣ беҳтар гардад;

– татбиқи чорабиниҳои зарурӣ барои таҳкими мухторияти молиявии мақомоти маҳаллӣ;

– тақвияти иқтидори кадрии нозиротҳои андоз ва шуъбаи муносибатҳои байнибуҷетии сарраёсати буҷети давлатии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонунгузории амалкунанда, ки барои дақиқ кардани ваколат аз рӯи хароҷот байни сатҳҳои низоми буҷетӣ ва таъмини дарозмуҳлати манбаҳои даромад барои мақомоти маҳаллии ҳокимият равона карда шудаанд;

– таҳия ва ҷорӣ намудани роҳу усулҳои (методикаи) ҳисобкунии трансфертҳои байнибуҷетӣ ба буҷетҳои маҳаллӣ бо усули формула.

– таҳияи Барномаи миёнамуҳлати даромадҳои давлатӣ;

– ҳамгироии пурраи низоми идоракунии хавфҳо бо низоми ҳамгироии идоракунии андоз дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– кам кардани хароҷот барои риояи танзими давлатӣ дар самти маъмурикунонии андоз (масалан, бо роҳи ҷорӣ намудани хизматрасонии электронӣ ба андозсупорандагон);

– таъмини дастрасии самаранок ба Барномаи иттилоотии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, барои Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– тақвияти аудит ва назорат аз болои низоми маъмурикунонии андозҳо;

– тақвият бахшидан ба ҷорӣ намудани технологияи муосири иттилоотӣ, ташкили табодули маълумот байни вазорату идораҳо ҷиҳати замина гузоштан ба иқтисоди рақамӣ ва бо назардошти татбиқи нокифояи амалии «Барномаи давлатии рушд ва татбиқи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2020», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 октябри соли 2018 таҳти №519 тасдиқ шудааст;

– таҳия намудани лоиҳаи Барномаи рушди маъмурикунонии андоз барои солҳои 2020-2025 ҷиҳати татбиқи ҳадафҳои миллӣ, консепсияи иқтисодиёти рақамӣ ва боз ҳам беҳтар намудани маъмурикунонии андоз ва ғ.

**АДАБИЁТ**


1. Барномаи рушди маъмурикунонии андоз барои солҳои 2020-2025 Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2019, таҳти №643. -18 с.
2. Гулмирзоев Д.Г. Назарияи андоз ва андозбандӣ. -Душанбе, 2000. -С.34-37.
3. Давлатов, Д.С. Налоги как основной фактор обеспечения социально-экономического развития региона [Текст] / Д.С. Давлатов // Вестник Таджикского национального университета. Серия экономических наук, 2020. -№10. -С.86-92.
4. Иброхимов И.Р. Пути совершенствования налогово-бюджетной политики Таджикистана. Монография / И.Р. Иброхимов. –Душанбе: Ирфон, 2004. -51 с.
5. Налоги в условиях экономической интеграции / под ред. В.С. Барда и Л.П. Павловой. М., С. 169–170.
6. Налоги и налоговое право / Авт.коллек.; под ред. Брызгалина. -М., 1998. -449 с.
7. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе, 22.12.2017.
8. Сомонаи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Манбаи электронӣ]. URL: ww.andoz.tj.
9. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. [Манбаи электронӣ]. URL: http://www.mmk.tj.
10. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. [Манбаи электронӣ]. URL: http://www.mmk.tj.
11. Турсунов Р.Р. Роль подоходного налога с физических лиц и значимость введения прогрессивной шкалы налогооблажения / Р.Р. Турсунов, Н.М. Муъминзода // Вестник Бохтарского национального университета имени Носири Хусрава. Серия гуманитарных и экономических наук. - 2020. -№S1-4-2(80). -С.171-173.
12. Улугходжаева Х.Р. Налоги и налогооблжение: Учебник / Х.Р. Улугходжаева. -Душанбе: Ирфон, 2003. -С.83.
13. Улуғхоҷаева Х.Р. Налоги и налогообложение Республика Таджикистана / Х.Р. Улуғхоҷаева. - Душанбе: Ирфон, 2003.
14. Ҳисобҳои миллии Тоҷикистон // Маҷм. Оморӣ. -Душанбе, 2022. -С.23; Молияи Тоҷикистон // Маҷм. Оморӣ. -Душанбе, 2022. -С.114-119.
15. Юлдошев Я.Н. Государственный бюджет. Учеб. пособие / Я.Н. Юлдошев. -Душанбе, 2002.


## ДУРНАМОИ МЕХАНИЗМҲОИ ТАНЗИМИ АНДОЗИИ ИҚТИСОДИЁТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ҳарчанд тамоми нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ зиёд шуда истода бошанд ҳам, мутаассифона даромадҳои андозӣ нисбати нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ майли камшавӣ доранд. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки ҳолати иқтисоди воқеӣ ва сарчашмаҳои андозбандӣ тамоюли мусбӣ надоранд. Аз ин хулоса баровардан мумкин аст, ки ҳарчанд нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ вобаста ба таваррум, зиёдшавии ҳаҷми номиналии ММД ба вуҷуд омада бошад ҳам, ба сарчашмаи андозҳо ва даромадҳои воқеии андозсупорандагон таъсири мусбӣ нарасонид, ки аз номукаммалии механизмҳои танзими андозӣ шаҳодат медиҳанд. Аз дигар ҷиҳат, зиёд шудани гаронии андоз нисбати андозсупорандагон боиси камшавии воридотҳои андозӣ гардида истодааст, ки зарурияти такмили механизмҳои танзими андозӣ ногузир аст. Дар соли 2021 вазъи ноустувори иқтисодию молиявӣ дар ҷаҳон ва таҳримҳои иқтисодӣ дар кишварҳои шарикони тиҷоратӣ, тағйирёбиҳои қурбӣ ва ноустувории нархҳо дар бозорҳои ҷаҳонии мол ва ашёи хом ба иқтисодиёти аксарияти кишварҳо, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсири манфӣ расонид. Ҳолати мазкур дар ҷумҳурии мо тавассути кам шудани интиқоли маблағҳо ва ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ боиси ноустувории қурбӣ, коҳиш ёфтани

сатҳи даромадҳои ҳақиқии дар ихтиёрдоштаи аҳолӣ ва сатҳи талабот ба молҳои воридотӣ гардид. Бо вуҷуди таъсири нишонаҳои бухронӣ, рушди иқтисодиёти кишвар дар соли 2021 дар сатҳи нисбатан муътадил нигоҳ дошта шуд. Механизмҳои танзими андозии иқтисодиёт дар сатҳи зарурӣ амалӣ нашуда истодаанд, вобаста ба ин, аз рӯи ҳамаи вазифаҳои мақомоти идораи давлатӣ ва таҳлили иҷроиши даромади буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраҳои дар боло қайд карда шуда, хулосаҳои муайян баровардан мумкин аст, ки он ба беҳтар намудани танзими андозӣ алоқаманд мебошанд.
**Калидвожаҳо:** таҳлил, дурнамо, вазъ, рушд, андоз, механизм, усул, хусусият, алоқаманд, иқтисодиёт, танзим.

## ПЕРСПЕКТИВЫ МЕХАНИЗМОВ НАЛОГОВОГО РЕГУЛИРОВАНИЯ ЭКОНОМИКИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

Анализ показывает, что, хотя все макроэкономические показатели растут, к сожалению, налоговые поступления имеют тенденцию к уменьшению по отношению к макроэкономическим показателям, что свидетельствует о том, что состояние реальной экономики и источников налогообложения не является положительным. Из этого можно сделать вывод, что экономические показатели, связанные с инфляцией и приростом номинального объема ВВП, хотя и были созданы, но не оказали положительного влияния на источник налогов и реальные доходы налогоплательщиков, что свидетельствует о несовершенстве механизмов налогового регулирования. С другой стороны, увеличение налоговой нагрузки на налогоплательщиков приводит к уменьшению налоговых поступлений, что вызывает необходимость совершенствования механизмов налогового регулирования. В 2021 году нестабильная экономическая и финансовая ситуация в мире и экономические санкции в странах торговых партнеров, колебания валютных курсов и нестабильность цен на мировых рынках товаров и сырья оказали негативное влияние на экономику большинства стран, в том числе Республики Таджикистан. Такая ситуация в нашей республике вызвала нестабильность обменного курса, снижение уровня реальных располагаемых доходов населения и уровня спроса на импортные товары за счет сокращения денежных переводов и привлечения иностранных инвестиций. Несмотря на последствия кризиса, экономический рост страны в 2021 году сохранился на относительно стабильном уровне. Анализ показывает, что механизмы налогового регулирования экономики не реализуются на должном уровне, в зависимости от этого можно сделать определенные выводы, исходя из всех функций органов государственного управления и анализа деятельности органов государственного управления, доходов бюджета Республики Таджикистан в указанные выше периоды, что связано с совершенствованием налогового регулирования.
**Ключевые слова:** анализ, перспектива, ситуация, развитие, налог, механизм, метод, характеристика, родственная, экономика, регулирование.

## PERSPECTIVES OF TAX REGULATION MECHANISMS OF THE ECONOMY OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

The analysis shows that although all macroeconomic indicators are increasing, unfortunately, tax revenues tend to decrease in relation to macroeconomic indicators, which indicates that the state of the real economy and sources of taxation are not positive. It can be concluded from this that although the economic indicators related to inflation and the increase in the nominal volume of GDP were created, it did not have a positive effect on the source of taxes and real incomes of taxpayers, which indicates the imperfection of the mechanisms of tax regulation. On the other hand, the increase in the tax burden on taxpayers is leading to a decrease in tax revenues, which necessitates the improvement of tax regulation mechanisms. In 2021, the unstable economic and financial situation in the world and economic sanctions in the countries of trading partners, exchange rate fluctuations and price instability in the world markets of goods and raw materials had a negative impact on the economy of most countries, including the Republic of Tajikistan. This situation in our republic has led to the instability of the exchange rate, the decrease in the level of real disposable income of the population and the level of demand for imported goods through the reduction of remittances and the attraction of foreign investments. Despite the impact of the crisis, the country's economic growth in 2021 was kept at a relatively stable level. Analyzes show that the mechanisms of tax regulation of the economy are not being implemented at the required level, depending on this, it is possible to draw certain conclusions based on all the functions of the state administration bodies and the analysis of the performance of the state budget income of the Republic of Tajikistan in the periods noted above, are related to the improvement of tax regulation.
**Keywords:** analysis, perspective, situation, development, tax, mechanism, method, characteristic, related, economy, regulation.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Гулаҳмадзода Зулфиқор Аҳмад*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, унвонҷӯ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **zulfiqor1988@mail.ru.** Телефон: **985-99-49-99**

**Сведения об авторе:** ***Гулахмадзода Зулфикор Ахмад*** – Таджикский националный универистет, соискатель. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **zulfiqor1988@mail.ru**. Телефон: **985-99-49-99**

**Information about the author:** ***Gulakhmadzoda Zulfiqor Ahmad*** - Tajik National University, applicant. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. E-mail: **zulfiqor1988@mail.ru**. Phone: **985-99-49-99**

ТДУ: 338.436.33 (470.64)

# САМАРАНОКИИ СОҲАИ РАСТАНИПАРВАРӢ: ТАҲАВВУЛОТИ НАЗАРИЯ ВА САМТҲОИ АФЗАЛИЯТНОКИ РУШД

*Раҳимов Ҷ.О., Раҳимов Ш.Ҳ.*
**Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав**

Тайи панҷ соли охир суръати рушди солонаи истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба ҳисоби миёна дар сатҳи 7% нигоҳ дошта шуда, 1,4 баробар афзоиш ёфта, соли 2022 истеҳсоли ғалладонагиҳо ба 1600 ҳазор тонна, картошка ба 1 миллион ва меваю сабзавот ба 3200 ҳазор тонна расонида шуд. Таҷрибаи кишоварзони мамлакат вобаста ба маданияти заминдорӣ, бахусус, дар кишти такрорӣ ва гирифтани ҳосили иловагӣ беҳтар гардида, масоҳати майдони кишти такрорӣ дар панҷ соли охир аз 90 ҳазор га, ба 213 ҳазор га расонида шуд. Тибқи маълумот 85%-и заминҳои корами кишвар обёрӣ карда мешаванд ва беш аз 90%-и ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти растанипарварӣ аз ин ҳисоб таъмин мегардад, омадааст дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон [13,с.13-14].

Новобаста аз дастовардҳои соҳа, то ҳол иқтидори истеҳсолии соҳаи растанипарварӣ пурра истифода нагардида, истифодаи самараноки захираҳои истеҳсолии соҳа ба таври зарурӣ ба роҳ монда нашудааст. Айни замон соҳаи растанипарварии ҷумҳурӣ ва минтақаҳои он бо баъзе мушкилот дучор мегарданд, ки садди афзоиши самаранокии иқтисодӣ ва натиҷаи рушди минбаъдаи он мегарданд: пойгоҳи нокифоягии моддӣ-техникӣ, риоя накардани қоидаю чорабиниҳои агротехникӣ, беҳдошти замин ва обёрӣ, тухмипарварӣ, бамеъёргирии истеҳсолот, муаммоҳои коркард, нархгузорӣ, рақобатпазирии паст, фурӯш ва содироти маҳсулоти соҳаи растанипарварӣ, нокифоягии дастгирии давлатӣ.

Дар шароити муосири хоҷагидорӣ зарурати таъминоти аҳолӣ бо маҳсулоти озуқаворӣ бо истифодаи самараноки неруи захираҳои истеҳсолӣ, ҳалли муаммоҳои рушди соҳаи растанипарвариро талаб менамояд. Дар адабиёти иқтисодии муосир оид ба муқаррароти назариявии моҳият ва мазмуни категорияи иқтисодии «самаранокӣ» таҳқиқотҳои зиёд мушоҳида мешаванд. Самаранокии истеҳсолоти молӣ бо роҳи паст кардани хароҷоти моддӣ, меҳнатӣ ва пулӣ ба ҳисоби як воҳиди неъматҳои моддии истеҳсолшуда ба даст меояд. Бори аввал мафҳуми категорияи иқтисодӣ «самаранокӣ» дар асарҳои В.Пе тти ва Ф. Кене дода шудааст. Онҳо ин таърифро наздик ба мазмуни «натиҷанокӣ» дар ҳолати баҳодиҳии санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии ҳукуматӣ ва таъсири он ба бедоршавии фаъолияти иқтисодӣ дар бозори молӣ истифода менамуданд [3,с.62].

Каме дертар моҳияти категорияи иқтисодии «самаранокӣ» дар асарҳои классикони назарияи иқтисодӣ А. Смит ва Д. Рикардо баррасӣ мегардад [16,с.151]. А. Смит ва Д. Рикардо мафҳуми «самаранокӣ»-ро на барои кулли иқтисодиёт, балки дар вобастагии арзиши мол аз меҳнати гузошташуда баррасӣ намуда, вазифаи асосиро барои иқтисодиёти сиёсии классикӣ, ҳамчун зарурати муайяннамоии қонунҳои иқтисодие муайян намуданд, ки тақсимоти даромадҳоро идора менамоянд.

Д. Рикардо бошад, дар охири асри XIX таърифи категорияи иқтисодии самаранокиро дар шакли зерин пешниҳод намуд: «...чунин ҳолати иқтисодиётест, ки дар он анҷом додани тағйирот ба манфиати як иштирокчии раванди иқтисодӣ, бидуни бад кардани ҳолати иштирокчии дигар ғайриимкон аст» [16,с.36].

П. Самуэлсон дар он андеша аст, ки хароҷот бояд коҳиш дода нашавад, балки танзим карда шавад, то ки натиҷаҳо зиёд гарданд [17,с.55]. К. Маркс қайд менамояд, ки категорияи иқтисодии «самаранокӣ» маънои «...истеҳсол намудани маҳсулот бо эҳтимолияти хароҷоти камтари қувва ва воситаҳо»-ро дорад [9,с.608]. В.И. Ленин категорияи иқтисодии «самаранокӣ»-ро ҳамчун «...ба даст омадани натиҷаи баландтарин бо кӯшишҳои камтарин, яъне, бо маҳсулнокии максималӣ...» муайян намудааст [5,с.48]. Аммо, ба ақидаи мо, самара, натиҷае, ки ба захираҳо ё хароҷот тақсим шудааст, ба таҳлил ва баҳодиҳии муфассал ниёз дорад, зеро ин дар шароити зуд-

зуд тағйир ёфтани муносибатҳои бозорӣ метавонад нокифоя бошад. Аз ин рӯ, зарур аст, ки нишондиҳандаҳои баҳодиҳии самаранокӣ вобаста ба мақсади таҳқиқот ва вазъияти хоҷагидорӣ коркард шавад.

Минбаъд мафҳуми «самаранокӣ» дар асри XX дар асарҳои илмии бисёре аз олимони хориҷию ватанӣ тавсеа ёфтааст. Масалан, Г.Эмерсон вобастагии байни ташкили истеҳсолот ва принсипҳои идоракуниро ошкор карда, қайд менамояд, ки «...он ширкате самаранок мебошад, ки миқдори максималии маҳсулотро дар мавриди истифодаи садфоизаи захираҳо бе талафот истеҳсол менамояд» [20,с.48]. Ба ақида мо, чунин тарзи шарҳ нисбати тақсимоти захираҳои истеҳсолӣ аз «қонуни талаботи қонеъшуда ё қонуни коҳишёбии нафъ» бармеояд, ки дар замони худ аз ҷониби А.Маршалл пешниҳод гардида буд. А.Маршал қайд менамояд, ки нафъи чизҳо барои инсон .... бо ҳар як зиёдшавии захираи ин чиз афзун мегардад. Агар захира баробар афзоиш ёбад, он гоҳ манфиати аз он мебаромада низ бо суръати баланд зиёд мегардад, ба таври дигар, манфиати иловагӣ бо ҳар як афзоиши захираи аллакай мавҷудбуда, кам шудан мегардад [10,с.156].

К. Макконнелл, С. Брю низ дар раванди истеҳсол алоқамандии байни самаранокии истифодаи сарватҳои нодир ва миқдори зарурии маҳсулот қайд менамояд [8,с.97]. В. Паретто чунин таъриф медиҳад: «самаранокии иқтисодии низоми хоҷагидорӣ – ин ҳолатест, ки дар он беҳтаркунии дараҷаи қонеъгардонии як одам бе бадкунии ҳолати узви дигари ҷамъият мумкин аст» [1,с.41].

Илми иқтисодии давраи баъдиинқилобии Шуравӣ самаранокии фаъолияти хоҷагидориро аз рӯйи нишондиҳандаҳои натуралии истеҳсолот ё арзиши ҳаҷми маҳсулоти истеҳсолшуда ба сари аҳолӣ баҳогузорӣ намуда, ба ташаккули хароҷоти истеҳсолӣ таваҷҷуҳи зарурӣ намедод. Баъди Ҷанги дуюми ҷаҳон, солҳои 1945-1960 кӯшиши афзоиш додани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти молӣ бо мақсади ҳарчӣ зиёдтар қонеъ намудани талаботи афзояндаи аҳолӣ зиёд гардиданд, ҳарчанд истеъмолоти ҳақиқии аҳолӣ бо молҳои озуқаворӣ нисбат ба дигар кишварҳои ҷаҳон ҳоло ҳам паст ҳисобида мешуд. Аз солҳои 60-ум асри XX сар карда, дар сиёсати ҳукумати онвақта, фаҳмиши маҳдудияти захираҳои истеҳсолӣ ва зарурати истифодаи оқилонаи онҳо зоҳир шудан гирифт. Танҳо бо чунин роҳ мумкин буд, ки такрористеҳсолкунии васеъро ба роҳ монда, сатҳи таъминнокии аҳолиро бо маҳсулоти озуқаворӣ, молҳо ва хизматҳо баланд намуд.

Дар дастури методии олимони даврони Шуравӣ Ю.Т. Бузилов ва В.И. Соколов «Иқтисодиёт ва ташкили истеҳсолоти кишоварзӣ» моҳияти иқтисодии самаранокии истеҳсолоти ҷамъиятӣ чунин тасаввур гардидааст: «....ба ҳар як воҳиди хароҷоти меҳнат, моддӣ ва молиявӣ гирифтани миқдори зиёдтари маҳсулоти ҷамъиятӣ ва даромади миллӣ......» [2,с.28].

Ба ақидаи мо, побанд намудани самаранокии фаъолияти истеҳсолию хоҷагидорӣ ба маҳсулоти ҷамъиятӣ ва даромади миллӣ, дар бисёр ҳолатҳо дигар намудҳои самаранокӣ (масалан, иҷтимоӣ, экологӣ, техникӣ ва ғ.)-ро истисно менамояд. Дар ҳолати ҷамъбасти натиҷаи гуногунҷанбаи фаъолият, масалан, дар мавриди истеҳсоли намудҳои гуногуни маҳсулоти растанипарварӣ асосан воҳиди ченаки пулиро истифода мебаранд, ки дар навбати худ на танҳо аз хароҷоти истеҳсолӣ, балки аз усули нархгузорӣ (ё арзёбӣ) вобаста аст. Ҳамин тавр, дар ҳисобдорӣ қимати натиҷаҳои фаъолияти истеҳсолӣ бо ифодаи пулӣ вобаста ба усули ҳисоб ва тарзи интихоби нархҳои доимо тағйирёбанда кам ё зиёд нишон дода мешуданд. Зиёда аз ин, ин гуна нишондиҳандаҳо ба талаботи даврони иқтисодиёти бозорӣ, мутобиқат намекунанд, зеро дар шароити рушди муносибатҳои бозорӣ, нарх зери таъсири боз дигар омилҳои ба худ хос, қарор гирифтанаш мумкин аст.

Дар китоби иқтисодиёти сиёсӣ, ки ҳанӯз пеш аз барҳамхӯрии ИҶШС дар соли 1990 нашр гардидааст, Медведев В.А., Абалкин Л.И. ва Ожерелев О.И. самаранокиро ҳамчун таносуби натиҷаи истеҳсолот (маҳсулот) ба хароҷот пешниҳод карда, ишора менамоянд, ки сухан оид ба самараноки манфиатовар меравад, яъне, бояд ҳаҷми истеҳсолот ба талаботи харидори воқеӣ мутобиқат намояд [11,с.74]. Яъне, самаранокӣ ҳолатест, ки бояд на касри молҳо бошад, на истеҳсоли барзиёд маҳсулот. Ба ақидаи мо,

маҳз чунин тарзи дарки мафҳуми «самаранокӣ» ба фаҳмиши муосири даврони рушди муносибатҳои бозорӣ наздикӣ дорад, зеро ду тарафи истеҳсолоти ҷамъиятӣ – хароҷот ва натиҷаҳоро бо дарназардошти мутобиқати мувозинати талаботу таклифоти бозор ба инобат мегирад.

Дар охири солҳои 90-и асри XX, консепсияи таносуби оқилонаи захираҳо баҳри таъмини самаранокии максималӣ рушд намуд. Як қатор олимон дар он ақидаанд, ки вобаста ба андозаи гуногуни омилҳои истеҳсолот, натиҷаҳои гуногуни истеҳсолӣ ба даст меоянд. Масалан, олимони рус Журавлева Г.П., Ховард К. ва Эриашвили Н.Д. дар таҳқиқоти худ қайд менамоянд, ки муносибгардонии истеҳсолоти кишоварзӣ маънои онро дорад, ки «...мо бояд захираҳоро гирифта ончунон самаранок ба ҳам пайваст намоем, ки маҳсулоти беҳтаринро бо нархи пастарин ҳосил намоем...» [18,с.207].

Дар ҳақиқат, дар фаъолияти истеҳсолии хоҷагиҳои кишоварзӣ ҳолатҳое мушоҳида мегарданд, ки дар натиҷаи изофагӣ харидорӣ намудани ашёи хом, захираҳои воситаҳои асосӣ ё гардон онҳо истифода намегарданд ва ин ба паст шудани фондбоздиҳӣ, дар охир ба камшавии маблағи фоидаи интизорӣ оварда мерасонад.

Аз таҳлили осори классикони иқтисодчӣ ва олимони хориҷӣ бармеояд, ки дар давраи гуногун вобаста ба сохти давлатдорӣ ва рушди муносибатҳои иқтисодию хоҷагидорӣ, истилоҳи «самаранокӣ» аз ҷониби муаллиф гуногун шарҳ дода шудааст, ки мо онро дар шакли ҷадвали 1 таҳия кардем.

**Ҷадвали 1. Истилоҳи самаранокӣ аз нигоҳи олимони хориҷӣ**
**Table 1. The term efficiency from the point of view of foreign scientists**

| Муаллифон | Мазмун |
|---|---|
| А.Смит ва Д.Рикардо | ...мафҳуми «самаранокӣ» на барои кулли иқтисодиёт, балки дар вобастагии арзиши мол аз меҳнати гузошташуда баррасӣ мегардад ва вазифаи асосиро барои иқтисодиёти сиёсии классикӣ ҳамчун зарурати муайяннамоии қонунҳои иқтисодие муайян намуданд, ки тақсимоти даромадҳоро идора менамоянд [16,с.151]. |
| В.Пети ва Ф.Кене | ...«натиҷанокӣ» дар ҳолати баҳодиҳии санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии ҳукуматӣ ва таъсири он ба бедоршавии фаъолияти иқтисодӣ дар бозори молӣ... [3,с.62]. |
| Самуэлсон П. | хароҷот бояд коҳиш дода нашавад, балки бояд танзим карда шавад, то ки натиҷаҳо зиёд гарданд [17,с.55]. |
| К.Маркс | ...категорияи иқтисодии «самаранокӣ» маънои «...истеҳсол намудани маҳсулот бо эҳтимолияти хароҷоти камтари қувва ва воситаҳо» дорад [9,с.608]. |
| Г.Эмерсон | ...он ширкате самаранок мебошад, ки миқдори максималии маҳсулотро дар мавриди истифодаи садфоизаи захираҳо бе талафот истеҳсол менамояд [20,с.48]. |
| В.Парето | самаранокии иқтисодии низоми хоҷагидорӣ – ин ҳолатест, ки дар он беҳтаркунии дараҷаи қонеъгардонии як одам бе бадкунии ҳолати узви дигари ҷамъият мумкин аст [1,с.41]. |
| В.И.Ленин | самаранокӣ ҳамчун ...ба даст омадани натиҷаи баландтарин бо кӯшишҳои камтарин, яъне бо маҳсулнокии максималӣ [5,с.48]. |
| Бузилов Ю.Т. ва диг. | ...ба ҳар як воҳиди хароҷоти меҳнат, моддӣ ва молиявӣ гирифтани миқдори зиёдтари маҳсулоти ҷамъиятӣ ва даромади миллӣ [2,с.28]. |
| Медведев В.А. ва диг. | самараноки манфиатовар, ҳаҷми истеҳсолот бояд ба талаботи харидории воқеӣ мутобиқат намояд. Яъне, ин намуди самаранокӣ ҳолатест, ки бояд на касри мол бошад, на барзиёд истеҳсол шавад [11,с.74]. |
| Журавлева Г.П. ва диг. | захираҳоро ончунон самаранок ба ҳам пайваст намоем, ки маҳсулоти беҳтаринро бо нархи пастарин ҳосил намоем [18,с.207]. |

**Эзоҳ:** Таҳияи муаллиф аз сарчашмаҳо

Як қатор олимони тоҷик низ дар самти таҳқиқи самтҳои афзалиётнокиислоҳоти аграрӣ ва рушди соҳаҳои истеҳсолии кишоварзии Тоҷикистон, бештар ба масъалаҳои самаранокии истеҳсоли намудҳои ҷудогонаи соҳаи растанипарварӣ диққат додаанд.

Бо ақидаи академики Раҳимов Р.К. самти интенсивии рушд аз ҳисоби омилҳои сифатан нав ба даст меоянд, дар ин маврид технологияи нав, сатҳи тахассусмандии

баланди кормандон ва омилҳои нави истеҳсолот истифода гардида, имконияти гирифтани самараи иловагии иқтисодиро аз ҳисоби таносуби оқилонаи захираҳо муайян менамоянд [15,с.17], ин ҷо низ муҳиммияти таносуби оқилонаи захираҳо таъкид мегардад. Ба ақидаи профессор Шарифов З.Р. меъёри асосии самаранокӣ таъмини пурраи талаботи ҷамъиятӣ ва шахсӣ дар ҳолати истифодаи нисбатан сарфакоронаи захираҳои мавҷуда ба ҳисоб меравад [19,с.159].

Профессор Мадаминов А.А. нақши маркетингро дар истеҳсолоти кишоварзӣ баланд арзёбӣ намуда, бар он ақида буд, ки истеҳсолкунандаи беҳтарин, бо сифати баланд ва хароҷоти кам маҳсулот истеҳсол кунад ҳам, муваффақ нест, то замоне, ки харидори худро наёбад, шояд харидори пуриқтидор мавҷуд бошад, вале дар бораи ҷойи моли ба ӯ лозима маълумот надорад. Дар ин асос пешниҳод менамояд, ки бо дарназардошти хусусиятҳои хосси кишвар, бояд консепсияи маркетинги соҳаи кишоварзӣ таҳия карда шавад [6,с.28]. Хулоса, андешаи профессор Мадаминов А.А. бо андешаи олимони рус Медведев В.А., Абалкин Л.И., ки самаранокии истеҳсолотро аз ҳаҷми он ва ҳаҷми истеҳсолотро аз таносуби талаботу таклифоти бозор вобаста донистаанд, мувофиқ мебошад.

Баъзе олимони муосири тоҷик дар он ақидаанд, ки самаранокии истеҳсолоти кишоварзӣ аз бисёр ҷиҳат аз усулҳои ташкили истеҳсолот, самаранокии ин ё он шакли хоҷагидорӣ ва дигар муносибатҳои иқтисодии берунӣ вобаста буда метавонанд. Аксари олимони муосири тоҷик, ки оид ба самаранокии истеҳсоли намудҳои алоҳидаи маҳсулоти растанипарварӣ таҳқиқ бурдаанд, ки талоши такмили категорияҳои иқтисодӣ ва нишондиҳандаҳои самаранокиро дар шароити рушди муносибатҳои иқтисодӣ намудаанд.

Ҳамин тавр, таҳлили ақидаи олимони соҳа оид ба шарҳи моҳияти категорияи иқтисодии «самаранокӣ» нишон медиҳад, ки онҳо аз ҳамдигар фарқ менамоянд. Чунин гуногунандешӣ моро водор менамояд, ки фикру ақидаи олимонро ба низом оварда, тасниф намоем. Баррасии моҳияти мафҳуми «самаранокӣ» аз ҷониби олимони соҳа, ки дар ҷадвали 2 оварда шудааст, аз муҳиммияти категорияи мазкур дар иқтисодиёти молистеҳсолкунандагон, субъектҳои алоҳида ва соҳаҳои алоҳида дарак медиҳад.

**Ҷадвали 2. Истилоҳи самаранокӣ аз нигоҳи олимони тоҷик**
**Table 2. The term efficiency from the point of view of Tajik scientists**

| Муаллифон | Мазмун |
|---|---|
| Раҳимов Р.К. | .... технологияи нав, сатҳи тахассусмандии баланди кормандон ва омилҳои нави истеҳсолот истифода бурда, имконияти гирифтани самараи иловагии иқтисодиро аз ҳисоби таносуби оқилонаи захираҳо муайян менамоянд [15,с.17]. |
| Шарифов З.Р. | .... меъёри асосии самаранокӣ таъмини пурраи талаботи ҷамъиятӣ ва шахсӣ дар ҳолати истифодаи нисбатан сарфакоронаи захираҳои мавҷуда ба ҳисоб меравад [19,с.159]. |
| Мадаминов А.А. | самаранокии иқтисодӣ нишондиҳандаи муқоисавиест, ки бузургии маҳсулнокӣ, маблағгузории молиявӣ, хароҷоти иловагӣ ва дараҷаи даромаднокиро бо хароҷоти камтарин ифода менамояд. Дар маҷмуъ, самаранокии иқтисодӣ дараҷаи даромаднокӣ ва меъёри фоидаро ифода мекунад [7,с.51]. |
| Ғафуров Х. | Дар баробари самаранокии иқтисодӣ самаранокии экологию иқтисодиро низ ҷудо кардан зарур аст, ки он раванди тағйироти сифати киштзор, нигаҳдории шароитҳои муҳайёкардаи табиат барои рушди растаниҳо ва таъмини бехатарии экологиро низ инъикос мекунад [4,с.10]. |
| Набиев И.И. | Дар шароити иқтисодиёти бозорӣ самаранокии соҳаи кишоварзӣ ва молистеҳсолкунандагони кишоварзӣ на танҳо аз марҳилаҳои асосии истеҳсолот, балки аз бисёр ҷиҳат аз дараҷаи натиҷанокии фаъолият дар марҳилаҳои тақсимот, мубодила ва истеъмолот вобаста мебошад [12,с.12]. |
| Раҳимов Ҷ.О., Набиев И.И. | Самаранокии иқтисодии истеҳсолот бояд бо роҳи таносуби натиҷаи истеҳсолот ба хароҷот ва сарватҳои ба раванди истеҳсолот ҷалбшуда, муайян карда шавад [14,с.51-53]. |

**Эзоҳ:** Таҳияи муаллиф аз сарчашмаҳо

Аз таҳлили ақидаи олимон оид ба самаранокӣ хулоса намудан мумкин аст, ки аксари онҳо ба як хулосаи умумӣ омада, «самаранокӣ»-ро ҳамчун таносуби байни натиҷаи бадастомада ва захираҳои истифодашуда маънидод кардаанд.

Маҳаки ягонаи муттаҳидкунандаи ҳамаи олимони иқтисодиёти аграрӣ дар бобати муайяннамоии моҳияти иқтисодии мафҳуми «самаранокӣ» - натиҷанокӣ аст. Бо вуҷуди ин, таърифҳои додашудаи олимон мазмуни пурраи самаранокии иқтисодии соҳаи растанипарвариро ифшо намекунанд. Дар асоси омӯзиши муқарароти илмии олимони ватанию хориҷӣ, мо мафҳуми «самаранокӣ»-ро ба таври зайл таъриф кардем, ки хусусиятҳои соҳаи растанипарвариро ифода мекунад: «Самаранокии иқтисодии соҳаи растанипарварӣ танҳо таносуби натиҷаи тиҷоратикунонидашудаи бадастомадаи истеҳсоли неъматҳои биологӣ ба бузургии захираҳои истеҳсолии харҷшударо ифода накарда, балки натиҷаи иқтисодии ҳамбастагии мутақобилаи шароити ташкилӣ, иқтисодӣ, табиӣ ва иҷтимоии фаъолияти соҳаи растанипарвариро дар умум инъикос менамояд, ки дар навбати худ, ба ташаккулёбии нишондиҳандаи ҷамъбастии самаранокии он метавонанд ба дигар нишондиҳандаҳои ҷузъии хосси соҳавӣ таъсир расонанд, махсусан самаранокии чорабиниҳои агротехникии парвариши намудҳои алоҳидаи маҳсулот».

Бартарии таърифи пешниҳодшуда бо он асоснок карда мешавад, ки:

- хусусиятҳои биологӣ ва хусусияти хосси технологияи парвариши маҳсулоти растанипарвариро инъикос менамояд;
- нишондиҳандаи таносуби натиҷа ба истифодаи захираҳои истеҳсолӣ, ки маъмулан истифода мегардад, қолабӣ буда, фарқият ва хусусияти соҳаи растанипарвариро ифода карда наметавонад. Масалан, ба ҳайси нишондиҳандаи натиҷавӣ одатан ҳаҷми натуралии истеҳсоли маҳсулоти ҷудогона ё ифодаи арзишии маҳсулоти умумиро истифода мебаранд, ки на ҳама вақт ба талаботи рушди муносибатҳои бозорӣ мутобиқат карда метавонад. Аз ин рӯ, ба ақидаи мо, дар ин маврид танҳо тиҷоратикунонии истеҳсоли маҳсулотро ба ҳайси натиҷа ва ё оқибати иқтисодии ин раванди фаъолият қабул намудан мувофиқи мақсад аст;
- самараноки иқтисодиро танҳо аз руйи истифодаи оқилонаи омилҳои алоҳидаи истеҳсолот – захираҳои замину об, меҳнат, моддӣ-техникӣ ва молиявӣ баҳо додан лозим аст. Ба ақидаи мо, танҳо таносуби оқилонаи ин гуна захираҳо ва ҳамбастагии дурусти он ба дигар омилҳои ташкилӣ-идоракунӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ натиҷаи дилхоҳ дода метавонад;
- самаранокии иқтисодии истеҳсоли намудҳои алоҳидаи маҳсулоти растанипарварӣ наметавонад самараи ҷамъбастии соҳаро дар умум ифода намояд. Барои хоҷагидорон муҳим он аст, ки бо сохтори самараноки истеҳсолот дар маҷмуъ, аз соҳаи растанипарварӣ дар чӣ андоза самараи иқтисодӣ ба даст оранд. Молистеҳсолкунандагон метавонанд дар истеҳсоли ин ё он намуди алоҳидаи маҳсулоти растанипарварӣ муваффақ бошанд, аммо самаранокии ҷамъбастии соҳаро дар умум таъмин карда наметавонанд. Аз ин рӯ, барои пуррагии тасаввурот оид ба натиҷаҳои фаъолияти истеҳсолӣ бояд, самаранокии иқтисодӣ дар сатҳи соҳа баҳогузорӣ гардад.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДМТ – Маҳмадизода Ф.Б.**

**АДАБИЁТ**


1. Блауг М. Экономическая теория благосостояния Парето /М. Блауг // Экономическая мысль в ретроспективе. -М., 1994. -С.540-561.; XVII, 6 27 с.-ISBN 5-86461-151-4.
2. Бузилов Ю.Т. Экономика и организация сельскохозяйственного производства. Учебно-методическое пособие / Ю.Т. Бузилов, В.И. Соколов. -М.: Мысль, 1978. -327 с.
3. Бурганов Р.А. Экономическая теория / Р.А. Бурганов. -М.: НИЦ ИНФРАМ, 2013. -416 с.
4. Гафуров Х. Модель рационального землепользования в АПК Республики Таджикистан / Х. Гафуров. -Душанбе, 2003. -10 с.
5. Ленин В.И. О научной организации труда / В.И. Ленин. -2-е изд., доп. -М.: Политиздат, 1986. -352 с.
6. Мадаминов А.А. Эффективность сельскохозяйственного производства в условиях рыночных отношений / А.А. Мадаминов. -Душанбе, 1994. -С.28.
7. Макконелл К.Р. Экономикс: принципы, проблемы и политика / Макконелл К.Р., Брю С.Л.; пер. с англ.: -В 2 т. -М., 1992. -Т. 1. -339 с.; 1992. -Т. 2. -400 с.

9. Маркс К. Капитал. Критика политической экономии / К. Маркс. -М.: Политиздат, 1988. -891 с.
10. Маршалл А. Принципы экономической науки. -Т.1 / А. Маршалл; пер. с англ. -М: «Прогресс, 1993. -415 с.
11. Медведев В.А. Политическая экономия. Учебник для ВУЗов / В.А. Медведев, Л.И. Абалкин, О.И. Ожерельев. -М.: Политиздат, 1990. -735 с.
12. Набиев И.И. Баланд бардоштани самаранокии иқтисодии корхонаҳои кишоварзӣ (дар мисоли корхонаҳои минтақаи Ҳисори Ҷумҳурии Тоҷикистон): автореф. дисс. н.и.и. / И.И. Набиев. -Душанбе, 2020. -60 с.
13. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 23.12.2022. –Дувшанбе, 2022. -С.13-14.
14. Раҳимов Ҷ.О. Самаранокии корхонаҳои кишоварзӣ: моҳияти иқтисодӣ, усули баҳодиҳӣ, самтҳои афзалиятноки рушд / Ҷ.О. Раҳимов, И.И. Набиев // Кишоварз. -Душанбе, 2017. -№4(76). -С.51-53.
15. Рахимов Р.К. Макроэкономический анализ добавленной стоимости по экономике Республики Таджикистан / Р.К. Рахимов // Таджикистан и современный мир. Центр стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан. -Душанбе, 2017. -№3(53). -С.17.
16. Рикардо Д. Начала политической экономики и податного обложения / Д. Рикардо. -М.: Госиздат, 1929. -368 с.
17. Самуэльсон П.А. Экономика / П.А. Самуэльсон. -15-е изд.; пер. с англ. -М., 1997. -С.55.
18. Ховард К. Экономическая теория. Учебник для ВУЗов / К. Ховард, Г. Журавлева, Н. Эриашвили. -М.: Банки и биржи, ЮНИТИ, 1997. -278 с.
19. Шарифов З.Р. Основы рыночной экономики и формирование хозяйственного механизма АПК / З.Р. Шарифов. -Душанбе: Ирфон, 2008. -444 с.
20. Эмерсон Г. Двенадцать принципов производительности / Г. Эмерсон. -2-е изд.; пер. с англ. -М., 1992. -106 с.

## САМАРАНОКИИ СОҲАИ РАСТАНИПАРВАРӢ: ТАҲАВВУЛОТИ НАЗАРИЯ ВА САМТҲОИ АФЗАЛИЯТНОКИ РУШД

Дар мақола мубрамият, рисолат ва ҷойгоҳи соҳаи растанипарварӣ дар иқтисодиёти кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок гардидааст. Дар адабиёти иқтисодии солҳои охир оид ба муқаррароти назариявии моҳият ва мазмуни категорияи иқтисодии «самаранокӣ» таҳқиқотҳои зиёд мушоҳида мешаванд. Таҳлили ақидаҳои олимони соҳа оид ба шарҳи мафҳуми категорияи иқтисодии «самаранокӣ» нишон медиҳад, ки онҳо аз ҳамдигар фарқ менамоянд. Аксари онҳо ба як хулосаи умумӣ омадаанд, ки «самаранокӣ» - ин таносуби байни натиҷаи бадастомада ва захираҳои истифодашуда мебошад. Маҳаки ягонаи муттаҳидкунандаи ҳамаи олимони иқтисодиёти аграрӣ дар бобати муайяннамоии моҳияти иқтисодии мафҳуми «самаранокӣ» - натиҷанокӣ аст. Дар ин радиф, нуқтаи назари олимони классикӣ А.Смит, Д.Рикардо, В.Пети, Ф.Кене, Самуэлсон П., К.Маркс, Г.Эмерсон ва дигарон мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шуда, бартарӣ ва имконияти истифодаи он дар шароити Тоҷикистон мавриди таҳлил қарор дода шудаанд. Аз он ҷумла, дар мақолаи мазкур ақидаҳои олимони тоҷик Раҳимов Р.К., Шарифов З.Р., Мадаминов А.А., Ғафуров Х., Раҳимов Ҷ.О., Набиев И.И. ва дигарон оид ба самтҳои самаранокии истеҳсолоти кишоварзӣ оварда шудаанд. Дар мақолаи мазкур фикру ақидаҳои чӣ олимони хориҷӣ ва чӣ муаллифони ватанӣ ба низом оварда шуда, тасниф карда шуданд. Дар мақолаи илмӣ дар асоси омӯзиши муқаррароти илмии олимони ватанию хориҷӣ, таърифи мафҳуми «самаранокӣ», ки тамоми хусусиятҳои соҳаи растанипарвариро ифода карда метавонад, дар таҳрири муалифӣ пешниҳод ва бо далелҳо асоснок карда шудааст.

**Калидвожаҳо:** кишоварзӣ, растанипарварӣ, самаранокӣ, рушд, маҳсулот, соҳа, назария, ақида, мафҳум, моҳият, иқтисодӣ.

## ЭФФЕКТИВНОСТЬ РАСТЕНИЕВОДСТВА: ЭВОЛЮЦИЯ ТЕОРИИ И ПРИОРИТЕТНЫЕ НАПРАВЛЕНИЯ РАЗВИТИЯ

В данной научной статье обоснованы значение, задачи и место растениеводства в аграрном секторе Республики Таджикистан. В экономической литературе последних лет наблюдается множество исследований, посвященных теоретическим положениям сущности и содержания экономической категории «эффективность». Анализ точек зрения ученых по поводу сущности понятия экономической категории «эффективность» показывает, что они отличаются друг от друга. Многие из них пришли к общему выводу, что «эффективность» - это соотношение между полученным результатом и использованными ресурсами. Единственный критерий, объединяющий всех ученых-аграрников при определении экономической сущности понятия «эффективность» - это результативность. В данной статье анализируются точки зрения учёных-классиков А. Смита, Д. Рикардо, В. Пети, Ф. Кене, П. Самуэльсона, К. Маркса, Г. Эмерсона и других, а также преимущества и возможности его использования в условиях Таджикистана. В том числе приведены мнения таких таджикских ученых, как Рахимов Р.К., ШарифоваЗ.Р., Мадаминов А.А., Гафуров Х., Рахимов Дж.О., Набиев И.И. и других по отдельным направлениям повышения эффективности сельскохозяйственного производства. Также автором, систематизированы и классифицированы точки зрения как и зарубежных учёных, так и отечественных исследователей. В научной статье, на основе изучения научных положений отечественных и зарубежных ученых, в авторской редакции представлено и обосновано определение понятия «эффективность», которое может отражать все особенности отрасли растениеводства.

**Ключевые слова:** сельское хозяйство, растениеводство, эффективность, развитие, отрасль, теория, точки зрения, понятие, сущность, экономическая.

**EFFICIENCY OF CROPPING: EVOLUTION OF THEORY AND PRIORITY DIRECTIONS OF DEVELOPMENT**

This scientific article substantiates the importance, objectives and place of crop production in the agricultural sector of the Republic of Tajikistan. In the economic literature of recent years there has been a lot of research devoted to the theoretical provisions of the essence and content of the economic category “efficiency”. An analysis of the points of view of scientists regarding the essence of the concept of the economic category “efficiency” shows that they differ from each other. Many of them came to the general conclusion that “efficiency” is the ratio between the result obtained and the resources used. The only criterion that unites all agricultural scientists when determining the economic essence of the concept of “efficiency” is effectiveness. This article analyzes the points of view of classical scientists A. Smith, D. Ricardo, V. Petit, F. Quesne, P. Samuelson, K. Marx, G. Emerson and others, as well as the advantages and possibilities of its use in the conditions of Tajikistan. Including the opinions of such Tajik scientists as Rakhimov R.K., Sharifova Z.R., Madaminov A.A., Gafurov Kh., Rakhimov J.O., Nabiev I.I. and others in certain areas of improving the efficiency of agricultural production. The author also systematized and classified the points of view of both foreign scientists and domestic researchers. In the scientific article, based on the study of scientific positions of domestic and foreign scientists, the author's edition presents and substantiates the definition of the concept of “efficiency”, which can reflect all the features of the crop production industry.

**Keywords:** agriculture, crop production, efficiency, development, industry, theory, points of view, concept, essence, economic.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Раҳимов Ҷамшед Одинабекович*** – Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва омор. **Суроға**: 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Борбад, 48/5. Телефон: **(+992) 938454488.** E-mail: **rahjam@mail.ru**

***Раҳимов Шарифҷон Ҳабибуллоевич*** **-** Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н.Хусрав, муаллими кафедраи назарияи иқтисод. **Суроға**: 735141, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, шаҳри Бохтар, хиёбони Айнӣ, 67. Телефон: **(+992) 93 466 94 79**. E-mail: **rahmzoda9090@mail.ru**

**Сведения об авторах:** ***Рахимов Джамшед Одинабекович*** **-** Международный университет туризма и предпринимательства Таджикистана, кандидат экономических наук, доцент кафедры экономического анализа и статистики. **Адрес:** 734055, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Борбада, 48/5. Телефон: **(+992) 938-45-44-88.** E-mail: **rahjam@mail.ru**

***Рахимов Шарифджан Хабибуллоевич*** **-** Бохтарский государственный университет им. Н. Хусрава, преподаватель кафедры экономической теории. **Адрес**: 735141, Республика Таджикистан, Хатлонская область, г. Бохтар, проспект Айни, 67. Телефон: **(+992) 93 466 94 79.** E-mail: **rahmzoda9090@mail.ru**

**Information about the authors:** ***Rakhimov Jamshed Odinabekovich*** **-** International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of Economic Analysis and Statistics. **Address:** 734055, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Borbada Avenue, 48/5. Phone: **(+992) 938-45-44-88.** E-mail: **rahjam@mail.ru**

***Rakhimov Sharifdzhan Habibulloevich*** **-** Bokhtar State University. N. Khusrava, lecturer at the Department of Economic Theory. **Address**: 735141, Republic of Tajikistan, Khatlon region, Bokhtar, Aini Avenue, 67. Phone: **(+992) 93 466 94 79.** E-mail: **rahmzoda9090@mail.ru**

ТДУ: 338.43.01(575.3)

# ТАШАККУЛИ СИЁСАТИ МУОСИРИ КИШОВАРЗӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

*Бобозода Шариф Қаноъатшо*
**Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур**

Дигаргуниҳои бозор дар иқтисодиёти кишвар системаи таъминоти озуқаворӣи аҳолиро ба куллӣ тағйир дода, зарурати ташаккули сиёсати нави аграрию озуқавориро дар доираи татбиқи системаи тадбирҳои дарозмуддати стратегии давлатӣ талаб мекунад. Ин амал аз ҷониби давлат бо мақсади фароҳам овардани шароити зарурӣ барои фаъолияти босамари бахши кишоварзии иқтисодиёт, таъмини дастрасии ҷисмонӣ ва иқтисодии маводи озуқа, баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ, ноил шудан ба амнияти озуқаворӣи миллӣ сурат мегирад. Маҳз таъминоти боэътимоди озуқавории аҳолӣ, ки аз ҳама бештар солимии ҷисмонӣ ва маънавии инсонро муайян мекунад, яке аз масъалаҳои афзалиятноки иҷтимоию иқтисодии кишвар мебошад.

Сиёсати давлатии агросаноатӣ ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи сиёсати иҷтимоию иқтисодӣ, бояд мақсаду принсипҳои худро дошта, системаи тадбирҳои ҳамоҳангшудаи ба онҳо мувофиқ ва механизмҳои таъсири давлатро ба бахши кишоварзии озуқавории иқтисодиёт дар бар гирад. Аммо, чуноне ки амалияи татбиқи «Барномаи ислоҳоти кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2022» нишон дод, онҳо дар робита ба шароити муосир тавзеҳот ва васеъкуниро тақозо мекунанд. Пас аз қабули санади мазкур, вазъ дар комплекси агросаноатии кишвар тағйир ёфта, номуайянӣ дар модели рушди оянда он бинобар мавҷудияти таҳдиду хатарҳои сершумори дохилӣ ва хориҷӣ боқӣ монда, тафовути байниминтақавӣ афзоиш ёфтааст. Бинобар ин, баъзе масъалаҳои консептуалии сиёсати аграрию озуқаворӣ, сарфи назар аз он ки дар вақтҳои охир ҷиҳати рушди иҷтимоию иқтисодии Тоҷикистон ва комплекси агросаноатии он барои давраи наздик ва дуру дароз як қатор ҳуҷҷатҳо қабул карда шудаанд, ҳанӯз кушода мемонанд. Ҳамаи ин талаб мекунад, ки имкониятҳои комплекси агросаноатӣ аз ҷиҳати бо озуқаворӣ таъмин намудани мамлакат аз ҳисоби истеҳсолоти ватанӣ боз ҳам оқилонатар баҳо дода шавад, ки барои ин мақсадҳо, вазифаҳо ва самтҳои алоҳидаи сиёсати агросаноатиро аниқ кардан зарур аст.

Сиёсати кишоварзӣ фаъолияти муташаккилонаи давлат ва муассисаҳои иҷтимоию ҳуқуқие мебошад, ки аз ҷониби он барои фароҳам овардани шароити зиндагии хуби иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ ва фарҳангӣ барои аҳолӣ, таъмини онҳо бо озуқаворӣ бо нархи мувофиқ, иҷозат дода шудааст. Гузашта аз ин, дар муайян намудани сиёсати аграрии давлат дар соҳаи кишоварзӣ, амалӣ намудани манфиатҳои шахсии истеҳсолкунанда ва истеъмолкунандаи маҳсулоти кишоварзӣ, ашёи хом ва озуқаворӣ аҳаммияти асосӣ дорад, зеро он ба меъёрҳои арзишӣ, ҳуқуқ ва манфиатҳои шаҳрвандон нигаронида шудааст. Дар баробари ин, сиёсати аграрӣ барои инъикоси манфиатҳои ҷамъият, ҳамаи гурӯҳҳои сотсиалии он ва мустаҳкам намудани иқтисодиёти миллӣ пешбинӣ шудааст. Бинобар ин, моҳияти он дар кор карда баромадан ва ба амал баровардани тадбирҳои аз ҷиҳати илмӣ асосноки стратегии маҷмуӣ бо ташаббуси давлат, ки фароҳам овардани шароити заруриро барои фаъолияти пурсамари комплекси агросаноатии ҷумҳурӣ кафолат медиҳанд, иборат аст. Истеҳсолкунандагони алоҳидаи маҳсулоти кишоварзӣ бо мақсади муътадил таъмин намудани аҳолӣ ба озуқаворӣ ҳаҷман ва махсусан иқтисодӣ, мунтазам ба баланд гаштани дараҷаи зиндагонии аҳолӣ аҳаммият медиҳанд. Ҳамзамон, бояд қайд намуд, ки самти асосии мақсадноки сиёсати аграрии ҷумҳурӣ аз таъмини аҳолӣ бо озуқавории хушсифат бо нархҳои қобили қабул; аз ҷиҳати иқтисодӣ асоснок дар асоси фароҳам овардани шароити ташкилӣ, иқтисодӣ, молиявӣ ва ҳуқуқӣ барои самаранок гузаронидани истеҳсолоти агросаноатӣ; баланд бардоштани рақобатнокии маҳсулоти он; ташаккули бозори рушдкардаи озуқавории кишоварзӣ ва бахшҳои алоҳидаи маҳсулоти он, таъмини боэътимоди озуқаворӣ, эҳёи иҷтимоии деҳот, баланд бардоштани сатҳи даромади аҳолии деҳот ва беҳтар намудани сифати зиндагӣ дар деҳот; ҳалли масъалаҳои муҳофизати муҳити зист ва барқарор намудани

мувозинати экологӣ, такрористеҳсолкунии захираҳои табиӣ барои истеҳсолоти кишоварзӣ иборат мебошад.

Азбаски сиёсати аграрӣ ҷузъи муҳимтарини сиёсати иҷтимоию иқтисодии давлатӣ мебошад, он бояд на ба таври стихиявӣ амалӣ карда шавад, балки ба стратегияи аз ҷиҳати илмӣ асоснок, ҳамоҳангшуда, ба қонунгузорӣ асосёфта, дарозмуддати давлатии рушди соҳаи кишоварзӣ асос ёфта бошад.

Шарти асосии таҳия ва аниқ кардани нуқтаҳои алоҳидаи сиёсати давлатии агросаноатӣ инҳо мебошанд: афзалият ва аҳаммияти махсуси ҳалли проблемаи озуқаворӣ барои ба эътидол овардан ва мустаҳкам намудани вазъи иҷтимоию иқтисодии мамлакат, таъмини бозори дохилии истеъмолӣ бо озуқавории худӣ дар ҳаҷм ва сифати барои ғизои муносиби тамоми шаҳрвандони кишвар муносиб, рафъи вазъи мураккаби иҷтимоию иқтисодии деҳот, рушди минбаъдаи бозори миллии озуқаворӣ ва бахшҳои алоҳидаи маҳсулоти он, рафъи падидаҳои гуногуни манфӣ дар ҷараёниислоҳоти бахши аграрии иқтисодиёт ва фароҳам овардани шароити мусоид ва ҷолиби иҷтимоӣ барои ҳаёти аҳолии деҳот.

Стратегияи сиёсати аграрию озуқаворӣ, бояд бо назардошти шароити мавҷудаи мамлакат ва имкониятҳои воқеӣ, зарурати дар муддати нисбатан кӯтоҳ ҷорӣ намудани системаи аз ҷиҳати илмӣ асосноки дарозмуддат ва ҳал кардани проблемаи озуқаворӣ сохта шавад. Вобаста ба ин, бояд тадбирҳои стратегӣ бо ташаббуси давлат бо мақсади фароҳам овардани шароит барои фаъолияти самаранок ва рушди бахши кишоварзӣ ва озуқавории иқтисодиёт амалӣ карда шаванд. Барои ин, бояд бозорҳои маҳсулоти кишоварзӣ, ашёи хом ва озуқаворӣ инкишоф дода шаванд; аҳолии мамлакат, алалхусус қисми аз ҷиҳати иқтисодӣ камтар муҳофизатшавандаи онро бо маҳсулоти фаровони озуқаворӣ, саноати хӯрокворӣ ва коркардро бо ашёи хоми хушсифати кишоварзӣ таъмин кунанд. Аз ин рӯ, мувофиқи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030 ҳадафҳои стратегии сиёсати аграрӣ-озуқавории давлат аз инҳо иборатанд: дар соҳаи иқтисодӣ - ташаккули агрокомплекси рақобатпазир; истеҳсолоти саноатӣ, ки ба амнияти озуқавории кишвар, таъмини ҳамгироӣ ба истеҳсолоти ҷаҳонии кишоварзӣ ва бозорҳои озуқа мусоидат мекунад; дар соҳаи иҷтимоӣ - баланд бардоштани дараҷаи зиндагонии аҳолии деҳот, инкишоф додани инфраструктураи иҷтимоии деҳот; дар соҳаи экологӣ - истеҳсоли маҳсулоти озуқавории аз ҷиҳати экологӣ тоза ва ҳифзи захираҳои табиӣ барои истеҳсолоти кишоварзӣ дар асоси баланд бардоштани дараҷаи технологии он ва ҷорӣ намудани технологияи сарфакунандаи захира ва аз ҷиҳати экологӣ тоза [11].

Проблемаҳои сиёсати аграрии озуқавориро дар асоси принсипҳои он ҳал кардан мумкин аст, ки аз инҳо иборатанд: шаффофияти сиёсати аграрию озуқаворӣ; дастрасии баробари дастгирии давлат барои ҳамаи истеҳсолкунандагони кишоварзӣ ва мақсаднок будани он; кафолати иҷрои уҳдадориҳои давлат дар назди ҳамаи иштирокчиёни бозори кишоварзӣ ва озуқаворӣ; фаъолияти танзими давлатии бозори озуқавории кишоварзӣ; дастрасии баробари ҳамаи субъектҳои хоҷагидории бозори кишоварзӣ ба иттилооти марбут ба фаъолияти он.

Сарфи назар аз он, ки дар шароити муосир рушди бахши кишоварзии иқтисодиёт афзалияти миллӣ ба ҳисоб меравад, бо вуҷуди ин, дар он мушкилоти зиёде гирд омадаанд, ки ҳалли худро тақозо мекунанд. Аз ин рӯ, зарур аст, ки равишҳои ташаккули сиёсати аграрии давлатро ҷустуҷӯ карда, самтҳои таъсири он ба равандҳои иқтисодӣ дар сатҳи ҷумҳуриявӣ ва минтақавӣ муайян карда шаванд. Дар баробари ин, натиҷаҳои татбиқи сиёсати кишоварзӣ ва тадбирҳои инфиродии таъсири ҳукумат метавонанд мусбат ва манфӣ, интизорӣ ва воқеӣ, пешакӣ ва ниҳоӣ, мустақим ва ғайримустақим бошанд, ки дар ҳама сатҳҳои зинанизом ва дигар соҳаҳо зоҳир мешаванд. Далелҳои алоҳидаро аз маҷмуа ҷудо накарда, натиҷаҳоро бо ҳамдигар ба назар гирифтан муҳим аст. Барои таҳкими самти иҷтимоию иқтисодии сиёсати аграрӣ, давлат бояд инҳоро таъмин намояд: истиқлолияти озуқавории кишвар, яъне қобилияти қонеъ гардонидани талаботи аҳолӣ ба маҳсулоти озуқаворӣ асосан аз ҳисоби захираҳои дохилӣ; дастрасии маҳсулоти хӯрокворӣ барои аҳолӣ, ки ин, аз як тараф, таъмини бефосилаи онҳо ба маҳаллҳои истеъмолӣ ба ҳаҷми кофии эҳтиёҷоти аҳолӣ ва аз ҷониби

дигар, имкони харидани маҳсулоти хӯрокворӣ мувофиқи меъёрҳои ҷисмонӣ бо сохтори мавҷудаи истеъмол, нархҳо, сатҳи даромад, имтиёзҳо; сифати баланд ва бехатарии озуқаворӣ.

Азбаски сиёсати кишоварзӣ ва озуқаворӣ бо дигар соҳаҳои сиёсати давлат алоқаманд аст, натиҷаи таъсири онро на ҳамеша дар шакли соф ҷудо кардан мумкин нест. Аммо самаранокии онро метавон тавассути меъёру нишондодҳои мувофиқ баён кард. Дар баробари ин, аз ҷиҳати методологӣ фарқ кардани мақсадҳои аз ҷиҳати илмӣ асосноки объективии ба амал баровардани сиёсати агроозуқаворӣ ва онҳое, ки дар амал эълон карда шудаанд, аҳаммияти калон дорад. Дар шароити иқтисодӣ гузариш коэффитсиентҳои сатҳи дастгирии давлатӣ, ченаки дақиқтарини самаранокии сиёсати аграрӣ буда, имкон медиҳад, ки таъсири он ба некуаҳволии тамоми субъектҳои хоҷагидори бозори озуқавории кишоварзӣ баҳо дода шавад. Методологияи баҳодиҳии дастгирӣ бо истифода аз чунин коэффитсиентҳо ба муқоисаи нархҳое асос ёфтааст, ки истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ воқеан маҳсулоти худро мефурӯшанд ё захираҳоро харидорӣ мекунанд, бо нархҳое, ки дар сурати набудани дахолати давлат бартарӣ доранд.

Ташаккул ва татбиқи сиёсати аграрӣ, истифодаи усули барномавию мақсаднокро дар назар дорад, ки маҷмуи тадбирҳои иқтисодӣ, ташкилӣ, технологӣ, инноватсионӣ ва дигар тадбирҳоест, ки дар муҳлати муайян барои татбиқи мақсад ва вазифаҳои барномаҳо мушаххас дарҷ ёфтаанд ва чун қоида, ноил шудан ба ҳадафҳои стратегии сиёсати аграрӣ нигаронида шудаанд. Дар баробари ин, хусусиятҳои асосии усули барномавию мақсаднок дар сиёсати аграрӣ системанокӣ, тамаркуз ба ноил шудан ба мақсади мушаххас ё системаи мақсадҳо, пайгирӣ ва ҷудокунии ташкилии барномаҳои мақсаднок ва ҷузъҳои он маҷмуи тадбирҳое мебошанд, ки ба мақсад мувофиқанд.

Функсияҳо ва вазифаҳое, ки бо истифода аз усули барномавӣ-мақсаднок дар сиёсати аграрӣ ҳал карда мешаванд, бо инҳо алоқаманданд: муайян кардани самти рушди система дар асоси таҳлили муносибатҳои мавҷудаи ҷузъҳои он, тамоюлҳои тағйирёбии онҳо ва иқтидори система, инчунин, муайян кардани ҳолати мақсадноки система; ҳамоҳангсозии рушди зерсистемаҳои гуногун (масалан, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, илмӣ, техникӣ, экологӣ) бо мақсади ба даст овардани самараи мултипликаторӣ; фароҳам овардани замина барои қабули қарорҳои идоракунӣ аз ҷониби ҳамаи субъектҳои система; таносуби манфиатҳои иштироккунандагони система.

Усули барномавӣ-мақсаднок дар сиёсати аграрӣ ҳангоми истифодаи усулҳои пешгӯии макроиқтисодӣ ва минтақавӣ, инчунин, банақшагирии индикативӣ натиҷаҳои беҳтарин медиҳад. Ин робита бо зарурати таъсис ва назорати системаи нишондиҳандаҳои самаранокии идоракунии татбиқи барномаҳои мақсаднок муайян карда мешавад.

Дар шароити ҳозира раванди истеҳсол, мубодила, тақсим ва истеъмоли маҳсулоти кишоварзӣ, ашёи хом ва озуқаворӣ системаи мураккаби байнисоҳавӣ буда, ҳолат ва инкишофи он ба ҳамкории комплексии бисёр омилҳои берунӣ ва дохилӣ вобаста аст. Бо як қатор сабабҳои объективӣ ва субъективӣ, он то ҳол вазифаи асосии худро иҷро накардааст, ки он ба таъмини боэътимоди аҳолии кишвар бо озуқаи кофӣ ва серғизо алоқаманд аст, ки аз ҳаҷми зиёди воридоти озуқа шаҳодат медиҳад. Ҳалли ин масъала асосан бо татбиқи сиёсати давлатии агросаноатӣ муайян карда мешавад.

Бо озуқа таъмин намудани аҳолӣ, ки солимии ҷисмонӣ ва маънавии инсон ва тамоми халқро муайян мекунад, яке аз масъалаҳои афзалиятнок ва муҳимми иҷтимоию иқтисодии истеҳсол, тақсим ва истеъмоли маҳсулоти хӯрокворӣ мебошад. Дар баробари ин, амнияти озуқавориро метавон аз нуқтаи назари таъмини бевоситаи аҳолӣ бо озуқаворӣ, ҳифзи он аз маҳсулоти пастсифати озуқаворӣ, инчунин, ҳифзи истеҳсолкунандагони ватании кишоварзӣ аз захираҳои бузурги воридотии озуқа баррасӣ кард. Ин масъалаҳо қисман дар «Барномаи рушди низоми агроозуқаворӣ ва кишоварзии устувор барои давраи то соли 2030» инъикос ёфтаанд, ки дар он рушди соҳаи кишоварзӣ яке аз самтҳои асосии сиёсати давлатӣ эътироф шудааст. Бори аввал дар солҳои ислоҳоти бозорӣ дар сатҳи давлатӣ саъй карда шуд, ки модели бештар

прогрессивии рушди соҳаи кишоварзӣ, ки самти стратегии рушди сиёсати миллии озуқавориро инъикос менамояд, таҳия гардад [3].

Яке аз вазифаҳои муҳимми сиёсати аграрӣ аз ҳисоби истеҳсоли ватанӣ қонеъ гардонидани талаботи аҳолӣ ба маҳсулоти озуқаворӣ мебошад. Аммо дар солҳои ислоҳоти бозорӣ бинобар кам шудани талаботи аҳолӣ, сатҳи истеъмоли моводи озуқа бо вуҷуди воридоти миқёси калон, ки ба беш аз 970 миллион доллар расид ва ҳадди амнияти озуқавориро қариб ду баробар боло бурд, паст гардид. Бақияи манфии содироту воридоти маҳсулоти кишоварзӣ, ашёи хом ва маводи ғизоӣ 924 миллион долларро ташкил дод.

Модели ташаккулёфтаи иқтисодиёти ватанӣ, ки, пеш аз ҳама, ба содироти ашёи хом ва воридоти васеи маводи ғизоӣ ва ашёи кишоварзӣ барои истеҳсоли он асос ёфтааст, барои рушди он қобили қабул нест ва тағйироти куллиро тақозо мекунад. Ин махсусан дар шароити муосир, ки озуқаворӣ ба яке аз омилҳои асосии фишори сиёсӣ ва иқтисодӣ дар муносибатҳои байналхалқӣ байни кишварҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ пешрафта табдил ёфта истодааст. Агар ба назар гирем, ки 17% аҳолии ҷаҳон гуруснагиро аз сар мегузаронанд ва дар даҳсолаи наздик шумораи он метавонад якуним баробар афзоиш ёбад, таҳдид боз ҳам бадтар мешавад [2].

Падидаҳои буҳронӣ дар комплекси агросаноатии ватанӣ натиҷаи табиии ҳисобҳои нодуруст дар стратегия ва тактикаи ислоҳоти бозор, ки дар ибтидои солҳои 90-ум оғоз шуда буданд, гардиданд. Саросемавор ва аксаран нодуруст интихоби афзалиятҳо ҳангоми татбиқи онҳо боиси афзоиши номутавозунӣ дар комплекси агросаноатӣ, якбора коҳиш ёфтани истеҳсолот, аз даст додани устувории молиявии аксарияти истеҳсолкунандагони кишоварзӣ, бад шудани сифати зиндагии мардуми деҳот гардид. Дар робита ба ин, раванди минбаъдаи дигаргунсозиҳо дар соҳаи кишоварзӣ дар кишвар бештар аз роҳнамоии сиёсати аграрӣ ва озуқаворӣ, ки барои оянда интихоб шудаанд, вобаста аст, ки усулу равишҳои навро дар асоси истифодаи самаранокӣ фишангҳои иқтисодӣ ва ҳавасмандгардонӣ тақозо менамояд. Ин истифодаи оқилонаи иқтидори захиравӣ ва биоиқлимӣ, ҳавасмандгардонии соҳибкорӣ, фаъолияти инноватсионӣ ва сармоягузорӣ, баланд бардоштани мавқеи рақобатпазирӣ мебошад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаккул ва татбиқи сиёсати аграрию озуқаворӣ дар сатҳи миллӣ ва минтақавӣ сурат мегирад, бинобар ин, ҳангоми таҳия ва татбиқи қарорҳо, тақсимоти салоҳиятҳо байни мақомоти марказӣ ва минтақавӣ низ ба амал меояд. Дар баробари ин, ҳукумати марказӣ дар таҳияи ҳадафҳо ва афзалиятҳои сиёсати давлатии агросаноатӣ ташаббуси сиёсӣ дошта, ягонагии фазои бозор, шароити қонунгузории фаъолияти иқтисодиро дар минтақаҳо ва соҳаҳои кишоварзӣ таъмин менамояд. Бо дарназардошти манфиатҳои иҷтимоию иқтисодии минтақаҳо дар марҳилаи таҳияи барномаҳои мақсадноки дахлдор ва бо захираҳо таъмин намудани онҳо имконпазир аст, зеро минтақаҳое, ки истиқлолияти муайяни иқтисодӣ доранд, метавонанд масъалаҳои мушаххаси худро самаранок ҳал кунанд.

Барои таъмини татбиқи самарабахши сиёсати аграрӣ фаъолияти ҳукумати марказӣ, бояд ба чунин самтҳои афзалиятнок тамаркуз карда шавад: нигоҳдории субот ва баланд бардоштани сатҳи таъминоти озуқавории кишвар; ноил шудан ба ягонагӣ дар сиёсати кишоварзӣ; тақсимоти оқилонаи вазифаҳо дар сатҳи ҷумҳурӣ ва минтақавии ҳокимияти қонунгузор ва иҷроия; таъмини якпорчагии бозори дохилии озуқавории кишоварзӣ ва сегментҳои маҳсулоти он; гузаронидани сиёсати сохторӣ ва самарабахши иқтисодии хориҷӣ; ба амал баровардани сиёсати ягонаи замин, технологӣ ва молиявӣ; татбиқи сиёсати кадрӣ; таъмини иттилоотии фаврӣ ва объективӣ; иҷрои вазифаҳои назорати давлатӣ, назорати нархҳои маҳсулоти саноат ва хоҷагии қишлоқ, танзими муносибатҳои иқтисодии байнисоҳавӣ; тартиб додан ва ҷорӣ намудани стандартҳои ягонаи таъминоти иҷтимоии аҳолии деҳот [10].

Объекти сиёсати минтақавии агросаноатӣ, маҷмуи қисмҳои истеҳсолоти агросаноатии минтақа мебошад, ки алоқаи зич ва устувор ва вобастагии мутақобилаи онҳо як равандеро ташкил медиҳад, ки барои иҷрои на камтар аз се вазифаи муҳимми мутақобила пешбинӣ шудааст: иқтисодӣ - ташаккули бозори пешрафтаи кишоварзӣ ва сегментҳои алоҳидаи маҳсулоти он; рушд додани истеҳсолоти самарабахши устувори

агросаноатӣ; иҷтимоӣ - танзими ҳаёти деҳот; экологӣ ва биологӣ - вусъат додани такрористеҳсолкунии ҳосилхезии хок ва маҳсулнокии наботот ва ҳайвоноти хоҷагии қишлоқ, муҳофизати муҳити зист.

Ташаккули сиёсати минтақавии аграрии озуқаворӣ, аз як тараф, дар зери таъсири сиёсати макроиқтисодӣ дар робита бо рушди бахши кишоварзии иқтисодиёт ва аз тарафи дигар, шароит ва хусусиятҳои мушаххаси ҳар як минтақаи ҷумҳурӣ бо назардошти шароити табиӣ, иқтисодӣ ва дигар шароитҳои он сурат мегирад.

Тафовути назарраси шароитҳои иқтисодӣ, табиию ҷуғрофӣ, иҷтимоӣ-демографӣ, сиёсӣ ва дигар минтақаҳо муносибати ягонаро ба ташаккул ва татбиқи сиёсати аграрию озуқаворӣ, ки ба шароити миёна нигаронида шудааст, истисно мекунад ва сиёсати тағйирпазири минтақавиро бо дарназардошти хусусиятҳои фаъолияти ҳар як минтақа талаб мекунад.

Мушкилии сиёсати минтақавии аграрии озуқаворӣ дар якҷоягӣ бо дигаргунсозӣ дар иқтисодиёт ва ҷомеа аз набудани таҷрибаи амалӣ, таъминоти нокифояи илмӣ ва бартарияти манфиатҳои имрӯзаи бозор боз ҳам бештар мегардад. Ин асосан ба мақсад мувофиқ будани тадқиқоти ҳаматарафаро мефаҳмонад, ки он имкон медиҳад сиёсати минтақавии озуқаворӣ, ки ба вазъияти нави иқтисодӣ мувофиқ бошад, тартиб дода шавад.

Дар шароити ҳозира, яке аз ҷиҳатҳои асосии идеологияи сиёсати аграрӣ бояд аз барномаҳои соҳавии дастгирии кишоварзӣ ба барномаҳои рушди комплексии деҳот равона кардани он бошад. Қадами аввал дар ин самт қабули Консепсияи рушди устувори деҳот мебошад. Аҳаммияти ин масъала дар он аст, ки то вақтҳои охир на дар ҳуҷҷатҳои ҳукуматӣ оид ба рушди дарозмуддати мамлакат ва на дар стратегияҳои соҳавии аксар мақомотҳо деҳот ҳамчун объекти мустақили идоракунӣ муайян карда нашудааст.

Аҳаммиятнокӣ ва талабот ба дигаргуниҳои иҷтимоию иқтисодии деҳот аз зарурати таъмини амнияти озуқавории кишвар, ҳимояи манфиатҳои геополитикии давлат, бунёди низоми худидоракунии маҳаллӣ, фаъол намудани омили инсонии рушди иқтисодӣ ва дар ислоҳоте, ки аҳолии деҳот гузаронда истодааст, иштирок намояд. Аз ин рӯ, хусусияти асосии сиёсати муосири давлатии кишоварзӣ дар муқоиса бо сиёсати солҳои 90-уми асри гузашта, робитаи зичтари омилҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии рушд мебошад.

Фароҳам овардани шароит барои рушди устувори деҳот яке аз ҳадафҳои муҳимми стратегии сиёсати давлатии агросаноатӣ, таъмини истифодаи самараноки иқтидори пурраи иқтисодиёти кишвар мебошад. Соҳаи кишоварзӣ дар нигоҳ доштани зиндагонии деҳот, ҳифзи манзараҳои кишоварзӣ ва мероси фарҳангӣ, гуногунии агробиологӣ ва нигоҳ доштани мувозинати экологӣ дар биосфера саҳми ҳалкунанда мегузорад. Хоҷагии қишлоқ дар нигоҳ доштани ҳосилхезии замин аз эрозия ва дигар ҳодисаҳои манфии табиию техногенӣ муҳофизат намудани замин нақши калон мебозад. Ин молҳои ғайриозуқавӣ хислатҳои моли ҷамъиятиро доранд, вале ба савдо намебароянд ва онҳоро аз рӯи меъёрҳои самаранокии бозор пурра баҳо додан мумкин нест [13].

Ҷамъият бояд на танҳо ба баланд бардоштани дараҷаи худтаъминкунии озуқавории мамлакат, балки ба нигоҳ доштани серсоҳаи хоҷагии қишлоқ, тарзи таърихии ҳаёти аҳолии деҳот, беҳтар намудани муҳити зист низ манфиатдор бошад. Бисёрфунксионалии он яке аз ҷузъҳои таъмини некуаҳволии миллӣ буда, зарурати дастгирии давлатиро дар фароҳам овардани шароит барои рушди устувори деҳот муайян мекунад, ки он рушди устувори ҷамоатҳои деҳот, таъмини афзоиш, диверсификатсия ва баланд бардоштани самаранокии иқтисодиёти деҳот; баланд бардоштани сатҳ ва сифати зиндагии аҳолии деҳот; беҳтар намудани вазъияти экологии деҳотро талаб мекунад.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДМТ – Маҳмадизода Ф.Б.**

## АДАБИЁТ


1. Агапова Т. Продовольственная безопасность: методика оценки / Т. Агапова, Л. Вахрушева // Экономика сельского хозяйства России. – 2001. -№6.
2. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маҷмуаи оморӣ. –Душанбе, 2022. -349 с.
3. Барномаи рушди низоми агроозуқаворӣ ва кишоварзии устувор барои давраи то соли 2030.
4. Барфиев К.Х. Методика определения конкурентоспособности предприятий АПК Хатлонской области Таджикистана. Конкуретоспособность в глобальном мире / К.Х. Барфиев, Дж.С. Пиризода // Экономика, наука, технологии. – 2017. -№2. -ч.3. -С.16-18.
5. Вазиров А.К. Теоретические подходы к пониманию экологического развития сельского хозяйства региона / А.К.Вазиров, Ф.А. Вазиров, Ф.Б. Махмадизода // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2020. -№2. -С.153-158.
6. Государственная программа содействия экспорту и импортозамещению в Республике Таджикистан на 2016-2020 гг.
7. Григорьева Е. Деятельность международных организаций по проблеме продовольственной безопасности / Е. Григорьева // Международный сельскохозяйственный журнал. – 1997. -№6.
8. Жигалов А.Н. Экономическая доступность продовольствия: методы и пути повышения / А.Н. Жигалов, С.С. Алимбеков. -М.: Хлебпродинформ, 2002.
9. Папцов А.Г. Экономика аграрного сектора развитых стран в условиях мирового продовольственного кризиса / А.Г. Папцов. -М.: Гриф и К, 2009.
10. Пиризода Дж.С. Региональный агропродовольственный рынок: проблемы и тенденции развития / Пиризода Дж.С. // Вестник Таджикского национального университета. Серия экономических наук. –Душанбе, 2014. -№2/11(155).
11. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030.
12. Турсунов Р.Р. Прогнозная динамика экономики РТ в рынке труда и состояния сельскохозяйственной отрасли Республики Таджикистан / Р.Р. Турсунов // Наука, новые технологии и инновации Кыргызстана. – 2019. -№11.
13. Ушачев И.Г. Аграрная политика России: проблемы и решения / И.Г. Ушачев. -М.: Издательство «ИП Насирддинова В.В.», 2013.


## ТАШАККУЛИ СИЁСАТИ МУОСИРИ КИШОВАРЗӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


Дар мақола ташаккули сиёсати муосири кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Инчунин сиёсати давлатии агросаноатӣ ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи сиёсати иҷтимоию иқтисодии давлат, механизмҳои таъсири давлат ба бахши кишоварзӣ, стратегияи сиёсати аграрию озуқаворӣ, коэффитсиентҳои сатҳи дастгирии давлатӣ, ченаки дақиқтарини самаранокии сиёсати аграрӣ, самтҳои афзалиятноки сиёсати аграрӣ, идеологияи сиёсати аграрӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Дар шароити ҳозира раванди истеҳсол, мубодила, тақсим ва истеъмоли маҳсулоти кишоварзӣ, ашёи хом ва озуқаворӣ системаи мураккаби байнисоҳавӣ буда, ҳолат ва инкишофи он ба ҳамкории комплексии бисёр омилҳои берунӣ ва дохилӣ вобаста аст. Бо як қатор сабабҳои объективӣ ва субъективӣ, он то ҳол вазифаи асосии худро иҷро накардааст, ки он ба таъмини боэътимоди аҳолии кишвар бо озуқаи кофӣ ва серғизо алоқаманд аст, ки аз ҳаҷми зиёди воридоти озуқа шаҳодат медиҳад.



**Калидвожаҳо:** сиёсати давлатии агросаноатӣ, ҳамгироӣ, комплекси агросаноатӣ, рушди устувори деҳот, маҳсулоти кишоварзӣ, кооператсияи агросаноатӣ.


## ОРГАНИЗАЦИЯ СОВРЕМЕННОЙ СЕЛЬСКОХОЗЯЙСТВЕННОЙ ПОЛИТИКИ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН


В статье рассматривается организация современной сельскохозяйственной политики в Республике Таджикистан. Также рассматривается государственная агропромышленная политика как составная часть социально-экономической политики государства, механизмы влияния государства на аграрный сектор, стратегия аграрно-продовольственной политики, коэффициенты уровня государственной поддержки управления, обсуждались меры эффективности аграрной политики, приоритетные направления аграрной политики, идеология аграрной политики. В современных условиях процесс производства, обмена, распределения и потребления сельскохозяйственной продукции, сырья и продуктов питания представляет собой сложную междисциплинарную систему, а ее состояние и развитие зависит от сложного взаимодействия многих внешних и внутренних факторов. В силу ряда объективных и субъективных причин она до сих пор не выполнила свою главную задачу, связанную с надежным обеспечением населения страны достаточными и питательными продуктами питания, о чем свидетельствуют большие объемы импорта продовольствия.



**Ключевые слова:** государственная агропромышленная политика, интеграция, агропромышленный комплекс, устойчивое развитие сельских территорий, сельскохозяйственная продукция, агропромышленная кооперация.


## OF MODERN AGRICULTURAL POLITICAL ORGANIZATION AND THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN


The article examines the organization of modern agricultural policy in the Republic of Tajikistan. State agro-industrial policy is also considered as an integral part of the socio-economic policy of the state, mechanisms of state

influence on the agricultural sector, the strategy of agrarian and food policy, coefficients of the level of state support for management, measures of the effectiveness of agricultural policy, priority directions of agricultural policy, and the ideology of agricultural policy were discussed. In modern conditions, the process of production, exchange, distribution and consumption of agricultural products, raw materials and food products is a complex interdisciplinary system, and its condition and development depends on the complex interaction of many external and internal factors. Due to a number of objective and subjective reasons, it has not yet fulfilled its main task, which is related to the reliable provision of the country's population with sufficient and nutritious food products, as evidenced by the large volumes of food imports.

**Keywords:** state agro-industrial policy, integration, agro-industrial complex, sustainable development of rural areas, agricultural products, agro-industrial cooperation.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Бобозода Шариф Қаноъатшо*** **-** Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ. **Суроға**: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 146. Телефон: **918-31-36-37**

**Сведения об авторе:** ***Бобозода Шариф Каноатшо*** - Таджикский аграрный университет им. Шириншо Шотемура, кандидат экономических наук, доцент кафедры экономики агропромышленного комплекса. **Адрес**: 734003, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 146. Телефон: **918-31-36-37**

**Information about the author:** ***Bobozoda Sharif Kanoatsho*** - Tajik Agrarian University named after. Shirinsho Shotemura, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of Agricultural Economics. **Address**: 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 146. Phone: **918-31-36-37**

ТДУ: 621.039.003(575.3)

# ТАҲИЯИ ВАРИАНТИ АЛТЕРНАТИВИИ ПЕШНИҲОДИ ХИЗМАТҲОИ СОҲАИ ЭНЕРГИЯИ БАРҚӢ ДАР ТОҶИКИСТОН

*Комилов С.Ҷ., Каримов Р.И.*
**Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон,**
**Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон**

Соҳаи энергетика чӣ дар фаъолияти иқтисодии мамлакат ва чӣ дар баландбардории сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ нақш ва мавқеи калидӣ дорад. Ҳаёти имрӯзаи одамон бе мавҷудияти энергияи барқ тавассурнопазир буда, асоси рушди тамаддуни давлатҳоро дар шароити муосир, маҳз пешниҳоди баландсифати хизматҳои соҳаи энергияи барқӣ таъмин менамояд. Барои ин, бартарафсозии мушкилиҳои монеадори рушди иҷтимоӣ-иқтисодии мамлакат, яке аз афзалиятҳои асосии ҳукумати мамлакат дониста шудааст. Қонеъгардонии талаботи афзояндаи аҳолии мамлакат бо энергияи барқӣ тавассути мунтазам такмил додани механизмҳои бозори хизматҳои таъминкунандаи энергияи барқӣ, ҳамзамон, истифода аз вариантҳои алтернативии истеҳсолу интиқоли энергияи барқӣ имконпазир мебошад. Вобаста ба ин, таҳқиқу таҳлил ва фаъолгардонии мунтазами хизматҳои энергияи барқӣ дар илмҳои иқтисодӣ зарурати хосса дорад.

Ташаккул ва рушди бозори сохторбунёдкунанда ҳамчун бозори энергияи барқӣ аз бисёр тарафа динамика ва рушди иқтисоди миллӣ, инчунин, афзоиши сатҳи зиндагии аҳолиро нишон медиҳад. Дар баробари ин, дар раванди таҳлил ва идоракунии таъсиррасонии талабот ва таклифот ба ин бозор, бештар ба масъалаҳои таъмини дастрасии хизматҳо, сифат ва кафолатнокии хизматрасониҳои таъмини энергияи барқӣ, ҳамзамон, ба иқтидору имкониятҳои васеъгардонии рақобатпазирии мамлакат, соҳа ва минтақаҳо такя карда мешавад.

Тиҷорати ҷаҳонии хизматҳо метавонад интихоби хизматҳои дастрасу сифатнокро ҳамчун раванди муҳими гузариши соҳаи энергетика ба самти энергетикии устувор таъмин намояд. Баъзе аз ин намуд хизматҳо муҳиммияташон дар он аст, ки бо интиқолдиҳии маълумот, истеъдод ва технологияҳое, ба фаъолгардонии ташаббусҳоро дар самти илм, техника ва инноватсияҳои барои мусоидат намудан ба раванди гузариш ба энергетикаи устувор муҳим аст, замина мегузоранд [5].

Мусаллам аст, ки қонеъгардонии талаботро дар бозори энергияи барқӣ мумкин аст, ки тавассути ташкили бозори хизмат оид ба таъмини энергияи барқӣ ё бозори хизматҳои энергияи барқӣ таъмин намуд. Барои ин, дар шароити муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати фаъолгардонии раванди пешниҳоди хизматҳо, зарур аст, ки моҳияти асосии бозори хизматҳои энергияи барқиро ҳамчун соҳаи амалиётҳо оид ба истеҳсоли ҳаҷми лозима, интиқоли саривақтӣ ва хариду фурӯши намудҳои асосии маҳсулот ё хизматҳо тавсиф намоем.

Дар шароити муосири зуд-зуд тағйирёбандаи вазъи бозорҳои ҷаҳонӣ ва минтақавӣ, таркиб ва моҳияти асосии бозори хизматҳои энергияи барқиро иқтидорҳои барқӣ, хизматҳо оид ба интиқол ва тақсимоти энергияи барқӣ, хизматҳои техникӣ оид ба таъмини фаъолияти мунтазами шабакаҳои барқӣ, хизматҳо оид ба фурӯши энергияи барқӣ, хизматҳо оид ба баланд бардоштани сатҳи баланди самаранокии энергияи барқие, ки ба истеъмолкунандагон пешниҳод мешаванд, ташкил медиҳад. Арзёбии вазъи имрӯзаи бозори хизматҳои энергетикӣ муайян менамояд, ки бозори хизмат оид ба таъмини энергияи барқӣ барои аҳолӣ бояд дар худ механизми зуд мутобиқшавиро ҳангоми идоракунии захираҳои моддӣ, молиявӣ ва иттилоотӣ доро бошад. Вазифаи асосии бозори хизмати энергетикаи барқӣ бошад, аз таъмини саривақтии талаботи аҳолӣ, ташкили шароитҳои зарурӣ ва ҷолиб барои истеҳсолкунандагону истеъмолкунандагон иборат мебошад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ҳаҷми истеҳсоли энергияи барқӣ дар ҷумҳурӣ солҳои 2010-2021, дар маҷмуъ 4387661 кВс. зиёд гардидааст, ки ин нишондиҳандаҳо дар бозори энергетикии мамлакат тамоюлҳои мусбӣ доранд. Дар баробари афзоиш ёфтани

**Ҷадвали 1. Вазъи бозори хизматҳо оид ба таъмини энергияи барқӣ дар Тоҷикистон (млрд. кВс.)**

**Table 1. Status of the market of services for the provision of electric energy in Tajikistan (billion kV)**

| Солҳо | Истеҳсол | Талабот | Норасогӣ |
|---|---|---|---|
| 2010 | 16246123 | 22944583 | -6698460 |
| 2011 | 16361871 | 22635475 | 6273658 |
| 2012 | 16790294 | 22158366 | -5368072 |
| 2013 | 16926975 | 21394885 | -4467910 |
| 2014 | 16312070 | 20197824 | -3885754 |
| 2015 | 16961557 | 20153212 | -3191655 |
| 2016 | 17037613 | 20024069 | 2986456 |
| 2017 | 18090773 | 20584150 | -2493377 |
| 2018 | 18061557 | 20153212 | -3191655 |
| 2019 | 18137613 | 20024069 | -2986456 |
| 2020 | 18186452 | 20584150 | -2493377 |
| 2021 | 20633784 | 20833476 | -199692 |

Таҳлили муаллифон: Маҷмуаи омории «Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон» Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе, 2022. -С.68 [9,с.68]

ҳаҷми истеҳсоли энергияи барқӣ, вобаста ба зиёд гардидани иқтидорҳои истеҳсолӣ, инчунин, афзоиши табиии аҳолии мамлакат ҳаҷми талабот низ тамоюлҳои зиёдшавӣ дорад, ки зарурати тақвиятбахшии хизматрасониҳоро дар соҳа тақозо менамояд. Сабаби асосии зиёдшавии ҳаҷми истеҳсоли энергияи барқиро дар мамлакат, дар сохтмони неругоҳҳои хурди нав, таҷдиди техникии неругоҳҳои бузурги амалкунанда ва инчунин, бунёди неругоҳҳои хурди офтобии аҳаммияти истеҳсоли алтернативии энергияи барқидошта, шарҳ додан мумкин аст. Бахусус дар 30 соли охир наздики 200 неругоҳҳои барқии хурди обӣ ва 50 адад нуқтаҳои зеристгоҳи барқӣ сохта ва таҷдиди техникӣ карда шудааст, инчунин 75% объектҳои инфрасохтори хизматрасониҳои соҳа таъмиру таҷдиди техникӣ карда шудааст. Қобили қайд аст, ки зиёда аз 95% ҳаҷми истеҳсоли энергияи барқии мамлакат ба неругоҳҳои обӣ рост меояд, ки ин вазъият хусусиятҳои пешниҳоди саривақтии хизматрасониҳои соҳаро мураккаб намуда, ҳамзамон, ба арзиши хизматрасониҳо таъсири манфӣ мерасонад.

Гузашта аз ин, Ҳукумати мамлакат тавассути як қатор санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи энергетика» (бо назардошти такмилу бознигарии даврӣ), Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба «Барномаи азхудкунии манбаҳои барқароршавандаи энергия ва сохтмони неругоҳҳои барқи обии хурд барои солҳои 2016-2020», «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраҳои то соли 2030», «Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020», «Консепсияи рушди соҳаҳои комплекси сӯзишворию энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи солҳои 2003-2015», «Барномаи дарозмуҳлати сохтмони неругоҳҳои барқии хурд барои давраи солҳои 2007-2020» ва дигар санадҳои умумиҷумҳуриявӣ ва соҳавӣ ба афзоиши ҳаҷми истеҳсоли энергияи барқӣ ва такмили усулҳои пешниҳоди хизматрасониҳои босифати соҳа мусоидат намуд.

Таҳлил нишон медиҳад, ки новобаста аз нишондиҳандаҳои афзоиши истеҳсоли энергияи барқӣ дар мамлакат, нишондиҳандаҳои афзоиши ҳаҷми талаботи иқтисодиёт ва аҳолӣ низ ба энергияи барқӣ тамоюлҳои мусбӣ дорад. Чунин вазъият водор менамояд, ки ҷиҳати ба инобатгирӣ, бахусус ҳисоби ҳаҷми талаботи истеъмоли энергияи барқӣ, сохтори бозори хизматрасониҳои соҳа такмил дода шавад. Маълумотҳои бахши талабот ба энергияи барқӣ собит менамояд, ки истифодабарандаи асосӣ дар ҷумҳурӣ аввалан, хоҷагии коммуналӣ мебошад, ки ҳамасола 47% энергияи барқии истеҳсолшудаи мамлакатро истифода менамояд. Баъдан, соҳаи саноат ҳамчун истифодабарандаи бузурги энергияи барқи маҳсуб меёбад, ки зиёда аз 41,1% энергияи барқӣ истеҳсол мешударо истифода мебарад. Соҳаи кишоварзӣ бошад, дар зинаи сеюм ҳамагӣ 16% аз ҳаҷми умумии энергияи барқии истеҳсол мешударо истифода менамояд. Натиҷаи таҳлил собит менамояд, ки вобаста ба шароитҳои ҷуғрофии мамлакат, ки

зиёда аз 73% аҳолӣ дар минтақаҳои деҳот истиқомат менамоянд ва ҷойгиршавии теъдоди зиёди корхонаҳои саноатӣ ва кишоварзӣ дар минтақаҳои гуногун ҷойгир шудаанд, ба методологияи нархи энергияи барқ ва пешниҳоди хизматрасониҳои энергетикӣ, бахусус хизматҳо оид ба интиқол, таъмиру васли нуқтаҳои истифодабарӣ ва таъмиру таҷдиди объектҳои инфрасохторӣ тағйир меёбад.

Айни замон, ҷиҳати беҳтаргардонии сатҳу сифати хизматҳои соҳаи энергияи барқии мамлакат, инчунин, барои ноил гардидан ба мақсади рушди устувор ва таъмини иқтисодиёт бо энергияи барқии боэътимод, дар Ҷумҳурӣ барномаи диверсификатсияи сарчашмаҳои барқистеҳсолкунанда бо маром фаъолият намуда истодааст. Дар ин асос сохтмону таҷдиди неругоҳҳои барқи обии хурд, хатҳои интиқол ва зеристгоҳҳои барқтақсимкунанда имконият медиҳанд, ки фаъолияти босуботи инфрасохтори хизматрасониҳои соҳа таъмин карда шуда, хизматрасониҳои таъмини аҳолӣ бо энергияи барқ беҳтар гардонида шавад. Воқеан, имрӯзҳо дар низоми энергетикии мамлакат, масъалаҳои сохтани иқтидорҳои хурди барқӣ аз ҳисоби захираҳои обӣ ҷиҳати қонеъгардонии талабот, бахусус талаботи аҳолии минтақаҳои деҳот мубрам буда, таваҷҷуҳи муҳаққиқон ва мутахассисони соҳа торафт зиёд гардида истодааст.

Аммо вобаста ба чолишҳои муосири иқтисодиёти ҷаҳонӣ, тағйирёбии иқлим бо пайомадҳои норасоии об ва хушксолӣ, дигаргуншавии ғайричашмдошти вазъи бозорҳои ашё ва маҳсулоти таёри моддиву техникӣ, шадид гардидани ихтилофоти тиҷоратӣ ва муносибатҳои таҳримона байни мамлакатҳое, ки ҳамчун иштирокчиёни бузурги хоҷагидории ҷаҳон мебошанд, эътироф намудани захираҳои об ҳамчун сарчашмаи асосии кафолатдиҳанда ва ягонаи истеҳсоли энергияи барқӣ имконнопазир гардида истодааст. Бахусус солҳои охир, дар сатҳи минтақаи Осиёи Марказӣ, бо сабаби норасоии захираҳои об, баҳсҳои байнидавлатӣ ҷиҳати ҳарҷӣ бештар аз худ намудани сарчашмаҳои об бештар гардида истодааст. Аз ин сабаб, ҷиҳати ноил гардидан ба ҳадафҳои олии мамлакат, бахусус таъмини амнияти энергетикӣ ва истифодаи самарабахшӣ неруи барқ ва ба ҳамин васила пурра қонеъ гардонидани талаботи дохила тавассути пешниҳоди хизматҳои босифати соҳаи энергетика, ба назари мо, фаъолгардонии равандҳои пайдо ва татбиқи вариантҳои алтернативии истеҳсолу интиқоли неруи барқ барои иқтисдоиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, афзалияти стратегӣ дорад.

Энергетикаи алтернативӣ ба монанди энергетикаи анъанавӣ дар худ таҳия ва истифодабарии таҷҳизотҳои васлшаванда, технологияҳо ва сарчашмаҳои бунёдкунандаи энергиятавлидкунандаро таҷассум менамоянд, ки дар фаҳмишҳои иқтисодӣ ва техникӣ дар истеҳсолот ва қонеъгардонии истеъмолот нисбатан кам маъмул гардидаанд. Имрӯзҳо дар бахши хизматҳои энергияи барқӣ аз ҳисоби сарчашмаҳои барқароршавандаи энергия таҳқиқотҳои зиёди илмию амалӣ вуҷуд дорад. Собит гардидааст, ки татбиқи чунин равиш бештар дар доираи масъалаҳои «иқтисодиёти сабз» муҳокима гардида, ҳамчун сарчашмаи энергиятавлидкунанда, ба монанди бодӣ, офтобӣ ва буғӣ аз ҷиҳати экологӣ тоза дониста шуда, самти инноватсионии соҳа низ дониста шудааст.

Барои шароитҳои иқлимию ҷуғрофии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қатори вариантҳои истеҳсоли энергияи барқии аз нигоҳи экологӣ тоза ва ҳмчун сарчашмаи барқароршавандаи энергияи барқӣ, татбиқи варианти истеҳсоли энергияи барқӣ аз ҳисоби шуълаҳои офтобӣ қулай ва муфид мебошад. Зеро аз нигоҳи иқтисодӣ ва техникии сохтмон, истеҳсол ва интиқоли энергияи барқӣ барои минтақаҳои деҳот, бахусус деҳоти дар баландкӯҳҳои ҷумҳурӣ қарор дошта, пешниҳоди хизматҳои итиқолу таҷдид ва ё хизматҳои мунтазами энергетикие, ки ҷараёни фаъолияти зеристгоҳҳои барқиро таъмин менамоянд, нисбатан гарон ва мураккаб мебошад.

Зеро ба ақидаи иқтисоддонҳои ватанӣ Аҳророва А.Д., Аминҷонов Р.М. ва Доронкин К.А. «мақсади асосии энергетика – ин таъмини боэътимод ва кафолатноки таъмини талаботи иқтисодиёт ва аҳолӣ бо энергия, чӣ аз ҳисоби сарчашмаҳои анъанавӣ – энергияи барқӣ, маҳсулотҳои нефтӣ, газ, ангишт ва чӣ аз ҳисоби энергияи алтернативӣ-офтобӣ, геотермалӣ, бодӣ, биоэнергӣ мебошад» [1,с.92].

Хусусияти асосии инфрасохтори энергияи барқии офтобӣ, ин тақсимоти имкониятҳои бехатарӣ, беовозу (генератсияи) истеҳсоли электроэенергияи офтобӣ аз нигоҳи экологӣ тоза нисбат ба электроэнергияи анъанавии дорои ташкили инфрасохтори пешниҳодкунандаи хизматҳои энергетикӣ ва сохтмону таъмири хатҳои таъминкунандаи электроэнергияи сармояталаб мебошад.

Мусаллам аст, ки инфрасохтори энергияи барқии офтобӣ дар ҳамон минтақаҳо (мавзеъ ё маҳаллҳо) ташкил карда мешавад, ки дар он ҷойҳо сарчашмаҳои таъмини умумии энергияи барқӣ дастнорас аст ё хизматрасониҳои интиқол ва таъмину таъмири онҳо нисбатан сармояи зиёдро талаб менамояд. Таҷҳизоти офтобии «фотоэлектрикӣ» таъсири мустақими мубаддалшавии шуълаҳои офтобиро ба энергияи барқӣ тавассути аксгирии шуълаҳои офтобӣ истифода менамояд. Ғайр аз таҷҳизоти бунёдкунандаи акси шуълаҳои офтобӣ, барои ташкили объекти инфрасохтори энергетикии офтобӣ, дастгоҳҳои хурди функсионалии батареяи аккумуляторӣ, таҷҳизоти қувvадиҳанда, инвертори худмухтори табдилдиҳандаи шиддати мунтазами барқ ба шиддати ғайримунтазам, инчунин, дигар ҷузъиёти барқистифодабарӣ мавриди истифода қарор дода мешавад.

Бо шарофати зиёдшавии ҳаҷми истеҳсоли модулҳои офтобии тунукшакл дар ҷаҳон, афзоиши босуръати истеҳсоли электроэнергияи офтобӣ мушоҳида гардида истодааст. Тамоюлҳои мусбии ин соҳаи сохторбунёдкунанда дар мамлакатҳои ғарб собит намуда истодаанд, ки батареяҳои офтобӣ дар солҳои наздик яке аз сарчашмаҳои асосии энергияи барқӣ ва варианти алтернативии ташкили объекти инфрасохтори бозори хизматҳои энергетикӣ мегардад [2,с.187].

Таҷрибаи озмоишии таҳқиқот, дар суроғаи Вилояти Суғд, н. Айнӣ, Яғноб, ҷ\д. Анзоб деҳаи Хишортоб, ки аҳолии деҳа зиёда аз 80 нафарро ташкил дода, масофаи байни деҳа то наздиктарин неругоҳи барқи обӣ зиёда аз 8 км.-ро ташкил медиҳад, хизматрасонии интиқоли барқ аз низоми барқии марказӣ ғайриимкон аст ва хизматрасонии энергетикии аҳолӣ аз неругоҳи барқии обии хурди худсози аз оби чашмасори кӯҳӣ таъмин мегардида, ба таври мавсимӣ истифода менамоянд, гузаронида шуд. Бояд қайд кард, ки аҳолии ин деҳа дар фасли зимистон, дар натиҷаи яхбандии оби чашмаҳо хизматрасониҳои истеҳсол ва истифодаи неруи барқ барои аҳолии деҳот аз ин инфрасохтори энергетикӣ пурра қатъ гардида, мушкилоти иҷтимоию иқтисодии аҳолӣ нисбатан шиддат мегирифт.

Тавсифи техникӣ-ҷуғрофӣ тавассути барномаи «Solar and sunpath» муайян карда шудааст. Объекти инфрасохтори неругоҳи барқии офтобии хурд, дар масофаи 39.259905 ва паҳноии 68.611679 (39 15'36", 068 36'42") ҷойгир шудааст. Иқтидори асосии таҷҳизот 3,4 кВт соат, азимути насби 180° ва дараҷаи насби панелҳои офтобӣ (24 адад) 33-ро ташкил медиҳад.

**Расми 1. Иқтидори даврии истеҳсол ва пешниҳоди хизматҳои энергетикии неругоҳи хурди офтобӣ**

**Figure 1. Periodic production capacity and provision of energy services of a small solar power plant**



Нишондиҳандаҳои расми 1 собит менамоянд, ки сатҳи баланди иқтидори даврии неругоҳи хурди офтобӣ ҳамчун варианти алтернативии объекти инфрасохтори боэътимод танҳо дар моҳи август мушоҳида мегардад. Бояд қайд намуд, ки ҷиҳати таъмини самаранокии баланди фаъолияти объекти инфрасохторӣ, насби дастгоҳу таҷҳизотҳои замонавӣ ба эътибор гирифта шудааст. Масалан, таҷҳизоти аккомуляторӣ ҳангоми кам ё зиёд гардидани шуълаи офтоб дар давоми рӯз ва баъдан дар давоми сол, энергияи баркро нигоҳ дошта, тавассути таҷҳизоти «конвертор» раванди муътадили хизматрасонии интиқоли баркро пурра таъмин менамояд. Агар ба нишондиҳандаҳои ин расм, аз дигар тараф таваҷҷуҳ намоем, пас маълум мегардад, ки ҳангоми чунин иқтидори хизматрасонии истеҳсол ва пешниҳоди бе таъхири неруи барқ, объекти инфрасохторӣ метавонад дар як сол дар ҳаҷми 6989,4 кВс. неруи барқ истеҳсол намуда, талаботи аҳолии муайянро қонеъ намояд.

Гузашта аз ин, нишондиҳандаҳои иқтисодии чунин объекти инфрасохтори бозори хизматҳои энергетикии таҳияшуда, метавонад модели ватании иқтисодӣ-риёзиро дар асоси таҳқиқи унсурҳои асосии бозор, бахусус истеҳсол-истеъмол-нархи хизматрасониҳои энергетикӣ дар шароити тағйирёбии ғайричашмдошти вазъи бозори энергетикии ҷаҳонӣ ва ватанӣ пурра асоснок намояд. Яъне, ҳангоми иқтидори солонаи объекти инфрасохтори неругоҳи хурди офтобӣ баробари 6989,4 кВс. бошаду нархи 1 кВс. барои аҳолӣ баробари 0,26 сомонӣ бошад, пас даромади пулии он дар як сол баробари 1817,2 сомонӣ ва тибқи муҳлати истеҳлокии дастгоҳу таҷҳизоти он - 25 сол, самаранокии он баробари 45430 сомон мегардад, дар ҳоле, ки хароҷоти умумии чунин объект, ҳамагӣ 30580 сомониро ташкил медиҳад.

Механизми татбиқи услуби мазкурро тавассути механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ бо усули созишномаи корпоративӣ тасаввур намудан ҷоиз аст. Барои он, ки дар аввал ҷиҳати харидорӣ (воридот ва таъмин) намудани дастгоҳу таҷҳизотҳои истеҳсол ва пешниҳоди хизматҳои энергетикӣ ва инчунин, хизматҳои нақшакашии лоиҳавӣ ва насб намудани онҳо, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ бо бахши хусусӣ (соҳибкорони хурд, шахсони инфиродӣ, аҳолии деҳа ва ғ.) созишнома (созишномаи фармоишӣ) баста, метавонанд масъалаҳои рӯшноидиҳии минтақаҳои деҳотро ҳаллу фасл намоянд. Дар дурнамои наздик бошад, маҳз тавассути усули корпоративии ташаккули механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ, ташкили корхонаҳои хурди истеҳсоли дастгоҳу таҷҳозотҳо барои татбиқи лоиҳаҳои таъмини аҳолии ноҳияҳои дурдасти мамлакат бо энергияи барқии офтобӣ афзалияти бештар дорад.

Маълум мегардад, ки энергияи барқии офтобӣ метавонад ҷузъи таркибӣ-инфрасохтори муҳимми бозори хизматҳои энергетикии Тоҷикистон гардида, дар қатори ташкили ҷойҳои корӣ, васеъ намудани шаклҳои фаъолияти хоҷагидорӣ, ба кор андохтани иқтидорҳои нави энергияи барқии обӣ ва истифодаи самараноки захираҳои обӣ-энергетикӣ бо энергетикаи барқии муқаррарӣ (НОБ ва МГБ) дар бозори хизматҳо рақобат намуда, ҳамчунин, варианти алтернативии низоми энергетикии мамлакат гардад. Чунин ақидаҳо аз он сарчашма мегирад, ки мамлакатҳои рушди иқтисодии саноатию инноватсионидошта, муваффақиятҳои сиёсати давлатии худро дар сиёсати дурусти энергетикӣ ва ташаккули механизмҳои муосири бозори хизматҳои соҳаи энергетика таҷассум намудаанд.

Ҳамин тариқ, таҳқиқот нишон медиҳад, ки татбиқи варианти алтернативии пешниҳоди хизматҳои соҳаи энергетикаи барқӣ дар Тоҷикистон, метавонад ба татбиқи ҳадафҳои олии рушди мамлакат, беҳдошти сатҳи хизматрасониҳои соҳа ҷиҳати баландбардории сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ ва таъмини рушди иқтисодиёти мамлакат мусоидат намояд.

**АДАБИЁТ**


1. Ахророва А.Д. Энергетика и проблемы устойчивого развития Таджикистана / А.Д. Ахророва, Р.М. Аминджанов, К.А. Доронкин // Экономическая наука современной России. – 2003. -№4. -С.92.
2. Амерханов Р.А. Перспективы использования возобновляемых источников энергии / Р.А. Амерханов, Б.К. Цыганков // Труды Кубанского государственного аграрного университета. - 2013. -№42. -С.187.

3. Джураева Дж.Х. SWOT – анализ как инструмент оценки конкурентоспособности рынка энергетических услуг Республики Таджикистан / Дж.Х. Джураева // Вестник Таджикского национального университета, Серия социально-экономических и общественных наук. -Душанбе, 2019. -№7. -С.113-119.
4. Исайнов Х.Р. Водно-энергетический капитал Центральной Азии: Эколого-экономические и инвестиционные аспекты / Х.Р. Исайнов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2017. –№2/5. -Часть 1. -С.40-48.
5. Конференция Организации Объединенных Наций по торговле и развитию // Роль торговли и услуг для развития науки, техники и инноваций в целях содействия справедливому переходу к устойчивой энергетике. -Женева, 10–12 июля 2023 года.
6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ», ш. Душанбе, 28 декабри соли 2012. -№907.
7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи энергетика» // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2019, №7, мод., 526; ҚҶТ аз 28.12.13с., № 1054.
8. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сарфаи энергия ва самаранокии энергия», ш. Душанбе 29 августи соли 2013 сол, №560.
9. Маҷмуаи оморӣ «Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон» Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе, 2022. -С.68.
10. Ризокулов Т.Р. Факторы, влияющие на развитие розничных энергетических услуг в Республике Таджикистан / Т.Р. Ризокулов, Ш.Р. Собирова // Ученые записки серии естественных и экономических наук. -Худжанд, 2016. -№2(37). -С.98-104.
11. Ходжаев Д.Х. Зарубежный опыт формирования и развития энергетических услуг в условиях рыночной экономики / Д.Х. Ходжаев // Вестник Таджикского национального университета (научный журнал). Серия социально-экономических и общественных наук. –Душанбе, 2018. -№3. –С.166-173.
12. Ходжаев Д.Х. Энергетический сектор Республики Таджикистан: современное состояние и перспективы развития / Д.Х. Ходжаев // Вестник Таджикского национального университета (научный журнал). Серия социально-экономических и общественных наук. -Душанбе, 2017. -№2/3. –С.97-102.

## ТАҲИЯИ ВАРИАНТИ АЛТЕРНАТИВИИ ПЕШНИҲОДИ ХИЗМАТҲОИ СОҲАИ ЭНЕРГИЯИ БАРҚӢ ДАР ТОҶИКИСТОН

Дар мақола паҳлуҳои илмӣ ва амалии таҳияи вариантҳои алтернативии пешниҳод намудани хизматҳои соҳаи энергияи барқӣ дар Тоҷикистон баррасӣ карда шудааст. Ҷиҳати фаъолгардонии раванди пешниҳоди хизматҳо, моҳияти асосии бозори хизматҳои энергияи барқиро ҳамчун соҳаи амалиётҳо оид ба истеҳсоли ҳаҷми лозимаи энергия, интиқоли саривақтӣ ва хариду фурӯши намудҳои асосии маҳсулот ё хизматҳо тавсиф дода шудааст. Вазъи бозори хизматҳо оид ба таъмини энергияи барқӣ дар Тоҷикистон таҳлил карда шуда, тамоюлҳои асосии истеҳсол ва истеъмоли энергияи барқ дар сохторҳои иқтисодиёти мамлакат ва аҳолӣ муайян карда шудааст. Вобаста ба омилҳои манфии беруна, бахусус тағйирёбии иқлим бо пайомадҳои норасоии об ва хушксолӣ, дигаргуншавии ғайричашмдошти вазъи бозорҳои ашё ва маҳсулоти таёри моддиву техникӣ, зарурати таҳияи варианти алтернативии энергияи барқ тавассути шуълаҳои офтобӣ асоснок карда шудааст. Варианти алтернативии истеҳсолу хизматрасонии энергияи барқӣ тавассути сохтмони неругоҳи барқии офтобии хурд дар минтақаҳои баландкӯҳи Тоҷикистон пешниҳод карда шуда, механизми татбиқи онро тавассути механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ бо усули созишномаи корпоративӣ маънидод карда шудааст.

**Калидвожаҳо:** хизмат, алтернатив, бозор, иқтисодиёт, энергия, барқ, захира, рушд, талабот, истеҳсолот, интиқол.

## РАЗРАБОТКА АЛЬТЕРНАТИВНОГО ВАРИАНТА ПРЕДОСТАВЛЕНИЯ УСЛУГ СФЕРЫ ЭЛЕКТРОЭНЕРГЕТИКИ В ТАДЖИКИСТАНЕ

В статье рассматриваются научные и практические аспекты разработки альтернативных вариантов оказания услуг в сфере электроэнергетики в Таджикистане. С точки зрения активизации процесса оказания услуг, основная сущность рынка электроэнергетических услуг характеризуется как сфера деятельности по производству необходимого количества энергии, своевременной доставке и купле-продаже основных видов продукции или услуг. Проанализировано состояние рынка услуг по предоставлению электроэнергии в Таджикистане, определены основные тенденции производства и потребления электроэнергии в структурах экономики страны и населения. В связи с негативными внешними факторами, особенно изменением климата с последствиями дефицита воды и засух, неожиданным изменением конъюнктуры рынка товаров и готовой материально-технической продукции, обоснована необходимость разработки альтернативного варианта получения электрической энергии за счет солнечных лучей. Предлагается альтернативный вариант производства и обслуживания электроэнергии за счет строительства малой солнечной электростанции в высокогорной местности Таджикистана и поясняется механизм его реализации через механизм государственно-частного партнерства, методом корпоративного соглашения.

**Ключевые слова:** услуга, альтернатива, рынок, экономика, энергетика, электроэнергия, ресурс, развитие, спрос, производство, передача.

**DEVELOPMENT OF AN ALTERNATIVE OPTION FOR PROVIDING ELECTRIC POWER SERVICES IN TAJIKISTAN**

The article discusses the scientific and practical aspects of developing alternative options for providing services in the electricity sector in Tajikistan. From the point of view of activating the process of providing services, the main essence of the electricity services market is characterized as the sphere of activity for the production of the required amount of energy, timely delivery and purchase and sale of main types of products or services. The state of the market for services for the provision of electricity in Tajikistan is analyzed, the main trends in the production and consumption of electricity in the structures of the country's economy and population are determined. In connection with negative external factors, especially climate change with the consequences of water shortages and droughts, unexpected changes in market conditions for goods and finished material and technical products, the need to develop an alternative option for generating electrical energy from solar rays is justified. An alternative option for the production and maintenance of electricity through the construction of a small solar power plant in the highlands of Tajikistan is proposed and the mechanism for its implementation through the public-private partnership mechanism, using the corporate agreement method, is explained.

**Keywords:** service, alternative, market, economics, energy, electricity, resource, development, demand, production, transmission.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Комилов Сироҷиддин Ҷалолиддинович* -** Академияи байналмилалии мактабҳои олӣ, академик, Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи идоракунии давлатӣ ва маҳаллӣ. **Суроға:** 734000, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Турсунзода, 30. E-mail: **sirodj.tj@mail.ru.** Телефон: **917505401**

***Каримов Рустам Илҳомович* -** Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, докторанти Ph.D-и кафедраи умумидонишгоҳии назарияи иқтисод. **Суроға**: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов, 64/14. E-mail: **k-rustam2014@mail.ru**. Телефон: **907898940**

**Сведения об авторах:** ***Комилов Сироджиддин Джалолиддинович*** –Международная академия наук высшей школы, академик, Российско-Таджикский (славянский) университет, доктор экономических наук, профессор кафедры государственного и местного управления. **Адрес**: 734000, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Турсунзода, 30. E-mail: **sirodj.tj@mail.ru.** Телефон: **917505401**

***Каримов Рустам Илхомович*** - Таджикский государственный финансово-экономический университет, докторант Ph.D общеуниверситетской кафедры экономической теории. **Адрес**: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Нахимов, 64/14. E-mail: **k-rustam2014@mail.ru.** Телефон: **907898940**

**Information about the authors:** ***Komilov Sirodzhiddin Dzhaloliddinovich*** – International Academy of Sciences of Higher Education, Academician, Russian-Tajik (Slavic) University, Doctor of Economics, Professor of the Department of State and Local Administration. **Address**: 734000, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Tursunzoda street, 30. E-mail: **sirodj.tj@mail.ru**. Phone: **917505401**

***Karimov Rustam Ilkhomovich*** - Tajik State University of Finance and Economics, Ph.D doctoral student of the university department of economic theory. **Address**: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov street, 64/14. E-mail: **k-rustam2014@mail.ru.** Phone: **907898940**

ТДУ: 336.774.5

# ТАВСИФИ СОҲАИ КИШОВАРЗӢ ҲАМЧУН БАХШИ МУШАХХАСИ ҚАРЗДИҲИИ БОНКӢ

*Асозода Ф.Н., Одинаева М.Ш.*
**Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзӣ**

Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, дар радифи тадбирҳои асосӣ барои ноилшавӣ ба ҳадафҳои стратегии дар бахши КАС «диверсификатсияи истеҳсолоти кишоварзӣ, ҷорӣ намудани навовариҳо бо назардошти беҳбуди муҳити зист ва сифати заминҳо, таҳияи чорабиниҳо оид ба иваз намудани моддаҳои кимиёвии то андозае хатарнок ба алтернативӣ, баланд бардоштани ҷолибияти соҳа, бахусус барои хоҷагиҳои деҳқонӣ аз ҳисоби ташаккул ва таҳким додани занҷирҳои арзиши иловашуда” [7,с.12] қарор гирифтааст. Барои расидан ба ин ҳадаф, нақши баланд бардоштани сатҳи ҷолибияти сармоягузорҳои манбаҳои гуногун муҳим мебошад. Ҷалби сармоягузорӣ бо хусусиятҳои соҳа алоқамандии зич дорад

Дар самти муносибатҳои назариявӣ оид ба хусусиятҳои соҳаи кишоварзӣ ва танзими он, инчунин, оид ба сармоягузориҳо дар соҳа фикру ақидаҳои муосири иқтисодии аграрӣ гуногун мебошанд. Ва онҳо бо самтҳои муътадили-сентристӣ, либералию сентристӣ, либералӣ ва радикалию (қатъӣ), чап-сентристӣ пешниҳод мешаванд [4,с.161], ки боиси гуногунии ақидаҳои илмӣ, нуқтаи назар ва мавқеъҳо оид ба масъалаҳои калидӣ гардида, мушкилоти илмҳои аграрию иқтисодиро ташкил медиҳанд. Бо вуҷуди ин, оид ба масъалаи нисбати нақш ва мавқеи кишоварзӣ дар иқтисодиёти Тоҷикистон, дар ҷомеаи илмӣ, ду равиши комилан муқобил вуҷуд дорад.

Якум, (рости либералӣ) нақши назарраси кишоварзиро дар иқтисодиёти кишвар эътироф намекунад ё онро танҳо таъминкунандаи муқаррарии мол дар бозор мегузорад. Тарафдорони ин самт маҳз гузаронидани ислоҳоти радикалиро (қатъиро) дар Тоҷикистон асоснок карданд, ки бӯҳрони системавӣ, пастравии истеҳсолот ва табиати ашёи хоми иқтисодиёти Тоҷикистонро ба вуҷуд оварданд.

Равиши алтернативӣ ба назарияи бисёрҷанбаи кишоварзӣ асос ёфтааст, ки дар байни онҳо оид ба ин масъала якдилии (консенсуси) нисбӣ ба вуҷуд омад.

Ҳамин тавр, ба ақидаи Шарифов З.Р. [10,с.134-139] ҳадафи гетерогении соҳаи кишоварзӣ на танҳо аз таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти озуқаи хушсифат, балки аз такрористеҳсоли неъматҳои ҷамъиятӣ - нигоҳдории амнияти озуқаворӣ, нигоҳдории тарзи зиндагӣ ва фарҳанг дар деҳот, назорати иҷтимоии ҳудудҳо, аз иҷрои вазифаҳои рекреатсионӣ (дамгирӣ), нигоҳдорӣ ва беҳтарсозии манзараи таърихан азхудкардашуда, табиатистифодабарӣ ва ҳифзи муҳити атроф иборат мебошад.

И.Г. Ушачев чунин мешуморад, ки сабабҳои ҳалношудаи бисёр мушкилоти соҳаи аграрӣ аз кам баҳодиҳии нақш ва мавқеи кишоварзӣ аз ҷониби давлат дар иқтисодиёти кишвар иборатанд [8,с.2-7].

Ақидаҳои олимон ба он асос ёфтаанд, ки рушди иқтисодӣ маънои баланд бардоштани иқтидори иқтисодиву иҷтимоии кишвар, беҳтар шудани сатҳи зиндагӣ, афзоиши аҳолӣ, бомаърифатӣ ва саломатии он, баланд бардоштани тамоми шаклҳои амният ва иштироки баробарҳуқуқ дар тақсимоти ҷаҳонии меҳнатро дар назар доранд.

Ҷ.С. Пиризода қайд мекунад, ки афзоиши вобастагӣ аз ғизо дар Тоҷикистон ба амнияти миллӣ таҳдиди бузурге ба бор меорад. Ин дар паст шудани сифати маҳсулоти хӯроквории истеъмолшаванда, мушкилот дар фурӯши маҳсулоти истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзии ватанӣ дар бозори худ ифода ёфта, боиси коҳиш ёфтани истеҳсолот, зиёд шудани шумораи бекорон на танҳо дар соҳаи кишоварзӣ, балки дар соҳаҳои ҳамҳудуд, афзоиш ёфтани хароҷот барои пардохти маҳсулоти воридотӣ ва муҳимтар аз ҳама, сукути (сарнагуншавии) соҳибихтиёрии кишвар, ки дар шароити ҷаҳонишавӣ ниҳоят хатарнок аст [3,с.153-161].

Мо равиши дуввум ва назарияи бисёрҷанбаи кишоварзиро ҷонибдорӣ мекунем, ки дар асоси он метавон хулоса кард, ки КАС ва соҳаи асосии он дорои як системаи хеле васеи функсияҳо мебошанд, ки дар якҷоягӣ ҳуқуқи ҳамчун бахши афзалиятноки

иқтисодиёти кишвар эътироф шуданро медиҳад. Ҳамзамон, соҳаи кишоварзӣ - соҳаи истеҳсолоти моддӣ мебошад, ки барои ҳар як узви ҷомеа сарфи назар аз вазъи моддӣ ва иҷтимоии он ҳаётан зарур ва аввалиндараҷа мебошад.

Дар чаҳорчӯбаи ин равиш тавассути ба низом даровардани афкори илмии намояндагони соҳаҳои мухталифи илми кишоварзӣ ва иқтисодӣ, вазифаҳои асосии кишоварзиро дар иқтисодиёт фарқ кардан мумкин аст. Нақши кишоварзиро, пеш аз ҳама, бояд аз нуқтаи назари иқтисодӣ, иҷтимоӣ, экологӣ ва сиёсӣ ба назар гирифт.

Дар баробари ин, ба даст овардани ҳама гуна натиҷаҳои иҷтимоӣ, экологӣ ва сиёсӣ ғайримустақим тавассути натиҷаҳои иқтисодӣ ба даст меояд.

Вазифаи иқтисодии кишоварзӣ, пеш аз ҳама, тавассути таъсири мултипликативӣ ба рушди соҳаҳои I ва III-и КАС ва дигар соҳаҳои хоҷагии халқ зоҳир мешавад. Тибқи ҳисобҳо, афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот дар кишоварзӣ то 150 сомонӣ ба зиёд шудани талабот ба барориши таҷҳизот ба 340 сомонӣ ва дар дигар соҳаҳо (таҳвилгарони захираҳо) - тақрибан ба 450 сомонӣ оварда мерасонад Ҳамин тариқ, кишоварзӣ истеъмолкунандаи маҳсулоти соҳаҳои фондистеҳсолкунанда (мошинсозӣ, энергетикаи сӯзишворӣ, металлургия, саноати кимиё, хоҷагии ҷангал, сохтмон ва хизматрасониҳои нақлиётӣ) буда, метавонад барои рушди серамали иқтисодиёти кишвар ҳамчун катализатор хизмат кунад. Ба ҳисоби миёна, рушди истеҳсолот дар соҳаи кишоварзӣ, дар асоси ин тавозуни байнисоҳавӣ, дар таносуб тақрибан 1: 2,2 зиёд шудани истеҳсолот ва хизматрасониро дар дигар соҳаҳои иқтисодиёти кишвар тақозо мекунад [5,с.7-11].

Аммо, сатҳи пасти пардохтпазирии истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ, метавонад боиси шикасти саноат гардад, ки барои комплекси агросаноатӣ амал мекунад. Дар навбати худ, коҳиши мошинсозӣ барои комплекси агросаноатӣ, кам кардани коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, таназзули корхонаҳои кишоварзӣ, инфрасохтори истеҳсолӣ ва иҷтимоии деҳот - ҳамаи ин равандҳо боиси таназзули баъзе минтақаҳои кишвар мегардад.

Кишоварзӣ ҳаҷми назарраси ҷараёни молиявиро дар кишвар ташаккул медиҳад. Саҳми соҳаи кишоварзӣ ба даромади андози давлат (бо назардошти он, ки даромадҳои асосии андоз дар марҳилаи ниҳоии фурӯши маҳсулот дар бозори чаканаи озуқаворӣ ба даст меоянд) ба беш аз 0,8 миллиард сомонӣ, ё ин ки беш аз 15%-и андози софи ба маҳсулот дар маҷмуъ, дар иқтисодиёти кишвар баробар аст.

Аз ин рӯ, маҳз сатҳи баланди рушди истеҳсолоти кишоварзӣ, қобилияти пардохтпазирӣ, қобилият ва зарурати ба даст овардан ва аз худ кардани захираҳои моддию техникӣ (техника, қисмҳои эҳтиётӣ, воситаҳои химизатсия, захираҳои энергетикӣ ва ғайра) маҳсулотҳои даҳҳо соҳаҳо мебошанд, ки рушди босуботи тамоми комплекси хоҷагии халқи кишварро муайян мекунанд.

Функсияи иҷтимоии соҳаи кишоварзӣ аз нуқтаи назари мушкилоти шуғл, сатҳи зиндагӣ, демография ва рушди ҳудудҳои деҳот муайян карда мешавад. Ба ҳисоби олимон, ҳар касе, ки дар соҳаи кишоварзӣ кор мекунад, шуғли самараноки боз тақрибан 7 нафарро дар дигар соҳаҳои саноат ва соҳаҳои хизматрасонӣ таъмин мекунад. Ҳамин тавр, агар истеҳсолоти кишоварзӣ дар муқоиса бо сатҳи он дар соли 1990 1,5% ва маҳсулнокии меҳнат – 3% афзоиш ёфта бошад, пас шуғли иловагӣ дар соҳаҳои саноат (хӯрокворӣ, мошинсозӣ ва ғайра), соҳаи хизматрасонӣ беш аз 1 миллион нафарро ташкил менамуд, ки ба ин васила, ба таври назаррас бекории шаҳрро коҳиш хоҳад дод.

Барои ташкили миқдори якхелаи ҷойҳои корӣ дар истеҳсолоти кишоварзӣ нисбат ба саноат 10-12 маротиба камтар воситаҳо талаб карда мешавад [5,с.11-16].

Бо вуҷуди ин, ба гуфтаи А. Ҳасанов, сатҳи шуғли аҳолии деҳот дар синну соли қобили меҳнат ҳамагӣ 70%-ро ташкил медиҳад ва музди миёнаи моҳонаи кормандони соҳаи кишоварзӣ 158,85 ё 29% аз сатҳи умумии Тоҷикистонро ташкил медиҳад. Ин нисбат ба иқтисодиёт дар маҷмуъ 3,5 маротиба, нисбат ба сохторҳои молиявӣ 4,2 маротиба ва нисбат ба саноати истихроҷи маъдан 8,4 маротиба камтар аст. Меҳнат дар соҳаи кишоварзӣ беқадр карда шудааст, шуғли дигари алтернативӣ мавҷуд нест, зиёда аз 40% аҳолии деҳот дар сатҳи камбизоатӣ қарор доранд [9,с.133-135].

Нигоҳ доштани тамоюлҳои мавҷуда дар соҳаи иҷтимоӣ ба босуръат коҳиш ёфтани шумораи аҳолии деҳот ва давомнокии ҳаёти он таъсир мерасонад.

Вобаста ба қатъ гардидани истеҳсолоти кишоварзӣ дар минтақаҳои калон, равандҳои бештар манфиро метавон интизор шуд.

Дар натиҷаи фаъолияти бемасъулияти (камсамари) одам он, ҳосилхезии хок паст мешавад, реҷаи ғизоӣ, об ва гармӣ мувозина карда мешавад, равандҳои мубодилавии энергетикӣ дар агроландшафтҳо вайрон мешаванд. Равандҳои эрозионӣ, хатари ҷиддӣ мебошад.

Тамоюли хатарноки кам кардани майдонҳои заминҳои арзишманди кишоварзӣ нигоҳ дошта мешаванд. Дар 10 ноҳияи кишвар, заминҳои кишоварзӣ ба биёбоншавӣ ва хушксолӣ дучор мешаванд [1,с.75-80].

Вазъи мавҷуда бо риояи талаботи экологӣ боиси зарурати гузариш ба технологияҳои нави сарфакунандаи захираҳо ва бехатар барои истеҳсоли маҳсулоти хӯроквории кишоварзӣ, сармоягузориҳои назаррас барои экологизатсияи истеҳсолоти кишоварзӣ ва барқарор кардани заминҳои корамшикан мегардад.

Ҳамаи ин аҳаммияти сиёсии соҳаи кишоварзиро муайян мекунад. Пеш аз ҳама, сухан дар бораи таъмини истиқлолияти озуқавории кишвар - ҳамчун омили муҳимми сиёсати фаъоли хориҷии давлат меравад.

Ҳамин тариқ, вазифаи сиёсии соҳаи кишоварзӣ, дар нигоҳ доштани суботи ҷомеа, дар асоси амнияти кофӣ ва дастрасии озуқаворӣ, фароҳам овардани шароит барои истиқлолияти озуқавории кишвар, қодир аст, ки ба хавфу хатарҳои дохилӣ ва таҳдидҳои беруна ва таъмини тамомияти арзии давлат муқобилат нишон диҳад.

Ҳамин тариқ, соҳаи кишоварзӣ дар Тоҷикистон, аввалан, асоси таъмини ҳаёти аҳолии кишвар, дуюм, муътадилсозии (тасбитгари) вазъи макроиқтисодӣ ва сеюм, шарти мустақилияти иқтисодии давлат мебошад.

Шарти муҳимтарини иҷрои вазифаҳои дар боло баррасишуда, дар саноат мавҷуд будани миқдори зарурии захираҳои молиявӣ мебошад.

Рушди ҷомеа дар маҷмуъ, соҳаҳои мушаххас ва субъектҳои алоҳидаи хоҷагидорӣ ба такрористеҳсоли васеи арзишҳои моддӣ асос ёфтааст, ки афзоиши молу мулки миллӣ ва мутаносибан даромадро таъмин мекунад.

Фаъолияти такрористеҳсоли субъектҳои хоҷагӣ дорои хусусияти пайваста буда, боиси пайвастагии тағйирёбии шаклҳои арзиши маҳсулоти иҷтимоӣ дар ҷараёни ҳаракати он мегардад. Ҳамин тариқ, мушкилоти ташаккули манбаҳои маблағгузории фаъолияти истеҳсолии корхонаҳо муҳим мегардад. Манбаҳои зикршуда ба дохилӣ (маблағҳои худӣ) ва хориҷӣ (маблағҳои қарзӣ) тақсим карда мешаванд. Манбаҳои дохилии маблағгузорӣ барои барқарорсозии муттасили ҷараёни истеҳсоли неъматҳои моддӣ ва хизматрасонӣ кифоя нестанд, субъектҳои хоҷагидорӣ норасоии маблағҳои худро эҳсос мекунанд, ки ба ташаккули ҷараёни сармояи қарзӣ бо рушд кардани шаклҳои гуногуни он тавассути бозори маблағҳои қарзӣ мусоидат мекунанд. Ҳамин тариқ, қарз барои субъекти хоҷагидорӣ бидуни мансубияти соҳаи он, бояд ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи манбаи берунаи маблағгузорӣ арзёбӣ карда шавад.

Корхонаи калон, хоҷагии кооперативӣ, фермерҳои инфиродӣ аксар вақт метавонанд дар соҳаи соҳибкорӣ, такмили истеҳсолот, истифодаи сарфакорона ва сермаҳсули захираҳои мавҷуда ба ҳадди аксари натиҷаҳо ноил шаванд.

Аммо бо сабабҳое, ки аз истеҳсолкунандагони мол вобаста нестанд, онҳо метавонанд фоидаи кам ба даст оранд ё ҳатто зарар ба даст оранд ва бо ин васила раванди худмаблағгузориро таъмин накунанд.

Аз ин рӯ, барои фаъолияти пурсамари хоҷагиҳо, шароити ибтидоӣ зарур аст. Дар соҳаи кишоварзӣ бо ин зарурати иҷтимоии якҷоякунии худмаблағгузорӣ ҳамчун раванди асосии иқтисоди бозаргонӣ ва механизмҳои махсуси қарзӣ қаблан муайян карда мешаванд, ки пур кардани норасоии маблағҳои худиро таъмин мекунад.

Таҳлили таҳқиқотҳои муаллифони ватанӣ ба мо имконият медиҳад, ки як қатор хусусиятҳои кишоварзӣ, ки ба ташаккули механизмҳои қарзӣ дар соҳа таъсир мерасонанд, ҷудо карда шаванд.

Вобастагии соҳа аз ҳодисаҳои ғайриодии обу ҳаво (хушксолӣ, обхезӣ, сардиҳои шадид ва ғайра), ки ба талафот ва фавти ҳосил, вайроншавии равандҳои технологӣ оварда мерасонанд, боиси хавфҳои калон ва зарари моддӣ мегарданд. Ин кафолати қарзҳоро ба истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ кам мекунад.

Омилҳои мавсимӣ ва вобастагии натиҷаҳои истеҳсолӣ аз шароити муҳити зист ба ҳама унсурҳои сармояи гардишӣ таъсир гузошта, андоза ва давраи гардиши маблағҳои гардонро муайян мекунанд.

Дар сохтори маблағҳои гардони кишоварзӣ ҳиссаи асосӣ ба фондҳои гардишӣ - 85% (захираҳо 65%, хароҷот дар истеҳсоли нотамом – 19%, хароҷоти давраҳои оянда - 0,5%) рост меояд. Ҳиссаи фондҳои муомилот 15%, аз ҷумла маҳсулоти тайёр 7,2%, молҳои ҳамлу нақлшуда 0,1%, маблағи пулӣ 0,2%, маблағҳои пулӣ дар ҳисоб 7,5%-ро ташкил медиҳанд.

Омили мавсимӣ табиати даврии ташаккули захираҳоро муайян мекунад. Ҳамин тариқ, мавсимӣ дар маблағгузории истеҳсолот ба таври аналогӣ ифода меёбад. Маблағҳои пулӣ барои захира якбора ва бо танаффуси тулонӣ сарф карда мешаванд. Қисми назаррасӣ захираҳо дар шакли натуралӣ, қатъи назар аз давраи пулии гардиш ташаккул меёбанд. Инҳо тухмиҳо, хӯрока, нуриҳои органикӣ ва чорвои хушзот мебошанд.

Нобаробарии фурӯши маҳсулот марбут ба мавсимӣ ва табиати хусусияти табии истеҳсолот ба нобаробарӣ ва тағйирёбии ҷараёни молиявӣ дар соҳаи кишоварзӣ инъикос ёфтааст. Хусусияти қарздории дебиторӣ ва қарздорӣ зиёдшавии нобаробар ба он аст, ки ба тағйироти мавсимии даромад ва мунтазамии пур кардани захираҳо мувофиқанд (зиёд шудани қарзҳои кредиторӣ ҳангоми ҷамъоварии захираҳо ва дебиторӣ дар давраи фурӯш) [6]. Ҳамаи ин барои таъмини корхонаҳо бо воситаҳои гардон мушкилот ба вуҷуд меоранд.

Нигоҳ надоштани муҳлати маблағгузорӣ барои корҳои саҳроӣ, ба таъхир андохтани кишти зироат оварда мерасонад, ки ҳосилнокиро коҳиш медиҳад ва метавонад ба талафи ҳосил оварда расонад. Миқдори маҳсулоте, ки дар давоми муҳлати коршоямӣ фурӯхта нашуд, метавонад пурра аз даст дода шавад. Ҳодисаҳои табиӣ: борон, хушксолӣ, сардиҳои шадид - ба суғурта муносибати махсусро талаб мекунанд, зеро миқдори зарар бузург аст. Барои кам кардани хатар, ташкили фондҳои калони захиравӣ талаб карда мешавад, ки ин боиси боздоштани маблағҳо аз сармояи гардон мегардад. Ҳамаи ин зарурати маблағгузории доимиро ба корхонаҳои кишоварзӣ бо давомнокии пасти бозгашти онҳо тақозо мекунад.

Хусусияти даврии истеҳсолот дар соҳаи кишоварзӣ, ташаккули сармояи гардиширо муайян мекунад, ки мақсади асосии он таъмини муттасилӣ ва мунтазамии истеҳсолот мебошад. Хусусиятҳои ташаккул ва истифодаи сармояи гардишӣ, хусусияти даврии ташаккули захираҳо ва ҳаракати қарзи дебиторӣ ва қарздориро дар назар дорад, ки фурӯш ва даромади фоидаро ба назар мегирад, яъне тағйирпазирии маҷмуи ҷараёни пулро дар кишоварзӣ муайян мекунад.

Ин хусусиятҳои ҳаракати гардиши пул, аввалан, сабаби табиати даврии талабот дар маблағгузорӣ ва дуввум, сабаби тағйирпазирии ҳаракати гардиши пули нақд марбут ба ҷараёни номунтазами даромад мебошад.

Ҳамин тавр, байни захираҳои пулӣ ва эҳтиёҷоти молиявӣ барои таъмини муттасилии истеҳсолот ихтилоф ба миён меояд. Ин ихтилоф дар фарқияти муҳлати воридотҳо ва пардохтҳо ифода ёфтааст, ки метавонад корхонаро ба норасоии маблағ барои ҳисоббаробаркунӣ ҳангоми иҷрои уҳдадориҳои худ то ғайрипардохтпазирии техникӣ оварда расонад. Мушкилоти пайдоиши норасоии пардохтпазирӣ, ҷустуҷӯи манбаҳои берунаи маблағгузорӣ, таъмини нақдиро талаб мекунад ва саноатро аз онҳо вобаста мекунанд.

Ҳиссаи назарраси воситаҳои асосӣ дар тавозуни корхонаҳои кишоварзӣ боиси зарурати ҷалб намудани маблағ барои хизматрасонӣ ва ивазкунии онҳо мегардад, яъне барои эҳтиёҷоти такрористеҳсоли сармояи асосӣ ба захираҳои молиявӣ талабот зиёд аст.

Дар ин ҳолат, набудани қарз барои соҳаи мазкур мушкилоти дарозмуддат ба миён меорад. Дар соҳаи кишоварзӣ, бозпасии сармоягузориҳои асосӣ нисбат ба дигар соҳаҳои истеҳсолоти моддӣ ба таври назаррас пасттар аст. Сатҳи пасти даромаднокӣ, норасоии доимии сармояи гардишӣ, инчунин, мавҷуд набудани амволи нақдинагии гаравӣ онро барои сармоягузориҳои асосӣ ояндадор намегардонад. Сармоягузорӣ ба соҳаи кишоварзӣ нисбат ба дигар бахшҳои иқтисодиёт босуръат коҳиш меёбад, сохтмонҳои истеҳсолӣ ва хариди таҷҳизот то ба сатҳи хеле паст коҳиш меёбанд. Паст гардидани фаъолияти сармоягузорӣ ба фарсудашавии ҷисмонӣ ва маънавии фондҳои асосӣ оварда мерасонад, ки фарсоиши онҳо то 65-80% мерасад.

Гардиши сармояи гардон заминаи иқтисодиро барои истифодаи муносибатҳои қарзӣ ба вуҷуд меорад ва зарурати қарз аз он бармеояд, ки шароити бозори хоҷагидорӣ ташкили оқилонаи ҳаракати воситаҳои гардишӣ, иштироки онҳоро дар ҳар як марҳилаи гардиш ба андозаи ҳадди ақал талаб мекунад [6,с.29].

Аз ин рӯ, нақши қарз дар соҳаи кишоварзӣ нисбат ба дигар соҳаҳои хоҷагии халқ ба таври назаррас баланд аст. Хусусиятҳои хосси истеҳсолоти аграрӣ мавқеи камтар мусоидро нисбат ба дигар соҳаҳои иқтисодиёт муайян мекунанд.

Боз як хусусияти дигари соҳаи кишоварзӣ дар Тоҷикистон, ин бисёрсохторӣ (бисёруклада) мебошад. Дигаргуниҳои институтсионалӣ иқтисодиёти соҳаро тағйир доданд, агар мо шакли моликиятро сарфи назар кунем, молистеҳсолкунандагони кишоварзӣ бо шаклҳои гуногуни хоҷагидорӣ, бозоргирӣ ва самаранокии истеҳсолот дар шакл, ташкил, андоза ва технология комилан фарқ доштанд [2,с.73-79].

Ба категорияи корхонаҳои кишоварзӣ (калон, миёна, хурд) ширкӣ ва хоҷагиҳои давлатӣ, кооперативҳои истеҳсолии кишоварзӣ, корхонаҳои воҳиди давлатӣ, ҷамъиятҳои саҳомӣ ва ҶДММ, ассотсиатсияҳои хоҷагиҳои деҳқонӣ, инчунин, бахшҳои алоҳидаи ташкилотҳои ғайрикишоварзӣ, ки бо истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ машғуланд (хоҷагиҳои ёрирасон) дохил мешаванд.

Бисёрсохтора (бисёруклада) будани иқтисодиёти кишоварзӣ дар кишвари мо равишҳои мухталифро ба маҳсулоти пешниҳодшудаи қарзӣ ва нақшаҳои қарздиҳӣ, истифодаи усулҳои махсуси арзёбии қобилияти пардохтпазирӣ барои субъектҳои хоҷагидорӣ, сохтори гуногунро талаб мекунад.

Аз ин рӯ, системаҳои қарзӣ, бояд ҳаракати фондҳои воситаҳои пулиро на дар марҳилаи алоҳидаи истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ таъмин кунанд, балки дар давоми тамоми маҷмуи корҳо, ки барои фаъолияти муътадили субъекти хоҷагидорӣ, новобаста аз шакли моликият ва андозаи он ва бо қарз миёнаравӣ кардани гардиши тамоми гардиши маблағҳои қарзгиранда заруранд.

Аз як тараф, ташаккули низоми қарздиҳӣ дар бахши аграрӣ асосҳои умуминазариявӣ ва умумиметодологӣ дорад. Фаъолияти такрористеҳсоли субектҳои хоҷагидорӣ, дорои хусусияти муттасил буда, мушкилоти дарёфт намудани манбаҳои маблағгузории фаъолияти истеҳсолии молистеҳсолкунандагони кишоварзиро ба миён мегузорад.

Аз тарафи дигар, тибқи назарияи муосири бисёрҷанбаи кишоварзӣ, соҳа на танҳо соҳаи истеҳсоли озуқаворӣ ва ашёи хом барои саноати хӯрокворӣ ва коркарди он, балки соҳаи пешниҳоди манфиатҳои иловагии ҷамъиятӣ, таъмини назорати иҷтимоии ҳудудҳо, ҳимояи манзараҳои таърихан мавҷудбуда, такрористеҳсоли фарҳанги анъанавии ҷомеа ва ғайра мебошад. Чунин муносибат имконият медиҳад, ки рушди босуботи соҳаи кишоварзӣ ҳамчун омили таъминкунандаи амнияти озуқаворӣ ва экологии кишвар, таҳкими мавқеи геополитикии он, фароҳам овардани шароит барои қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти иҷтимоиву маънавии ҷомеа баррасӣ карда шавад.

Ҳамин тариқ, хусусияти муҳити ташкилӣ ва иқтисодӣ ҳам ба ташаккули талаботи молиявии молистеҳсолкунандагони кишоварзӣ барои иҷрои вазифаҳои асосии худ ва ҳам ба низоми қарздиҳӣ, ки барои қонеъ гардонидани ин талабот нигаронида шудаанд, таъсир мерасонад, ки аз нуқтаи назари муносибати дар боло зикршуда, равшан кардани категорияи «системаи қарздиҳии кишоварзӣ»-ро талаб мекунад.

Системаҳои қарзии кишоварзӣ ҳамчун маҷмуи намуд ва шаклҳои ташкили муносибатҳои қарзӣ, шартҳо ва усулҳои қарздиҳӣ, ки барои ташаккули захираҳои

молиявӣ заруранд, фаҳмида мешавад, ки иҷрои вазифаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, экологӣ ва сиёсии соҳаро таъмин мекунанд.

Ташаккули муносибатҳои бозорӣ дар соҳаи кишоварзӣ ва ташкилёбии системаи бисёрукладаи хоҷагидорӣ дар рӯи замин, дар сиёсати қарздиҳӣ, дар соҳаи кишоварзӣ тағйироти ҷиддиро тақозо мекунад. Дар шароити нав ба таҷрибаи куҳнаи комилан ройгони хизматрасонии молиявию қарзии раванди такрористеҳсол дар соҳаи кишоварзӣ набояд такя кард. Дар ҷараёни дигаргуниҳои ҷиддии муносибатҳои аграрӣ, қисми зиёди корхонаҳои кишоварзӣ, ки ба муносибатҳои бозорӣ мутобиқ шуда натавонистанд ва бо як мушкилоти шадиди пӯшонидани хароҷотҳои ҷорӣ ва дарозмуддат дучор шуданд.

**Муқарриз: н.и.и., ИИТСРК АИКТ – Файзуллоева К.Н.**

**АДАБИЁТ**


1. Насиров Р. Основные направления повышения эффективности использования орошаемых земель Хатлонской области РТ / Р. Насиров, И.М. Икромова //Доклады ТАСХН. -Душанбе, 2019. -№2(60). -С.75-80.
2. Одинаев Ш.Т. Институциональное развитие структуры сельского хозяйства - основа эффективного функционирования современной аграрной экономики / Ш.Т. Одинаев, М.М. Алибаева // Известия вузов Кыргызстана (Республиканский научно-теоретический журнал). –Бишкек, 2017. -№3. -С.73-79.
3. Пиризода Ҷ.С. Самтҳои рушди кишоварзии мамлакат дар ҷодаи таъмини амнияти озуқаворӣ / Пиризода Ҷ.С. // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. Маркази тадқиқотии стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе, 2020. -№2(70).- -С.153-161.
4. Роуз П.С. Банковский менеджмент: пер. с англ / П.С. Роуз. -М.: Дело Лтд, 1995. -768 с.
5. Серков А.Ф. Сельское хозяйство России: оценка состояния и долгосрочный прогноз / А.Ф. Серков, А.И. Амосов, М.В. Харина // Экономика сельскохозяйственных и перерабатывающих предприятий. - 2005. -№10, №11. -С.7-11, С.11-16.
6. Стоянова Е.С. Управление оборотным капиталом / Е.С. Стояновой, Е.В. Быкова, И.А. Бланк. -М.: Перспектива, 1998. -128 с.
7. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. -С.12.
8. Ушачев И.Г. Нужна стратегия развития агропромышленного комплекса России / И.Г. Ушачев // Экономика сельскохозяйственных и перерабатывающих предприятий. - 2004. -№6. -С.2-7.
9. Ҳасанов А.А. Истифодаи захираҳои замини таъиноти кишоварзӣ мушкилот ва дурнамо / А.А. Ҳасанов // Кишоварз (Земледелец). Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур. -Душанбе, 2022. - №4(97). -С.133-135.
10. Шарифов З.Р. Вазифаҳои асосии таъмини рушди деҳот дар марҳилаи ҳозира / З.Р. Шарифов // Кишоварз (Земледелец). ТАУ имени Ш.Шотемур. -Душанбе, 2022. -№3(96). -С.134-139.


**ТАВСИФИ СОҲАИ КИШОВАРЗӢ ҲАМЧУН БАХШИ МУШАХХАСИ ҚАРЗДИҲИИ БОНКӢ**


Дар мақолаи мазкур хусусиятҳои соҳаи кишоварзӣ, танзими он, нақш ва мавқеи кишоварзӣ дар иқтисодиёти Тоҷикистон, ҷалби сармоягузориҳо дар соҳа, инчунин, фикру ақидаҳои муосири олимони иқтисоди аграрӣ нисбат ба нигоҳдории амнияти озуқаворӣ, нигоҳдории тарзи зиндагӣ ва фарҳанг дар деҳот, назорати иҷтимоии ҳудудҳо, нигоҳдорӣ ва беҳтарсозии манзараи таърихан азхудкардашуда, табиатистифодабарӣ, ҳифзи муҳити атроф, сабабҳои ҳалношудаи мушкилоти соҳа, сифати маҳсулоти хӯроквории истеъмолшаванда, мушкилот дар фурӯши маҳсулоти истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзии ватанӣ ва ташаккули механизмҳои қарзӣ дар соҳа мавриди баррасӣ ва омӯзиш қарор гирифтааст. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки кишоварзӣ ҳаҷми назарраси ҷараёни молиявиро дар кишвар ташаккул медиҳад. Аз ин рӯ, маҳз сатҳи баланди рушди истеҳсолоти кишоварзӣ, қобилияти пардохтпазирӣ, қобилият ва зарурати ба даст овардан ва аз худ кардани захираҳои моддию техникии маҳсулотҳои даҳҳо соҳаҳо мебошанд, ки рушди босуботи тамоми комплекси хоҷагии халқи кишварро муайян мекунанд. Бисёрсохтора будани иқтисодиёти кишоварзӣ дар кишвари мо, равишҳои мухталифро ба маҳсулоти пешниҳодшудаи қарзӣ ва нақшаҳои қарздиҳӣ, истифодаи усулҳои махсуси арзёбии қобилияти пардохтпазирӣ барои субъектҳои хоҷагидорӣ, сохтори гуногунро талаб мекунад. Аз ин рӯ, системаҳои қарзӣ, бояд ҳаракати фондҳои воситаҳои пулиро на дар марҳилаи алоҳидаи истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, балки дар давоми тамоми маҷмуи корҳо, ки барои фаъолияти муътадили субъекти хоҷагидорӣ, новобаста аз шакли моликият ва андозаи он ва бо қарз миёнаравӣ кардани гардиши тамоми гардиши маблағҳои қарзгиранда заруранд, таъмин кунанд.



**Калидвожаҳо:** истеҳсолоти кишоварзӣ, сармоягузорӣ, қарздиҳӣ, танзими давлатӣ, иқтисодиёт, механизм, маҳсулот, рушд, амнияти озуқаворӣ, муносибатҳои қарзӣ.


**ОПИСАНИЕ СЕЛЬСКОХОЗЯЙСТВЕННОЙ ОТРАСЛИ КАК КОНКРЕТНОГО СЕКТОРА БАНКОВСКОГО КРЕДИТОВАНИЯ**


В данной статье рассматриваются особенности сельскохозяйственной отрасли, ее регулирование, роль и место сельского хозяйства в экономике Таджикистана, привлечение инвестиций в отрасли, а также современные мнения ученых аграрной экономики в отношении поддержания продовольственной безопасности,

поддержания образа жизни и культуры в сельской местности, социального контроля за выделением, инвестиций, сохранения и улучшения исторически освоенного ландшафта, природопользования, охраны окружающей среды; раскрываются причины нерешенных проблем отрасли, качество потребляемой продукции, трудности в реализации продукции отечественных производителей продовольственной продукции и изучены вопросы формирования кредитных механизмов в отрасли. Анализ показывает, что сельское хозяйство формирует значительный объем финансовых потоков в стране. Поэтому именно высокий уровень развития сельскохозяйственного производства, платежеспособность, возможность и необходимость приобретения и освоения материально-технических ресурсов десятков отраслей определяют сбалансированное развитие всего экономического комплекса страны. Многоукладность аграрной экономики нашей страны требует разных подходов к предлагаемым кредитным продуктам и планам, использованию специальных методов оценки платежеспособности хозяйствующих субъектов разной структуры. Поэтому кредитные системы должны допускать движение денежных средств не на отдельном этапе производства сельскохозяйственной продукции, а на протяжении всего комплекса мероприятий, необходимых для стабильной деятельности экономического субъекта, независимо от формы собственности и ее размера, и опосредовать поток всех средств заемщика с помощью кредита, который им необходимо предоставить.

**Ключевые слова:** сельскохозяйственное производство, инвестиции, кредитование, государственное регулирование, экономика, механизм, продукт, развитие, продовольственная безопасность, кредитные отношения.

**DESCRIPTION OF THE AGRICULTURAL INDUSTRY AS A SPECIFIC SECTOR OF BANK LENDING**

This article discusses the features of the agricultural industry, its regulation, the role and place of agriculture in the economy of Tajikistan, attracting investment in the industry, as well as modern opinions of agricultural economics scientists regarding maintaining food security, maintaining a way of life and culture in rural areas, social control over allocations, preservation and improvement of the historically developed landscape, environmental management, environmental protection, the causes of unresolved problems in the industry, the quality of consumed products, difficulties in selling the products of domestic food producers, and the issues of the formation of credit mechanisms in the industry were studied. The analysis shows that agriculture generates a significant volume of financial flows in the country. Therefore, it is the high level of development of agricultural production, solvency, the possibility and necessity of acquiring and developing the material and technical resources of dozens of industries that determine the balanced development of the entire economic complex of the country. The diversity of the agricultural economy of our country requires different approaches to the proposed credit products and credit plans, and the use of special methods for assessing the solvency of business entities of different structures. Therefore, credit systems should allow the movement of funds not at a separate stage of agricultural production, but throughout the entire range of activities necessary for the stable operation of an economic entity, regardless of the form of ownership and its size, and mediate the flow of all borrower funds through the credit they are required to provide.

**Keywords:** agricultural production, investment, lending, government regulation, economics, mechanism, product, development, food security, credit relations.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Асозода Фирдавс Нурали -*** Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии АИ КТ, унвонҷӯ. **Суроға:** 734049, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Ҳаёти – Нав, 306. Телефон: **(+992) 777-07-56-07**
***Одинаева Мафтуна Шоиновна -*** Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии АИКТ, ходими илмӣ. **Суроға:** 734049, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Ҳаёти – Нав, 306. Телефон: **(+992) 900 00 06 40**

**Сведения об авторах:** ***Асозода Фирдавси Нурали*** – Институт экономики и систематических исследований развития сельского хозяйства АИКТ, соискатель. **Адрес:** 734049, Республика Таджикистан, ш. Душанбе, улица Хаети-Нав, 306. Телефон: **(+992) 777 07 56 07**
***Одинаева Мафтуна Шоиновна*** – Института экономики и системных исследований развития сельского хозяйства АИКТ, научный сотрудник. **Адрес:** 734049, Республика Таджикистан, ш. Душанбе, улица Хаяти-Нав, 306. Телефон: **(+992) 900 00 06 40**

**Information about the authors:** ***Asozoda Firdavsi Nurali –*** Institute of Economics and Systematic Research of Agricultural Development AICT, title applicant. **Address:** 734049, Republic of Tajikistan, sh. Dushanbe, Khaeti-Nav street, 306. Phone: **(+992) 777 07 56 07**
***Odinaeva Maftuna Shoinovna -*** Institute of Economics and System Research of Agricultural Development AIKT, researcher. **Address:** 734049, Republic of Tajikistan, sh. Dushanbe, Hayati-Nav street, 306. Phone: **(+992) 900 00 06 40**

ТДУ: 330.321

# НАЗАРИЯҲОИ ОЛИМОНИ ИҚТИСОДЧӢ ОИД БА САРМОЯГУЗОРИҲОИ МУСТАҚИМИ ХОРИҶӢ

*Хидиралиев Р.З.*

**Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон**

Дар шароити имрӯза сармоягузории мустақими хориҷӣ яке аз қисмҳои асосии сармоягузориҳо ба ҳисоб рафта, барои ҷалби онҳо аз ҷониби давлатҳо бисёр имтиёзҳо дода шудааст. Сармоягузории мустақими хориҷӣ, ин сармоягузориҳое мебошад, ки ба сармоягузор имконият медиҳад, назорат ба объектҳои сармоягузориро таъмин намоянд. Аз ин хотир, сармоягузорони хориҷӣ бештари сармоягузориҳоро ба лоиҳаҳои аҳммияти стратегидошта сармоягузорӣ менамоянд. Дар бисёри адабиётҳои иқтисодӣ доир ба сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ дар байни олимон назарияҳои гуногун вуҷуд доранд.

Имрӯзҳо сармоягузории мустақими хориҷӣ барои ҳамаи соҳаҳои иқтисодиёт фоидаовар мебошад. Аз ин хотир сармоягузорони ҳориҷӣ бештар ба объектҳои фоидаовар сармоягузорӣ намуда, бо мақсади фоидаи зиёд ба даст овардан равона карда мешаванд. Бештари сармоягузорон кӯшиш менамоянд, ки ба соҳаҳои кам фоидаовар сармоягузорӣ кунанад. Дар ин асос корхонаҳо ҳаракат менамоянд, ки рушди фаъолияти худро васеъ намуда, сармоягузорони мустақими хориҷиро ба корхонаҳои худ ҷалб намоянд. Барои ҷалб намудани сармоягузории мустақими хориҷӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон имтиёзҳои гумрукӣ, андозӣ ва кам кардани ҳуҷҷатҳо дар раванди бақайдгирии барои сармоягузорони хориҷӣ пешниҳод намудааст, то ки онҳо дар корхонаҳои саноатии мамлакати мо бештар сармоягузории мустақимро зиёд намоянд.

Сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ бояд дар соҳаҳои нисбатан кам фоидаовари истеҳсолоти мамлакатҳои содиркунандаи сармоя (ва ё фаъолияти онҳо) тавлид ёфта, ба соҳаҳои нисбатан фоидаовари мамлакати сармоягиранда ворид гардад. Агар дар асл чунин бошад, пас аз рӯйи тадқиқоти Кожима бармеояд, ки СМХ ва савдои байналмилалӣ хусусияти якдигарро пурракунӣ дошта, ба дигаргунсозии динамикии тақсимоти меҳнат ва рушди ба он алоқаманди ҳамаи мамлакатҳо ширкаткунандагони ин раванд оварда мерасонад.

Бо вуҷуди он ки муҳаққиқони зиёде кӯшидаанд феномени СМХ-ро шарҳ диҳанд, мо наметавонем бо қатъият изҳор кунем, ки назарияи умумӣ коркард гардидааст. Баъзе аз ин назарияҳои асосӣ, назарияи сикли ҳаётии мол ва ҷойгиркунии истеҳсолоти Вернон, назарияи курси асъорӣ дар бозори такмилнаёфтаи сармоя, назарияи неоклассикӣ, назарияи интернализатсия, парадигмаи эклектикии истеҳсолоти байналмилалӣ, назарияи кейнсиании иқтисодиёт, самараи ҳудудии сармоя ва ғайраро фаро мегиранд [11,с.12].

Асосгузорони назарияи неоклассикӣ исбот намуданд, ки сармоягузор ва худи сармоя бояд ҳамавақт ба соҳибаш фоида орад ва онҳо бовар мекунанд, ки сармоягузорӣ намоянд дар оянда ба онҳо фоидаи зиёд меорад.

Назарияи неоклассикӣ. Иқтисоддонҳои неоклассикӣ исбот менамоянд, ки сармоя ҳама вақт кӯшиш мекунад, ки фоида ба даст орад ва онҳо бовар мекунонанд, агар даромаднокӣ аз сармоягузорӣ дар мамлакатҳои мухталиф гуногун бошад, пас ба даст овардани фоидаи арбитражӣ имконпазир аст, аз ин рӯ, соҳибони сармоя кӯшиш мекунанд сармояи худро ба он мамлакате гузоранд, ки дар он ҷо фоида бештар аст. Мувофиқи гуфтаҳои Кокрофту ва Ридделлу (1991), воридоти ояндаи сармоягузорӣ бевосита ба бастаи омилҳо, ки онҳо ба сатҳи чашмдошти даромаднокии сармоя, бехатарии он, ҳудуд ва суръати берун овардани сармоя, реҷаи андоз ва сиёсати умумии микроиқтисодии амалишаванда таъсир мерасонанд, алоқамандӣ дорад. Аз ин назария бармеояд, ки барои сармоягузор омили асосӣ ҳавасмандӣ ба шумор рафта, ба СМХ-и ба мамлакатҳои рушдкунанда таъсир мерасонад, ин чашмдошти даромаднокии нисбатан баланд ва ё фоидаи зиёд мебошад; маҳз аз ҳамин сабаб мамлакатҳои рушдёфта воситаҳои пулии худро ба мамлакатҳои нисбатан қашшоқтар интиқол

медиҳанд, ки дар он ҷо дараҷаи баланди хавф мавҷуд буда, меъёрҳои нисбатан баланди даромаднокӣ тақозо карда мешавад [2,с.29].

Назарияи сикли ҳаётии мол ва ҷойгиркунии истеҳсолоти Вернон. Р. Верненон назарияи сикли ҳаётии молро барои он пешниҳод намуд, то моҳияти сармоягузори мустақими хориҷиро дар мисоли ширкатҳои амрикоӣ маҳз дар сектори истеҳсолии Аврупои Ғарбӣ пас аз Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ фаҳмонида диҳад. Ӯ дар назарияи хеш чор зинаи истеҳсолотро ҷудо намуда, онҳоро сикли муназзам ҳисобид: инноватсия, рушд, камолот ва пастравӣ. Мувофиқи ин назария ширкатҳои трансмилии ИМА миқдори изофаи маҳсулоти инноватсиониро истеҳсол менамоянд ва миқдори изофаи онро, ки аз ҷиҳати технологӣ афзалият дорад, ба бозори беруна содирот мекунанд; чунин ҳолат маҳз баъди Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ имконпазир гардид. Бо гузашти вақт ширкатҳои дар бозори байналмилалӣ фаъолиятдошта кӯшиш мекунанд, ба ин навоварӣ тақлид намоянд ва ҳамин тариқ, ширкатҳои трансмилиро зарур меояд, ки фаъолияти амалии ширкатҳои дар мамлакатҳои воридкунанда мавҷудбударо ба талаботи худ мувофиқ гардонанд. Ин назария тавонист табиати сармоягузориҳои хориҷии ширкатҳои америкоиро ба Аврупои Ғарбӣ дар давраи солҳои 1950-1970 фаҳмонида диҳад. Назарияи сикли ҳаётии мол ва ҷойгиркунии истеҳсолоти Вернон метавонад ҳам моҳияти савдо ва ҳам СМХ-ро фаҳмонида диҳад. Ба назарияи афзалияти монополистӣ ва назарияи сикли ҳаётии мол фосилаи вақтро илова намуда, ҷойгиркунии истеҳсолотро дар асоси лағжиши сиёсати истеҳсолии ширкат, ки ба бекор кардани содироти молҳо ва ба ҳавасмандгардонии рушди истеҳсоли ин маҳсулот дар кишвари сармоягиранда равона гардидааст, шарҳ додан мумкин аст. Яке аз камбудиҳои ин назария шояд он бошад, ки ақидаҳои Р. Вернон этносентрикӣ ба ҳисоб мераванд. Илова бар ин, гуфтан мумкин аст, ки дар мамлакатҳои иқтисодиёташон рушдёфта, намудҳои зиёди молу маҳсулот истеҳсол карда мешавад. Камбудии дигари ин назария дар он аст, таҳқиқоти мазкур дар солҳои 60-уми асри XX гузаронида шудааст ва чи тавре медонем, айни замон сохтори савдои воридот ва содирот хеле тағйир ёфтааст.

Назарияи интернализатсия. Дар маркази диққати ин назария тафсири рушди ширкатҳои трансмиллӣ, ки онҳоро барои ширкат намудан дар СМХ таҳрик медиҳад, қарор гирифтааст. Ин назарияи асил ба корҳои таҳқиқотии Бакли ва Кассон [8,с.22], такя мекунад. Бакли ва Кассон ширкатҳои трансмилиро, ки аз тарафи Коуз тарҳрезӣ шуда буд, дар чаҳорчӯбаи васеи таҳлил қарор доданд. Назарияи онҳо баъдтар ҳамчун назарияи интернализатсия маъруф гардид, ки ба бунёди ширкатҳои трансмиллӣ (ШТМ) алоқамандӣ дорад. Назарияи онҳо ба постулат асос ёфтааст:

(a) ширкатҳо ҳамеша кӯшиш мекунанд, ки дар бозорҳои такмилнаёфтаи ҷаҳонӣ фоидаро ба дараҷаи максимум расонанд;

(b) ҳангоми номукаммал будани бозори беруна, омили ҳавасмандии ташкили бозори дохилӣ ба вуҷуд меояд;

(c) интернализатсияи бозорҳо дар тамоми ҷаҳон ба ташкили ШТМ оварда мерасонад.

Назарияи интернализатсия дар назар дорад, ки ширкатҳои хориҷӣ дар мамлакатҳои сармоягиранда қувваи олигополистӣ доранд ва аз сабаби номукаммал будани бозор ширкатҳо маҷбур мешаванд макони сармоягузории хешро дар асоси афзалиятҳои нисбатан потенсиалӣ интихоб намоянд [14,с.45]. Ҳамчунин таъкид мешавад, ки ширкатҳои трансмиллӣ дар СМХ бо он мақсад иштирок мекунанд, ки барои воридот монеа эҷод сохта, воридоти сармояро таҳти назорат қарор диҳанд.

Аз ин назария бармеояд, ки ШТМ ба СМХ ба воситаи ширкатҳои фаръии ба худашон тааллуқдошта, ки онҳо ба ШТМ имкони идоракунии хавфҳоро медиҳанд ва назоратро таъмин карда, саҳми бозорро нигоҳ медоранд, даст меёбанд.

Назарияи курси асъор дар бозори номукаммали мол. Нуқтаи назари дигаре, ки сармоягузории мустақими хориҷиро бо истифодаи консепсияи савдои байналмилалӣ ва ба хавфи асъор гирифторшавандаро, ки онҳо ҳосил мекунанд, фаҳмонда медиҳад, асосан ба итминони Итагаки ва Кушман [8,с.17] такя мекунад. Ин назария нишон медиҳад, ки агар дар мамлакати сармоягиранда қурби асъори миллӣ боло равад, пас ин ба камшавии сармоягузории мустақими хориҷӣ боис мегардад ва баръакс бо пастшавии

қурби асъор воридоти СМХ зиёд мегардад. Вале бояд гуфт, ки ин назария воридшавии яквақтаи СМХ-ро дар байни мамлакатҳои асъорашон гуногун ба ҳисоб намегирад.

Назарияи кейнсионии иқтисодиёт. Ин назария нишон медиҳад, ки воридкунии СМХ ба мамлакатҳои рушдкунанда бо мақсади ба мамлакати рушдкарда табдил додани мамлакатҳои суструшдкарда ва каммаҳсул нигаронида шудааст [9,с.21].

Ин назария ба нақши ёрии байналмилалӣ, ки барои суръатфизоии рушди иқтисодӣ дар мамлакатҳои рушдёбанда ва таъмини устувории рушд нигаронида шуда, ба баландшавии дараҷаи некуаҳволӣ алоқамандӣ надорад, такя менамояд. Ҳавасмандии иқтисодии СМХ ҳам дар мамлакатҳои рушдкарда ва ҳам дар мамлакатҳои рушдёбанда мавҷуд аст. Мамлакатҳои рушдкарда манфиатдоранд, ки сармояи худро дар мамлакатҳои рушдёбанда гузоранд ва ба ин васила, некуаҳволии хешро баланд бардоранд. Нисбат ба ҳамин назария Ким А.М. назар бар он дорад, ки агар дар чунин маврид маблағи фоиз дар мамлакати рушдёбанда нисбат ба ҳосилнокии сармоя дар мамлакати рушдкарда баланд бошад, пас аз ин ҳарду тараф фоида мегиранд.

Парадигмаи эклектикии истеҳсолоти байналхалқӣ (OLI). Дар соли 1970-ум яке аз назарияҳои боэътимод ва фарогири сармоягузории мустақими хориҷӣ аз тарафи Даннинг коркард гардид. Назарияи Даннин аз се назарияи гуногун ба ҳам омада, моҳияти СМХ-ро фаҳмонида медиҳад. Даннинг таъкид кардааст, ки ширкат танҳо дар ҳолате ба СМХ машғул мешавад, ки агар се шарти додашуда иҷро гарданд:

(i) он бояд афзалияти махсуси моликиятро нисбат ба дигар ширкатҳо доро бошад;

(ii) мамлакати гирандаи СМХ бояд нисбат ба дигар мамлакатҳо, ҳатто нисбат ба мамлакати сармоягузор мавқеи афзалиятноки махсус дошта бошад;

(iii) ҳамчунин бояд афзалияти интернализатсия ҷой дошта бошад.

Даннинг таъкид менамояд, ки назарияи интернализатсия як қисми сармоягузории мустақими хориҷиро ба ҳисоб мегирад. Дар асоси таҳқиқоти ӯ афзалияти моликият ба активҳои ғайримоддӣ дохил буда, онҳо пурра ба ширкатҳо тааллуқ доранд ва ба ШТМ, дар мавриди паст будани хароҷот бо мақсади зиёд намудани фоида ва ё кам кардани хароҷот дода мешаванд. Ба ақидаи Даннинг барои бомуваффақият ба бозори беруна баромадани ШТМ он бояд баъзе хусусиятҳоеро, ки фоидаи ба даст меовардаи ширкатро кафолат дода, ин фоида аз хароҷоти ҷории ва иштирок дар мамлакати сармоягиранда алоқамандбуда зиёд аст, доро бошад ва азбаски ин ширкат ба ин афзалияти мушаххас соҳибияти монополӣ дорад, метавонад ин афзалиятро дар хориҷа барои ба даст овардани фоидаи нисбатан маржиналӣ (фарқияти байни арзиши аслӣ ва нархи фурӯш) истифода кунад ва ба ин минвол хароҷоти ҳудудиро то як андоза нисбат ба рақибон кам намояд.

Мавқеи ҷойгиршавии шуъбаҳои ШТМ дар чаҳорчӯбаи назарияи эклектикӣ аз ҷониби мамлакати сармоягиранда муайян карда мешавад. Баъди он ки ШТМ афзалияти моликиятӣ пайдо мекунад, он на аз фурӯш ва на аз ба ширкатҳои хориҷӣ додани ҳуқуқи иҷора, балки маҳз аз истифодаи ин афзалиятҳо бурд менамояд [8,с.59]. Хусусияти фарқкунандаи назарияи эклектикӣ дар он аст, ки пеш аз воридшавии СМХ, бояд ин намуди шарт иҷро гарданд. Модели OLI ширкатҳои мушаххас аз муҳити иқтисодӣ, сиёсӣ ва иҷтимоии мамлакати гирандаи сармоя вобастагӣ дорад. Саҳми асосии парадигмаи эклектикии Даннинг дар адабиёти оид ба СМХ мавҷуда, дар он аст, ки он якчанд назарияи иловагиро муттаҳид намуда, дар он маҷмуи омилҳое, ки ба фаъолияти ШТМ таъсир мерасонанд, муайян карда шудааст. Аз ҳамин ҷиҳат, назарияи ӯ нисбат ба дигар назарияҳои такомулнаёфтаи бозорӣ эътирофи бештар пайдо кардааст. Даннинг назарияи худро ба таври эмпирикӣ санҷида, натиҷаҳои қаноатбахш ба даст овард. Бо вуҷуди ин, яке аз камбудиҳои асосии парадигмаи эклектикӣ дар он аст, ки дар худ бузургиҳои тағйирёбандаи зиёдеро фаро гирифта, амалияи оперативии худро гум мекунад. Худи Даннинг ин далелро санҷида изҳор дошт, ки ин натиҷаи ногузири кӯшиши ба як назария муттаҳид кардани омилҳои гуногуни сармоягузории мустақими хориҷӣ мебошад [4,с.97].

Самараи ҳудудии сармоягузорӣ (MEI) ва назарияи акселератор. Самараи ҳудудии сармоягузорӣ меъёри чашмдошти фоида аз лоиҳаи сармоягузорӣ мебошад, ки аз ҷониби ширкат амалӣ гардонида мешавад. Ширкатҳо, чун қоида, самараи ҳудудии

сармоягузорӣ, мухтасаран (MEI)-ро бо сармояи асосӣ ва арзиши фоизноки даромад, ки аз рӯйи тахсиси молиявӣ ҳангоми қабули қарор оид ба амалӣ сохтани лоиҳаи сармоягузорӣ ба даст омадааст, муқоиса менамоянд.

Тибқи ин назария СМХ дар мавриде ва дар ҷое ба амал меояд, ки дар он ҷо MEI-и барои сармоягузории иловагӣ равонашуда аз арзиши воситаҳои барои чунин сармоягузорӣ истифодашаванда зиёд бошад. MEI ба даромаднокии лоиҳаи дохилӣ ва арзиши он мансуб буда, дар ин ҳангом арзиши тозаи овардашуда (дар ин ҳолат СМХ) ба сифр баробар мешавад. Ин назария ҳамчунин назарияи сармоягузорӣ номида шуда, ба таҳқиқоти Кейнс асос ёфтааст. Рушди минбаъдаи ин назария пуравҷ аст, зеро он сармоягузорӣ (СМХ)-ро аз тағйироти вориди он дар шакли вобастагии хаттӣ баррасӣ менамояд. Зимни ин назария, дар он ҷое дар байни сармояи мавҷуда ва чашмдоршаванда каниш вуҷуд дорад, дараҷаи сармогузории ширкат хеле баланд мебошад.

Чи тавре аз тафсироти боло аён мегардад, дар адабиёти иқтисодӣ миқдори зиёди назарияҳо вуҷуд доранд, ки сабабҳои ҳаракати сармояи байналхалқиро фаҳмонида диҳанд. Вазифаи асосии ин назарияҳо аз фаҳмонидани сабабҳои хоҳиши ширкат дар бобати ба хориҷа баровардани кор мебошад. Вале бояд қайд кард, ки ягон назария ҳамаи хусусиятҳои сармоягузории мустақими хориҷиро пурра фаҳмонида дода наметавонад. Новобаста ба тарзи гуногуни амал, ин назарияҳо ба як чиз муътақиданду муттаҳиданд, ки ширкат бо он мақсад барои ба хориҷа баромадан талош мекунад, ки аз афзалиятҳое, ба монанди ҷойи қулай, паст кардани хароҷоти истеҳсолот ва ё интернализатсияи бозор истифода барад. Ин назарияҳо ҳамчунин он далелро ба ҳисоб мегиранд, ки сиёсати ҳукумат дар иқтисодиёти ватанӣ дар бобати ҳавасмандгардонии сармояи мустақими хориҷӣ аз тарафи ширкатҳои хориҷӣ нақши муҳимми ҳаётӣ мебозанд. Ҳамаи натиҷаҳои эмпирикӣ нишон медиҳанд, ки барои ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ шарҳи ягонаи назариявӣ вуҷуд надорад ва чунин менамояд, ки дар вақтҳои наздик эҳтимолияти пайдо шудани он ниҳоят кам аст. Барои тавсиф додани СМХ аз ҷониби мо, таърифи инноватсионии СМХ ҳамчун категорияи иқтисодӣ аниқ карда шуд: ин сармояи молиявӣ, молӣ ва интелектуалӣ (зеҳнӣ)-и сармоягузорони хориҷӣ ба сектори ҳақиқии иқтисодии давлати гирандаи сармоя бо мақсади ба даст овардани фоидае, ки ҳам ба иқтисодиёт ва ҳам рушди инноватсионии ин давлат таъсири дуҷониба дорад.

Хусусиятҳои муосири СМХ дар фарқият аз дигар намудҳои сармоягузориҳои хориҷӣ бо нуктаҳои зайл тавсиф меёбанд:

а) ҳаҷми СМХ бояд аз 10% саҳмия ва ё ҳиссаи дар сармояи оинномавӣ нишондодашуда кам набошад;

б) сармояи мустақими хориҷӣ хусусияти дарозмуддат дорад;

в) СМХ ба сармоягузорони хориҷӣ имкон медиҳад, ки идоракунӣ (назорат)-ро аз болои фаъолияти субъекти хоҷагидори ретсипиент ва воридшавии сармояи хориҷиро амалӣ гардонанд;

г) СМХ дар муқоиса бо сармояи портфелӣ ва дигар шаклҳои сармоягузориҳои хориҷӣ пасандози нисбатан калони маблағ ва тағйирёбии пасти нарх (волатилнокии пастро) дар назар дорад;

д) манбаи асосии СМХ ширкатҳои трансмиллӣ ба ҳисоб меравнад.

Дар баробари аломатҳои фарққунандаи СМХ баъзе аломатҳоеро пешниҳод мекунем, ки моҳияти инноватсионии СМХ-ро муайян месозад:

1) онҳо ба такмили ташкил ва идоракунии истеҳсолот мусоидат мекунанд;

2) ҳангоми дар мамлакати гирандаи сармоя бунёд кардани маҳсулоти инноватсионӣ татбиқ шуда, тавсифи техникӣ ва иқтисодии маҳсули истеҳсолшуда (мол ва хизматрасонӣ)-ро беҳтар мегардонад, қобилияти рақобатпазирии онҳоро ҳам дар бозори дохилӣ ва ҳам дар бозори беруна баланд мебардоранд;

3) дар рушди илм ва неруи илмӣ-техникии мамлакати гирандаи сармоя саҳм мегузорад;

4) барои мамлакати ретсипиент, яъне гирандаи сармоя то дараҷаи муайян самараи бевосита ва бавоситаи мусбат ва манфӣ дошта метавонад.

Дар илми иқтисодиёт як қатор назарияҳои СМХ вуҷуд доранд, ки пуррашавии инноватсионии сармояи хориҷиро тасдиқ мекунанд. Дар чаҳорчӯбаи мавзуи додашуда, назарияҳои зерин боиси таваҷҷуҳи бештар мебошанд:

1) парадигмаи «ғозҳои парон». Аз тарафи К. Акаматсу (солҳои 30-юми асри XX) ҳамчун назарияи пурракардашудаи рушди иқтисодӣ пешниҳод шудааст, ки таъсири мутақобила ва тағйироти динамикии дар муносибатҳои иқтисодии байни мамлакати пешқадам (пешсаф) ва мамлакати рушдёбанда (расидагиранда) ҷойдоштаро инъикос менамояд, зеро чи тавре медонем, мамлакатҳои рушдёбанда иқтисодиёти худро танҳо дар мусобиқа бо пешсафон рушд дода метавонанд;

2) консепсияи М. Портер «Рақобат» (Конкуренсия). Ин назария соли 1990 пешниҳод гардида, дар он таъсири мутақобилаи динамикии байни стратегияи ШТМ ва афзалиятҳои рақобатии мамлакатҳои гирандаи сармоя (ретсипиент) асоснок карда шудааст;

3) назарияи интернализатсияи Р. Коуз, Бакли ва Кассон солҳои 1970-ум пешниҳод шудааст. Онҳо дар назарияи хеш вазъияти трансфертии технологияи ширкатҳои калонро ба туфайли СМХ тасдиқ намуданд [1,с.15].

Ба сифати мисол татбиқи амалии назарияи СМХ ва бомуваффақият аз худ шудани стратегияи технологиро дар Кореяи ҷанубӣ овардан мумкин аст. Дар ибтидои солҳои 1980-ум ин мамлакат ба қатори мамлакатҳои ММДашон ба ҳар сари аҳолӣ миёна дохил мешуд, соли 2007 он ба қатори мамлакатҳои сатҳи даромадашон баландбуда наздик шуд. Аз рӯйи рушд дар нисбати мамлакатҳои БРИК (Бразилии, Россия, Ҳиндустон, Хитой) Корея ҳамчун қувваи такондиҳандаи мақсади гузариш ба рушди технологӣ қарор гирифт.

Ҳамин тариқ, ошкор сохтани нақш ва аломатҳои СМХ-и пурра имкон медиҳад зарурати иштироки сармояи хориҷӣ дар иқтисодиёти миллӣ ба таври объективӣ (ҳақиқӣ) арзёбӣ гардад; самараи таъсири мусбати СМХ дар мамлакати гирандаи сармоя ба дараҷаи максимум ва самараи манфии он ба сатҳи минимум расонида шавад ва мувофиқан, ин имкон медиҳад, ки СМХ ба сифати манбаи модернизатсияи иқтисодиёт дар Тоҷикистон истифода бурда шавад.

Таҳқиқоти зиёде мавҷуданд, ки ба омӯзиши масъалаҳои СМХ бахшида шудаанд ва таҳқиқи асосии СМХ аз тарафи Даннинг, Баккли, Кассон, Коуз, Хаймер ва Вернон коркард гардидаанд. Иқтисоддонҳо чунин ҳисоб мекунанд, ки СМХ унсури муҳимми рушди иқтисодии ҳамаи мамлакатҳо ва махсусан мамлакатҳои рушдёбанда маҳсуб меёбад.

Хулосае, ки пас аз омӯзиши як қатор таҳқиқоти эмпирикии дар хусуси алоқаи байни СМХ ва рушди иқтисодӣ гузаронидашуда, бармеояд, нишон медиҳад, ки таъсири СМХ раванди мураккаб мебошад. Дар дараҷаи баланди рушд он ҳамчун муҳаррики шуғли аҳолӣ, ҳосилнокии баланд, рақобатпазирӣ ва паҳн шудани технология арзёбӣ мегардад. Дар мамлакатҳои начандон рушдёфта, СМХ афзоиши содирот, дастрасӣ ба бозор ва асъори байналхалқиро ифода мекунад, ки ин қарзҳои бонкиро иваз намуда, манбаи муҳимми маблағгузорӣ ба ҳисоб меравад.

Ҳамин тариқ, дар мақола метавон хулоса кард, ки мақсади асосии назарияҳои олимон оид ба СМХ, дарёфти роҳҳои рушди иқтисодии мамлакат ба туфайли ҷалби СМХ-ро ташкил медиҳад. Консепсияҳои аз тарафи иқтисоддонҳои намоён пешниҳод гардида коркарди табиати мураккаби сармоягузориҳои мустақими хориҷро кушода медиҳанд. Ин назарияҳо нуктаҳоеро дар бар мегиранд, ки онҳо қодиранд дар ташкил ва гузаронидани сиёсати сармоягузории ба рушди иқтисодиёт ва инкишофи саноат равона шудаанд, ёрии калон расонанд, инчунин, тағйироти дар амсилаҳои сармоягузории хориҷӣ баамаломада ва мақсади сармоягузорони хориҷиро дар ҷавоб ба стратегияҳои мухталифи иқтисодӣ дар мамлакати гирандаи сармоя пешниҳод намоянд. Дар баробари ин, бояд нуктаҳои зерин ба назар гирифта шаванд:

1. Барои дар раванди коркарди барномаи миллии сармоягузорӣ татбиқ намудани назарияи СМХ, бояд шароитҳо ва меъёрҳои амалигардонии он дар мамлакати алоҳида ошкор карда шаванд.

2. Мамлакатҳое, ки дорои иқтисодиёти гузаришӣ мебошанд, назарияи СМХ-ро дар ташкили сиёсати инвеститсионии мамлакаташон татбиқ намуда, метавонанд ба самаранокии баланд ноил гарданд.

3. Дар маҷмуъ, ҳангоми ташкили сиёсати сармоягузории мамлакати дорои иқтисодиёти гузаришӣ ба як назарияи мушаххаси СМХ такя накарда, бояд унсурҳои алоҳидаи назарияи сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ истифода карда шаванд.

**Муқарриз: д.и.и., профессори ДМТ – Шерова Н.Д.**

**АДАБИЁТ**


1. Бердиев Р.Б. Институциональные факторы инвестиционного развития в постсоветских странах (на материалах Республики Таджикистан): автореф. дис. док. экон. наук / Р.Б. Бердиев. -Бишкек, 2012. -42 с.
2. Блауг М. Экономическая мысль в ретроспективе / М. Блауг. –М., 1994. -46 с.
3. Иванова Л.С. Методика принятия инвестиционных решений / Л.С. Иванова, В.И. Кондратьева. – Владивосток: Издво «Дальневосток», 2012. -48 с.
4. Игонина Л.Л. Инвестиции: Учеб. пособие / Л.Л. Игонина; под ред. В.А. Слепова. -М.: Юристъ, 2012. -480 с.
5. Инвестиции: Учеб. пособие /Под ред. М.В. Чиненова. -М.: КноРус, 2011. -368 с.
6. Инвестиции: учебное пособие / Под ред. В.В. Ковалева. -М.: Проспект, 2008. -360 с.
7. Индекс восприятия коррупции 2017 года. [Электронный ресурс]. URL: http://gtmarket.ru/ratings/corruption-perceptions-index/info. (дата обращения: 12. 04. 2019).
8. К. Маркс. Капитал / К. Маркс. -М.: Издательство политическая литература, 1975. -Т. 2. -752 с.
9. Кейнс Дж.М. Общая теория занятости процентов и денег // Антология экономической классики/ Дж.М. Кейнс. -М: Эксо, 2007. -Т.2. -960 с.
10. Кодиров Ф.А. Экономическая безопасность малой открытой экономики Республики Таджикистан в условиях привлечения региональных форм иностранных инвестиций: дис. кан.экон.наук / Ф.А. Кодиров. -Душанбе, 2010. -С.21.
11. Нешитой, А.С. Инвестиции: Учебник / А.С. Нешитой. -6-е изд., перераб. и испр. -М.: Издательско-торговая корпорация «Дашков и К0», 2010. -23 с.
12. Сафоев А.К. Инвестиционно-инновационные аспекты индустриализации экономики Республики Таджикистан в современных условиях/ А.К. Сафоев // Вестник Таджикского национального. Серия социально-экономических и общественных наук. -Душанбе, 2019. -№5. -часть I. –С.71-76.
13. Солиев А.А. Теоретические и практические проблемы привлечения иностранных инвестиций в развитие малой открытой экономики (на примере Республики Таджикистан): автор.дис. / А.А. Солиев. -Душанбе, 2004. -60 с.
14. Ходжаев Д.К. Влияние региональной интеграции на инвестиционные процессы в Республике Таджикистан: диссертация к.э.н. / Д.К. Ходжаев. –Душанбе, 2018. -156 с.
15. Хофизов Х.А. Эконометрический анализ факторов, влияющих на привлечение прямых иностранных инвестиций / Х.А. Хофизов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. -Душанбе, 2021. - №2. - С.44-53.


## НАЗАРИЯҲОИ ОЛИМОНИ ИҚТИСОДЧӢ ОИД БА САРМОЯГУЗОРИҲОИ МУСТАҚИМИ ХОРИҶӢ


Дар мақола назарияҳои олимон оид ба сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор дода шудааст. Сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ, ин сармоягузории дарозмуддатест, ки барои сармоягузор имконияти назоратро бар объекти сармоягузорӣ таъмин менамояд. Дар шароити имрӯза Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон кӯшиш ба харҷ дода истодааст, ки бештари сармоягузориҳои мустақими хориҷиро барои ташкил намудани корхонаҳои саноатӣ ва истеҳсолти маҳсулоти рақобатпазири мамлакат равона созад. Аз ин хотир, барои ҷалби онҳо ва дастгирӣ намудани фаъолияти сармоягузорони хориҷӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тамоми соҳаҳои иқтисодиёт сабукиҳо оварда, то ки онҳо дар ҷумҳурии мо зиёдтар барои рушди фаъолияти корхонаҳои саноати сармоягузорӣ намоянд. Имрӯзҳо сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ бо мақсади амалигардонии бозсозии сохторӣ ва таъмини рушди устувори иқтисодиёти миллӣ ҷалб карда мешаванд. Дар ин маврид, дар баробари захираҳои иловагии моддию молиявӣ, инчунин, техникаю-технологияҳои пешқадами хориҷӣ, таҷҳизот, таҷрибаи роҳбарӣ ва ғайра ҷалб гардида, ҷойҳои нави корӣ ташкил карда мешаванд. Истифодаи сармоягузории хориҷӣ ба рушди иқтидори содиротии мамлакат, тавсияи истеҳсолоти ивазкунандаи воридот, баланд бардоштани сатҳи техникию технологии истеҳсолот, сифат ва рақобатпазирии маҳсулот нигаронида шудааст. Дар шароити муосир, сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ, ин сармоягузориҳое мебошад, ки ба сармоягузор имконият медиҳад, назоратро бар объектҳои сармоягузорӣ таъмин намояд ва метавонад сармояи худро ҳам дар шакли молӣ ва ҳам дар шакли пулӣ ба объектҳои сармоягузоришаванда сармоягузорӣ намояд. Аз ин хотир имрӯзҳо бештари сармоягузорон, сармоягузории мустақими хориҷӣ менамоянд.



**Калидвожаҳо:** сармоягузории мустақими хориҷӣ, сармоягузории давлат, ҷалби сармоягузорӣ, корхонаҳо, ташкилотҳо, фазои сармоягузорӣ, микроиқтисодиёт, макроиқтисодиёт, инноватсия, ширкатҳо.

**ТЕОРИИ УЧЕНЫХ-ЭКОНОМИСТОВ О ПРЯМЫХ ИНОСТРАННЫХ ИНВЕСТИЦИЯХ**

В статье анализируются и исследуются теории ученых о прямых иностранных инвестициях. Прямые иностранные инвестиции – это долгосрочные инвестиции, которые предоставляют инвестору возможность контролировать объект инвестирования. В современных условиях Правительство Республики Таджикистан старается направить большую часть прямых иностранных инвестиций на создание промышленных предприятий и производство конкурентоспособной продукции страны. Поэтому в целях их привлечения и поддержки деятельности иностранных инвесторов Правительство Республики Таджикистан пошло на уступки во всех сферах экономики, чтобы они могли больше инвестировать в нашу республику для развития деятельности промышленных предприятий. Сегодня прямые иностранные инвестиции привлекаются с целью осуществления структурной перестройки и обеспечения устойчивого развития национальной экономики. В этом случае наряду с дополнительными материальными и финансовыми ресурсами, а также передовой зарубежной техникой и технологиями, оборудованием, управленческим опытом и т. д. создаются новые рабочие места. Использование иностранных инвестиций направлено на развитие экспортного потенциала страны, рекомендацию импортозамещающей продукции, повышение технического и технологического уровня производства, качества и конкурентоспособности продукции. В современных условиях прямые иностранные инвестиции - это инвестиции, которые позволяют инвестору обеспечить контроль над объектами инвестирования и могут вкладывать свой капитал как в товарной, так и в денежной форме в объекты инвестирования. Сегодня большинство инвесторов делают прямые иностранные инвестиции.

**Ключевые слова**: прямые иностранные инвестиции, государственные инвестиции, привлечение инвестиций, предприятия, организации, инвестиционный климат, микроэкономика, макроэкономика, инновации, компании.

**ECONOMIST THEORIES ON FOREIGN DIRECT INVESTMENT**

The article analyzes and explores the theories of scientists about foreign direct investment. Foreign direct investment is a long-term investment that gives the investor the ability to control the investment object. In modern conditions, the Government of the Republic of Tajikistan is trying to direct most of the foreign direct investment to the creation of industrial enterprises and the production of competitive products in the country. Therefore, in order to attract them and support the activities of foreign investors, the Government of the Republic of Tajikistan made concessions in all areas of the economy so that they could invest more in our republic to develop the activities of industrial enterprises. Today, foreign direct investment is attracted in order to carry out structural adjustment and ensure the sustainable development of the national economy. In this case, along with additional material and financial resources, as well as advanced foreign technology and technology, equipment, managerial experience, etc., new jobs are created. The use of foreign investment is aimed at developing the country's export potential, recommending import-substituting products, improving the technical and technological level of production, quality and competitiveness of products. In modern conditions, foreign direct investment is an investment that allows the investor to ensure control over investment objects and can invest their capital both in commodity and in cash in investment objects. Today, most investors make foreign direct investment.

**Keywords:** foreign direct investment, public investment, attraction of investments, enterprises, organizations, investment climate, microeconomics, macroeconomics, innovations, companies.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Хидиралиев Рустам Зулфалиевич*** – Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи молия ва андозбандӣ. **Суроға**: 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Борбад, 48/5. E-mail: **hidir.88@mail.ru.** Телефон: **(+992) 939-00-07-37**

**Сведения об авторе:** ***Хидиралиев Рустам Зулфалиевич*** **–** Международный университет туризма и предпринимательства Таджикистана,кандидат экономических наук доцент кафедры финансов и налогообложения. **Адрес**: 734055, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Борбада, 48/5. E-mail: **hidir.88@mail.ru.** Телефон: **(+992) 939-00-07-37**

**Information about the author:** ***Khidiraliev Rustam Zulfalievich*** **–** International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of Finance and Taxation. **Address:** 734055, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Borbada Avenue, 48/5. E-mail: **hidir.88@mail.ru.** Phone**: (+992) 939-00-07-37**

ТДУ: 332.13

# ТАҲЛИЛИ МУҚОИСАВИИ НИШОНДИҲАНДАҲОИ РУШДИ ЗЕРКОМПЛЕКСИ ПАХТАКОРИИ МИНТАҚА

*Шоназаров У.С.*
**Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав**

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои охир аз сабаби кам шудани истеҳсоли пахтаи хом даромади ба даст овардашуда барои рушди саноат ва ҳалли муҳимтарини мушкилиҳои рушди иҷтимоӣ-иқтисодии деҳот тамоман кифоя нест.

Самаранокии истеҳсоли пахтаи хом бояд дар ҳамон минтақа ба роҳ монда шавад, ки истифодаи оқилонаи замин, захираҳои моддию меҳнатӣ ва молиявӣ дар ин ноҳия, ҷамоат нисбат ба дигар арзон шудани арзиши аслии пахтаро таъмин намуда, талаботи бозор ба эътибор гирифта шавад. Тавре ҳисоб карда шавад, ки истеҳсоли маҳсулот тамоман кам карда нашавад, маҳсулоти камдаромад ва минбаъд боҳам пайвастани рушди пахтакорӣ ва корхонаҳои коркарди пахта бояд ба кам шудани хароҷоти боркашонӣ ва хароҷоти маҳсулот ёрӣ расонад.

Дар хоҷагии қишлоқ се гурӯҳи омилҳое, ки ба ҷойгиршавии истеҳсоли хоми пахта таъсир мерасонанд: табиӣ; биологӣ; иқтисодӣ. Дар байни ин омилҳо, омилҳои табиӣ маъмуланд, ки ба онҳо шароити иқлиму ҳарорат, дарозии мавсими кишт, гармии офтобӣ ва боришот, шамолҳои бартарӣ ва шароити топографӣ ва хок дохил мешаванд. Тафовути ин шароит на танҳо имкониятҳои бевоситаи парвариши зироатҳои кишоварзӣ, яъне пахтаро маҳдуд мекунад, балки дар тули асрҳо онҳо ба таври ғайримустақим навъҳои хокро ба вуҷуд овардаанд, дар баробари миқдори боришот, бухоршавӣ аз сатҳи хок ба назар гирифта мешавад [5,с.19-21].

Таҷрибаи ҷаҳонии парвариши зироатҳои пахта нишон медиҳад, ки аз сабаби режими ҳарорат дар ноҳияҳои ҷанубии ҷумҳурӣ бухоршавӣ назар ба шимол зиёд аст, пахтаро дар шимол назар ба ҷануб бо бориш камтар кишт карда мешавад. Бояд гуфт, ки фарқи шароити иқлим характери соф маҳаллӣ дорад, яъне дар зери таъсири манфии чунин омили биологӣ, монанди ҳуҷуми кирми ғуза, пахтакорӣ дигар шуд. Дар айни замон ва дар оянда омилҳои биологӣ ба самаранок ҷойгир кардани истеҳсоли пахта боз ҳам бештар таъсир мерасонад.

Дар комплекси агросаноатии ҷумҳурӣ вақтҳои охир ба масъалаҳои биотехнология ва технологияи нав дар соҳаҳо ва дар хоҷагии қишлоқ диққати калон дода мешавад. Масъалаи дигар дар ҷумҳурӣ, такмил додани кори селексионию генетикии пахта, таҳия намудани шаклу навъҳои нави пахтаро талаб мекунад, ки сифатҳои мусбат, монанди ҳосилнокии баланд, муқобилият ба касалиҳо ва ҳашароти зараррасон, мувофиқ будани кори механиконидашуда, талаботи экологиро ба ҳам мепайвандад [2].

Дар шароити ҳозира механиконии комплексӣ самти муайянкунандаи пешрафти техникии хоҷагии қишлоқ шуда наметавонад. Дар баробари ин, дар рушди хоҷагии қишлоқ электрификатсия аҳаммияти ҳалкунанда дорад. Маълум аст, ки дар айни замон базаи энергетикии хоҷагии қишлоқ муҳаррикҳои дарунсӯз мебошанд. Гузаштан ба системаи машинасозӣ, пеш аз ҳама, бо зиёд шудани микдор ва беҳтар шудани сифати тракторҳо, автомобилҳо, комбайнҳо ва шассиҳои худгард алоқаманд аст. Зимнан, хоҷагии қишлоқ бе истифодаи васеи энергияи барқӣ, ки ҳамчун манбаи қувваи ҳаракаткунанда ва гармӣ баромад мекунад, кор карда наметавонад. Бе барқтаъминкунии минбаъдаи истеҳсолоти агросаноатӣ, масъалаҳои мелиоратсия ва ирригатсияро ҳал кардан мумкин нест.

Самти асосии тадқиқоти муаллиф Воҳидов В.В. комплекси агросаноатии вилоят ва вазифаҳои муҳимтарини он дар бобати бо ашёи хом таъмин намудани аҳолӣ бо озуқаворӣ ва саноати коркарди он, роҳҳои нави рушд додани зироатҳои асосии хоҷагии қишлокро дар минтақаҳои обёришавандаи ҷумҳурӣ бо имконияти васеъ намудани майдони кишт ва афзудани талабот ба маснуоти бофандагии ватанӣ, озуқаворӣ ва бо назардошти гуногунии ҷумҳурӣ ва минтақаҳои он. Хоҷагиҳои пахтакори минтақаи Кӯлоб дар қисми ҷанубу шарқии ҷумҳурӣ воқеъ гардидаанд, дар ин минтақа ҳамагӣ чор

ноҳияи асосӣ бо кишти пахта машғул мебошад Фархор, Ҳамадонӣ, Восеъ ва Кӯлоб. Дар ноҳияҳои Данғара ва Темурмалик дар майдонҳои ночиз аз 0,4 то 1,0 ҳазор гектар пахта кишт карда мешавад. Дар оянда ба туфайли азхуд кардани заминҳои ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон истеҳсоли пахта дар минтақаи Кӯлоб меафзояд.

Дар ин минтақа аз ҳисоби дар ноҳияҳои ҷанубӣ, ки бештар аз гармӣ таъминанд, истеҳсоли навъҳои дароз-пахти пахтаӣ навъҳои I, II ва III нахро дар вилоят хеле зиёд кардан мумкин аст.

Тоҷикистон бо масоҳати 14,3 миллион гектар яке аз Ҷумҳуриҳои баландкӯҳ буда, релефи маъмулан кӯҳӣ 93% буда, ҳудуди онро доманакӯҳҳо, қаторкӯҳҳо бо баландии аз 300 то 7500 м аз сатҳи баҳр ишғол мекунанд. минтақаҳои релефи бениҳоят гуногуншакл, шароити беҳтарини иқлимӣ ва минтақаи амудӣ барои рушди хоҷагии қишлоқ шароити мусоид фароҳам меоварад [9,с.8-9].

Дар коркарди комплекси пахта, маҳсулоти асосии нимтайёри нахи пахта буда, барои саноати бофандагӣ, трикотаж ва дигар соҳаҳои саноати сабук ҳамчун навъи асосии ашиёи хом хизмат мекунад. Дар саноати пахтатозакунӣ барои сари вақт ва хушсифат анҷом додани коркарди аввалияи пахта, равандҳои асосии зерин истифода мешаванд: хушк кардан ва тоза кардани пахтаи хом, пошидан, линтер кардан, тоза кардан, нам кардан, пресс кардан ва банду баст кардан [3,с.50-89].

Пахтакорӣ ҳамеша соҳаи асосии хоҷагии Ҷумҳурии Тоҷикистон буд ва мемонад. Маҳсулоти асосӣ нахи пахта мебошад. Он барои саноати сабуки ҷумҳурӣ ашёи хоми пурқимат ва иқтидори содиротии бисёр мамлакатҳои ҷаҳон буда, албатта, барои иқтисодиёт ва буҷети ҷумҳурӣ даромади калони пулӣ мебошад. Тухмии пахта манбаи асосии истеҳсоли равғани растанӣ мебошад. Аз як тонна пахта 150-180 килограмм равғани растанӣ гирифтан мумкин аст. Тор ва пӯст барои рушд додани чорводорӣ хӯроки пурқимати консентратӣ мебошад. Ғузапоя сӯзишвории асосии аҳолии деҳот мебошад. Аз пахтаю поя қариб 150 навъи маҳсулот истеҳсол кардан мумкин аст. Ин вазифаҳо мутаносибан бо татбиқи Қарори Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Барномаи коркарди пурраи пахтаи хоми дар Тоҷикистон истеҳсолшуда то соли 2015» ҳал карда мешаванд, ки аллакай дар соли 2015 истеҳсоли нахи пахта бояд ба 209 ҳазор тонна расонида шавад, ки аз он 186 ҳазор тоннааш дар корхонаҳои ҷумҳурӣ (ё 89%-и нахи пахтаи дар Тоҷикистон истеҳсолшаванда) коркард мешавад.

Вилояти Хатлон яке аз калонтарин минтақаҳои кишоварзии ҷумҳурӣ ба ҳисоб меравад. Хусусиятҳои минтақавии вилояти Хатлон бо изофаи қувваи корӣ ва дар ин росто сатҳи нисбатан пасти хароҷоти истеҳсолӣ аз ҳисоби кам будани музди меҳнат, шароити мусоиди замину иқлим барои ҷойгиркунии пахтакорӣ ва саноати коркарди он, мавҷудияти захираҳои кадрҳои баландихтисос хос аст ва нисбатан баланди обёрии заминҳои Вилоят дар ҷануби Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Ҳудуди вилоят дар майдони 24,6 ҳазор метри мураббаъ ҷойгир аст, ки ин 17,0%-и масоҳати умумии ҷумҳуриро ташкил медиҳад. Дар шимол вилоят бо ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, дар шарқ бо Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ҳамсарҳад аст. Аз ғарб бо Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва дар ҷануб бо Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ҳамсарҳад аст.

**Ҷадвали 1. Аз рӯи пахтакорӣ тақсим кардани майдонҳои кишти пахта минтақаҳои вилояти Хатлон дар давраи солҳои 1991-2020 ҳазор га**

**Table 1. Distribution of cotton cultivation areas in Khatlon region in the period of 1991-2020, thousand ha**

| Нишондиҳандаҳо | 1991 | 2006 | 2010 | 2012 | 2020 | 2020 нисбат ба 2010 | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | га | % |
| Вилояти Хатлон: ҷамъ | 189,51 | 161,2 | 100,6 | 127,8 | 124,175 | +23,575 | +18,98 |
| аз ҷумла нахдори хуб | 59,24 | 23,9 | 0,66 | 2,02 | 0,248 | -0,412 | -166,1 |
| Нахи миёна | 130,27 | 137,3 | 99,94 | 125,78 | 123,927 | 23,987 | +24,0 |

Сарчашма: Муаллиф аз рӯи Маҷмуаи омории «Пахтакорӣ» ҳисоб карда шудааст. -Душанбе, 2021. –С.10-12.

**Диаграммаи 1. Тақсим кардани майдонҳои кишти пахта**
**Diagram 1. Distribution of cotton planting areas**




Таҳлили диаграммаи 1 нишон медиҳад, ки дар вилояти Хатлон майдони кишти пахта дар соли 2020 (124,175 ҳазор гектар), нисбат ба соли 2010 (100,6 ҳазор гектар) 23,575 ҳазор гектар зиёд шудааст. Дар баробари истеҳсолот рушд додан ва рушд додани комёбиҳои илм ва техника афзоиши ҳосили миёнаи ҳамаи зироатҳои хоҷагии қишлоқ ба амал омад. Ҳосили миёнаи пахта дар Тоҷикистон дар давраи аз соли 1922 то соли 1991 аз 8,6 то 30,8 ц/га, ё худ 3,6 баробар афзуд. Аммо бинобар вазъи кунунии Тоҷикистон ва ҷанги шаҳрвандӣ (солҳои 1992-1993) ҳосили пахта ба ҳисоби миёна дар тамоми хоҷагиҳои ҷумҳурӣ аз 30,8 сентнер дар як гектар дар соли 2012 ба 20,1 сентнер поин рафт.

**Ҷадвали 2. Динамикаи ҳосили миёнаи пахта барои солҳои 1991-2020, к/га**
**Table 2. Dynamics of the average cotton yield for the years 1991-2020, k/ha**

| Нишондиҳандаҳо | 1991 | 2006 | 2007 | 2009 | 2010 | 2012 | 2020 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Дар ҷумҳурӣ | | | | | | | |
| Пахта, ҷамъ | 27,4 | 17,0 | 16,6 | 17,8 | 19,3 | 21,3 | 21,4 |
| аз ҷумла: маҳиннах | 30,7 | 14,7 | 19,5 | 22,2 | 22,2 | 18,8 | 15,4 |
| нахи миёна | 28,8 | 15,85 | 18,0 | 20 | 20,75 | 20 | 21,4 |
| Дар вилояти Хатлон | | | | | | | |
| Пахта, ҷамъ | 27,9 | 18,1 | 17,2 | 18,4 | 20,1 | 22,1 | 22,3 |

Сарчашма: Аз ҷониби муаллиф тибқи маълумоти Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маҷмуаи омории «Пахтакорӣ» таҳлил шудааст. -Душанбе, 2021. -С.6-62.

Маълумоти ҷадвали 2 нишон медиҳад, ки дар давраи таҳлилшуда, ҳосили пахта аз 17,0 га дар соли 2006 то ба 20,3 ц/га дар соли 2012 3,1 ц/га, соли 2013 - 20,6 ц/га ва соли 2020 - 21,4 ц/га афзудааст. Ҳосили пахта дар солҳои охир тамоюли афзудан дорад. Ба кор андохтани нуриҳои маъданӣ ва ёрии давлат ба хирманҳои пахта имконият дод, ки ҳосили худро баланд бардоранд. Ҳамин тариқ, баланд бардоштани ҳосили пахтаро яке аз шартҳои асосии зиёд кардани самараи истеҳсолот донистан лозим аст.

Ҳамин тавр, то соли 1991 васеъ намудани майдони кишт ва баланд бардоштани ҳосил афзоиши ҷамъоварии умумии пахтаро таъмин мекард. Аммо тайи 10 соли охир бо кам шудани ҳосил ва кам шудани майдони кишт, истеҳсоли пахтаи хом якбора коҳиш ёфтааст. Хоҷагиҳои ҷумҳурӣ барои қонеъ гардондани эҳтиёҷоти худ ба кишти ғалла шуруъ намуданд ва аз ин рӯ, майдони кишти пахта кам шуд.

**Ҷадвали 3. Динамикаи ҳосили умумии пахтаи хом дар давраи солҳои 2006-2020 ҳазор тонна**

**Table 3. Dynamics of the total yield of raw cotton in the period 2006-2020, thousand tons**

| Нишондиҳандаҳо | 2006 | 2007 | 2009 | 2010 | 2012 | 2020 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Дар ҷумҳурӣ | | | | | | |
| Пахта, ҷамъ | 437,898 | 419,786 | 296,014 | 310,56 | 418,0 | 396,014 |
| аз ҷумла: нахи маҳиннах | 37,182 | 26,590 | 2,0 | 1,717 | 3,8 | 0,381 |
| нахи миёна | 400,716 | 393,196 | 294,026 | 308,84 | 414,2 | 395,633 |
| Дар вилояти Хатлон | | | | | | |
| Пахта, ҷамъ | 258,1 | 259,6 | 197,9 | 202,0 | 282,6 | 277,221 |
| аз ҷумла: нахи маҳиннах | 25,1 | 24,8 | 1,1 | 1,4 | 3,8 | 0,381 |
| нахи миёна | 233,0 | 234,8 | 196,8 | 200,6 | 278,8 | 276,84 |

Сарчашма: Аз ҷониби муаллиф тибқи маълумоти Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маҷмуаи омории «Пахтакорӣ» таҳлил шудааст. -Душанбе, 2021. -С.6-62.

Маълумоти ҷадвали 3 нишон медиҳад, ки дар вилояти Хатлон аз соли 2009 тамоюли афзоиши ҳосили умумии пахтаи хом мушоҳида мешавад.

Аммо барои пурра қонеъ гардонидани талаботи аҳолӣ ба озуқаворӣ ва саноат ба ашиёи хом хеле зиёд кардани истеҳсоли маҳсулоти хоҷагии қишлоқ зарур аст. Барои ин зарурати пурратар истифода бурдани захираҳо, кам кардани ҳосилнокии меҳнат ва арзиши аслии маҳсулот, зиёд кардани самараи истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ диққати ҷиддӣ додан лозим аст.

**Ҷадвали 4. Динамикаи ҷамъоварии умумии пахтаи хом дар минтақаҳои пахтакори Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2006-2020 ҳазор тонна**

**Table 4. Dynamics of the total collection of raw cotton in the cotton-growing regions of the Republic of Tajikistan for the years 2006-2020, thousand tons**

| Солҳо | Вилояти Хатлон | | Вилояти Суғд | | НТҶ | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | Ҳаҷми умумии истеҳсоли пахта | аз ҷумла. маҳиннах | Истеҳсоли умумии пахта | аз ҷумла маҳиннах | Истеҳсоли умумии пахта | аз ҷумла маҳиннах |
| 2006 | 258,073 | 33,527 | 131,402 | 3,655 | 48,423 | - |
| 2007 | 259,643 | 24,841 | 124,830 | 1,749 | 35,313 | - |
| 2008 | 241,133 | 10,122 | 88,233 | 0,631 | 23,780 | - |
| 2009 | 197,86 | 1,046 | 87,105 | 0,942 | 11,049 | - |
| 2010 | 202,027 | 1,397 | 92,161 | 0,320 | 16,372 | - |
| 2012 | 282,6 | 3,8 | 113,9 | 0,001 | 21,54 | - |
| 2013 | 275,12 | 0,42 | 106,28 | 0,2 | 11,41 | - |
| 2020 | 277,221 | 0,381 | 112,607 | - | 6,187 | - |

Сарчашма: Аз ҷониби муаллиф тибқи маълумоти Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маҷмуаи омории «Пахтакорӣ» таҳлил шудааст. -Душанбе, 2021. -С.6-62.

Ин ҷадвалҳо тасдиқ мекунанд, ки нақши вилояти Хатлон дар истеҳсоли пахтаи хом калон аст - 277,221 ҳазор тонна барои соли 2020. Шароити табиию иқтисодии вилояти Хатлон ба парвариши миқдори зиёди навъҳои маҳиннах мусоидат мекунад.

Вазъияти рушди пахтакориро дар солҳои охир таҳлил намуда, қайд кардан лозим аст, ки ин соҳа дар ҷумҳурӣ вазъияти душвори иқтисодӣ дорад. Миқдори пахтаи хоми истеҳсолшуда дар соли 2009, нисбат ба соли 2008-ум 57132 тонна кам шуда, ҳосили пахтаи хом низ тамоюли камшавӣ дорад. Базаи моддию техникии пахтакорӣ хеле бадтар гардид. Тақрибан 70% техникаи кишоварзӣ ҳам аз ҷиҳати ҷисмонӣ ва ҳам аз ҷиҳати маънавӣ фарсуда шуда, 37054 адад дар 01.01.1991, 01.07.2013 боқӣ мондааст. Дар маҷмуъ, 12413 адад ё 33,5%, аз он ҷумла ҳудуди 8589 адад ё 69% адад амалиётӣ.

**Ҷадвали 5. Истеҳсоли нахи пахта, чигит, тибит, торак ва пати сиклонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**Table 5. Production of cotton fiber, cotton seed, tibet, thorac and cyclonic fiber in the Republic of Tajikistan**

| Сол | Нахи пахта, ҳазор тонна | Чигит ҳазор тонна | Тибити пахта, тонна | Тораки пахта, тонна | Пати сиклонӣ, тонна |
|---|---|---|---|---|---|
| 1991 | 245,5 | 480,3 | 21796 | 5528 | 6679 |
| 1995 | 167,9 | 303,8 | 12964 | 5379 | 5325 |
| 2000 | 106,8 | 182,8 | 5864 | 2443 | 4149 |
| 2005 | 153,3 | 264,9 | 8676 | 3718 | 4511 |
| 2010 | 95,2 | 161,6 | 3773 | 2285 | 1618 |
| 2015 | 98,4 | 157,9 | 3570 | 2219 | 1518 |
| 2016 | 85,0 | 133,2 | 3398 | 1711 | 1287 |
| 2017 | 112,3 | 179,9 | 3828 | 1780 | 1471 |
| 2018 | 98,2 | 151,1 | 7607 | 2175 | 1583 |
| 2019 | 102,7 | 155,7 | 2708 | 1728 | 1498 |
| 2020 | 101,6 | 156,4 | 1799 | 2402 | 1891 |

Таҳлили ҷадвали 5 нишон медиҳад, ки аз соли 2018 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоюли зиёд шудани истеҳсоли пахтаи хом, аз ҷумла, нахи пахта 98,2 ҳазор тонна, тухмии пахта 151,1 ҳазор тонна, линти пахта 7607 тонна, олюки пахта 2175 тонна, пӯсти пахта ба назар мерасад. 1583 тонна ва соли 2020 нахи пахта 101,6 ҳазор тонна, тухмии пахта 156,4 ҳазор тонна, линти пахта 1799 тонна, пахтаи олонг 2402 тонна, пӯсти пахта 1891 тонна. Аммо барои пурра қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти аҳолӣ ба озуқаворӣ ва саноат ба ашиёи хом хеле зиёд кардани истеҳсоли пахтаи хоми селексияи чинӣ, ки ба касалиҳо тобовар, нишондиҳандаҳои аълосифат ва фарқкунанда доранд, зарур аст.

Истеҳсоли нахи пахта, тухмӣ, линт, улук ва пӯсти сиклонӣ аз рӯи минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Ҷадвали 6. Истеҳсоли нахи пахта, чигит, тибит, торак ва пати сиклонӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**Table 6. Production of cotton fiber, ginseng, tibet, thorac and cyclonic fiber in the regions of the Republic of Tajikistan**

| | Сол | Ҷумҳурии Тоҷикистон | Вилояти Хатлон | Вилояти Суғд | НТҶ |
|---|---|---|---|---|---|
| Нахи пахта (хазор тонна) | 1991 | 245,5 | 141,4 | 71,8 | 32,3 |
| | 1995 | 167,9 | 89,3 | 52,6 | 26,0 |
| | 2000 | 106,8 | 54,0 | 39,6 | 13,2 |
| | 2005 | 153,3 | 86,3 | 47,6 | 19,4 |
| | 2010 | 95,2 | 61,3 | 28,8 | 5,1 |
| | 2015 | 98,4 | 64,3 | 31,9 | 2,2 |
| | 2016 | 85,0 | 53,4 | 29,8 | 1,8 |
| | 2017 | 112,3 | 70,9 | 38,1 | 3,3 |
| | 2018 | 98,2 | 55,0 | 40,0 | 3,2 |
| | 2019 | 102,7 | 55,4 | 43,1 | 4,2 |
| | 2020 | 101,6 | 57,6 | 41,0 | 3,0 |
| Чигит (хазор тонна) | 1991 | 480,3 | 291,9 | 137,9 | 50,5 |
| | 1995 | 303,8 | 166,0 | 92,2 | 45,6 |
| | 2000 | 182,8 | 95,0 | 65,4 | 22,4 |
| | 2005 | 264,9 | 149,8 | 82,6 | 32,5 |
| | 2010 | 161,6 | 104,5 | 48,3 | 8,8 |
| | 2015 | 157,9 | 102,9 | 51,4 | 3,6 |
| | 2016 | 133,2 | 82,8 | 47,5 | 2,9 |
| | 2017 | 179,9 | 114,3 | 60,4 | 5,2 |
| | 2018 | 151,1 | 84,4 | 61,4 | 5,2 |
| | 2019 | 155,7 | 85,7 | 63,5 | 6,5 |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | 2020 | 156,4 | 92,2 | 59,2 | 5,0 |
| Тибити пахта (тонна) | 1991 | 21796 | 8697 | 9045 | 4054 |
| | 1995 | 12964 | 5258 | 4914 | 2792 |
| | 2000 | 5864 | 2302 | 2415 | 1147 |
| | 2005 | 8676 | 4020 | 3224 | 1432 |
| | 2010 | 3773 | 2060 | 1497 | 216 |
| | 2015 | 3570 | 2239 | 1244 | 87 |
| | 2016 | 3398 | 2250 | 1064 | 84 |
| | 2017 | 3828 | 2611 | 1112 | 105 |
| | 2018 | 7607 | 6401 | 1052 | 154 |
| | 2019 | 2708 | 1543 | 1134 | 31 |
| | 2020 | 1799 | 1098 | 688 | 13 |
| Тораки пахта (тонна) | 1991 | 5528 | 2582 | 2620 | 326 |
| | 1995 | 5379 | 1921 | 1348 | 2110 |
| | 2000 | 2243 | 1292 | 903 | 248 |
| | 2005 | 3718 | 2444 | 981 | 493 |
| | 2010 | 2285 | 1545 | 622 | 118 |
| | 2015 | 2219 | 1423 | 766 | 30 |
| | 2016 | 1711 | 927 | 729 | 55 |
| | 2017 | 1780 | 1024 | 756 | - |
| | 2018 | 2175 | 1099 | 993 | 83 |
| | 2019 | 1728 | 824 | 876 | 28 |
| | 2020 | 2402 | 1347 | 992 | 63 |
| Пати сиклонӣ (тонна) | 1991 | 6679 | 2631 | 2458 | 1590 |
| | 1995 | 5325 | 1574 | 1687 | 2064 |
| | 2000 | 4149 | 2553 | 919 | 677 |
| | 2005 | 4511 | 2715 | 1013 | 783 |
| | 2010 | 1618 | 1088 | 424 | 106 |
| | 2015 | 1518 | 1038 | 460 | 20 |
| | 2016 | 1287 | 784 | 482 | 21 |
| | 2017 | 1471 | 961 | 510 | - |
| | 2018 | 1583 | 900 | 608 | 75 |
| | 2019 | 1498 | 755 | 724 | 19 |
| | 2020 | 1891 | 1142 | 670 | 79 |

Ҳамин тариқ, аз нуқтаи назари беҳтар намудани нишондиҳандаҳои сифатӣ, шароити табиию иқлимии ҳар як микрозонаҳои ҷумҳуриро ба назар гирифта, схемаи пахтакориро дар вилоят ба куллӣ тағйир додан лозим аст. Зарурати объективонаи ин тадбирҳо талаб мекунад, ки ба характери рушди пахтакорӣ ҳамчун соҳаи асосии махсусгардонии Ҷумҳуриявии ҳозиразамонислоҳҳои ҷиддӣ дароварда шавад, ки он бояд торафт бештар ба истеҳсоли навъҳои дароз-штапелӣ ва миёнаштапели селексионии чинии минтақавӣ гузарад. Дар вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ин бо мулоҳизаҳои зерин асоснок карда мешавад:

Таваҷҷуҳи бештари тағйироти пешниҳодшуда на ба хусусиятҳои миқдори рушди саноати пахта ба манфиатҳои хоҷагии халқ мувофиқ аст, ки ин аз сабаби нокифоя будани ҳиссаи навъҳои дарозпоя ва миёнаи пахтаи ноҳияҳои селексияи чинӣ мебошад, дар сохтори ҳозираи истеҳсолоти он ва динамикаи афзоиши талабот ба он дар саноати бофандагӣ.

Нишондиҳандаи ғайриқаноатбахш он аст, ки дар ҷумҳурӣ кишти тухмии ба талаботи стандартҳои мавҷуда мувофиқ пурра истеҳсол карда намешавад. Ташкилотҳои тухмипарвар бояд тамоми роҳҳои тайёр кардани тухмии кишти селексияи чиниро омӯзанд. Ҳангоми фурӯхтани маводи тухмӣ Нозироти назорати тухмӣ шаҳодатнома медиҳад ва дар асоси он метавон бо назардошти хароҷоти дигар нархи як кило тухмии чиниро муайян кард. Майдони пахта – тухмии интихобшудаи селексияи чинӣ, ки бо назардошти шароити табиию иқлимии ноҳияи Данғараи Ҷумҳурии Тоҷикистон тайёр карда шудааст. Аммо, ба фикри мо, пахтаи миёна-штапии чинӣ, ки

дар сехҳои пахтатозакунӣ кор карда мешавад ва нахаш ҳамчун ашиёи хоми коркард дар саноати трикотаж истифода мешавад. Дар баробари ин, коркарди дохилии нахи интихобкардаи чинӣ бо ҷалби сармояи иловагӣ бояд ба 50 ҳазор тонна расонида шавад. Вазифаи мост, ки Тоҷикистонро аз мамлакати содиркунандаи ашиёи хом ба мамлакати истеҳсолкунандаи молҳои сермасраф табдил диҳем. Талаботи аввалиндараҷаи ҳар як субъекти дорои ашёи хоми мувофиқ барои иҷрои шартҳои шартномавӣ, ки сифати нахи додашавандаро инъикос мекунад, нишондиҳандаҳои иловагии сифатҳои табиии пахта - ранг, таркиби нахи кӯтоҳ ва мувофиқи талаботи саноати бофандагӣ ва трикотаж набудани часпакро дар бар мегирад.

Ҳамин тавр, дигаргуниҳои куллии сифатӣ дар пахтакорӣ ба омили асосӣ ва ҳалкунандаи интенсификатсия, ки дар шароити амалӣ муътадил гардонидани кишт табдил меёбанд.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДТТ – Рузибоев Х.Г.**

**АДАБИЁТ**


1. Вахидов В.В. Актуальные проблемы развития хлопководства в Таджикистане / В.В. Вахидов. –Душанбе: Ирфон, 2009.
2. Вахидов В.В. Модернизация сельского хозяйства с учетом территориального разнообразия Таджикистана (теория, методология, практика): диссертация на соискание д.э.н. / В.В. Вахидов. –Душанбе, 2007. -146 с.
3. Лугачев А.Е. Первичная обработка хлопка / А.Е. Лугачев, А.М. Салимов. -Ташкент, 2008. -С.109.
4. Одинаев Х.А. Аграрная реформа и тенденции развития сельского хозяйства Таджикистана / Х.А. Одинаев, Д. Одинаев // Экономика Таджикистана: Стратегия развития. - 2001. -№1. -С.50-89.
5. Пириев Дж.С. Совершенствование размещения отраслей сельского хозяйства Таджикистана в новых условиях хозяйствования: автореф. дисс. … д-ра. эк. наук / Дж.С. Пириев. -Душанбе, 2004. -35 с.
6. Пириев Дж.С. Эффективность территориальных организаций производства хлопка-сырца в Республике Таджикистан / Дж.С. Пириев, А.Х. Олимов. -Душанбе, 2005.
7. Рузибоев Х.Г. Сравнительный анализ качества длинноволокнистых сортов хлопка на основе международного стандарта / Х.Г. Рузибоев, М.Х. Сафаров, Х.И. Иброгимов // Вестник Таджикского национального университета. Серия экономических наук. –Душанбе, 2014. -№2/3(135). -С.199-204.
8. Статистический сборник «Хлопководство Республике Таджикистан». -Душанбе, 2021. -С.5-63.
9. Таджикистан: 25 лет государственной независимости // Статистический сборник. –Душанбе: АСПРТ, 2016. -С.8-9.
10. Шамсиев Б.Р. Проблемы повышения качества и эффективности производства хлопка в Таджикской ССР / Б.Р. Шамсиев. –Душанбе: Ирфон, 1989. -125 с.


## ТАҲЛИЛИ МУҚОИСАВИИ НИШОНДИҲАНДАҲОИ РУШДИ ЗЕРКОМПЛЕКСИ ПАХТАКОРИИ МИНТАҚА


Дар мақола омилҳое, ки ба ҷойгиркунии оптималии пахтакорӣ дар минтақа таъсир мерасонанд, бо назардошти хусусиятҳои иқлимӣ, технологӣ ва иқтисодӣ, бо мақсади баланд бардоштани самаранокии иқтисодии зеркомплекси пахтакории вилоят таҳлил ва муайян карда шудаанд. Нишондиҳандаи ғайриқаноатбахш он аст, ки дар ҷумҳурӣ тухмии кошташуда, ки ба талаботи стандартҳои мавҷуда мувофиқ аст, пурра истеҳсол карда намешавад. Ташкилотҳои тухмипарвар бояд тамоми роҳҳои тайёр кардани тухмии кишти навъи чиниро омӯзанд. Ҳангоми фурӯхтани маводи тухмӣ, Нозироти назорати тухмӣ шаҳодатнома медиҳад ва дар асоси он метавон бо назардошти хароҷоти дигар нархи як кило тухмии чиниро муайян кард. Майдони пахта бояд бо тухмии интихобшудаи навъи чинӣ, ки бо назардошти шароити табиию иқлимии ноҳияи Данғараи Ҷумҳурии Тоҷикистон тайёр карда, таъмин бошад, аммо, ба фикри мо, пахтаи миёна-штапии чинӣ, ки дар сехҳои пахтатозакунӣ кор карда мешавад ва нахи он барои коркард дар саноати трикотаж ҳамчун ашёи хом истифода мешавад. Дар баробари ин, коркарди дохилии нахи интихобкардаи чинӣ бояд натиҷабор бошад ва ба 50 ҳазор тонна расонида шавад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 2018 тамоюли афзоиши истеҳсоли пахтаи хом, аз ҷумла, нахи пахта 98,2 ҳазор тонна, тухмии пахта 151,1 ҳазор тонна, тибити пахта 7607 тонна, тораки пахта 2175 тонна, пӯсти пахта 1583 тонна ва дар соли 2020 101,6 ҳазор тонна дар назар дошта шудааст. Нахи пахта, 156,4 ҳазор тонна чигит, 1799 тонна пахтаи маҳиннах, 2402 тонна пилла, 1891 тонна пахтаи маҳиннах. Аммо барои пурра қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти аҳолӣ ба озуқаворӣ ва саноат ба ашёи хом хеле зиёд кардани истеҳсоли пахтаи хоми навъи чинӣ, ки ба касалиҳо тобовар, нишондиҳандаҳои аълосифат ва фарққунанда доранд, зарур аст.



**Калидвожаҳо:** рушд, омилҳо, минтақа, пахта, селексия, чинӣ, зеркомплекс, самаранокӣ, пахтакорӣ.


## СРАВНИТЕЛЬНЫЙ АНАЛИЗ ПОКАЗАТЕЛЕЙ РАЗВИТИЯ ХЛОПКОВОГО ПОДКОМПЛЕКСА РЕГИОНА


В статье проанализированы и выявлены факторы, влияющие на оптимальное размещение хлопководства в регионе с учетом климатических, технологических и экономических особенностей с целью повышения

экономической эффективности регионального хлопкового подкоплекса. Неудовлетворительные показатели заключаются в том, что в стране посевных семян, соответствующих требованиям действующих стандартов в полном объёме не производится. Семеноводческие субъекты должны изучать все способы подготовки посевных семян китайской селекции. При реализации посевного материала инспекция по контролю посевных семян выдаёт сертификат и на его основе можно определить цену одного килограмма китайских посевных семян с учетом других расходов. Хлопковому полю нужны отборные семена китайской селекции, изготовленные с учетом природно-климатических условий Дангаринского района Республики Таджикистан. Однако по нашему мнению, китайский средневолокнистый хлопок, который перерабатываются на валичных джинах, и волокно применяется как сырьё для переработки в трикотажной отрасли. При этом внутренняя переработка волокна китайской селекции должна достигнуть до 50 тыс. тонн, с привлечением дополнительных инвестиций. В Таджикистане от 2018 года наблюдалась тенденция к увеличению производства хлопка-сырца, в том числе: хлопковое волокно 98,2 тыс тонн, семена хлопковые 151,1 тыс. тонн, линт хлопковый 7607 тонн, улюк хлопковый 2175 тонн, пух хлопковый 1583 тонн, а в 2020 году - хлопковое волокно 101,6 тыс тонн, семена хлопковые 156,4 тыс. тонн, линт хлопковый 1799 тонн, улюк хлопковый 2402 тонн, пух хлопковый 1891 тонн. Однако для полного удовлетворения потребностей населения в продуктах питания и промышленности в сырье необходимо значительное увеличение производства хлопка-сырца китайской селекции с болезнеустойчивыми, качественными и отличительными показателями.

**Ключевые слова:** развития, факторы, регион, хлопок, селекция, китайский, подкомплекс, эффективность, хлопководство.

## COMPARATIVE ANALYSIS OF THE DEVELOPMENT INDICATORS OF THE COTTON SUB-COMPLEX OF THE REGION

The article analyzes and identifies factors influencing the optimal placement of cotton growing in the region, taking into account climatic, technological and economic features in order to increase the economic efficiency of the regional cotton sub-complex. An unsatisfactory indicator is that in the country sowing seeds that meet the requirements of the current standards are not produced in full. Seed-growing entities should study all ways of preparing sowing seeds of Chinese selection. When the seed material is sold, the Seed Control Inspectorate issues a certificate, and on its basis, it is possible to determine the price of one kilogram of Chinese seed seed, taking into account other costs. Cotton field - selected seeds of Chinese selection, made taking into account the natural and climatic conditions of the Dangara region of the Republic of Tajikistan. However, in our opinion, Chinese medium-staple cotton, which is processed on roll gins, and the fiber is used as a raw material for processing in the knitting industry. At the same time, the internal processing of Chinese-selected fiber should reach up to 50 thousand tons, with the attraction of additional investments. In Tajikistan from 2018 there is a tendency to increase the production of raw cotton, including cotton fiber 98.2 thousand tons, cotton seeds 151.1 thousand tons, cotton lint 7607 tons, cotton oolyuk 2175 tons, cotton fluff 1583 tons, and in 2020, cotton fiber 101.6 thousand tons, cotton seeds 156.4 thousand tons, cotton lint 1799 tons, cotton oolk 2402 tons, cotton fluff 1891 tons. However, in order to fully meet the needs of the population in food and industry in raw materials, a significant increase in the production of raw cotton of Chinese selection with disease-resistant, high-quality and distinctive indicators is necessary.

**Keywords:** development, factors, region, cotton, selection, Chinese, subcomplex, efficiency, cotton growing.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Шоназаров Умедҷон Сайдаҳмадович*** – Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, докторанти Ph.D–и кафедраи назарияи иқтисодӣ. **Суроға**: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67. Телефон: **(+992) 919-00-36-07**. E-mail: **Umed020721.@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Шоназаров Умеджон Сайдахмадович*** – Бохтарский государственный университет имени Насира Хусрава, докторант Ph.D кафедры экономической теории. **Адрес**: 735140, Республика Таджикистан, г.Бохтар, улица Айни, 67. Телефон: **(+992) 919-00-36-07**. E-mail: **Umed020721.@mail.ru**

**Information about the author:** ***Shonazarov Umedjon Saidakhmadovich*** – Bokhtar State University named after Nasir Khusraw, Ph.D doctoral student of the Department of Economic Theory. **Address**: 735140, Republic of Tajikistan, Bokhtar, Aini street 67. Phone: **(+992) 919003607.** E-mail: **Umed020721.@mail.ru**

ТДУ: 336.76.(575.3)

# ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАВАРРУМ ВА ТАНЗИМИ ЗИДДИТАВАРРУМӢ

***Раҳимзода Фирузи Мадкарим, Иброҳими Ҳасани Ҳакимзода***
**Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон**

Таваррум печидатарин падидаи иқтисодӣ ба ҳисоб меравад. Ҳамон тавр, ки таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ин танидагии мураккаби омилҳоест, ки ҳам дар соҳаи муомилот ва ҳам дар соҳаи тавлид (истеҳсолот) вуҷуд дорад. Сабаб дар он аст, ки дар тули қарнҳо, дар натиҷаи тағйирёбии шаклҳои моликият, анвои қиматгузорӣ, низомҳои пулӣ, сабабҳо, паёмадҳо ва шаклҳои зуҳури раванди таваррум дигаргун гардиданд.

Таваррум дар худ як падидаи мураккаб ва печидаро ифода менамояд, дорои далел, механизм ва паёмадҳои хосси иқтисодӣ-иҷтимоӣ мебошад. Зимни мутолиа ва таҳқиқи сатҳи раванди таваррум, сохтори дохилӣ, хусусиятҳои сифатӣ, мушкилотро ба вуқуъ меоварад.

Доир ба таваррум ва мафҳуми он таърифҳои зиёд вуҷуд дорад. Ин истилоҳ аз луғати итолиёвии "inflatio" гирфта шуда, маънои "варам - кардан"-ро дар худ ҷой додааст. Дар Энсиклопедияи (доирал маорифи) бузурги Шуравии соли 1972 гуфта шудааст, таваррум (аз истилоҳи лотинии "inflatio" гирифта шуда, маънои " варамкардан"-ро дорад), ин афзоиши каналҳои муомилоти барзиёди пулҳои коғазист, ки боиси беқурбшавӣ, тақсимоти даромади миллӣ ва маҳсулоти иҷтимоӣ байни бахшҳои иқтисодӣ, шохаҳои гуногуни ҷомеа ва синфҳо гардида, ба нафъи табақоти доранда мебошад [1].

Дар таърифҳои баъдӣ, таваррум ҷанбаи сиёсӣ надорад. Румянсева Е.Е., хотирнишон менамояд, ки таваррум дар раванди пӯёӣ ба таври мудовим мавҷуд мебошад, тамоюли болоравии сатҳи миёнаи нархҳоро дар иқтисод ба вуҷуд оварда, беқурбшавии пул ва номутаносибии такрористеҳсоли молҳои гуногуни бахшҳои мухталифи хоҷагии қишлоқро тавлид менамояд. Дар луғати иқтисодӣ, ки аз тарафи гурӯҳи муаллифон бо роҳбарии Е.Г. Багудина таҳия гардидааст, чунин омадааст, таваррум - ин аз ҳад зиёд шудани миқдори изофии ҳаҷми пул дар соҳаи муомилот, дар сурати мавҷуд набудани афзоиши муносиби ҳаҷми молҳо мебошад, ки дар коҳишёбии воҳиди пулӣ боис мегардад.

Теъдоди таърифоте, ки дар адабиёт вуҷуд доранд, мухтасар мебошанд. Дар адабиёти иқтисодӣ, ки аз тарафи П.А. Ватник таҳирир гардидааст, таваррум ба унвони афзоиши сатҳи умумии нархҳо дар иқтисод таъриф мешавад, ки як муддати муайян идома меёбад. Як таърифи мушобеҳ баён мекунад, ки таваррум ҳамчун афзоиши мудавоми сатҳи нархҳо дар иқтисодиёт фаҳмида мешавад. Саранҷом, Макконнелл К.Р., С.Л. Брю исбот менамоянд, ки таваррум афзоиши сатҳи умумии нархҳост [2].

Дар таҳқиқи дигар муаллифон, рӯйкарди мутафовитеро доир ба таърифи таваррум дидан мумкин аст. Масалан, П. Ҳейне хотирнишон менамояд, ки таваррум болоравии арзиши зиндагӣ нест. Моҳияти таваррум сукути арзиш ё қобилияти харидории пул арзёбӣ мегардад. Бархе аз муаллифон хавфи сармоягузориро ба унвони хавфе таъриф менамоянд, ки дар ҳолати маҳви сармоягузорӣ, қобилияти харидорӣ нисбат ба сармоягузории аввалия камтар хоҳад буд. Теъдоде аз муаллифон сайъ мекунанд, ки дар таърифи таваррум далоил ва ҳатто оқибатҳои онро дохил намоянд. Мо ба ин боварем, ки ин равиш яктарафа мебошад, зеро дар худи таъриф инъикос намудани ҳама сабабҳои таваррум корест душвор.

Ба назари мо, таърифи аниқ ва возеҳи таваррум дар шарҳи зер афзалтар мебошад: Таваррум ин афзоиши мудавоми сатҳи нархҳо дар иқтисод, дар соли ҷорӣ нисбат ба соли гузашта. Ҳангоми таъини мудавомати ин раванд, мо аз он бар меоем, ки муқоисаи ҳама маълумоти оморӣ маъмулан дар соли қаблӣ анҷом мешавад. Ташбеҳи давраҳои тулонӣ, албатта имконпазир мебошад, аммо ба назари мо, ба андозаи кофӣ дуруст нахоҳад буд. Зеро, таваррум бар асоси сабади истеъмолӣ мусоҳиба мешавад ва азбаски давра ба давра дар сабад тағйирот рӯй медиҳад, маълумотҳои қаблиро бо маълумотҳои соли ҷорӣ дар муддати тулонӣ қиёс намудан, ғайри қобили қабул аст [3].

Дар бархе аз китобҳои дарсии рустаборон ва ғарбиён, дар мавриди омилҳо, сабабҳои таваррум баҳсу музокираҳо зиёданд, аммо муаллифон бо сабабҳои номаълум таърифи таваррумро дар эҷодиёти худ ироа накардаанд. Барои мисол, дар китоби дарсии С. Фишер, Р. Дорнбуш, Р. Шмалензи «Иқтисодиёт» ва китоби дарсии «Молия» дар таҳрири С.И. Лушин фаслҳо ва мавзуҳои алоҳида ба таваррум бахшида шудаанд, вале доир ба таърифи он чизе дида намешавад. Аз ин хотир, мо бар он андешаем, ки таърифи ин мафҳум зарурист, зеро ҳангоми мутолиаи ин падида, метавон аз он шуруъ намуд [4].

Таҷзия ва таҳлили таърифи қаблан зикр гардида ба мо иҷозат медиҳад то мушаххасоти таваррумро нишон диҳем:

1) "устувор"- яъне, таваррум як раванди дарозмуддат, як тамоюли устувор, аз ин рӯ онро бояд аз ҷаҳиши нархҳо фарқ кард;

2) "афзоиши сатҳи умумии нархҳо"- яъне, таваррум маънои афзоиши тамоми нархҳоро дар иқтисодиёт надорад. Нархи молҳои ҷудогона метавонанд ба тариқи мухталиф рафтор кунанд: боло раванд, коҳиш ёбанд, бетағйир монанд. Муҳим бояд намояи умумии нархҳо афзоиш ёбад, яъне, дефлятори (таъдилкунандаи) ММД;

3) таваррум – ҳамроҳшавӣ бо коҳишёбии арзиш ё қобилияти харидории пул;

4) таваррум мавҷудияти хавфи сармоягузориро муайян мекунад - аз даст додани даромад аз ҷониби сармоягузор бо сабаби коҳиши арзиши сармоягузорӣ дар оянда нисбат ба арзиши онҳо дар ҳоли ҳозир.

Лозим ба зикр аст, ки таваррум дар замоне зоҳир мешавад, ки илми иқтисод ба андозаи кофӣ рушд накардааст, бинобар ин, дарки аслии таваррум баъдан ҳосил мешавад. Ин амр ба он далел аст, ки дар даврони пеш аз сармоядорӣ (капиталистӣ), таваррум ба оромӣ пеш мерафт ва боиси эҷоди фоҷиаҳои ҷиддии иҷтимоӣ-иқтисодӣ нагардид. Аммо, бо гузариш ба иқтисоди сармоядорӣ вазъ ба таври назаррас тағйир ёфт. Дар шароити гузариш ба иқтисоди сармоядорӣ, нақши пул дар раванди иқтисодӣ ба куллӣ тағйир ёфт. Агар қаблан пул дар муомилоти молҳо ҳамчун як фосилаи миёнарав ва ё ҳамчун васила барои ҷамъоварии сарват амал менамуд, ҳоло бошад, нақши аслии пул дар он аст, ки он шарти асосии гардиши сармоя ва унсури аслӣ ва ҷудонашавандаи он мебошад. Пул барои роҳандозии сармояи тавлидӣ, таҳаррук бахшидан ба он ва ҳимояи мудавоми ин ҳаракат, зарур мебошад. Дар ҷараёни ин ҳаракат, арзиши сармоя афзоиш меёбад, ба ин маъни, ки миқдори пуле, ки ин арзиш дар он ифода меёбад, бояд ба андозаи кофӣ афзоиш ёбад. Чунон ба назар мерасад, ки тилло барои ин кор номуносиб аст, зеро ба роҳатӣ тиллои кофӣ вуҷуд надорад. Танҳо барои он, ки сиккаҳои тиллоӣ аз он зарб шуда, дар гардиш қарор гиранд, бояд теъдоди бештари тилло истихроҷ карда шавад. Бинобар ин, аз ибтидо сармоядорон миқёси афзояндаи пулҳои қарзиро ба хизмат гузоштанд, ки (дар ибтидо васиқа ва баъдан банкнотаҳоро) барои бахше аз ҳисоббаробаркуниҳо бо муваффақият хизмат мерасонид. Тилло ба унвони замина барои рушди пулҳои қарзӣ мавриди истифода қарор гирифт. Ба тилло нақши кафили арзиши пулҳои қарзӣ тавассути мубодилаи он бо пулҳои қарзӣ дода шуд.

Бо ин ҳол, дар қарни XX пулҳои қарзӣ аз “ пояи тиллоӣ”-и худ маҳрум гардиданд. Дар оғози қарни XX, стандартҳои ба истилоҳ тиллоӣ дар иқтисоди миллӣ барҳам дода шуд, дар нимаи дуюми қарн тилло дигар ҳамчун пули ҷаҳонӣ истифода намешуд. Дар натиҷа, арзиши пулҳои қарзӣ мустақиман дар асоси арзиши миқдори муносиби ҳаҷми молҳо ташаккул ёфтанд. Ба ибораи дигар, пас аз хориҷ шудани тилло аз низоми пулӣ, касби арзиш тавассути ҳар воҳиди пулӣ мустақиман ба ҳаҷм ва сохтори молҳои ҷаҳонӣ бастагӣ дорад, ки арзиши он бо пул ифода меёбад. Ин бад-он маънист, ки акнун қобилияти харидории пул дар асоси нисбияти пул ва арзаи мол шакл мегирад. Агар пул бештар аз молҳо дар иқтисод бошад, арзиши воҳиди пулӣ коҳиш хоҳад ёфт.

Дар низоми иқтисоди нақшавӣ, ки қимати молҳо тавассути ниҳодҳои маъмурӣ назорат мешуд, коҳишёбии қобилияти харидории пул дар камбуди молҳои моддӣ ошкор мегардид [5].

Дар натиҷаи зуҳур ва инкишофи фарояндҳои таваррумӣ, ду рӯйкарди аслии назариявӣ барои ин падида ташаккул ёфт: Кейнсианӣ ва монетаристӣ. Назарияи

Кейнсиании таваррум ва бекориро ҳамчун падидаҳои марбут ба мизони кулли хароҷот дар кишвар арзёбӣ менамояд. Бионбар ин, объекти таъсиррасонандаи танзими давлатӣ тақозои куллӣ ба ҳисоб рафта, тавассути ворид намудани тағйирот ба сиёсати пулию қарзӣ ва молиявӣ амалӣ мегардад. Назарияи монетаристӣ (пулгароӣ) таваррумро ба унвони як падидаи комилан пулӣ дониста, бо афзоиши арзаи пул дар иқтисод алоқаманд менамояд, аз ин рӯ, ба андешаи онҳо вазифаи давлат танзими мизони арзаи пули дар муомилот буда маҳсуб меёбад. Унсурҳои асосии мафҳуми таварруми Кейнсионӣ иборатанд аз: рӯйкардҳои шахсии Кейнс дар мавриди масъалаи таваррум, “Салибӣ” неокейнсианӣ ва аҳаммияти он барои арзёбии самаранокии сиёсати пулию қарзӣ ва фискалӣ, омӯзиши робитаи байнитаваррум ва бекорӣ дар қаҷхаттаи Филлипс доир ба консепсияи эндогении пул, равишҳои микроиқтисодии кейнсианистҳои муосир; консепсияи устувории тағйирёбандаҳои исмӣ ва воқеӣ. Аҳкоми ҷудогонаи ин назарияҳо вижагиҳои амалкарди низомҳои гузароро имконпазир месозад. Аз ҷумла, назарияи устувории тағйирёбандаҳои номиналӣ бетаъсир будани сиёсати пулии нармро аз назари таъсири он бар ҳаҷми тавлид ва сиёсати пулии қатъӣ - дар сатҳи нархҳо тавзеъ медиҳад ва назарияи ихтироҷи нархҳои нисбӣ тавсияи хубе барои инерсияи таваррум дар доираи назарияи сохтории он мебошад [6].

Фарзияҳои аслии назариявии консепсияи монетаристии таваррум, ки дар асоси он пайдоиши таваррум танҳо хусусияти пулӣ дорад ва хосси ҳама гуна низомҳои иқтисодӣ мебошад, чунинанд: “бетарафии пул” ва тағйирнопазирии талабот ба он, назарияи сатҳи табиии бекорӣ. Консепсияи “даврагии пул”, “ қонуни Фридман”, ба таври фишурда дар мавриди асарбахшии танҳо сиёсати пулӣ ва қарзӣ салоҳияти он ибрози андеша намуда, ин консепсияҳо аз тарафи монетаристон ҳамчун асос барои сиёсати зиддитаваррумии давлат шинохта шудаанд. Моделҳои бунёдии монетаристон (пулгароён) инҳоянд:

1) модел бо баробарии тақозо ва арзаи пул;

2) формулаи мутобиқшудаи И. Фишер, ки ба таносуби яктарафаи сатҳи нарх ва суръати афзоиши ҳаҷми пул ё дороиҳои бонки марказӣ табдил ёфтааст;

3) моделҳои микроиктисодие, ки ҳадди аксар ба расонидани фоида ё вазифаи истеҳсолӣ бо як қатор тахминот барои ҳифзи хусусияти "бетарафӣ" ё "фавқулода будани пул" асос ёфтаанд;

4) моделҳое, ки ба назарияи некӯаҳволии ҷамъиятӣ асос ёфтаанд ва ҳадафи онҳо исботи фишурдаест, ки сиёсати гусастаи пулӣ ба "номувофиқии динамикӣ" ва талафот дар некуаҳволии ҷамъиятӣ оварда мерасонад.

Мо бо андешаҳои Малкина М.Ю., дар он хусус, ки бо лутфи ин равишҳои интизоии (абстрактӣ) дорои як қатор содасозиҳои аз иқтисоди воқеӣ ва сохторию институтсионалӣ ҷудо шуда, вазифаҳои аз навтақсимкунӣ ва мувозинатии барои бозорҳои дар ҳоли рушд муҳимро метавонанд аз байн баранд, мувофиқем.

Назарияи монетаристӣ барои тавзеҳи таваррум дар низомҳои гузариш нисбатан мувофиқ ҳисобида шуда, барои низомҳои рушд намуда низ дар бисёр маврид, дар доираи як марҳила қобили қабул аст. Ба назарияи фискалии муосири таваррум, ки ҳанӯз ҳамчун самти ягонаи илмӣ ташаккул наёфтааст, инҳо дохил мешаванд:

1) мафҳуми "таварруми андозҳо", тибқи ин консепсия, андозҳо (махсусан андозҳои ғайримустақим) равандҳои таваррумро шадидтар мекунанд. Бо вуҷуди ин, бо паҳн шудани андозҳои ғайримустақим, таваррум ба буҷа даромади иловагӣ меорад, зеро манбаи андоз аз рӯи нархҳои фурӯш ҳисоб карда мешавад;

2) баррасии таъсири касри буҷа ва равишҳои пӯшиши он ба сатҳи таваррум. Мушкилоти асосӣ дар ин мафҳум на касри буҷа, балки таъсири усулҳои пӯшонидани он ба таваррум аст;

3) Консепсияи сенёраж ва таварруми андозӣ ҳамчун манобеи ҷойгузини даромади давлатӣ. Тибқи консепсия “сенёраж” арзиши пулҳои куҳнаро коҳиш медиҳад ва зимни ба роҳ мондани сиёсати инвеститсионӣ “сенёраж” миқдори пули дар муомилот буда, тибқи арзаи пул хеле зуд афзоиш ёфта, таваррумро ба вуҷуд меоварад.

4) таҳлили таъсири баръакси таваррум ба мувозинатии тавозуни фискалӣ. Даромадҳои фискалӣ бо баланд шудани сатҳи андоз афзоиш меёбанд, аммо, танҳо то як

нуқтаи муайян. Меъёри мушаххаси андоз мавҷуд аст, ки дар он даромади ҳадди аксар ба даст оварда мешавад. Пас аз ин нуқта, афзоиши минбаъдаи меъёри андоз боиси кам шудани даромад мегардад.

Барои дарки амиқи моҳияти таварруми муосир, на танҳо бо андешаҳои назариявии муосир муфассал шинос шудан, балки таъсири онҳоро дар як кишвари хоссе ба назар гирифтан лозим аст. Дар кишварҳои пасошуравӣ дар солҳои 90-ум, ҳангоми гузариш ба иқтисоди бозоргонӣ, монетаризм муносибати бартариятдошта, барои идоракунии иқтисодиёти кишварҳо ба ҳисоб мерафт. Дар ҳақиқат, тавре ки М.Фридман изҳор дошт, таваррум падидаи пулӣ мебошад, зеро он аз омилҳои пулӣ вобаста аст ва дар коҳишёбии пул зоҳир мегардад. Аммо монетаризм афзалияти пулро дар рушди иқтисод аз будаш зиёд нишон медиҳад, танҳо омилҳои пулии таваррумро эътироф намуда, омилҳои ғайримонетариро нодида мегирад. Дар ҳамин ҳол, иқтисодшиноси амрикоӣ В. Геллер дар музокира бо М.Фридман таъкид намуд: "савол ин нест, ки пул муҳим аст, мо ҳама онро эътироф мекунем, савол дар он зоҳир мегардад, ки монетаристон онро чӣ гуна ба миён мегузоранд [8]".

Ба ақидаи Кейнсианистҳо, монетаристон нақши пул ва миқдори онро дар муомилот ба унвони авомили аслии рушди иқтисодӣ аз будаш зиёд нишон дода, боқимонда омилҳоро нодида мегиранд. Пайравони М.Фридман аз фишурдаи эътиқодмандии монетаризм доир ба таъсири манфии афзоиши ҳаҷми пул ба иқтисодиёт танҳо дар муддати кӯтоҳ дурӣ ҷуста, ба пойдории ин раванд дар давраи дарозмуддат ишора карданд. С. Фишер номуайянии алоқамандии афзоиши ҳаҷми пул ва таваррумро бо ишора ба таҷрибаи Иёлоти Муттаҳида, ифшо намуда, иброз дошт, ки дар нимаи аввали солҳои 80-ум сатҳи таваррум дар ҳолати афзоиши ҳаҷми муомилоти пулӣ коҳиш ёфт. Бар ин асос, пайравони ӯ ба чунин натиҷа омаданд, ки пуёи ҳаҷми пул омили муҳимми таваррум маҳсуб меёбад, аммо ягона нест. Монетаристони муосир, таваҷҷуҳи зиёде ба таҳлили таварруми шадид дар кишварҳои рӯ ба рушд ва кишварҳое, ки дар ҳоли гузариш қарор доранд, зоҳир намуда, сабабҳои ғайримонетарии онро ошкор намуданд, ки ба онҳо шомиланд; ҷанг, аз ҷумла ҷанги шаҳрвандӣ, ислоҳот, ҳукумати заиф ё бетаҷриба, омилҳои беруна, бuҳрони қарзӣ.

Дар ин росто, онҳо барномаҳои истиқроркунанда ва густурдаеро, ки дар он як қатор чораҳои зарурӣ аз қабили, сиёсати монетарӣ, андозӣ, буҷетӣ, дахолати давлат ба нархгузорӣ ва муқаррарнамоии меъёри музди меҳнат дохил гардидаанд, пешниҳод намудаанд.

Бо таваҷҷуҳ ба ин ки аксари иқтисоддонон, бавижа Ҷ.М. Кейнс, на танҳо муҳиммияти пулӣ, балки сабабҳои ғайрипулии таваррумро қайд намудаанд (барзиёдии сармоягузориҳо нисбат ба захираҳо (пасандозҳо) афзоиши музди меҳнат ва фоида, норасоии маҳсулоти хӯрокворӣ ва дигар молҳо дар бозор). М. Фридман, баъдан таъсири авомили таваррумии ғайрипулиро эътироф намуд, вале бо он шарт, ки ҳаряки он боиси афзоиши миқдори пул дар муомилот буда гардад.

Монетаристони муосир, ҳамчунин назарияи М.Фридманро дар ин бора, ки ҳеҷ як ҳукумат аз бозор донотар буда наметавонад ва давлат набояд худро бо таъмини амнияти миллӣ ва вазифаҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла истифодаи андозҳо ва кумакпулиҳо маҳдуд кунад, мавриди танқид қарор додаанд. С. Фишер, Р. Дорнбуш ва Р. Шмаленси нақши муҳимми давлатро дар иқтисод эътироф намуда, ба зарурати муайяннамоии дараҷаи самаранокии танзими давлатӣ тавассути муқоисаи хароҷот ва натиҷа диққати ҷиддӣ додаанд.

Мутолиаи таҷрибаи илмӣ ва амалии ҷаҳонӣ ҷиҳати такмили чораҳои пешгирӣ ва боздошти таваррум барои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаҳои мухталиф бо назардошти хусусиятҳо ва навъҳои он (таварруми тақозо, хароҷотҳои тавлидӣ ва муомилотӣ, воридотӣ, арзишӣ, илтивои таваррумии дастмуздҳо, даромад ва нархҳо) муфид мебошад [9].

Мушкилоти назариявии пул ва сиёсати пулӣ ҳанӯз ҳам заминаи баҳс ва музокира байни ду мактаби ба ҳам мухолиф мебошанд. Асли мубоҳиса дар он аст, ки равияи Кейнсионӣ ғояи истифодаи амалани пулро ба унвони абзор барои мудирияти ҳаррӯзаи муҳити иқтисодӣ ва таҳрики суръати рушди иқтисодӣ мепиндорад, монетаризм бошад,

чунин дасткориҳоро дар доираи пул маҳкум менамояд, ба андешаи тарафдорони ин таълимот, тақвияти тазодҳо ба номутаносибии иқтисодӣ ва ҷилвагирӣ аз амалкардҳои ғайримуташаккил ба устувории бозорҳо дахолат менамояд. Бо ин ҳол, ба назари мо, ҳамагуна мухолифати шадид бо мавозеи ин тамоюлҳо гумон нест, ки асос дошта бошад. Ҳар як мактаби бузург намоёнгари таълимоти ягонаи муттаҳид нест. Ин қоида, шомили шохаҳо ва ҷузъҳои мухталифест, ки ақоиди илмии худро доир ба қоидаҳои асосии таълимот дифоъ мекунанд ва иқдомоти махсуси амалиро ироа медиҳанд. Ҳамзамон, равандҳои ҳамгироӣ, синтез ва маҳв шудани марзҳои возеҳ байни омӯзаҳо (таълимот) вуҷуд дорад. Ҳамаи ин хусусиятҳо дар баҳс доир ба мушкилиҳои назарияи пул асари худро мегузоранд. Ҳаррис Л., муътақид аст, ки ихтилоф ва баҳсҳо байни монетаристон ва кейнсианҳо дар мавриди он аст, ки оё нархи нисбӣ дар иқтисоди воқеӣ метавонад комилан чандир бошад.

Таҷзия ва таҳлил ба мо имкон медиҳад иддао намоем, ки сатҳи таваррум таҳти таъсири як омил нест, балки таҳти таъсири маҷмуи омилҳо қарор дорад: ба ҷуз аз омили пулӣ, омилҳои дигар ба монанди афзоиши қимати маҳсулоти монополияҳои табиӣ (таварруми хароҷот), болоравии нархҳои ҷаҳонӣ, интизороти таваррумӣ ва пӯёҳои қурбӣ нақши муҳим доранд. Дар айни ҳол, шинохтани як ё якчанд гурӯҳи авомилҳои дигари таъсиргузор ба таваррум қатъӣ нодуруст аст, аммо омӯзиши таъсири омилҳои мушаххас ба сатҳи таваррум дар муҳити муайяни иқтисодӣ зарур аст.

Барои коҳиш додани таваррум, анҷоми маҷмуи аз иқдомот, ки муҳимтарин омилҳоро таҳти таъсир қарор медиҳад, зарур аст. Дар шароити таваррум, субъектҳои хоҷагӣ ҳангоми қабули қарорҳои иқтисодӣ дар қатори дигар омилҳо, суръати интизории таваррумро ба инобат мегиранд. Агар сатҳи таваррум ба таври дақиқ пешбинӣ шавад, тамоми мушорикаткунандагон дар иқтисоди миллӣ саъй мекунанд таъсири таваррумро дар доираи нишондиҳандаҳои воқеии иқтисодӣ безарар гардонанд: иттифоқҳои касаба намоясозии (индексатсияи) зарурии сатҳи дастмуздҳоро таъмин намоянд, қарздиҳандагон меъёри воқеии фоизиро вобаста ба суръати таваррум афзоиш диҳанд, ҳукумат ба таври фаврӣ тасҳеҳи миқёси меъёрҳои андозиро ба танзим дароварад.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДМТ – Шарипов У.А.**

**АДАБИЁТ**


1. Большая Советская Энциклопедия: в 30 томах / Гл.ред. А.М. Прохоров. -3-е. изд. -М.: Советская энциклопедия, 1972. -Т.10.
2. Макконнелл К.Р. Экономикс: Принципы, проблемы и политика. Т.1 / К.Р. Макконнелл, С.Л. Брю. -М.: Республика, 1992.
3. Хейне Пол. Экономический образ мышления: учебник / Пол Хейне; ред. Б. Пинскер; пер. с англ. С. Автономова. –М.: Каталаксия, 1997. -702 с.
4. Курс лекций по Макроэкономике. Лекции 17-18. Инфляция. [Электронный ресурс]. URL: hltp://www.eduhmao.ru/var/db/files/l 1821 .macro_lecture_l 7-18.pdf
5. Финансы: Учебник / Под ред. С.И. Лушина. -2-е изд, переабот и доп. -М.: Экономисте, 2003.
6. Буторина О. Грядущие изменения в международной валютной системе / О. Буторина // Рынок ценных бумаг. – 2004. -№8-263. -С.24-45.
7. Малкина М.Ю. Монетарные и немонетарные факторы инфляционного процесса в переходной российской экономике: автореферат диссертации на соискание ученой степени доктора экономических наук специальность 08.00.01. - Политическая экономия / М.Ю. Малкина. -Санкт-Петербург, 2000.
8. Friedman M. Monetary Vs Fiscal Policy / M. Friedman, W. Heller. -N.-Y.: Norton, 1969. -P.16.; Сакс Дж. Макроэкономика. Глобальный подход / Дж. Сакс, Ф. Лорен; пер. с англ. -М.: Дело, 1996.
9. Шарипов У.А. Привлечение иностранных инвестиций в экономику Таджикистана / У.А. Шарипов // Международный научно-исследовательский журнал Успехи современной науки. – 2016. -№3. -том 2.
10. Шарипов У.А. Региональная структура инвестиций в Таджикистане / У.А. Шарипов // Международный научно-исследовательский журнал Успехи современной науки и образовании. – 2016. -№6.
11. Шарипов У.А. Государственные меры стимулирования развития инвестиционных процессов / У.А. Шарипов // Успехи современной науки и образования. -Белгород, 2017. -№5. -С.49-51.
12. Шарипов У.А. Региональная направленность активизации инвестиционных процессов / У.А. Шарипов // Вестник Таджикского национального университета. Серия экономических наук. -Душанбе, 2019. -№1. -С.38-46.

13. Шарипов У.А. Пути повышения активизации инвестиционного процесса в условиях открытости экономики в Республике Таджикистан / У.А. Шарипов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. -Душанбе, 2018. -№6. -С.120-123.

## ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАВАРРУМ ВА ТАНЗИМИ ЗИДДИТАВАРРУМӢ

Дар мақолаи мазкур муаллифон бештар ба ҷанбаҳои назариявии таваррум такя намуда, дар асоси адабиёти илмӣ фикру андешаҳояшонро баён намудаанд. Муаллифон тавруммро печидатарин падидаи иқтисодӣ дониста, танидагии мураккаби омилҳоест, ки ҳам дар соҳаи муомилот ва ҳам дар соҳаи тавлид (истеҳсолот) вуҷуд дорад. Сабаб дар он аст, ки дар тули қарнҳо, дар натиҷаи тағйирёбии шаклҳои моликият, анвои қиматгузорӣ, низомҳои пулӣ, сабабҳо, паёмадҳо ва шаклҳои зуҳури раванди таваррум дигаргун гардиданд. Таваррум дар худ як падидаи мураккаб ва печидаро ифода менамояд, дорои далел, механизм ва паёмадҳои хосси иқтисодӣ-иҷтимоӣ мебошад. Зимни мутолиа ва таҳқиқи сатҳи раванди таваррум, сохтори дохилӣ, хусусиятҳои сифатӣ, мушкилотро ба вуқуъ меоварад. Аз асарҳои олимони хориҷӣ иқтибос оварда хотирнишон менамоянд, ки таваррум болоравии арзиши зиндагӣ нест. Моҳияти таваррум суқути арзиш ё қобилияти харидории пул арзёбӣ мегардад. Бархе аз муаллифон хавфи сармоягузориро ба унвони хавфе таъриф менамоянд, ки дар ҳолати маҳви сармоягузорӣ, қобилияти харидорӣ нисбат ба сармоягузории аввалия камтар хоҳад буд. Теъдоде аз муаллифон сайъ мекунанд, ки дар таърифи таваррум далоил ва ҳатто оқибатҳои онро дохил намоянд. Мо ба ин боварем, ки ин равиш яктарафа мебошад, зеро дар худи таъриф инъикос намудани ҳама сабабҳои таваррум кори душвор мебошад. Муаллифон кӯшиш намуданд, ки ҷанбаҳои назариявии таваррум ва танзими зидди таваррумиро дар мақолаи мазкур, дар асоси адабиёти илмӣ ба риштаи таҳлил кашида, вобаста ба он мавқеашонро муайян намоянд.

**Калидвожаҳо:** таваррум, беқурбшавӣ, танзими таваррум, раванди таваррум, ММД, суръати интизории таваррум, омилҳи пулӣ, омилҳои ғайри пулӣ, иқтисоди миллӣ, монетаристон, муомилот, пулҳои коғазӣ.

## ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ ИНФЛЯЦИИ И АНТИИНФЛЯЦОННОЕ РЕГУЛИРОВАНИЕ

В данной статье авторы на основе научной литературы высказали свое мнение, опираясь на теоретические аспекты инфляции. Авторы считают инфляцию самым запутанным экономическим явлением, сложная критика факторов которой существует как в сфере обращения, так и в сфере производства (производства). Это связано с тем, что на протяжении веков в результате изменения форм собственности менялись ставки, денежные системы, Причины, сообщения и формы проявления инфляционного процесса. Инфляция сама по себе представляет собой сложное и запутанное явление, имеет свойственные социально-экономические факты, механизмы и последствия. В ходе чтения и исследования уровень инфляционного процесса, внутренняя структура, качественные характеристики вызывают затруднения. Из работ зарубежных ученых цитируется напоминание о том, что инфляция-это не рост стоимости жизни. Сущность инфляции оценивается падением стоимости или покупательной способности денег. Некоторые авторы определяют инвестиционный риск как риск, на который в случае ликвидации инвестиций покупательная способность будет ниже, чем при первоначальных инвестициях. Некоторые авторы стремятся включить в определение инфляцию и даже ее последствия. Мы считаем, что этот подход является односторонним, поскольку в самом определении трудно отразить все причины инфляции. Авторы стремились проанализировать теоретические аспекты инфляции и антиинфляционного регулирования в данной статье на основе научной литературы, чтобы определить их позицию по этому вопросу.

**Ключевые слова:** инфляция, обесценение, регулирование инфляции, инфляционный процесс, ВВП, ожидаемые темпы инфляции, денежные факторы, пассивные денежные факторы, национальная экономика, монетарист, оборот, бумажные деньги.

## THEORETICAL ASPECTS OF INFLATION AND ANTI-INFLATION REGULATION

In this article, the authors expressed their opinion based on the scientific literature, based on the theoretical aspects of inflation. The authors consider inflation to be the most confusing economic phenomenon, a complex criticism of the factors that exist both in the sphere of circulation and in the sphere of production (production). This is due to the fact that over the centuries, as a result of changes in ownership forms, rates, monetary systems, causes, messages and forms of manifestation of the inflationary process have changed. Inflation itself is a complex and confusing phenomenon, has its own socio-economic facts, mechanisms and consequences. In the course of reading and research, the level of the inflationary process, the internal structure, and qualitative characteristics cause problems. From the works of foreign scientists, a reminder is quoted that inflation is not an increase in the cost of living. The essence of inflation is estimated by a fall in the value or purchasing power of money. Some authors define investment risk as a risk for which, in the event of liquidation of investments, the purchasing power will be lower than with the initial investment. Some authors seek to include inflation and even its consequences in the definition. We believe that this approach is one-sided, since it is difficult to reflect all the causes of inflation in the definition itself. The authors sought to analyze the theoretical aspects of inflation and anti-inflationary regulation in this article on the basis of scientific literature in order to determine their position on this issue.

**Keywords**: inflation, depreciation, inflation regulation, inflation process, GDP, expected inflation rates, monetary factors, passive monetary factors, national economy, monetarist, turnover, paper money.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Раҳимзода Фирузи Мадкарим*** – Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, ассистенти кафедраи фаъолияти биржавӣ. **Суроға**: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯчаи Нахимов, 64/14. Телефон: **+992 988 21 55 51**. E-mail: **rakhimzoda2020@inbox.ru**
***Иброҳими Ҳасани Ҳакимзода*** **-** Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, ассистенти кафедраи фаъолияти биржавӣ. **Суроға**: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯчаи Нахимов, 64/14. Телефон: **+992 888 80 19 63**

**Сведения об авторах:** ***Рахимзода Фирузи Мадкарим*** **–** Таджикский государственный финансово-экономический университет, ассистент кафедры биржевого дела. **Адрес**: 734067, Республика Таджикистан, г.Душанбе, улица Нахимова 64/14. Телефон: **+992 988215551**. E-mail: **rakhimzoda2020@inbox.ru**
***Иброхими Хасани Хакимзода*** **-** Таджикский государственный финансово-экономический университет, ассистент кафедры биржевого дела. **Адрес**: 734067, Республика Таджикистан, г.Душанбе, улица Нахимова, 64/14. Телефон: **+992 888 80 19 63**

**Information about the authors:** ***Rahimzoda Firuzi Madkarim*** – Tajik State University of Finance and Economics, assistant at the department of exchange business. **Address**: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov street 64/14. Phone: **+992 988215551**. E-mail: **rakhimzoda2020@inbox.ru**
***Ibrohimi Hasani Khakimzoda*** - Tajik State University of Finance and Economics, assistant at the department of exchange business. **Address**: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimova street, 64/14. Phone: **+992 888 80 19 63**

ТДУ: 332.142.4

# ОШКОРСОЗИИ МУАММОҲОИ РУШДИ ИҶТИМОИЮ ИҚТИСОДИИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОН ДАР АСОСИ МОДЕРНИЗАТСИЯИ ИҚТИСОДӢ

*Амонзода Анушервон*
**Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон**

Вазъи рушди иҷтимоию иқтисодии вилояти Хатлон вобаста аз дастовардҳои солҳои охир, аз ҷумла роҳандозӣ намудани барномаҳои давлатӣ ва минтақавии соҳаҳои мухталифи иқтисодӣ муътадил арзёбӣ карда мешавад. Таҳлили алоҳидаи вазъи соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ дар сатҳи минтақавӣ нишон медиҳад, ки намудҳои алоҳидаи фаъолияти иқтисодӣ ба мушкилиҳо дучор гардидаанд. Муаммоҳои ҷойдоштаи вазъи иҷтимоию иқтисодии вилояти Хатлон хусусиятҳои хосси худро доранд ва вобаста аз таъсири омилҳои гуногуни иқтисодӣ, хосси ин ё он соҳаи иқтисодиёти миллӣ мебошанд. Дар маҷмуъ метавон гуфт, ки муаммоҳои ҷойдошта, аз як ҷониб, бевосита аз дарёфти маблағҳо барои пешбурди фаъолияти иқтисодӣ алоқаманд буда, аз ҷониби дигар, раванди истеҳсоли маҳсулоти соҳаҳои алоҳида, аз ҷумла бахши воқеии иқтисодиёт (саноат ва кишоварзӣ) ба фарсудашавии таҷҳизот ва техникаи истифодашуда дучор гардидааст. Дар ин росто, зарур аст, ки модернизатсияи иқтисодии намудҳои алоҳидаи фаъолияти иқтисодӣ дар соҳаҳои бахши воқеӣ гузаронида шаванд.

Тибқи маълумоти оморӣ ва ҷуғрофӣ вилояти Хатлон соли 1992 ташкил гардида, маркази он шаҳри Бохтар мебошад. Масоҳаташ 24,7 ҳазор км. мураббаъ буда, ба 17,5%-и ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон баробар аст [7,с.17]. Шумораи аҳолии вилоят ба 1 январи соли 2022-ум 3530,0 ҳазор нафарро ташкил дода, зичии аҳолӣ ба ҳисоби миёна ба майдони 1 км.мураббаъ 142,9 нафарро ташкил дода, дар шимол бо ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, дар шарқ бо вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, дар ғарб бо Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва дар ҷануб бо Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ҳамсарҳад буда, масофаи вилоят то шаҳри Душанбе қариб 96 км-ро ташкил дода, аз рӯйи сатҳи захиравӣ-табиӣ вилояти аграрӣ-саноатӣ ба ҳисоб рафта, бо дарназардошти гуногунрангии шароитҳои ташкилӣ-хоҷагидорӣ ва табиӣ-иқлимӣ ба ду минтақаи калон: минтақаи Вахш ва Кӯлоб тақсим карда мешавад.

Бинобар сабаби он, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон кишвари аграрӣ аст ва зиёда аз 70% аҳолӣ дар деҳот зиндагӣ мекунад, дар чунин шароит дар вилояти Хатлон имкониятҳои зиёде мавҷуд ҳастанд, ки маҳсулоти кишоварзии дар ҷумҳурӣ истеҳсолшаванда бо назардошти ташкили корхонаҳои агросаноатӣ дар дохили ҷумҳурӣ коркард ва ба маҳсулоти тайёри саноатии дар бозори ҷаҳонӣ рақобатнок табдил дода шавад. Ин омил метавонад дар самти гузаштани Ҷумҳурии Тоҷикистон аз кишвари аграрӣ ба индустриалӣ-аграрӣ нақши калидии худро иҷро намояд. Бояд қайд намуд, ки ба ҳиссаи минтақаи Хатлон 20 лоиҳаи сармоягузорӣ ё 40% аз миқдори умумии лоиҳаҳои сармоягузорӣ бо маблағи 933,1 млн. доллари ИМА, ё 56,8% аз маблағи умумии лоиҳаҳои татбиқшаванда рост меояд.

Инчунин, вилояти Хатлон нисбат ба дигар минтақаҳои мамлакат аз захираҳои табиӣ бой мебошад. Дар қаламрави минтақа захираҳои табиӣ аз қабили канданиҳои фоиданок, газ, нафт, намак бештар ба назар мерасад. Дар қаламрави минтақа зиёда аз 50 конҳои металлӣ мавҷуд аст. Дар қаламрави минтақаи Хатлон конҳои бисёре ба монанди металлҳои поликимиёвии нодир ва наҷиб: руҳ, сурб, молибден, волфрам, мис, тилло, нуқра, сурма, симоб, шпати фтор, қалъагӣ, уран, висмут, оҳан, марганетс, намаки ош, магний ва дигар захираҳо кашф шудаанд. Дар ин ҷо конҳои ангишт, газ, нафт, мармар, масолеҳи сохтмонӣ мавҷуданд.

Яке аз муаммоҳои асосии рушди иқтисодии вилояти Хатлон ин дарёфти маблағҳо ба ҳисоб меравад. Тули 30 соли даврони соҳибистиқлолӣ аз ҳисоби сармоягузориҳои хориҷӣ, зиёда аз 50 лоиҳаи инвеститсионӣ оид ба сохтмону таҷдиди инфрасохтори нақлиётӣ татбиқ шудааст, ки роҳҳои автомобилгард, пулҳои байналмилалии байни Тоҷикистону Афғонистон, дар мавзеъҳои Тем, Рӯзвай, Ишкошим, Панҷи Поён, Ванҷ, Шӯрообод, нақбҳои «Истиқлол», Озодӣ», «Шаҳристон», «Дӯстӣ» ва «Хатлон»,

азнавсозии таҷҳизотҳои фурудгоҳҳои Душанбеву Хуҷанд ва ғайраро дарбар мегирад [7,с.25].

Дигар бартарии вилояти Хатлон дар соҳаи пахтакорӣ мушоҳида карда мешавад, ки ҳиссаи он дар ҷумҳурӣ 70%-ро ташкил медиҳад [3,с.155-156]. Мушкилии асосии ин бахши муҳимми соҳаи кишоварзии минтақа дар он зоҳир мегардад, ки дараҷаи таъминнокии он бо об дар баъзе ҳолатҳо мушкилиҳоро ба миён меорад. Маълум аст, ки аз лиҳози зхираҳои обӣ вилояти Хатлон дар ҷумҳурӣ мавқеи устуворро доро мебошад ва калонтарин дарёҳои кишвар маҳз дар ҳудуди ин минтақа ҷойгир шудаанд.

Маълум аст, ки ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон 90% аз минтақаҳои ташаккулёбандаи маҷрои дарёҳо иборат буда, асоси захираҳои обии кишварро пиряххо, дарёҳо, кӯлҳо, обанборҳо ва обҳои зеризаминӣ ташкил медиҳанд. Сурати миёнасолонаи маҷрои дарёҳо дар кишвар ба 64 км³, аз ҷумла дар ҳавзаи дарёи Аму ба 62,9 км³ ва ҳавзаи Сирдарё ба 1,1 км³ дар як сол баробар мебошад. Оби дарёҳои Тоҷикистон 55,4%-и ҳаҷми миёнаи солонаи оби ҳавзаи баҳри Аралро ташкил менамоянд. Боришоти миёнаи солона дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тақрибан ба 760 мм-ро баробар буда, дар баъзе минтақаҳои ҷанубии кишвар ин шумора то 100 мм ва дар ноҳияҳои баландкӯҳи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон то ба 2400 мм тағйирёбанда мебошад [8,с.45]. Қисмати зиёди захираҳои обӣ дар вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ташаккул ёфта, ҳолати истифобариашон дар ҳудуди вилояти Хатлон аст.

Ҳамзамон, захираҳои обӣ дар қаламрави вилояти Хатлон нобаробар тақсим шуда, дар ҷадвали 1 натиҷаи такқсимоти ҳавзаҳои асосии дарёҳо оварда шудааст.

**Ҷадвали 1. Хусусиятҳои асосии дарёҳои вилояти Хатлон (бо км)**
**Table 1. Main characteristics of rivers of Khatlon region (in km)**

| Номи дарё | Дарозӣ (км) | | Боришоти миёнасолона км³/сол | Минтақа |
|---|---|---|---|---|
| Панҷ | Шохоби асосӣ | 921 | 33,3 | ВМКБ, вилояти Хатлон |
| | Шохобҳои дарё | 11503 | | |
| Вахш | Шохоби асосӣ | 524 | 23,7 | НТМ ва вилояти Хатлон |
| | Шохобҳои дарё | | | |
| Кофарниҳон | Шохоби асосӣ | 387 | 5,2 | НТМ ва вилояти Хатлон |
| | Шохобҳои дарё | 1757 | | |
| Ҳамагӣ | Дар ҳудуди Тоҷикистон | 22 228 | 57.8 | 3 |

Маъхаз: Таҳияи муаллиф дар асоси маълумотҳои оморӣ Вазорати мелиоратсия ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Д., 2010. -40 с.

Дар қаламрави Тоҷикистон 9 обанбор истифода мегардад, ки ҳаҷми умумии онҳо аз 0,028 то 10,5 км³ аст. Калонтарини онҳо обанбори Қайроққум дар Шимоли Тоҷикистон ва Норак дар вилояти Хатлон ҷойгир мебошанд. Ин обанборҳо барои истеҳсоли неруи барқ, ирригатсия, моҳидорӣ ва муҳофизат аз сел истифода мешаванд. Зиёда аз 95%-и электроэнергия дар Тоҷикистон дар неругоҳҳои барқи обӣ истеҳсол карда мешаванд. Аммо сатҳи азхудкунии имкониятҳои гидрологӣ ҳамагӣ 5-10%-ро ташкил медиҳад. Каскади асосии обанборҳо ва неругоҳҳои барқи обӣ дар дарёи Вахш ҷойгир мебошад. Сохтмони обанборҳои қимати энергетикӣ дошта, Роғун ва Сангтӯда дар назар аст.

Муаммоҳои модернизатсияи иқтисодиро ба андешаи баъзе олимони рус, бояд ба соҳаҳои алоҳида ҷудо намуд [14,с.415]. Ба андешаи мо, муаммаҳои ҷойдоштаи иқтисодиёти вилояти Хатлон, чи гунае, ки дар боло зикр намудем, дар ҳар як соҳа хусусиятҳои хосси худро доранд.

Дар соҳаи гидроэнергетика. Гидроэнергетика яке аз бахшҳои муҳимми соҳаи оби вилояти Хатлон ба шумор рафта, асоси иқтидорҳои энергетикии кишварро ташкил менамояд. Аз 5414 МВт иқтидори энергетикии мавҷудаи кишвар 4996 МВт ё 93% ба гидроэнергетика рост меояд. Дар истеҳсоли солонаи неруи барқ, саҳми гидроэнергетика 98-99%-ро ташкил менамояд. Хусусияти муҳимми гидроэнергетика дар он аст, ки он энергияи потенсиалии обро истифода намуда, худи онро ҳамчун захираи

масрафшаванда истеъмол намекунад. Ин амал ба ҳаҷм ва сифати табиии об таъсир намерасонад. Ҳамасола, ҳудуди 30-35 км$^3$ об тавассути неругоҳҳои барқии обии кишвар гузашта, дар маҷмуъ, 16-17 млрд. кВт. соат неруи барқ истеҳсол карда мешавад. Гидроэнергетика ҷиҳати фаъолияти пурсамари тамоми соҳаҳои иқтисодиёт, аз ҷумла соҳаи об, нақши ҳаётан муҳим мебозад. Бахши мазкур низ бо мушкилоти зиёд, аз ҷумла нарасидани неруи барқ дар фасли зимистон (бинобар кам гаштани сарфи оби дарёҳо дар ин давра ва кам будани ҳаҷми обанборҳои мавҷуда), ба мувозинат овардани ниёзи истеҳсоли неруи барқ ва обёрӣ, маблағгузории нигоҳдории обанборҳо ва иҷрои корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ дар онҳо, паст будани пардохти ҳаққи нерӯи барқ, баланд будани сатҳи талафот ва ғайра дучор гардидааст. Ҳаллу фасли ин масъалаҳо дар доираи ислоҳоти бахши энергетикаи ҷумҳурӣ пешбинӣ гардидааст.

Дар соҳаи обёрии кишоварзӣ. Бахши обёрии кишоварзӣ барои таъмини амнияти озуқаворӣ дар вилояти Хатлон аҳаммияти муҳим дорад. Ҳудуди 80% маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ аз заминҳои обёришаванда ба даст оварда мешавад. Ҳаҷми умумии оби аз тамоми сарчашмаҳо барои обёрӣ гирифташаванда ба ҳисоби миёна 8,0-10,0 км3/сол-ро ташкил менамояд. Зиёда аз 90% ҳаҷми умумии обҳои аз махзанҳои табиӣ гирифтамешуда барои эҳтиёҷоти обёрии кишоварзӣ истифода бурда мешавад. Бахши обёрии кишоварзӣ барои таъмини аҳолӣ бо маводи озуқа ва таъсиси ҷойҳои корӣ дар деҳот нақши муҳим мебозад. Ин бахш айни замон бо як қатор мушкилот, аз ҷумла фарсуда гаштани инфрасохтори мавҷудаи обёрӣ ва беҳдошти замин, зиёд гардидани майдони заминҳои ҳолати мелиоративиашон ғайриқаноатбахш, аз гардиши кишоварзӣ берун мондани заминҳои корами обӣ, эрозияи заминҳои обӣ, аз кор мондани пойгоҳҳои обкашӣ, нарасидани мошину механизмҳо, мавҷуднабудани ҳисоби дурусти об ва ғайра дучор омадааст. Тайи солҳои охир дар ҷумҳурӣ тақрибан 33,5 ҳазор га замин, аз ҷумла 16,8 ҳазор га заминҳои корами обӣ аз гардиши кишоварзӣ берун монда, 31 ҳазор га замини партов мавҷуд аст ва ҳолати мелиоративии 49 ҳазор га замини обӣ ғайриқаноатбахш ҳисобида мешавад. Самарнокии системаҳои обёрии ҷумҳурӣ дар баъзе ҳолатҳо танҳо 40-50%-ро ташкил менамояд. Ин мушкилот дастрасии деҳқононро ба ҳаҷми зарурии об маҳдуд карда, ба ҳосилнокии маҳсулоти кишоварзӣ таъсири манфӣ расонида истодааст. Яке аз роҳҳои ҳалли ин мушкилот, таҷдиди инфрасохтор ва гузаронидани ислоҳоти иқтисодиву институтсионалии бахши обёрӣ ва беҳдошти замин мебошад.

Дар соҳаи саноат. Истеҳсолоти саноатӣ дар солҳои аввали истиқлолияти кишвар ба таври назаррас паст рафта, тайи солҳои охир ба тадриҷ барқароршуда истодааст. Соли 1990 дар соҳаи саноат 607 млн.м$^3$ об истифода шуда, айни ҳол, ҳаҷми умумии истифода наздик ба 240-300 млн. м$^3$-ро ташкил менамояд, ки ин ба 2-3% ҳаҷми умумии оби дар кишвар истифодашаванда рост меояд. Қисми назарраси об барои саноат аз ҳисоби обҳои зеризаминӣ гирифта мешавад. Таъмини эхтиёҷоти оби бахши саноат солҳои охир бо назардошти рушди он раванди тоза гирифтааст. Вале дар ин бахш низ мушкилиҳои зиёд мавҷуданд. Инфрасохтори дастраскунии об ба корхонаҳои саноатӣ муддати 30-50 сол инҷониб истифодашуда, фарсуда гардидааст. Танҳо иншоотҳои нави саноатӣ (корхонаҳои коркарди пахта, консервабарорӣ ва ғ.) бо системаи нисбатан замонавӣ таҷҳизонида шудаанд. Мушкилоти асосии таъминоти корхонаҳои саноатӣ бо об ин зарурати самаранок безарар гардонидани обҳои партови саноатӣ, кам кардани талафоти об, ҷорӣ намудани системаи истифодаи гардони (такрории) об, мониторинги самараноки сифат ва ҳаҷми обҳои партов мувофиқи меъёру стандартҳо мебошад [11,с.101].

Дар таҳқиқотҳои баъзе олимони ватанӣ қайд мегардад, ки таҳлили ҳолати кунунии раванди саноатикунонии минтақаҳои кишвар нишон дод, ки аз рӯйи индекси рушди солонаи ҳаҷми умумии маҳсулоти саноатӣ (129,9%) ва сохтори истеҳсоли махсулот аз рӯйи бартарияти нишондиҳандаҳои асосии саноати коркард (63,1%) мақоми пешсафро минтақаи Суғд, аз рӯйи вазни қиёсӣ минтақаи алоҳида дар маҷмуи маҳсулоти минтақавӣ - минтақаҳои Суғд – 29,9% ва Хатлон – 29,3%, аз рӯйи раванди сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ минтақаи Суғд – 53,2% ва аз рӯйи татбиқи

лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар минтақаҳои кишвар минтақаи Хатлон – 56,8% соҳиб аст [11,с.104].

**Ҷадвали 2. Зариби миёнасолонаи ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (бо %)**

**Table 2. The average annual rate of production of industrial products in the regions of the Republic of Tajikistan (in %)**

| Солҳо | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 |
|---|---|---|---|---|---|
| Дар ҷумҳурӣ, ҳамагӣ | 121,3 | 110,6 | 113,2 | 108,8 | 120,8 |
| Вилояти Хатлон | 124,3 | 113,1 | 116,3 | 101,1 | 110,3 |
| Вилояти Суғд | 131,5 | 105,9 | 111,2 | 116,1 | 129,9 |
| ВМКБ | 145,9 | 120,0 | 102,5 | 89,3 | 132,4 |
| НТМ | 91,3 | 130,1 | 129,0 | 110,5 | 110,3 |
| ш. Душанбе | 104,9 | 110,4 | 103,3 | 98,9 | 114,6 |

Сарчашма: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе, 2022. –С.256.

Маълумотҳои ҷавдвали 2, ошкор месозад, ки вазъи истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар ҳамаи минтақаҳои кишвар мусбӣ арзёбӣ карда шудааст, вале бояд дар назар дошт, ки имкониятҳои истеҳсолии вилояти Хатлон вобаста аз мавҷудияти захираҳои табиӣ ва иқтидори захиравӣ-табиӣ дар намудҳои алоҳидаи маҳсулотҳо бештар аст. Дар баробари ин, барои рушди муътадили ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ зарур аст, ки модернизатсияи иқтисодии соҳаҳои алоҳида роҳандозӣ карда шаванд.

Муҳити зист. Истифодаи об барои беҳдошти муҳити зист нақши бисёр калон дорад. Гарчанд айни ҳол дар вилояти Хатлон ҳисоби мушаххас оид ба ҳаҷми оби барои муҳити зист истифодашаванда вуҷуд надорад, муайян аст, ки барои субот ва рушди муҳит ҳаҷми муайяни обро истифода мебаранд. Истифодабарандагони об бо мақсади ҳифзи муҳит дар ҳудуди минтақаи таҳқиқшаванда ҷангалзор, кӯлҳо ва ботлоқзорҳо мебошанд.

Бояд қайд намуд, ки азхудкунии имкониятҳои захираҳои обӣ аз ҷиҳати иқтисодӣ ҷолиб ва техникӣ асоснок мебошанд:

- д. Оби-Хингоу (5 - неругоҳи обӣ, иқтидори умумиашон 712 МВт);
- д. Сурхоб (4 - неругоҳи обӣ, иқтидори умумиашон 1077 МВт);
- д. Кофарниҳон (5 - неругоҳи обӣ, иқтидори умумиашон 411 МВт);
- д. Ғунт (13 - неругоҳи обӣ, иқтидори умумиашон 356,4 МВт);
- д. Бартанг (5 - неругоҳи обӣ, иқтидори умумиашон 485,9 МВт).

Тибқи баҳои мутахассисон дар маҷрои дарёҳои вилояти Хатлон, дар ноҳияҳои кӯҳӣ аз ҷиҳати техникӣ 900 неругоҳҳои барқи обии хурди иқтидорашон аз 100 кВт то 3000 кВтро сохтан мумкин аст [2,с.184].

Рушди босуботи иқтисодию иҷтимоии вилояти Хатлон дар минтақаҳои хушкиашон баланд, аз мавҷудияти захираҳои обӣ ва оқилона истифода бурдани онҳо вобастагии зич дорад ва аз ин лиҳоз, маҳз захираҳои обӣ қисмати асосии иқтидори иқтисодии минтақа хоҳад гашт. Истифодаи барзиёди захираҳои обӣ, аз як тараф, аз ҳисоби афзоиши аҳолӣ дар назар дошта шавад, аз тарафи дигар бошад, аз ҳисоби суръати истеҳсоли маҳсулотҳои кишоварзӣ дар заминҳои обӣ, азхудкунии заминҳои нав барои обёрӣ, зиёд намудани истеҳсоли маҳсулотҳои обғунҷоишашон баланд (масалан, пахта) ба ҳисоб меравад. Таъмини фаъолияти иқтисодӣ бо захираҳои обӣ, маҳз аз ҳамин таносуб сарчашма мегирад ва ҳолати ягонае, ки метавонад таъсири бевоситаи худро расонад, ин ҳам бошад, таъсири омилҳои экологӣ ҳангоми тартиби тавозуни обӣ ба ҳисоб меравад.

Мавриди зикр аст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти хоҷагидорӣ, махсусан фаъолияте, ки бо истифодаи захираҳои об ва муҳити зист алоқаманданд, дар асоси принсипҳои зерин анҷом дода мешавад [5]:

- o таъмини волоияти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзи муҳити зист;

- афзалияти ҳифзи ҳаёт ва саломатии инсон, риояи ҳуқуқи он ба муҳити мусоиди зист;
- барқарор сохтан, нигоҳ доштан ва оқилона истифода бурдани муҳити зист бо мақсади баланд бардоштани сатҳи зиндагӣ, таъмини муҳити мусоиди зист барои кору истироҳати аҳолӣ;
- афзалияти нигоҳдории системаҳои экологӣ, ландшафт ва комплексҳои табиӣ;
- имконпазирии таъсири фаъолияти хоҷагидорӣ ва дигар фаъолият ба муҳити табиат бо назардошти талабот дар соҳаи ҳифзи муҳити зист;
- ташкил ва рушди системаи маърифати экологӣ, тарбия ва ташаккули фарҳанги экологӣ.

Ҳамин тариқ, метавон гуфт, ки бартараф намудани муаммоҳои иқтисодиёти вилояти Хатлон дар бахши воқеии иқтисодиёт имкониятҳои зеринро пайдо менамояд:

- ояндабинии таносубҳои асосии ҳудудӣ дар ҳудуди муайяни вақт, бо дарназардошти ошкорсозии вазъи иқтисодӣ;
- таҳлили тамоюлҳои рушди вилояти Хатлон дар низоми иқтисоди миллӣ, муайян намудани мавқеи онҳо дар тақсимоти ҷамъиятии меҳнат;
- таҳқиқ ва банақшагирии ҳудудии омилҳои бо ҳам алоқаманди истеҳсолоти ҷамъиятӣ ва ошкорсозии қисматҳои ҳудудии самаранокӣ ва модернизатсияи иқтисодӣ;
- ояндабинии вазъи ҷараёнҳои иқтисодӣ ва сатҳи зиндагонии аҳолӣ дар минтақа;
- ояндабинии рушди соҳаҳои алоҳида ва комплексҳо дар низоми дузинагии идоракунӣ “иқтисоди миллӣ-минтақа”;
- ояндабинии алоқамандии барномаҳои байниминтақавӣ ва ҳисоби имкониятҳои таъсири амалишавии барномаҳо дар тағйирёбии сохтории такрористеҳсолот дар вилояти Хатлон;
- тафтиши ҳолати тавозунии минтақавӣ, байниминтақавӣ ва байнисоҳавии истифодабарии захираҳои табиӣ;
- арзёбии ҳолати бавуҷудоии таносубҳои минтақавӣ ва ошкорсозии самтҳои тағйирёбии ҳолати самаранокии истифодаи захираҳои табиӣ барои соҳаи бахши воқеии иқтисодиёт.

Дар бештари мавридҳо доираи вазифаҳои нигоҳдошти захираҳои табиӣ ва дар амал татбиқ намудани онҳо, бояд, ки дар доираи вазифаҳои аввалиндараҷа ва муҳимми давлатӣ маҳдуд карда шавад, ки ҳамаи вазифаҳо дар барномаҳои давлатии ҷумҳуриявӣ ва минтақавӣ инъикос мегарданд. Масалан, дар доираи барномаи ислоҳоти соҳаи оби Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазифаи асосӣ ва муҳим ин нигоҳдошт ва барқарорсозии захираҳои обӣ аз ҳисоби фоидаи хусусӣ дар натиҷаи фаъолияти хоҷагидорӣ дарҷ гардидааст [1]. Дар ин ҳолат як қатор камбудиҳо ва норасоиҳоро дар ҷараёни танзимнамоии захираҳои обӣ метавон муайян намуд, ки онҳо ба механизмҳои иқтисодӣ такя менамоянд (расми 1).

Ба андешаи мо, сабаби асосии ҳамаи норасоиҳо ин дар мавҷуд набудани консепсияи илман асосноки рушди минтақавӣ бо дарназардошти омили экологӣ ба ҳисоб меравад. Дида баромадани комбудиҳо ва норасоиҳои дар боло қайдгардида, зарурати муайян намудани самтҳои асосии танзимнамоӣ ва беҳдошти тавозуни обиро ба миён меорад.

Баъзе олимони ватанӣ қайд менамоянд, ки навсозии босуръати технологияҳо ва маҳсулот дар шароити муосир чандирӣ, модернизатсияи доимии истеҳсолӣ, бунёди механизми идоракунии лоиҳаҳои сармоягузориро талаб мекунад, ки муносибати ҳамаҷониба, ҳамоҳангӣ ва ҳамкории байни ҳамаи иштирокчиёни раванди сармоягузориро дар тамоми марҳилаҳои давраи сармоягузорӣ таъмин намояд [4,с.24].

Ба андешаи мо, сабабҳои ғайриоқилона истифода намудани захираҳои табиӣ дар вилояти Хатлон аз ҳисоби истифода нагардидани иқтидори иқтисодии ҷойдошта ва дар муайян намудани афзалиятҳои экологӣ-иқтисодии оптимизатсияи захираистифодабарӣ зоҳир мегарданд. Чунин ҳолат воситаҳои ҳавасмандии низоми амалкунандаи идоракунии захираҳои табииро заиф мегардонад. Чунин ҳолат водор месозад, ки

**Расми 1. Муаммоҳо ва норасоиҳои ҷараёни танзимнамоии захираҳои обӣ**
**Figure 1. Problems and shortcomings of the regulation process of water resources**




Аз ҷониби муаллиф тартиб дода шудааст.

таҷдид (модернизатсия)-и низоми идоракунии захирастифодабарии минтақавӣ бо дарназардошти афзалиятҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ба роҳ монда шавад. Дар ин масир таҷриба собит месозад, ки дар бахши минтақавӣ шароитҳои ниҳодии ҳамкориҳои бахши давлатӣ бо хусусӣ, мониторинги экологӣ, низоми андозбандӣ, имтиёзҳои давлатӣ ҳангоми муайян намудани дараҷаи самаранокии обистифодабарӣ, имконият медиҳанд, ки барои пурра истифода намудани иқтидори иқтисодии истифодаи захираҳои табиӣ дар сатҳи минтақавӣ, ки диққати асосӣ ба соҳаҳое дода мешавад, ки истифодабарандагони асосии захираҳои табиӣ ба ҳисоб меравaнд ва ба дараҷаи ҷалби сармоягузориҳо таъсири мусбӣ мерасонад [13,с.87]. Дар баробари ин, иқдомҳои дар боло қайдгардида ба ташкили ҷойҳои корӣ ва васеъ намудани такрористеҳсоли намудҳои фаъолияти иқтисодӣ оварда мерасонад (расми 2).

Чуноне расми 2 нишон медиҳад, нақшаи идоракунии таҷдиди низоми идоракунии захирастифодабарии минтақавӣ душвор ва гуногунпаҳлу буда, дар худ сохтори мураккаби идоракуниро инъикос менамояд. Муаммои асосӣ дар ин самт пайдарҳамии идоракунӣ аз ҷониби мақомотҳои дахлдор ва салоҳиятнок маҳсуб меёбад, ки онҳо фаъолияти худро дар сатҳи ҷумҳуриявӣ ва минтақавӣ иҷро менамоянд. Дар ин маврид диққати асосӣ ба ҳокимиятҳои маҳаллӣ дода мешавад, ки аз иҷро ва қабули қарорҳои идоракунӣ фаъолияти субъектҳои иқтисодӣ вобастагии калон дорад.

Аз гуфтаҳои боло бар меояд, ки зарурати ташаккули низоми минтақавии мониторинги экологӣ ба роҳ монда шавад, ки он дар навбати худ метавонад ба баландшавии самаранокии экосистема дар минтақаҳои техногенӣ таъсири худро расонад, ки ин ҳолат махсусан дар ҳудуди обанборҳои сунъӣ бештар мушоҳа мешавад. Чунин низоми мониторинги экологӣ имконият медиҳад, ки тағйиротҳои экосистема ба зудӣ назорат карда шаванд ва таъсири омили антропогенӣ кам карда шавад.

Дар таҳқиқот қайд мегардад, ки мавқеи давлат ҳангоми идоракунии раванди модеризатсияи иқтисодӣ пурзӯр карда шавад. Олимони самти мазкур таҳқиқ намудаанд, ки таҳлили ҳолат, қонуниятҳо ва хусусиятҳои фаъолияти субъектҳои иқтисодӣ табиатан ба масъалаҳои танзими он, ташаккули механизмҳои самараноки таъсиррасонанда ба талабот, пешниҳоди ғояҳои инноватсионии бо мақсади ноил гаштани модернизатсияи иқтисодӣ оварда мерасонад [12,с.14].

Дар шароити кунунӣ, аксари татқиқотчиён зери танзими давлатии модернизатсияи иқтисодӣ чорабиниҳоеро мефаҳманд, ки ба дастгирӣ намудани фаъолияти истеҳсолӣ аз ҳисоби корҳои таҷдидӣ равона карда шудааст [15,с.310]. Аз ин ҷо бармеояд, ки дар низоми идоракунии раванди модернизатсияи иқтисодии вилояти Хатлон ин чорабиниҳо бояд мунтазам доир карда шаванд. Дар ин маврид, бо вуҷуди назарияҳои

гуногуни илмие, ки дахолат накардан ба равандҳои модернизатсияи иқтисодӣ ба вуҷуд омадаистодаро тарғиб мекунанд нигоҳ накарда, дар амалияи давлатҳои рушдёфта, баръакс, тамоюли тақвияти таъсир ба ин механизм, ҷустуҷӯйи шакл ва усулҳои нав ва аз ҳама самараноки танзимкунии он мушоҳида карда мешавад. Ҳамчунин, дараҷаи дахолат, истифода бурдани механизмҳои мушаххас дар вобастагӣ аз ҳолати иқтисодӣ ва мақсадҳои иҷтимоӣ басо фарқ мекунанд.

**Расми 2. Нақшаи модернизатсияи низоми идоракунии захираистифодабарии минтақавӣ**
**Figure 2. Plan of modernization of regional resource management system**



Маъхаз: аз ҷониби муаллиф тартиб дода шудааст.

Дар амал татбиқ намудани афзалиятҳои низоми идоракунии захирастифодабарӣ дар сатҳи минтақа аз мушкилиҳои ҷойдошта, ҳангоми амалӣ намудани чорабиниҳои хоҷагидорӣ ва фаъолияти субъектҳои иқтисодӣ дар соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ вобаста аст. Аз тарафи дигар бошад, вазъи иқтисодии вилояти Хатлон баъди соҳибистиқлолӣ, бухронҳои иқтисодӣ ва молиявӣ, ташаккули моликияти хусусӣ ва вазъи захираистифодабарӣ аз ҷониби субъектҳои нави фаъолияти иқтисодӣ ва мутобиқ шудан ба принсипҳои иқтисодӣ бозорӣ вобастагӣ дорад. Дар ин гуна ҳолатҳо мавқеи махсусро омилҳои субъективӣ ташкил намуданд, ки дар ислоҳоти соҳаҳои саноат ва кишоварзӣ намудор шуданд. Барои бисёре аз соҳаҳои иқтисодиёти вилояти Хатлон чунин муаммоҳоро ҳангоми истифодаи амалии афзалиятҳо метавон мушоҳида намуд:

- камчинии воситаҳои молиявӣ;
- нуқтаи ниҳоии хурдашваии фондҳои асосӣ ва гардон, ки дар хоҷагии обӣ истифода мегарданд;
- истифодаи усулҳои анъанавӣ ҳангоми пешбурди фаъолияти иқтисодӣ.

Дар хулоса қайд намудан зарур аст, ки новобаста аз оне, ки имкониятҳои иқтисодии вилояти Хатлон дар соҳаи истифодаи самараноки захираҳои табиӣ зиёд аст, захираҳои мавҷуда дар ҳудуди минтақа нобаробар тақсим шудаанд ва ин ҳолат водор месозад, ки ҳангоми истифодаи афзалиятҳои экологӣ-иқтисодӣ аз принсипҳои истифодаи захираҳои табиӣ консепсияи рушди босуботи иқтисодӣ самаранок истифода намоем. Дар шароити имрӯзаи ҳолати захираистифодабарӣ дар минтақаҳои кишвар

зарурати мавҷудияти ҳолати нигоҳдошти муътадилии экологӣ дар ҳудудҳои минтақавӣ зарур аст, ки ин ҳолат ба сатҳи некуаҳволии аҳолӣ таъсири мусбӣ хоҳад расонид. Субъектҳои хоҷагидорӣ ҳангоми истифодаи таҷҳизот, техника ва технологияи муосир ба объектҳои дахлдор таъсири омили антропогенӣ-техногениро афзун менамоянд ва дар натиҷаи он ба сифати захираҳои табиӣ, меъёрҳои санитариро риоя наменамоянд, рушди соҳаи сайёҳӣ, нобаробарии иҷтимоӣ ҳангоми захираистифодабарӣ таъсири худро мерасонад. Ҳангоми таъсири манфӣ расонидан ва мушоҳидаи тамоюлҳои манфӣ дар ҳудуди дарёҳо ва обанборҳои сунъӣ, ки асос (ядро)-и идоракунии минтақавии дараҷаи обистифдабарӣ ба ҳисоб мераванд, вазъи иқтисодии минтақа дар маҷмуъ торафт коста мегардад. Аз ин рӯ, зарур аст, ки афзалиятҳои иқтисодӣ дар ин самт бо дарназардошти омилҳои экологӣ-иқтисодӣ ба роҳ монда шаванд.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДМТ - Садриддинов М.И.**


**АДАБИЁТ**

1. Барномаи ислоҳоти соҳаи оби Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2025. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.12.2015. №791. Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
2. Валамат-Заде, Т. Водные ресурсы Таджикистана в стратегии национальной и региональной политики / Валамат-Заде, Т. // Центральная Азия и Кавказ. - 2001. -№2(14). -С.183-185.
3. Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маҷмуаи оморӣ. -Душанбе, 2022. -270 с.
4. Комилов, Н.О. Управление инвестиционными проектами в пищевой промышленности Таджикистана [Текст]: автореферат канд. экон. наук: 08.00.05 / Н.О. Комилов. -Душанбе, 2004. -С.22-29.
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳифзи муҳити зист” (АМОҶТ с.2011, №7-8, мод. 614; с..2014,№11, мод.669).
6. Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Омори солона. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе, 2022. -310 с.
7. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе, 2022. –С.256.
8. Рахимов Р.К. Основные направления развития экономики и проблемы повышения эффективности производства в Таджикистане / Р.К. Рахимов. -Душанбе: Дониш, 1983. -204 с.
9. Садриддинов М.И. Модернизатсияи иқтисодиёти минтақа дар асоси стратегияи рушди индустриалию инноватсионӣ / М.И. Садриддинов, Амонзода А. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. –Душанбе, 2020. -№6. -С.205-210.
10. Садриддинов М.И. Модернизатсияи иқтисодиёти минтақа дар асоси истифобарии самараноки иқтидори табиӣ-захиравӣ / М.И. Садриддинов, Амонзода А. // Паёми молия ва иқтисод. Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. - 2020. -№3(23). -С.98-105.
11. Сафоев А.К. Роҳҳои такмили механизми идоракунӣ ва татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / А.К. Сафоев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. -Душанбе, 2022. -№4. -С.98-105.
12. Файзуллоев М.К. Формирование и развитие национальной инновационной системы Республики Таджикистан (методологические подходы и механизм управления): автореферат дис. на соис. уч. степ. докт. экон. наук / М.К. Файзуллоев. -М., 2012. -64 с.
13. Холов, Т.А. Нақши сармоягузорӣ дар рушди кишоварзии обёришавандаи минтақа (дар мисоли вилояти Хатлон): дисс. ном. илм. иқт.: 08.00.05 / Т.А. Холов. -Бохтар, 2022. -178 с.
14. Щепакин М.Б. Управление структурной модернизацией промышленности в региональной экономике в условиях ее инновационного развития / М.Б. Щепакин // Экономика, предпринимательство и право. – 2020. -Т.10. -№2. -С.411-434.
15. Aganbegyan, A.G., Mikheeva, N.N. & Fetisov, G.G. Modernization of the real sector of the economy: Spatial aspects. Reg. Res. Russ. 3, 309–323 (2013).


## ОШКОРСОЗИИ МУАММОҲОИ РУШДИ ИҶТИМОИЮ ИҚТИСОДИИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОН ДАР АСОСИ МОДЕРНИЗАТСИЯИ ИҚТИСОДӢ


Дар мақола ҷанбаҳои гуногун вобаста ба масъалаҳои ошкорсозии муаммоҳои рушди иҷтимоию иқтисодии вилояти Хатлон, ки бевосита ба раванди модернизатсияи иқтисодӣ алоқаманданд, мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд. Қайд мегардад, ки муаммоҳои рушди иқтисодӣ дар ҳар як соҳаи алоҳидаи иқтисодиёти миллӣ, ё ин ки бахшҳои алоҳида, минҷумла, бахши воқеии иқтисодиёт дорои хусусиятҳои хосси худ мебошанд. Модернизатсияи иқтисодии бахши воқеии иқтисодиёти вилояти Хатлон тақозо менамояд, ки таҷҳизот, техника ва технологияҳои истифодашавандаи раванди истеҳсоли маҳсулот вобаста аз таъсири омилҳои таъсиррасон гузаронида шавад. Дар мақола махсусан қайд мегардад, ки ҳал намудани муаммоҳои иқтисодиёти вилояти Хатлон дар бахши воқеии иқтисодиёт имкониятҳои оияндабинии таносубҳои асосии ҳудудӣ дар ҳудуди муайяни вақт, таҳлили тамоюлҳои рушди вилояти Хатлон дар низоми иқтисоди миллӣ, муайян намудани мавқеи онҳо дар тақсимоти ҷамъиятии меҳнат,

банақшагирии ҳудудии омилҳои бо ҳам алоқаманди истеҳсолоти ҷамъиятӣ ва ояндабинии рушди соҳаҳои алоҳида ва муҷтамаи дар низоми дузинагии идоракунӣ, иқтисоди миллӣ минтақаро фароҳам месозад.

**Калидвожаҳо:** модернизатсия, модернизатсияи иқтисодӣ, муаммоҳои рушд, иқтисодиёти минтақавӣ, вилояти Хатлон, бахши воқеии иқтисодиёт, соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ, имкониятҳои иқтисодӣ, захираҳои табиӣ, захираҳои обӣ, низоми идоракунӣ.

## ВЫЯВЛЕНИЕ ПРОБЛЕМ СОЦИАЛЬНО-ЭКОНОМИЧЕСКОГО РАЗВИТИЯ ХАТЛОНСКОЙ ОБЛАСТИ НА ОСНОВЕ ЭКОНОМИЧЕСКОЙ МОДЕРНИЗАЦИИ

В статье исследуются различные аспекты выявления проблем социально-экономического развития Хатлонской области в зависимости от процессов экономической модернизации. Отмечается, что проблемы экономического развития в каждой отдельной отрасли национальной экономики, или отдельного сектора экономики, в частности реального сектора экономики, имеют свои специфические аспекты. Экономическая модернизация реального сектора экономики Хатлонской области предполагает обновления средств, техники и используемой технологии в процессе производства продукции на основе влияния различных факторов. В статье особо отмечается, что решение проблем социально-экономического развития экономики Хатлонской области и реального сектора экономики даст возможность прогнозировать территориальную пропорциональность анализировать пропорции развития Хатлонской области в системе национальной экономики, определить их роль в процессе распределения общественного труда, территориальное планирование взаимосвязанных факторов общественного производства и развитие различных отраслей и комплексов в двухуровневой системе «национальная экономика-региона».

**Ключевые слова:** модернизация, экономическая модернизация, проблемы развития, региональная экономика, Хатлонская область, реальный сектор экономики, отрасли национальной экономики, экономические возможности, прродные ресурсы, водные ресурсы, система управления.

## IDENTIFICATION OF PROBLEMS OF SOCIO-ECONOMIC DEVELOPMENT OF KHATLON REGION ON THE BASIS OF ECONOMIC MODERNIZATION

The article explores various aspects of identifying the problems of socio-economic development of the Khatlon region, depending on the processes of economic modernization. It is noted that the problems of economic development in each separate branch of the national economy, or a separate sector of the economy, in particular the real sector of the economy, have their own specific aspects. Economic modernization of the real sector of the economy of the Khatlon region involves updating the means, equipment and technology used in the production process based on the influence of various factors. The article emphasizes that solving the problems of socio-economic development of the economy of Khatlon region and the real sector of the economy makes it possible to predict territorial proportionality at a certain time, analyze the proportion of development of Khatlon region in the system of the national economy, determine their role in the process of distribution of social labor, territorial planning of interrelated factors of social production and forecasting the development of various industries and complexes in the two-level system "national economy-region".

**Keywords:** modernization, economic modernization, development problems, regional economy, Khatlon region, real sector of the economy, sectors of the national economy, economic opportunities, natural resources, water resources, management system.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Амонзода Анушервон –*** Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, доктoранти Ph.D. **Суроға:** 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов, 64/14. Телефон: **900980888.** E-mail: **anush4ever@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Амонзода Анушервон –*** Таджикский государственный финансово-экономический университет, докторант Ph.D. **Адрес:** 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Нахимова, 64/14. Телефон: **900980888.** E-mail: **anush4ever@mail.ru**

**Information about the author:** ***Amonzoda Anushervon –*** Tajik State University of Finance and Economics, Ph.D. student. **Address:** 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimova street, 64/14. Phone: **900980888.** E-mail: **anush4ever@mail.ru**

ТДУ: 338.24

# ТАЪСИРИ РАВАНДҲОИ ҶАҲОНИШАВИИ МУҲОҶИРАТИ МЕҲНАТӢ БА ИҚТИСОДИЁТИ МИЛЛӢ

*Умарзода Н.Н., Раҳматов Б.Қ.*
**Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон**

Даврони истиқлолият бо ба даст овардани мустақилияти Тоҷикистон дар соли 1991 барои мардуми тоҷик басо мушкил буд. Ҳаҷми истеҳсолот коҳиш ёфта, рушди муътадил дар иқтисодиёт мушоҳида намешуд, бозори меҳнат ҳам тағйир ёфт. Имкониятҳои маҳдуди кортаъминкунӣ, афзоиши сатҳи бекорӣ ва камбизоатӣ, махсусан ҷавонони деҳот, маҷбур сохт, ки ҳамасола ҳазорҳо одамони дохили кишвар асосан ба шаҳрҳо ва хориҷи кишвар муҳоҷират намоянд. Айни замон, муҳоҷирати меҳнатии беруна дар навбати аввал, аз ҷумҳурӣ ба Федератсияи Россия ва Қазоқистон меравад. Кӯшиши кор кардани муҳоҷирони мо дар Россия аз он вобаста аст, ки дар иқтисоди рушдёбанда ва вазъи ба вуҷуд омадаи демографӣ ва сиёсати муҳоҷирати Федератсияи Россия барои ҷалби муҳоҷирони меҳнатӣ нигаронида шудааст. Россия ба қувваи кории арзони беруна, аз он ҷумла, аз Тоҷикистон низ, эҳтиёҷ дорад, бисёри олимон ва мутахассисон роҳи ҳалли мушкилоти иқтисодӣ ва демографиро (дар шароити паст будани сатҳи таваллуд ва камёб будани қувваи корӣ) махсусан дар муҳоҷирони воридшаванда мебинанд. Ҷумҳурии Тоҷикистон инчунин, ҳавасманд аст, ки муҳоҷирони корӣ ба Россия раванд, чунки он ҳамчун алтернативаи сарчашмаи пур кардани буҷет ва мусоидаткунандаи рушди устувори кишвар баромад мекунад.

**Ҷадвали 1. Блоки нишондиҳандаҳо барои арзёбии таъсири муҳоҷирати меҳнатӣ ба рушди иқтисодии кишварҳо - донорҳои қувваи корӣ**
**Table 1. Block of indicators for assessing the impact of labor migration on the economic development of countries - labor donors**

| № | Бахшҳо | Нишондиҳандаҳо |
|---|---|---|
| 1. | Таъсири муҳоҷирати меҳнатии содиршаванда ба бозори меҳнати дохилӣ | Ҳиссаи муҳоҷирони меҳнатии содиршаванда дар шумораи умумии аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол. Таносуби ҳиссаи муҳоҷирони меҳнатии содиршаванда дар шумораи умумии аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол ба ҳиссаи бекорон дар шумораи умумии аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол. Таносуби ҳиссаи муҳоҷирони меҳнатии содиршаванда, ки пеш аз рафтан ҷои кор доштанд, дар шумораи умумии муҳоҷирони меҳнатии содиршаванда ба ҳиссаи муҳоҷирони меҳнатӣ, ки пеш аз рафтан ҷои кори доимӣ надоштанд, дар шумораи умумии муҳоҷирони меҳнатии содиршаванда. Теъдоди агентиҳои хусусии шуғл (агентиҳои ҷалбкунанда), ки барои фиристодани муҳоҷирони меҳнатӣ ба хориҷа ҷалб шудаанд ва барои ин намуди фаъолият иҷозатномаи расмӣ доранд. Ҳиссаи муҳоҷирони меҳнатии содиршаванда тавассути агентиҳои шуғли хусусӣ дар шумораи умумии муҳоҷирони меҳнатии содиршаванда. |
| 2. | Таъсири муҳоҷири меҳнатӣ ба сатҳи рушди сармояи инсонӣ | Таносуби ҳиссаи муҳоҷирони меҳнатии дорои маълумоти миёнаи махсус дар шумораи умумии муҳоҷирони меҳнатии содиршаванда ба ҳиссаи аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъоле, ки маълумоти миёнаи махсус доранд дар шумораи умумии аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол. Таносуби ҳиссаи муҳоҷирони меҳнатии дорои маълумоти олӣ дар шумораи умумии муҳоҷирони меҳнатии содиршаванда ба ҳиссаи аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол ва дорои маълумоти олӣ дар шумораи умумии аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол. Таносуби ҳиссаи муҳоҷирони меҳнатии дорои маълумоти баъд аз таҳсилоти олӣ дар шумораи умумии муҳоҷирони меҳнатии содиршаванда ба ҳиссаи аҳолии дар иқтисодиёт фаъол бо маълумоти баъд аз таҳсилоти олӣ дар шумораи умумии аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол. Таносуби синни миёнаи муҳоҷирони меҳнатии |

| | | |
|---|---|---|
| | | содиршаванда ва синну соли миёнаи аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол. Ҳиссаи интиқоли маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ, ки хонаводаҳо барои таҳсил ва доруворӣ сарф мекунанд дар ҳаҷми умумии интиқоли маблағҳо ба кишвар воридшуда. Ҳиссаи муҳоҷирони меҳнатӣ, ки мутобиқи тахассуси худ кор мекунанд, дар шумораи умумии муҳоҷирони меҳнатии содиршаванда. Ҳиссаи муҳоҷироне, ки ба корҳои камихтисос машғуланд ва дорои маълумоти олӣ, баъд аз таҳсилоти олӣ ва миёнаи махсус мебошанд, дар шумораи умумии муҳоҷирони меҳнатии содиршаванда |
| 3 | Интиқоли пулии муҳоҷирони меҳнатӣ ба ватан ва таъсири он ба рушди иқтисодии давлатҳо – донорҳои қувваи корӣ | Маҷмуи нтиқоли маблағҳои муҳоҷирони меҳнатии содиршаванда ба ватан. Бузургии миёнаи интиқоли маблағҳо бо ҳисоби як муҳоҷири меҳнатии содиршаванда. Ҳиссаи интиқоли маблағҳое, ки хонаводаҳо барои истеъмоли ҷорӣ сарф мекунанд, дар ҳаҷми умумии интиқоли маблағҳо ба кишвар ворид шуда. Ҳиссаи интиқоли маблағҳое, ки аз ҷониби хонаводаҳо ба сифати пасандоз нигоҳдошта мешавад, дар ҳаҷми умумии интиқоли маблағҳо ба кишвар ворид шуда. Таносуби интиқоли маблағҳое, ки хонаводаҳо барои истеъмоли ҷорӣ сарф мекунанд, дар ҳаҷми умумии интиқоли маблағҳои ба кишвар воридшуда ба ҳиссаи интиқоли маблағҳое, ки аз ҷониби хонаводаҳо ба сифати пасандоз нигоҳдошта мешавад, дар ҳаҷми умумии интиқоли маблағҳо ба кишвар воридшуда. Таносуби интиқоли маблағҳои муҳоҷирони меҳнатии содиршаванда ба ММД-и кишвар. Таносуби ҳаҷми умумии интиқоли маблағҳои ба кишвар воридшуда ба маҷмуи ҳаҷми воситаҳои пулҳои аз содироти молу хидматрасониҳо ба хориҷа воридшуда. |
| 4. | Таъсири муҳоҷирати меҳнатӣ ба қисми хароҷот ва даромади буҷет | Андозаи сарфаи буҷа ба хароҷоти иҷтимоӣ, аз ҳисоби муҳоҷирати меҳнатии содиршаванда. Андозаи маблағи воридотӣ ба буҷа аз ҳисоби муҳоҷирати меҳнатии содиршаванда (андозҳо ва пардохтҳои ҳатмии агентиҳои шуғли хусусӣ, марказҳои киро ва ғайра). Таносуби маблағи воридотӣ ба буҷа аз ҳисоби муҳоҷирати меҳнатии содиршаванда (андозҳо ва пардохтҳои ҳатмии агентиҳои шуғли хусусӣ, марказҳои киро ва ғайра) ба миқдори умумии андозҳо аз даромади шахсони воқеӣ, ки муҳоҷирони содиршаванда метавонистанд пардохт кунанд, агар бо ҷои кор таъмин мебуданд. Андозаи миёнаи пардохти андозҳои солона ба буҷети давлатӣ аз ҷониби агентиҳои хусусии шуғл, ки дорои иҷозатномаи бо кор таъминкунӣ дар хориҷа доранд, пардохт карда мешавад. Хароҷоти маблағҳо барои маориф, тиб ва хизматрасониҳои иҷтимоӣ, ки ба муҳоҷирони меҳнатии содиршаванда дар тули зиндагиашон сарф карда шуда буданд |

Умарзода Н.Н. Муаммоҳои муҳоҷирати меҳнатии берунӣ ва роҳҳои танзими давлатии он дар Тоҷикистон. Монография. -Душанбе, 2022. -С.112-116.

Дар ҷадвали овардашуда нишондиҳандаҳое мавҷуданд, ки онҳоро мумкин аст ҳамчун маълумоти баҳисобгирии омории ҷорӣ ҳисобем, аммо, нишондиҳандаҳое ҳастанд, ки танҳо ба воситаи тадқиқоти интихобӣ бо истифода аз нишондиҳандаҳои миёна ба даст овардан мумкин аст. Акнун муфассалтар қисмҳоеро, ки дар ҷадвал оварда шудааст, дида мебароем:

1.Таъсири муҳоҷирати меҳнатӣ дар бозори дохилӣ. Одатан, муҳоҷирати меҳнатии содиршаванда ба бозори меҳнатии давлат - донор ва паст кардани сатҳи бекорӣ дар ояндаи дуру наздик таъсири судманд мерасонад. Ба истиснои муҳоҷирати содиршавандаи кадрҳои баландихтисос, инчунин, вазъияте мебошад, ки муҳоҷирати содиршаванда дар якҷоягӣ бо нарасидани қувваи корӣ дар иқтисодиёти миллӣ ба назар мерасад. Оқибатҳои манфии он, хоҳ дар ихтисосгумкунӣ (деквалификатсия) ва ё мушкилоти ҳамгироии такрории (реинтегратсияи) муҳоҷирони баргашта, дар ояндабинии дарозмуддат ба миён меоянд. Аз нуқтаи назари арзёбии таъсири муҳоҷирати меҳнатии содиршаванда ба бозори меҳнат, мониторинги мунтазами динамикаи ҳиссаи муҳоҷирони меҳнатии содиршаванда дар шумораи умумии аҳолии аз

ҷиҳати иқтисодӣ фаъол, таносуби ин ҳисса ба ҳиссаи бекорон дар шумораи умумии аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол зарур аст.

Инчунин фаҳмиши кадом қисми муҳоҷирони меҳнатии содиршаванда қабл аз рафтан бо ҷои кор таъмин буданд ва кадоме аз онҳо на, муҳим аст. Нисбатан мусоид аст, агар афзоиши рафтани муҳоҷирони меҳнатӣ, ки ҷои кор надоранд, бо коҳиш ё муътадилшавии сатҳи бекорӣ дар давлати содиркунандаи қувваи корӣ баррасӣ шавад. Афзоиши рафтани муҳоҷирони бо ҷои кори доимӣ таъмин, аз як тараф, метавонад аз нишондоди баланд шудани зудҳаракатии амудӣ дар бозори меҳнат бошад, аз ҷониби дигар, бад шудани вазъи умумии иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва қонеънакунандаи шароити корӣ бошад. Вобаста ба ин, таҳлили нишондиҳандаҳои мазкур бояд дар якҷоягӣ бо таҳлили нишондиҳандаҳои умумии макроиқтисодии бозори меҳнат ва дар маҷмуъ, иқтисодиёт анҷом дода шавад. Яке аз проблемаҳои асосии давлатҳои содиркунандаи қувваи корӣ, ин мавҷудияти нақшаҳои «ноаён» барои ҷалб ва фиристодани муҳоҷирон ба хориҷи кишвар мебошад. Одатан, ин вазифаҳо ба таври ғайрирасмӣ иҷро мешаванд, ки аксар вақт ба ҷинояткории институтҳои поймолкунандаи ҳуқуқҳои коргарон, хариду фурӯши одамон ва ғайра марбутанд [16,с.112-116].

Таҷрибаи баъзе аз давлатҳо, масалан Филиппин, нишон медиҳад, ки бозори расмии (иҷозатномадор) хизматрасониҳои миёнаравӣ “шаффоф” дар асоси институтҳои агентиҳои (оҷонсиҳои) хусусии шуғл, на танҳо ҳимояи ҳуқуқи муҳоҷиронро имконият медиҳад, балки ҳаҷми анбӯҳи муҳоҷиронро ва воридоти иловагии пулиро ба буҷети давлат ва дар маҷмуъ, иқтисодиёти кишвар афзоиш медиҳад.

2.Таъсири муҳоҷири меҳнатии содиршаванда ба сатҳи рушди сармояи инсонӣ**.** Яке аз масъалаҳои муҳим, ин рушди миллии сармояи инсонии давлат мебошад. Ба дивидендҳои иқтисодӣ нигоҳ накарда, ҳаҷми захираҳои меҳнатии содиршаванда, ба талафоти сармои инсонӣ оварда мерасонад. Ҳар қадаре, ки сатҳи анбуҳи муҳоҷирони содиршавандаи баландихтисос зиёд бошад, ҳамон қадар кишвари содиркунанда зиёд талафот мебинад. Гузашта аз ин, чунин тамоюл дар рафтани захираҳои меҳнатии “барзиёд” низ ҷой дорад, чунки эҳтимолан ин одамон метавонистанд дар низоми хоҷагидорӣ дохил шаванд, масалан ба ҳайси соҳибкорони инфиродӣ ба рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ саҳми худро гузоранд. Бозгашти муҳоҷирон талафотро кам мекунад, танҳо дар ҳолате, ки агар коргар касби нав, салоҳиятнокӣ ва малакаву маҳорате, ки дар ватанаш истифода карда метавонад, соҳиб шуда бошад.

Баҳодиҳии тахассусии сатҳи таълимот ва омодакунии касбияте, ки аз анбӯҳи меҳнатӣ бармеояд, мониторинги доимиро аз тарафи давлат талаб мекунад. Дар навбати аввал, чӣ миқдор сатҳи таълимоти (миёна, миёнаи касбӣ, олӣ, баъд аз таҳсилоти олӣ) муҳоҷирони меҳнатии содиршаванда аз нишондиҳандаҳои аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол фарқ мекунад, дарк кардан зарур аст. Масалан, агар ҳиссаи муҳоҷирони дар селаи муҳоҷирони дорои маълумоти олибуда, аз ҳиссаи аҳолии дорои маълумоти олии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол зиёданд, он гоҳ бо боварӣ гуфтан мумкин аст, ки ин тамоюли манфӣ дорад. Дар ин ҳолат муҳоҷирати меҳнатии содиршаванда ба рушди миллии сармояи инсонӣ зарари ҷиддӣ мерасонад.

Инчунин, бояд дар алоҳидагӣ оид ба мониторинги раванди ихтисосгумкунии коргарон дар хориҷи кишвар истода гузарем. Ин падида дар ҳолати ба кор таъминшавии муҳоҷирон ба ҷойҳои холӣ, ки аз сатҳи тахассусии вай паст аст, ҷой дорад. Дар ин ҳолат бозистии афзоиши касбӣ, таназзул ва оқибат ихтисосгумкунии мутахассис ба вуқуъ меояд. Одатан, пас аз баргаштан, муҳоҷир барои ишғоли ҷои кори холие, ки пеш аз рафтанаш кор мекард, муроҷиат карда наметавонад. Аз нигоҳи идоракунии раванди муҳоҷират, баҳисобгирии хусусияти синнусолии селаи муҳоҷирони содиршаванда муҳим аст. Барои ин ҳисоб кардани динамикаи мутаносиби синну соли миёнаи муҳоҷирони меҳнатии содиршаванда ва синну соли миёнаи аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъоли давлат-донор муҳим аст. Аммо дар алоҳидагӣ шарҳ додани ин нишондиҳанда мукин нест.

Рушди устувори доимии синну соли миёнаи селаи қувваи корӣ, метавонад ҳам аз афзоиши сатҳи ихтисоснокии муҳоҷирон ва талафоти сармояи инсонӣ, ҳам аз афзоиши интенсивии зудҳаракатии уфуқӣ дар бозори меҳнат ва рушди сармояи инсонӣ шаҳодат

диҳад. Муҳоҷирати меҳнатии содиршаванда метавонад ба рушди миллии сармояи инсонӣ, ба воситаи интиқоли маблағҳои коргарон ба ватан ғайримустақим таъсир расонанд. Сухан дар бораи сохтори масрафи ин маблағҳо аз ҷониби хонаводаҳо меравад. Бо шарте, ки дар динамикаи афзоиши ҳиссаи интиқоли маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ, ки хонводаҳо барои тандурустӣ ва таълимот масраф мекунанд, дар маҷмуи ҳаҷми интиқоли маблағҳое, ки ба кишвар ворид шудааст, аз рушди сармояи инсонии давлат сухан кардан мумкин аст.

3.Интиқоли пулии муҳоҷирони меҳнатӣ ба ватан ва таъсири он ба рушди иқтисодии давлатҳо – донорҳои қувваи корӣ. Аз ҷиҳати мониторинги таъсиррасонии муҳоҷират ба иқтисодиёти кишварҳо-донори қувваи корӣ аҳаммияти калидӣ ба таҳлили интиқоли маблағҳои муҳоҷирон ба ватан дода мешавад. Барои як қатор кишварҳо (масалан, Тоҷикистон, Қирғизистон, Ӯзбекистон, Молдова, Филиппин, Индонезия, Мексика ва ғайра) ин селаи пулӣ ба афзоиши сатҳи зиндагӣ, ҳавасмандгардонии талаботи дохилӣ, рушди соҳибкории хурд ва ғайра таъсири назаррас дорад. Ҳамзамон, иқтисодиёти Тоҷикистон аз интиқоли маблағҳо мустақиман вобастагӣ дорад. Дилхоҳ тағйирёбии бузургиҳои маҷмуи маблағҳои интиқолшуда, ба ҳолати иҷтимоӣ-иқтисодии дохили кишвар таъсири ҷиддӣ мерасонад. Дар алоқамандӣ бо он, дар баробари иттилоот оид ба маҷмуи интиқоли маблағҳои муҳоҷирони содиротшуда, нишондиҳандаи муҳим, динамикаи муносибати интиқоли маблағҳо нисбат ба ММД-и давлат мебошад. Афзоиши охирин, индикатори манфӣ хоҳад буд, чунки дар ояндабинии дарозмуддат афзоиш аз пуле, ки аз хориҷа ворид мешавад ва метавонад ба сустшавии афзоиши иқтисодиёт, таназзул оварда расонад, инчунин, садамотӣ (шок) муайян дар ҳолати иваз шудани вазъи берунӣ, масалан, дар мавриди буҳрони иқтисодӣ дар кишваре, ки муҳоҷиронро қабул мекунад, вобастагӣ дорад [16,с.120-126].

Инчунин, нишондиҳандаи муҳимми бузургии миёнаи интиқоли маблағҳо бо ҳисоби як муҳоҷири меҳнатии содиршаванда. Динамикаи манфии ин бузургӣ дар сурати мавҷуд набудани пастшавии музди меҳнати миёна дар давлати қабулкунанда аз омехта кардани муҳоҷирати меҳнатӣ “ишғол” торафт ба ҷониби бештари коргарони беихтисос шаҳодат медиҳад. Аз ин ҷо пастшавии музди меҳнат бар меояд. Ин тамоюл ниҳоят манфӣ мебошад, азбаски муҳоҷирони меҳнатӣ барои баланд бардоштани тахассус имконият надоранд, онҳоро ба соҳаҳои ғайриқонунӣ фишурда мекунанд. Ҳолати баръакс, дар ҳолати афзоиши нишондиҳанда мушоҳида мешавад. Дар шароите, ки дар кишвари қабулкунанда афзоиши музди меҳнат дар иқтисодиёташ ба амал наомада истодааст, бо боварии комил тасдиқ кардан мумкин аст, ки муҳоҷири меҳнатии содиршаванда ҷойҳои кории навро бо пардохти баландтар ишғол мекунанд, зудҳаракатии амудӣ мушоҳида карда мешавад. Масъалаи муҳим таҳлили таъсири интиқоли маблағҳо ба иқтисодиёт мебошад ва дарк кардани он, ки хонаводаҳо ба кадом мақсад воситаҳои пулии аз хориҷа омадаро масраф мекунанд. Агар онҳо пурра ба истеъмолот масраф шаванд, он гоҳ гуфтан мумкин аст, ки таъсири интиқоли маблағҳо ба ҳавасмандгардонии талабот ба рушди тиҷорати хурду миёна мебошад. Агар онҳо ба моликияти ғайриманқул гузошта шавад, он гоҳ ба бахши сохтмон ва бозори маҳсулоти сохтмонӣ ва ғайра таъсир мерасонад. Хеле натиҷаи мусбат афзоиши ҳиссаи интиқоли маблағҳое мебошад, ки дар ҳисобҳои бонкии шахсони воқеӣ пасандоз мешаванд. Ин имконият медиҳад, ки воситаҳои пулӣ ба воситаи низоми бонкӣ сармоягузорӣ шаванд. Ҳар қадаре, ки интиқоли маблағҳо дар ҳисобҳои бонкӣ ворид шаванд, ҳамон қадар бизнеси дохили кишвар сармоягузорӣ мешавад. Мувофиқ ба мавқеи мо, содироти маҳсулот ва хизматрасонӣ, нисбати содироти қувваи корӣ барои давлат фоидаовартар аст. Аз ин ҷо, ҷанбаи муҳимми мониторинг, ин муқоисаи муносибатҳои маҷмуи интиқоли маблағҳое, ки ба кишвар ворид шудаанд, нисбати маҷмуи ҳаҷми воситаҳои пулие, ки аз ҳисоби содироти молу маҳсулот ва хизматрасониҳо ворид шуданд, мебошад. Дар ҳолати динамикаи мусбии воситаҳои пулие, ки аз фаъолияти савдои беруна, мансуб ба ҳар як муҳоҷир ба даст омадааст, аз раванди мусбии иқтисодиёти кишвари – содиркунандаи захираҳои меҳнатӣ гуфтан мумкин аст. Ҳолати баръакс, аз тақвияти таъсири “сӯзандоруи муҳоҷират” шаҳодат медиҳад.

4.Таъсири муҳоҷирати меҳнатӣ ба қисми хароҷот ва даромади буҷет. Берун рафтани захираи меҳнатии барзиёд барои сарфаи буҷети миллӣ натиҷаи мусбӣ медиҳад. Аввалан, он дар коҳиш ёфтани хароҷоти иҷтимоӣ ҳангоми тарк кардани бекорон зоҳир мешавад, чунки маҷмуи пардохти подошпулиҳо барои бекорон, хароҷотҳои бозомӯзӣ ва нигоҳдории инфрасохтори марбута (фаъолияти биржаи меҳнат, марказҳои шуғл, марказҳои таълимӣ ва ғайра) кам мешавад. Коҳиш ёфтани миқдори истеъмолкунандагони хизматрасониҳои давлатӣ, хароҷот ба низоми тандурустӣ, корҳои дохилӣ, ҳамлу нақл, низои манзилӣ-коммуналӣ ва ғайраро кам мекунад. Маҷмуи таъсироти иқтисодӣ метавонад ба коҳиш ёфтани моддаҳои хароҷоти буҷети миллӣ нақши назарраси мусбӣ дошта бошад. Ҷанбаи на он қадар муҳим баҳисобгирии воридоти пулӣ ба буҷет аз муҳоҷирати меҳнатии содиротшаванда мебошад (андозҳо ва пардохтҳои ҳатмии агентиҳои хусусии шуғлӣ, марказҳои рекрутингӣ ва ғайра). Дар шароити расмӣ фаъолият кардани низомҳои киро дар кишвар, инчунин, марказҳои омӯзишӣ барои кор дар хориҷа, буҷети давлатӣ аз ҳисоби андозҳои фаъолияти онҳо ғанӣ мегардад. Гузашта аз ин, бузургии воридоти андозӣ мустақиман бо бузургии бахши расмии соҳаи киро ва селаи меҳнати содиротӣ алоқаманд мешавад.

Барои дарки самаранокии ҳам сиёсати муҳоҷират ва ҳам сиёсати иқтисодӣ, баҳисобгирии таносуби маҷмуи воридоти пулӣ ба буҷет аз ҳисоби муҳоҷирони меҳнатии содиротшаванда дар умум шавқовартар мешавад (андозҳо ва пардохтҳои ҳатмии агентиҳои хусусии шуғли, марказҳои рекрутингӣ ва ғайра) миқдори умумии андозҳо аз даромади шахсони воқеӣ, ки муҳоҷирони содиршаванда метавонистанд пардохт кунанд, агар дар ватани худ бо ҷои кор таъмин мебуданд. Дар ҳолате ки ҳисобу замкуниҳои солонаи ҳаҷми андозҳои потенсиалӣ ба маблағҳои ҳақиқии воридшаванда аз ҳисоби муҳоҷирони меҳнатӣ ба буҷет баробар ё зиёд шавад, дар ин ҳолат бораи мувофиқи мақсад будани ҳаҷман калон шудани муҳоҷирати содиршаванда савол ба миён меояд, чунки барои давлат таъсис додани ҷойҳои корӣ дар дохили кишвар фоиданоктар аст. Дар матни хароҷоти буҷет, сухан дар бораи воситаҳое меравад, ки давлат барои омӯзондан, хизматрасониҳои тиббӣ ба муҳоҷирати меҳнатии содиротшаванда сарф карда буд. Аслан, давлатҳои содироткунандаи захираҳои меҳнатӣ ба омода кардани мутахассисон барои эҳтиёҷоти дигар кишварҳо маблағгузорӣ мекунанд. Ҳисоби нишондиҳандаи додашуда бо назардошти зарурати арзишмуайянкунии бузургиҳои миёнаи хароҷоти давлат ба ҳар як истиқоматкунанда аз рӯи ҳамаи самтҳо: тарбияи томактабӣ, таълим дар мактаби миёна, миёнаи касбӣ, макотиби олӣ, хизматрасониҳои тандурустӣ ва ғайра. Басо мушкил аст ҳаҷми зараре, ки давлат аз рафтани муҳоҷир мебинад, мустақиман бо сатҳи тахассуснокии селаи муҳоҷирони содиротшаванда вобастагӣ дорад. Чи қадаре ки он баланд бошад, ҳамон қадар давлат бештар зарар мебинад.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДМТ – Аҳмадов Р.Р.**

**АДАБИЁТ**


1. Бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маҷмуаи оморӣ. –Душанбе: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2019. -С.86.
2. Вечканов Г.С. Современная экономическая энциклопедия / Г.С. Вечканов, Г.Р. Вечканова. -СПб.: Лань, 2002. -769 с.
3. Выхованец О.Д. Образовательная миграция как часть миграционной политики России (Доклад на заседании Научного Совета ФМС России). [Электронный ресурс] URL: http:// www. fms. gov.ru / about / science / science_ session/forth /vih.pdf
4. Денисенко, М.Б. Миграциология / М.Б. Денисенко, В.А. Ионцев, Б.С. Хорев. -М.: Изд-во МГУ, 1989. -96 с.
5. За справедливый подход к трудящимся - мигрантам в глобальной экономике. МОТ, Доклад VI. -Женева, 2004. –С.113.
6. Ивахнюк И.В. Развитие миграционной теории в условиях глобализации // Журнал Век глобализации. - 2015. -С.36-51. -№1. [Электронный ресурс]. URL: http://www.intelros.ru/pdf/Veck%20globalizastii/2015_1/3.pdf (дата обращения: 13.09.2016).
7. Ивахнюк, И.В. Международная трудовая миграция: учеб. пособие / И.В. Ивахнюк. -М.: ТЕИС, 2005. -286 с.
8. Ионцев, В.А. Международная миграция населения: теория и история изучения / В.А. Ионцев. -М.: Диалог-МГУ, 1999. -370 с.
9. Кадыров Д.Б. Государственное регулирование экономического развития Республики Таджикистан: стратегические приоритеты / Д.Б. Кадыров, Ф.А. Джабборов // Оценка регулирующего воздействия:

стратегическое партнерство органов власти, бизнеса и НКО [Текст]: сб. науч. тр. Междунар. молодежн. науч.-практ. конф. (Екатеринбург, 18–20 апреля 2018 г.); отв. за вып.: Я.П. Силин, Е.Б. Дворядкина. - Екатеринбург: Изд-во Урал. гос. экон. ун-та, 2018. -С.13.
10. Каримов О.К. Трудовая миграция в годы независимости Республики Таджикистан в условиях глобализации / О.К. Каримов // Ахбори ДДЊБСТ. – 2009. -№3(39). -С.5.
11. Колисницына М.Г. Международная трудовая миграция: теоретические основы и политика регулирования / М.Г. Колисницына, И.К. Суворова // Лекционные и методические материалы. Экономический журнал ВШЭ. - 2005. -№4. -565 с.
12. Коновалов В.К. Международная трудовая миграция и экономический рост / В.К. Коновалов // Человек и труд. – 2010. -№12.
13. Кравченко І.С. Формування робочої сили: мегаекономічний аспект / І.С. Кравченко // Демографія та соціальна економіка. – 2011. -№1(15). -С.73.
14. Курман, М.В. Актуальные проблемы демографии / М.В. Курман. -М.: Статистика, 2006. -С.107-108.
15. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи муҳоҷират”. [Манбаи электронӣ]. URL: http://base.mmk.tj/view_sanadhoview.php?showdetail=&sanadID=65
16. Умарзода Н.Н. Муаммоҳои муҳоҷирати меҳнатии берунӣ ва роҳҳои танзими давлатии он дар Тоҷикистон. Монография / Умарзода Н.Н. -Душанбе, 2022. -182 с.
17. Hunt, J. “Skilled Immigrants’ Contribution to Innovation and Entrepreneurship in the US”, Open for Business: Migrant Entrepreneurship in OECD Countries, OECD / J. Hunt. -Paris, 2010. [Электронный ресурс]. URL: http://dx.doi.org/10.1787/9789264095830-en.

## ТАЪСИРИ РАВАНДҲОИ ҶАҲОНИШАВИИ МУҲОҶИРАТИ МЕҲНАТӢ БА ИҚТИСОДИЁТИ МИЛЛӢ

Дар мақолаи мазкур пешниҳод мешавад, ки ҳаҷми истеҳсолот коҳиш ёфта, рушди муътадил дар иқтисодиёт мушоҳида намешуд, бозори меҳнат ҳам тағйир ёфт. Имкониятҳои маҳдуди кортаъминкунӣ, афзоиши сатҳи бекорӣ ва камбизоатӣ, махсусан ҷавонони деҳотро маҷбур сохт, ки ҳамасола ҳазорҳо одамони дохили кишвар асосан ба шаҳрҳо ва хориҷи кишвар муҳоҷират намоянд. Айни замон, муҳоҷирати меҳнатии беруна дар навбати аввал аз ҷумҳурӣ ба Федератсияи Россия ва Қазоқистон меравад. Кӯшиши кор кардани муҳоҷирони мо дар Россия аз он вобаста аст, ки иқтисоди рушдёбанда ва вазъи бавуҷудомадаи демографӣ ва сиёсати муҳоҷирати Федератсияи Россия барои ҷалби муҳоҷирони меҳнатӣ нигаронида шудааст. Дар мақола пешниҳоди ғояҳои зерин мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Маҷмуи интиқоли маблағҳои муҳоҷирони меҳнатии содиршаванда ба ватан; бузургии миёнаи интиқоли маблағҳо бо ҳисоби як муҳоҷири меҳнатии содиршаванда; ҳиссаи интиқоли маблағҳо, ки хонаводаҳо барои истеъмоли ҷорӣ сарф мекунанд, дар ҳаҷми умумии интиқоли маблағҳо ба кишвар ворид шуда; ҳиссаи интиқоли маблағҳо, ки аз ҷониби хонаводаҳо ба сифати пасандоз нигоҳдошта мешавад дар ҳаҷми умумии интиқоли маблағҳо ба кишвар ворид шуда; таносуби интиқоли маблағҳое, ки хонаводаҳо барои истеъмоли ҷорӣ сарф мекунанд, дар ҳаҷми умумии интиқоли маблағҳои ба кишвар воридшуда ба ҳиссаи интиқоли маблағҳои, ки аз ҷониби хонаводаҳо ба сифати пасандоз нигоҳдошта мешавад, дар ҳаҷми умумии интиқоли маблағҳо ба кишвар воридшуда; таносуби интиқоли маблағҳои муҳоҷирони меҳнатии содиршаванда ба ММД- и кишвар.

**Калидвожаҳо:** баҳодиҳии тахассусии сатҳи таълимот, ҳиссаи интиқоли маблағҳо, маҷмуи интиқоли маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ, бузургии миёнаи интиқоли маблағҳо, муҳоҷирати меҳнатӣ, таносуби интиқоли маблағҳо, ҳиссаи интиқоли маблағҳо, аз ҷониби хонаводаҳо, пасандоз, маблағҳои муҳоҷирони меҳнатии содиршаванда.

## ВЛИЯНИЕ ГЛОБАЛЬНЫХ ПРОЦЕССОВ ТРУДОВОЙ МИГРАЦИИ НА НАЦИОНАЛЬНУЮ ЭКОНОМИКУ

В данной статье предполагается, что объем производства сократился, стабильного развития в экономике не наблюдалось, а также изменился рынок труда. Ограниченные возможности трудоустройства, рост безработицы и бедности, особенно среди сельской молодежи, вынуждают тысячи людей из страны ежегодно мигрировать в города и за границу. В настоящее время внешняя трудовая миграция осуществляется преимущественно из республики в Российскую Федерацию и Казахстан. Стремление наших иммигрантов работать в России зависит от того, что развивающаяся экономика и складывающаяся демографическая ситуация и миграционная политика Российской Федерации направлены на привлечение трудовых мигрантов. В статье рассматриваются следующие предложения: сумма денежных переводов трудовых мигрантов в страну; средний размер денежных переводов на одного трудящегося-мигранта; доля денежных переводов, потраченных домохозяйствами на текущее потребление, в общем объеме денежных переводов в страну; доля денежных переводов, хранимых домохозяйствами в качестве сбережений, в общем объеме денежных переводов, поступающих в страну; отношение денежных переводов, потраченных домохозяйствами на текущее потребление, в общей сумме денежных переводов в страну к доле денежных переводов, хранящихся домохозяйствами в виде сбережений, в общей сумме денежных переводов в страну; отношение денежных переводов трудовых мигрантов к ВВП страны.

**Ключевые слова:** квалифицированная оценка уровня образования, доля денежных переводов, сумма денежных переводов трудовых мигрантов, средний размер денежных переводов, трудовая миграция,

соотношение денежных переводов, доля денежных переводов, по домохозяйствам, сбережения, деньги вывезенных трудовых мигрантов.

**IMPACT OF GLOBAL LABOR MIGRATION PROCESSES ON THE NATIONAL ECONOMY**

This article assumes that output has declined, the economy has not been stable, and the labor market has changed. Limited employment opportunities, rising unemployment and poverty, especially among rural youth, are forcing thousands of people from the country to migrate annually to cities and abroad. Currently, external labor migration is carried out mainly from the republic to the Russian Federation and Kazakhstan. The desire of our immigrants to work in Russia depends on the fact that the developing economy and the emerging demographic situation and migration policy of the Russian Federation are aimed at attracting labor migrants. The amount of remittances of labor migrants to the country. Average remittances per migrant worker. Share of remittances spent by households on current consumption in total remittances to the country; the share of remittances held by households as savings in total remittances entering the country; the ratio of remittances spent by households on current consumption as a share of total remittances to the country to the share of remittances held by households as savings in total remittances to the country; the ratio of remittances from labor migrants to the country's GDP.

**Keywords:** qualified assessment of the level of education, the share of remittances, the amount of remittances of labor migrants, the average amount of remittances, labor migration, the ratio of remittances, the share of remittances, by households, savings, money of exported labor migrants.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Умарзода Навруз Нурулло –*** Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, муаллими калони кафедраи андоз ва андозбандӣ. **Суроға**: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистан, ш.Душанбе, кӯчаи Нахимов, 64/14. Телефон: **(+992) 918-95-93-93.** E-mail: **umar.0700@mail.ru**
***Раҳматов Бахтовард Қушиевич -*** Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, муаллими калони кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ. **Суроға**: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯчаи Нахимов, 64/1. Телефон: **931553686.** E-mail: **rbakhtovard@bk.ru**

**Сведения об авторах:** ***Умарзода Навруз Нурулло*** – Таджикский государственный финансово-экономический университет, кандидат экономических наук, старший преподаватель, кафедры налогов и налогообложения. **Адрес**: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Нахимова, 64/1. Телефон: **(+992) 918959393.** E-mail: **umar.0700@mail.ru**
***Рахматов Бахтовард Кушиевич -*** Таджикский государственный финансово-экономический университет, кандидат экономических наук, старший преподаватель кафедры бухгалтерского учета. **Адрес**: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Нахимова, 64/1. Телефон: **(+992) 931553686.** E-mail: **rbakhtovard@bk.ru**

**Information about the authors:** ***Umarzoda Navruz Nurullo*** – Tajik State University of Finance and Economics, Candidate of Economic Sciences, Senior Lecturer, Department of Taxes and Taxation. **Address**: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimova street, 64/1. Phone: **(+992) 918959393**. E-mail: **umar.0700@mail.ru**
***Rakhmatov Bakhtovard Kushievich*** - Tajik State University of Finance and Economics, Candidate of Economic Sciences, senior lecturer at the Department of Accounting. **Address**: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimova street, 64/1. Phone: **(+992) 931553686.** E-mail: **rbakhtovard@bk.ru**

ТДУ: 332.363

# МАФҲУМ ВА МОҲИЯТИ НАЗОРАТИ ИДОРАКУНӢ ДАР НИЗОМИ ИДОРАКУНӢ

*Икромова М.Х.*
**Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ**

Инкишофи назорати фаъолияти хоҷагидорӣ бо пайдоиши ҳисоби хоҷагӣ дар Мисри қадим (3400-2980 сол пеш аз милод) алоқаманд аст, ки он вақт баҳисобгирӣ дар папирус иҷро карда мешуд. Дар баробари инкишофи назорат методологияи он низ инкишоф ёфтан гирифт. Назорати амалиёти хоҷагиро се нафар пай дар пай ба амал мебароварданд. Нафари якум, дар папирус шумораи ашёҳои қиматнокро, ки барои рухсаткунӣ зарур буд қайд мекард, дуюмӣ ашёҳои хориҷшавандаро як тараф мемонд, сеюмӣ миқдори ашёи қиматноки ҷудокардашударо бо меъёрҳо муқоиса карда, майлкуниҳоро менавишт. Ҳамин тариқ, назорат аз болои равандҳои хоҷагӣ дар марҳилаҳои аввали рушди он ҳамчун амали мустақил аз иҷрокунандагони бевосита ба роҳ мондашуда бо ҳуҷҷатгузории амалиётҳои хоҷагидорӣ асос меёфт [3]. Яъне сарчашмаҳои таърихӣ аз қадимӣ будани пайдоиши назорат ва марҳила ба марҳила рушд намудани назорати хоҷагӣ шаҳодат медиҳанд.

Назорат ҳамчун воситаи амалигардонии идоракунӣ бо мақсади муҳофизати молу мулки корхона, иҷро гардидани нақшаҳои дарпешгузоштташуда, расидан ба ҳадафҳои муайяншуда, танзимкунӣ ва банизомдарории фаъолияти зерсохтор ва ё амали муайян ба роҳ монда шавад. Пешгӯинашавандагии муҳити муосири истеҳсолот ба он сабаб шуда метавонад, ки дар чунин вазъият истифодабарии усулҳои анъанавии баҳисобгирии хароҷот ва назорати идоракунӣ метавонад ба мушкили дучор гардад. Мушкилоти мавҷуда ва омилҳои манфие, ки ба назорати идоракунӣ таъсир мерасонанд, зарурати ҷорӣ намудани равишҳои тағйирпазир ва мутобиқшавандаи идоракуниро нишон медиҳанд. Муваффақияти қарорҳои қабулшудаи идоракунӣ аз бисёр ҷиҳат бо низоми дурусти баҳисобгирии хароҷот вобаста мебошад. Айни замон муҳити фаъолият ва рушди корхонаҳоро се гурӯҳи омилҳо муайян мекунанд: мураккабӣ – ба ҳаёти субъектҳои хоҷагидорӣ омилҳои зиёди муҳити берунӣ ва дохилии корхона таъсир мерасонад; динамизм - омилҳои таъсиррасон боҳам алоқаманд ва зуд тағйир ёфта, маҷмуи омилҳои гуногун ва моделҳои таъсиррасониро ба корхона вобаста ба хусусияти таъсири мутақобилаи онҳо эҷод мекунанд; мувофиқан, мураккабӣ ва динамизм номуайянии натиҷаҳоро ҳам аз иҷрои қарорҳои алоҳидаи идоракунӣ ва ҳам аз тамоми фаъолияти молиявию хоҷагидории корхона ба миён меорад [6].

Дар назария ва амалияи ватанӣ мафҳуми назорати идоракунӣ пештар истифода бурда намешуд. Ба туфайли назорати ҳамаҷонибаи мақомоти давлатӣ дар фаъолияти корхона, назорати идоракунии корхона талаб карда намешуд, зеро иқтисодиёти ба таври мутаммарказ идорашаванда, чунин механизмро пешбинӣ намекард. Бояд гуфт, ки дар шароити иқтисодиёти маъмурӣ-нақшавӣ дар доираи идоракунӣ воситаҳои алоҳидаи назорат ба мисли баҳисобгирии меъёрӣ, ҳисоби дохилихоҷагӣ, ҳисобгирии таҳлилӣ ва ғ., истифода бурда мешуд. Вале бо мавҷудияти механизми бисёрмасрафии идоракунӣ ва бузургҳаҷмии доираи фаъолияти корхона, истифодабарии танҳо унсурҳои алоҳидаи назорат бесамар гардид. Ба ғайр аз ин, рушди назариявии таърихӣ ва татбиқи амалии назорат дар низоми маъмурӣ-нақшавӣ бар хилофи кишварҳои дорои иқтисоди бозорӣ, бештар ба ҷиҳатҳои молиявию иқтисодии назорат нигаронида шуда буд, на ба ҷанбаҳои идоракунии он.

Алҳол, мавқеъ ва низоми идоракунӣ вобаста ба шароити иқтисодиёти бозорӣ ба куллӣ тағйир ёфта истодааст. Моликияти хусусӣ ҳамчун унсури механизми бозории идоракунии корхона фаъолияти назоратро ба муҳимтарин асбоби (унсури) идоракунии корхона табдил дода, вазифаи назоратии баҳисобгирии муҳосибӣ бар ивази хусусияти давлатии он торафт, бештар самти дохили (идоракуни)-ро касб мекунад. Дар ин шароит ташкили низоми назорати идоракунӣ дар пояи муносибатҳои байни воҳидҳои сохтории корхона аҳаммияти бузург пайдо мекунад, ки он муносибати сифатан навро ба мазмуни

назорат, нақш ва аҳаммияти он дар идоракунӣ, фаъол гардонидани раванди идоракунӣ ва иштироки роҳбарони ҳамаи сатҳҳоро дар ин раванд талаб менамояд.

Доираи васеи мафҳумҳо, ки барои муайян кардани моҳияти назорат истифода мешаванд ва бо як мафҳуми "назорат" баён мегарданд, аҳаммияти хосса, гуногунҷанба ва мураккабии онро муайян менамоянд. Ба ақидаи мо, асоси номуайянӣ ва номувофиқии муносибати мутахассисон оид ба ин масъала дар он аст, ки ба қадри кофӣ масъалаҳои назариявии назорат омӯхта ва кор карда нашудаанд. Илова бар ин, бисёр нуқтаҳои назарҳои гуногун оид ба таърифи моҳияти мафҳуми «назорат» ва мавҷудияти номутобиқатӣ дар равишҳои муаллифӣ боиси пайдо шудани ақидаҳои гуногун гардид, ки мафҳуми умумии назорат дар ин радиф гуногунранг васф карда мешавад.

Ин ҷо чанде аз ақидаҳои муаллифии олимонро вобаста ба муайянкунии мафҳуми назорат, мақсаду вазифаҳои он баррсӣ менамоем.

Дар асаре, ки зери таҳрири М.В. Мелник нашр шудааст, мафҳуми назорат чунин муайян карда шудааст: «Назорат (аз забони фаронсавии contrôle гирифта шуда, маънояш «санҷиши ҳисобҳо» мебошад –муаллиф) ин равандест, ки низомро барои расидан ба ҳадафҳои гузошташудааш таъмин мекунад ва аз се унсури асосӣ иборат аст: муқаррар намудани стандартҳои кори низом, ки бояд тафтиш карда шаванд; муқоиса кардани натиҷаҳои бадастомада бо натиҷаҳои пешбинишуда; тасҳеҳи равандҳои идоракунӣ, агар натиҷаҳои бадастомада аз меъёрҳои муқарраршуда фарқ кунанд» [4,с.7].

Ба ақидаи А.Д. Шеремет, «назорати идоракунӣ ин раванди таъсири роҳбарон ба кормандони корхона барои татбиқи самараноки стратегияи ташкилӣ мебошад» [9,с.400]. Стратегияи ташкилӣ нақшаи рушди корхонаро барои давраи дарозмуддат дар назар дорад, аммо фаъолиятҳо ҳамарӯза, пайваста анҷом дода ва танҳо бо мурури замон ба ҳадафҳои дарозмуддати муқарраршуда ноил мешаванд.

Чи тавре Муллахметов Х.Ш. қайд мекунад «назорат вазифаи аз ҳама волои идоракунӣ буда, бо дигар вазифаҳои он зич алоқаманд аст. Бидуни тақсимкунии расмиёти назорат вазифаҳои боқимондаи асосии идоракуниро (банақшагирӣ, ташкил, ҳавасмандкунӣ, қабули қарорҳои идоракунӣ, алоқа, идоракунӣ ва роҳбарӣ) самаранок иҷро кардан ғайриимкон аст» [6].

Маллинз Л. назоратро аз нигоҳи хосиятҳои равонию физикии инсонҳо таҳлил намуда, чунин менависад: «…одамон назоратро, пеш аз ҳама, ҳамчун зуҳури озодии худ, кашфи аломатҳо дар роҳи расидан ба ҳадафҳои муқарраршудаи худ меҳисобанд. Мардум рафтори нозиронро доимо мушоҳида карда, нисбат ба назоратчиён муносибати манфӣ зоҳир менамоянд» [5,с.890]. Ин омил бештар муносибати манфиро нисбат ба назорат дар муҳити тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми ташаккули муносибатҳои бозорӣ муайян мекунад, ки то имрӯз бартараф карда нашудааст.

Чунин андешаронии монандро Бойетт Д., низ иброз намудааст: «назорат ин хоҳиши одамон барои ҷорӣ кардани тартиботи муқарраршуда ва бароҳати чизҳост. Дар ин маврид яке аз сабабҳои асосии муқовимати мардум ба тағйирот дар он аст, ки одамон ба навоварӣ бархӯрд мекунанд, зеро талафоти онҳо натиҷаи назорат аз болои куҳнапарастист. Дар натиҷаи тағйирот одамон бояд худро тағйир диҳанд, вақте ин тағйиротҳо аз берун таҳмил карда мешаванд, бидуни таҳқиқоти дуруст ва фаҳмондадиҳӣ дар онҳо эҳсоси аз даст додани назорат бар ҳаёти худ пайдо мешавад [1,с.65-66]. Аз ин сабаб, бисёр одамон ҷои кор, ҷои зисти худро хеле дарднок иваз мекунанд.

В.В. Бурсев назоратро ҳамчун унсури муҳимми низоми идоракунӣ эътироф менамояд: «назорат, новобаста аз он ки дар кадом зербахш (звено) ё бахшҳои сохторӣ (функсионалӣ, равандӣ, ташкилӣ, технологӣ, фаъолият ва ғ.) амалӣ карда мешавад, шояд муҳимтарин унсури низоми идоракунӣ бошад. Бояд гуфт, ки дар адабиёти илмӣ назорат торафт бештар ҳамчун усули такмил додани идоракунӣ дар ҳамаи зербахшҳои корхона дида мешавад. Мафҳуми назоратро ҳам ба маънои маҳдуд – ҳамчун яке аз марҳилаҳои раванди идоракунӣ (ё ҳамчун яке аз вазифаҳои он маънидод кардан мумкин аст, ки чунин муносибат, дар марҳилаҳои ибтидоии рушди илми менеҷмент маъмул буд)

ва ба маънои васеътар – ҳамчун низом (ба низоми идоракунии корхона дохил карда мешавад) маънидод кардан мумкин аст, ки аз як қатор унсурҳо иборат мебошад» [2].

Ҳамчунин В.В. Бурсев дар раванди назорат, дар маҷмуъ, бояд кадом амалҳо иҷро карда шаванд, муайян кардааст: «назорати идоракунии корхона ба маънои маҳдуд ин аз ҷониби субъектҳои он, ки дорои ваколатҳои дахлдор мебошанд (яъне субъектҳои назорат) ё дар реҷаи автоматии аз ҷониби субъектҳои зикршуда ва таҳти назорати онҳо муайяншуда, амалӣ намудани амалҳои зерин мебошад: а) муайян кардани ҳолат ё амали воқеии зербахши идорашавандаи низоми идоракунии корхона (объекти назорат); б) муқоисаи маълумоти воқеӣ бо маълумоти зарурӣ, яъне бо пояи муқоисакунии дар корхона қабулшуда ё аз берун додашуда; в) баҳогузории тамоюлот аз ҳадди ниҳоии иҷозатдодашуда вобаста ба дараҷаи таъсири онҳо ба ҷанбаҳои фаъолияти корхона; г) муайян кардани сабабҳои ин тамоюлот [2].

Мо ба надешаҳои профессор С.Ф. Низомов розӣ мешавем, ки назоратро дар умум, ҳамчун яке аз функсияҳо ва механизмҳои идоракунӣ шуморида, чунин менависанд: «таҳлили нуқтаи назари мутахассисони мактабҳои гуногуни назарияи идоракунӣ, ки ин масъаларо ҳам дар Русия ва ҳам дар хориҷа омӯхтаанд, нишон дод, ки баъзе фарқиятҳо дар байни онҳо мавҷуд аст. Аммо, дар маҷмуъ, барои онҳо як чиз умумӣ аст, ки назоратро ҳамчун функсияи идоракунӣ ҳисоб мекунанд. Муайянкунии назорат ҳамчун вазифаи идоракунӣ бар он чиз далолат мекунад, ки барои анҷом додани ҳама гуна амали идоракунӣ ба менеҷер иттилоот лозим аст, ки таъминкунандаи он маҳз назорат буда, имкон медиҳад ҳама гуна равандҳо ва ҳодисаҳо пайгирӣ карда шавад» [7,с.59]. Ин ҷо мо танҳо илова карданӣ ҳастем, ки ба сифати таъминкунандаи иттилоот на танҳо назорат, балки низоми баҳисобгирии идоракунӣ ҳисоб меёбад.

Дар ҷои дигар С.Ф. Низомов назорати идоракуниро ҳамчун механизми идоракунӣ ҳисоб менамояд, ки барои баҳогузории фаъолияти менеҷерҳо равона гардидааст: «…назорати идоракунӣ дар худ механизмеро таҷассум мекунад, ки фаъолияти менеҷерҳои сегментҳои бизнесро барои иҷроиши вазифаҳои аз ҷониби роҳбарияти корхона муқарраршуда равона месозад ва имконияти ошкор кардан ва бартараф кардани тамоюлотро тавассути алоқаи баръакс бо зерсохторҳо фароҳам оварда, ҳавасмандии менеҷерҳоро ба миён меорад. Қисми таркибии муҳимми назорати идоракунӣ, коркарди маҳакҳои баҳогузории фаъолияти сегментҳои бизнес, марказҳои масъулият ва ҳавасмандии роҳбарони онҳо барои қабули қарорҳои оқилонаи идоракунӣ мебошад» [7,с.69].

Бо эътирофи дурустии нуктаҳои дар боло зикршуда оид ба вазифаҳои идоракунӣ ва нақши функсионалии назорат, бояд қайд кард, ки чунин муносибат якпорчагии раванди идоракунӣ ва иҷрои амалҳои муайяни роҳбарро оид ба назорат ва санҷиши фаъолияти объекти идорашаванда ифода мекунад.

Вобаста ба он, ки намудҳои гуногуни назорат вуҷуд дорад, ҳар кадоми онҳо бо унсурҳои гуногун хосанд: субъекти назорат, субъекте, ки қарор қабул мекунад; объекти назорат; субъекти назорат; мақсади назорат; вазифаҳои назорат; принсипҳои назорат; усулҳои назорат; техника ва технологияи назорат; раванди назорат.

Назорати идоракунӣ – ин назорати раванди идоракунӣ, фаъолияти идоракунӣ, қабули қарорҳо ва татбиқи онҳо дар шакли таъсири идоракунӣ мебошад. Дар асл, ин амали бевоситаи назорат ҳамчун вазифаи идоракунӣ мебошад.

Субъектҳои назорат мисли объектҳои назорат зиёд ва гуногунанд. Субъектҳои назорат одамон, муассисаҳои иҷтимоӣ, давлат ва ғайра мебошанд.

Намудҳои зерини назоратро аз ҳам ҷудо мекунанд, ки субъекти он шахс аст: худидоракунӣ, танзимгарӣ, касбӣ, коргарӣ, тафтишотӣ ва ғайра. Мисолҳои назорате, ки дар он гурӯҳҳои одамон ҳамчун субъект баромад мекунанд, инҳоянд: назорати оилавӣ, назорати гурӯҳӣ, назорати синфӣ, назорати ҷамъиятӣ ва ғ. Ба намудҳои назорате, ки дар он корхонаҳо бо иштироки одамон, ки субъекти онҳо мебошанд, дохил мешаванд: давлатӣ, ҷамъиятӣ, дохилӣ, берунӣ, шуъбаи назорати техникӣ, назорати гумрукӣ ва ғ.

Дар вақти муайян кардани нақши назорати идоракунӣ дар низоми идоракунии корхонаҳои сохтмонӣ чунин пиндоштан мумкин аст, ки идоракунӣ ҳамчун низоми

пешбар ва назорати идоракунӣ ҳамчун звенои мададгор мебошад. Вазифаи назорати идоракунӣ аз он иборат аст, ки ҷараёни иттилооти воридшаванда ва пешниҳодшавандаро мувофиқи талаботи низоми идоракунӣ, аз ҷумла идоракунии ҳам корхона дар умум ва ҳам воҳидҳои сохтории онро танзим менамояд (расми 1).

Низоми идорашаванда бо низоми идоракунанда ба воситаи шуъбаҳои функсионалӣ ва хадамоти идоракунии корхона ҳамкорӣ мекунад. Алоқаи баръакс бо низоми идорашаванда тавассути иттилооти назорати идоракунӣ амалӣ карда мешавад, ки он бо роҳи механизми шабакаҳои алоқа ба менеҷерҳо барои қабули қарорҳои идоракунӣ расонида мешавад.

**Расми 1. Мавқеи назорати идоракунӣ дар низоми идоракунии ширкати сохтмонӣ [8,с.27]**
**Figure 1. The position of management control in the management system of the construction company**




Тадқиқотҳо нишон медиҳанд, ки мафҳумҳои “назорати дохилихоҷагӣ”, “назорати дохилӣ”, “низоми назорати дохилӣ”, “назорати дохилии идоракунӣ”, “назорати идоракунӣ” аз ҷониби олимон ва мутахассисон номувофиқ ва нобарҷо истифода мешаванд. Ин ҳолат натиҷаи мавқеи ягона надоштани ҳамаи иштирокчиёни манфиатдор дар шарҳу тавзеҳ ва маънидодкуниҳои мафҳумҳои болозикр ва нокифоягии заминаи консептуалии низоми назорати идоракунӣ мебошад. Азбаски назорати идоракунӣ ҳам ба низоми менеҷмент ва ҳам ба баҳисобгирии идоракунӣ хос аст, дар байни иқтисодчиён ҷудокунии дақиқи ҳудуди фаъолияти назорати идоракунӣ дар доираи ин низомҳо мушоҳида намешавад.

Амалия нишон медиҳад, ки ин мушкилот махсусан ба ташаккули методологияи низоми назорати идоракунӣ бевосита таъсир мерасонад. Вазъияти ҳозира аз он сабаб аҳаммияти махсус пайдо мекунад, ки роҳҳо, усулҳо ва шаклҳои ташкили низоми назорати идоракунӣ бо санадҳои меъёрӣ ба ҳеҷ ваҷҳ танзим карда нашудаанд. Ҳамин тариқ, мавҷуд набудани заминаи консептуалӣ ва нуқтаи назари ягона оид ба ин масъала дар байни иқтисодчиён барои тафсири норавшани муқаррароти назариявӣ сабаби асосӣ гашта, дар рушди минбаъдаи асосҳои илмию методии низоми назорати идоракунӣ монеаи ҷиддӣ мегардад.

Аз ин таҳлилҳо ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки дар амалия вобаста ба истифодаи истилоҳи «назорат» ду равиш вуҷуд дорад (ҷадвали 1). Дар равиши аввал, назорат ин мониторинг, санҷиши фаъолияти кормандон, равандҳо ва объектҳо, яъне он ҳамчун амал мебошад, дар равиши дуюм, ҳукмронӣ бар одамон, вазъият, корхонаҳо, имконияти муайян кардани ҳолат ва инкишофи онҳо, ба онҳо таъсири ҳалкунанда расондан дар назар дошта мешавад. Равиши аввал, назоратро ҳамчун манбаи иттилоот дар назар дорад, равиши дуюм бошад, онро бо қудрат шабоҳат медиҳад. Агар равиши аввал, раванди назоратро ҳамчун марҳилаи муайяни даври идоракунӣ, яъне, ҳамчун амал инъикос намояд, пас равиши дуюм, натиҷаи амалинамоии механизми идоракунӣ, яъне асбоби таъсиррасонии идоракунӣ меҳисобад.

Имрӯз назорат дар ҷомеа ҳамчун падидаи хеле гуногунмаъно қабул карда мешавад ва зуҳуроти зиёде дорад. Муайянкунии назорат ба тағйирнопазирии даври амалҳои доимӣ ва ба ҳам алоқаманд дар сурати ошкор шудани тамоюлот асос меёбад, ки ин боиси зарурати муайян кардани мафҳуми «назорати идоракунӣ» мегардад.

**Ҷадвали 1. Равишҳо зимни истифодабарии назорат дар фаъолияти амалӣ**
**Table 1. Approaches to the use of supervision in practice**

| Хусусият / Равиш | Истифодаи амалӣ (амалҳои назоратӣ) | Нақши он дар баҳисобгирии идоракунӣ | Истифодабарӣ дар низоми идоракунӣ | Намудҳои назорат |
|---|---|---|---|---|
| Назорат ҳамчун манбаи иттилоот | Мониторинг, тафтиши равандҳо ва объектҳо, фаъолияти одамон | Назорат – амал (назорат ҳамчун марҳилаи даври идоракунӣ) | Сатҳи поёнӣ ва миёнаи идоракунӣ | Амалиётӣ ва қисман идоракунӣ (пешакӣ ва ҷорӣ) |
| Назорат ҳамчун асбоби қудрат | Имконияти муайянкунии ҳолат ва рушди корхона, вазъият ва таъсирарсонии ҳалкунанда бар онҳо | Назорат – механизм (ҳамчун асбоби таъсиррасонии идоракунӣ) | Сатҳи болоӣ ва миёнаи идоракунӣ | Стратегӣ ва қисман идоракунӣ (ҷорӣ ва хотимавӣ) |

Манбаъ: Муаллиф дар асои омӯзиши адабиёт таҳия намудааст.

Бинобар ин, «назорати идоракунӣ» дар дохили корхона нисбат ба унсурҳои таркибии он ва объектҳои ба он тааллуқдошта аз ҷониби субъектҳои ҳамин корхона бо мақсади ба таври кофӣ амалӣ намудани қарорҳои қабулшудаи идоракунӣ амалӣ карда мешавад.

Ҳолатҳое мавҷуданд, ки дар амал татбиқ намудани назорати идоракуниро маҳдуд мегардонанд. Дар байни сабабҳои имконпазири маҳдудкунандаи истифодаи назорати идоракунӣ, мо инҳоро қайд мекунем:

- мавҷуд набудани андешаи ягонаи олимони муосир оид ба субъект ва объекти назорати идоракунӣ, ҳамчун унсури низоми баҳисобгирии идоракунӣ;
- консерватизми тафаккури идоракунии шумораи зиёди роҳбарон ва менеҷерҳо;
- мавқеи ин намуди фаъолияти назоратӣ дар низоми назорати иқтисодӣ муайян карда нашудааст;
- мавҷуд набудани заминаи ягонаи консептуалӣ барои муайян кардани самаранокии иттилоот барои истифодабарандагони дохилӣ;
- сатҳи нокифояи таҳияи заминаи методологии баҳогузории самаранокии иттилооти баҳисобгирии идоракунӣ;
- дараҷаи муайянӣ, сохторнокӣ ва дар ниҳояти кор, сатҳи дастрас будани коркардҳои назариявӣ ва методологии таҳияшуда барои истифодабарии амалӣ.

Ба андешаи мо, барои татбиқи амалии назорати идоракунӣ ҳадди ақал ду шарт бояд риоя карда шавад:

- пешниҳод намудани маҷмуи мафҳумҳо ва низоми нишондиҳандаҳои баҳогузории марбут ба назарияи назорати идоракунӣ;
- таҳия кардани равишҳои методологии баҳодиҳии самаранокии иттилооти баҳисобгирӣ ва буҷетӣ, ки мумкин аст бо ёрии онҳо низоми назорати идоракунӣ бунёд карда шуда, хосиятҳои мутобиқшавии идоракунии корхона таъмин гардад.

Дар охир бояд қайд намуд, ки сарфи назар аз маънидодкуниҳои гуногуни мафҳуми «назорати идоракунӣ», ки он дар шароити муосир дорои хусусиятҳои кофие мебошад, ки имкон медиҳад дар бораи мустақилият ва ҷудо будан аз дигар мафҳумҳои шабеҳи он сухан иброз намоем. Дар баробари ин, маълум аст, ки таҳиякунӣ ва асосноккунии мафҳуми умумии «назорати идоракунӣ», ки ҳарчанд, агар дорои муҳтавои камтарин бошад ва ё нишондодҳои камтарини татбиқи амалҳои назоратиро муқаррар менамояд, ҳам дар таҳияи назария ва консепсияи барпо намудани низоми назорати идоракунӣ, дар субъектҳои хоҷагӣ ҳамчун қадами аввалиндараҷа муҳим аст.

**Муқарриз: д.и.и., профессори ДМТ – Низомов С.Ф.**

## АДАБИЁТ


1. Бойетт Д.Г. Путеводитель по царству мудрости: лучшие идеи мастеров управления / Д.Г. Бойетт, Т. Джимми. -М.: ЗАО «Олимп-Бизнес», 2004. -416 с.

2. Бурцев В.В. теоретические вопросы управленческого контроля. [Электронный ресурс]. URL: https://cyberleninka.ru/article/n/teoreticheskie-voprosy-upravlencheskogo-kontrolya
3. Голикова О.И., Голикова О.В. Этапы развития управленческого контроля и аудита. [Электронный ресурс]. URL: https://cyberleninka.ru/article/n/etapy-razvitiya-upravlencheskogo-kontrolya-i-audita.
4. Контроль и ревизия: учебное пособие / под ред. М.В. Мельник. -М., 2011.
5. Маллинз Л. Менеджмент и организационное поведение: Учеб.-практ. Пособие / Л. Маллинз. -Минск: Новое знание, 2003. -1039 с.
6. Муллахметов Х.Ш. Управленческий контроль в современных условиях: теоретические аспекты. [Электронный ресурс]. URL: https://cyberleninka.ru/article/n/upravlencheskiy-kontrol-v-sovremennyh-usloviyah-teoreticheskie-aspekty
7. Низомов, С.Ф. Развитие методологии и организации управленческого учета в строительном комплексе (на примере Республики Таджикистан): диссертация на соискание ученой степени доктора экономических наук, специальность 08.00.12 "Бухгалтерский учет, статистика / С.Ф. Низомов. –М., 2011. -482 с. – EDN QFLJBH
8. Низомов С.Ф. Управленческий учет и контроль в строительстве: теория, методология и практика: Монография / С.Ф. Низомов. -Душанбе: Соњибкор, 2013. -272 с.
9. Низомов, С.Ф. Методологические аспекты формирования концепции управленческого контроля в системе управленческого учета / С.Ф. Низомов // Вестник Таджикского национального университета. Серия экономических наук. – 2014. -№2/10(152). –часть 1. -С.41-49. – EDN VBGOSJ.
10. Низомов С.Ф. Система оценочных показателей управленческого контроля / С.Ф. Низомов // Вестник университета (Российско-Таджикский (славянский) университет). – 2010. -№4. -С.70-80. – EDN NCTHSF.
11. Низомов С.Ф. Теоретические положения управленческого контроля в системе управленческого учета / С.Ф. Низомов, Д. Ураков // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2014. -№2/10(152). –часть 2. -С.40-47. – EDN VBGPMJ.
12. Низомов, С.Ф. Формировании элементов управленческого контроля в системе управленческого учета / С.Ф. Низомов, Хушвахтзода К.Х. // Известия Иссык-Кульского форума бухгалтеров и аудиторов стран Центральной Азии. – 2020. -№3(30). -С.206-210. – EDN FIVEVU.
13. Управленческий учет: учебное пособие / под ред. А.Д. Шеремета. –М.: ИД. ФБД–ПРЕСС, 1999. -512 с.

## МАФҲУМ ВА МОҲИЯТИ НАЗОРАТИ ИДОРАКУНӢ ДАР НИЗОМИ ИДОРАКУНӢ

Дар мақолаи илмӣ асосҳои назариявию методологии назорати идоракунӣ омӯхта шуда, нуқтаи назари олимони ватанию хориҷии соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ ва менеҷмент таҳлил карда шуда, ақидаи муаллифӣ нисбат ба мафҳуми назорат пешниҳод карда шудааст. Назорат ҳамчун воситаи амалинамоии идоракунӣ бо мақсади муҳофизати молу мулки корхона, иҷро гардидани нақшаҳои дарпешгузошташуда, расидан ба ҳадафҳои муайяншуда, банизомдарорӣ ва танзими фаъолияти зерсохтор ва ё амали муайян ба роҳ монда мешавад. Инчунин, дар мақола муайян карда шудааст, ки моликияти хусусӣ ҳамчун унсури механизми бозории идоракунии корхона, сабаби фаъолгардии назорат гашта, онро ба муҳимтарин асбоби идоракунии корхона табдил додааст, ки дар натиҷа, вазифаи назоратии баҳисобгирии муҳосибӣ бар ивази хусусияти давлатии он, торафт самти дохилиро касб намудааст. Дар ин шароит ташкили низоми назорати идоракунӣ дар пояи муносибатҳои байни воҳидҳои сохтории корхона аҳаммияти бузург пайдо мекунад, ки он муносибати сифатан навро ба мазмуни назорат, нақш ва аҳаммияти он дар идоракунӣ, фаъол гардонидани раванди идоракунӣ ва иштироки роҳбарони ҳамаи сатҳҳоро дар ин раванд талаб менамояд. Илова бар ин, дар мақола ақидаҳои олимону мҳаққиқон таҳлил ва ҷамъбаст карда шуда, нақши назорат барои расидан ба ҳадафҳои гузошташуда дар корхона муҳим арзёбӣ шуда, аз се унсури асосӣ иборат будани он қайд гардидааст: муқаррар намудани стандартҳои кори низоми идоракунӣ, ки бояд тафтиш карда шаванд; муқоиса кардани натиҷаҳои бадастомада бо натиҷаҳои пешбинишуда; тасҳеҳи равандҳои идоракунӣ, агар натиҷаҳои бадастомада аз меъёрҳои муқарраршуда фарқ кунанд.

**Калидвожаҳо**: идоракунӣ, назорати идоракунӣ, назорати дохилӣ, назария, ақидаҳои муаллифӣ, намудҳои назорат.

## СУЩНОСТЬ И ЗНАЧЕНИЕ УПРАВЛЕНЧЕСКОГО КОНТРОЛЯ В СИСТЕМЕ УПРАВЛЕНИЯ

В научной статье исследуется теоретико-методологические основы управленческого контроля, проанализированы взгляды отечественных и зарубежных ученых в области учета и менеджмента, и представлена авторская трактовка по определению понятия контроля. Контроль является механизмом управления, целью которого считается защита имущества компании, выполнение запланированных работ, достижение поставленных целей, регулирование и систематизация деятельности структурных подразделений или определенных действий. Также в статье определено, что частная собственность как элемент рыночного механизма управления предприятием послужила причиной активизации контроля и превратила его в важнейший инструмент управления предприятием, в результате чего задача управленческого контроля вместо его государственного характера все больше приобретает внутреннюю направленность. В этих условиях большое значение приобретает организация системы управленческого контроля на основе взаимодействий между структурными подразделениями предприятия, что требует качественно нового подхода к содержанию контроля, его роли и значения в управлении, активизации процесса управления и участия руководителей всех уровней в этом процессе. Кроме того, в статье анализируются и обобщаются мнения ученых и исследователей в

отношении признания роли контроля в достижении поставленных на предприятии целей, и подчеркиваются три основных его элементов: установление стандартов работы системы управления, которую необходимо проверить; сравнение полученных результатов с ожидаемыми результатами; корректировка отклонений в значениях, если полученные результаты отличаются от установленных стандартов.

**Ключевые слова:** управление, управленческий контроль, внутренний контроль, теория, авторские трактовки, виды контроля.

**ESSENCE AND SIGNIFICANCE OF MANAGEMENT CONTROL IN THE MANAGEMENT SYSTEM**

The scientific article explores the theoretical and methodological foundations of managerial control, analyzes the views of domestic and foreign scientists in the field of accounting and management, and presents the author's interpretation of the definition of the concept of control. Control is like a management mechanism, the purpose of which is to protect the company's property, perform planned work, achieve goals, regulate and systematize the activities of structural units or certain actions. Also, the article determines that private property as an element of the market mechanism of enterprise management caused the activation of control and turned it into the most important tool for enterprise management, as a result of which the task of managerial control, instead of its state character, increasingly acquired an internal orientation. Under these conditions, the organization of a management control system based on interactions between structural divisions of an enterprise is of great importance, which requires a qualitatively new approach to the content of control, its role and significance in management, activation of the management process and the participation of managers at all levels in this process. In addition, the article analyzes and summarizes the opinions of scientists and researchers regarding the recognition of the role of control in achieving the goals set at the enterprise, and emphasizing its three main elements: setting standards for the operation of the management system that needs to be checked; comparison of the obtained results with the expected results; correction of deviations in values if the obtained results differ from the established standards.

**Keywords:** management, managerial control, internal control, theory, author's interpretations, types of control.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Икромова Малохат Холовна*** – Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ, ассистенти кафедраи иқтисодиёт ва идоракунӣ дар сохтмон. **Суроға**: 734042, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯчаи академикҳо Раҷабовҳо 10. Телефон: **917-52-31-68;009-90-55-16.** E-mail: **malo-8989@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Икромова Малохат Холовна*** – Таджикский технический университет имени академика М.С. Осими, ассистент кафедры экономики управления в строительстве. **Адрес:** 734042, Республика Таджикистан, г Душанбе, улица академиков Раджабовых, 10. Телефон: **917-52-31-68; 009-90-55-16**. E-mail: **malo-8989@mail.ru**

**Information about the author:** ***Malokhat Kholovna Ikromova*** – Tajik Technical University named after academician M.S. Osimi, assistant at the Department of Management Economics in Construction. **Address**: 734042, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Academicians Radjabov Street, 10. Phone: **917-52-31-68; 009-90-55-16**. E-mail: **malo-8989@mail.ru**

ТДУ: 338+334.75(575.3)

# ҲАВАСМАНДГАРДОНИИ БАХШИ ХУСУСӢ - ОМИЛИ РУШДИ КОРХОНАҲОИ ХУРДУ МИЁНА ДАР МИНТАҚАИ РАШТ

*Ҷонмамадов Ш.Б., Деҳқонов С.А.*
**Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон**

Рушди бахши хусусӣ дар иҷроиши буҷети ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ нақши калидиро дорад. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар низоми иқтисоди бозорӣ қарор дошта, ба масъалаҳои ҳарчи бештар устувор гардонидани нақш ва мақоми бахши хусусӣ дар иқтисодиёти мамлакат аҳаммияти аввалиндараҷаро зоҳир менамояд. Чуноне, ки Сафоев Ҳ.С. мегӯяд "шарикии давлат ва бахши хусусӣ бартарии стратегии рақобатии иқтисодии ватанӣ мебошад" [13,с.15]. Инчунин, дар қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ омадааст, ки "таҳияи дастурҳои техникӣ-методологӣ барои лоиҳаи шарикӣ" омили сариватқтист [6,с.6]. Ва нақши калидиро дар иҷроиши буҷети кишвар ва рушди иқтисодии он фаъолияти соҳибкорӣ мебозад. Дар замони мусоир, ки замони техникаю технология мебошад ва татбиқи рушди фаъолияти соҳибкориро бо тағйиротҳои техникаю технологияи муосир мувофиқ насохтан ғайри имкон мебошад. Маҳз фаъолияти соҳибкорӣ ва танзими муносибатҳое, ки вобаста ба амалӣ намудани он ба вуҷуд меояд, омӯзиши ҳаматарафаи ин намуди фаъолияти иқтисодиро дар давраи гузариш ба иқтисоди бозорӣ талаб менамояд. Мутаффакирони иқтисодчи аз асрҳои миёна оиди фаъолияти соҳибкорӣ диққати ҷиддӣ медоданд. Мафҳуми соҳибкор ва соҳибкориро аввалин маротиба иқтисодчии англис Ричард Кантилон дар соли 1725 дар аввали асри XVIII истифода намудааст. Ба ақидаи ӯ: «Соҳибкор шахсе мебошад, ки дар шароити хатари таваккалӣ кор карда метавонад». Ричард Кантлион сарчашмаи боигариро дар мавҷудияти ду омили асосӣ: «замин ва меҳнат» медонист [15,с.8].

Баъдтар иқтисодчии намоёни фаронсавӣ дар охири асри XVIII ва аввали асри XIX Жан Батист Сэй (солҳои 1767-1832) назарияи худро роҷеъ ба соҳибкорӣ пешниҳод намуда, бо нуктаи назари Ричард Кантилон ҳамовоз буд, вале вобаста ба инкишофи давру замон ва талаботҳои одамон омили сеюми ба даст овардани сарватро пешниҳод намуд, ки он «сармоя» буд.

Маҳфуми «соҳибкорӣ» аз калимаи фаронсавӣ пайдо шуда, маънои «соҳиби кор» ва «миёнарав»-ро ифода менамояд. Ҳамчунин Бозоров Ш.Ш. қайд менамояд, ки "агар шахс ташаббуси эҷодӣ, диди солим, инчунин, малакаи таваккал карданро надошта бошад, соҳибкорӣ ғайриимкон аст" [3,с.21].

Соҳибкорӣ – ҳамчун иҷрои ягон кор, андешидани тадбир, фаъолият, шуғл, шавқ, ё худ иҷрои ягон амалиёте, ки ба ташкилкунандаи он ягон хел даромад (фоида)-ро таъмин менамяод, тасаввур карда мешавад [10,с.195].

Имрӯзҳо аз ҷониби ҳукумати мамлакат, ба фаъолити соҳибкорӣ диққати аввалиндараҷа зоҳир намуда, барои рушди соҳибкорӣ, ҳавасманд гардонидани ин фаъолияти муҳимми иқтисодӣ имтиёзҳои нав ба нав дар кишварамон роҳандозӣ мегардад. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Пайём ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 26.12.2018 чунин таъкид намуданд: Барои тақвият бахшидан ба фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ, зарур мешуморам, ки солҳои 2019-2020 тамоми санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ манъ карда, муқарраротиҚонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мораторий ба санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ" ба ҳамаи мақомоти санҷишу назорат ва ҳифзи ҳуқуқ, аз ҷумла Прокуратураи генералӣ, Палатаи ҳисоб, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия, Бонки миллӣ ва мақомоти андозу гумрук татбиқ карда шаванд [11,с.8].

Ҳамчунин Пешвои миллат дар Паёмашон санаи 23.12.2022 чунин қайд намуданд, ки "то имрӯз ба онҳо беш аз 120 намуди имтиёзу сабукиҳои андозиву гумрукӣ пешниҳод

шуда, шумораи сохторҳои бақайдгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ аз 4 ба 1 кам гардида, хизматрасони дар ин самт ба таври ройгон ба роҳ монда шудааст” [12,с.6].

Бояд қайд намуд, ки афзоиши шумораи субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ, ин афзоиши манбаъҳои нави андозбандӣ мебошад. Ва манбаъҳои нави андозбандӣ дар иҷроиши буҷети кишвар нақши муасирро доро мебошанд ва читавре, ки аз таҳқиқотҳо бармеояд, “мафҳуми андоз таърихи қадима дошта, ҳатто Т.Ю. Юткина мегӯяд, ки мафҳуми андоз ба маънои таърихӣ – фалсафиаш аз мафҳуми давлат қадимтар аст” [4,с.19].

Соҳибкории инфиродӣ – фаъолияти мустақилонаи шахси воқеӣ мебошад, ки бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ аз номи худ ва таваккалона бо масъулияти амволии худ, ба гирифтани фоида (даромад) равона карда шудааст [14,с.365].

Субъектҳои соҳибкории хурд шахси ҳуқуқие мебошанд, ки шумораи миёнаи кормандон дар давраи соли тақвимӣ на зиёдтар аз 30 нафар, барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ то 50 нафар мебошад. Ҳамчунин даромади умумии онҳо дар як сол то 1 миллион сомонӣ аст. Ва чуноне, ки Шарофова Ч.Р. қайд мекунад “аҳаммияти соҳибкории хурд дар ҳалли масъалаҳои иҷтимоии ҷомеаи муосир, бахусус бекорӣ, хело бузург ва арзанда аст” [16,с.173].

Субъектҳои соҳибкории миёна шахси ҳуқуқие мебошанд, ки шумораи миёнаи кормандон дар давраи соли тақвимӣ аз 30 то 100 нафар, вале барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ аз 50 то 200 нафар мебошад. Инчунин, даромади умумии онҳо дар як сол аз 1 миллион сомонӣ то 25 миллион сомонӣ аст.

Субъектҳои соҳибкории калон шахси ҳуқуқие мебошанд, ки шумораи миёнаи кормандон дар давраи соли тақвимӣ зиёда аз 100 нафар, вале барои истеҳсолкунандагон маҳсулоти кишоварзӣ зиёда аз 200 нафар мебошад. Ҳамчунин даромади умумии онҳо дар як сол аз 25 миллион сомонӣ зиёд аст [7,с.2]. Доир ба ҳаҷми даромади умумии фаъолияти соҳибкорӣ Маҳмудов С.М. қайд менамояд, ки “...меъёрҳои даромад бояд зиёд муайян карда шавад, то ин ки ҳаракати сармоя ба онҳо фаъол гардад” [9,с.184].

Бояд тазаккур дод, ки соҳибкорони маҳаллии ноҳияҳои минтақаи Рашт низ аз имтиёзҳои пайвастаи ҳукумати кишвар илҳом гирифта, фаъолияташон рӯз аз рӯз афзуда истодааст. Ва дар корҳои ободонии маҳал ва кишвари азизамон пайваста саҳмгузорӣ менамоянд. Шумораи субъектҳои соҳибкорӣ дар ноҳияи Рашт дар ҷадвали зерин оварда шудаанд.

**Ҷадвали 1. Афзоиши шумораи соҳибкорони ноҳияи Рашт дар солҳои 2012-2021**
**Table 1. Growth of the number of entrepreneurs in Rasht district in 2012-2021**

| **Таснифи шумораи соҳибкорон** | **Солҳо** | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | **2012** | **2013** | **2014** | **2015** | **2016** | **2017** | **2018** | **2019** | **2020** | **2021** | **Таносуби 2021/2012** | |
| | | | | | | | | | | | **адад** | **бо %** |
| Патент(шаҳодатнома бо шартҳои махсус) | 447 | 351 | 396 | 415 | 478 | 544 | 665 | 660 | 707 | 781 | 334 | 74,2 |
| Шаҳодатнома | 160 | 174 | 121 | 119 | 131 | 87 | 90 | 89 | 91 | 119 | -41 | -25,6 |
| Шаҳодатномаи шахсони ҳуқуқӣ | 292 | 375 | 368 | 371 | 356 | 327 | 299 | 283 | 269 | 270 | -22 | -7,5 |
| Хоҷагиҳои деҳқонӣ | 815 | 1389 | 1669 | 2093 | 2326 | 2455 | 2579 | 2659 | 2688 | 2734 | 1919 | 235,4 |

Манбаъ: Равзани ягонаи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон www.andoz.tj; сайти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон www.stat.tj

Чи тавре ки аз ҷадвали 1 бармеояд, шумораи соҳибкороне, ки фаъолияташонро дар асоси патент (шаҳодатнома бо шартҳои махсус) ва хоҷагиҳои деҳқонӣ ба роҳ мондаанд, дар ноҳияи Рашт соли 2021 нисбат ба дигар солҳои таҳлилшаванда афзоиш ёфта, шумораи соҳибкороне, ки фаъолияти худро дар асоси шаҳодатномаи соҳибкорони инфиродӣ ва шаҳодатномаи шахси ҳуқуқӣ ба роҳ мондаанд, дар соли 2013 нисбат ба дигар солҳои зиёдтар машғули кору фаъолият буданд.

Вобаста ба тағйирёбии шумораи субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ, ҳаҷми гардиши савдо низ дар ноҳияи Рашт тағйир меёбад ва вазъи ҳаҷми гардиши савдо дар ноҳияи Рашт дар диаграммаи зерин оварда шудааст.

**Диаграммаи 1. Ҳаҷми умумии гардиши савдо дар ноҳияи Рашт барои солҳои 2015-2021 (бо ҳаз. сомонӣ)**

**Diagram 1. The total volume of trade turnover in Rasht district for the years 2015-2021 (in Somoni thousand)**




Аз таҳлили диаграммаи 1 бармоеяд, ки ҳаҷми гардиши савдо дар ноҳияи Рашт дар соли 2021 нисбат ба соли 2015, 13063,6 ҳазор сомонӣ ё 12,5% зиёд гардидааст.

Инчунин, шумораи субъектҳои соҳибкорӣ дар ноҳияи Нуробод низ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шуда, натиҷааш дар ҷадвали 2, оварда шудааст.

**Ҷадвали 2. Афзоиши шумораи соҳибкорони ноҳияи Нуробод дар солҳои 2012-2021**
**Table 2. Growth of the number of entrepreneurs in Nurabad district in 2012-2021**

| Таснифи шумораи соҳибкорон | Солҳо | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | Таносуби 2021 /2012 адад | бо % |
| Патент (шаҳодатнома бо шартҳои махсус) | 281 | 332 | 270 | 275 | 265 | 231 | 226 | 249 | 267 | 291 | 10 | 3,5 |
| Шаҳодатнома | 54 | 72 | 62 | 56 | 60 | 61 | 61 | 66 | 62 | 75 | 21 | 38,8 |
| Шаҳодатномаи шахсони ҳуқуқӣ | 95 | 127 | 157 | 166 | 172 | 191 | 193 | 195 | 203 | 199 | 104 | 109,4 |
| Хоҷагиҳои деҳқоной | 217 | 369 | 446 | 468 | 545 | 578 | 589 | 609 | 753 | 785 | 568 | 261,7 |

Манбаъ: Равзани ягонаи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон www.andoz.tj; сайти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоқикистон www.stat.tj

Чи тавре ки аз ҷадвали 2 бармеояд, шумораи соҳибкороне, ки фаъолияташонро дар асоси патент (шаҳодатнома бо шартҳои махсус) ба роҳ мондаанд, дар ноҳияи Нурободдар соли 2013 нисбат ба дигар солҳои таҳлилшаванда афзоиш ёфта, шумораи соҳибкороне, ки фаъолияти худро дар асоси шаҳодатномаи соҳибкорони инфиродӣ ва хоҷагии деҳқонӣ ба роҳ мондаанд, дар соли 2021 нисбат ба солҳои таҳлилшуда зиёдтар ба фаъолият машғул буда, ҳамзамон шумораи соҳибкороне, ки фаъолияташонро дар шакли шаҳодатномаи шахсони ҳуқуқӣ ба роҳ мондаанд, дар соли 2020 нисбат ба дигар солҳо зиёд гардидаанд.

Дар ноҳияи Нуробод вобаста ба тағйирёбии шумораи субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ, ҳаҷми гардиши савдо низ тағйир меёбад ва вазъи ҳаҷми гардиши савдо дар ноҳияи Нуробод дар диаграммаи зерин оварда шудааст.

**Диаграммаи 2. Ҳаҷми умумии гардиши савдо дар ноҳияи Нуробод барои солҳои 2015-2021 (бо ҳаз. сомонӣ)**
**Diagram 2. The total volume of trade turnover in Nurabad district for the years 2015-2021 (in Somoni thousand)**




Аз таҳлили диаграммаи 2 бармеояд, ки ҳаҷми гардиши савдо дар ноҳияи Нуробод дар соли 2021 нисбат ба соли 2015, 34080,6 ҳазор сомонӣ ё 56,7% зиёд гардидааст.

Дар таҳқиқи мақола нишондиҳандаҳои омории ноҳияҳои Тоҷикобод низ мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд, ки дар ҷадвали 3 нишон дода шудаанд.

**Ҷадвали 3. Афзоиши шумораи соҳибкорони ноҳияи Тоҷикобод дар солҳои 2012-2021**
**Table 3. Growth of the number of entrepreneurs in Tajikabad district in 2012-2021**

| Таснифи шумораи соҳибкорон | Солҳо | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | | | | | | Таносуби 2021 /2012 | |
| | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | адад | бо % |
| Патент (шаҳодатнома бо шартҳои махсус) | 139 | 51 | 68 | 89 | 95 | 99 | 114 | 105 | 120 | 134 | -5 | -3,5 |
| Шаҳодатнома | 45 | 88 | 90 | 95 | 115 | 116 | 117 | 117 | 124 | 139 | 94 | 208,8 |
| Шаҳодатномаи шахсони ҳуқуқӣ | 115 | 158 | 154 | 155 | 153 | 144 | 142 | 141 | 142 | 142 | 27 | 23,4 |
| Хоҷагиҳои деҳқонӣ | 285 | 411 | 490 | 705 | 863 | 999 | 1074 | 1124 | 1187 | 1305 | 1020 | 357,8 |

Манбаъ: Равзани ягонаи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон www.andoz.tj, сайти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон www.stat.tj

Аз таҳлили ҷадвали боло маълум гардид, ки фаъолияти соҳибкорон дар асоси патент (шаҳодатнома бо шартҳои махсус) фаъолияткунанда дар солҳои таҳлилгардида таназзул намуда, фаъолияти соҳибкорони дар асоси шаҳодатномаи шахсони ҳуқуқӣ, соҳибкорони инфиродӣ ва хоҷагиҳои деҳқонӣ рушд намудаанд, ки ин нишонаи хуб буда, аммо барои рушди фаъолияти соҳибкорони дар асоси патент фаъолияткунанда, ки ин намуди фаъолияти соҳибкорӣ, соҳибкории навқадамгузор ба ҳисоб меравад, бояд мусоидат ва ҳамкории давлат ва бахши хусусиро дучанд намуд.

Ба мисли дигар ноҳияҳо тағйирёбии шумораи субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ, ҳаҷми гардиши савдо низ дар ноҳияи мазкур тағйир меёбад ва вазъи ҳаҷми гардиши савдо дар ноҳияи Тоҷикобод дар диаграммаи зерин оварда шудааст.

**Диаграммаи 3. Ҳаҷми умумии гардиши савдо дар ноҳияи Тоҷикобод барои солҳои 2015-2021 (бо ҳаз. сомонӣ)**
**Diagram 3. The total volume of trade turnover in Tajikabad district for the years 2015-2021 (in Somoni thousand)**




Аз таҳлили диаграммаи 3 бармоеяд, ки ҳаҷми гардиши савдо дар ноҳияи Тоҷикобод дар соли 2021 нисбат ба соли 2015, 26253,6 ҳазор сомонӣ ё 65,6% зиёд гардидааст.

Дар мавриди мавҷуд будани имкониятҳои шарикӣ ва зичии он натиҷагирии таҳқиқотӣ имкониятҳои зиёди дурнамоиро фароҳам меоварад, ки ин нишондиҳандаҳои ноҳияи Лахш дар ҷадвали 4 оварда шудааст.

**Ҷадвали 4. Афзоиши шумораи соҳибкорони ноҳияи Лахш дар солҳои 2012-2021**
**Table 4. Growth of the number of entrepreneurs in Lakhsh district in 2012-2021**

| Таснифи шумораи соҳибкорон | Солҳо | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | | | | | | Таносуби 2021 / 2012 | |
| | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | адад | бо % |
| Патент (шаҳодатнома бо шартҳои махсус) | 261 | 347 | 397 | 388 | 376 | 417 | 453 | 442 | 475 | 529 | 268 | 102,6 |
| Шаҳодатнома | 54 | 87 | 92 | 101 | 109 | 116 | 92 | 87 | 103 | 111 | 57 | 105,5 |
| Шаҳодатномаи шахсони ҳуқуқӣ | 211 | 243 | 228 | 243 | 245 | 234 | 229 | 222 | 211 | 194 | -17 | -8 |
| Хоҷагиҳои деҳқоной | 555 | 833 | 956 | 1143 | 1403 | 1505 | 1594 | 1611 | 1662 | 1734 | 1179 | 212,4 |

Манбаъ: Равзани ягонаи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон www.andoz.tj; сайти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоқикистон www.stat.tj

Чи тавре ки аз ҷадвали 4 бармеояд, шумораи соҳибкороне, ки фаъолияташонро дар асоси патент(шаҳодатнома бо шартҳои махсус) ва хоҷагиҳои деҳқонӣ ба роҳ мондаанд, дар ноҳияи Лахш дар соли 2021 нисбат ба дигар солҳои таҳлилшаванда афзоиш ёфтаанд, шумораи соҳибкороне, ки фаъолияти худро дар асоси шаҳодатномаи соҳибкорони инфиродӣ ба роҳ мондаанд, дар соли 2017 нисбат ба дигар солҳои таносубӣ зиёд буда, ҳамзамон шумораи соҳибкороне, ки фаъолияташонро дар шакли шаҳодатномаи шахсони ҳуқуқӣ ба роҳ мондаанд, дар соли 2016 нисбат ба дигар солҳои муқоисавӣ афзоиш ёфтаанд.

Ҳамчунин бо тағйирёбии шумораи субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ, ҳаҷми гардиши савдо дар ноҳияи Лахш низ тағйир меёбад ва вазъи ҳаҷми гардиши савдо дар ноҳияи Лахш дар диаграммаи зерин оварда шудааст.

**Диаграммаи 4. Ҳаҷми умумии гардиши савдо дар ноҳияи Лахш барои солҳои 2015-2021 (бо ҳаз. сомонӣ)**
**Diagram 4. The total volume of trade turnover in Lakhsh district for the years 2015-2021 (in thousand somons)**




Аз таҳлили диаграммаи 4 бармоеяд, ки ҳаҷми гардиши савдо дар ноҳияи Рашт дар соли 2021 нисбат ба соли 2015, 14816,2 ҳазор сомонӣ ё 10,7% зиёд гардидааст.

Яке аз ноҳияҳои дигаре, ки ба ҳайси субъекти минтақаи Рашт баромад мекунад, ин ноҳияи Сангвор ба ҳисоб меравад. Ва барои рушд додани шарикии давлат ва бахши хусусӣ дорои шароитҳои хуби табиӣ мебошад. Таҳлилҳо нишон додаанд, ки афзоиши шумораи соҳибкорони ноҳия низ ба таваҷҷуҳи мақомоти ҳокимияти иҷроияи маҳаллӣ ниёз дорад.

**Ҷадвали 5. Афзоиши шумораи соҳибкорони ноҳияи Сангвор дар солҳои 2012-2021**
**Table 5. Growth of the number of entrepreneurs in Sangvor district in 2012-2021**

| Таснифи шумораи соҳибкорон | Солҳо | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | | | | | | Таносуби 2021 /2012 | |
| | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | адад | бо % |
| Патент (шаҳодатнома бо шартҳои махсус) | 91 | 59 | 68 | 55 | 51 | 54 | 54 | 58 | 65 | 67 | -24 | -26,3 |
| Шаҳодатнома | 17 | 19 | 19 | 22 | 15 | 16 | 21 | 23 | 32 | 35 | 18 | 105,8 |
| Шаҳодатномаи шахсони ҳуқуқӣ | 109 | 139 | 139 | 138 | 130 | 123 | 124 | 127 | 128 | 128 | 19 | 17,4 |
| Хоҷагиҳои деҳқоноӣ | 238 | 270 | 325 | 103 | 455 | 486 | 504 | 516 | 553 | 565 | 327 | 137,3 |

Манбаъ: Равзани ягонаи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон www.andoz.tj; сайти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоқикистон www.stat.tj

Чи тавре ки аз ҷадвали 5 бармеояд, шумораи соҳибкороне, ки фаъолияташонро дар асоси патент (шаҳодатнома бо шартҳои махсус) ба роҳ мондаанд, дар ноҳияи Сангвор дар соли 2021 нисбат ба дигар солҳо афзоиш ёфта, шумораи соҳибкороне, ки фаъолияти худро дар асоси шаҳодатномаи соҳибкорони инфиродӣ ва хоҷагиҳои деҳқонӣ ба роҳ мондаанд, дар соли 2021 нисбат ба дигар солҳои таҳлили зиёд гардидаанд, шумораи соҳибкороне, ки фаъолияташонро дар шакли шаҳодатномаи шахсони ҳуқуқӣ ба роҳ мондаанд, дар соли 2014 нисбат ба дигар солҳо афзоиш ёфтаанд.

Ҳамчунин дар ноҳияи Сангвор бо тағйирёбии шумораи субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ, ҳаҷми гардиши савдо низ дар ноҳияи мазкур тағйир меёбад ва вазъи ҳаҷми гардиши савдо дар ноҳияи Сангвор дар диаграммаи зерин оварда шудааст.

**Диаграммаи 5. Ҳаҷми умумии гардиши савдо дар ноҳияи Сангвор барои солҳои 2015-2021 (бо ҳаз. сомонӣ)**

**Diagram 5. The total volume of trade turnover in Sangvor district for the years 2015-2021 (in Somoni thousand)**




Аз таҳлили диаграммаи 5 бармоеяд, ки ҳаҷми гардиши савдо дар ноҳияи Сангвор дар соли 2021 нисбат ба соли 2015, 21379,1 ҳазор сомонӣ ё 110,6% зиёд гардидааст.

Дар асоси нишондиҳандаҳои омории ноҳияҳои Рашт, Нуробод, Тоҷикобод, Лахш ва Сангворро, ки дар маҷмуъ, минтақаи Раштро дар бар мегирад, афзоиши шумораи соҳибкоронӣ минтақа дар ҷадвали 6 оварда шудаанд.

**Ҷадвали 6. Афзоиши шумораи соҳибкорони минтақа Рашт дар солҳои 2012-2021**

**Table 6. Growth of the number of entrepreneurs in the Rasht region in 2012-2021**

| Таснифи шумораи соҳибкорон | Солҳо | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | Таносуби 2021 /2012 адад | бо % |
| Патент (шаҳодатнома бо шартҳои махсус) | 1219 | 1140 | 1199 | 1222 | 1265 | 1345 | 1512 | 1514 | 1634 | 1802 | 583 | 47,8 |
| Шаҳодатнома | 330 | 440 | 384 | 393 | 430 | 396 | 381 | 382 | 412 | 479 | 149 | 45,1 |
| Шаҳодатномаи шахсони ҳуқуқӣ | 822 | 1042 | 1046 | 1073 | 1056 | 1019 | 987 | 968 | 953 | 933 | 111 | 13,5 |
| Хоҷагиҳои деҳқоной | 2110 | 3272 | 3886 | 4812 | 5592 | 6023 | 6340 | 6519 | 6843 | 7123 | 5013 | 237.5 |

Манбаъ: Равзани ягонаи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. www.andoz.tj; сайти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоқикистон. www.stat.tj

Чи тавре ки аз ҷадвали 6 бармеояд, шумораи соҳибкороне, ки фаъолияташонро дар асоси патент (шаҳодатнома бо шартҳои махсус), шаҳодатномаи соҳибкорони инфиродӣ ва хоҷагиҳои деҳқонӣ ба роҳ мондаанд, дар минтақаи Рашт дар соли 2021 нисбат ба дигар солҳои таҳлилшаванда афзоиш ёфтааанд, шумораи соҳибкороне, ки фаъолияташонро дар шакли шаҳодатномаи шахсони ҳуқуқӣ ба роҳ мондаанд, дар соли 2015 нисбат ба дигар солҳои таҳқиқотӣ афзоиш ёфтаанд. Аз таҳлили ҷадвали боло

маълум гардид, ки фаъолияти ҳамаи субъектҳои соҳибкорӣ дар минтақаи Рашт дар солҳои таҳлилгардида афзоиш ёфтаанд, аммо ин афзоиш қонеъкунанда набуда, барои ташкили манбаъҳои нави андозбандӣ ва зиёд намудани даромадҳоии худии минтақа ҳамкории пайвастаи давлат ва бахши хусусиро металабанд, ки танҳо дар ҳолати додани имтиёзу ҳавасмандгардонии соҳибкорони дохилию –хориҷӣ ва маҳаллӣ шумораи субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ боз ҳам зиёд гардида, маблағҳои буҷети маҳал аз ҳисоби даромадҳои худӣ зиёдтар ҷамъоварӣ карда мешаванд. Ва чигунае, ки дар таҳлилҳои қаблӣ қайд намудем, "Минтақаи Рашт, ки сарзамини кӯҳсор аст аз панҷ ноҳия иборат буда, дар ҳудуди он захираҳои табиии гуногун вуҷуд доранд, аз ҷумла, захираҳои тиллои пошхӯрда, захираҳои маҳсулоти сохтмонӣ, оҳаксанг, захираҳои ангиштсанг, захираҳои зеризаминии оҳан ва ғайра, ки дар асоси ин захираҳо метавон дар оянда корхонаҳои коркарди тилло ва маҳсулоти сохтмониро ба роҳ монд. Инчунин, маҳсулоти истеҳсолшавандаи соҳаи растанипарварӣ, боғу токпарварӣ ва чорводорӣ метавонад дар оянда ҳамчун сарчашмаи ашёи хоми маҳаллӣ ва замина барои бунёди корхонаҳои хурди саноатӣ, аз ҷумла, корхонаҳои коркарди шир, пашму пӯст ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ шавад" [5,с.146-155]. Бо зиёдшавии шумораи субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ ва ҳавасмандгардонии онҳо захираҳои табиӣ минтақаҳо ва махсусан минтақаи Рашт сарфакорона истифода карда мешавад, ки боиси худтаъминкунии минтақа ва содирот ба дигар минтақа мегардад. Чи тавре дар "Барномаи дастгирии давлатии соҳибкорӣ" омадааст, рушд накардани бахши хусусӣ, ин аз "Ҳамкории сусти давлат ва бахши хусусӣ" гувоҳӣ медиҳад [2,с.3].

Аз мушоҳидаҳои оморӣ маълум аст, ки фаъолияти сҳибкорӣ дар кишварамон дар ҳолати номувозинатӣ қарор дорад. Имрӯзҳо зиёда аз 60%-и буҷети давлатӣ ва маҳалҳо аз манбаъҳои андозӣ сарчашма мегиранд. Бинобар ин, хуб мебуд, ки барои ҳавасмандии соҳибкорон ҳамаи ҳисоботҳо пурра ба тариқи электронӣ ба роҳ монда шаванд ва ҳамзамон, сода гардонидани барҳамдиҳии фаъолияти соҳибкорӣ низ омили таъсиррасон барои пешравии фаъолияти соҳибкорӣ мебошад.

**АДАБИЁТ**


1. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоқикистон. [Манбаи электронӣ]. URL: www.stat.tj
2. Барномаи дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020, тасдиқ 30,04,2012-№201. –С.3.
3. Бозоров Ш.Ш. Асосҳои соҳибкорӣ / Ш.Ш. Бозоров. -Душанбе: Эр-граф, 2018. –С.21.
4. Деҳқонов С.А. Андоз ва андозбандӣ. Воситаи таълимӣ / С.А. Деҳқонов, Э. Миршарипов, С. Ҳайдаров. –Душанбе, 2023. -С.19.
5. Деҳқонов С.А. Асосҳои назариявӣ ва таҳлили молиявии ноҳияҳои минтақаи Рашт / С.А. Деҳқонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. –Душанбе, 2023. -№5. -С.146-155.
6. Қонуни Ҷумҳури Тоҷикистон "Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ" аз санаи 28 декабри соли 2012, таҳти №907. –С.6.
7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ". Аз санаи 18.03.2015, таҳти №1194 ва санаи 02.01.2020, таҳти №1684. [Манбаи электронӣ]. URL: mmk.tj. -С-2.
8. Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Манбаи электронӣ]. URL: www.andoz.tj
9. Маҳмудов С.М. Таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ дар муайянкунии соҳибкории хурду миёна / С.М. Маҳмудов // Паёми молия ва иқтисод. –Душанбе, 2021. -№4(28). –С.184.
10. Назарияи иқтисодӣ / Бобокалони И., Маҳбубаи М., Облоназари К., Ҳақбердии М. –Душанбе, 2009. -С.195.
11. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомали Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 26.12.2018. -С.8.
12. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомали Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 декабри 2022. -С.6.
13. Сафоев Ҳ.С. Рушди рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ дар асоси истифодаи механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ: автореферат / Ҳ.С. Сафоев. –Душанбе, 2021. -С.15.
14. Тоҷикистон: 30-соли истиқлолияти давлатӣ // Маҷмуаи оморӣ. –Душанбе, 2021. –С.365.
15. Фаррух Р. Асосҳои соҳибкорӣ / Фаррух Р. –Душанбе: Ирфон, 2009. -С.8.
16. Шарофова Ч.Р. Соҳибкорӣ ва рушди он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Ч.Р. Шарофова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. –Душанбе, 2018. -№9. –С.173.

## ҲАВАСМАНДГАРДОНИИ БАХШИ ХУСУСӢ - ОМИЛИ РУШДИ КОРХОНАҲОИ ХУРДУ МИЁНА ДАР МИНТАҚАИ РАШТ

Дар мақолаи мазкур аҳаммиятнокии ҳавасмандгардонии бахши хусусӣ, ки яке аз омилҳои рушди корхонаҳои хурду миёна дар минтақаҳои кишвар ва махсусан минтақаи Раштро дар бар мегирад, оварда шудааст. Ҳамчунин қайд мегардад, ки рушди бахши хусусӣ яке аз заминаҳои асосии рушди иқтисодии минтақаҳо ва иқтисодии миллӣ мебошад. Ҳамзамон, рушди бахши хусусӣ боиси зиёдшавии ва иҷроиши буҷетҳои маҳаллӣ ва кишвар мегардад. Ва нақши калидиро дар иҷроиши буҷети маҳалию ҷумҳуриявӣ ва рушди иқтисодии он фаъолияти соҳибкорӣ мебозад. Зиёдшавии шумораи субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ аз дастгирӣ ва ҳамвасмандгардонии бахши хусусӣ сарчашма мегирад. Инчунин, бо зиёдшавии шумораи субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ ҳаҷми гардиши савдо низ афзоиш меёбад, ки дар шароити муосир, ҳаҷми гардиши савдо ба рушди иқтисодии минтақи Рашт манфиати зиёдтарро дорост. Ҳамчунин дар мақола нақши фаъолияти соҳибкорӣ, имкониятҳо ва дастгириҳои онҳо дар шароити иқтисодии муосир ва нақши онҳо дар рушди иқтисодии минтақа ва кишвар мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Муаллифон дар мақолаи худ маълумотҳоро оид ба ҳавасмандгардонии бахши хусуӣ, рушди корхонаҳои хурду миёна ва нақши фаъолияти соҳибкорӣ, ҳаҷми гардиши онҳо, содаю осон намудани бақайдгирӣ ва барҳамдиҳии фаъолияти соҳибкорӣ ва нақши онҳоро дар рушди иқтисодии минтақавӣ ва кишвар пешниҳод намудаанд.

**Калидвожаҳо:** бахши хусусӣ, корхонаҳои хурду миёна, патент (шаҳодатнома бо шартҳои махсус), андозбандӣ, буҷет, ҳисоботи электронӣ, соҳибкории инфиродӣ, шаҳодатнома, гардиши савдо.

## ПООЩРЕНИЕ ЧАСТНОГО СЕКТОРА - ФАКТОР РАЗВИТИЯ МАЛОГО И СРЕДНЕГО ПРЕДПРИЯТИЙ В РАШТСКОМ РЕГИОНЕ

В данной статье представлена важность стимулирования частного сектора, который является одним из факторов развития малого и среднего предпринимательства в регионах страны, и особенно в Раштском районе. Также отмечается, что развитие частного сектора является одной из основных основ регионального и национального экономического развития. В то же время развитие частного сектора приводит к увеличению и исполнению местных и республиканских бюджетов. А предпринимательская деятельность играет ключевую роль в исполнении местного и республиканского бюджета и его экономическом развитии. Увеличение количества субъектов предпринимательства происходит за счет поддержки и совместного стимулирования частного сектора. Также с увеличением количества субъектов предпринимательства увеличивается и объем торговли, а в современных условиях объем торговли более выгоден для экономического развития Раштского региона. Также в данной статье изучается роль предпринимательской деятельности, их возможности и поддержка в современных экономических условиях и их роль в экономическом развитии региона и страны. В своей статье авторы представили информацию о стимулировании частного сектора, развитии малого и среднего предпринимательства и роли предпринимательской активности, объемах их оборота, упрощении и облегчении регистрации и ликвидации предпринимательской деятельности и их роль в экономическом развитии региона и страны.

**Ключевые слова:** частный сектор, малый и средний бизнес, патент (сертификат с особыми условиями), налогообложение, бюджет, электронная отчетность, индивидуальное предпринимательство, сертификат, торговый поток.

## ENCOURAGEMENT OF THE PRIVATE SECTOR- A FACTOR FOR THE DEVELOPMENT OF SMALL AND MEDIUM-SIZED ENTERPRISES IN THE RASHT REGION

In this article, the importance of stimulating the private sector, which is one of the factors for the development of small and medium enterprises in the regions of the country, and especially in the Rasht region, is presented. It is also noted that the development of the private sector is one of the main foundations of regional and national economic development. At the same time, the development of the private sector leads to the increase and implementation of local and national budgets. And business activity plays a key role in the implementation of the local and national budget and its economic development. The increase in the number of business entities originates from the support and co-stimulation of the private sector. Also, with the increase in the number of business entities, the volume of trade also increases, and in modern conditions, the volume of trade is more beneficial to the economic development of the Rasht region. Also, in this article, the role of business activity, their opportunities and support in modern economic conditions and their role in the economic development of the region and the country are studied. In his article, the authors presented information on the stimulation of the private sector, the development of small and medium-sized enterprises and the role of business activity, the volume of their turnover, the simplification and facilitation of registration and liquidation of business activity and their role in the regional and country economic development.

**Keywords:** private sector, small and medium enterprises, patent (certificate with special conditions), taxation, budget, electronic reporting, sole proprietorship, certificate, trade flow.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Ҷонмамадов Шермамад Бекмамадович*** - Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, сарходими илмии шуъбаи таҳқиқоти муқоисавӣ**. Суроға:** 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Айнӣ, 44
***Деҳқонов Соҳибназар Амирхоҷаевич*** – Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, унвонҷӯи кафедраи назарияи иқтисод. **Суроға:** 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов, 64/14

**Сведения об авторах:** ***Джонмамадов Шермамад Бекмамадович*** - Институт экономики и демографии Национальной академии наук Таджикистана, отдел сравнительных исследований, доктор экономических наук, профессор, главный научный сотрудник. **Адрес:** 734024, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Айни, 44
***Дехконов Сохибназар Амирходжаевич*** – Таджикский государственный финансово-экономический университет, кафедра экономической теории соискатель. **Адрес:** 734067, Республика Таджикистан, г.Душанбе, улица Нахимова, 64/14

**Information about the authors:** ***Jonmamadov Shermamad Bekmamadovich*** - Institute of Economics and Demography of the National Academy of Sciences of Tajikistan, Department of Comparative Research, Doctor of Economics, Professor, Chief Researcher. **Address**: 734024, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Aini street 44
***Dekhkonov Sokhibnazar Amirkhodjaevich*** – Tajik State University of Finance and Economics, Department of Economic Theory, candidate**. Address:** 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimova street 64/14

УДК: 347.23

# ПРАВОВЫЕ ВОПРОСЫ МЕЖДУНАРОДНО-ПРАВОВЫХ АКТОВ В ЗАЩИТЕ ЧЕЛОВЕЧЕСКОГО КАПИТАЛА

*Мавлоназарзода О.А., Муминзода Н.И.*
**Таджикский национальный университет**

Человеческий капитал является важнейшей движущей силой экономического роста и развития, поскольку он позволяет людям внедрять инновации, создавать новые технологии и способствовать прогрессу в различных областях. Кроме того, инвестиции в человеческий капитал могут привести к улучшению здоровья, социальных результатов и общего благополучия. Таким образом, защита человеческого капитала необходима для устойчивого развития общества и прогресса человечества. Также важна защита человеческого капитала от внешних угроз [9,с.73], но также нельзя в этом процессе переусердствовать [11,с.267]. Защита прав и свобод человека цель каждого государства [20,с.51]. По инициативе Президента страны Эмомали Рахмона, добровольно были возвращены студенты, которые в годы гражданской войны нелегально выехали из Таджикистана в исламские страны и обучались там [22,с.295].

Человеческий капитал относится к знаниям, навыкам, способностям и другим качествам, которыми люди обладают и которые используют для создания экономической ценности. В современных условиях с учетом особенностей общего развития общества и его экономической составляющей, в том числе особого вида капитала, на первый план выходит человеческий капитал [10,с.175]. В 2017 году Президент Республики Таджикистан выступил перед народными избранниками и народом страны, в том числе подчеркнул следующее: «Согласно опросу, проведенному самыми влиятельными мировыми организациями по развивающимся странам, в 2017 году Таджикистан по 4 показателям: доступ к образованию, качество образования, человеческий капитал и его конкурентоспособность занял 54 место среди 101 страны мира. Согласно этому анализу, Таджикистан занимает одно из первых мест на пространстве Содружества Независимых Государств [24]. Он включает в себя широкий спектр факторов, влияющих на продуктивность человека и его потенциал для достижения успеха, включая образование, обучение, опыт работы, здоровье, а также социальное и культурное происхождение. Человеческий капитал можно разделить на несколько различных форм, в том числе:

1. Образование и обучение: это относится к формальному образованию и обучению, которое получают люди, включая начальное, среднее и высшее образование, а также программы профессионального обучения и повышения квалификации. В предложениях большинства этих ученых финансирование людей стоит на первом месте, то есть они рассматривают финансирование не для решения экономических проблем людей, а для решения социальных проблем, особенно образования в целях воспроизводства человеческого капитала [26,с.75].

2. Опыт и квалификация: это включает в себя знания и навыки, полученные в результате опыта работы и обучения на рабочем месте, а также опыт, накопленный в конкретных областях или отраслях.

3. Здоровье и благополучие: включает физическое и психическое здоровье, а также доступ к здравоохранению и другим социальным услугам, которые поддерживают общее благополучие.

4. Социальный и культурный капитал: сюда входят социальные сети, отношения и культурный фон, которыми обладают люди, которые могут обеспечить доступ к информации, ресурсам и возможностям.

Человеческий капитал представляет собой важнейший актив для отдельных людей и общества, а его развитие и защита необходимы для экономического роста, социального прогресса и общего благосостояния.

Человеческий капитал является важным фактором экономического роста и социального прогресса. Вот некоторые из экономических и социальных значений человеческого капитала:

- Человеческий капитал является важнейшей движущей силой экономического роста, поскольку он позволяет людям внедрять инновации, создавать новые технологии и способствовать прогрессу в различных областях. Инвестируя в человеческий капитал, общества могут создавать высококвалифицированную и производительную рабочую силу, которая может способствовать экономическому росту и развитию.
- Развитие человеческого капитала приводит к повышению производительности, поскольку люди приобретают знания, навыки и способности, повышающие их производительность и потенциал для достижения успеха. Это, в свою очередь, приводит к увеличению объема производства и повышению уровня жизни.
- Развитие человеческого капитала также необходимо для повышения качества жизни отдельных лиц и сообществ. Это позволяет людям получить доступ к более высокооплачиваемой работе, получить более высокий уровень образования и улучшить свое здоровье и благополучие, что ведет к повышению уровня жизни.
- Развитие человеческого капитала также может способствовать сокращению бедности и неравенства, предоставляя людям навыки и знания, необходимые для получения более высокооплачиваемой работы и лучших возможностей.
- Развитие человеческого капитала также имеет решающее значение для социального прогресса и развития, поскольку оно позволяет людям в полной мере участвовать в жизни своих сообществ и вносить свой вклад в развитие общества. Это, в свою очередь, приводит к улучшению социальных результатов и общего благополучия.
- Экономическое и социальное значение человеческого капитала огромно, а его развитие и защита имеют решающее значение для устойчивого развития обществ и прогресса человечества.

Правовая защита человеческого капитала имеет решающее значение по нескольким причинам, в том числе:

1. Устойчивое развитие: человеческий капитал является важнейшей движущей силой экономического роста и развития, и его защита необходима для устойчивого развития общества. Защищая человеческий капитал, общества могут обеспечить долгосрочную жизнеспособность и успех своих экономик и сообществ.

2. Повышение производительности: защита человеческого капитала может привести к повышению производительности и инноваций, поскольку люди получают возможность использовать свои знания и навыки для создания экономической ценности и продвижения прогресса в различных областях.

3. Социальное благополучие: защита человеческого капитала также может способствовать социальному благополучию, поскольку люди могут получить доступ к более высокооплачиваемой работе, более высокому уровню образования и улучшенному здравоохранению, что ведет к повышению уровня жизни и общего благополучия. Таджикистан согласно Конституции, своей политике и международным актам, которые он ратифицировал, объявляет, что «Таджикистан – социальное государство, обеспечивающее достойные условия жизни и свободное развитие для каждого человека» [6]. На основа этого принципа (нормы). Государство обязывается: защищать трудовые и социальные права, устанавливать минимальную зарплату, дать право на здоровье и т.д. [25,с.32].

4. Сокращение бедности и неравенства: защита человеческого капитала может помочь уменьшить бедность и неравенство, предоставляя людям инструменты и ресурсы, необходимые им для получения лучших возможностей и доступа к преимуществам экономического роста.

5. Права человека. Защита человеческого капитала также важна для соблюдения прав человека и обеспечения достойного и уважительного отношения к людям. Защищая человеческий капитал, общества могут гарантировать, что люди смогут реализовать свои права на образование, здравоохранение и другие предметы первой необходимости. В соответствии со 5 ст. Конституции Республики Таджикистан «права человека имеют

высшую ценность» [6]. «вопросы обеспечения равенства мужчин и женщин, недопущения дискриминации в отношении женщин, защита прав женщин существовала в обществе на протяжении всей истории человечества и остается актуальной до сих пор» [16,с.55]. Начиная с принятия ВДПЧ и других международных актов которые изучены и исследованы в этой статье ситуация в разы изменился, но это с универсальной точки зрения а с релятивизмом все намного иначе и «с появлением Лиги наций некоторые соглашения, которые запрещали рабство, и этим улучшили ситуацию с защитой прав женщин и детей» [15,с.12].

Международные акты относятся к юридическим соглашениям и договорам, которые заключаются между странами или международными организациями для регулирования и регулирования различных аспектов международных отношений. Эти соглашения охватывают широкий круг вопросов, в том числе права человека, трудовые нормы, торговлю и окружающую среду. Таджикистан как полноправный член международного сообщества согласно поправкам в Конституцию Республики Таджикистан от 22 мая 2016 года в 10 статью Конституции Республики Таджикистан ратифицирует определённые международные акты, если нормы Конституции противоречат международным нормам, то применяется международные акты [6]. Это говорит о том, что Таджикистан верит в международный опыт.

Повышение качества и развитие законодательства связано не только с принятием новых системных нормативных актов, в том числе для восполнения существующих пробелов, но и с деятельностью, связанной с регулированием системы законодательства [8,с.210; 9; 10; 11; 12; 13; 14; 15; 16; 17; 18; 19; 20].

Международные акты важны для защиты человеческого капитала, потому что они обеспечивают основу для стран, чтобы установить стандарты и правила, которые поощряют и защищают развитие человеческого капитала. Например, Всеобщая декларация прав человека, принятая Генеральной Ассамблеей Организации Объединенных Наций в 1948 году, устанавливает ряд основных прав человека, которыми обладают все люди, включая право на образование, работу и здравоохранение [1]. Другие международные акты, такие как конвенции Международной организации труда (МОТ), устанавливают стандарты условий труда и трудовых прав, которые необходимы для защиты человеческого капитала работников.

Международные акты также имеют решающее значение для развития сотрудничества и сотрудничества между странами в области защиты человеческого капитала. Устанавливая общие стандарты и правила, страны могут работать вместе, чтобы гарантировать, что люди будут обеспечены ресурсами и возможностями, которые им необходимы для развития своего человеческого капитала и внесения вклада в развитие общества. Это, в свою очередь, может привести к ускорению экономического роста, сокращению бедности и повышению социального благосостояния.

19. Устименко В.В. Специальный субъект преступления: монография / В.В. Устименко. -Харьков: Вищашк., 1989. -С.45.
20. Шагиева Р.В. Институт правосубъектности в национальной системе права: проблемы теории и практики правового регулирования // Правовая инициатива. -2013. -№10. URL: http://49e.ru/ru/2013/10/13 (дата обращения 10.04.2020).

## НИШОНАҲОИ ТАРАФИ СУБЪЕКТИВИИ ҶИНОЯТҲО БА МУҚОБИЛИ ШАБАКАҲОИ ИНТЕРНЕТӢ ВА ТАҶҲИЗОТҲОИ ЁРИРАСОНИ ОНҲО ҲАМЧУН НАМУДИ НАВИ КИБЕРҶИНОЯТҲО

**(барномаҳои зараровар ва ҳамлаҳои DOS )**

Дар мақолаи мазкур нишонаҳои тарафи субъективии ҷиноятҳо ба муқобили шабакаҳои интернетӣ ва таҷҳизотҳои ёрирасони онҳо ҳамчун намуди нави киберҷиноятҳо (барномаҳои зараровар ва ҳамлаҳои DOS) ба риштаи таҳлил кашида шудааст. Имконияти васеи истифодаи интернет, механизми содир шудани бисёре аз ҷиноятҳоро комилан дигаргун намуда, гурӯҳ ва намудҳои нави ҷиноятҳоро ба вуҷуд овард. Фаъолияти шахсони содиркунандаи ҷиноятҳо ба муқобили шабакаҳои интернетӣ ва таҷҳизотҳои ёрирасони онҳо ҳамчун намуди нави киберҷиноятҳо (барномаҳои зараровар ва ҳамлаҳои DOS) дар амал шакли муташаккилонаро соҳиб гашта, хусусияти байниминтақавӣ ва трансмиллиро доро гардид. Ҳамзамон, дар мақола қайд гардидааст, ки таҳиягарони барномаи зараровар ва дигар киберҷинояткорон ҳангоми дуздии маблағ аз банкоматҳо ва терминалҳои пардохтӣ аз барномаҳои зараровар истифода менамоянд. Инчунин ба кадом намуди субъектҳои ҷиноят гурӯҳбандӣ кардани онҳо таҳқиқ гардидааст.

**Калидвожаҳо:** ҳуқуқи ҷиноятӣ, КҶ ҶТ, субъект, тарафи субъективӣ, киберҷиноятҳо, барномаҳои зараровар, ҳамлаҳои DOS, шабакаҳои интернетӣ, таҷҳизотҳои ёрирасон, иттилооти компютерӣ, шабакаҳои иттилоотию телекоммуникатсионӣ.

## СУБЪЕКТИВНЫЕ ПРИЗНАКИ ПРЕСТУПЛЕНИЯ, НАПРАВЛЕННЫЕ НА СЕТИ ИЛИ УСТРОЙСТВА КАК НОВОГО ВИДА КИБЕРПРЕСТУПЛЕНИЙ

**(вредоносные программы, DOS-атаки)**

В данной статье проанализированы субъективные признаки преступления, направленные на сети или устройства, как нового вида киберпреступлений (вредоносные программы, DOS-атаки). Широкие возможности использования интернета полностью изменили механизм совершения многих преступлений, породив новые группы и виды преступлений. Деятельность лиц, совершающих преступления, направленные на сети или устройства как новый вид киберпреступлений (вредоносные программы, DOS-атаки) на практике приняла организованную форму и приобрела межнациональный и транснациональный характер. Также в статье разработчики вредоносных программ и другие киберпреступники использовали вредоносные программы при краже средств у банкоматов и платежных терминалов. В статье отмечено, какая деятельност на этих компьютерных устройствах им не разрешается и какие виды преступных субъектов их группируют.

**Ключевые слова:** уголовное право, УК РТ, субъект, субъективная сторона, киберпреступления, вредоносные программы, DOS-атаки, сети Интернет, вспомогательное оборудование, компьютерная информация, информационно-телекоммуникационные сети

## SUBJECTIVE SIGNS OF A CRIME AIMED AT NETWORKS OR DEVICES AS A NEW TYPE OF CYBERCRIME (malware, DOS attacks)

This article analyzes the subjective signs of a crime aimed at networks or devices as a new type of cybercrime (malware, DOS attacks). The wide possibilities of using the Internet have completely changed the mechanism of committing many crimes, giving rise to new groups and types of crimes. The activity of persons committing crimes aimed at networks or devices as a new type of cybercrime (malware, DOS attacks) in practice has taken an organized form and has acquired an international and transnational character. Also in the article, malware developers and other cybercriminals used malware to steal funds from ATMs and payment terminals, they are not allowed to operate on these computer devices and what types of criminal entities group them.

**Keywords:** criminal law, Criminal Code of the Republic of Tajikistan, subject, subjective side, cybercrimes, malware, DOS attacks, Internet networks, auxiliary equipment, computer information, information and telecommunication networks.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Давлатзода Комрон Давлат*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи криминалистика ва экспертизаи судӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **Komron231823@gail.com**

**Сведения об авторе:** ***Давлатзода Комрон Давлат*** - Таджикский нациаональный университет, кандидат юридических наук, доцент кафедры криминалистики и судебно-экспертной деятельности. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **Komron231823@gail.com**

**Information about the author:** ***Davlatzoda Komron Davlat*** - Tanjik National University, Candidate of Legal Sciences, Associate Professor of the Department of Criminalistics and Forensic Science. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki avenue, 17. E-mail: **Komron231823@gail.com**

ТДУ: 347.4(575.3)(510)

# ОИДИ БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ ҲУҚУҚИИ УЗВИЯТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР СОЗМОНИ ҲАМКОРИИ ШАНХАЙ

***Ғафурова Б.Д.***
**Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон**

Дар шароити имрӯзаи ҷаҳонишавӣ ягон мамлакате нест, ки худ танҳо, бе робитаи зич бо дигар давлатҳо ва ташкилотҳои байналмилалӣ, дар арсаи сиёсӣ, иқтисодӣ, иттилоотӣ, иҷтимоӣ ва алалхусус ҳуқуқи байналмилалӣ, арзи ҳастӣ намояд [2,с.153]. Аз ҳамин сабаб, дар ҳар давру замон барои ноил шудан ба ҳадафҳои геополитикии худ онҳо созмонҳои гуногуни байналмилалӣ ташкил менамоянд. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ баъди эълон намудани соҳибистиқлолии худ кӯшиш намуда истодааст, ки дар раванди ҷаҳонишавӣ мавқеи сазовор ишғол намояд. Зеро роҳбарияти олии сиёсии давлат хуб дарк менамояд, ки ягона роҳи баланд бардоштани сатҳи иқтисодиёти кишвар ва ба ин васила рушду тараққӣ додани мамлакат ва ҳамчунин соҳиб гардидани мавқеи устувор дар сатҳи минтақавию ҷаҳонӣ ин ба роҳ мондани муносибатҳо бо ташкилотҳои байналмилалӣ ва давлатҳои гуногуни ҷаҳон мебошад [9].

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тули беш аз 30 соли сипаригаштаи таърихи соҳибихтиёрии худ тавонист бо аксарияти давлатҳо ва созмонҳои байналмилалӣ ҳамкориҳои судманди гуногунҷанбаро ба роҳ монда, ба муваффақиятҳои бузург, пеш аз ҳама дар муносибатҳои иқтисодиву сиёсӣ, ноил гардад. Яке аз чунин ташкилотҳои бонуфузи минтақавие, ки Тоҷикистон узви фаъоли он мебошад, ин Созмони Ҳамкории Шанхай (СҲШ) ба ҳисоб меравад [1]. Ба ҳайати Созмони номбурда Ҷумҳурии Мардуми Чин, Федератсияи Русия, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҷумҳурии Қирғизистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон шомил мебошанд ва созмони мазкур маҳз аз ҷониби ҳамин давлатҳои номбурда таъсис дода шудааст. Созмони Ҳамкории Шанхай дарбаргирандаи масъалаҳои гуногунҷанба буда, дар ин созмон манфиатҳои ҳамаи аъзоёни он якхела ва баробар ҳифз карда мешаванд [11].

Созмони Ҳамкории Шанхай, ки то 15 июни соли 2001 бо номи «Панҷгонаи Шанхай» муаррифӣ гашта буд, ҳамчун ташкилоти бонуфузи минтақавӣ дар заминаи таҳкими эътимоду боварӣ ва коҳиши неруҳои низомӣ дар манотиқи сарҳадии Ҷумҳурии Мардумии Чин, Федератсияи Русия, Тоҷикистон, Қазоқистон ва Қирғизистон арзи ҳастӣ намуда, минбаъд фарогири масъалаҳои умдаву ҷиддитари ҳаёти рӯзмарраи аҳолии ин давлатҳо гардид. Дар шаҳри Шанхайи давлати Чин 26 апрели соли 1996 сарони кишварҳои Чину Русия, Тоҷикистону Қазоқистон ва Қирғизистон Созишномаи таҳкими эътимод дар соҳаи низомӣ дар манотиқи назди сарҳад ва 24-уми апрели соли 1997 дар шаҳри Маскав Созишнома дар бораи коҳиши мутақобилаи неруҳои низомӣ дар манотиқи наздисарҳадиро имзо намуданд [3].

Боиси тазаккур аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибистиқлол ва узви комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ, ки чанд сол пеш дар баробари Русияву Қазоқистону Қирғизистон шомили Иттиҳоди Шуравӣ буд, барои густариши муносибатҳои дӯстона бо ин давлатҳо ва Чин ташаббус нишон дод ва сарвари давлат – Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикстон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо изҳори қаноатмандӣ аз бунёди чунин фазои ҳамгироиву ҳамдигарфаҳмӣ дар ин созишномаҳо мавқеи Тоҷикистонро ба таври мусбат муайян намуд, ки аз нигоҳи коршиносони умури сиёсӣ ифодаи сатҳи баланди давлатдории Тоҷикистони тозабунёд ва падидаи неки сиёсати хориҷии роҳбарияти кишвар маънидод мегардад [10,с.19].

Чун ба таърихи мавҷудияти Панҷгонаи Шанхай ва дар заминаи он таъсис ёфтани Созмони Ҳамкории Шанхай назар мекунем, таваҷҷуҳи моро, пеш аз ҳама, муҳтавои санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии заминаи он гашта ба худ ҷалб мекунанд. Яъне, кадом омилҳо таъсир расониданд ва ё чӣ зарурият пеш омад, ки сарони давлатҳои Русияву Тоҷикистон, Қазоқистону Қирғизистон дар якҷоягӣ бо Ҷумҳурии Мардумии Чин маҳз дар бораи таҳкими эътимод ва коҳиш додани неруҳои низомӣ дар манотиқи ҳамсарҳадӣ созишнома имзо карданд [8].

Иттилооти аниқи таърихӣ гувоҳӣ медиҳад, ки масъалаҳои марбути марз дар байни ин кишварҳо ҳанӯз дар нимаи дуюми асри гузашта, яъне замони мавҷудияти Иттиҳоди Шуравӣ ба миён омада буд ва яке аз мавзуъҳои асосии муносибатҳои ҳамдигарии ин давлатҳо ба шумор мерафт [4]. Омӯзиши таърихи муносибатҳои Иттиҳоди Шуравӣ ва Чин хулосае пеш меорад, ки ин давлатҳо дар самти ба пуррагию комилан ҳал кардани масъалаҳои марбути марз бо вуҷуди саъю талошҳои беш аз сисола муваффақ нагардиданд ва ҳалли ин масъала дар замони соҳибистиқлолии кишварҳои собиқи Иттиҳоди Шуравӣ барои ҳарду ҷониб зарурати таърихӣ ва ногузир пайдо кард.

Ҳамин тавр, 26 апрели соли, 1996 бо баимзорасии Созишномаи таҳкими эътимод дар соҳаи низомӣ дар манотиқи наздисарҳадӣ аз ҷониби сарони давлатҳои Русияву Чин, Тоҷикистону Қазоқистон ва Қирғизистон, Панҷгонаи Шанхай ба вуҷуд омад ва ба таъсиси Созмони Ҳамкории Шанхай заминаи ҳуқуқӣ гузошта шуд. Тибқи маслиҳати давлатҳои аъзои Панҷгонаи Шанхай – Русия, Чин, Тоҷикистон, Қазоқистон ва Қирғизистон мулоқоти сарони давлатҳо дар як сол як маротиба дар яке аз кишварҳои аъзо баргузор мегардид. Тавре ки қайд гардид, мулоқоти сарони кишварҳо аввалин маротиба - санаи 26 апрели соли 1996 дар шаҳри Шанхай, маротибаи дуюм - 24 апрели соли 1997 дар шаҳри Маскав, маротибаи сеюм - 03 июли соли 1998 дар Алмаато, маротибаи чорум - 24-26 августи соли 1999 дар шаҳри Бишкек доир гардид ва дар ин ҳамоишҳо аз ҷониби Тоҷикистон ҳайати салоҳиятнок таҳти сарварии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо камоли масъулияти давлатдорӣ ширкат ва барои густаришу тавсеаи ҳамшарикии давлатҳо ташаббус нишон медод.

Дар ин давра кишварҳои аъзо ба ҳалли муаммоҳои манотиқи сарҳадӣ муваффақ гардида, бо истифода аз ин дар доираи Панҷгонаи Шанхай густариши ҳамкориҳои мутақобилан муфиди сиёсию иқтисодӣ ва тиҷоратию фарҳангиро амри зарурӣ маънидод мекарданд.

Мулоқоти навбатии сарони кишварҳои узви Панҷгонаи Шанхай, ки 05 июли соли 2000 дар пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон – шаҳри Душанбе гузаронида шуд, пеш аз ҳама, ба тавсеаи фаъолияти он мусоидат намуд. Хусусияти фарққунандаи ин ҳамоиш боз дар он буд, ки ғояи таъсиси Созмони Ҳамкории Шанхай маҳз дар Душанбе ба вуҷуд омад [4]. Дар ин чорабинии муҳимми сиёсӣ роҳбарони давлатҳои Панҷгонаи Шанхай ва ба ҳайси роҳбари давлати мушоҳид собиқ Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Ислом Каримов ширкат намуда, ба дастовардҳои Тоҷикистон ва сатҳи омодагиву баргузории мулоқот баҳои баланд доданд. Дар ин мулоқот сарони кишварҳо масъалаҳои муҳимми ҳамкориҳои дуҷонибаву бисёрҷониба, муаммоҳои минтақавию ҷаҳониро баррасӣ карда, ба Эъломияи Душанбе имзо гузоштанд, ки он дурнамои ҳамкорӣ ва самтҳои асосии фаъолияти Панҷгонаи Шанхайро муайян карда, дар марҳилаи ташаккули созмон аҳаммияти бағоят бузург пайдо кард.

Дар оғози қарни XXI аксарияти мамолики дунё бо мақсади истифодаи самарабахши имкониятҳои таърихӣ, ҳамоишу ҳамгироӣ ва иттиҳоду ҳамшарикии байнидавлатию байналмилалиро тавсеа бахшида [6], дар ин замина барои рафъи таҳдиду хатарҳои нав, ҳамчунин таҳкими амнияти минтақавию ҷаҳонӣ саъю талош меварзанд. Боиси тазаккур аст, ки дар дебочаи Конститутсияи мамлакат таъкид гаштани ақидаи “... қисми ҷудонашавандаи ҷомеаи ҷаҳон ...” будани Тоҷикистон, худ асоси ҳуқуқӣ барои иштироки фаъолонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раванди ҷаҳонишавӣ мебошад [7].

Амалӣ сохтани ин тадбирҳо аз ҷумлаи масоиле буд, ки дар мулоқоти навбатии сарони кишварҳои аъзои Панҷгонаи Шанхай баррасӣ гардид. Ин мулоқоти таърихӣ даҳаи дуюми моҳи июни соли 2001 дар Шанхай баргузор шуд. Дар ин чорабинӣ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба масоили баррасишаванда мулоҳизаронӣ карда, ба сатҳи сифатан нав бардоштани доира ва механизми фаъолияти Панҷгонаи Шанхайро зарурати таърихии муносибати давлатҳои аъзо маънидод карданд.

Ҳамин тавр, Сарони кишварҳои дигари Панҷгонаи Шанхай низ ба ин мавқеъ мувофиқ буданд ва 15 июни соли 2001 Эъломияи таъсиси Созмони Ҳамкории Шанхай

дар ҳайати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Федератсияи Русия, Ҷумҳурии Мардумии Чин, Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҷумҳурии Қирғизистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон, ки то ин вақт ба ҳайси мушоҳид пазируфта шуда буд, ба имзо расид ва ҳамин тавр таъсиси Созмон расман эълон карда шуд. Дар ин ҳуҷҷати муҳим, аз ҷумла, қайд карда мешавад, ки ҳадаф аз таъсиси Созмони Ҳамкории Шанхай, пеш аз ҳама, таҳкими робитаҳои дӯстона ва анъанаҳои неки ҳамсоягиву эътимоди кишварҳои аъзо, тавсеаи ҳамкории сиёсӣ, иқтисодию тиҷоратӣ, илмию техникӣ ва фарҳангӣ, ҳамчунин такон бахшидани робитаҳо дар соҳаҳои энергетикаву нақлиёт, маорифу муҳити зист ва дигар бахшҳои афзалиятноки ҳаёти ҷомеа буда, саъю талоши муштарак дар роҳи таҳкими амният ва сулҳу субот дар минтақаву ҷаҳон, мусоидат ба ташаккул ва бунёди низоми нави байналмилалии демократӣ ва аз ҷиҳати сиёсию иқтисодӣ адолатнок аз мақсадҳои асосию стратегии он ба шумор меравconfigured [11].

Сарони давлатҳои узви Созмони Ҳамкории Шанхай, инчунин, ба Аҳдномаи мубориза алайҳи терроризм, экстремизм ва сепаратизм имзо гузошта, оид ба натиҷаҳои мулоқот иттилоия интишор намуданд. Шомил гаштани Тоҷикистон ба чунин як созмони муътабар ва ба раванди ташаккули он саҳмгузор будани кишвари мо собитгари сиёсати дурусту оқилона ва стратегии роҳбарияти давлату Ҳукумат, махсусан Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон буда, яке аз омилҳои асосии таҳкиму тақвияти эътибори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ мебошад. Ҳатто дар рӯзҳои охирони соли сипаригаштаи 2022 қабул гаштани Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммияти оламшумули мутамаддин гаштани ҷомеаи Тоҷикистон мебошад. Чунки дар қариб 100 давлати дунё ин санади меъёрӣ-ҳуқуқӣ истифода гардад ҳам, он дар баъзе мамлакатҳо ба маънои “ҳуқуқи шаҳрвандӣ” амалӣ мегардад. Масалан, дар Ӯзбекистон – “фуқаро”, Туркманистон - “раият”, Озарбойҷон - “мулк”, Қазоқистон - “ азамат” ба маънои шаҳрванд амалӣ гаштааст [5]. Фарқияти Кодекси мадании навқабулгаштаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз Кодекси граждании алҳол (то 01 июли соли 2023) амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо дар номгузорӣ нест; маънoю мундариҷа, фалсафаи ҳуқуқии онҳо аз ҳамдигар ба тариқи куллӣ фарқ мекунанд; объекти батанзимдарории меъёрҳои Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон дастовардҳои тамаддуни инсоният мебошанд [2,с.153].

Сарони давлатҳои аъзои Созмони Ҳамкории Шанхай соле як маротиба мулоқот карда, муҳимтарин масоили ҳамкории кишварҳо ва муаммоҳову мушкилоти минтақа ва ҷаҳонро баррасӣ мекунанд. Баъди мулоқоти соли 2001 дар шаҳри Шанхай сарони кишварҳо моҳи июни соли 2002 дар шаҳри Санкт–Петербург, моҳи майи соли 2003 дар шаҳри Маскав, моҳи июни соли 2004 дар шаҳри Тошканд, моҳи июли соли 2005 дар шаҳри Остона, моҳи июни соли 2006 дар Шанхай ва моҳи августи соли 2007 дар Бишкек воҳӯрӣ намуда, як қатор ҳуҷҷату санадҳои муҳимро ба имзо расониданд. Дар ин муддат мақомоти иҷроияи Созмони Ҳамкории Шанхай таъсис ёфта, робитаҳои он бо созмону ташкилотҳои муътабари минтақавию ҷаҳонӣ, аз ҷумла, Созмони Милали Муттаҳид, Иттиҳоди Аврупо, Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ва ғайра самараҳои нек овард ва давлатҳои гуногуни минтақа, ба монанди Ҳиндустон, Эрон, Покистон аъзои комилҳуқуқ гаштанд. Ҷумҳурии Белорус, Афғонистон ва Муғулистон бошанд, ба ҳайси нозир пазируфта шудаанд. Ғайр аз ин, чунин давлатҳо, ба монанди Озарбойҷон, Туркия, Шри-Ланка, Камбоҷа, Непал, Арманистон, Миср, Қатар, Арабистони Саудӣ шарики ҳамкорӣ ва гуфтушунид эътироф гаштаанд.

Чунин дигаргуниҳои куллӣ дар ташаккули Созмони Ҳамкории Шанхай ба густариш ва самаранокии ҳамкории давлатҳои аъзои созмон ва минтақа мусоидат мекунад ва бояд гуфт, ки Тоҷикистон ҳамчун узви комилҳуқуқи Созмони мазкур аз чунин имконият оқилонаву самаранок истифода бурда истодааст.

Таъсиси Созмони Ҳамкории Шанхай ва фаъолияти самарабахши он собит менамояд, ки воқеан давлатҳо аҳди дӯстӣ баста, ҳамгироиву шарикиро асоси муносибату ҳамкорӣ қарор диҳанд, ҳама гуна мушкилот ҳалли худро меёбаду манфиат ва мавқеи ягон ҷониб сарфи назар намешавад, халқу миллатҳои гуногун танҳо дар

фазои дӯстиву эътимод зиндагӣ менамоянду барои рафъи мушкилоти якдигар дасти ёрӣ дароз мекунанд.

Боиси фараҳмандист, ки Тоҷикистон ҳамчун узви комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ дар доираи Созмони Ҳамкории Шанхай ва ташкилоту муассисаҳои минтақавию байналмилалӣ бо кулли кишварҳои сулҳпарвари сайёра муносибату робитаҳояшро торафт тавсеа мебахшад.

**Муқарриз: н.и.х., досенти ДДҲБСТ - Болтуев С.Ш.**

**АДАБИЁТ**


1. Абдылдаев С. Сегодня ШОС объединяет половину населения планеты. 05:48. 09.07.2018 (обновлено: 14:27 14.12.2021). [Электронный ресурс]. https://ru.sputnik. kg /20180709/shos-sotrudnichestvo-mir-1040085418.html - (дата обращения 21.04.2023с.)
2. Болтуев С.Ш. О влиянии экономических интеграционных процессов на совершенствование законодательства // СҲШ дар иқтисодиёти ҷаҳонӣ: 20 соли фаъолияти самарабахш ва дурнамо / С.Ш. Болтуев //Маводҳои конференсияи байналмилалии илмию амалии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон. 23 июни соли 2021. – Хуҷанд: Дабир, 2021. – 265с.
3. Взгляд на дипломатию под углом традиционных китайских ценностей: Интервью исполнительного секретаря Шанхайской организации сотрудничества Чжан Дэгуана (01 января 2022 года) Китайскому информационному Интернет-центру. [Электронный ресурс] http://russian. china. org. cn/russian /155694.htm - (дата обращения 21.04.2023с.)
4. Вохидов Т.Т. Правовое значение конституционных основ в осуществлении предпринимательской деятельности в некоторых странах Шанхайской Организации Сотрудничества / Т.Т. Вохидов. -Худжанд: Ношир, 2018. – 196с.
5. Муаррифии калонтарин кодекс, ки июли соли 2023 мавриди амал қарор мегирад // Садои мардум. - №21 (4604).
6. Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018 - 2028, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 06 феврали соли 2018 таҳти № 1005 тасдиқ гаштааст. [Манбаи электронӣ] - www.prezident. tj
7. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 06 ноябри соли 1994 дар раъйпурсии умумихалқӣ қабул карда шудааст, 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 ба тариқи раъйпурсии умумихалқӣ тағйироту дигаргуниҳо ворид карда шудаанд. [Манбаи электронӣ]. www.prezident. tj
8. Назаров Т. ШОС оказался живым организмом (интервью). [Электронный ресурс]. https://rusrek.com/news/v-mire/ tadzhikistan /429954-talbak-nazarov-shos-okazalas-zhivym-organizmom/ (дата обращения 22.04.2023с.)
9. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ». Душанбе, 23 декабри соли 2022. [Электронный ресурс] – www.prezident. tj
10. Саидов З. Внешняя политика Республики Таджикистан на современном этапе (1992-2005) / З.Саидов. – Душанбе: Шарки Озод. – 2006. - 560 с.
11. Хартия Шанхайской организации сотрудничества, принятая 07 июня 2002 года в Санкт Петербурге. [Электронный ресурс] - http://www.kremlin.ru/supplement /3450


## ОИДИ БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ ҲУҚУҚИИ УЗВИЯТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР СОЗМОНИ ҲАМКОРИИ ШАНХАЙ


Муносибатҳои байналмилалии давлатҳои алоҳида дар шароити ҷаҳонишавии имрӯза шарикӣ ва ҳамкории онҳоро на фақат дар доираи фаъолияти созмонҳои аллакай ташаккулёфтаи умумиҷаҳонӣ, балки дар миқёси минтақаҳои аниқ тақозо менамояд. Созмони Ҳамкории Шанхай намунаи амалии татбиқшавии раванди ҷаҳонишавӣ дар минтақаи алоҳида мебошад. Омузиши ҷараёни пайдошавӣ ва ташаккулёбии он бо иштироки фаъолонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун яке аз панҷ муассисони Созмони Ҳамкории Шанхай матлаби таҳқиқот дар мақолаи мазкур мебошад. Самаранокии танзими ҳуқуқии ташкил ва фаъолияти он боиси таваҷҷуҳи дигар давлатҳо ва торафт васеъ гаштани он мебошад. Созмони Ҳамкории Шанхай бо ташкилотҳои муътабари минтақавию ҷаҳонӣ, аз ҷумла, Созмони Милали Муттаҳид, Иттиҳоди Аврупо, Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ва ғайра самараҳои нек овард ва давлатҳои гуногуни минтақа, ба монанди Ҳиндустон, Эрон, Покистон аъзои комилҳуқуқ гаштанд. Созмони Ҳамкории Шанхай ба густариш ва самаранокии ҳамкории давлатҳои аъзои созмон ва минтақа мусоидат мекунад ва бояд гуфт, ки Тоҷикистон ҳамчун узви комилҳуқуқи Созмони мазкур аз чунин имконият оқилонаву самаранок истифода бурда истодааст.



**Калидвожаҳо:** ҷаҳонишавӣ, байналмилалӣ, геополитика, созмон, соҳибистиқлолӣ, наздисарҳадӣ, давлатдорӣ, ҳамшарикӣ, тамаддун, асоси ҳуқуқӣ, танзими ҳуқуқӣ, созмони ҳамкорӣ, ташкилотҳои байналмилалӣ.

## ОТНОСИТЕЛЬНО НЕКОТОРЫХ ЮРИДИЧЕСКИХ ВОПРОСОВ ЧЛЕНСТВА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН В ШАНХАЙСКОЙ ОРГАНИЗАЦИИ СОТРУДНИЧЕСТВА

Международные отношения отдельных государств в условиях современной глобализации требуют их партнерства и сотрудничества не только в рамках деятельности уже сформировавшихся глобальных организаций, но и в масштабах конкретных регионов. Шанхайская организация сотрудничества является практическим примером реализации процесса глобализации в конкретном регионе. Изучение процесса ее возникновения и становления при активном участии Республики Таджикистан как одного из пяти учредителей Шанхайской организации сотрудничества является предметом исследования в данной статье. Эффективность правового регулирования организации и ее деятельности привлекла внимание других стран и ее расширение. Шанхайская организация сотрудничества добилась хороших результатов с авторитетными региональными и мировыми организациями, включая ООН, Европейский Союз, Содружество Независимых Государств и др., а также различные государства региона, такие как Индия, Иран и Пакистан стали полноправными членами. Шанхайская организация сотрудничества способствует расширению и повышению эффективности сотрудничества между государствами-членами организации и региона, и следует сказать, что Таджикистан, как полноправный член этой организации, разумно и эффективно использует эту возможность.

**Ключевые слова:** глобализация, межнациональное, геополитика, организация, суверенитет, приграничный, государственность, партнерство, цивилизация, правовые основы, правовое регулирование, организация сотрудничество, международные организации

## REGARDING SOME LEGAL ISSUES OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN'S MEMBERSHIP IN THE SHANGHAI COOPERATION ORGANIZATION

The international relations of individual states in the conditions of today's globalization require their partnership and cooperation not only within the framework of the activities of already formed global organizations, but also on the scale of specific regions. The Shanghai Cooperation Organization is a practical example of the implementation of the globalization process in a particular region. The study of the process of its emergence and formation with the active participation of the Republic of Tajikistan as one of the five founders of the Shanghai Cooperation Organization is the subject of research in this article. The effectiveness of the legal regulation of the organization and its activities has attracted the attention of other countries and its expansion. The Shanghai Cooperation Organization has brought good results with respectable regional and world organizations, including the United Nations, the European Union, the Commonwealth of Independent States, etc., and various states of the region, such as India, Iran, and Pakistan, have become full members. The Shanghai Cooperation Organization contributes to the expansion and efficiency of cooperation between member states of the organization and the region, and it should be said that Tajikistan, as a full member of this organization, is using this opportunity wisely and efficiently.

**Keywords:** globalization, interethnic, geopolitics, organization, sovereignty, cross-border, statehood, partnership, civilization, legal foundations, legal regulation, organization cooperation, international organizations

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Гафурова Бишарифа Дадохӯҷаевна*** **-** Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва байналмилалӣ, муаллими калон. **Суроға:** 735700, шаҳри Хуҷанд, Ҷумҳурии Тоҷикистон, микроноҳияи 17, бинои 1. E-mail: **tursunova.sarvarhon@mail.ru**. Телефон: **+992926011900**

**Сведения об авторе:** ***Гафурова Бишарифа Дадоходжаевна*** **-** Таджикский государственныйо университет права, бизнеса и политики, кафедра предпринимательского и международного права, старший преподаватель. **Адрес:** 735700, город Худжанд, Республика Таджикистан, 17 микрорайон, дом 1. E-mail: **tursunova.sarvarhon@mail.ru.** Телефон: **+992926011900**

**Information about the author:** ***Gafurova Bisharifa Dadokhojaevna*** - Tajik State University of Law, Business and Politics, Department of Business and International Law, senior lecturer. **Address**: 735700, Khujand city, Republic of Tajikistan, 17 microdistrict, building 1. E-mail: **tursunova.sarvarhon@mail.ru**. Phone: **+992926011900**

ТДУ: 347.1

# НАҚШ ВА АҲАММИЯТИ ҲУҚУҚИИ БАРНОМАҲОИ ДАВЛАТӢ ДАР РУШДИ САРМОЯГУЗОРИИ СОҲАҲОИ ВОҚЕИИ ИҚТИСОДИЁТ

*Шикориева Л.Ш.*
**Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон**

Сармоягузорӣ моҳиятан ин ворид намудани маблағҳо, сармояи мақсаднок ба муҳлати муайян ба ҳар кадом объекти фаъолияти хоҷагидорӣ, соҳибкорӣ ва дар ҳар кадом шаклҳо фаҳмида мешавад, ки ба мақсадҳои шахсии сармоягузор равона гардидааст. Фаъолияти сармоягузорӣ, ҳамчун фаъолияти соҳибкорӣ барои ҷойгир намудани сармоя имрӯз пешбинӣ гардида, самара ва ё манфиати мусбии худро дар оянда муҳайё месозад.

Асосҳои конститутсионии танзими ҳуқуқӣ ва таъмини рушди сармоягузорӣ дар иқтисодиёти кишвар аз меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон [1] бармеояд. Баробари дигар шаклҳои моликият, давлат моликияти сармоягузоронро баробарҳуқуқ кафолат додааст. Озодии фаъолияти соҳибкорӣ, сармоягузорӣ дар иқтисодиёти Тоҷикистон кафолатнок гардида, давлат ҳифзи ҳуқуқии шаклҳои гуногуни фаъолияти сармоягузориро муқаррар намудааст.

Сармоягузорӣ ин амали фоиданоки сармоягузор вобаста ба гузоштани сармоя, маблағи муайян ба соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти кишвар, саноат, хизматрасонӣ, истеҳсоли маҳсулот ва ё дигар тарзи истифодаи он бо мақсади ба даст овардани фоида, муваффақ шудан ба натиҷаҳои иқтисодӣ мебошад.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ ишора ба чунин хусусияти сармоягузорӣ қайд гардидааст, ки аз тарафи сармоягузор ба объектҳои фаъолияти сармоягузорӣ (маблағ, коғазҳои қиматнок, таҷҳизоти истеҳсолию технологӣ, натиҷаи фаъолияти зеҳнӣ, ки ба сармоягузор аз рӯйи ҳуқуқи моликият ба ӯ мансубанд) бо мақсади гирифтани фоида ва ё расидан ба натиҷаи дигари назарраси фоиданок гузошта шудаанд [15, с.288]. Сармоягузорӣ фаъолияти соҳибкорӣ буда, ба қайди давлатӣ гирифта шудани субъекти сармоягузориро талаб менамояд. Баръакси ҳолат, фоидаи ба даст оваранда ғайриқонунӣ ҳисобида мешавад. Барои ҳамин ҳам, ба сармоягузорӣ нишонаҳои қонунии фаъолияти соҳибкорӣ пурра хос аст.

Дар замони муосир, масъалаҳои рушди фаъолияти сармоягузорӣ дар иқтисодиёти Тоҷикистон ҳама вақт зери диққати давлату Ҳукумати кишвар қарор доранд. Дар ин ҷода, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 декабри соли 2022 махсус таъкид намуда буданд: «Ҳукумати мамлакат вазифадор аст, ки ҷиҳати боз ҳам беҳтар намудани фазои сармоягузориву соҳибкорӣ, махсусан, сармоягузории мустақим, таъмин намудани иҷрои кафолату имтиёзҳо ва чораҳои дастгирии давлатӣ, ҳавасмандгардонӣ ва қадрдонии соҳибкорон, инчунин, рушди инфрасохтори сармоягузориву соҳибкорӣ тадбирҳои иловагиро роҳандозӣ намояд» [2].

Дар радифи ин қайд кардан зарур аст, ки ҷанбаҳои гуногуни таъмини рушди фаъолияти сармоягузорӣ дар меъёрҳои қонунгузории амалкунанда, санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии мақомоти давлатӣ дар ҳар сатҳ инъикос гардидаанд. Пеш аз ҳама, санади меъёрии ҳуқуқӣ ин ҳуҷҷати расмии шакли муқарраршудаест, ки бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ ё аз ҷониби мақомоти давлатӣ ё худидоракунии шаҳрак ва деҳот ё шахси мансабдори ваколатдори давлатӣ қабул гардида, хусусияти умумиҳатмӣ дорад, меъёрҳои ҳуқуқиро муқаррар менамояд, тағйир медиҳад ва ё бекор мекунад (моддаи 2 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 2017 «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» [6]).

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти сармоягузорӣ мисли дигар соҳаҳои фаъолияти соҳибкорӣ бо меъёрҳои қонунгузории соҳавӣ ба танзим даровარда шуда истодааст. Сармоягузорӣ ва ҷанбаҳои гуногуни он бо чунин қонунҳо ба танзим фаро гирифта шудааст: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 2016 «Дар бораи сармоягузорӣ» [4] ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 2013 «Дар бораи

Созишномаи сармоягузорӣ» [5].

Дар баробари ин, ба нақш ва аҳаммияти сармоягузорӣ ва самтҳои гуногуни фаъолияти сармоягузорӣ дар рушди иқтисодиёти Тоҷикистон мувофиқи санадҳои зерқонунӣ диққати махсус дода мешавад. Аз ҷумла, дар «Консепсияи сиёсати давлатии ҷалб ва ҳимояи сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» [9], ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №755 аз 29 декабри соли 2012, «Стратегияи миллӣ рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030» [10], Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, №50 аз 1 марти соли 2023 «Барномаи дастгирии давлатӣ ва рушди бахши хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2027» [11] ва ғайра самтҳои асосии таъмини рушди фаъолияти сармоягузорӣ асоснок мустаҳкам карда шудаанд.

Олимон қайд менамоянд, ки ҳар кадом дурнамо, стратегияҳои миллии рушд, пеш аз ҳама, аз тарафи Ҳукумату давлат таҳия ва қабул гардида, баҳри таъмини ҳадафҳои асосӣ равона карда мешаванд [14, с. 202]. Мақомоти қонунгузор дар меъёрҳои қонунҳои амалкунанда асоснок менамояд, ки барномаи мақсадноки давлатӣ ин маҷмуи чорабиниҳо ва нақшаҳои мувофиқашуда ҷиҳати расидан ба ҳадаф ва афзалиятҳои гузошташудаи давлат дар давраи миёнамуҳлат бо дар назар доштани хусусиятҳои хос, иқтидору захираҳои мавҷудаи соҳаҳои дахлдор, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тарҳрезӣ мешаванд (сархати 8 моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон, №1544, аз 3 августи соли 2018 «Дар бораи дурнамоҳои давлатӣ, консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» [7]).

Ҷолиби қайд аст, ки мақомоти қонунгузори Тоҷикистон принсипҳои асосии таъмини низоми дурнамосозии давлатии рушди иҷтимоию иқтисодиро қонунан муқаррар намудааст. Аз мазмуни меъёрҳои моддаи 3 Қонуни, №1544 аз соли 2018 равшан мегардад, ки ташкил ва фаъолияти низоми дурнамосозии давлатӣ ба принсипҳои зерин асос меёбанд: а) ягонагӣ; б) воқеият; в) асоснокии илмӣ; г) шаффофият; ғ) масъулиятнокӣ (ҷавобгарӣ).

Ба андешаи мо, дар таъмини ҳуқуқии фаъолияти сармоягузорӣ, таъмини барномаҳои давлатӣ дар рушди сармоягузории соҳаҳои воқеии иқтисодиёти Тоҷикистон татбиқи реалии ҳар як принсипи қонуни мазкур муҳим ва зарур мебошад. Зеро, дар ҳамаи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии мақомоти давлатӣ принсипҳои мазкур мастаҳкам карда шудаанд. Лекин дар амал татбиқи принсипҳои болозикр аз ҷониби ҳамаи субъектони ҳуқуқӣ, беҳбудиро талаб менамояд.

Бештар аз он, таъмини амалии принсипҳои ишорагардида дар меъёрҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ» №907 аз 28 декабри соли 2012 [8], мувофиқ ба принсипҳои адолатнокӣ, баробарӣ, беғаразӣ, шаффофият, рақобати солим, волоияти қонун ишора гардидаанд. Албатта, фаҳмидан душвор нест, ки аз рӯйи моҳияти амали қонун, шарикии давлат ва бахши хусусӣ ин ҳамкории шарикони давлатӣ ва хусусӣ дар татбиқи лоиҳаҳои соҳаи инфрасохтор ва хизматрасонии иҷтимоӣ дар муҳлати муқаррарнамудаи созишномаи шарикии давлат ва бахши хусусӣ мебошад. Аз як тараф, шарики давлатӣ ин мақомоти марказӣ ё маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, аз тарафи дигар, бахши хусусӣ ин соҳибкори инфиродӣ ё шахси ҳуқуқие, ки муассиси он шахси воқеӣ ва ё ҳуқуқии ғайридавлатӣ мебошад, баромад мекунанд.

Ба андешаи мо, худи мафҳуми “шарикӣ” низ ифодакунандаи ягонагӣ, шаффофияту ҷавбогарии тарафҳо, субъектони муносибатҳои ҳуқуқӣ буда, “ҳамкорӣ”-ро ифода менамояд. Ҷолиби қайд аст, ки баҳри татбиқи ҳамин сиёсати давлат «Барномаи дастгирии давлатӣ ва рушди бахши хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2027» бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 марти соли 2023 қабул гардидааст.

Дар қисмати муқаррароти умумии Барнома оварда шудааст, ки Барномаи дастгирии давлатӣ ва рушди бахшу хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2027 бо мақсади фароҳам овардани шароити мусоид барои ба роҳ мондани фаъолияти бахши хусусӣ ҳамчун яке аз омилҳои асосии ҳалли масъалаҳои иҷтимоию иқтисодии кишвар бо роҳи таъмини шуғл ва баланд бардоштани сатҳи воқеии некуаҳволии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардидааст.

Барои ноил шудан ба ҳадафҳои Стратегии миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 рушди босуръати бахши хусусӣ зарур буда, он ба беҳтар кардани фазои соҳибкорӣ мусоидат менамояд ва дар ин самт таҳияи маҷмуи тадбирҳои мушаххас пешбинӣ мегардад.

Мувофиқи муқаррароти банди 3 Барномаи мазкур, рушди бахши хусусӣ тавассути беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ яке аз самтҳои муҳимтарини сиёсати созандаи давлат мебошад.

Оид ба рушди сармоягузорӣ ба соҳаҳои воқеии иқтисодиёт дар «Барномаи дастгирии давлатӣ ва рушди бахши хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2027» боби 5, бо номи "Ташкил ва рушди механизмҳои самаранок барои ҷалби маблағҳо ба бахши воқеии иқтисодиёт ва инфрасохтор" пешбинӣ карда шудааст. Қайд гардидааст, ки тибқи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, зиёдшавии маблағҳо ба бахши воқеии иқтисодиёт ва инфрасохтор ҳамчун заминаи асосӣ барои рушди иқтисодиёт ва ноил шудан ва ҳадафҳои стратегии миллӣ, аз ҷумла саноатикунонии босуръат ва рушди пурмаҳсул мегардад.

Рушди иқтисодиёт тавассути ҷалби маблағҳои бахши хусусии хориҷиву ватанӣ ва пасандозҳо таъмин гардида, он танҳо дар ҳолати баланд шудани сатҳи рақобатпазирӣ ва ҷолибияти муҳити соҳибкорӣ, мустаҳкам гаштани суботи макроиқтисодӣ, инчунин рушди самаранок ва амиқи бахши молиявӣ ба вуқуъ меояд.

Пайдоиш ва паҳншавии бемориҳои сироятии ниҳоят хавфнок, аз ҷумла бемории сироятии COVID-19 дар саросари ҷаҳон, воридоти маблағҳои бахши хусусии хориҷиро коҳиш дода, ба шиддат гирифтани рақобат байни кишварҳои ҷаҳон оварда расонидааст.

Олимон қайд менамоянд, ки дар Тоҷикистон зарурияти таъсироти давлат ба соҳаҳои иқтисодиёт вуҷуд дорад. Таъсири давлатро ба иқтисодиёт ҳамчун фаъолияти мақсадноки мақомоти давлатӣ муайян кардан мумкин аст, ки он дар шаклҳои ҳуқуқӣ, сиёсати иқтисодии давлат татбиқ карда мешавад.

Зарурияти таъсиррасонии давлат дар шароити рушди муносибатҳои бозорӣ аз рӯйи вазифаҳои асосӣ, ки бо ҳифзи манфиатҳои ҷамъияту омма алоқаманд аст, муқаррар карда мешавад [16,с.111].

Дар баробари ин, дар татбиқи барномаҳои давлатӣ нисбати рушди сармоягузории соҳаҳои воқеии иқтисодиёти Тоҷикистон зарурияти андешидани механизмҳои самаранокро тақозо менамояд. Ба андешаи мо, рушди соҳаҳои асосии иқтисодиёти кишвар сармоягузории бештарро тақозо дорад. Дар шароити имрӯза рушди соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ ба дастгирии давлатӣ ва ҳавасмандгардони давлатӣ ниёзманд аст. Баробари рушд ёфтани соҳаҳои асосии иқтисодиёт ба воситаи сармоягузорӣ, бештар аз ҳама сармоягузории хориҷӣ, ҳадафҳои миллӣ, ки дар меъёрҳои Конститутсия, қонунҳои кишвар пешбинӣ ва мустаҳкам гардидаанд, татбиқ мегарданд [17,с.276].

Бозоров Р.Б. дуруст қайд менамояд, ки давлат – гирандаи сармояҳо, ҳамаҷониба ҳавасманд аст, ки ҷараён ва ҷоришавии сармоягузорӣ дар иқтисодиёт зиёд гардад. Барои ин фазои сармоягузории муфид таъсис медиҳад, имтиёзҳоро ҳам андозӣ ва ҳам гумрукиро муқаррар менамояд, зеро сармоягузорони хориҷӣ мушкилотро ҳис накунанд, ҳуқуқи онҳо поймол нагардад [13,с.58].

Ҳамчун қоида, дар ҳар кадом танзими давлатӣ, алалхусус дар соҳаи сармоягузории соҳаҳои иқтисодиёти кишвар мушкилоту душвориҳо мавҷуданд. Яке аз ин мушкилӣ ва ё душвориро олимон чунин ишора менамоянд: таҳлили ҳолати муосири фаъолияти инвеститсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз он шаҳодат медиҳад, ки на ҳама вақт қонуниятҳо татбиқ ва амалишавии лоиҳаҳои инвеститсионӣ риоя мешаванд. Ба ин якчанд омилҳо таъсири худро мерасонад, ки дар байни онҳо сатҳи коррупсияро бояд махсус таъкид намуд [12,с.37].

Дар радифи ин қайд кардан лозим аст, ки дар қонунгузории амалкунандаи соҳаи сармоягузорӣ, ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ, шарикии давлат ва бахши хусусӣ ва ғайра, меъёрҳои зарурии пешгирии душвориҳо ва мушкилот пешбинӣ шудаанд. Аз ҷумла, дар «Барномаи дастгирии давлатӣ ва рушди бахши хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2027» боби 4, бо номи "Ислоҳоти

институтсионалӣ барои беҳтар намудани фазои соҳибкорӣ” пешбинӣ карда шудааст. Фаслҳои боби мазкур: 1) Такмили қонунгузорӣ барои рушди босуръати бахши хусусӣ; 2) Такмил ва рушди минбаъдаи низоми ҳимояи давлатии манфиатҳои қонунии соҳибкорӣ; 3) Бартараф намудани монеаҳои маъмурии зиёдатӣ дар рушди фаъолияти бахши хусусӣ; 4) содагардонии маъмурикунонии андоз ва мунтазам коҳишдиҳии меъёрҳои андоз барои бахши хусусӣ; 5) фароҳам овардани фазои мусоиди соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ; 6) рушди низоми иҷрои карордодҳо ва таъмини ҳуқуқҳои молумулкӣ; 7) ҷорӣ намудани таҷрибаи пешқадами ҷаҳонӣ дар самти идоракунии дастаҷамъӣ, бевосита ишора ба он мекунанд, ки душворӣ ва мушкилоти мавҷуда ҳарчӣ тезтар бартараф гардида, фазои солим барои рушди фаъолияти сармоягузорӣ таъмин карда шаванд.

Албатта, тавре амалияи замони муосир дар арсаи байналмилалии танзими ҳуқуқӣ ва рушди фаъолияти сармоягузорӣ дар иқтисодиёт шаҳодат медиҳад, бахши сармоягузорӣ бе истифодаи механизми имтиёзҳо, ҳавасмандгардонӣ, умуман сабукгардонии низоми андозбандию гумрукӣ ғайриимкон мебошад. Дар ин ҷода, мувофиқи «Барномаи дастгирии давлатӣ ва рушди бахши хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2027» (банди 41) барои ҳалли масъалаҳои гузошташуда вазифаҳои зерин пешбинӣ гардидаанд:

1) Мукаммал намудани сиёсати ҷалби сармоя тавассути амалӣ намудани тадбирҳои зерин: а) тақвият додани фаъолияти Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигарҳо; б) тақвият бахшидан ба фаъолияти шуроҳо оид ба рушди соҳибкорӣ ва беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ; в) рушди механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ барои ҷалби маблағҳои хусусӣ ҷиҳати амалисозии лоиҳаҳои инфрасохторӣ дар ҷумҳурӣ; г) амалӣ намудан лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар соҳаи тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ.

2) Такмил ва ҷорӣ намудани табдирҳои нав барои беҳтар намудани ҷолибияти муҳити соҳибкорӣ ва рақобатпазирӣ, тавассути: а) мусоидат ба фароҳам овардани заминаҳои ташаккулёбӣ ва фаъолияти самараноки кластерҳои истеҳсолӣ барои рушди шаҳрҳои хурд; б) ташкили инфрасохтори зарурӣ дар шаҳру ноҳияҳо барои бунёди корхонаҳои нави истеҳсолӣ; в) баланд бардоштани рақобатнокии минтақаҳои озоди иқтисодии Тоҷикистон дар сатҳи байналмилалӣ, баланд бардоштани ҷолибияти онҳо ва ҷалби бештари сармоя ба минтақаҳои озоди иқисодӣ бо инфрасохтори лозима, ва ғайра.

Ҳамин тариқ, дар ин санади давлатӣ мустаҳкам карда шудааст, ки сиёсати давлатии ҷалб ва ҳимояи сармоягузорӣ ба рушди иҷтимоию иқтисодии давлат ва ноил гардидан ба самараи манфиати умум дар соҳаи сармоягузорӣ нигаронида шуда, иштироки бевоситаи давлатро дар фаъолияти сармоягузории дорои аҳаммияти ҷамъиятӣ ва инчунин ҳавасмандгардонии фаъолияти сармоягузории аз тарафи бахши хусусӣ анҷом додашударо дар бар мегирад.

Фаъолияти сармоягузорӣ ҳамчун намуди фаъолияти соҳибкорӣ бо мақсади ба даст овардани фоида амалӣ карда мешавад. Муносибатҳои ҳуқуқие, ки бо ба амал баровардани фаъолияти сармоягузорӣ алоқамананд, дар асоси шартномаҳо татбиқ карда мешаванд. Маҳз шартномаҳо дар соҳаи фаъолияти сармоягузорӣ яке аз шаклҳои ҳуқуқии амалигардонии фаъолияти сармоягузорӣ мебошанд. Дар ин соҳа имрӯзҳо якчанд намуди шартномаҳо истифода бурда мешаванд, ба монанди хариду фурӯш, аҳдҳои ивази мол, маҳсулотсупорӣ, суғурта, лизинг (иҷораҳои дигар), оиди иҷроиши корҳои пудратӣ, аз ҷумла сохтмонӣ, оиди иҷроиши корҳои илмию тадқиқотӣ ва корҳои санҷишию ихтироотӣ, факторинг, консессияи тиҷоратӣ ва ғайра.

Барномаҳои давлатӣ, конспесия ва стратегияҳои давлатӣ дар самти рушди сармоягузории соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ бо меъёрҳои конститутсионӣ асоснок гардидаанд, ки нақш ва аҳаммияти калон доранд. Дар иртибот ба ин, имрӯз соҳаҳои воқеии иқтисодиёти миллӣ доираи васеи муносибатҳои ҷамъиятӣ-ҳуқуқиро ифода намуда, бо соҳаҳои муосири ҳуқуқ алоқаманд мебошанд. Муносибатҳои соҳаи мазкур мунтазам тағйир ва рушд меёбанд, ки мақомоти қонунгузорӣ ва иҷроия бо санадаҳои

меъёрӣ-ҳуқуқӣ онҳоро ба танзим медарорад. Албатта, имруз дар танзими ҳуқуқии соҳаҳои воқеии иқтисодиёти миллӣ (сармоягузорӣ, саноат, фаъолияти иқтисоди хориҷӣ, кишоварзӣ, соҳибкории хурд ва миёна) бисёр масъалаҳое ҷой доранд, ки диққати ҳуқуқшиносонро ба худ ҷалб намудаанд.

**Муқарриз: н.иҳ., дотсенти ДДҲБСТ - Самадов Б.О.**

**АДАБИЁТ**


1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Ганҷ, 2016.
2. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон», 23.12.2022с. [Манбаи электронӣ] // www.president.tj (санаи муроҷиат 30.12.2022с.).
3. Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, №12, қисми 1 (1566), 2022.
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сармоягузорӣ» // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2016, № 3, мод. 152, ҚҶТ аз 3.08.2018 № 1547 (www.mmk.tj (санаи муроҷиат 01.07.2023)).
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Созишномаи сармоягузорӣ» // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2013, №3, мод. 187; Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 с., №1435 (www.mmk.tj (санаи муроҷиат 01.07.2023)).
6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2017, №5, қ.1., мод.271 (www.mmk.tj (санаи муроҷиат 01.07.2023)).
7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дурнамоҳои давлатӣ, консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» // www.mmk.tj (санаи муроҷиат 01.07.2023).
8. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ» // www.mmk.tj (санаи муроҷиат 01.07.2023).
9. Консепсияи сиёсати давлатии ҷалб ва ҳимояи сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон // http://base.mmk.tj/view_sanadhoview.php?showdetail=&sanadID=604 (санаи мурочиат 17.12.2022).
10. «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030» // http://www.tajikngo.tj/-mainmenu-1/item/3105-natsionalnaya-strategiya-razvitiya-respubliki-tadzhikistan-na-period-do-2030-goda/tj/component/k2/itemlist.html (санаи муроҷиат 15.11.2022)
11. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Барномаи дастгирии давлатӣ ва рушди бахши хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2027» // Маводҳои корӣ ва бойгонии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд, аз соли 2023.
12. Бобоҷонов Д.Д., Раҳимова Н.Ш. Масъалаҳои самаронкии лоиҳаҳои инвеститсионии минтақавӣ // «Таъмини рушди устувор ва рақобатпазирии иқисодиёти миллӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ». Форуми ҷумҳуриявии иқтисодӣ, ДДҲБСТ, 11 декабри соли 2020. – Хуҷанд, Дабир, 2020. – 528с.
13. Бозоров Р.Б. Субъекты инвестиционных правоотношений // Масъалаҳои муҳимми ҳуқуқи гражданӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Р.Б. Бозоров //Маводи конференсияи чумҳуриявии илмию амалии ДМТ (8-уми июни соли 2019). -Душанбе, 2019. – 288с.
14. Раҳимзода М. З. Ҳуқуқи соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон. Китоби дарсӣ / М. З.Раҳимзода, Д. Ш.Сангинов. – Душанбе: ДМТ, 2021. – 400с.
15. Самадов Б. О. Ҳуқуқи соҳибкорӣ. Китоби дарсӣ / Б. О. Самадов. – Хуҷанд: Ношир, 2019. -Қ. 2.– 420с.
16. Самадов Б. О. Оид ба моҳияти низоми чорабиниҳои карантинӣ баҳри ҳифзи саломатии ҷомеа мувофиқи қонунгузории Тоҷикистон // Проблемаҳои ҳуқуқӣ дар шароити мавҷудияти COVID-19 / Б. О.Самадов, З. А. Самадова. – Душанбе: ДДТТ, 2020. – 180с.
17. Самадов Б. О. Хусусияти таъминоти ҳуқуқии фаъолияти сармоягузорӣ дар рушди иқтисодиёти миллӣ / Б. О.Самадов, Л. Ш.Шикориева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ, 2022. -№8. – Душанбе, 2022. – 358с.



**НАҚШ ВА АҲАММИЯТИ ҲУҚУҚИИ БАРНОМАҲОИ ДАВЛАТӢ ДАР ТАЪМИНИ РУШДИ САРМОЯГУЗОРИИ СОҲАҲОИ ВОҚЕИИ ИҚТИСОДИЁТ**

Дар танзими ҳуқуқӣ ва рушди соҳаи сармоягузорӣ дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон санадҳои ҳуқуқӣ нақш ва аҳаммияти калон доранд. Як қатор барномаҳои давлатӣ, консепсияҳо ва стратегияҳо таҳия ва қабул карда шудаанд, ки ҷанбаҳои гуногуни сармоягузорӣ, фаъолияти сармоягузориро дар кишвар дар бар гирифтаанд. Дар мақолаи мазкур моҳият, нақш ва аҳаммияти меъёрҳои қонунгузории сармоягузорӣ, Консепсияи сиёсати давлатии ҷалб ва ҳимояи сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030, Барномаи дастгирии давлатӣ ва рушди бахши хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2027 баррасӣ гардидаанд. Оид ба хусусияти танзими ҳуқуқӣ ва таъмини рушди фаъолияти сармоягузорӣ вобаста ба меъёрҳои конститутсионӣ, қонунҳои кишвар дар бораи сармоягузорӣ, созишномаи сармоягузорӣ баъзе таҳлилҳои ҳуқуқӣ, андешаҳои муаллиф оварда шудаанд. Муаллиф дар асоси омӯзиш ва таҳлили корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, оид ба ҷанбаҳои танзими ҳуқуқии фаъолияти сармоягузорӣ, нақш ва аҳаммияти меъёрҳои санадҳои давлатӣ, амалияи субъектони сармоягузорӣ ва мақомоти давлатии танзими фаъолияти соҳибкорӣ фикру андешаҳояшро ироа намудааст.

**Калидвожаҳо:** Конститутсия, ҳуқуқ, қонунгузорӣ, стратегияи миллӣ, барномаи давлатӣ, таъмини ҳуқуқ, уҳдадорӣ, кафолати давлатӣ, мақомоти давлатӣ, дастгирии соҳибкорӣ, сармоягузорӣ.

## РОЛЬ И ПРАВОВОЕ ЗНАЧЕНИЕ ГОСУДАРСТВЕННЫХ ПРОГРАММ В ОБЕСПЕЧЕНИИ РАЗВИТИЯ ИНВЕСТИЦИЙ В РЕАЛЬНОМ СЕКТОРЕ ЭКОНОМИКИ

В правовом регулировании и развитии сфер инвестиций, инвестиционной деятельности в экономике Республики Таджикистан большую роль играют государственные акты, они имеют важное значение. Разработаны и приняты ряд Государственных программ, Концепций и национальных Стратегий, которые охватывают разные сферы развития инвестиционной деятельности, инвестиций в экономике страны. В настоящей статье рассматриваются сущность, роль и значение законодательных норм в сфере инвестиций, Концепция государственной политики привлечения и защиты инвестиций в Республике Таджикистан, Национальная Стратегия развития Республики Таджикистан на период до 2030 года, Государственная Программа поддержки и развития частного сектора в Республике Таджикистан на 2023-2027 годы. Особенности правового регулирования и обеспечения развития инвестиционной деятельности в соответствии конституционными нормами, законами об инвестициях, инвестиционных соглашениях и проведенный правовой анализ правовых норм приводит автора статьи к соответствующим выводам. Автором сделаны выводы в ходе изучения и анализа научно-исследовательских трудов, сферы правового регулирования инвестиционной деятельности, роли и значения государственных правовых актов, субъектов инвестиционной деятельности и государственных органов власти в рамках настоящего научного исследования.

**Ключевые слова:** Конституция, право, законодательство, национальная стратегия, государственная программа, правовое обеспечение, обязательство, государственная гарантия, государственный орган, поддержка предпринимательства, инвестиции.

## THE ROLE AND LEGAL SIGNIFICANCE OF STATE PROGRAMS IN PROVIDING THE DEVELOPMENT OF INVESTMENTS IN THE REAL SECTOR OF THE ECONOMY

In the legal regulation and development of investment areas, investment activities in the economy of the Republic of Tajikistan, state acts play an important role, they are of great importance. A number of State Programs, Concepts and National Strategies have been developed and adopted, which cover various areas of development of investment activity, investments in the country's economy.This article discusses the essence, role and significance of legislative norms in the field of investment, the Concept of the state policy for attracting and protecting investments in the Republic of Tajikistan, the National Development Strategy of the Republic of Tajikistan for the period up to 2030, the State Program for Support and Development of the Private Sector in the Republic of Tajikistan for 2023-2027 years. Features of legal regulation and ensuring the development of investment activities in accordance with constitutional norms, laws on investments, investment agreements and a number of legal analysis of legal norms leads to the corresponding conclusions of the author of the article. The author draws conclusions in the course of studying and analyzing research papers, the scope of legal regulation of investment activities, the role and significance of state legal acts, the activities of subjects of investment activity and government authorities in the framework of this scientific study.

**Keywords:** Constitution, law, legislation, national strategy, state program, legal support, obligation, state guarantee, state body, support for entrepreneurship, investment

**Маълумот дар бораи муаллиф**: ***Шикориева Лайло Шикориевна*** – Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, унвонҷӯй, кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва байналмилалӣ. **Суроға:** 735700, шаҳри Хуҷанд, Ҷумҳурии Тоҷикистон, микроноҳияи 17, бинои 1. Телефон: **+992 926-21-49-49.** E-mail: **shikorieval@mail.ru**

**Сведения об авторе*:*** ***Шикориева Лайло Шикориевна*** – Таджикский государственный университет права, бизнеса и политики соискатель, кафедра предпринимательского и международного права. **Адрес:** 735700, город Худжанд, Республика Таджикистан, 17 микрорайон, дом 1. Телефон: **+992 926-21-49-49.** E-mail: **shikorieval@mail.ru**

**Information about the author:** ***Shikorieva Lailo Shikorievna*** – Tajik State University of Law, Business and Politics, applicant, Department of Business and International Law. **Address:** 735700, Khujand city, Republic of Tajikistan, 17 microdistrict, building 1. Phone: **+992 926-21-49-49.** E-mail: **shikorieval@mail.ru**

ТДУ: 347.21(575.3)

# ТАШАККУЛИ ПАДИДАИ ВАКОЛАТДОР ОИД БА ҲУҚУҚИ ИНСОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

*Ғозиева М.Х.*
**Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон**

Ҳар як мақомоти ҳокимияти давлатӣ вобаста ба салоҳияташон вазифаҳои ба худ хосро иҷро менамоянд. Дар илми ҳуқуқи конститутсионии муосир масъалаи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон, ки дар бисёр давлатҳо ҳамчун омбудсмен маълум мебошад, то ҳол яке аз масъалаҳои кам омӯхташуда боқӣ мемонад. Дар адабиёти ҳуқуқӣ [10] вобаста ба ҳуқуқи инсон дар низоми механизмҳои миллии ҳифзи ҳуқуқҳои инсон омбудсменро низ ҷудо менамоянд. Оид ба тафсири мафҳуми омбудсмен назарҳои мухталиф мавҷуданд.

Аз ҷумла, Грудинин Н.С. зери мафҳуми омбудсмен ходими давлатиеро мефаҳмад, ки мақсадаш ҳифзи хуқуқии шаҳрвандон аз рафтори нодурусти мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдори он, ки кафолатҳои конститутсионӣ ва байналмилалии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро вайрон мекунанд, мебошад [5,с.183]. А.Ю. Семёнова бошад, таҳти падидаи омбудсмен хизмат дар доираи ҳокимияти қонунгузорро мефаҳмад, ки шикояти шаҳрвандонро аз болои шахсони мансабдори ҳокимияти давлатие, ки ҳуқуқу озидиҳояшонро поймол кардаанд, қабул менамояд [12,с.15-21].

Ҳамин тариқ, Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон мақомоти махсуси ҳокимияти давлатӣ мебошад, ки ба ягон шохаи ҳокимият вобаста набуда, ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро аз поймолшавӣ ба амал мебарорад.

Барои инкишофи ҳаматарафаи падидаи мазкур омӯзиши таҷрибаи татбиқи он зарур аст. Чи тавре ки Ишук В.Г. қайд мекунад: “Таърих на танҳо тарафҳои мусбат ва манфии падидаҳои мавҷуда мебошад. На танҳо донишҳои он, балки фаҳмиши моҳияти он зарур аст. Дар натиҷаи муроҷиат ба гузашта стереотипҳои гуногуне, ки пештар ноустувор менамуданд, нобуд мешаванд. Омӯзиши таҷрибаи гузашта ба таҳлилкунанда имконияти муайянкунии осонтари оянда ин ё он падидаро медиҳад” [6].

Мувофиқан, таҳлили ҳар як мақомоти ҳифзи хуқукро аз омӯзиши пайдоиши он оғоз кардан мувофиқи мақсад мебошад.

Омбудсмен аз калимаи шведии «ombudsman» гирифта шуда, маънояш «намояндаи манфиати гурӯҳе» мебошад. Аввалин маротиба Ваколатдор оид ба ҳуқуқҳои инсон (омбудсмен) соли 1809 дар Шоҳигарии Шветсия мувофиқи Конститутсияи ҳамон сол қабулшуда, аз тарафи мақомоти олии намояндагӣ (Риксдаг), бо мақсади ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон аз худсариҳои шахсони мансабдори ҳокимияти давлатӣ таъсис дода шудааст [3]. Муддати тулонӣ ғояи таъсиси вазифаи омбудсмен дар дигар низомҳои ҳуқуқӣ, ғайр аз низоми ҳуқуқии шведӣ қабул намешуд. Бо вуҷуди ин, бо гузашти вақт, вазифаи омбудсмен тибқи намунаи шведӣ дар дигар кишварҳои Аврупои Шимолӣ, аз ҷумла, соли 1919 дар Ҷумҳурии Финландия, соли 1952 дар Шоҳигарии Норвегия ва як сол баъд дар Шоҳигарии Дания ҷорӣ карда шуд. Аз байни давлатҳои ғайриаврупоӣ, аввалин шуда соли 1962 Зеландияи Нав мақоми омбудсменро ҷорӣ кард. Аз байни давлатҳои сотсиалистӣ бошад, аввалин бор дар Ҷумҳурии Полша соли 1987 мақоми омбудсмен ҷорӣ шудааст. Айни замон дар 100 кишвари ҷаҳон омбудсменҳо вазифаҳои худро иҷро мекунанд. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ҳамчун давлати соҳибихтиёр ва демократӣ падидаи мазкурро дар давлати худ ҷорӣ намудааст. Моҳи апрели соли 2007 Комиссари Олии Созмони Милали Муттаҳид оид ба ҳуқуқи инсон - Луиза Арбур, бо мақсади ворид сохтани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба зумраи давлатҳои тадбирандеш дар самти ҳуқуқи инсон ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намуд, ки падидаи омбудсменро таъсис диҳанд. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар Паёми худ соли 2007 ба Парламенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ин нуқтаро пешниҳод намуда, изҳор дошт: “Ман ҳамчун Президент вазифаи худ медонам, ки меъёрҳои Конститутсияи мамлакат оид ба арзиши

олӣ эътироф шудани инсон ва ҳуқуқу озодиҳои ӯ пайваста ва пайгирона татбиқу таъмин карда шаванд.

Бо мақсади пурзӯр намудани фаъолият дар ин бахш ва густариши минбаъдаи раванди демократикунонии ҷомеа, инчунин баланд бардоштани сатҳи ҳимояи ҳуқуқи инсон чунин мешуморам, ки дар мамлакатамон вақти ҳалли масъалаи таъсис додани институти миллии Ваколатдори ҳуқуқи инсон расидааст.

Ин сохтор ҳамчун яке аз институтҳои демократӣ бояд робита ва ҳамкории мақомоти давлатиро бо ҷомеаи шаҳрвандӣ боз ҳам тақвият диҳад. Зарур аст, ки барои таъсиси чунин сохтор тадбирҳои ташкиливу ҳуқуқӣ андешида шаванд" [1]. 20 марти соли 2008 бо қабул намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" мақоми мазкур таъсис дода шуда, ба фаъолият шуруъ намуд.

Номгузории расмии вазифаи мазкур дар давлатҳои гуногун аз ҳам фарқ мекунад. Аз ҷумла, дар Британиёи Кабир ин вазифаро Вакили парлумонӣ оид ба корҳои маъмурият меноманд, дар Ҷумҳурии Федералии Олмон бошад, вобаста ба соҳаҳои назоратшаванда якчанд навъи падидаи омбудсмен мавҷуд аст. Масалан, дар сатҳи федералӣ "Вакили Бундестаг оид ба арзу шикоятҳо" ва дар сатҳи заминҳо бошад, мансаби "Омбудсмени ҷамъиятӣ" ва "Вакили шаҳрвандон" амал мекунанд. Дар Исроил бошад, он "Вакили парлумонӣ" номида шудааст. Бар хилофи дигар механизмҳои ҳифзи ҳуқуқҳои инсон, омбудсмен зимни ҳалли баҳсҳо на танҳо меъёрҳои ҳуқуқӣ, балки принсипҳои ҳуқуқиро низ ба роҳбарӣ гирифта метавонад. Мувофиқан, омбудсмен имконият дорад, ки ҳатто ҳуқуқҳоеро, ки қонунан мустаҳкам нагардидаанд, ҳифз намояд.

Вобаста ба он, ки омбудсмен кадом намуди фаъолият ё риояи кадом ҳуқуқҳоро назорат мекунад, намудҳои гуногуни омбудсменҳо мавҷуданд. Масалан, метавонанд Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон, Ваколатдор оид ба ҳифзи хуқуқҳои кӯдак, Ваколатдор оид ба ҳуқуқи соҳибкорӣ ва соҳибкорон, Ваколатдор оид ба ҳуқуқи ВАО, Ваколатдор оид ба ҳуқуқҳои молиявӣ, Ваколатдор оид ба назорати нарх ва ғайра вуҷуд дошта бошанд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ғайр аз Ваколатдор оид ба ҳуқуқҳои инсон, инчунин вазифаи муовини Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон-Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак мутобиқи Қонуни ҶТ аз 15 марти соли 2016 таъсис дода шудааст.

Асосҳои ҳуқуқии ташкил ва фаъолияти омбудсмен дар ҳар давлат метавонад дар сатҳи гуногун - конститутсионӣ, қонунҳои конститутсионӣ, қонунҳо мустаҳкам карда шаванд. Ба фикри мо, дар конститутсияҳои давлатҳо мустаҳкам кардани асоси фаъолияти омбудсмен ба мақсад мувофиқтар аст. Вале, якчанд давлатҳое, аз ҷумла Дания, Норвегия вуҷуд доранд, ки дар конститутсияашон оид ба омбудсмен ягон меъёр оварда нашудааст. Дар ин давлатҳо кору фаъолияти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсонро қонунҳои конститутсионӣ ва қонунҳо ба танзим даровардаанд. Чунин равиш дуруст нест, зеро ки маҳз мақоми конститутсионии омбудсмен барои иҷрои бевоситаи ваколатҳояшон тамоми кафолатҳои заруририо таъмин менамояд. Ба ғайр аз ин, меъёрҳои Конститутсия нисбат ба меъёрҳои қонунҳои ҷорӣ устувор мебошанд. Бинобар ин, танзими омбудсмен танҳо дар сатҳи қонун, метавонад хавфи маҳдудшавии ваколатҳои ин мақомро ба миён оварад.

Айни замон Ҷумҳурии Тоҷикистон дар оғози бунёди давлати демократӣ қарор дорад, ки ин ба ташаккули институти ҳуқуқ таъсири мерасонад. Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз вазифаҳои муҳими давлатӣ - ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро амалӣ менамояд ва вазъи ҳуқуқии он дар сатҳи қонун мустаҳкам карда шудааст.

20 марти соли 2008 Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистонро "Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон"-ро бо мақсади таъсис додани мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсонро қабул кард, ки аз 38 модда иборат буда, тартиби ба вазифа таъин ва аз вазифа озод кардани Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон, салоҳият ва шаклҳои фаъолияти мақомоти мазкурро барои ҳифз ва инкишофи ҳуқуқи инсон дар Тоҷикистон муайян менамояд. Мутобиқи моддаи 1-и Қонуни номбурда мансаби Ваколатдор оид ба ҳуқуқи

инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади тақвияти кафолатҳои конститутсионии ҳифзи давлатии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, мусоидат ба риоя ва эҳтироми онҳо аз ҷониби мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот (ҷамоат) ва шахсони мансабдори онҳо, роҳбарон ва шахсони мансабдори корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳо новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқиашон таъсис дода шудааст [2].

Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ризоияти Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷухурии Тоҷикистон ба муҳлати 5 сол ба вазифа таъин мегардад. Бояд қайд кард, ки дар қонунгузории давлатҳои ҷаҳон муҳлати ваколати омбудсмен фарқ мекунад. Масалан, муҳлати ваколати омбудсмен дар Шветсия, Норвегия, Финляндия, Португалия 3 сол, дар Федератсияи Русия, Ҷумҳурии Қазоқистон, Малта, Молдова - 5 сол, дар Фаронса, Белгия - 6 сол, дар Британияи Кабир ва Дания муҳлати ваколати омбудсмен номаҳдуд муқаррар шудааст [7,с.79].

Ба назари мо, муҳлати ками ваколат (2 то 4 сол) метавонад ба самаранокии фаъолияти омбудсмен таъсир расонад. Ин бо зарурати ворид шудани омбудсмен ба вазифа, барпокунии муносибатҳои зарурӣ бо роҳбарони мақомоти ҳокимияти давлатӣ алоқаманд аст. Аз тарафи дигар, муҳлати дарози ваколат низ шубҳаовар мебошад. Зеро дар ин муҳлат ӯ метавонад устувории худро гум кунад ва таваҷҷуҳи ӯ ба ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд суст шавад. Дуруст мешуд, агар муҳлати ваколат барои мансаби омбудсмен 5-7 сол бошад. Бинобар ин, муҳлате, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои омбудсмен муқаррар кардааст (5 сол) муҳлати қобили қабул мебошад.

Қонунгузории давлатҳои хориҷӣ талаботҳои гуногунро нисбат ба номзад ба мансаби омбудсмен муқаррар кардаанд. Ба ғайр аз талаботи умумӣ, яъне соҳиби шаҳрвандӣ будан, синну соли муайян, донистани забони давлатӣ ва ғайра, ҳамчунин талаботи махсус низ муқаррар шудаанд. Масалан, дар давлатҳои скандинавӣ омбудсмен бояд ҳатман мутахассиси соҳаи ҳуқуқшиносӣ бошад, дар Норвегия ба номзад ба мансаби омбудсмен талаботе пешбинӣ шудаанд, ки ба номзад ба мансаби судяи Суди Олӣ тааллуқ доранд. Дар Шветсия ва Финляндия омбудсмен ҳамеша собиқ судя, ё ки дигар корманди низоми судӣ шуда метавонад [4]. Қонунгузории баъзе давлатҳо ба ғайр аз доштани маълумоти олии ҳуқуқшиносӣ, боз собиқаи муайяни корӣ дар соҳаи ҳуқуқшиносиро талаб мекунад. Дар Венгрия барои ишғоли мансаби омбудсмен собиқаи кории на кам аз 10 сол дар соҳаи ҳуқуқшиносӣ, дар Хорватия на кам аз 15 сол муқаррар карда шудааст. Дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қатори талабот собиқаи корӣ муқаррар карда нашудааст.

Қайд кардан зарур аст, ки Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон бояд ба фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ на танҳо аз нуқтаи назари қонун, балки аз нигоҳи ахлоқӣ ва гуманизм низ баҳо диҳад. Бинобар ин, дар баъзе давлатҳо, ба монанди Руминия ва Славения, омбудсмен бояд мутахассиси сатҳи баланди соҳаи ҳуқуқшиносӣ ва дорои обрӯву эътибор дар ин соҳа бошад. Ба андешаи мо, айнан ҳамин хислатҳо барои омбудсмен ҳатмӣ мебошанд. Грудинин Н.С. оиди ин масъала дуруст қайд кардааст, ки “ҳуқуқу озодиҳои инсонро на ҳар кас, балки ҳамон шахсе, ки дар бораи ҳуқуқҳои инсон ва механизмҳои ҳифзи он донишҳои мукаммал дошта бошад, ҳифз карда метавонад” [5,с.186]. Вобаста ба масъалаи мазкур Кузминих Н.В. низ пешниҳод кардааст, ки номзад ба мансаби омбудсмен бояд унвони доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ ва собиқаи кории на кам аз 10 сол дошта бошад [8,с.44-45].

Мувофиқи моддаи 5-и Қонуни ҶТ “Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ба вазифаи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон шахсе, ки танҳо шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дорад, синни ӯ аз 35 кам набуда, забони давлатиро медонад, дорои маълумоти олии ҳуқуқшиносӣ, сифатҳои баланди касбӣ ва ахлоқӣ мебошад, таъин карда мешавад [2]. Мувофиқан, меъёри мазкур 5 талаботро нисбати омбудсмен пешбинӣ кардааст, ки талаботи охирон донишу малакаи баланди касбиро дар бар мегирад.

Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бо ризоияти Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вазифа таъин мегардад.

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон инчунин салоҳиятҳои Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсонро муқаррар кардааст, ки мувофиқи он вазифаҳои асосии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон мусоидат намудан ба: риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд; барқарор намудани ҳуқуқу озодиҳои вайроншудаи инсон ва шаҳрванд; такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд; баланд бардоштани маърифатнокии шаҳрвандон оид ба ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, шаклҳо ва воситаҳои ҳифзи он; ҳамкории мақомоти ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд; дастрасӣ ба иттилоот, баррасӣ ва санҷиши мурочиатҳои шахсони воқеӣ оид ба ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот; рушд ва ҳамоҳангсозии ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, тасдиқ кардан ё ҳамроҳ шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи инсон мебошад [2].

Дар қонунгузории мамлакатҳои ҷаҳон оиди масъалаи салоҳияти омбудсмен меъёрҳои гуногун мустаҳкам шудаанд. Аз ҷумла, дар давлатҳои Шветсия, Финляндия ба салоҳияти омбудсмен назорат аз болои мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва судҳо дохил мешавад. Дар ин давлатҳо омбудсмен ба таъқиби судии вазирон низ ҳуқуқ дорад. Иштирок дар фаъолияти мақомоти ҳокимияти сатҳи гуногунро омбудсменҳои давлатҳои Молдова, Украина ва Арманистон доранд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ омбудсмен ҳуқуқ дорад аз ҳамаи мақомоти ҳокимияти давлатӣ, корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳо, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқиашон, инчунин шаҳрвандони алоҳида, воситаҳои ахбори омма ҷамъ ва таҳлил намояд, дар иҷлосияҳо, ҷаласаҳои якҷоя ва алоҳидаи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин дар маҷлисҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар мақомоти давлатӣ иштирок намояд. Барои мусоидат намудан ба ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд омбудсмен уҳдадор аст ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, шахсони мансабдор, ки дар амали (беамалии) онҳо поймолшавии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд муайян шудааст, хулоса, ки дорои тавсияҳо мебошад, ирсол кунад. Ин чораандешии омбудсмен, ки бо қонунгузорӣ муқаррар карда шудааст, хусусияти диспозитивӣ дорад, ки чунин ҳолат барои ҳифзи мукаммали ҳуқуқу озодиҳои инсон монеа ба миён меорад.

Дар натиҷаи таҳлили таҷрибаи фаъолияти институти омбудсмен дар давлатҳои гуногун ва барои такмил додани қонунгузории миллӣ оид ба ин мақом дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин пешниҳодҳо дорем:

1. Барои ба роҳ мондани фаъолияти босамари мақомоти мазкур, вазъи ҳуқуқии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон беҳтар мешуд дар баробари мақомоти дигари ҳифзи ҳуқуқ дар сатҳи Конститутсия танзим карда шавад.
2. Имрӯз аҳолии мамлакат оид ба фаъолият ва умуман оид ба мавҷудияти омбудсмен маълумоти кофӣ надоранд. Аз ин лиҳоз, бояд байни шаҳрвандон корҳои фаҳмондадиҳӣ оид ба намудҳои механизмҳои ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон пурзӯр карда шаванд.
3. Беҳтар мешуд, агар омӯзиши фаъолияти ин мақом дар баробари мақомоти дигари ҳокимияти давлатӣ ҳамчун мақоми муҳофизаткунандаи ҳуқуқу озодиҳои инсон, на танҳо аз тарафи зерсоҳаҳои илми ҳуқуқи конститутсионӣ, балки дигар соҳаҳо ба роҳ монда шавад.
4. Бо мақсади дар сатҳи баланд ҳифз намудани ҳуқуқу озодиҳои инсон, беҳтар мешуд, дар қатори талабот нисбат ба номзад ба мансаби омбудсмен талаботи доштани собиқаи кории муайян илова карда шуда, ба синну соли номзад тағйирот ворид карда шавад (камаш 40).
5. Вазифаи Ваколатдор оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак аз муовини Ваколатдор оид ба ҳуқуқҳои инсон ҷудо карда шуда, ҳамчун мақоми алоҳида бо қонуни алоҳида оид ба вазъи ҳуқуқии он танзим карда шавад.

6. Бо мақсади таъмини фаъолияти босамари мақомот дар ҳолати муайян гардидани вайроншавии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд аз ҷониби ҳамаи мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва шахсони мансабдори онҳо, ба Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ҳуқуқи қабул кардани санадҳои хусусияти императивӣ дошта дода шавад.

Аз ин таҳлилҳо метавон хулоса баровард, ки Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон механизми муҳимми ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд буда, мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амал мекунад. Чи хеле ки аз маърузаҳои Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон бармеояд, дар соли 2021 аз ҷониби ин мақомот санҷиши вазъи риояи ҳуқуқи инсон дар муассисаҳои ислоҳии ЯС 3/10 ва ЯС 3/6-и Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Тавқифгоҳи нигоҳдошти муваққатии шуъбаи Вазорати корҳои дохилӣ дар ноҳияи Шаҳринав, Маркази шаҳрии бемориҳои руҳии шаҳри Истаравшан ва Маркази байниноҳиявии беморони руҳӣ дар минтақаи Рашт гузаронида шудаанд [11]. Соли 2021 ҷиҳати беҳтар намудани шароити нигоҳдошт корҳои муайян анҷом дода шуда, дар доираи имкониятҳои мавҷуда барои маҳкумшудагон ва дастгиршудагон шароитҳои дахлдор муҳайё шудааст.

Хулоса, дар натиҷаи фаъолияти ин мақомот бисёр камбудиҳо дар самти ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд бартараф шудаанд, ки самаранок будани фаъолияти омбудсменро нишон медиҳад.

**Муқарриз: н.и.ҳ., дотсенти ДДҲБСТ – Бобоев А.Х.**

## АДАБИЁТ


1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 30 апрели соли 2007 [Манбаи электронӣ] Сомонаи расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон http://prezident.tj/node/197 (санаи муроҷиат: 29.03.2023).
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” //Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. -2008. -№3.
3. Акт о Риксдаге от 6 марта 1974 г., [Электронный ресурс] http://www.parliament.am/library/kanonakarger/Shwedenrus.pdf (дата обращения: 29.03.2023).
4. Арне Флифлет. Скандинавский Омбудсмен. //Общая тетрадь. 2014. № 2-3 (65) [Манбаи электронї] https://otetrad.ru/article-770.html (санаи мурољиат 29.03.2023).
5. Грудинин Н.С. Юридическая наука и правохранительная практика / Н.С. Грудинин. -2017. -№ 4(42).
6. Ищук В.Г. Исторический анализ формирования института Омбудсмена: отечественный и зарубежный опыт. – монография / В.Г. Ищук // Философия права. -2016. -№3.
7. Кручинин Ю.С. Права человека: региональный аспект: монография / Ю.С. Кручинин. -Чебоксары: Из-во Чувашск. унта, 2016 - 181 с.
8. Кузьминых Н.В. Институт Уполномоченного по правам человека (Омбудсмена) в странах Содружества Независимых Государств (СНГ) / Н.В. Кузьминых; под ред. О.О. Миронова. –М.: Новый индекс, 2005 -132 с.
9. Мурашин Г.А. Институт омбудсмена в современном буржуазном государстве / Г.А. Мурашин, Ю.С. Шемшученко // Советское государство и право. - 1971. -№1. -С. 39-144.
10. Маърузаи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2021. [Манбаи электронӣ] Сомонаи расмии ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон //http://www.ombudsmen.tj (санаи муроҷиат: 24.01.2023).
11. Семёнова А.Ю. Уполномоченный по правам человека о механизме обеспечения прав и свобод человека и гражданина в Российской Федерации: автореф...дис.канд.юрид.наук / А.Ю. Семёнова. - Тюмень, 2006. - 29с.


## ТАШАККУЛИ ПАДИДАИ ВАКОЛАТДОР ОИД БА ҲУҚУҚИ ИНСОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


Дар мақолаи мазкур муаллиф оид ба ташаккул ва инкишофи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон, масъалаҳои вазъи ҳуқуқии ин мақом, мазмун ва зарурати такмили Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон” ибрози назар намудааст. Сараввал масъалаҳои назариявии марбут ба пайдоиш ва таъсиси мақоми Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар таҷрибаи ҷаҳонӣ омӯхта шуда, баъзе масъалаҳо баррасӣ шудаанд. Имрӯз дар сатҳи конститутсионӣ эълон шудани арзиши олӣ доштани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон талаботҳои махсусро нисбати фаъолияти тамоми мақомотҳои ҳокимияти давлатӣ ва шахсони мансабдор пеш мегузорад. Гарчанде ин мақомот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуда, амал карда истодааст ва оид ба кору фаъолияти ин мақом қонун қабул шудааст, бояд баъзе нуктаҳо васеътар омӯхта шаванд. Аз ин рӯ, муаллиф баъзе таклифҳои худро оид ба такмили ин институт баён намуда, мавриди таҳлил қарор додааст.



**Калидвожаҳо:** Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон (Омбудсмен), ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, Конститутсия, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон”.

## ФОРМИРОВАНИЕ ИНСТИТУТА УПОЛНОМОЧЕННОГО ПО ПРАВАМ ЧЕЛОВЕКА В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

В данной научной статье автор рассмотрел вопросы создания и развития должности Уполномоченного по правам человека, вопросы правового статуса данной должности, содержание и необходимость совершенствования Закона Республики Таджикистан «Об Уполномоченном по правам человека». В первую очередь исследуются теоретические вопросы, связанные с возникновением и становлением статуса Уполномоченного по правам человека в мировом опыте. Сегодня на конституционном уровне провозглашение высшей ценностью прав и свобод человека и гражданина в Республике Таджикистан предъявляет особые требования к деятельности всех органов государственной власти и должностных лиц. Хотя этот орган создан и действует в Республике Таджикистан, и принят закон о работе этого органа, некоторые моменты следует изучить более подробно. Поэтому автор высказал некоторые свои предложения по совершенствованию этого института и проанализировал его.

**Ключевые слова:** Уполномоченный по правам человека (Омбудсмен), права и свободы человека и гражданина, Конституция, Закон Республики Таджикистан «Об Уполномоченном по правам человека».

## FORMATION OF THE INSTITUTION OF THE COMISSIONER FOR HUMAN RIGHTS IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

In this scientific article, the author considered the issues of creating and developing the position of the Commissioner for Human Rights, the issues of the legal status of this position, content and necessity of improvement of the Law of the Republic of Tajikistan "On the Commissioner for Human Rights".
Today, at the constitutional level, the proclamation of human and civil rights and freedoms in the Republic of Tajikistan as the highest value imposes special requirements on the activities of all state authorities and officials. Although this body has been established and operates in the Republic of Tajikistan, and a law on the work of this body has been adopted, some points should be studied in more detail. Therefore, the author expressed some of his proposals for improving this institution and analyzed it.

**Keywords:** Commissioner for Human Rights (Ombudsman), human and civil rights and freedoms, Constitution, Law of the Republic of Tajikistan “On the Commissioner for Human Rights”.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Ғозиева Манижа Хуршедовна*** **-** Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, ассистент, кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ. **Суроға:** 735700, шаҳри Хуҷанд, Ҷумҳурии Тоҷикистон, микроноҳияи 17, бинои 1

**Сведения об авторе:** ***Газиева Манижа Хуршедовна*** **–** Таджикский государственный университет права, бизнеса и политики, ассистент, кафедра конституционного права. **Адрес:** 735700, город Худжанд, Республика Таджикистан, 17 микрорайон, дом 1

**Information about the author:** ***Ghozieva Manizha Khurshedovna*** **-** Tajik State University of Law, Business and Politics, assistant of the department of constitutional law. **Address:** 735700, Khujand, Republic of Tajikistan, microdistrict 17. Building 1

ТДУ: 342.4(575.3)

# ОҒОЗИ РАВАНДҲОИ ДЕМОКРАТӢ-ЗАМИНАИ МУҲИММИ БА ВУҶУД ОМАДАНИ ИСЛОҲОТИ КОНСТИТУТСИОНӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

*Шарифзода Л.Ш.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Бояд зикр намуд, ки он равандҳои мураккабе, ки ҷомеаро солҳои 90-ум фаро гирифта буданд, аз ҷониби муҳаққиқон, коршиносон ба таври муфассал мавриди баррасии ҷиддӣ қарор гирифтаанд. Дар он давра қувваҳои гуногуни сиёсие пайдо гардиданд, ки ҳадафашон мубориза барои ба даст овардани ҳокимияти сиёсӣ буд. Вобаста ба ин масъалаи муҳим, аз нуқтаи назари коршиносон он равандҳои мураккабе, ки ҷомеаро дар он солҳо фаро гирифта буданд, чунин баҳогузорӣ ва натиҷагирӣ намуданд.

Ба андешаи муҳаққиқ Абдунабӣ Сатторзода: «Дар солҳои 80-уми асри гузашта дар тамоми қаламрави Иттиҳоди Шуравӣ, аз ҷумла, дар Тоҷикистон низ ҳаракатҳои демократии озодихоҳӣ арзи ҳастӣ карданд. Онҳо мехостанд ҳамон орзуҳои қадимии худ, яъне мустақилӣ ва озодии кишвар, мақоми давлатӣ гирифтани забони модарии худро амалӣ созанд. Ба ҳамин хотир ҷунбишҳои мардумӣ ва сиёсӣ ба вуҷуд омаданд. Онҳо мехостанд бештар истиқлол дошта бошанд ва ҳеҷ вақт ҳадафи ҷанг карданро надоштанд. Шуруи ҷангро интизор ҳам набуданд ва онро тақозо ҳам намекарданд» [1].

Зикр кардан бамаврид аст, ки дар он давра барои ба эътидол овардани вазъияти мураккаби сиёсӣ, аз қабул шудани қонуни асосии кишвар -Конститутсия вобастагии калон дошт. Вобаста ба ин масъалаи муҳим бояд қайд намуд, ки таърихи таҳия, қабул ва инкишофи Конститутсияи Тоҷикистон ба барҳамёбии Иттиҳоди Шуравӣ ва соҳибихтиёр гаштани собиқ ҷумҳурии иттифоқии Тоҷикистон зич алоқаманд мебошад. Таҳия ва қабули Конститутсияи давраи соҳибихтиёрии давлатии Тоҷикистон ба марҳилаи хотимавии бозсозии давлат ва ҷомеаи Шуравӣ ва пурзӯр шудани майлони соҳибистиқлолии ҷумҳуриҳои собиқ шуравӣ рост меояд.

Ба андешаи таърихшинос Пирумшоев Ҳ.: «Фазои ноустувори сиёсию иқтисодии Иттиҳоди Шуравии замони бозсозии горбачёвӣ, барои Тоҷикистони дар ин марҳилаи таърихӣ аз дигар ҷумҳуриҳои иттифоқӣ нисбатан қафомонда бештар таъсир гузошт. Ҷумҳурии моро низ дар ин раванд мавҷи ҳаракати ҷудоихоҳӣ фаро гирифт. Ташаббускори он ҳизбу ҳаракатҳои ҷамъиятие шуданд, ки дар аввал бо иқдоми гӯё барои ҷомеа фоидабахш амал менамуданд. Вале баъди каме қувват гирифтан, рӯирост барои ба даст даровардани ҳокимияти сиёсӣ талош мекардагӣ шуданд. Аз сабаби таҷрибаи зарурии сиёсӣ надоштан, ин қувваҳои дар ибтидо барои мустаҳкам намудани пойгоҳи демократӣ, таъмини рушди иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳагии ҷомеа талош дошта, баъди муддате комилан ба маҷрои қувваҳои иртиҷоии динӣ, курситалабони маҳаллӣ ва ғаразмандони хориҷӣ кашида шуданд» [2].

Бояд қайд намуд, ки дар он давра ягона воситаи муҳим барои бартараф кардани мушкилоти баамаломада ин барпо шудани раъйпурсии умумихалқӣ, вобаста ба тағйиру иловаҳо ба моддаҳои дахлдори он ва ба расмияти конститутсионӣ, қонунӣ даровардани равандҳои мураккабе, ки дар он давра ҷомеаро фаро гирифта буд, вобастагӣ дошт. Дар натиҷаи мустаҳкам гардани раванди конститутсионӣ дар раванди сиёсии ҷомеа дигаргуниҳои муҳимми сиёсӣ-ҳуқуқӣ ба миён омаданд, ки заминаи муҳимро дар ташаккули давлату давлатдории муосири Тоҷикистон ба миён оварданд.

Ба андешаи муҳақиқ Олимов К.: «Нақшаи ба амал омади низоъҳои сиёсиро дар Тоҷикистон ба фурӯпошии Иттиҳоди Шуравӣ марбут донист ва қайд намуд, ки, маҳз ин пошхӯрӣ сабаб шуд, ки дар бархе аз кишварҳои пасошуравӣ низоъҳо рух диҳанд, аммо дар Тоҷикистон ин низоъ ба «фоҷиаи бузург» табдил ёфт. Муборизаҳои сиёсӣ дар Тоҷикистон то ба ҷанги дохилӣ оварда расонид. Ҳамчунин, популизми гурӯҳҳо, таассуби маҳалгароӣ, фалаҷ шудани сохторҳои қудратӣ, фаъол шудани гурӯҳҳои ҷиноятӣ ва ҳамчунин аз ин вазъият истифода кардани кишварҳои минтақаро аз сабабҳои дигари сар задани низоъ дар Тоҷикистон арзёбӣ кард» [4].

Бояд қайд намуд, ки яке аз масъалаҳои муҳимтарине, ки ҷомеаро ба мушкилоти сиёсӣ гирифтор намуд, ин аз омилҳои гуногун вобастагӣ дошт. Дар натиҷа барои ба танзим даровардани масоили мураккаби сиёсӣ зарурат ба вуҷуд омад, ки Конститутсияи кишвар дар асоси ормонҳои миллӣ таҳия ва қабул карда шавад. Дар ин раванд ягона роҳи ба таври демократӣ, конститутсионӣ ҳал кардани вазъияти баамаломадаи мураккаби сиёсӣ ин дохил кардани тағйиру иловаҳо ба Конститутсия буд, ки нақши муҳимро дар бартараф кардани мушкилоти баамаломада миёни гурӯҳҳо иҷро кард.

Ба андешаи ҳуқуқшинос Ҳамидов Х.: «Баъд аз пош хӯрдани Иттиҳоди Шуравӣ ва эълони мустақилияти Тоҷикистон яке аз масъалаҳои муҳимми рӯз, бешубҳа таҳия ва қабули Конститутсияи Тоҷикистони тоза баистиқлолрасида буд. Ҳанӯз дар ибтидои соли 1992 аввалин маротиба дар таърихи сиёсии кишвар гурӯҳи кории мустақили таҳияи лоиҳаи Конститутсияи кишвар таҳти роҳбарии яке аз ҳуқуқдонони варзидаи кишвар маҳрум Нурулло Ҳувайдулло таъсис ёфта буд» [6].

Конститутсия низ қонун буда, бо назардошти талаботи ҷомеа, бо мақсади танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ қабул мешавад. Конститутсия кашфиёт ё санади ихтироъномудаи гурӯҳи одамон ё вакили халқ нест. Конститутсия шакли олии зуҳуроти ҳуқуқ буда, дар давраҳои дигаргунсозиҳои куллии ҷомеа, бо мақсади таъмини гузариши ҳаёти ҷамъиятӣ аз як марҳилаи анъанавӣ ба марҳилаи сифатан нави инкишофи таърихӣ қабул мешавад.

Ба назари муҳаққиқ Сотиволдиев Р.Ш.: «Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи гузариши Тоҷикистон аз ҷомеа сотсиалистӣ ба ҷомеаи шаҳрвандӣ қабул гардид. Бунёди ҷомеа унсури таркибии раванди умумии пешрафти тамаддуни инсонӣ аст. Тоҷикистон ҳоло имкони истифодаи васеи таҷрибаи ҷомеа ҷаҳонро дар ин соҳа дорад ва онро ба кор мебарад. Аммо бунёди ҷомеаи озоди шаҳрвандӣ дар ҷумҳурии мо бо назардошти вазъи мушаххаси таърихӣ, анъанаҳои сиёсиву ҳуқуқӣ сурат мегирад. Аз ин нуқтаи назар, марҳилаи гузариш хоҳу нохоҳ зарурати дарёфти роҳу равишҳои минбаъдаи инкишоф, ҷустуҷӯйи шаклҳои нави ташкили ҳаётро тақозо мекунад. Танзими ҳуқуқӣ низ ҷузъи ҷудонашавандаи дигаргуниҳои марҳилаи гузариш буда, бояд мутобиқи пешравии ҳаёт сурат гирад» [7].

Мувофиқи таҳлили муҳаққиқон, ҳангоме ки соли 1994 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда шуд, давлати мо ҳамаи кӯшишу ғайрати хешро баҳри ҳарчи зудтар баргардонидани гурезаҳо ва ваҳдату истиқрори сулҳ дар ҷомеа равона намуда буд. Зеро қабули Конститутсия низ он шабу рӯзҳо чун масъалаи муҳим зарур буд ва барои ба танзим даровардани равандҳои констиутсионӣ дар ҷомеа мусоидат кард. Бояд қайд намуд, ки Конститутсия, ки дар натиҷаи муҳокимаи умумихалқӣ ва бо тарзи раъйпурсии умумихалқӣ қабул шуда буд, баҳри дифои қонуну қонуният дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши муайянкунандаро иҷро намуд.

Конститутсияи Ҷумхурии Тоҷикистон 6 ноябри соли 1994 қабул шудааст ва ба он то ба ҳол чор маротиба тағйиру иловаҳо ворид шудаанд. Тағйиру иловаҳои аввалин сентябри соли 1999, баъд аз имзои Созишномаи истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ ва бо пешниҳоди собиқ мухолифин ворид шуданд, ки аз ҷумла бар пояи онҳо шаҳрвандони Тоҷикистон ҳаққи ташкил кардани ҳизби диниро ба даст оварданд. 22 июни соли 2003 65 тағйиру илова ба Конститутсия ворид карда шуд, ки яке аз онҳо мuҳлати раёсати ҷумҳурӣ аз 5 ба 7 сол дароз карда шуд.

Сипас, дар раванди давлатдории муосири Тоҷикистон се маротиба раъйпурсӣ баргузор гардид, ки дар соли 1994 дар чаҳорчӯбаи яке аз онҳо Конститутсияи кишвар қабул гардид ва сипас ду маротиба дар солҳои 1999 ва 2003 бо раъйпурсӣ ба Конститутсияи кишвар ислоҳот ворид карда шуд [8].

Ба андешаи коршинос Раҳматкарими Давлат: «Бояд қайд намуд, ки саннаи 26-уми сентябри соли 1999 дар назарсанҷии умумӣ дар Тоҷикистон ба Конститутсияи кишвар тағйиру иловаҳо ворид гардид. Дар асоси онҳо дар кишвар парлумони дузинагӣ таъсис ёфт, мuҳлати интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 ба 7 сол дароз карда шуд. Муҳимтарин натиҷаи ислоҳоти конститутсионӣ ин таъсис ёфтани парлумони

думаҷлиса, ба ҳафт сол дароз шудани ваколати конститутсионии Президент ва иҷозаи фаъолияти ҳизби сиёсӣ бо ҷаҳонбинии мазҳабӣ буд» [9].

Дар натиҷа, дар раванди сиёсии ҷомеа дигаргуниҳои муҳимми сиёсӣ-ҳуқуқӣ ба миён омаданд, ки дар таҳкими рушди конститутсионии кишвар нақши муҳим гузошта шуд. Дар натиҷа ба Конститутсияи Тоҷикистон бори аввал соли 1999, зимни Созишномаи умумии истоиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ тағйиру иловаҳо ворид карда шуд, ки дар таҳкими парламентаризми миллӣ ва рушди низоми сиёсии ҷомеа нақши муҳим гузошт.

Ба андешаи коршинос Шавкат Исмоилов, тағйироти қаблӣ ба Конститутсия зарурате буд, ки аз вазъи баъдиҷангии Тоҷикистон гувоҳӣ медод.

Ба назари Сотиволдиев Р.Ш.: «Тағйири Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тақозои ҳаёти қонунии давраи гузариш буда, бояд минбаъд ба бунёди ҷомеаи шаҳрвандӣ чун шакли нави (ба мо ҳоло ношиноси) ҳаёт инсонӣ ва давлати ҳуқуқӣ ба ташкили ҳокимият мусоидат намояд. Дар баробари ин, тағйири Қонуни асосӣ танҳо ба омилҳои ҷамъиятӣ муайян нагардида, аз инкишофи тафаккури ҳуқуқии мардум, сатҳи баланди он гувоҳӣ медиҳад. Тағйири Конститутсия далели он аст, ки аъзои ҷомеа дар шароити қонунӣ тавонистанд аҳаммияти танзими конститутсионӣ, зарурати такмили онро ба манфиати ҷомеа, наслҳои оянда ва ояндаи аҳолӣ дарк намоянд» [12].

Дар раванди ба амал омадани ин дигаргуниҳои муҳим метавон онро аз нуқтаи назари коршиносон чунин натиҷагирӣ кард. Бояд зикр кард, ки бештари ин тағйиротҳои баамаломада дар Конститутсия ба салоҳиятҳои конститутсионии институтҳои давлатӣ, ҳуқуқҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд, низоми интихобот, плюрализми сиёсӣ, институти бисёрҳизбӣ дар раванди сиёсӣ-ҳуқуқии ҷомеа мусоидат кард.

Бояд қайд намуд, ки тағйиру иловаҳои баамаломадаро, дар натиҷаи ислоҳоти конститутсионӣ метавон чунин натиҷагирӣ кард:

- ба фаъолияти сиёсӣ оғоз кардани ҳизбҳои сиёсӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ ба сифати субъекти муҳимми раванди сиёсии ҷомеа;
- инкишоф ёфтани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, хусусан ҳуқуқҳои сиёсӣ ва интихоботии шаҳрвандон ба сифати унсури муҳимми ҷомеаи демократӣ;
- дар сатҳи Конститутсия ва қонунҳои соҳавӣ мустаҳкам шудани ҳуқуқи интихоботии шаҳрвандон;
- дар сатҳи Конститутсия муайян гардидани сохтори идоракунии ҷомеа, салоҳиятҳои конститутсионии институтҳои низоми сиёсии ҷомеа.

Бояд қайд намуд, ки дар натиҷаи баргузор гардидани ислоҳоти конститутсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин тағйиротҳои муҳим дар раванди сиёсӣ-ҳуқуқии ҷомеа ба миён омаданд:

- дар натиҷа низоми сиёсӣ ташаккул ёфт, раванди демократикунонии ҷомеа хусусияти навро гирифта, унсурҳои асосии таҳкими низоми сиёсӣ ба фаъолият шуруъ карданд;
- ташаккул ёфтани гуногунандешии сиёсӣ имконият фароҳам овард, ки низоми демократӣ рушд ёфта, дар натиҷа барои рушди фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ, низоми бисёрҳизбӣ, парламентаризм, конститутсионализм, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд заминаи мусоид фароҳам оварда шавад;
- дар натиҷаи дар сатҳи Конститутсия муайян гардидани институти таҷзияи ҳокимияти давлатӣ, мустақил гардидани шохаҳои ҳокимияти давлатӣ ва дигар унсурҳои ҷомеаи демократӣ муайян ва мушаххас гардиданд.

## АДАБИЁТ


1. АбдунабӣAtторзода. Дар кишвар ҳеч тоҷик дар фикри ҷанги шаҳрвандӣ набуд. [Манбаи электронӣ] www.ozodi.org. (санаи муроҷиат:. 12.03.2023).
2. Пирумшоев Ҳ. Падидаи тақдирсоз: назаре ба таърих ва натиҷаи иҷлосияи 16-уми Шурои Олии Тоҷикистон / Ҳ. Пирумшоев // Маводҳои конференсияи илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ // Аҳаммияти таърихии иҷлосияи 16-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мустаҳкам гардонидани пояҳои истиқлоли давлатӣ. – Душанбе, 2022. – С. 11.

3. Давлат Усмон: Нақши Ҳукумати мусолиҳаи миллӣ ҳанӯз дақиқ арзёбӣ нашудааст... [Манбаи электронӣ] www.ozodi.org. (санаи муроҷиат 21.05.2023.).
4. Арзёбиҳои сулҳи тоҷикон дар остонаи ҷашни ваҳдат июн [Захираи электронӣ] www.ozodi.org. (санаи муроҷиат:. 12.03.2023).
5. Давлат Усмон. Демократия роҳи наҷот // Фараж. - №30 (197) 28 июли 2010.
6. Ҳамидов Х. Такомули Қонуни асосии Тоҷикистони муосир / Х.Ҳамидов. – Душанбе, 2005. – С. 88.
7. Сотиволдиев Р.Ш. Зарурат ва аҳаммияти тағйиру иловаҳо ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон / Р.Ш. Сотиволдиев // Садои мардум. - 2003.
8. Тарҳи нави Қонуни раъйпурсии Тоҷикистон [Манбаи электронӣ] www.ozodi.org. (санаи муроҷиат:. 21.05.2023).
9. Раҳматкарими Давлат. Даҳ сол пеш қонун иваз шуд... [Манбаи электронӣ] www.ozodi.org. (санаи муроҷиат:. 21.05.2023).
10. Тағйиру иловаҳои пешниҳодӣ ба Сарқонуни Тоҷикистон [Манбаи электронӣ] www.ozodi.org. (санаи муроҷиат:. 21.04.2023.).
11. Бурду бохти сиёсати «дарҳои боз»-и Тоҷикистон [Манбаи электронӣ] www.ozodi.org. (санаи муроҷиат:. 12.03.2023).
12. Раҳматкарими Давлат. 12 соли кори Комиссиюни оштии миллӣ [Манбаи электронӣ] www.ozodi.org. (санаи муроҷиат 12.03.2023).
. Раҳматкарими Давлат. Қонуни Асосӣ, албатта, догма нест. Пас чист? [Манбаи электронӣ] www.ozodi.org. (санаи муроҷиат 21.10.2022).
14. Дилшод Муллоев. Дар пушти тағйироти нав дар Қонуни асосӣ чӣ меистад? [Манбаи электронӣ] www.ozodi.org. (санаи муроҷиат:. 21.04.2023).
15. Раиси САҲА тағйири Қонуни интихоботро барои густариши демократия дар Тоҷикистон муҳим арзёбӣ мекунад [Манбаи электронӣ] www.ozodi.org. (санаи муроҷиат: 19.03.2023.).

## ОҒОЗИ РАВАНДҲОИ ДЕМОКРАТӢ-ЗАМИНАИ МУҲИММИ БА ВУҶУД ОМАДАНИ ИСЛОҲОТИ КОНСТИТУТСИОНӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақолаи мазкур муаллиф ҷанбаҳои муҳимтарини ислоҳоти конститутсиониро дар давраи оғози равандҳои демократӣ дар раванди сиёсӣ-ҳуқуқии Тоҷикистон мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор додааст. Ба андешаи муаллиф, дар он давра ягона воситаи муҳим барои бартараф кардани мушкилоти баамаломада барпо шудани раъйпурсии умумихалқӣ, вобаста ба тағйиру иловаҳо ба моддаҳои дахлдори он ва ба расмияти конститутсионӣ, қонунӣ даровардани равандҳои мураккабе, ки дар он давра ҷомеаро фаро гирифта буд, вобастагӣ дошт. Дар натиҷаи мустаҳкам гардидани раванди конститутсионӣ дар раванди сиёсии ҷомеа дигаргуниҳои муҳимми сиёсӣ-ҳуқуқӣ ба миён омаданд, ки заминаи муҳимро дар ташаккули давлату давлатдории муосири Тоҷикистон ба миён оварданд. Дар ин раванд мувофиқи таҳлили муҳаққиқон, ҳангоме ки соли 1994 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда шуд, давлати мо ҳамаи кӯшишу ғайрати хешро бахри ҳарчи зудтар баргардонидани гурезаҳо ва ваҳдату истиқрори сулҳ дар ҷомеа равона намуда буд. Зеро қабули Конститутсия низ он шабу рӯзҳо чун масъалаи муҳим зарур буд ва барои ба танзим даровардани равандҳои констиутсионӣ дар ҷомеа мусоидат мекард. Бояд қайд намуд, ки Конститутсия, ки дар натиҷаи муҳокимаи умумихалқӣ бо раъйпурсии умумихалқӣ қабул шуда буд, бахри дифои қонуну қонуният дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши муайянкунандаро иҷро намуд. Бояд қайд намуд, ки ҳолатҳое, ки раванди ҷомеаро пурра дар он давраҳои мураккаби сиёсӣ ба эътидол даровард, ин ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Конститутсия буд, ки нақши калидиро дар устувории низоми сиёсии ҷомеа ва дар сатҳи Конститутсия муайян ва мушаххас гардидани сохтори давлатдории муосири Тоҷикистонро муайян сохт. Дар ин раванд бояд хотирнишон сохт, ки ягона воситаи муҳимми ба танзим даровардани масъалаҳои мураккаби сиёсӣ дар ҳамон давра, дар раванди сиёсии ҷомеа ин ворид кардани тағйиру иловаҳо ба Конститутсия ба ҳисоб рафта, дар натиҷа бо роҳи конститутсионӣ ва дар сатҳи Конститутсия, сохтори идораи давлатӣ, асосҳои сохтори конститутсионӣ ва рукнҳои давлатдорӣ муайян ва мушаххас гардиданд. Бояд қайд намуд, ки ин воқеаи муҳимми таърихӣ дар баробари ба натиҷаи сулҳу истиқрори миллӣ расонидани ҷомеа, ҳамчунин ба рушди инкишофи тамоми бахшҳои сиёсиву иҷтимоӣ, илмиву фарҳангӣ таъсири бениҳоят бузург расонид. Ҳамчунин, маҳз дар натиҷаи ин дигаргуниҳои сиёсӣ-ҳуқуқӣ парламентаризм – ҳокимияти намояндагӣ ва қонунгузор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба давраи нави рушду камолоти худ ворид гардид.

**Калидвожаҳо:** Конститутсия, равандҳои демократӣ, ҳаракатҳои сиёсӣ, ислоҳоти конститутсионӣ, раванди сиёсӣ, раванди конститутсионӣ, демократия.

## НАЧАЛО ДЕМОКРАТИЧЕСКИХ ПРОЦЕССОВ ВАЖНАЯ ОСНОВА ДЛЯ ВОЗНИКНОВЕНИЯ КОНСТИТУЦИОННЫХ РЕФОРМ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

В данной статье автор проанализировал и рассмотрел важнейшие аспекты конституционных реформ в период начала демократических процессов в политико-правовом процессе Таджикистана. По мнению автора, единственным важным инструментом преодоления проблем, имевших место в тот период, было проведение всенародного референдума в зависимости от изменений и дополнений в соответствующие его статьи и конституционное оформление, легализация сложных процессов, охвативших общество в тот период. В результате укрепления конституционного процесса в политическом процессе общества произошли важные политико-правовые изменения, которые создали важную основу для формирования современного государства и

управления Таджикистаном. В этом процессе, по анализу исследователей, когда в 1994 году была принята Конституция Республики Таджикистан, наше государство сосредоточило все свои усилия на скорейшем возвращении беженцев и установлении единства и мира в обществе. Потому что принятие Конституции также было необходимо в то время и способствовало урегулированию конституционных процессов в обществе. Следует отметить, что Конституция, принятая в результате общественного обсуждения и путем всенародного референдума, сыграла решающую роль в защите законности в Республике Таджикистан. Следует отметить, что условием, полностью стабилизировавшим общество в те сложные политические периоды, было внесение поправок в конституцию, сыгравших ключевую роль в стабильности политической системы общества и определении и уточнении структуры современной государственности Таджикистана на уровне конституции. В этом процессе следует отметить, что единственным важным средством урегулирования сложных политических вопросов в тот период в политическом процессе общества было внесение изменений в Конституцию, и, как следствие, конституционным путем и на уровне конституции структура государственного управления, основы конституционного строя и столпы государственности были определены и конкретизированы в конституции. Следует отметить, что этот важный исторический факт, помимо привнесения мира и национальной стабильности в общество, также оказал огромное влияние на развитие всех политических, социальных, научных и культурных сфер. Также именно в результате этих политико-правовых изменений парламентаризм – представительная и законодательная власть в Республике Таджикистан -вступил в новый период своего развития и зрелости.

**Ключевые слова:** Конституция, демократические процессы, политические движения, конституционные реформы, политический процесс, конституционный процесс, демократия.

## THE BEGINNING OF DEMOCRATIC PROCESSES IS AN IMPORTANT BASIS FOR THE EMERGENCE OF CONSTITUTIONAL REFORMS IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

In this article, the author analyzed and considered the most important aspects of constitutional reforms during the beginning of democratic processes in the political and legal process of Tajikistan. According to the author, the only important tool for overcoming the problems that took place at that time was the holding of a national referendum, depending on the changes and additions to its corresponding articles and constitutional design, the legalization of the complex processes that engulfed society at that time. As a result of the strengthening of the constitutional process, important political and legal changes took place in the political process of society, which created an important basis for the formation of a modern state and the management of Tajikistan. In this process, according to the analysis of researchers, when the Constitution of the Republic of Tajikistan was adopted in 1994, our state focused all its efforts on the speedy return of refugees and the establishment of unity and peace in society. Because the adoption of the Constitution was also necessary in those days and nights as an important issue and contributed to the regulation of constitutional processes in society. It should be noted that the Constitution, adopted as a result of public discussion and through a popular referendum, has played a decisive role in protecting the rule of law in the Republic of Tajikistan. It should be noted that the conditions that completely stabilized society in those difficult political periods were the introduction of amendments to the constitution, which played a key role in the stability of the political system of society and in determining and clarifying the structure of the modern statehood of Tajikistan at the level of the constitution. In this process, it should be noted that the only important means of resolving complex political issues in the same period, in the political process of society, was to amend the Constitution, and, as a result, constitutionally and at the level of the constitution, the structure of public administration, the foundations of the constitutional order and the pillars statehood were defined and specified in the constitution. It should be noted that this important historical fact, in addition to bringing peace and national stability to society, also had a huge impact on the development of all political, social, scientific and cultural spheres. Also, as a result of these political and legal changes, parliamentarism - representative and legislative power in the Republic of Tajikistan entered a new period of its development and maturity.

**Keywords:** Constitution, democratic processes, political movements, constitutional reforms, political process, constitutional process, democracy.

**Маълумот дар бораи муаллиф**: ***Шарифзода Лоҳутӣ Шариф* -** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои сиёсӣ, дотсент. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17. Телефон: **(+992) 919896569**

**Сведения об авторе:** ***Шарифзода Лохути Шариф*** **-** Таджикский национальный университет, доктор политических наук, доцент. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 919896569**

**Information about the author*: Sharifzoda Lohuti Sharif*** - Tajik National University, Doctor of Political Sciences, Associate Professor. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **(+992) 919896569**

UDC:32.019.5(575.3)

# "MOUNTAINOUS REGION" AS A GEOPOLITICAL DOCTRINE OF DEVELOPMENT OF REPUBLIC OF TAJIKISTAN

***Zokirov G.N.***
**Tajik National University**

The development process and many different geopolitical barriers of the world, reminds and obliges distinguishers and politicians at various levels to look at the status of their country in the political system of the new world, returning and continuously expressing their views, and thus identifying its status and role. In this regard, different knowledge and doctrines appear to design and describe the geopolitical status of the countries and the future of their development in this strategy depending on the location and time.

In the various countries of the world, geopolitics have a comprehensive study of developmental characteristics, which is a theoretical expression of objective reality. Or they will artificially put questions and try to identify the interests of their state and contribute to the design of their geopolitical status. They will spend such efforts for filling the vacant space. If the purposes and goals are genuine, and their activities will be more focused on the fundamental aspects they will achieve success. Especially, if the specific bases and real resources will be taken into account and correctly identify the main factor influencing the efficiency. Now it is impossible to find a country that has not use such kind of relation.

In most cases, researchers are seeking a type of relationship based on theoretical, methodological and realistic sources of geopolitical development. Particularly, special attention is paid to the theory and practice of geographical environment. Relation is defined and proposed in this way, which is importance in the overall development of the country. In one case - drought, in other cases - the seas and in other cases - the infinite valley, in another state - great magnitude, etc. can become an important factor in the political development of countries and regions. Their theoretical expression gradually formulated in the form of various doctrines and knowledge and will be offered to the community. Traditionally, they are initially ignoring them, then doubt their reality, and finally adopting them encouraged in every aspect.

Under the conditions of geopolitical development of the modern world, it is necessary to find such a factor and its propaganda for Tajikistan. It can be viewed in various forms. One of the main forms of this phenomenon is the idea of the " Mountainous region " as the most important factor of development. In fact, it is also an important factor in the geopolitical development of both historical Tajikistan and the modern Tajikistan. Because it has different features that represent and strengthen the geopolitical position of the country.

In the political theory, including in geopolitics have not made scientific research in the mountainous region as a factor in the development of countries and regions and its status in global development. Pay the most attention to it representatives of other fields of knowledge, especially the representatives of natural and exact sciences. Specifically, geologists and geographies have expressed their interest in different problems of mountainous regions.

It is not easy to find theory or political opinion about the mountainous region in other countries too. But in the sector of politics and security of its, there are many different doctrines and educations. Such situation reflects the realities of individual countries.

On the other hand, there is no need for its socio-political research for countries that are not located in the mountainous region. To be able to comment on the issue, researchers need to be well aware of both theoretical and methodological and realistic, and analyzes and conclusions based on the basic and practical basis. Researchers need to be directly related to the probable questionnaire. Determine the importance and necessity of the research object. Do not choose formative relationship to the problem, but to choose natural relationship. In such a situation, they may be able to identify the problem as a part of their activity, be quickly and sincerely.

Thus, for the country, which is mainly located in the mountainous region, a wide spectrum of exploration and specific timeframe for various issues. Including, issue on the ground of geometry determination education as a factor of geopolitical development, describing and exploring the mountainous region is important for political and geostrategic importance.

В результате, каждый народ должен иметь возможность свободно выражать свои интересы, проводить свою политику и осуществлять власть на основе своего национального плюрализма, где каждое мнение имеет равную ценность и уважение. Кроме того, принцип безусловного уважения суверенных прав каждого народа стимулирует уважение к международному праву и международным договорам, а также выражение поддержки и сочувствия друг к другу во всех областях жизни.

Конечно, данный принцип не всегда соблюдается, и международные конфликты по-прежнему возникают. Однако формирование этого принципа остается необходимым условием для поддержания равного и мирного существования всех народов мира.

Также исторические события, связанные с развитием международных отношений и сотрудничества, являются предпосылками формирования принципа безусловного уважения суверенных прав каждого народа. К примеру, создание Европейского Союза в 1957 году привело к интеграции различных наций и к уважению прав и свобод каждого члена ЕС.

В целом, принцип безусловного уважения суверенных прав каждого народа базируется на идеологиях демократии, построенной на принципах и свободах каждого гражданина, а также на уважении государственного суверенитета и прав государств на свой путь развития.

Кроме того, принцип безусловного уважения суверенных прав каждого народа стал основой для формирования принципа мультикультурализма, который был принят в рамках ООН на 1980 год [4]. Этот принцип состоит в том, что каждый народ должен иметь право сохранять, развивать и выражать свою культуру, без вмешательства со стороны других народов. Эти и другие исторические события послужили основой для формирования принципа безусловного уважения суверенных прав каждого народа. Он стал основой современной международной системы и существенно влияет на проведение внешней политики многих государств в настоящее время.

Таким образом, историко-политическими предпосылками формирования принципа безусловного уважения суверенных прав каждого народа стало стремление к установлению равенства на международной арене и создание правового регулирования в международных отношениях.

1. Неприкосновенность территориальной целостности - это принцип, который гласит о том, что территориальные границы государств должны быть неукоснительно защищены и сохранены. Этот принцип является фундаментальным для международных отношений и

является одним из основных принципов устава Организации Объединенных Наций. Он подразумевает, что границы между государствами не могут меняться принудительно, кроме случаев, когда это происходит в соответствии с международным правом и с согласия всех заинтересованных сторон. Нарушение принципа неприкосновенности территориальной целостности может привести к международным конфликтам и военным действиям.

2. Суверенитет и независимость - это два важных понятия в политической, правовой и экономической сферах [6].

Суверенитет относится к государственной власти и означает, что государство обладает абсолютной властью над своей территорией и населением. Это право государства управлять своими делами и принимать решения без вмешательства со стороны другого государства.

Независимость означает отсутствие какой-либо зависимости от другого государства или внешней силы. Государство является независимым, если оно свободно в принятии решений и действий, которые наилучшим образом соответствуют его интересам и окружающей среде.

Таким образом, суверенитет и независимость являются взаимосвязанными понятиями, которые определяют государственную независимость и право на самоопределение внутри международной системы.

3. Равноправие - это принцип, согласно которому все люди имеют одинаковые права и свободы без каких-либо ограничений или дискриминации по половому, этническому, религиозному, социальному или иному признаку. Равноправие является важнейшим принципом в международном праве и международных стандартах прав человека. Оно гарантирует, что каждый человек получает равный доступ к возможностям и ресурсам, независимо от его происхождения или статуса. Равноправие не только гарантирует законность и справедливость, но и является ключевым фактором в развитии демократии и устойчивого развития общества в целом.

4. Нет вторжения во внутренние дела. Каждый народ имеет право на свободу от военного, экономического и культурного вторжения в свои внутренние дела.

5. Мирное решение конфликтов - это принцип, который означает, что все конфликты между государствами и народами должны решаться без применения насилия, а с помощью диалога, переговоров и согласования. Этот принцип является одним из основных элементов международного права и является ценностью мирового сообщества.

Мирное решение конфликтов позволяет предотвращать убийства, разрушения и насилие, которые наносят тяжкий ущерб государствам, индивидуумам и обществу в целом. Оно направлено на нахождение компромиссных решений, которые удовлетворяют интересы всех сторон и способствуют формированию доверия и укреплению международной стабильности. Мирное решение конфликтов может быть достигнуто путем использования различных методов, включая межгосударственные переговоры, медиацию, арбитраж, судебное разбирательство, которые проводятся под контролем международных организаций, таких как Организация Объединенных Наций.

6. Уважение прав человека - это основа для развития справедливого и демократического общества, где каждый человек имеет равные права и возможности. Уважение прав человека означает, что государство и общество должны гарантировать свободу и равенство перед законом, уважать право на жизнь, свободу выражения, совести, веры, движения, выражения мнения, уважать права на социальное и экономическое развитие и обеспечение здоровья, право на образование, детство, семью и дом. Эти права не являются только формальным набором правовых норм, но они представляют собой основополагающие принципы жизни, которые должны быть уважаемы и защищены [6].

Уважение прав человека способствует укреплению демократических институтов и гражданского общества, повышению уровня жизни, установлению мира и стабильности в обществе. Государство и общество должны работать вместе для улучшения условий жизни людей, обеспечивать равные возможности и доступность к услугам, включая социальное и экономическое развитие. В целом, уважение прав человека является основополагающим

принципом, которые должно быть соблюдены в любом обществе, которое стремится к справедливости и равенству.

7. Сотрудничество и взаимодействие - это два взаимосвязанных понятия, которые означают совместную работу и обмен информацией и ресурсами между людьми, группами или организациями для достижения общей цели.

Сотрудничество подразумевает, что каждый участник вкладывает свои усилия и ресурсы, чтобы достичь конечного результата, который будет полезен для всех участников [5]. В сотрудничестве каждый человек выступает в качестве равного партнера, и их сотрудничество основывается на доверии, уважении и понимании.

Взаимодействие, с другой стороны, подразумевает обмен информацией, идеями, знаниями или ресурсами между людьми, группами или организациями. Взаимодействие может быть формальным или неформальным, и его целью может быть установление контакта с другими людьми, расширение кругозора, обмен опытом или получение необходимых знаний и навыков.

В общем, сотрудничество и взаимодействие важны для достижения успешных результатов в работе и личной жизни, так как они позволяют людям работать вместе, обмениваться идеями и ресурсами, и добиваться целей, которые были бы недостижимы, если бы каждый действовал в одиночку.

В заключение нам бы хотелось отметить, что суверенные права – это право на самоуправление и на принятие решений, которые касаются жизни и будущего народа. Эти права должны быть защищены и соблюдены, чтобы каждый народ мог свободно жить и развиваться.

Уважение суверенных прав каждого народа – это также уважение культуры, традиций и особенностей этого народа. Каждый народ имеет свою уникальную культуру, и мы должны уважать и ценить ее, чтобы сохранить мир и гармонию в мире. Поэтому важно уважать суверенные права каждого народа, чтобы сохранить мир и гармонию в мире.

Это поможет укрепить доверие и сотрудничество между народами и создать более справедливый и устойчивый мир.

**Рецензент: д.ф.н., профессор, ИФПП им. А. Баховаддинова НАНТ - Хидирзода М.**

**ЛИТЕРАТУРА**


1. Декларация о недопустимости интервенции и вмешательства во внутренние делагосударств. Резолюция Ген. Ассамблеи 36/103. // Официальный сайт ОрганизацииОбъединенных Наций. [Электронный ресурс].URL: http://www.un.org/ru/documents/decl_conv/declarations/internal_affairs_decl.shtml.
2. Декларация о предоставлении независимости колониальным странам и народам. Резолюция Ген. Ассамблеи 1514 (XV) // Официальный сайт Организации Объединенных Наций. [Электронный ресурс]. URL: http://www.un.org/ru/documents/decl_conv/declarations/colonial.shtml.
3. Доклад совещания экспертов СБСЕ по мирному урегулированию споров. //Официальный сайт ОБСЕ. [Электронный ресурс]. URL:http://www.osce.org/ru/secretariat/30119?download=true.
4. Устав ООН // Официальный сайт Организации Объединенных Наций. Хельсинский Заключительный акт. [Электронный ресурс]. http://www.un.org/ru/documents/decl_conv/declarations/colonial.shtml.
5. Даниленко В.И. Современный политологический словарь / В.И. Даниленко. - М., 2000. -1024 с.
6. Демократия и суверенитет. Многообразие исторического опыта / Под ред. А.А. Гусейнова. -М., 2010. -236 с.
7. Дмитриев Ю.А. Суверенитет в науке конституционного права / Ю.А. Дмитриев, Ш.Б. Магомедов, А.Г. Пономарев. -М., 1998. -107 с.
8. Гегель Г. В. Ф. Философия права / Г. В. Ф. Гегель. - М., 1990. -524 с.
9. Гессен В.М. Общее учение о государстве / В.М. Гессен. - Спб., 1912. -190 с.
10. Еллинек Г. Общее учение о государстве / Г. Еллинек. - Спб., 1908. -626 с.
11. Каламанова С.В. Суверенитет государства в условиях глобализации / С.В. Каламанова - М., 2012. -162 с.
12. Кокошин А. Реальный суверенитет / А.Кокошин. - М., 2006. -180 с.
13. Кузнецова Е. Западные концепции государственного суверенитета //Международные процессы. -М., 2006. -Т.4. -№2(11). [Электронный ресурс]. URL:http://intertrends.ru/old/eleventh/007.htm.
14. Левин И.Д. Суверенитет / И.Д. Левин. - Спб., 2003. -373 с.
15. Марченко М.Н. Проблемы общей теории государства и права / М.Н. Марченко. - М., 2015. -Т. 1. -744 с.
16. Мелешкина Е.Ю. Формирование новых государств в Восточной Европе / Е.Ю Мелешкина. -М., 2012. -252 с.

**ШАРТҲОИ ТАЪРИХӢ-СИЁСИИ ТАШКИЛИ ПРИНСИПИ ЭҲТИРОМИ БЕЧУНУЧАРОИ ҲУҚУҚҲОИ МУСТАҚИЛИЯТИ ҲАР ХАЛҚ**

Истиқлолият, сарфи назар аз равандҳои гуногуни муосир, ки онро маҳдуд мекунад, сифати муҳимтарин барои давлат ва принсипи асосии тамоми низоми ҳуқуқии байналмилалии муосир ба шумор меравад. Аммо дарки истиқлолият ва дурнамои рушди он мавзуи баҳси доираҳои илмӣ боқӣ монда, омӯзиши он ҳадафи ин мақола аст. Дар мақола таъкид мешавад, ки принсипи ҷустуҷӯ дар ҷомеаи илмӣ чи гуна фаҳмида мешавад ва хусусиятҳои асосии кадомҳоянд. Инчунин, мавзуи тадқиқот раванди рушди таърихии мафҳуми соҳибихтиёрӣ - таҳаввули фаҳмиши он аз ҷониби муаррихон бо мурури замон мебошад. Мақола аз нигоҳи методологӣ ба равиши байналмилалӣ асос ёфта, ба «интегризм» наздик аст, ки бештар идеяҳои реализм ва либерализмро муттаҳид намуда, таҳлили бисёрҷонибаи муносибатҳои байналмилалиро (бахусус баҳсҳо оид ба масъалаи соҳибихтиёрӣ) пешниҳод мекунад), табиати мураккаби онҳоро эътироф менамояд. Мавзуи истиқлолияти давлатӣ дар охири асри XX, дар робита ба азнавсозии сохтори тамоми системаи муносибатҳои байналмилалӣ дар натиҷаи пошхӯрии ИҶШС махсусан мубрам гардид. Дар натиҷа, муаллиф ба хулосае меояд, ки соҳибихтиёрӣ муҳимтарин принсипи таъмини мавҷудияти давлат боқӣ монда, сарфи назар аз тафовути бархӯрдҳо ва ақидаҳои гуногун дар бораи ояндаи соҳибихтиёрӣ, аксари муаллифон аҳаммияти принсипро ҳамин тавр эътироф намуда, характери асосии онро барои инкишофи муносибатҳои байналхалқӣ қайд мекунанд.

**Калидвожаҳо:** соҳибихтиёрӣ, истиқлолият, ҳуқуқи байналмилалӣ, давлатдорӣ, дуқутбӣ, волоияти давлатӣ, таърихӣ.

**ИСТОРИКО - ПОЛИТИЧЕСКИЕ ПРЕДПОСЫЛКИ ФОРМИРОВАНИЯ ПРИНЦИПА БЕЗУСЛОВНОГО УВАЖЕНИЯ СУВЕРЕННЫХ ПРАВ КАЖДОГО НАРОДА**

Суверенитет, несмотря на различные современные процессы, его ограничивающие, остается важнейшим качеством для государства и фундаментальным принципом для всей настоящей международно-правовой системы. Однако понимание суверенитета и перспективы его развития продолжают оставаться предметом споров в академических кругах, изучение которых и является целью настоящей работы. Таким образом, в статье изучается то, как понимается искомый принцип в научном сообществе, в чем видятся его ключевые особенности. Также предметом исследования является процесс исторического развития понятия суверенитет – эволюция его понимания историками. С метод исследования соединяет в себе во многом идеи реализма и либерализма и предлагающему многосторонний анализ международных отношений (и дискуссий по проблеме суверенитета), признавая их сложный характер в принципе. Особенно же сильно тема суверенитета государства актуализировалась в конце XX в., в связи с переустройством всей системы международных отношений в результате распада СССР. В итоге, автор приходит к выводу, что суверенитет остается важнейшим принципом, обеспечивающим существование государства и, несмотря на разницу в подходах и различное представление о будущем суверенитета, большинство авторов признает значимость принципа как такового, отмечая его фундаментальный характер для развития международных отношений.

**Ключевые слова:** суверенитет, независимость, международное право, государство, пост-биполярность, верховенство государства, историческое.

**HISTORICAL AND POLITICAL PREREQUISITES FOR THE FORMATION OF THE PRINCIPLE OF UNCONDITIONAL RESPECT FOR THE SOVEREIGN RIGHTS OF EVERY PEOPLE**

Sovereignty, despite various modern processes that limit it, remains the most important quality for a state and a fundamental principle for the entire present international legal system. However, the understanding of sovereignty and the prospects for its development continue to be a subject of debate in academic circles, the study of which is the purpose of this work. Thus, the article studies how the sought-for principle is understood in the scientific community and what its key features are seen to be. Also the subject of the study is the process of historical development of the concept of sovereignty - the evolution of its understanding by historians. The research method combines in many ways the ideas of realism and liberalism and offers a multilateral analysis of international relations (and discussions on the issue of sovereignty), recognizing their complex nature in principle. The topic of state sovereignty became especially urgent at the end of the 20th century, in connection with the restructuring of the entire system of international relations as a result of the collapse of the USSR. As a result, the author comes to the conclusion that sovereignty remains the most important principle ensuring the existence of the state and, despite the difference in approaches and different ideas about the future of sovereignty, most authors recognize the importance of the principle as such, noting its fundamental nature for the development of international relations.

**Keywords:** sovereignty, independence, international law, state, post-bipolarity, state supremacy, historical

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Шарипов Изатулло Амиршоевич*** – Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.М. Баҳоваддинов, Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, унвонҷӯй. **Суроға**: 734025, Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 33. Телефон: **(+992) 990005262**

**Сведения об авторе:** ***Шарипов Изатулло Амиршоевич*** - Институт философии, политологии и права имени А.М.Баховадинова, Национальная академии наук Таджикистана, соискатель. **Адрес:** 734025, Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 33. Телефон: **(+992) 990005262**

**Information about the author:** ***Sharipov Izatullo Amirshoevych*** - A.M. Bakhovadinov Institute of Philosophy, Political Science and Law, National Academy of Sciences of Tajikistan, applicant. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki avenue, 33. Phone**: (+992) 990005262**

ТДУ: 321.007

# БАЪЗЕ ХУСУСИЯТҲОИ КОНСЕПСИЯИ СИЁСАТИ ДАВЛАТИИ КАДРҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

*Нуриддин П.Р.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мутафаккирон, олимон, шоирони бузург, ҳокимони бомаърифат, халқи хирадманд ва таърихи чандинасраи худ воқеан ифтихор мекунад.

Тоҷикистон чун давлати соҳибихтиёр зимни рафъи мушкилот ва монеаҳо бо роҳи рушди давлати дунявию демократӣ пеш меравад ва намунаи сиёсати давлатии кадрҳои худро ташаккул медиҳад. Такмили риштаҳои сиёсию амалӣ ва ҳуқуқии идораи давлатӣ, омӯзиши таҷрибаи ҷаҳонӣ дар ин самт, таълим ва бозомӯзии хизматчиёни давлатӣ – инҳо мавзуъҳое ҳастанд, ки барои давлати ҷавони Тоҷикистон муҳим мебошанд.

Сиёсати давлатии кадрҳо муҳимтарин ниҳоди давлати Тоҷикистон (ва зимнан, барои ҳар як давлати дигар низ) буд, ҳаст ва хоҳад буд. Сиёсати кадрии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди худ вазифаи ташаккули хизмати давлатии нави муносиб бо давраи гузариш, бунёди ҷомеаи демократӣ, дунявӣ ва ҳуқуқбунёдро дар асоси иқтисоди рушдёфтаи бозорӣ гузоштааст.

Вобаста ба ин, омӯзиши сиёсати давлатии кадрҳо дар Тоҷикистон, ҷанбаҳои гуногуни бунёд ва фаъолияти он, таҳқиқи асосҳои қонунгузорӣ ва асосҳои назариявии он, хусусиятҳо, анъанаҳо, таърихи пайдоиш ва рушди он аҳаммияти илмӣ ва амалӣ дорад. Бояд хотиррасон намуд, ки марҳалаи ибтидоии шаклгирии хизмати давлатӣ дар Тоҷикистон бар хилофи дигар кишварҳои пасошуравӣ дар шароити муқобилияти шаҳрвандӣ сурат гирифт, ки албатта, ба натиҷаи рушди сиёсати давлатии кадрҳо таъсир расонид.

Ба туфайли имзои «Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон» [7] дар соли 1997 ва сиёсати кадрии дуруст ва санҷидаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар кишвар сулҳу субот барқарор шуд, ки ин, дар навбати худ, ба таъсиси ниҳоди сиёсати давлатии кадрҳо ва хизмати давлатӣ ва ислоҳи идораи давлатӣ мусоидат кард. Ва имрӯз ин масъалаҳо дар маркази таваҷҷуҳи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор гирифта, дар паёмҳои ӯ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар мулоқотҳо ва суханрониҳои ӯ бо зиёиён, ҷавонон, занон ва фаъолони ҷомеаи шаҳрвандӣ инъикос меёбанд.

Ислоҳоти имрӯзаи давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба бунёди чунин низоми давлатӣ равона шудааст, ки тавони ба таври самарабахш ҳал намудани вазифаҳои давлати муосири демократӣ ва ҳуқуқбунёдро дошта бошад. Ниҳоди хизмати давлатӣ ба ин масъалаҳо дар ҷараёни ислоҳоти низоми идораи давлатӣ машғул аст.

Марҳалаи аввали тарҳрезии самтҳои асосии ислоҳоти фаъолияти хадамоти давлатии кадрӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба асосноккунии назариявии сиёсати давлатии кадрҳо, ки ба низоми андешаҳои пешқадами мактабҳои гуногуни илмӣ такя менамуд, ба ҳалли масъалаҳои кадрӣ дар заминаи устувори илмию назариявӣ равона гардида буд.

Таҷриба исбот менамояд, ки сиёсати давлатии кадрҳо ва раванди ташаккули он айният надоранд. Чунки, ҳангоми ҳалли масъалаҳои ҷорӣ фаъолияти кадрӣ метавонад ғайришаффоф ва коррупсионӣ шавад, агар самти стратегӣ ва ҳадафҳои сиёсии дар консепсияи рушди он муайяншуда ба инобат гирифта нашаванд. Сиёсати давлатии кадрҳо бояд хислати расмӣ дошта аз назари меъёрӣ дар доираи қонун амалӣ гардад. Андешаҳо ва нуктаҳои консепсия бояд фақат баъд аз қабули санадҳои дахлдори қонунгузорӣ стратегияи расмии фаъолияти кадрӣ гарданд.

Тибқи Консепсияи сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, банақшагирии кадрӣ – таркиби сохтории сиёсати кадрҳо буда, мақсади он аз таҳияи чорабиниҳо дар бораи муайян кардани талаботи дахлдори ташкилот ба мутахассисони

соҳибихтисос ва тайёр намудани қарорҳои пешакӣ оид ба ташаккул, инкишоф, эҳтиёҷоти иқтидори кадрӣ иборат мебошад [10,с.157].

Мафҳуми дигари муҳимми сиёсати давлатии кадрҳо идоракунии давлатӣ мебошад, ки дар Консепсияи мазкур он чун таъсири танзимкунандаи давлат ба ҷомеа бо мақсади ба низом овардан ва рушди он бо такя ба ваколатҳои давлатӣ ва ҳокимият муайян карда шудааст [2]. Менеҷменти кадрӣ яке аз намудҳои идоракунии кор бо кадрҳои мақомоти давлатӣ буда, восита, усул ва технологияи кадрии дар шароити иқтисоди бозоргонӣ истифодашударо дар бар мегирад. Технологияи менеҷменти кадрӣ (аз қабул то озод кардани кормандон) метавонад дар ҷараёни омӯзиши бозори меҳнат; ҳангоми ҷустуҷӯ, ҷалб, интихоб ва ҷобаҷогузории кормандон; чун кумак дар баҳогузорӣ ба кормандон ҳангоми қабул, аттестатсия ва тарҳрезии дастурамалҳои вазифавӣ; мутобиқшавии кормандон ба коллектив ва самтгирии касбии онҳо ба кор бурда шавад. Технологияи менеҷменти кадрӣ ҳамчунин ҳангоми банақшагирии пешрафти кормандон, ба мақсади идораи рафтори кормандон дар ташкилот, рушди иҷтимоии кадрҳо, аз кор озод кардани кормандон, риояи интизоми меҳнат, тартиб додани шартномаи (қарордоди) меҳнатӣ, риояи этикаи муносибатҳои корӣ ва фарҳанги корпоративӣ; дар ҷараёни идораи ихтилофот, омӯзиш, такмили ихтисос ва бозомӯзии кадрҳо зарур аст.

Иқтидори кадрҳо сарвати миллии ҳар як давлат мебошад. Аз тамоми захираҳои давлат захираҳои меҳнатӣ (аҳолии қобили меҳнат) аз ҳама муҳим аст. Аз одамон, яъне аз кадрҳо (кадрҳо – ҳайати кормандоне, ки бо мақомоти ҳокимияти давлатӣ, идоракунӣ ва худидоракунии маҳаллӣ муносибатҳои меҳнатӣ доранд [10,с.157]), аз тахассус, касбият ва таҷрибаи онҳо муваффақияти кор дар ҳар як соҳа, хусусан дар низоми хизмати давлатӣ вобаста аст. Иқтидори кадрҳо чун омили муайянкунандаи муассирии идоракунии давлатӣ дар кишвар баррасӣ карда мешавад.

Иқтидори кадрҳо, тибқи Консепсияи сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон – ин қобилияти кадрҳо дар ҳалли масъалаҳои дар назди онҳо қарордошта мебошад. Нишондиҳандаи асосии муайянкунандаи иқтидори кадрҳо шумораи кадрҳо, сатҳи таҳсилот ва касбу тахассус, синну сол, сифатҳои шахсӣ ва натиҷаи фаъолнокии меҳнатию эҷодии кормандон мебошад.

Кор бо кадрҳо маҷмуи чорабиниҳои бо ҳам алоқаманди иқтисодӣ, ташкилӣ, ҳуқуқӣ, психологию педагогӣ оид ба интихоб, қабул, ҷобаҷогузорӣ, азнавтайёркунӣ, такмили ихтисос ва истифодаи мақсадноки кадрҳоро дар назар дорад. Фаъолияти хадамоти кадрӣ дар самти амалӣ намудани ҳадафҳои сиёсати кадрҳо маънои татбиқи сиёсати давлатии кадрҳоро дорад [2].

Мувофиқи Консепсияи мазкур, сиёсати кадрӣ ин низоми тадбирҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, ташкилию ҳуқуқӣ мебошад, ки татбиқи онҳо ба таъмини масъалаҳои интихоб, қабул, ҷобаҷогузорӣ, азнавтайёркунӣ, такмили ихтисос ва истифодаи кадрҳо равона гардидааст.

Сиёсати кадрҳо падидаи бисёрсатҳӣ мебошад. Сиёсати давлатии кадрҳо дар Консепсияи сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон чун фаъолияти мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, идоракунӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ дар самти таъсиси низоми яклухти ташаккул ва истифодаи самараноки захираҳои меҳнатӣ, рушди иқтидори кадрҳои мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, ки ба ҳалли самараноки вазифаҳои муҳимми иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ нигаронида шудааст, баррасӣ мешавад. Сиёсати давлатии кадрҳо ҷузъи таркибии сиёсати миллӣ буда, ҳамчун фишанги пуриқтидори таъсиррасон ба ҳама соҳаҳои ҳаёти давлат хизмат менамояд [10,с.157].

Сиёсати давлатии кадрҳо – ифодаи стратегияи давлат доир ба ташаккул, рушди касбӣ ва талаботи захираҳои (иқтидори кадрҳо) меҳнатии давлат мебошад. Чунонки зикр гардид, сиёсати кадрҳо ва ё ба ибораи дигар, дуруст пайдо намудани неруи ақлонии лозима ва ба таври зарурию самаранок истифода намудани он вазифа ва мақсади аввалиндараҷаи ҳар як давлат аст. Аз назарияи мутахассисон бармеояд, ки

рӯйи кор омадани кадрҳоро набояд интизор шуд, балки онҳоро бояд тарбият кард ва аз қишрҳои гуногуни ҷомеа пайдо намуд» [1,с.303].

Номутобиқатии суръати бунёди низоми бозори муносибатҳои меҳнатӣ ва тарҳрезии пояи қонунгузории он сабаби нодуруст амалӣ гардидани сиёсати давлатии кадрҳо мегардад. Вазъияти солҳои 1990 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон боиси коҳиши шумораи мутахассисони соҳибкасб дар соҳаҳои ҳаётан муҳим (тиб, иқтисод, маориф ва ғайра) паст гардидани эътибори намудҳои меҳнати зеҳнӣ гардид. Ҳамаи ин сабаби ба таври пурра амалӣ нагардидани сиёсати давлатии кадрҳо гардид.

Нобаробарии тақсими иқтидори кадрҳо дар минтақаҳои ҷумҳурӣ боиси коҳиши имкони амалӣ намудани ҳуқуқи конститутсионии шаҳрвандон барои истифодаи озодонаи қобилияти худ гардид ва ин равандҳо ба пайдоиши падидаҳои манфӣ дар муносибатҳои иҷтимоӣ оварда расониданд.

Дар айни замон, заифшавии низоми бозомӯзии кадрҳо, назорати давлатӣ ва иҷтимоии фаъолияти сохторҳои давлатӣ ба амал омад. Дониш ва таҷрибаи коршиносони баландихтисос берун аз ҳудуди фаъолияти меҳнатӣ қарор гирифт, хизмати онҳо ба нафъи ҷомеа ва давлат истифода намешуд.

Набудани фишангҳои самараноки таъсири давлатӣ ба ташаккул бозори захираҳои кадрӣ боиси ақибмонии рушди сиёсӣ ва иқтисодии давлат гардид. Фақат тадбирҳои қатъӣ, мунтазам, маҷмуӣ ва саривақтӣ метавонист ин равандро боздорад.

Бо ин мақсад қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар заминаи он қабули як қатор ҳуҷҷатҳои муҳим [11] ба раванди ташаккулёбии иқтидорҳои кадрӣ, бартарафсозии камбудиҳо дар татбиқи сиёсати давлатии кадрҳо, болоравии сатҳи касбӣ мусоидат намуданд [2].

Қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи масъалаҳои интихобу ҷобаҷогузории кадрҳо, Кодекси одоби хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Феҳристи мансабҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҳал намудани масъалаҳои тарбия, интихоб, ҷобаҷогузории кадрҳо ва умуман, идоракунии захираҳои инсонии мақомоти давлатӣ ва бахши ғайридавлатӣ асос гузоштанд [2].

Консепсияи мазкур ба афзалиятҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон равона гардида, барои татбиқи мақсадҳои стратегии ташаккули иқтисоди бозории хислати иҷтимоидошта, ҳамгироии бештару амиқтари кишвар ба низоми иқтисоди ҷаҳонӣ, такмили воситаҳои идоракунии ҷомеа дар асоси якҷоякунии усулҳои танзими давлатӣ ва бозорӣ, истифодаи технологияҳои муосири сиёсӣ, иқтисодӣ, ташкилӣ, ҳуқуқӣ, иттилоотӣ ва иҷтимоии кадрӣ равона шудааст [10,с.160].

Дар шароити ҳозира таъсиси воситаи муносиби идоракунии ҳайати кормандон дар тамоми соҳаҳо ва бахшҳои иқтисод, ки ҳалли масъалаҳои истифодаи самараноки омилҳои инсониро таъмин менамояд, аҳаммияти хосса пайдо мекунад [10,с.160]. Барои дар амал татбиқ намудани технологияи кадрии муосири иқтисодӣ, иттилоотӣ ва иҷтимоӣ, такмили низоми идораи ҷомеа ба асоси пайванди усулҳои танзими давлатӣ ва бозорӣ зарур аст. Дар кишвар бояд воситаи муносиби идоракунии кормандон дар тамоми соҳаҳо ва бахшҳои иқтисод такмил дода шавад, ки метавонад истифодаи самараноки омили инсониро таъмин намояд.

Шаклгирии фаъолияти давлат дар самти ҳамоҳангсозии такмил ва рушди захираҳои меҳнатии давлат, рушди вазифаҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ, ки сиёсати давлатии кадрҳоро ташаккул медиҳанд ва ҳадафи он фароҳам овардани шароити сиёсӣ, ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангию маънавӣ ҷиҳати истифодаи иқтидори аҳолии қобили меҳнати кишвар мебошад, ба манфиати ҷомеа аст.

Мутобиқи Консепсияи сиёсати давлатии кадрҳо, вазифаҳои асосии сиёсати давлатии кадрҳо чунинанд:

– пешбинӣ ва банақшагирии таъмини соҳаҳои иқтисодии ҷумҳурӣ бо кадрҳо;

– таҳия намудани воситаҳо ва расмиёти интихобу ҷобаҷогузории кадрҳо;

– мутобиқсозии захираҳои кадрии ҷумҳурӣ ба талаботе, ки дар бозори байналмилалии меҳнат пешниҳод карда мешаванд;

– баланд бардоштани сатҳи рақобатпазирии кадрҳо ва таъмини ҳамгироии онҳо дар иқтисоди ҷаҳонӣ;

– ташаккули механизми идораи захираҳои меҳнатӣ;

– мониторинг ва таҳлили пешравӣ дар мансаб тавассути истифодаи технологияҳо ва механизмҳои муосири кадрӣ;

– таҳияи барномаҳои таълимӣ оид ба таҳсилоти иловагии касбӣ барои кормандон ва рушди малакаи касбии онҳо;

– таҳияи воситаҳои рушди ҳамкории байналмилалӣ дар самти таҳсил ва бозомӯзии кадрҳо дар хориҷи кишвар [10,с.161].

Ҳамзамон, тибқи Консепсияи мазкур ба самтҳои асосии сиёсати давлатии кадрҳо метавон инҳоро дохил кард:

– ташаккули талаботи муосир нисбат ба кадрҳои соҳаҳои гуногуни фаъолият ва сатҳи идоракунӣ;

– таҳияи меъёрҳои муосири интихоби кадрҳо бо дарназардошти сифатҳои касбӣ ва ахлоқию психологии онҳо;

– такмили механизми муосиру таъсирбахши институти захираи кадрҳои роҳбарикунанда;

– ҳавасмандгардонии меҳнати самаранок;

– таҳия намудани тадбирҳо оид ба пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ;

– таҳияи усулҳо ва роҳҳои ҳалли масъалаҳои гендерӣ, ҷалби занони қобили меҳнат ва ҷавонони лаёқатманд ба меҳнати муфиди ҷамъиятӣ [2].

Рушди устувори давлат умуман ва рушди сиёсӣ ва иқтисодии он бояд усулҳои асосии сиёсати давлатии кадрҳоро таъмин намоянд. Ҳамаи онҳо дар Консепсия дарҷ шудаанд. Таҳлили онҳо барои дарки бештари Консепсия зарур аст.

Мақсади асосии *усули демократизм ва шаффофият* мутобиқати пурра ва доимии фаъолияти корманд ба манфиатҳои давлат, ҷомеа ва шаҳрвандони ҷумҳурӣ мебошад. Ин усул ба таври демократӣ ва шаффофона амалӣ намудани тадбирҳо, ивазшавии ҳайати кормандон, гузаронидани озмун ҳангоми интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳо, ҳамчунин баробарии ҳуқуқу имконияти шаҳрвандон зимни интихоби касб ва соҳаи фаъолиятро пешбинӣ менамояд.

*Усули банақшагирӣ* барои татбиқи дурнамои эҳтиёҷот ба кадрҳо, банақшагирии азнавтайёркунӣ ва такмили ихтисоси кормандон, ҷойивазкунӣ ва истифодаи кафолатҳои иҷтимоӣ равона шудааст.

*Усули арзёбии маҷмуии сифатҳои кормандон* уҳдададор месозад, ки дар самти кор бо кадрҳо ҳангоми интихоб, қабул, ҷобаҷогузорӣ, пешбарии кормандон сифатҳои хизматӣ, шахсӣ, кордонӣ ва ҳолати саломатии онҳо ба инобат гирифта шаванд. Чунин муносибат ба баҳодиҳии корманд истифодаи маҷмуи шаклҳо ва усулҳо, аз ҷумла аттестатсия, баҳодиҳии натиҷаҳои фаъолият, тестҳо, пурсишҳои анкетавӣ ва дигар шаклу усулҳоро дар назар дорад [10,с.162].

*Усули кордонӣ* тақозо менамояд, ки донишҳои касбӣ, маҳорат ва малакаи ишғолкунандаи мансаб ба талаботи тахассусие, ки нисбат ба ин мансаб пешниҳод мегардад, мутобиқат намояд. Ин усул мавҷудияти дастурамалҳои мансабии тасдиқгардида, инчунин тайёрии касбӣ, азнавтайёркунӣ, такмили ихтисос ва таҷрибаомӯзии кормандонро талаб менамояд.

*Усули мушаххас* будан маънои зарурати баҳисобгирии на танҳо мутобиқати умумии сифатҳои номзад ва талаботро нисбат ба мансаб, балки ҳолати мушаххаси дар ноҳия, шаҳр, вилоят ё умуман дар ҷумҳурӣ, ҳамчунин вазъи дар мақомот мушаххас бамиёномадаро низ дар назар дорад [2].

Татбиқи *усули ҷубронпазирӣ* - чунин тарзи интихоби кадрҳоро дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ дар назар дорад, ки тарафҳои заифи як корманд бо сифатҳои дахлдори қавии дигар корманд ҷуброн карда мешаванд. Камбудиҳо дар донишҳои назариявӣ, малака ва таҷрибаи амалии онҳо аз ҳисоби чунин сифатҳои дигарон ҷуброн гардида, дар натиҷа ҳайати ягонаи қобили кор ва салоҳиятноки идоракунӣ таъсис меёбад. Ин усул бо такя ба пайвастагии кадрҳои ҷавон ва таҷрибадор, намояндагии табақаҳои гуногуни иҷтимоӣ, миллатҳо ва минтақаҳоро низ дар назар дорад [10,с.164].

*Ҳифзи иҷтимоию ҳуқуқии кадрҳо* ба санадҳои қонунгузорӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба фароҳам овардани шароити мусоиди иҷтимоӣ, иқтисодӣ, иртиботӣ ва ҳуқуқӣ ба мақсади кори муваффақонаи мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва идора, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ такя менамояд.

*Мониторинги амалисозии сиёсати кадрҳо* барои муайян намудани натиҷа ва самаранокии тадбирҳои андешидашаванда оид ба ҳалли масъалаҳои таъминоти кадрӣ дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ хизмат мекунад.

Фақат истифодаи бошууронаи маҷмуи усулҳои мазкур ҳангоми қабули қарор метавонад натиҷаи хуб диҳад. Дар татбиқи сиёсати кадрҳо дастури амал қарор додани танҳо як ё якчанд усулҳои мазкур ҷоиз нест. Танҳо дар натиҷаи ба роҳбарӣ гирифтани маҷмуи усулҳои асосӣ метавон ба муваффақият ноил гардид. Вале на риояи механикӣ, балки ҳангоми қабули қарорҳо воқеъбинона ба роҳбарӣ гирифтани онҳо муҳим мебошад.

Воситаи асосии татбиқи сиёсати кадрҳо дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ идоракунии ҳайат *(захираҳои инсонии)* таъминкунандаи татбиқи имкониятҳои инсон ҳам ба нафъи шахсӣ ва ҳам ба нафъи ташкилот буд ва боқӣ мемонад.

Вазифаҳои асосии такмили идоракунии ҳайат чунинанд:

– таҳия намудани барномаҳо оид ба тайёр кардани мутахассисони идоракунии ҳайат (захираҳои инсонӣ);

– такмили сохтор ва фаъолияти хадамоти кадрӣ, баланд бардоштани нақши онҳо дар таъмини дастгоҳи мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ бо кадрҳои ихтисосманд, фаъол, хушахлоқ, ташаккули кордонӣ, фарҳанги равандҳои идоракунӣ ва технологӣ;

– таҳия ва татбиқи асосҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки ба талаботи ҳозираи ислоҳоти мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ ҷавоб дода тавонанд;

– таҳия ва амалигардонии технологияҳои нави идоракунии ҳайат, ки ба гузаронидани озмун, аттестатсия, баҳодиҳии фаъолият, нақшаи болоравӣ дар мансаб ва ҳавасмандгардонии кормандон алоқаманд мебошанд;

– таҳия намудани низомномаҳо оид ба гузаронидани аттестатсия, озмун, талаботи тахассусӣ барои кормандони соҳаҳое, ки амали Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» нисбаташон татбиқ намегардад;

– истифодаи бештару самараноки иқтидори зеҳнию кадрии дастгоҳи давлатӣ, ҳифз ва зиёд кардани он;

– фароҳам овардани шароити мусоид ва кафолат барои ошкор кардани қобилияти ҳар як хизматчӣ, дар амал ҷорӣ намудани мақсадҳои мусбӣ ва нақшаҳои шахсӣ, ҳавасмандгардонии ҳамаҷонибаи инкишофи касбӣ ва пешравии хизматӣ, баланд бардоштани самаранокии фаъолияти меҳнатии ӯ;

– идоракунии ташаккули сифатҳои касбии хизматчии давлатӣ [10,с.165].

Хадамоти кадрӣ – сохтори мустақил буда, барои таҳия ва татбиқи стратегияи кадрҳо, ташкили низоми кор бо кадрҳо (ҳайат) дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ ва идора масъул мебошад. Хадамоти кадрӣ вазифаи маркази идоракунии ҳайатро *(захираҳои инсониро)*, ки мақсади ниҳоии он кори муваффақонаи мақомот ва ташкилот аст, иҷро менамояд [10,с.165].

Дар марҳалаи гузариш ваколати хадамоти кадрӣ бе дарназаргирии дурнамо муайян гардида буд. Бинобар ин, дар марҳалаи муосир бояд шаклҳои нави созмондиҳӣ – сохтории идоракунии кормандон фаъолона ҷорӣ карда шаванд.

Фаъолияти бисёрҷонибаи идоракунии кормандон акнун наметавонад бе асоси илмӣ имконнопазир бошад. Таъмини дастгоҳ бо мутахассисони баландихтисос бе рушди босуръати илм ва амалияи қабули қарорҳои идоракунӣ номумкин аст.

Сиёсати кадрҳо талабот ва имконияти ташкилоти мушаххасро ба назар гирифта, истифодаи самараноки қобилияти касбӣ ва шахсиятиро таъмин менамояд, дар татбиқи

вазифаҳои гузошташуда иштирок мекунад ва ба татбиқи ҳадафҳои идораи давлатӣ мусоидат мекунад.

Солҳои охир дар самти рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва ҷамъиятию сиёсӣ тағйироти ҷиддӣ ба амал омадааст, ки ба раванди сиёсати давлатии кадрҳо таъсир мерасонад. Мутобиқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, давлат фаъолияти озоди иқтисодӣ, соҳибкорӣ, баробарҳуқуқӣ ва ҳифзи ҳуқуқии ҳамаи шаклҳои моликият, аз ҷумла моликияти хусусиро кафолат медиҳад. Шумораи мутахассисони ҷавон дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ бештар мешавад.

Бояд таъкид кард, ки ҳанӯз ҳодисаҳои ба эътибор нагирифтани усулҳои татбиқи захираҳои кадрӣ аз тарафи роҳбарон ҷой дорад, кадрҳо аз рӯйи ихтисос кор намекунанд, ба хориҷа меравaнд, талаботи технологияи кадрӣ дар интихоб ва пешрафти кадрҳои роҳбарикунанда пурра татбиқ намешавад, раванди такмили он ба кундӣ пеш мерафт. Вобаста ба ин, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон чунин таъкид менамоянд: «…ба роҳбарони вазорату идораҳо, бахусус, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии шаҳраку деҳот зарур аст, ки интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳоро танҳо тавассути озмун ба роҳ монда, барои тоза кардани сафи мақомот аз шахсони тасодуфӣ, риояи қатъии Кодекси одоби хизматчии давлатӣ ва татбиқи усулҳои муассири назорати дохилӣ чораҷӯйӣ намоянд» [3]. Пешгирӣ намудани ҳуқуқвайронкуниҳо дар фаъолияти онҳо, аз ҷумла роҳ надодан ба амалҳои коррупсионӣ, ҷобаҷогузории дурусти кадрҳо, баланд бардоштани сатҳи тахассусӣ ва омодагии касбии онҳо, инчунин, андешидани чораҳои қатъӣ ҷиҳати пешгирӣ ва бартараф намудани омилҳои ба коррупсия мусоидаткунанда яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ мебошад. Инчунин, масъалаи бекорӣ байни аҳолӣ ба мушоҳида мерасад. Чунин ҳодисаҳои манфӣ монеи истифодаи муассири захираҳои кадрӣ мегардад.

Барои рафъи нуқсониҳои мавҷуда бояд омӯзиши касбии аҳолӣ роҳандозӣ шавад, равандиислоҳоти иқтисодӣ, робитаҳои меҳнатӣ дар тамоми соҳаҳо, аз ҷумла дар соҳаи шуғл такмил дода шаванд.

Дар доираи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ислоҳоти идораи давлатӣ, макроиқтисод, рушди бахши хусусӣ, баланд бардоштани самаранокии бахши энергетикӣ ва тарҳҳои сармоягузории сайёҳӣ, рушди саноати маъдан як силсила тадбирҳо амалӣ гардиданд, ки дар натиҷа бар пояи идораҳои мавҷуда на камтар аз 8-10 комплекси саноатӣ-истеҳсолӣ, энергетикӣ, саноати хусусӣ ва давлатии дорои аҳаммияти минтақавӣ таъсис дода шуданд.

Дар ҳамаи зинаҳои таҳсил стандартҳо, нақшаҳо ва барномаҳои давлатии таълимии муносиб ва такмилёфта ҷорӣ гардиданд. Дар назар дошта шуда буд, ки сатҳи саводнокии аҳолии синни аз 15 то 24-сола то 99,1% мерасад. Ҳар сол 20-25%-и омӯзгорон ва дигар кормандони бахши маориф аз бозомӯзӣ ва такмили ихтисос бояд мегузаштанд [5].

Сиёсати давлатии кадрҳо бояд ба омода кардани кормандон аз рӯйи ихтисосҳои нодир ва ояндадор бо дарназардошти вазифаҳо ва талаботи нав таваҷҷуҳи хос зоҳир намояд. Яке аз талаботи муҳим таъмини истифодаи оқилонаи кадрҳо мебошад, ки инро метавон ба воситаи тарҳрезии механизми меъёрии ҳуқуқӣ, молиявӣ ва ташкилӣ ҷиҳати меҳнати муассир ва босифат таъмин кард. Таҷдиди усулҳои кор бо кадрҳо ба мутобиқатии сохтори идоракунӣ, муайян намудани вазифаҳо ва салоҳияти он вобаста аст.

Бо мақсади муайян намудани чунин ҳадафу вазифаҳо, усулҳо, самтҳои асосии сиёсати давлатии кадрҳо ва воситаи татбиқи он бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2008 таҳти №582 Консепсияи сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардида буд [5].

Асоси меъёрии ҳуқуқии «Барномаи амалисозии Консепсия барои солҳои 2009–2016»–ро Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ», «Консепсияи сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии

Тоҷикистон» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ташкил медиҳанд, ки самтҳои кор бо кадрҳоро муайян менамоянд.

Мақсади Барнома фароҳам овардани шароити ташкилӣ, иҷтимоию иқтисодӣ, сиёсию ҳуқуқӣ ва фарҳангию маънавӣ барои аҳолии қобили меҳнати ҷумҳурӣ, таъмини ҳамаи соҳаҳои фаъолияти меҳнатӣ бо кормандони ихтисосманд, касбӣ, ташаббускор, дорои сифатҳои баланди ахлоқӣ, истифодаи самараноки иқтидори зеҳнию кадрӣ, захираҳои меҳнатӣ, нигоҳдорӣ ва афзоиши он мебошад.

Ба вазифаҳои асосии Барномаи татбиқи Консепсияи сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон нуқтаҳои зерин дохил мешаванд:

– мутобиқсозии иқтидори кадрии ҷумҳурӣ ба талаботе, ки дар бозори байналмилалии меҳнат пешниҳод карда мешаванд;

– баланд бардоштани сатҳи рақобатпазирии кадрҳо ва таъмини ҳамгироии онҳо дар иқтисоди ҷаҳонӣ;

– ташаккули механизми фасеҳи идораи захираҳои меҳнатӣ;

– мониторинг ва таҳлили пешравӣ дар мансаб тавассути истифодаи технологияҳо ва воситаи муосири кадрӣ;

– таҳияи меъёрҳои муосири интихоби кадрҳо бо дарназардошти сифатҳои касбӣ ва ахлоқию психологии онҳо;

– такмили шаклу усулҳои арзёбии фаъолияти кадрҳо;

– такмили воситаи муосиру таъсирбахши ниҳоди захираи кадрҳои роҳбарикунанда;

– истифодаи оқилонаи кадрҳо;

– фароҳам овардани шароити мусоид барои кор ва пешравии касбии онҳо;

– такмили низоми тайёркунии касбӣ, азнавтайёркунӣ, такмили ихтисос ва таҷрибаомӯзии кадрҳо;

– рушди ҳамкории байналмилалӣ дар самти таҳсил ва бозомӯзии кадрҳо дар хориҷи кишвар;

– таъмини ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои муҳоҷирони меҳнатие, ки берун аз ҳудуди кишвар ба кор мераванд, мусоидат намудан ба онҳо дар гирифтани ихтисос ва баланд бардоштани дараҷаи тахассус;

– ташаккули воситаи самараноки дастгирии давлатии соҳибкорӣ ва таъмини кор ба бекорон, аз ҷумла маблағгузории ҷойҳои нави корӣ дар бахши соҳибкории хурд ва миёна [10,с.181].

Сохтори тадбирҳои амалӣ намудани Барномаи татбиқи Консепсияи сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз чор самт иборат аст, ки тадбирҳои асосии сиёсати давлатии кадрҳоро дар бар мегиранд:

– таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, низомномаҳо, барномаҳо, нашри китобҳои таълимӣ, адабиёт ва дастурҳои методӣ оид ба масъалаҳои кадрӣ ва банақшагирии фаъолияти кадрӣ;

– тадбирҳо оид ба ҳифзи иҷтимоии кадрҳо;

– масъалаҳои азнавтайёркунӣ ва такмили ихтисоси мутахассисони самтҳои афзалиятноки рушди иҷтимоию иқтисодӣ дар ҷумҳурӣ ва хориҷи кишвар;

– чорабиниҳои ташкилӣ оид ба омӯзиш ва такмили фаъолият дар соҳаи сиёсати давлатии кадрҳо.

Маблағгузории Барнома дар доираи бароварди *(сметаи)* хароҷоти тасдиқгардидаи вазорату идораҳо ва маблағҳои ғайрибуҷетӣ, инчунин аз ҳисоби маблағҳои ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ анҷом дода мешавад [10,с.182].

Иҷрокунандагони Барнома Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо муайян гардида буданд. Дар назди Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳадафҳои махсус гузошта шудаанд, ки ба ҳалли масъалаҳои кадрӣ равона шудаанд. Тадбирҳои ташкилӣ, ҳамоҳангсозӣ ва назорати иҷрои Барномаро бахши Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои кадрҳо амалӣ менамояд [6].

Ҳамин тариқ, баъзе хусусиятҳои Консепсияи сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро баррасӣ намуда, мо ба чунин хулосаҳо расидем:

– таҳлили илмии тағйироти баамаломада дар соҳаи фаъолияти дастгоҳи идораи давлатӣ имкон медиҳад, ки таъсири сиёсати давлатии кадрҳо ба ниҳодҳои иҷтимоию сиёсӣ ва ҳуқуқӣ омӯхта шавад;

– дар мавриди зернизоми меъёрӣ ва арзишӣ такмили низоми қонунгузории кадрӣ, мушаххас намудани самтгирии он ба ҳалли вазифаҳои муҳим зарур аст. Мукаммал намудани «Консепсияи сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» бояд на ҷанбаи расмӣ, балки ҷанбаи мантиқӣ ва мушаххасии ислоҳотро зимни муқаррар намудани низоми поксозии ниҳодии сиёсати давлатии кадрҳо ва муҷозот барои вайрон кардани онҳо таъмин намояд;

– дар айни замон, бояд таъкид кард, ки дар ин самт чун дар дигар кишварҳо, як силсила масъалаҳо ҷой доранд: низоми номуназзами пардохти музди меҳнати хизматчиёни давлатӣ, самаранокии заифи баъзе мақомоти ҳокимияти давлатӣ, ғайримуассирии ниҳоди амалкунандаи захираи кадрӣ, самаранокии пасти воситаи огоҳсозии ҳуқуқвайронкунии коррупсионӣ ва мубориза бо он, норасоии кадрҳои илмӣ дар соҳаи идораи давлатӣ, хизмати давлатӣ ва идораи захираҳои инсонӣ.

## АДАБИЁТ


1. Эмомалӣ Раҳмон. Уфуқҳои Истиқлол. – Душанбе: Ганҷ-нашриёт, 2018. – 436 с.
2. Консепсияи сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2008, № 582 тасдиқ шудааст. [Манбаи электронӣ] URL: http://portali-huquqi.tj/publicadliya/view_qonunhoview.php?showdetail=&asosi_id=15507 (санаи муроҷиат: 07.05.2019).
3. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 22 декабри соли 2017. [Манбаи электронӣ] URL: http://www.president. tj/node/16771 (санаи муроҷиат: 21.08.2023).
4. Қурбонов А. Ш. Амнияти зеҳнӣ ва Истиқлолияти давлатӣ (таҳлили иҷтимоӣ-сиёсӣ) / А. Ш. Қурбонов. – Душанбе: Ирфон, 2016. – 108 с.
5. Нуриддин П. Асосҳои сиёсати давлатии кадрҳо. Монография / П. Нуриддин. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2021. – 220 с.
6. Нуриддин П. Самтҳои афзалиятнок ва роҳҳои такмили сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Монография. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2022. – 170 с.
7. Общее соглашение об установлении мира и национального согласия в Таджикистане (Москва, 27 июня 1997 год). [Электронный ресурс]. URL: https://documents-dds-ny.un.org/doc/UNDOC/GEN/N97/183/33/PDF /N971 8333.pdf?OpenElement (дата обращения: 20.05.2019).
8. Раҳнамо А. Дидгоҳи давлатмеҳвар / А. Раҳнамо. – Душанбе: ЭР-граф, 2021. – 248 с.
9. Раҳнамо А. Масъалаи ҳокимият дар андешаи сиёсии тоҷикон. – Душанбе: Ирфон, 2007.
10. Санадҳои меъёрии ҳуқуқии хизмати давлатӣ. – Душанбе: Контраст, 2012. – 411 с.
11. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 1999, №5 «Дар бораи тадбирҳои баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа»; Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 марти соли 2003, №1031 «Дар бораи тасдиқи Низомномаи хадамоти кадрӣ», Барномаи миллии «Ҷавонони Тоҷикистон» барои солҳои 2004-2006, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 июли соли 2003, №294 тасдиқ карда шудааст; Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2006 №94 тасдиқ карда шудааст; Стратегияи ислоҳоти системаи идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 марти соли 2006, №1713 тасдиқ карда шудааст; Барномаи давлатии тарбия, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби занону духтарони лаёқатманд барои солҳои 2007-2016, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 ноябри соли 2006, №496 тасдиқ карда шудааст; Консепсияи ислоҳоти хизмати давлатии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июни соли 2007, №289 тасдиқ карда шудааст; Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2015, ки бо Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 июни соли 2007, №704 қабул карда шудааст; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» Қонуни амалкунанда. Санаи қабул: 5.03.2007 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2007, № 3, мод. 166; Консепсияи сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2008 № 582 тасдиқ шудааст.


## БАЪЗЕ ХУСУСИЯТҲОИ КОНСЕПСИЯИ СИЁСАТИ ДАВЛАТИИ КАДРҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


Сиёсати давлатии кадрҳо муҳимтарин ниҳоди давлати Тоҷикистон (ва зимнан, барои ҳар як давлати дигар низ) буд, ҳаст ва хоҳад буд. Аз назари муаллиф, сиёсати кадрии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди худ вазифаи ташаккули хизмати давлатии нави муносиб бо давраи гузариш, бунёди ҷомеаи

демократӣ, дунявӣ ва ҳуқуқбунёдро дар асоси иқтисоди рушдёфтаи бозорӣ гузоштааст. Ҳамзамон, муаллиф қайд менамояд, ки омӯзиши сиёсати давлатии кадрҳо дар Тоҷикистон, ҷанбаҳои гуногуни бунёд ва фаъолияти он, таҳқиқи асосҳои қонунгузорӣ ва асосҳои назариявии он, хусусиятҳо, анъанаҳо, таърихи пайдоиш ва рушди он аҳамияти илмӣ ва амалӣ дорад. Аз дидгоҳи муаллиф, марҳалаи ибтидоии шаклгирии хизмати давлатӣ дар Тоҷикистон бар хилофи дигар кишварҳои пасошӯравӣ дар шароити муқобилияти шаҳрвандӣ сурат гирифт, ки албатта, ба натиҷаи рушди сиёсати давлатии кадрҳо таъсир расонид.

**Калидвожаҳо:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, сиёсати кадрӣ, Консепсияи сиёсати давлатии кадрҳо, идораи давлатӣ, хизмати давлатӣ.

## НЕКОТОРЫЕ ОСОБЕННОСТИ КОНЦЕПЦИИ ГОСУДАРСТВЕННОЙ КАДРОВОЙ ПОЛИТИКИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

Государственная кадровая политика была, есть и в будущем останется важнейшим институтом таджикского государства (впрочем, как и любого другого государство). По мнению автора, кадровая политика Республики Таджикистан ставит своей задачей формирование новой государственной службы, адекватной переходному периоду, создание демократического, светского и правового общества с развитой рыночной экономикой. Одновременно, автор подчеркивает, что изучение государственной кадровой политики в Таджикистане, различных аспектов построения и функционирования ее, исследование законодательной базы и лежащих в основе теоретических представлений, особенностей, традиций, истории возникновения и развития имеет научный и практический интерес. По мнению автора, начальный этап становления государственной службы в Таджикистане, в отличие от других постсоветских стран, происходил в условиях гражданского противостояния, что, конечно, наложило отпечаток на результат развития государственной кадровой политики.

**Ключевые слова:** Республика Таджикистан, кадровая политика, Концепция государственной кадровой политики, государственное управление, государственная служба.

## SOME FEATURES OF THE CONCEPT OF STATE PERSONNEL POLICY OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

State personnel policy was, is and in the future will remain the most important institution of the Tajik state (as well as any other state). According to the author, the personnel policy of the Republic of Tajikistan aims to form a new public service adequate to the transition period, creating a democratic, secular and legal society with a developed market economy. At the same time, the author emphasizes that the study of state personnel policy in Tajikistan, various aspects of its construction and functioning, the study of the legislative framework and the underlying theoretical concepts, features, traditions, history of origin and development is of scientific and practical interest. According to the author, the initial stage of the formation of the civil service in Tajikistan, unlike other post-Soviet countries, took place in conditions of civil confrontation, which, of course, left its mark on the result of the development of state personnel policy.

**Keywords:** Republic of Tajikistan, personnel policy, Concept of state personnel policy, public administration, public service.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Нуриддин Парвин Раймалихон* –** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои сиёсӣ, дотсенти кафедраи муносибатҳои байналхалқӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E–mail**: panurama@mail.ru;**

**Сведения об авторе:** ***Нуриддин Парвин Раймалихон* –** Таджикский национальный университет, кандидат политических наук, доцент кафедры международных отношений. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17. E–mail: **panurama@mail.ru**

**Information about the author:** ***Nuriddin Parvin Raimalikhon* –** Tajik national university, candidate of political science, associate professor of department of international relations. **Address:** 17, Rudaki Avenue, Dushanbe, 734025, Tajikistan. E–mail: **panurama@mail.ru**

**ТДУ: 341.1(575.3)**

# МУНОСИБАТИ ҲИЗБҲОИ СИЁСӢ ВА ҲОКИМИЯТИ ДАВЛАТӢ ДАР ШАРОИТИ ТОҶИКИСТОН

*Акмалова М.А., Саидова М.А.*

**Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон**

Бо гузариш ба сохтори демократӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври назаррас гузариши низоми сиёсӣ амалӣ гардид, ки дар он нақш ва мавқеи ҳизбҳои сиёсӣ бузург аст. Дар ҷомеаи демократӣ ҳизбҳои сиёсӣ субъектҳои муҳим ва аҳаммиятноки раванди интихоботӣ баромад менамоянд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳанӯз ҳизбҳои навъи ғарбӣ ташаккул наёфтаанд, ки дорои заминаи устувори иҷтимоӣ бошанд ва тавонанд манфиати гурӯҳҳои калони аҳолиро самаранок ошкор намуда, онҳоро ба барномаҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ ва иқтисодӣ ворид кунанд, ба таври муташаккил ба раванди муборизаи сиёсӣ роҳбарӣ намоянд.

Ташаккули низоми ҳизбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон марҳилаҳои мухталифи инкишофро паси сар намудааст. Заминаи ҳуқуқии бисёрҳизбӣ ҳанӯз дар марҳилаи охирини мавҷудияти Иттиҳоди Шуравӣ бо бекор намудани моддаи 6-уми Конститутсияи Иттиҳоди Шуравӣ оид ба нақши роҳбарикунандаи Ҳизби Коммунистӣ ва қабули тағйиротҳои қонунгузорӣ, ки имконияти пайдоиши ҳизбҳои дигарро таъмин менамуд, оғоз гардидааст.

Пас аз қабули Қонун “Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ” бақайдгирии ҳизбҳои сиёсӣ дар ҷумҳурӣ хусусияти расмӣ пайдо намуд. Ҳамин тариқ, дар як муддати кӯтоҳ ҳизбҳои нав пайдо шуданд.

Чунин ба назар менамуд, ки ба мухолифати ҳуҷҷатҳои барномавӣ нигоҳ накарда, ин ҳизбҳоро кӯшиши бунёди ҷомеаи демократӣ дар Тоҷикистон, ки дар иқтисоди бозорӣ, арзишҳои либералӣ ва бисёрҳизбӣ асос ёфтааст, муттаҳид менамуд. Ҳокимияти амалкунандаро пайдоиши ҳизбҳои нав ва ба фаъолияти сиёсӣ ворид гардидани онҳо ба ташвиш намеоvard, зеро онҳо кӯшиш менамуданд, ки неру ва мавқеи Ҳизби Коммунистиро мустаҳкам намоянд.

Банди якуми моддаи 8-уми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба оқибатҳои амалии гуногунии идеологӣ, ки аҳаммияти бузурги конститусиониву ҳуқуқӣ дорад, бахшида шудааст. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаёти ҷамъиятӣ дар асоси плюрализми сиёсӣ ва идеологӣ рушд менамояд. Плюрализми сиёсӣ дар мавҷудияти бисёрҳизбӣ, мавҷудияти самтҳои мухталиф дар фаъолияти амалии сиёсӣ – дар тарғибу ташвиқи ҷараёнҳо, барномаҳо, лоиҳаҳои қонун дар ҳаёти сиёсӣ, тарафдорӣ ё мухолифат ба номзадҳои муайян дар интихобот, ҳалли масъалаҳое, ки ба раъйпурсии умумихалқӣ гузошта мешаванд, зоҳир мегардад.

Дар фаъолияти сиёсӣ қисми ташкилии он – бунёд ва фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ ва дигар иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ки мустақилона ё бо муттаҳидшавӣ бо ҳизбҳои сиёсӣ ба амалинамоии мақсадҳои сиёсӣ кӯшиш менамоянд, нақши муҳим дорад. Шакли асосии гуногунии сиёсӣ бисёрҳизбӣ ба ҳисоб меравад. Бисёрҳизбӣ яке аз аломатҳои асосии давлати соҳибистиқлол, демократӣ, ҳуқуқӣ, дунёвӣ ва ягона, ки дар марҳилаҳои мухталифи таърихӣ рушд менамояд, ба ҳисоб меравад [12].

Солҳои охир гуногунии идеологӣ ва сиёсӣ, ки аз бисёр ҷанба, дар шакли бисёрҳизбӣ ифода карда мешавад, қисми устувори ҳаёти ҷамъиятӣ-сиёсии кишвар гардидааст. Заминаи ҳуқуқии ин дастоварди демократия ворид намудани ин муқаррарот ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба асосҳои сохтори конститутситонӣ, ки дар ҳолатҳои пайдоиши зарурат бо тартиботи мураккаб тағйир дода мешавад,ба ҳисоб меравад. Мутобиқати ин муқаррароти Конститутсия ба принсипҳо ва меъёрҳои ҳуқуқи байналхалқӣ имконияти бароҳмонӣ ва рушди плюрализмро дар ҳаёти сиёсии Тоҷикистон таъмин менамояд.

Дар банди якуми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда шудааст, ки шаҳрвандон ба муттаҳидшавӣ ҳуқуқ доранд. Шаҳрвандон ҳуқуқ доранд дар бунёди ҳизбҳои сиёсӣ, аз он ҷумла, ҳизбҳо, ки характери демократӣ ва динӣ доранд,

иттифоқҳои касбӣ ва дигар иттиҳодяҳои ҷамъиятӣ иштирок намоянд, ба таври ихтиёрӣ ба онҳо ворид гарданд ва ё онҳоро тарк намоянд [9].

Конститутсия ва Қонун “Дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ” озодии фаъолияти ҳизбҳои сиёсиро кафолат медиҳанд. Ҳизбҳои сиёсӣ аз тарафи шаҳрвандон бе иҷозати пешакии мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии маҳаллӣ таъсис дода мешаванд. Ҳизбҳо метвонанд дар мақомоти адлия ба қайд гирифта шаванд ва ҳуқуқи шахси ҳуқуқиро касб намоянд ё бе бақайд гирии давлатӣ ва бадастории чунин ҳуқуқҳо фаъолият кунанд. Лекин, ҳизбҳои сиёсиро зарур аст, ки ба таври ҳатмӣ бақайдгирии давлатиро амалӣ намоянд [9].

Зикр намудан зарур аст, ки танҳо ҳизбҳои сиёсии аз қайди давлатӣ гузашта ҳуқуқ доранд дар маъракаҳои интихоботӣ иштирок намоянд. Қонун меъёри навро муқаррар намудааст, ки мувофиқи он ҳизби сиёсӣ навъи ягонаи иттиҳодияи ҷамъиятӣ ба ҳисоб меравад, ки дорои ҳуқуқи мустақилона пешниҳод намудани номзадон ё рӯйхати ҳизбӣ дар интихобот мебошад.

Дар давлати демократӣ ҷанбаи муҳим характери муносибати байни ҳизбҳо ва давлат, ҳизбҳо ва аҳолии кишвар, интихобкунандагон баромад менамояд. Ба мустақилият, ки тариқи воситаи интихобӣ ба ҳокимият омадани онҳо таъмин мегардад, нигоҳ накарда, гуфтугӯ бо давлат ҷанбаи ҷудонопазир ва яке аз вазифаҳои муҳимми ҳизбҳо ба ҳисоб меравад. Ҳизб метавонад, ки ҳизби оппозитсионӣ бошад, лекин фаъолияти он, аз бисёр ҷанба, аз дастгирии тарафдорон, ки овози худро ба ҳизб медиҳанд, вобаста аст. Маҳз ин ҳизб манфиати тарафдорони худро дар сатҳи давлатӣ намояндагӣ менамояд. Аз ин хотир, ҳар як ҳизби оппозитсионӣ бояд ҳуқуқ ба мавҷудиятро дошта бошад.

Кафолати таҳаввулоти бунёдкоронаи ҷомеа ва давлат, махсусан, дар марҳилаҳои мавҷудияти тағйироту дигаргуниҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ ва иқтисодӣ, гуфтугӯйи доимии сиёсӣ ба ҳисоб меравад. Ҳар як тағйирпазирӣ ҳамеша бо пайдоиши моҷароҳои нав ҳамроҳӣ карда мешавад, аз ин рӯ ҳалли тамаддунии онҳо, ки тавонад ба тамоми гурӯҳҳои мухталифи иҷтимоӣ мувофиқ бошад, ҷустуҷӯйи роҳҳои мувофиқи рушди ҷомеа ва давлат – вазифаҳое мебошанд, ки танҳо дар доираи чунин гуфтугӯ ҳал карда мешаванд. Воқеияти муосири Тоҷикистон – ин марҳилаи нав дар таърихи давлату давлатдорӣ ба ҳисоб меравад, ки муттаҳидшавии тамоми ҷомеа ва давлатро барои ҳалли масъалаҳои мавҷуда талаб менамояд. Дар ин самт метавон ба интихоби тарҳи сохтори сиёсӣ, дастгирии ҳаматарафа ва мусоидат намудан ба рушди демократия ва унсурҳои асосии он, ки ба шароити муосири ҷомеаи тоҷик мувофиқ мебошанд, таъкид намуд.

Вазъияти иқтисодӣ ва иҷтимоии Тоҷикистон иштироки фаъоли неруҳои сиёсиро талаб менамояд. Зикр намудан зарур аст, ки танҳо амалҳои муттаҳидгардидаи неруҳои сиёсӣ метавонад проблемаҳои мавҷудаи ҷомеаи муосири тоҷикро ҳал намояд. Давлат маҳсули рушди ҷомеа, натиҷаи “шартномаи ҷамъиятӣ” аст, маҳз ин хотир гуфтугӯйи давлат ва ниҳодҳои ҷамъиятӣ дар вазъияти мавҷудаи ҷомеаи тоҷик муҳиммияти хоссаро пайдо намудааст. Зеро маҳдудгардӣ ва худмаҳдуднамоии неруҳои сиёсӣ дар раванди рушди устувори демократия монеаҳои мухталифро бунёд менамояд.

Дар марҳилаи муосири рушди таърихӣ методҳои идоракунӣ, ки дар гузашта самаранок буданд, дигар натиҷаи дилхоҳ дода наметавонанд. Барои ҳамин ҳам, коркарди чунин қарорҳои сиёсӣ талаб карда мешавад, ки бояд барои миқдори зиёди ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ аҳамияти муттаҳидкунанда дошта бошанд. Воқеияти имрӯза тақозо менамояд, ки низоми сиёсӣ ба рушди босуръати муҳит мутобиқ гардад. Мутобиқан, ҳизбҳои сиёсиро низ ҳамчун унсури низоми сиёсӣ зарур аст, ки ба чунин тағйирпазирии босуръат мувофиқ гарданд.

Дар шароити имрӯза, дар Тоҷикистон бисёрҳизбӣ дар раванди ташаккулёбии худ қарор дорад, яъне дар ҳолати гузариш қарор дорад. Лекин таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар раванди ташаккули бисёрҳизбӣ як қатор проблемаҳо ҷой доранд. Ин проблемаҳо бо нақши бисёрҳизбӣ ҳамчун асоси сохтори конститутсионӣ дар ташаккули низоми сиёсии демократӣ алоқаманд мебошанд:

-сатҳи нокифояи ҳамкории ҳизбҳои сиёсӣ ва мақомоти ҳокимиятӣ, муттадиднамоии саъю кӯшиши онҳо дар самти рушди бисёрҳизбӣ дар кишвар;

-рушди нокифояи гуфтугӯйи байни ҳизбҳо, мустаҳкам намудани имконияти мавҷудияти якҷоя ва ҳамкории бунёдкорона байни ҳиззбҳои сиёсӣ дар раванди интихобот ва дар марҳилаи байни интихоботҳо;

-проблемаи эътимоднокии электоралӣ ба ҳизбҳои сиёсӣ ва фаъолияти онҳо;

-масъалаи мавҷудияти ҳизбҳои сиёсӣ дар фазои иттилоотӣ, истифодаи имкониятҳои технологияҳои муосири иттилоотӣ аз тарафи ҳизбҳо.

Дар шароити имрӯза, метавон зикр намуд, ки ҳизбҳои сиёсӣ ва мақомоти ҳокимиятӣ алоқаи ногусастанӣ доранд, зеро мақсади ҳар як ҳизби сиёсӣ – ба даст овардани ҳокимият ва истифодаи он ба манфиати электорати ҳизб, мақсади ҳокимият – такя ба сохтори ҳизбии худ барои амалинамоии самараноки сиёсати иҷтимоӣ-иқтисодӣ ба ҳисоб меравад.

Ҳар як ҳизби сиёсӣ назди худ мақсади амалинамоии ҳокимияти давлатиро мегузорад. Аз ин хотир масъалаи муносибати тарафайни ҳизб ва ҳокимият дар он зоҳир мегардад, ки то кадом андоза ҳизбҳо дар ташаккул ва амалинамоии сиёсати давлатӣ иштирок менамоянд, то кадом андоза онҳо ба якдигар таъсиргузор мебошанд, ки тавонанд дигаргуннамоии самти сиёсӣ ва иҷтимоиву иқтисодиро дар кишвар амалӣ намоянд.

В.О.Лучин оид ба нақши ҳизбҳои сиёсӣ чунин зикр намудааст: “Нақши ҳизбҳои сиёсӣ дар он зоҳир мегардад, ки онҳо воситаи асосии алоқаи байни ҳокимият ва шаҳрванд, инчунин миёнарави байни ниҳодҳои ҳокимиятӣ ба ҳисоб мераванд, ки, аз он ҷумла, метавонанд моҷаро ва зиддияти байни онҳоро бе ҷалби бевоситаи мақомотҳои олии ҳокимияти давлатӣ ҳал намоянд [10].

Мавқеи муҳимро ҳамкории сохторҳои ҳокимиятӣ ва сиёсӣ дар давраи интихобот касб менамояд. Бешубҳа, ин таркиби муҳимми маъракаи интихоботӣ ба ҳисоб меравад, ки бо қонунгузории интихоботӣ танзим карда мешавад. Масъалаи мазкурро таҳлил намуда, метавон зикр намуд, ки ин ҳамкорӣ аз маҷмуи васеи муносибатҳо иборат мебошад, ки дар он муносибатҳои сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва молиявӣ асосӣ ҳисобида мешаванд. Унсури сиёсии ин маҷмуи васеи муносибатҳо дар воридшавии тарафайни ҳокимият ва ҳизбҳои сиёсӣ зоҳир мегардад: давлат қоидаи рафторро муайян менамояд, нишондиҳандаҳои фаъолиятро пешниҳод менамояд, шароити баробари иштироки ҳизбҳои сиёсиро дар маъракаи интихоботӣ таъмин менамояд. Дар навбати худ, ҳизбҳои сиёсӣ яке аз воситаҳои асосии пурранамоии кадрии мақомоти давлатӣ баромад менамоянд. Аз нуқтаи назари ҳуқуқ муносибати тарафайни ҳокимият ва ҳизбҳои сиёсӣ дар доираи қонунгузории амалкунанда ба роҳ монда мешавад: давлат шароити баробари иштироки онҳоро дар маъракаҳои интихоботӣ таъмин менамояд.

Стратегияи қонунгузории ҳамкории давлат ва ҳизбҳои сиёсӣ дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ” ифода гардидааст, ки дар он, аз ҷумла, кафолати давлатии баробарии ҳизбҳо дар назди қонун новобаста аз идеология, мақсад ва вазифаҳо, ки дар ҳуҷҷатҳои муассисӣ ва барномавӣ баён гардидаанд, муқаррар гардидааст.

Илова бар ин, дахолати ҳизбҳои сиёсӣ ба фаъолияти мақомотҳои давлатӣ ва инчунин, шахсони вазифадори давлатӣ қобили қабул нест. Инро метавон на танҳо ҳамчун омезиши вазифаҳои давлатӣ ва вазифаҳои ҷамъиятӣ, балки ҳамчун риоя нагардидани тартиботи амалинамоии низоми ҳокимият ва азхудкунии ваколатҳои ҳокимиятӣ, ки ба ҳизбҳо тааллуқ надоранд, баррасӣ намуд. Зикр намудан зарур аст, ки кафолати амалинамоии муқаррароти конститутсионӣ оид ба бисёрҳизбӣ, баробарии ҳизбҳо дар назди қонун бояд манъномоии дахолат ба фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ аз тарафи мақомотҳои ҳокимиятӣ бошад. Барои давлат нисбат ба ҳизбҳо риоя намудани чунин принсипҳои конститутсионӣ, ба монанди баробарӣ ва қонунӣ муҳим аст.

Нисбати масъалаи мазкур О.В. Кузнетсов чунин зикр намудааст: “Қонун бояд ба таври принсипиалӣ муносибати якхелаи давлат ба номзадҳо дар ҷараёни маъракаи интихоботиро пешниҳод намояд, ба онҳо шароити якхеларо барои иштирок дар интихобот таъмин намояд. Дар ин самт метавон пешниҳоди имкониятҳои баробар ба

номзадҳо дар пешбарӣ ва бақайдгирии номзадӣ, баробарии мавқеи номзадҳои бақайдгирифташуда, имкониятҳои баробар дар гузаронидани ташвиқоти пешазинтихоботӣ ва маблағгузории маъракаҳои интихоботиро таъкид намуд. Ҷанбаҳои пешниҳодгардида ҳам нисбати номзадҳо ва ҳам нисбати ҳизбҳои сиёсӣ, ки номзадҳои худро пешниҳод намудаанд, таъмин карда мешавад” [6].

Принсипи баробариро нисбат ба ҳизбҳо метавон чунин арзёбӣ намуд: ҳизбҳо байни якдигар ҳуқуқ ва ухдадориҳои якхела доранд ва дар ҳолати пайдо шудани баҳс ё риоя нагардидани талаботҳо метавонанд ба суд барои шарҳдиҳӣ ё танзим тариқи қабули қарор дар ҳолати баҳсӣ ё вазъияти моҷароӣ муроҷиат намоянд. Ҳамин тариқ, риоя намудани принсипҳои баробарӣ ва қонунӣ, махсусан дар раванди интихобот легитимияти тамоми раванди сиёсӣ ва раванди интихоботиро муайян менамояд. Маҳз тариқи риоя намудани принсипҳои мазкур ҳуқуқҳои сиёсии шаҳрвандони кишвар таъмин карда мешавад.

Ҷанбаи молиявии муносибати тарафайни ҳизбҳои сиёсӣ ва мақомоти давлатӣ шаклҳои мухталифи дастгирии давлатии ҳизбҳои сиёсиро тариқи маблағгузории фаъолияти онҳо дар натиҷаи иштирок дар интихобот пешниҳод менамояд. Дар таҳқиқоти алоҳида таъсири маблағгузории давлатии фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Л.Ламберт ва Г.Янсен зикр менамоянд, ки мавҷудияти маблағгузории давлатӣ ба чунин натиҷаҳо оварда мерасонад: ба касбигардии фаъолияти ҳизбӣ, яъне вазифаҳои асосии ҳизбро метавонанд кормандони маошгиранда иҷро намоянд, ки албатта, ба самаранок гардидани фаъолияти ҳизбӣ, махсусан дар раванди интихобот мусоидат намояд [16]. Лекин, муҳаққиқи дигар, Р.С.Катз зикр менамоянд, ки мавҷудияти маблағгузории давлатӣ метавонад алоқаи ҳизбҳоро бо ҷомеаи шаҳрвандӣ заиф гардонад, зеро муносибати ҳизб бо давлат аз муносибат бо интихобкунандагон муҳимтар мегардад. Илова бар ин, рақобатнокии худи низоми ҳизбӣ коҳиш меёбад: чунин як вазъият пайдо мешавад, ки ҳизбҳо бо якдигар ба қароре меоянд, ки низоми маблағгузории давлатиро дастгирӣ ва беҳтар намоянд, зеро онҳо аз чунин маблағгузорӣ вобаста мебошанд [17].

Як қатор муҳаққиқон зикр менамоянд, ки умуман вобастагии ҳизб аз маблағгузории давлат мутлақ нест, балки бо якчанд омил муайян карда мешавад: таъсири омилҳои беруна, яъне низоми молиявӣ дар давлат, идеологияи ҳизб ва он гурӯҳҳое, ки манфиати онҳоро намояндагӣ менамоянд [18].

Ҳамин тариқ, дар аксарияти таҳқиқот зикр карда шудааст, ки маблағгузории давлатӣ ба вобаста гардидани ҳозибҳои сиёсӣ оварда мерасонад. Лекин, муҳаққиқоне низ мавҷуданд, ки маблағгузории давлатиро тарафдорӣ намуда, онро замина ва омили рақобати электоралӣ медонанд. Д.Гросс ва Р.Гойдел чунин мешуморанд, ки дастгирии давлатӣ ба рушди рақобатнокӣ мусоидат менамояд, зеро ба фаъолнокии электоралӣ қувват мебахшад. Зикр намудан зарур аст, ки механизми дастгирӣ, махсусан барои ҳизбҳои хурд ва оппозитсионӣ аҳаммияти бузург дорад [19].

Дар муносибати мутақобилаи ҳизбҳои сиёсӣ ва ҳокимияти давлатӣ вақтҳои охир, вақте ки ҳизбҳо дар сатҳи конститутсионӣ эътироф гардидаанд, тағйирот ба амал омад. Дар конститутсияҳои бисёр давлатҳо тартиби иштироки ҳизбҳо дар ташкили на танҳо парламент, балки хукумат низ анъана шудааст. Дар давлати демократӣ ҳизбҳо вазифаҳои гуногунро иҷро намуда, бо мақомоти давлатӣ ҳамкорӣ мекунанд. Назорати ҷамъиятӣ аз болои фаъолияти мақомотҳои ҳокимияти давлатӣ аҳамияти махсус дорад, ки дахолати ҳизбҳо ва гурӯҳи шаҳрвандон ба амалӣ гардондани ҳокимият қобили қабул нест, ки ин боиси оқибатҳои манфӣ барои давлат ва аҳолӣ мегардад.

Ҳамин тариқ, ташаккули бисёрҳизбӣ дар Тоҷикистон аз он шаҳодат медиҳад, ки ҷумҳурӣ дар марҳилаи барқарорнамоии баъдимоҷаровӣ роҳи бунёди ҷомеаи шаҳрвандӣ ва демократиро пеша намудааст. Мутобиқан, ҳизбҳои сиёсӣ ҳамчун ниҳодҳои муҳимми низоми сиёсӣ метавонанд устувории ҳар як ҷомеаро таъмин намоянд. Бешубҳа, дар мустаҳкам намудани пояҳои асосии ҷомеа ва рушди соҳаҳои мухталифи он нақши ҳизбҳои сиёсӣ бузург аст. Дар алоқамандӣ бо ба имзо расидани Аҳдномаи ризоияти ҷамъиятӣ дар Тоҷикистон аз тарафи роҳбарият, ҳизбҳои сиёсӣ,

созмонҳои мухталифи ҷамъиятӣ, фарҳангӣ, динӣ корҳои зиёд ба анҷом расонида шуданд.

Хусусияти барномаҳои ҳизбҳои кишвар аз хусусиятҳои рушди Тоҷикистон бармеояд. Дар шароити имрӯза қисми таркибии барномаи тамоми ҳизбҳо аз мақсадҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ иборат аст.

Мувофиқи барнома мақсади асосии ҲАТ бунёди давлати ягона, демократӣ, ҳуқуқӣ ва дунявӣ дар Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. ҲАТ дар бахши сиёсӣ барои сарварии сиёсӣ дар ҷомеа дар асоси интихоботи озоди тамоми мақомоти намояндагии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар вазифаҳои интихобӣ дар мақомоти давлатӣ тариқи пешбарии номзадон мубориза мебарад. Мувофиқи қонунҳои амалкунанда барномаи пешазинтихоботии худро таҳия намуда, нашр менамояд ва байни оммаи мардум паҳн менамояд [1].

Дар соҳаи иқтисодӣ вазифаҳои асосии ҳизб ба роҳ мондани иқтисодиёти гуногуншакл, гузариш ба иқтисоди бозорӣ, ки аз тарафи давлат танзим мешавад, ғайридавлатикунонии воситаҳои истеҳсолот бо нигоҳдории ягонагии маҷмуаҳои истеҳсолӣ, рушди тамоми шаклҳои хоҷагидорӣ, таъмини истиқлолияти озуқавории кишвар дар асоси муносибатҳои бозорӣ арзёбӣ карда шудааст [1]. ҲАТ таъкид менамояд, ки принсипи адолати иҷтимоӣ танҳо бо таъмини кафолатҳои конститутсионии меҳнат, ҳуқуқи воқеии интихоби шаклҳои хоҷагидорӣ ва шаклҳои моликият ба воситаҳои асосии истеҳсолот бо баробарии шаҳрвандон дар назди қонун бо назардошти шароити баробари таъмини фаъолияти шаклҳои моликияти давлатӣ, коллективӣ, хусусӣ имконпазир аст.

Мувофиқи барномаи ҲДТ мақсади сиёсии ҳизби мазкур бунёди давлати ҳуқуқии демократии воқеӣ бо иқтисоди озоди бозорӣ, риояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, таъминоти мавқеи олӣ доштани қонун ва озодиҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ба ҳисоб меравад [2]. Фаъолияти ҲДТ дар соҳаи сиёсат ҷанбаҳои зеринро дар бар мегирад: бунёди шароит барои демократикунонии ҷомеа; муқаррарнамоии дақиқи ҷудокунии ваколат ва салоҳиятҳои ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ; амалинамоии ҳуқуқ ва озодиҳои сиёсӣ; муттаҳид намудани қисми солими ҷомеа дар дастгирии ҳалли осоиштаи проблемаҳои сиёсӣ; муттаҳид гардидан бо тамоми неруҳои демократӣ ва ватандӯст, ки ғояи эҳёи Тоҷикистонро дастгирӣ менамоянд; қонун, ки ба ҳар як шаҳрванд ҳимояи воқеии ҳуқуқҳои ӯро кафолат медиҳад, дахлнопазирии ҳаёти шахсии ҳар як шаҳрванд, ғайриқонунӣ донистани ҷамъоварии иттилоот оид ба шаҳрвандон; шаффофият дар фаъолияти мақомотҳои давлатӣ; воситаҳои ахбори умуми озод ва мустақил; шароити баробар барои тамоми ҳизбҳои сиёсӣ ва созмону ташкилотҳои ҷамъиятӣ [2].

ҲДТ метавонад бо дигар ҳизбҳои сиёсӣ ва неруҳои ҷамъиятии Тоҷикистон, ки мувофиқи Конститутсия ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон амал менамоянд, ба аҳдномаи пешазинтихоботӣ ворид гардад, инчунин номзадҳоро ба вазифаҳои интихоботӣ, ки аъзоёни ҲДТ нестанд, лекин мақсадҳои демократиро пайгирӣ менамоянд, дастгирӣ мекунад. ҲДТ дар соҳаи иқтисодӣ барои иқтисоди либералӣ ва гузариши муттасил ба иқтисоди бозорӣ, моликияти хусусӣ, тағйироти демократии муносибати моликият ва гузариши нақшавӣ ба иқтисодиёти омехта, ки дар гуногунӣ ва баробарҳуқуқии шаклҳои мухталифи моликият – давлатӣ, коллективӣ, хусусӣ, кооперативӣ асос ёфтааст, амалӣ намудани сиёсати "дарҳои кушода" баромад менамояд.

Дар соҳаи иҷтимоӣ ҲДТ ҷанбаҳои зеринро пешниҳод менамояд: ҳимояи иҷтимоии аҳолӣ ва тақсимоти адолатноки неъматҳои моддӣ; индексатсияи пасандозҳои аҳолӣ, назорати давлатӣ ва масъулият дар пардохти ҳаққи меҳнат, нафақа, идрорпулиҳо ва ғайраҳо; дастгирии давлатии оила, модарӣ ва кӯдакӣ, гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ ва ғайраҳо.

Мақсади барномавии ҲКТ аз тақвият бахшидани рушди иҷтимоии ҷомеа, ки ҷавобгӯйи манфиатҳои табақаҳои ниёзманд ва умуман меҳнаткашон бошад, иборат буда, ба таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон нигаронида шудааст ва амалӣ гардидани он шароити шоистаи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва маънавиро барои зиндагии арзанда фароҳам меорад. ҲКТ дар фаъолияти сиёсии худ кӯшиш менамояд, ки кишвар ба роҳи

сотсиалистии рушд баргардад, ки ба манфиат ва талаботи меҳнаткашон ҷавобгӯ буда, тамоми ҳуқуқ ва озодиҳои рушди одамонро таъмин менамояд, шароити сазовори иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва маънавии ҳаётро барои ҳама бунёд менамояд [3].

Фаъолияти ҲКТ дар соҳаи сиёсӣ ба ҷанбаҳои зерин равона карда шудааст: истифодаи тамоми шаклҳои фаъолияти парламентӣ ва ғайрипарламентӣ барои баргашти кишвар ба роҳи дигаргуниҳои сотсиалистӣ; эҳёи ҳокимияти меҳнаткашон дар шакли шуроҳо ва дигар шаклҳои худидоракунии халқ; барқарор намудани мақомоти назорати ҷамъиятӣ ва ҷалби васеи меҳнаткашон ба идоракунии давлатӣ тариқи таъмини намояндагии гуногунҷанбаи онҳо дар мақомоти ҳокимият ва идоракунӣ, ҳимояи ҳуқуқи коллективҳои меҳнатӣ; ислоҳоти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, мақомоти назорати ҷамъиятӣ, артиши миллӣ; бартараф намудани коррупсия, фаъолияти ҷинояткории муташаккил ва дигар қонунвайронкуниҳои хатаровари ҷамъиятӣ; амалинамоии воқеии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон мувофиқи меъёрҳои эътирофгардидаи байналхалқӣ; мустаҳкам намудани соҳибистиқлолии кишвар; васеъ ва мустаҳкам намудани алоқаҳо бо ҳаракатҳои коммунистӣ ва коргарии ҷаҳонӣ [3].

Фаъолияти ҲКТ дар соҳаи иқтисодӣ ба ҷанбаҳои зерин равона карда шудааст: мустаҳкам намудани шаклҳои пешбари моликияти давлатӣ, коллективӣ ва дигар шаклҳои моликияти ҷамъиятӣ; мутобиқати шаклҳои давлатӣ, коллективӣ, инфиродӣ ва хусусии хоҷагидорӣ; баланд бардоштани идорашавандагии иқтисодиёт дар асоси мутобиқати нақша ва бозор, истифодаи методҳои иқтисодӣ ва маъмурии танзимнамоӣ; баррасии умумихалқии лоиҳаи қонунҳои ҳаётан муҳимми иҷтимоӣ-иқтисодӣ; ба роҳ мондани назорати давлатии содироти сармоя, фаъолияти бонкҳо, дигар муассисаҳои молиявӣ-қарзӣ, равона намудани воситаҳои молиявӣ ва дигар захираҳо ба ҳамон бахшҳо, ки аз онҳо пуррашавии бозори истеъмолӣ бо молу маҳсулот ва хизматрасониҳо вобаста мебошад; амалинамоии сиёсати санҷидашудаи сохториву сармоягузорӣ ва минтақавӣ, амалинамоии бозсозии амиқи иқтисодиёт бо назардошти пасандозҳои дохилӣ, ҳавасманднамоии ҷараёнҳои сармоягузориҳои хориҷӣ ва ғайраҳо [3].

Мақсади стратегии ҲХДТ муттаҳид намудани тамоми шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон новобаста аз забон, ҳувияти миллӣ, баромади иҷтимоӣ, эътиқоди сиёсӣ, самтгириҳои касбӣ ва этникиву фарҳангӣ дар атрофи вазифаи мушаххас ва таърихии ҳалшавандаи умумимиллӣ – бунёди шакли мушаххаси ҷомеа ба ҳисоб меравад. Чунин ҷомеа бояд ба талаботҳои зерин ҷавобгӯ бошад: давлати соҳибистиқлол, демократӣ ва дунявӣ; ҷомеаи рушдкардаи иқтисодӣ ва сиёсӣ, ки оид ба маънавиёт, ташаккули фарҳанги ҳуқуқӣ-сиёсӣ ғамхорӣ менамояд, ифротгароиро дар тамоми соҳаҳои ҳаёти аҳолӣ рад менамояд; кишвар, ки тариқи низоми чорабиниҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, сиёсӣ-ҳуқуқӣ, ҳарбӣ ва байналхалқӣ, суверенитет, ягонагии ҳудудӣ ва дахлнопазирии сарҳадот, ҳимояи манфиатҳои давлатӣ ва ҳаёти осоиштаи аҳолиро таъмин менамояд; ҷомеа, ки бо тамоми кишварҳои ҳамсоя муносибатҳои судманд ҳамсоягиро ба роҳ мемонад; кишвар бо муносибатҳои дӯстонаи баробар ва муфид бо тамоми кишварҳо бо мақсади рушди сиёсӣ, илмӣ-техникӣ ва маънавӣ; ҷомеа, ки ҳамгироии он бо ҷомеаи ҷаҳонӣ, созмонҳои байналхалқӣ ва созишномаҳои самтгирии демократӣ таъмин карда шудааст [4].

Пайравии худро ба мақсади умумимиллии бунёди давлати демократӣ, ҳуқуқӣ ва демократӣ изҳор намуда, ҲХДТ дар фаъолияти сиёсии худ Конститутсия ва дигар меъёрҳои ҳуқуқиро ба роҳбарӣ гирифта, ба муқобили тамоми навъҳои кӯшишҳои ғасби зӯроваронаи ҳокимияти сиёсӣ баромад менамояд. Худро ҳизби сиёсии парламентӣ ва сентристӣ шуморида, ҲХДТ намояндагони худро ба мақомоти намояндагии ҳокимият ва вазифаҳои интихоботӣ дар низоми ҳокимияти иҷроияи тамоми сатҳҳо пешниҳод менамояд. Плюрализми сиёсӣ ва гуногунии ғояҳоро эҳтиром намуда, ҲХДТ ба гуфтугӯйи созанда ва ҳамкориҳо бо тамоми шарикон, иттиҳодияҳо ва ҳаракатҳои ҷамъиятӣ, ки мақсадҳои муфиди ҷамъиятӣ доранд, кӯшиш менамояд.

Дар соҳаи иқтисодӣ ҲХДТ консепсияи гузариш, ташаккули хоҷагидории бозории адолатноки иҷтимоӣ ва амнияти экологиро пешниҳод менамояд. Он марҳила ба марҳила гузариш ба муносибатҳои бозориро пешниҳод менамояд. Дар ин раванд нақши муҳим ба танзими давлатӣ тааллуқ дорад. Давлат бояд ислоҳоти молиявӣ гузаронад,

мутобиқати манфиатҳои хусусӣ ва ҷамъиятӣ, ҳимояи иҷтимоӣ ва экологии аҳолиро таъмин намояд.

ҲСТ чунин мешуморад, ки бунёди давлати демократӣ, ҳуқуқӣ ва дунявӣ, рушди ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, таъмини ҳокимияти воқеии халқ, эҳтиром ва ҳимояи воқеии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд танҳо дар ҳамон ҳолат имконпазир аст, ки шаҳрвандон имконияти воқеии иштирок дар равандҳои коркард ва қабули қонунҳо, ки манфиатҳои ҳаётии онҳоро инъикос менамоянд, дошта бошанд. Ин мавҷудияти демократияи сиёсӣ, плюрализми идеологӣ ва иқтисодӣ, ғайримарказикунонии ҳокимиятро пешниҳод менамояд, вақте ки шаклҳои мушаххаси иштироки воқеӣ ва қабули қарорҳо барои ҳар як шаҳрванд дастрас бошанд.

ҲСТ вазифаҳои худро аз ҷанбаҳои зерин иборат медонад:

- иштироки фаъол дар ташаккул ва инкишофи давлати миллӣ, ки дар асоси ҳуқуқ, инсондӯстӣ ва демократия бунёд гардида, бемайлон ва устуворона барои озодӣ, ваҳдат ва ягонагии ҳудудӣ баромад менамояд;

-ҳамаҷониба мусоидат намудан ба қувват гирифтани мавқеъ ва афзудани обрӯю эътибори байналхалқии Тоҷикистон, мустаҳкам намудани алоқаҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангии он бо кишварҳои хориҷӣ;

- амалинамоии фаъолият дар муттаҳиднамоии халқ бо мақсади баровардани кишвар аз бухрони иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ;

-тарафдори таъмини плюрализми афкор ҳамчун омили пурқуввати рушди ҷомеа будан;

-нигоҳдорӣ ва рушди арзишҳои маънавии халқ, анъанаҳои он, забони миллиро қарзи муқаддаси худ донистан, рушди таҳсилоти халқӣ, илм, фарҳанг, тарбияи насли наврас дар руҳияи меҳру муҳаббат ба Ватан, дар руҳияи интернатсионализм ва дӯстии халқҳо;

- мусоидат намудан ба бунёди блоки ягонаи неруҳои прогрессивии ҷумҳурӣ, ки барои сохтори дунявӣ, демократӣ ва ҳуқуқии сохтори давлатӣ баромад менамоянд [5].

Дар соҳаи сиёсӣ ҲСТ фаъолияти худро ба ҷанбаҳои зерин равона намудааст: ҳар як навъи фаъолияти қонунӣ, аз он ҷумла бунёди ҳизбҳои сиёсӣ, ҳаракатҳо ва иттиҳодияҳо, ки ба некуаҳволии халқ, мустаҳкам намудани ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ равона карда шудааст, дастгирӣ менамояд; бар зидди маҳалгароӣ, миллатгароӣ, риоя нагардидани тартиботи ҳуқуқӣ мубориза мебарад; бар зидди интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунанда аз рӯйи принсипи ҳамдиёрӣ, хешутаборӣ, садоқати шахсӣ баромад менамояд; барои мувофиқ намудани қонунгузории Тоҷикистон ба принсипҳои демократӣ ва умумиинсонӣ баромад менамояд [5].

ҲСТ барои тартиботи ҷиддӣ, тоқатнопазирӣ ба риоя нагардидани қонуният, ҷинояткорӣ, беасос бекор кардани имтиёзҳои модии вазифадорони давлатӣ, гузаронидани сиёсати тафриқавӣ ва дурандешонаи андоз, ки пеш аз ҳама, ҳимояи аҳолии камбизоат, рушд ва мустаҳкам намудани соҳибкории хурд ва миёнаро таъмин менамояд. Ҳамин тариқ, ҲСТ вазифаи асосии худро аз ҳимояи манфиатҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии тамоми аҳолии ҷумҳурӣ, пеш аз ҳама, гурӯҳҳои нисбатан осебпазири аҳолӣ иборат медонад; тамоми шаклҳои моликият, ба монанди моликияти давлатӣ, кооперативӣ, ҷамъиятӣ ва хусусиро дастгирӣ менамояд; васеъгардии сармоягузориҳои хориҷиро дастгирӣ менамояд; рушд ва мустаҳкам намудани иқтисоди бозорӣ, ки аз тарафи давлат танзим мешавад, ғайридавлатикунонӣ ва хусусигардонӣ зери назорати мақомоти давлатиро дастгирӣ менамояд; таъмини афзалияти истеҳсолкунандагони ватаниро тариқи пешниҳоди имтиёзҳои андозбандӣ ва қарзҳои имтиёзнок зарур мешуморад; рушди инфрасохтори нақлиётиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун шароити муҳимми ягонагӣ ва рушди иқтисодии кишвар дастгирӣ менамояд [5].

**Ҳамин тариқ,** ҳизбҳои сиёсӣ унсури калидии низоми сиёсӣ ва қисми ҷудонопазири муносибатҳои сиёсӣ ба ҳисоб мераванд. Низоми мавҷудаи сиёсиву ҳуқуқӣ дар кишвар дорои неруи мутобиқшавӣ буда, метавонад бо тағйироту дигаргуниҳои муҳит мувофиқ гардад. Ҳизбҳои сиёсӣ ва мақомоти давлатӣ алоқаи ногусастанӣ доранд, зеро мақсади ҳар як ҳизби сиёсӣ – ба даст овардани ҳокимият ва истифодаи он ба манфиати

электорати ҳизб, мақсади ҳокимият – такя ба сохтори ҳизбии худ барои амалинамоии самараноки сиёсати иҷтимоӣ-иқтисодӣ ба ҳисоб меравад.

## АДАБИЁТ


1. Барномаи Ҳизби аграрии Тоҷикистон. –Душанбе, 2016.
2. Барномаи Ҳизби демократии Тоҷикистон // (Санадҳо: дирӯз, имрӯз ва фардо). - Душанбе, 2000. –С. 8.
3. Барномаи Ҳизби Коммунистии Тоҷикистон. –Душанбе, 2016.
4. Барномаи Ҳизби халқӣ-демократии Тоҷикистон. –Душанбе, 2016.
5. Барномаи Ҳизби сотсиалистии Тоҷикистон. –Душанбе, 2016.
6. Кузнецова О.В. Содержание конституционного принципа равенства прав граждан России в пассивном избирательном праве / О.В. Кузнецова // Ленинградский юридический журнал. -2012. -№ 3 (29). -С. 136.
7. Конституции зарубежных государств: учебное пособие. Сост. В.В. Маклаков. 4-е изд., перераб. и доп. -М., 2003. -С. 231.
8. Конвенция о защите прав человека и основных свобод" (Заключена в г. Риме 04.11.1950) (с изм. от 24.06.2013) (вместе с "Протоколом [N 1]" (Подписан в г. Париже 20.03.1952), "Протоколом N 4 об обеспечении некоторых прав и свобод помимо тех, которые уже включены в Конвенцию и первый Протокол к ней" (Подписан в г. Страсбурге 16.09.1963), "Протоколом N 7" (Подписан в г. Страсбурге 22.11.1984))
9. Конститутсияи Љумњурии Тољикистон. –Душанбе: Конуният, 2004.
10. Лучина В.О. Избирательное право России / В.О. Лучина. -М., 2008. -С. 244.
11. Махник Д.И. Конституционно-правовые средства противодействия экстремизму при реализации гражданами права на объединение в политические партии / Д.И. Махник // Журнал российского права. -2011. -№ 6. -С.122.
12. Набиев В.М. Политические партии Таджикистана / В.М. Набиев. - Душанбе, 2002. –С. 14.
13. Селивончик А.В.О связи конституционного права с партиями как политическими институтами / А.В. Селивончик // Современное право. -2005. -№ 2. -С. 98.
14. Эбзеев Б.С. Конституция, власть и свобода в России: опыт синтетического исследования / Б.С. Эбзеев. - М., 2014. -С. 237.
15. Эбзеев Б.С. Комментарий к статье 13 // Комментарий к Конституции Российской Федерации (постатейный) / Б.С. Эбзеев. - 2-е изд., пересм. Под ред. В.Д. Зорькина. -М., 2011. - С. 101.
16. Lambert L., Jansen H. Party Building by a State Dependent Party: The Case of the Green Party of Canada — Paper presented to the Annual Meeting of the Canadian Political Science Association. Saskatoon, Saskatchewan, May 30-June 1, 2007
17. Katz R.S. Democracy and Elections. Oxford University Press, 1997.
18. Moser R.G. Unexpected Outcomes. Electoral Systems, Political Parties, and Representation in Russia. Pittsburgh: University of Pittsburgh Press, 2001.
19. Gross D.A., Goidel R.K. The states of campaign finance reform. Columbus: Ohio State University Press, 2003.


## МУНОСИБАТИ ҲИЗБҲОИ СИЁСӢ ВА ҲОКИМИЯТИ ДАВЛАТӢ ДАР ШАРОИТИ ТОҶИКИСТОН


Дар мақола масъалаҳои мубрами муносибати мутақобилаи ҳизбҳои сиёсӣ бо ҳокимияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқ гардидааст. Зикр мегардад, ки дар давраи гузариш ба сохтори демократӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нақш ва мавқеи ҳизбҳои сиёсӣ бузург аст, хосатан дар давлати демократӣ муносибати байни ҳизбҳои сиёсӣ ва давлат ба сифати яке аз масъалаҳои муҳим баромад менамояд. Муаллиф зикр менамояд, ки ҳизбҳои сиёсӣ бо мақомоти давлатӣ алоқаи ногусастанӣ доранд, зеро мақсади ҳар як ҳизби сиёсӣ – ба даст овардани ҳокимият ва истифодаи он ба манфиати электорати ҳизб, мақсади ҳокимият – такя ба сохтори ҳизбии худ барои амалинамоии самараноки сиёсати иҷтимоӣ-иқтисодӣ ба ҳисоб меравад. Зикр мегардад, ки муносибати тарафайни ҳокимият ва ҳизбҳои сиёсӣ дар шароити Тоҷикистон дар доираи қонунгузории амалкунанда ба роҳ монда шуда, давлат шароити баробари иштироки ҳизбҳои сиёсиро дар маъракаҳои интихоботӣ таъмин менамояд.



**Калидвожаҳо:** ҳизбҳои сиёсӣ, ҳокимияти давлатӣ, ҳамкорӣ, демократия, интихобот.


## ВЗАИМООТНОШЕНИЯ ПОЛИТИЧЕСКИХ ПАРТИЙ И ГОСУДАРСТВЕННОЙ ВЛАСТИ В УСЛОВИЯХ ТАДЖИКИСТАНА


В статье рассматриваются актуальные вопросы взаимоотношений политических партий и государственной власти в Республике Таджикистан. Отмечено, что при переходе к демократическому устройству в Республике Таджикистан велика роль и положение политических партий, особенно в демократическом государстве, отношения между политическими партиями и государством являются одним из важнейших вопросов. Автор отмечает, что политические партии имеют неразрывную связь с властью, поскольку цель каждой политической партии – получить власть и использовать ее на благо партийного электората, цель власти – опираться на свою партийную структуру для эффективной реализации социально-экономической политики. В свою очередь, политические партии являются одним из основных средств кадрового обеспечения государственных органов. Отмечено, что взаимоотношения власти и политических партий в условиях Таджикистана устанавливаются в рамках действующего законодательства, а государство обеспечивает равные условия для участия политических партий в избирательных кампаниях.



**Ключевые слова:** политические партии, государственная власть, сотрудничество, демократия, выборы.

**THE RELATIONSHIP BETWEEN POLITICAL PARTIES AND GOVERNMENT IN THE CONDITIONS OF TAJIKISTAN**

The article discusses current issues of relationships between political parties and government in the Republic of Tajikistan. It is noted that during the transition to a democratic system in the Republic of Tajikistan, the role and position of political parties is great, especially in a democratic state, the relationship between political parties and the state is one of the most important issues. The author notes that political parties have an inextricable connection with power, since the goal of each political party is to gain power and use it for the benefit of the party electorate, the goal of power is to rely on its party structure for the effective implementation of socio-economic policies. In turn, political parties are one of the main means of staffing government bodies. It is noted that the relationship between the authorities and political parties in Tajikistan is established within the framework of the current legislation, and the state provides equal conditions for the participation of political parties in election campaigns.

**Keywords:** political parties, state power, cooperation, democracy, elections.

**Маълумот дар бораи муаллифон*: Акмалова Мунирахон Абдунабиевна* -** Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, доктори илмҳои сиёсӣ, профессор, кафедраи сиёсатшиносӣ. **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд, микрорайони 17, бинои 1

***Саидова Малика Абдурасуловна* -**Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, муаллими калони кафедраи сиёсатшиносӣ**. Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд, микрорайони 17, бинои 1. Телефон: **92-811-48-52**

**Сведения об авторах:** ***Акмалова Мунирахон Абдунабиевна* -** Таджикский государственный университет права, бизнеса и политики, доктор политических наук, профессор, кафедра политологии. **Адрес**: 735700, Республика Таджикистан, город Худжанд, 17 микрорайон. 1.

***Саидова Малика Абдурасуловна*** - Таджикский государственный университет права, бизнеса и политики, старший преподаватель, кафедра политологии. **Адрес**: 735700, Республика Таджикистан, город Худжанд, 17 микрорайон. 1. Телефон: **92-811-48-52**

**Information about the authors:** ***Akmalova Munirakhon Abdunabievna*** - Tajik State University of Law, Business and Politics, Doctor of Political Sciences, Professor, Department of Political Science. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand city, 17th microdistrict. 1.

***Saidova Malika Abdurasulovna* -** Tajik State University of Law, Business and Politics, senior lecturer, department of political science. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand city, 17th microdistrict. 1. Phone: **92-811-48-52**

ТДУ: 341.783(575.3)

# ИСЛОҲОТИ СИЁСӢ-ҲУҚУҚӢ ЗАМИНАИ МУҲИММИ ТАШАККУЛИ СИЁСАТИ ДАВЛАТӢ ДАР ТОҶИКИСТОН

*Шарифзода Л.Ш., Саидзода Д.С.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,**
**Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав**

Ба андешаи муҳаққиқ Забиров М., «Баъди соҳибистиқлол шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо назардошти гузариш аз як сохти иҷтимоӣ ба сохти иҷтимоии дигар куллан дигаргуншавии муносибат ва арзишҳои нави ҷомеа зарурати мувофиқгардонии сохтори давлатӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, ва иқтисодии он ба шароити нави идоракунӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва давлатдорӣ ба миён омад. Зеро тарзҳои пешинаи танзими фаъолияти идоракунию иқтисодӣ ва давлатдорӣ дигар самаранок буда наметавонист. Бинобар ин, зарурати аз нав кор кардани механизми нави таъмини ҳуқуқии идоракунӣ, иҷтимоию иқтисодӣ ва интихоби воситаҳои ҳуқуқии баамалбарорӣ лозим буд» [1].

Вале вазъияти сиёсии бамиёномадаи аввали солҳои 90-уми асри гузашта ба инкишофи муносибатҳои нави ҷамъиятӣ ва танзими самараноки ҳуқуқии он имконият намедод. Ҳамзамон, қонунҳое, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳайати Давлати Шуравӣ ва дар солҳои аввали баъди соҳибистиқлол шудан қабул карда буд, на танҳо ҷузъӣ ва гуногунсоҳа буданд, балки барои инкишофи муносибатҳои нави бавуҷудомада мусоидат карда наметавонистанд.

Ба ин мураккабшавии вазъи сиёсӣ, ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, кандашавии робитаҳои байнидавлатӣ ва шартномавӣ, бекурбшавии пул, набудан ва норасоии воситаҳо, нокомилӣ ва мухолифати дохилии қонунҳои қабулкардашуда ва ғайраҳо сабаб мешуд. Аз ин лиҳоз, дар назди давлати навин ва ҷавони тоҷикон дар қатори масъалаҳои ҳалталаби сиёсӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ барпо намудани механизми ҳуқуқии баамалбарории онҳо меистод, зеро ба даст овардани истиқлолият ва воридшавии Тоҷикистон ба фазои иқтисодӣ ва сиёсии озод бе мавҷудияти қонунгузории мукаммал, босифат ва самараноке, ки ба асосҳои конститутсионии демократия ва санадҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон эътирофнамуда такя менамояд, номумкин буд [1].

Ба андешаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон: «Дар зарфи бист сол мо падидаву омилҳои сиёсиву таърихӣ ва иҷтимоиву фарҳангии миллиро дар марҳилаҳои гуногуни таърихи халқамон омӯхта, бо назардошти таҷрибаи давлатсозиву давлатдории кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон роҳи эъмори давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявиро пеш гирифтем. Дар ин давра бори нахуст аз тариқи раъйпурсии умумумихалқӣ Конститутсияи нави мамлакат қабул гардида, дар асоси он парламенти касбии иборат аз ду палата ба фаъолият оғоз намуд. Дар ин замина фаъолияти мақомоти олии қонунгузор ва иҷроияи мамлакат таҳким ёфта, аввалин хиштҳои пойдевори истиқлолияти воқеӣ ва давлатдории миллӣ гузошта шуданд» [2].

Қобили зикр аст, ки дар шароити муосири давлатдории Тоҷикистон, яке аз масъалаҳои муҳим ва стратегие, ки оянда раванди ҷомеаро устувортар, қавитар нигоҳ медорад, ин давра ба давра гузаронидани ислоҳоти сиёсӣ-ҳуқуқӣ иборат буда, нақши муҳиммро дар таҳкими принсипҳои давлати демократӣ мегузорад. Вобаста ба ин қайд намудан зарур аст, ки асоси пешравии ҷомеаи муосири Тоҷикистон дар шароити бунёди давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона аз роҳандозӣ ва гузаронидани ислоҳоти сиёсӣ-ҳуқуқӣ вобастагии амиқ дорад.

Бояд зикр намуд, ки дар натиҷаи ин дигаргуниҳои муҳимми баамаломада, асосҳои сохтори конститутсионӣ, принсипҳои қонуният дар раванди ҷомеа мустаҳкам гардиданд. Дар натиҷа, дар раванди давлатдории муосири Тоҷикистон барои устувор гардидани низоми сиёсӣ, институтҳои демократӣ заминаи воқеӣ гузошта шуд.

Сафоев А. чунин ибрози назар намудааст: «Пӯшида нест, ки пешрафти ҳама соҳаву бахшҳои ҷомеа ба заминаи қонунӣ ва асосҳои ташкилӣ-ҳуқуқӣ устувор мебошад. Аз ин нигоҳ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон лозим омад, ки барои бунёди ҷомеаи навини

шаҳрвандӣ ва давлати қудратманди демократӣ дар қадами аввал заминаҳои қонунӣ ва фазои мусоиди ҳуқуқиро ба вуҷуд оварад. Аммо дар ин раванд оғоз шудани ҷанги шаҳрвандӣ маҷрои иқдомҳои ҷиддиро дар роҳи фароҳам овардани заминаҳои қонунӣ ва ҳуқуқии давлатдории навини мустақилу комилҳуқуқ халалдор намуд. Даҳшати ҷанг боис шуд, ки ҳокимияти амалкунандаи давлатӣ натавонист вазифаҳои идоракунӣ ва назорати худро дар ҷодаи ҳифзи ҳуқуқи инсон, таъмини тартиботи ҳуқуқӣ ва қонуният ба иҷро расонад» [3].

Дар натиҷаи мустаҳкам гардидани раванди конститутсионӣ барои ташаккули давлатдории муосири Тоҷикистон ва сиёсати идораи давлатӣ заминаи воқеӣ гузошта шуд.

Ба андешаи муҳаққиқ Холов Х.Қ., «раванди шаклгирии давлати муосири Тоҷикистон аз як қатор омилҳо вобастагии зич дорад. Аз ҷумла, яке аз омилҳои асосии муайян намудани тамоюли рушди давлати муосири Тоҷикистон ин таҷдиди назар гардидани асосҳои конститутсионӣ ва низоми ташкилии он ба ҳисоб меравад. Дар ташаккули давлати муосири Тоҷикистон таҳия ва қабули Конститутсияи он аҳаммияти бузурги назариявӣ ва амалию сиёсиро касб намудааст. Конститутсияи Тоҷикистони соҳибистиқлол ҳамчун ҳуҷҷати муҳимми сарнавиштсоз дар роҳи бунёди давлатдории муосири тоҷикон пайвастани он бо ҷомеаи ҷаҳонӣ, ҳифзи манфиатҳои миллӣ, таъмини амнияти давлатӣ, субот, ваҳдат ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон нақши барҷастаи таърихӣ дорад. Зеро дар он асосҳои бунёди давлати муосири Тоҷикистон инъикоси арзишӣ ва меъёрии хешро пайдо намуданд» [4].

Ба андешаи муҳаққиқ Парвиз Муллоҷонов, «дар ибтидо, дар раванди марҳилаи аввали баъдиҷангӣ, Ҳукумати Тоҷикистон сиёсати худро дар ҷомеа давра ба давра тақвият дод. Дар ин раванд суботи сиёсиро таҳким бахшид". Ба андешаи ӯ, дар мавриди сиёсати дохилӣ, тағйиру иловаҳо ба Конститутсия дар солҳои 1999, 2003 ва 2016, дар раванди давлатдории муосири Тоҷикистон аҳаммияти муҳимро пайдо кард. Баъди раъйпурсии соли 1999 муҳлати салоҳияти Президент аз 5 ба 7 сол дароз карда шуд ва палатаи болоии парлумон таъсис ёфт. Раъйпурсии умумихалқии сеюм дар соли 2016-ум ба шаҳрвандони аз 30-сола боло имкон дод, ки дар интихобот вобаста ба талаботи муайяншудаи қонун иштирок намоянд. Дар натиҷаи ин ислоҳоти сиёсӣ-ҳуқуқӣ ба ин қонуни конститутсионӣ мафҳуми «Пешвои миллат» ворид карда шуд ва ҳамчунин таъсиси ҳизби диниро дар қаламраи кишвар манъ намуд» [5].

Зикр кардан бамаврид аст, ки дар натиҷаи ба амал омадани ислоҳоти конститутсионӣ, ислоҳоти сиёсӣ чунин масъалаҳои муҳим роҳи ҳалли худро ёфтанд ва метавон онҳоро ба таври зайл таҳлил кард:

- дар натиҷаи ислоҳоти конститутсионии соли 1994-уми бори аввал дар сатҳи Конститутсия асосҳои сохтори конститутсионӣ дар сатҳи конститутсияи нав муайян ва муқаррар гардиданд, ки заминаи муҳимро дар ташаккули давлати демократӣ гузоштанд;
- дар натиҷаи доир гардидани ислоҳоти идораи давлатӣ, тағйиротҳои муҳим ба миён омаданд, ки дар рушди ҳокимияти давлатӣ ва таъсиси ниҳодҳои нави идоракунии давлатӣ нақши муҳим гузошта шуд;
- дар ин замина ислоҳотҳои муҳимми сиёсии ҷиддӣ ба миён омаданд, ки дар таҳкими давлату давлатдорӣ заминаи муҳимро фароҳам оварданд;
- дар ин раванд сиёсати давлатӣ ҳамчун яке аз бахшҳои муҳимтарин ва пешбарандаи тамоми бахшҳои ҷомеа баромад намуда, барои рушди муносибатҳои сиёсӣ, муносибатҳои демократӣ заминаи мусоид гузошт.

Ба андешаи коршинос Саидҷаъфар Усмонзода, «дар муддати 30 соли истиқлолият Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷанги шаҳрвандиро паси сар карда, ба эътирофи беш аз 150 кишвари ҷаҳон робитаҳои дипломатии худро густариш дод. Дар натиҷа давра ба давра аз бунбасти коммуникатсионӣ баромадем, ҳоло дар ҳар гӯшаи кишвар дастрасии осон ба ғизо мавҷуд аст, мо неругоҳи Роғунро то як ҳадди муайян бунёд кардем. Дар солҳои охир вазифаи саноатӣ кардани кишвар гузошта шудааст, ки як каме раванди мураккаб аст, аммо аз ҳама муҳиммаш, мардум дар зери чатри амният ва субот зиндагӣ мекунанд» [6].

Қобили зикр аст, ки дар натиҷаи ба амал омадани ин дигаргуниҳои муҳимми сиёсӣ-ҳуқуқӣ дар раванди сиёсии ҷомеа заминаи асосиро дар такмили сохтори идораи давлатӣ гузошт. Дар ин раванд бо тавсияи Бонки Ҷаҳонӣ аз соли 2000 -ум дар Тоҷикистон ислоҳоти сохтори идораи давлатӣ оғоз гардид, ки дар таҳкими институтҳои демократӣ, низоми сиёсии ҷомеа тағйиротҳои муҳимро ба миён овард.

Қобили зикр аст, ки дар натиҷаи ислоҳоти сиёсӣ-ҳуқуқӣ вобаста ба устувор гаштани раванди индоракунии давлатӣ якчанд санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ қабул гардиданд, аз ҷумла Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ», Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» нақши муҳимро дар ташаккули низоми идораи давлатӣ гузоштанд.

Ба андешаи коршиноси масоили сиёсӣ Сӯҳроб Шарипов: «Мақсади асосии дигаргуниҳои дар раванди сиёсии ҷомеа ин нигоҳ доштани сулҳу субот, дар ҷомеа аст, на роҳандозии ягон ислоҳоту тағйироти куллӣ. Ин, пеш аз ҳама, ба ҳадаф ва иродаи сардори давлат вобаста буда, тағйироти анҷомшуда барои ягон навъ ислоҳоти инқилобӣ равона нашудааст, балки фақат ҳифзи рушди устувор ва суботи ҷомеаро ба ҳадаф дорад».

Бояд зикр намуд, ки дар шароити давлатдории муосири Тоҷикистон дар қатори дигар масъалаҳо, масъалаҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ аҳаммияти муҳимми стратегӣ дошта, дар таҳкими муносибатҳои демократӣ ва рушди давлати демократӣ нақши муҳим доранд. Яке аз ҷанбаҳои муҳимми ислоҳоти сиёсӣ дар раванди давлатдории муосири Тоҷикистон, ба андешаи коршиносон, пеш аз ҳама, ба рушди масъалаҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ вобастагӣ дорад. Дар ин раванд аз ҷониби субъектҳои ваколатдор дар мавриди такимили рушди масъалаҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ, таклифу пешниҳодҳои муҳим манзур гардидаанд, ки дар таҳкими низоми сиёсӣ нақши муҳимро иҷро мекунанд. Вобаста ба ин масъалаҳои муҳим якчанд таклифу пешниҳодҳои судманд аз ҷониби коршиносон, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва дигар субъектҳои салоҳиятдор мавриди баррасӣ қарор дода шуд, ки заминаи мусоидро дар рушди масъалаҳои муҳим хоҳад гузошт.

Бояд зикр кард, ки дар шароити давлатдории муосири Тоҷикистон дар баробари ҷанбаҳои сиёсӣ-ҳуқуқӣ омилҳои иқтисодиву иҷтимоӣ низ аҳаммияти муҳимми стратегӣ доранд. Дар ин маврид кӯшиш кардем, ки дар мақолаи мазкур вобаста ба масъалаҳои муҳимми баррасигардида назари коршиносонро мавриди таҳлил ва арзёбӣ қарор диҳем.

Ба андешаи коршиноси масоили сиёсӣ Парвиз Муллоҷонов: «Амнияти сиёсӣ бо амнияти иқтисодӣ як занҷири бо ҳам печидаанд, яке бе дигаре наметавонад дароз пойбарҷо бошад. Заминаи асосии амнияти сиёсӣ рушди иқтисодӣ аст. Бояд як сатҳи муайяни рушди иқтисодӣ бошад, ки субот ва вазъияти сиёсиро метавон нигоҳ дошт. Мутаассифона, то ҳол фаҳмиши фарогир дар Осиёи Миёна дида намешавад» [9].

Ба андешаи коршиноси масоили иқтисодӣ Фирӯз Саидов: «Аз нигоҳи рушди иқтисодӣ Тоҷикистон бо вуҷуди буҳрони молӣ тавонистааст, ки ба дастовард ноил шавад ва ба бештар аз 6 дарсади рушди иқтисодӣ даст ёбад, ки нишонаи пешрафт аст, на нокомӣ. Зеро новобаста аз мушкилоти мавҷуда дар Тоҷикистон ва сарфи назар аз таъсири сиёсати давлатҳои ҳамсоя, ки ба иқтисоди Тоҷикистон мерасад, умуман рушди иқтисодӣ вуҷуд дорад» [10].

Ба андешаи Шокирҷон Ҳакимов: «Дар ин раванд, зарур аст, ки Ҳукумат барномаи стратегии равшане барои берун овардани кишвар аз буҳрони иқтисодӣ ва таъмини беҳбудии зиндагии мардумро дар раванди сиёсии ҷомеа ба таври ҷиддӣ тарҳрезӣ намояд. Дар ҳар сурат, мувофиқи мақсад мебуд, Ҳукумат ва ё вакилон ҷиҳати такмили қонунгузорӣ пешниҳодҳоро дар шакли қонун мавриди амал қарор медоданд. Ин, албатта, боис ба соҳибэҳтиром гардидани давлати Тоҷикистон миёни кишварҳои хориҷӣ шуда, ҳамзамон ба беҳтар шудани заминаҳои ҳуқуқии рақобати солим ва демократӣ мусоидат хоҳад кард» [10].

Бояд қайд намуд, ки дар раванди сиёсӣ-ҳуқуқии ҷомеа мардум муайянкунандаи сатҳу сифати кори ҳукумат аст. Барои фаъолияти шаффоф ва дарки масъулият, бояд интихобот дар Тоҷикистон озоду демократӣ бошад, бисёрҳизбӣ ва рақобати ҳизбӣ ба

назар расад, озодии баён ва фаъолияти озоди нашриёҳо таъмин шавад ва ҳокимияти иҷроияву низоми додгоҳӣ ба таври шаффоф фаъолият намоянд [11].

Ба андешаи коршиноси масоили сиёсӣ Парвиз Муллоҷонов: «Ҳар сол аз ҷониби созмонҳои байналмилалӣ ҳамин гуна пешниҳодҳо барои ислоҳи интихобот ба кишварҳои Осиёи Марказӣ сурат мегирад. Вале сарфи назар аз ин, нозирони ин созмонҳо дар маъракаҳои сиёсӣ иштирок мекунанд. Аз тарафи дигар, дигаргуниҳои ҷиддӣ вобаста ба ин масъалаҳои муҳими баррасигардида дар раванди амалишавӣ қарор доранд. Вале ба ҳар ҳол иштироки нозирони созмонҳои байналмилалӣ як навъ назорат аст ва зарур мебошад» [12].

Ба андешаи Саидҷаъфар Усмонзода, раҳбари Ҳизби демократ ва узви порлумони Тоҷикистон: «Пешниҳоди созмону коршиносони байналмилалӣ дар амри баргузории интихоботҳои шаффоф ва одилона баҷо аст, вале ба якборагӣ сохтани демократия дар як ҷомеаи пасошуравӣ, мисли Тоҷикистон мушкил аст. Вай афзуд, ки кишварҳои ғарбӣ пас аз даҳсолаву садсолаҳо ба ҷомеаи демократӣ даст ёфтанд ва бояд ба кишварҳои дигар ҳам имкон диҳанд. Дар 20 сол давлати демократӣ сохтан саҳлу осон нест. Кишварҳои ғарбӣ садсолаҳо боз талош доранд» [12].

Ба андешаи коршинос Сайфуллоҳ Сафаров: «Бояд қайд намуд, ки Ҳукумати кишвар дар ин солҳо рушди иқтисодиро таъмин карда тавонист. Таваррум ҳам чандон баланд набуд ва дар аксарияти соҳаҳо муваффақиятҳои назаррас ба миён омад. Чизи аз ҳама барои мо муҳим, албатта, сулҳу субот ва ваҳдати миллист, ки ин ҳам таъмин карда шуд. Дар сиёсати хориҷӣ низ ҷалби таваҷҷуҳи бештари ҷомеаи ҷаҳонӣ ба тарҳи неругоҳи Роғун, ҳалли масъалаи тамдиди замони будубоши пойгоҳи Русия ва пайвастани Тоҷикистон ба узвияти Созмони Ҷаҳонии Тиҷоратро аз комёбиҳои давлат метавон донист» [13].

Бояд қайд намуд, ки дар раванди давлатдории муосири Тоҷикистон яке аз хусусиятҳои муҳимми рушди ислоҳоти сиёсӣ-ҳуқуқиро метавон чунин арзёбӣ кард:

- дар натиҷаи ислоҳоти сиёсӣ-ҳуқуқӣ низоми қонунгузорӣ такмил ёфта, дар натиҷа якчанд санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ қабул гардиданд, ки дар таҳкими муносибатҳои демократӣ заминаи воқеӣ гузошт;
- дар натиҷаи ин ислоҳотҳо дигаргуниҳои муҳимми сиёсӣ-ҳуқуқӣ дар раванди сиёсии ҷомеа ба миён омаданд, ки нақши муҳимро дар устувор гардидани сиёсати давлатӣ гузошт;
- қабул гардидани аввалин санади муҳимми сиёсӣ-ҳуқуқӣ, яъне Конститутсия ба сифати санади ягонаи танзимкунандаи раванди ҷомеа, ки он асос ва пойдовери давлати ҳуқуқбунёдро замина гузошт;
- ташаккули ва рушди низоми сиёсӣ, бисёрҳизбӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ, ба сифати институти муҳимми сиёсӣ дар раванди давлатдорӣ ба фаъолияти сиёсӣ оғоз намуданд.

Дар баробари ин қайд намудан зарур аст, ки дар натиҷаи ин дигаргуниҳои муҳимми сиёсӣ-ҳуқуқии баамаломада дар раванди сиёсии ҷомеа раванди конститутсионӣ, меъёрҳои конститутсионӣ мустаҳкам гардид, ки дар таҳкими низоми сиёсӣ ва сиёсати давлатӣ нақши муҳим гузошта шуд.

**АДАБИЁТ**


1. Забиров М. Инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони истиқлолият / М.Забиров // Садои мардум, 5. Сентябр, 2016.
2. Эмомалӣ Р. Истиқлолият ифтихору номус, рамзи саодат ва шарти бақои миллат мебошад // Садои мардум. - № 115-116 (2787-2788). 9 сентябр, 2011.
3. Сафоев А. Кишвари тозаистиқлол чӣ гуна бунёд ёфт / А.Сафоев // Тоҷикистон 5 сентябр, 2005.
4. Холов Х.Қ. Истиқлолияти давлатӣ ва самтҳои асосии рушди давлати муосири Тоҷикистон // Масъалаҳо ва роҳу воситаҳои таҳким ва такмили истиқлолияти Тоҷикистон / Х.Қ. Холов. – Душанбе, 2021. – С. 90.
5. Шебу фарози сиёсати дохилии Тоҷикистон дар 28 соли истиқлолият [Манбаи электронӣ] www.ozodi.org. (санаи муроҷиат 12.03.2023).
6. 30 соли истиқлоли Тоҷикистон [Манбаи электронӣ] www.ozodi.org. (санаи муроҷиат 12.03.2023).
7. Тоҷикистон давлати иҷтимоӣ аст [Манбаи электронӣ] www.ozodi.org. (санаи муроҷиат 10.05.2023).
8. Аз назари иқтисодӣ осебпазир, аз ҷиҳати сиёсӣ ноустувор. [Манбаи электронӣ] www.ozodi.org. (санаи муроҷиат:. 10.05.2023).

9. Амният ё иқтисод? Интихоби мушкили Ҳукумати Тоҷикистон [Манбаи электронӣ] www.ozodi.org. (санаи муроҷиат 10.05.2023).
10. Пешниҳоди Тоҷикистон [Манбаи электронӣ] www.ozodi.org. (санаи муроҷиат 12.03.2023).
11. Коршинос: "Вазирон дар назди мардум эҳсоси масъулият кунанд" [Манбаи электронӣ] www.ozodi.org. (санаи муроҷиат 10.05.2023).
12. Интихобот дар Осиёи Марказӣ: Назорат беҳуда аст?" [Манбаи электронӣ] www.ozodi.org. (санаи муроҷиат:. 10.05.2023).
13. Чанд натиҷаи 7 соли ахир [Манбаи электронӣ] www.ozodi.org. (санаи муроҷиат 12.03.2023).
14. Тоҷикистон ба ислоҳоти фарогир ниёз дорад [Манбаи электронӣ] www.ozodi.org. (санаи муроҷиат 12.03.2023).

## ИСЛОҲОТИ СИЁСӢ-ҲУҚУҚӢ ЗАМИНАИ МУҲИММИ ТАШАККУЛИ СИЁСАТИ ДАВЛАТӢ ДАР ТОҶИКИСТОН

Дар мақолаи мазкур хусусиятҳои муҳимми раванди ислоҳоти сиёсӣ-ҳуқуқӣ мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор дода шудаанд. Бояд зикр намуд, ки дар натиҷаи ин дигаргуниҳои муҳимми баамаломада, асосҳои сохтори конститутсионӣ, принсипҳои қонуният, сиёсати давлатӣ дар раванди ҷомеа мустаҳкам гардиданд. Дар натиҷа дар раванди давлатдории муосири Тоҷикистон барои устувор гардидани институтҳои демократӣ, раванди конститутсионӣ заминаи воқеӣ гузошта шуд. Дар ин раванд ислоҳоти сиёсӣ ба миён омад, ки дар ташаккули институтҳои демократӣ, низоми бисёрҳизбӣ, гуногунандешии сиёсӣ ва дигар масъалаҳои муҳимтарини стратегӣ нақши муҳим гузошта шуд. Дар натиҷаи дигаргуниҳои муҳимми сиёсӣ баҳри устуворшавии низоми сиёсӣ, таҷзияи ҳокимият ва дар роҳи эъмори давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ қадамҳои устувор гузошта шуд. Инчунин, дар ташаккули давлати муосири Тоҷикистон таҳия ва қабули Конститутсияи он аҳаммияти бузурги назариявӣ ва амалию сиёсиро касб намудааст. Конститутсияи Тоҷикистони соҳибистиқлол ҳамчун ҳуҷҷати муҳимми сарнавиштсоз дар роҳи бунёди давлатдории муосири тоҷикон, пайвастани он бо ҷомеаи ҷаҳонӣ, ҳифзи манфиатҳои миллӣ, таъмини амнияти давлатӣ, субот, ваҳдат ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон нақши барҷастаи таърихӣ дорад.

**Калидвожаҳо:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, истиқлолият, ислоҳоти сиёсӣ, ҳуқуқӣ, демократия, Конститутсия, раванди сиёсӣ, сиёсати давлатӣ, низоми сиёсӣ.

## ПОЛИТИКО-ПРАВОВЫЕ РЕФОРМЫ ЯВЛЯЮТСЯ ВАЖНОЙ ОСНОВОЙ ФОРМИРОВАНИЯ ГОСУДАРСТВЕННОЙ ПОЛИТИКИ В ТАДЖИКИСТАНЕ

В данной статье анализируются и обсуждаются важные особенности процесса политико-правовой реформы. Следует отметить, что в результате этих важных изменений были укреплены основы конституционного строя, принципы законности в общественном процессе, что вызвало основную необходимость укрепления демократического, правового государства. В результате была заложена реальная основа стабилизации демократических институтов и конституционного процесса в современной государственности Таджикистана.Следует отметить, что в процессе становления государственности Таджикистана важная основа во всех отраслях зависела от проведения политических и правовых реформ. В этом процессе возникли политические реформы, которые сыграли важную роль в формировании демократических институтов, многопартийной системы, политического плюрализма и других важных стратегических вопросов. В результате этих важных политических изменений в политическом процессе общества произошли многие изменения, которые привели к стабилизации политической системы, институту разделения властей, были предприняты уверенные шаги на пути к установлению демократического, правового, светского государства.Также в становлении современного государства Таджикистан разработка и принятие его Конституции приобрели большое теоретическое, практическое и политическое значение. Конституция независимого Таджикистана как важный документ на пути построения современной государственности Таджикистана, его интеграции с мировым сообществом, защиты национальных интересов, обеспечения государственной безопасности, стабильности, единства и защиты прав и свобод человека сыграла выдающуюся историческую роль.

**Ключевые слова:** Республика Таджикистан, независимость, политико-правовые реформы, демократия, конституция, политический процесс, государственная политика, политическая система.

## POLITICAL AND LEGAL REFORMS ARE AN IMPORTANT BASIS FOR THE FORMATION OF STATE POLICY IN TAJIKISTAN

In this article, the important features of the political-legal reform process are analyzed and discussed. It should be noted that as a result of these important changes, the foundations of the constitutional structure, principles of legality, state policy in the process of society were strengthened, which raised the main need to strengthen the democratic, rule-of-law state. As a result, a real foundation was laid for the stabilization of democratic institutions and the constitutional process in the process of modern statehood in Tajikistan.It should be mentioned that in the process of statehood of Tajikistan, the important basis in all sectors depended on the implementation of political and legal reforms. In this process, political reforms emerged, which played an important role in the formation of democratic institutions, multi-party system, political pluralism and other important strategic issues. As a result of these important political changes, many changes took place in the political process of the society, which led to the stabilization of the political system, the institution of separation of powers, and steady steps were taken on the way to the establishment of a democratic, law-

based, secular state.Also, in the formation of the modern state of Tajikistan, the development and adoption of its Constitution gained great theoretical, practical and political importance. The Constitution of independent Tajikistan as an important document of destiny in the way of building a modern statehood of Tajiks, its integration with the world community, protection of national interests, provision of state security, stability, unity and protection of human rights and freedoms has a prominent historical role.

**Keywords:** Republic of Tajikistan, independence, political and legal reforms, democracy, constitution, political process, public policy, political system.

**Маълумот дар бораи муаллифон**: ***Шарифзода Лоҳутӣ Шариф*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои сиёсӣ, дотсент. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17. Телефон: **(+992) 919896569**

***Саидзода Дилшод Саид*** **-** Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, омӯзгори кафедраи сиёсатшиносӣ. **Суроға:** 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67. Телефон: **(+992) 909999606**

**Сведения об авторах:** ***Шарифзода Лохути Шариф*** - Таджикский национальный университет, доктор политических наук, доцент. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 919896569**

***Саидзода Дилшод Саид*** - Бохтарский государственный университет им.Носира Хусрава, преподаватель кафедры политологии. **Адрес**: 735140, Республика Таджикистан, г.Бохтар, улица Айни 67. Телефон: **(+992) 909999606**

**Information about the authors*: Sharifzoda Lohuti Sharif*** - Tajik National University, Doctor of Political Sciences, Associate Professor. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **(+992) 919896569**

***Saidzoda Dilshod Said*** - Bokhtar State University named after Nosir Khusrav, teacher of the Department of Political Science. **Address**: 735140, Republic of Tajikistan, Bokhtar, Aini street 67. Phone: **(+992) 909999606**

ТДУ: 343.24/.29(575.3)

# ОМИЛҲОИ АСОСИИ ШОМИЛШАВИИ ҶАВОНОН БА ГУРӮҲҲОИ ТЕРРОРИСТИЮ ЭКСТРЕМИСТӢ ВА РОҲҲОИ ПЕШГИРИИ ОН

*Ҷангиев Ҷ.*
**Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон**

Қариб дар тамоми гӯшаву канори сайёра торафт мунокишаҳои мусаллаҳона доман паҳн намуда, имрӯзҳо миллионҳо нафар гирифтори хавфу таҳдид ва дар гирдоби оташи хонумонсӯзи ҷангу низоъҳо мондаанд. Зуҳуроти номатлуби терроризму ифротгароӣ ба хатари бесобиқаи ҷаҳонӣ табдил ёфта, оқибатҳои фоҷиабору харобиовари ҷамъиятиву сиёсӣ ва маънавиро ба бор овардааст. Бо боварӣ метавон гуфт, ки инсониятро танҳо манфиат дар гирдоби чунин фитнаву иғво афкандааст.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 22 декабри соли 2016 ҷавононро неруи созанда, иқтидори воқеии пешрафти ҷомеа ва ояндаи миллат ва давлат номида, таъкид намуд, ки ҷавонон аз ҳама қишрҳои ҷомеа бештар фаъол бошанд, ташаббусҳои созанда пешниҳод намоянд, рамзҳои давлатӣ, муқаддасоти миллӣ ва дастовардҳои Истиқлолиятро ҳифз намоянд, дар ҳаёти сиёсиву иҷтимоии Тоҷикистони азиз бо дасту дили гарм ва неруи бунёдгарона ширкат варзанд, амнияти давлат ва шарафу номуси ватандориро ҳимоя карда, худро аз ҳама хавфу хатарҳои номатлуби ҷаҳони муосир эмин нигоҳ доранд ва парчамбардори ин сарзамин, марзу бум ва кишвари муқаддасамон бошанд [9].

Ҷавонон ва сафарбар намудани қувваи бузурги онҳо ба корҳои ҷамъиятӣ ва созандагию бунёдкорӣ яке аз самтҳое ба ҳисоб меравад, ки Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иқдому пешниҳодоти ин табақаи фаъолу созандаро пайваста дастгирӣ намуда, ба онҳо таваҷҷуҳи хосса зоҳир менамоянд.

Мусаллам аст, ки дар замони муосир мубориза бар зидди қувваҳои ифротӣ ва террористию экстремистӣ дар мадди аввал бояд гузошта шавад. Дар мубориза ба муқобили ин навъи гурӯҳҳо, зарур аст, ки тамоми ҷомеа ва махсусан ҷавонон муттаҳид бошанд. Бо неруи бузурги ҷавонон Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон эътимоди комил дошта, соли 2017–ро Соли ҷавонон эълон намуд.

Айни ҳол, мутобиқи нишондодҳои оморӣ ҷавонони синнашон то 30–сола наздики 70 фисади аҳолии ҷамъияти Тоҷикистонро ташкил медиҳанд. Пас, вақте мегӯем «ҷомеа», мо асосан ҷавононро дар назар дорем ва вақте мегӯем «мушкилоти ҷавонон», қабл аз ҳама мушкилоти тамоми ҷомеаи Тоҷикистон мадди назар аст [8].

Бо дарназардошти он ки қишри зиёди ҷомеаи моро ҷавонон ташкил медиҳанд, аксари падидаҳои номатлуб ва таҳиягарони онҳо кӯшиш мекунанд, ки ба мафкураи қишри ҷавони ҷомеа таъсир расонида, қувваи бузурги онҳоро барои ҳадафҳои ғаразноки хеш истифода намоянд. Ин бошад ба ҷомеаи мо, бахусус давлатдории миллии мо хатари ҷиддӣ дорад.

Мутаассифона, дар ҷомеаи кунунӣ бархе аз ҷавонону наврасон бинобар сабаби каммасъулиятиву оворагардӣ ва надоштани маълумоти пурра аз таъсири оқибатҳои ноустувори шабакаҳои иҷтимоӣ побанди раванди зуҳуроти гуногуни номатлуби ҷомеа мегарданд. Аз ин рӯ, насли калонсол – падару модарон, омӯзгорон, ходимони дин, кормандони ҳифзи ҳуқуқ, васоити ахбори омма ва дигар табақаҳои аҳолии мамлакатро зарур аст, ки бо ҷавонон ва наврасон ҳамаҷониба ҳамкорӣ намуда, ба онҳо роҳи дурусти бакамолрасӣ ва муваффақ шуданро дар соҳаҳои мухталифи зиндагӣ нишон диҳанд. Ба онҳо собит намоянд, ки маҳз ҷавононе, ки аз таҳсил дур мондаанд ва касби муайян надоранд аз ҳама бештар бо роҳи осон ба доми афроди тундрави беватан ва ифротгаро гирифтор мешаванд.

Созмону гурӯҳҳои тафриқаангез низ бештар бо истифода аз ин омил байни ҷавонон ихтилофи мазҳабӣ паҳн намуда, ба ин васила низоъ нофаҳмиҳоро ба вуҷуд меоранд. Ин тоифа, ки асосан ташкилотчӣ ва саркардаҳои гурӯҳҳои ифротгаро мебошанд, аз бетаҷрибагии ҷавонон истифода бурда, онҳоро шомили ҳар гуна гурӯҳҳои

экстремистӣ ва террористӣ мегардонанд. Онҳо бо ҳар гуна ваъдаҳои бардурӯғ ва беасос “ба даст овардани савоби бисёр”, “шаҳиди мутлақ гаштан” ва “дар биҳишт ҷойи аз ҳама волотаринро соҳиб шудан” ҷавононро ба ҳар гуна роҳҳои барғалат мебаранд, онҳоро аз меҳри падару модар ва ватани азизи худ дур карда, вазъи ҷомеаро ноором мегардонанд.

Имрӯзҳо созмонҳои террористие, ки аз номи дини мубини ислом истифода намуда, бо ақидаҳои ифротии худ мехоҳанд ҳаёти осоиштаро вайрон намоянд, зиёданд. Аз ҷумла: "Ҳаракати исломии Ӯзбекистон", "Ал-Қоида", "Бародарони мусалмон", "Гурӯҳи исломӣ", "Ҷамъияти исломии Покистон", "Ҳаракати Туркистони Шарқӣ", "Ҳаракати Толибон", "Лашкари Тойиба", "Ҷамъияти таблиғ" ташкилоти динии "Созмони таблиғ", "Тоҷикистони озод" ва монанди инҳо. Ҳукумати кишвар аз рӯзҳои аввали таъсисёбиаш алайҳи ташкилотҳо ва гуруҳӯҳҳои террористию экстримистӣ мубориза бурда фаъолияти онҳоро ғайриқонунӣ дониста, маҳкум менамояд. Аз ҷумла, санаи 30 марти соли 2006 бо ҳалномаи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти ин ташкилотҳои экстремистӣ, террористӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ карда шуд. Ғайр аз ин 11 марти соли 2008 "Ҳизб- ут-таҳрир", 8 январи соли 2009 равияи динии "Салафия", 3 майи соли 2012 ҷамъияти "Ансоруллоҳ", соли 2014 "Кумитаи 24" ташкилотҳои террористӣ, экстремистӣ ва ғайриқонунӣ эътироф шуданд.

Тибқи маълумоти коршиносон, дар соли 2017 дар ҷаҳон 500 созмонҳои экстремистӣ ва террористӣ ба таври пинҳонӣ кор мекунад. Барои терроризм, дар маҷмуъ, аз 5 то 20 миллиард доллари ИМА сарф карда мешавад [13,с.8].

Миқёси амалҳои террористӣ низ бошиддат меафзояд. Аз рӯйи ҳисоботи Департаменти давлатии ИМА ҳамасола дар ҷаҳон аз 320 то 620 амалиёти террористӣ анҷом дода мешавад. Аз соли 1997 дар Тоҷикистон 14 гурӯҳи муташаккили террористӣ аз ҷониби мақомоти дахлдори кишвар маҳв гардид. Ғайр аз созмону ташкилотҳои дар боло зикргардида имрӯз дар ҷаҳон созмонҳои террористию экстремистие ҳастанд, ки аз номи дини мубини Ислом ба амалҳои террористию экстремистӣ даст мезананд. Ҳоло он ки Қуръони карим, аҳодиси набавӣ, тамоми аркони ислом ва фалсафаю ахлоқи он бар пояи адолат, баробарӣ, бародарӣ, озодӣ, амният бунёд ёфта, сулҳ, ризоият, таҳаммул, оромӣ ва адолатро бо тамоми зуҳуроти он дар тамоми ҷанбаҳои зиндагӣ тарғиб менамояд.

Коршиносон заминаи аслии шомилшавии ҷавононро ба гурӯҳҳои террористию экстремистӣ дар нодонӣ, ноогоҳӣ, сатҳи пасти маърифатнокии баъзе аз ашхосе медонанд, ки ба доми тазвири душманони миллат меафтанд. Имрӯз яке аз мушкилоте, ки ҷомеаи ҷаҳониро ба ташвиш овардааст, ба гурӯҳҳои тундрав пайвастани ҷавонон мебошад. Бо таассуф метавон гуфт, ки бархе аз ҷавонони мо ба ҷойи омӯхтани илму дониш ба роҳҳои нодуруст рафта, теша ба решаи хеш мезананд.

Коршиносони масъалаҳои динӣ бар он назаранд, ки яке аз сабабҳои ба гурӯҳҳои террористию экстремистӣ пайвастани ҷавонон надоштани дониши мукаммали динӣ мебошад. Ҳамзамон, хуб набудани шароити иқтисодиро низ яке аз ин омилҳо медонанд. Баланд бардоштани масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд яке аз роҳҳои пешгирии гаравиши шаҳрвандон ба ҳизбу ҳаракатҳои экстремистӣ ба ҳисоб меравад.

Гурӯҳҳои ифротгаро метавонанд бо ақидаҳои фанатикии худ занону духтарон ва ҷавононеро, ки имрӯзҳо аз фарҳанги миллӣ, ҳисси хештаншиносӣ ва афкори дурусти ислом ба пурраги огоҳӣ надоранд, ба сӯйи худ ҷалб намоянд.

Таҳлили сарчашмаҳо нишон медиҳад, ки бештар ҳадафи асосии гурӯҳҳои террористию экстремистӣ ҷавонон, ки яке аз қишрҳои осебпазири ҷомеа мебошанд, қарор мегиранд. Яке аз омилҳои асосии ҷалби ҷавонон ба гурӯҳҳои мазкур муҳоҷирати меҳнатӣ дар хориҷи кишвар ва наёфтани ҷойи аниқи корӣ, сатҳи пасти маърифатнокӣ, носолимии муҳити оила, бепарвоӣ зоҳир кардани волидон ба тақдири фарзандон, истифодаи васеи сомонаҳои интернетӣ ва ғайраҳо мебошанд [7].

Барои пешгирии шомил гардидани ҷавонон ба чунин гурӯҳҳо имрӯз мо, аҳли ҷомеаро зарур аст, бори дигар ба кори таълиму тарбия, пурсамар гузаштани вақти ҷавонону наврасон, ҷалби онон ба маҳфилҳои ҳунаромӯзӣ ҷиддӣ назар кунем. Дар

чунин вазъият ҳар як фарди соҳибмаърифат ва хосатан падару модарро масъулияти азим мебояд, зеро аҳаммияти ҷиддӣ зоҳир намудан дар тарбияи насли наврас ва ҷавонон яке аз омилҳои мубориза бар зидди падидаи нанговари ҷомеаи имрӯза – терроризм ва ифротгароӣ маҳсуб меёбад. Ҳар кадоми мо бояд ба тақдири Ватанамон бепарво набошем, бояд Ватанамонро бо қалбамон дӯст дорем ва барои ҳимояи он ҳама мақомот, сохторҳо, аҳли ҷомеа якҷоя амал намоем.

Раванди номатлуби ба гурӯҳҳои ифротӣ пайвастани ҷавонон дар тамоми сайёра, аз ҷумла кишвари мо, аз он шаҳодат медиҳад, ки пайравони гурӯҳҳои террористӣ роҳҳои нисбатан осон ва пуртаъсири таблиғу тарғиби ақидаҳои ифротиро ба роҳ монда, ҳамчун вабои аср ба амнияту давлати кишвар хатар эҷод мекунанд. Вале мушкилоти асосии ҷавонони мо ин огоҳ набудан аз идеологияи аслии ифротгароёни динӣ ба шумор рафта, ба он натиҷагирӣ мешавад, ки бархе аз ҷавонони ноогоҳ дар мақсадҳои ғаразнок ва зиддидавлатию зиддимиллии гурӯҳҳои террористӣ шарик мешаванд.

Мо бояд ҳатман системаи мукаммали пешгирию мубориза бо экстремизму терроризмро коркард намоем ва дар асоси он бо сабабҳою шароити пайдоиш ва инкишофи экстремизму терроризм ва ҷалбнамоии ҷавонони мо ба сафи гурӯҳҳои экстремистию террористӣ мубориза барем. Фаҳмиши экстремизму терроризм бояд мушаххас ва таърихӣ бошад ва он ҳамчун зуҳуроти манфии ҷомеаи инсонӣ баҳогузорӣ шавад, чунки мушоҳида мешавад, ки аз мавҷудияти экстремизм ва терроризм ҷомеаи ҷаҳонӣ ва махсусан давлатҳои алоҳида азоб кашида истодаанд. Равиши методологии воҳиду системавӣ имконият медиҳад, ки ба таҷрибаи мушаххаси давлатҳои дигар оиди пешгирии экстремизм ва терроризм такя намуда, бо он дастаҷамъона мубориза барем. Омӯзиши экстремизм ва терроризм дар такя бо таҷриба ва тадқиқоти муҳаққиқони ватании соҳаҳои сотсиология, сиёсатшиносӣ, фалсафаи иҷтимоӣ ва психология хеле ҳам муфид буда, боиси дақиқ кардани табиат ва моҳияти манфури ин вабои асри XX1 хоҳад шуд. Дар раванди таҳқиқи сабабу шароитҳои пайдоиши экстремизм ва терроризм мо гурӯҳи омилҳоеро ҷудо кардем, ки фарогирандаи паҳлуҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа буда, дар ташаккулёбии фаъолияти экстремистию террористӣ таъсири муайян мегузоранд, ки инҳо мебошанд: идеологӣ; сиёсӣ; иқтисодӣ; иҷтимоӣ; қавмӣ; мазҳабӣ - динӣ; маъмурӣ - ҳудудӣ ва равонӣ.

Мутобиқан барои тасвири илмии идеологияи зӯроварӣ бояд, ки омилҳои равонӣ, динӣ ва қавмии ҷалбнамоии ҷавонон ба фаъолияти террористӣ дида баромада шаванд. Идеологияи зӯроварӣ хосият ва табиати гуногуни зоҳиршавӣ дошта, бо шаклҳои мухталифи экстремизм ва терроризм алоқаманд аст. Идеологияи зӯроварие, ки хислати динӣ дорад, асосан бо экстремизм ва терроризми таассубӣ алоқамандии зич дорад. Экстремизм ва терроризми таассубӣ байни дигар шаклҳои экстремизму терроризм хатарноктар буда, боиси қурбониҳою марги зиёди аҳолии осоишта мегардад. Ба ҳамин хотир зарур аст, ки бо тамоми воситаҳою сарчашмаҳо зидди идеологияи зӯроварӣ мубориза барем. Ин тақозои замон аст, агар хоҳем, ки ҷомеаи тоҷик муътадил рушду инкишоф ёбад, бояд барномаи давлатии пешгирию мубориза бо экстремизм ва терроризмро таҳия намоем ва дар амалияи ҷамъиятӣ татбиқ кунем. Вобаста ба ҳамин масъала муҳаққиқи тоҷик С.Ятимов идеологияро бо тамоми ҷанбаҳояш таҳлил карда, чунин қайд менамояд: «Бар зидди ҳама гуна идеологияи зараровар на танҳо панду насиҳат, ё худ ибрози нияти нек, балки ҳатман ба воситаи идеологияи пурқудрат ва муқовиматкунанда мубориза бояд бурд». Гурӯҳи омилҳои сиёсӣ дар он зоҳир мегардад, ки гурӯҳҳои экстремистӣ ва террористӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи як қатор ташкилотҳои ғайридавлатӣ, молиявӣ ва хадамотҳои иктишофии кишварҳои хориҷӣ маблағгузорӣ мешаванд. Мутобиқан барои тарғиботу маблағгузорӣ ва ҷалбнамоии ҷавонон ба сафи гурӯҳҳои экстремистию террористӣ маблағҳои калон ҷудо мегарданд. Маҳкам кардани роҳҳои воридшавии маблағ ба ҳисоби гурӯҳҳои экстремистӣ ва террористӣ яке аз воситаҳои муҳимми пешгирии ҷалбнамоии ҷавонон ба фаъолияти экстремистию террористӣ мебошад.

Гурӯҳи дигари омили пайдоиши экстремизм ва терроризм ба масъалаи инкишофи коррупсия, заиф шудани идоракунии давлатию маҳаллӣ дар ҷомеа алоқамандии зич

доранд. Дақиқ аст, ки инстутҳои ҳокимияти давлатӣ дар мубориза бо экстремизму терроризм заиф буда, нисбати пешгирии ин хатар ба саҳлангорию бепарвоӣ роҳ медиҳанд, ки нобахшиданист.

Яке аз заминаҳои асосии пайдоиши экстремизм ва терроризмро омилҳои иҷтимоӣ ташкил медиҳанд. Масалан, бекорӣ, даромади пасти аҳолӣ, надоштани манзили зист, иқтисоди ҷиноӣ ба ҳалқаи омилҳои иҷтимоии пайдоиши ин зуҳуротҳои номатлуб дохил мешаванд. Яъне, рушди иҷтимоӣ – иқтисодии кишвар ва ҷомеа дар пешгирию мубориза нисбати гурӯҳҳои экстремистӣ ва террористӣ нақши муҳимро мебозанд. Ҳаракатҳои экстремистӣ ва террористӣ ҷинс, синну сол, баромади иҷтимоӣ, таълимот ва ҷаҳонбинии ҷавононро ба назар гирифта, ҷалби онҳоро ба сафҳои худ ба роҳ мемонанд. Яъне, ба ақидаи аксари муҳаққиқон, омилҳои демографӣ, ба монанди кӯчиши аҳолӣ, ба шуғл фаро гирифтани онҳо, таълим дар донишгоҳҳо ба интихоб ва ҷалби ҷавонон ба ҳаракатҳои ифротию террористӣ таъсир мерасонанд. Аксари ҷалбшавандагон ба ҳаракатҳои экстремистӣ – террористӣ ҷавонони синну соли аз 20 то 35 – сола бе шуғли муайян, асосан ҷинси мард мебошанд. Яъне, ҷавонони бекор, аз раванди таълиму тарбия дар канор монда, муҳоҷирони меҳнатӣ объекти асосии тарғибот ва таъсиррасонии ҳаракатҳои экстремистӣ ва террористӣ қарор мегиранд. Маълум аст, ки аксари амалҳои террористӣ бо дасти ҷавонон роҳандозӣ карда мешаванд [4].

Инчунин, дар охирҳои асри XX ва ибтидои асри XXI якчанд омилҳои дигаре буданд, ки барои паҳншавии ифротгароии заминаи динӣ дошта ва терроризм дар Осиёи Марказӣ ва хусусан, дар Тоҷикистон мусоидат карда, ба истиқлолияти комили давлатӣ хатар эҷод намуданд:

1. Баъди шикасти идеологияи коммунистӣ холигии идеологие пайдо гардид. Ин холигӣ, махсусан дар кишварҳои Осиёи Марказӣ, дар манотиқе, ки аксари аҳолияш вобастаи анъанаҳои мусулмонӣ буд, баръало эҳсос мешуд. Ин холигиро амалан идеологияи исломӣ пур мекард. Ҷомеаҳои мусулмонӣ ангезаҳои таҳрикбахшеро барои инкишоф ва худсобиткунӣ ба ҳайси қувваҳои ҷамъиятии қобили аҳаммият пайдо намуданд.

2. Худшиносии миллии халқҳое, ки акнун давлатдории худашонро барқарор намуда буданд, хеле боло рафт. Дар шароити бисёрмиллатии аҳолии чунин кишварҳо, ба мисли Тоҷикистон, Туркманистон, Қирғизистон ва Ӯзбекистон омили исломӣ ба нишонаи асосии ҳувияти шаҳрвандӣ мубаддал гардида буд. Барои ҳамин, доираҳои ҳукмрони ин кишварҳо ҳаматарафа раванди эҳёи анъанаҳои исломиро дастгирӣ мекарданд. Дар баъзе кишварҳо таъсири руҳониёни мусулмон ба дараҷае баланд гардид, ки онҳо на танҳо даъвои ҳокимияти динӣ, балки ҳокимияти сиёсиро низ доштанд.

3. Ғайр аз мақсадҳои васеъ кардани доираи нуфузи фарҳангӣ доираҳои муайяни кишварҳои мусулмонии хориҷаи дур мақсадҳои мушаххаси иқтисодӣ низ доштанд. Манфиатдор будани доираҳои алоҳидаи соҳибкорони ҷаҳони исломӣ барои дастёбӣ ба захираҳои бойи табиии минтақаҳои Осиёи Марказӣ бо пардаи идеологии ташкили «ҷаҳони ягонаи исломӣ» рӯйпӯш шуда буд.

4. Дар аксари ҷомеаҳои мусулмонии Осиёи Марказӣ меъёрҳои содатарини давлати ҳуқуқбунёд аз истифода баромаданд. Беқонунӣ дар бисёр мавридҳо ҳамчун қоида ва хусусияти муносибати ҷамъиятӣ ба назар мерасид. Дар ин шароит аҳолии мусулмони баъзе давлатҳои Осиёи Марказӣ дар зери меъёрҳои исломӣ паноҳ мебурд.

5. Сиёсишавии ислом ва истифодаи фаъолонаи он аз тарафи доираҳои сиёсии як қатор кишварҳои Осиёи Марказӣ барои ба даст овардани манфиатҳои гурӯҳиашон омили муҳим гардид. Дар баъзе ҳолатҳо дини мубини исломро гурӯҳҳои ғаразхоҳ ба фаъолиятҳои сиёсӣ ва дигар фаъолиятҳое, ки баъзан характери ҷиноӣ ба худ гирифта буданд, пайваст намуданд.

6. Аз ҷониби баъзе роҳбарони кишварҳои Осиёи Марказӣ дуруст баҳо наёфтани паҳншавии ифротгароии динӣ, сариваҷт наҷустани чораҳо ба муқобили ин раванд ба пуршиддат гаштани вазъият мусоидат намуд. Дар маҷмуъ, қатъ гардидани тамоюли робитаҳои анъанавӣ дар байни давлатҳои муштаракулманофеъ ба он оварда расонд, ки

дар муқобили паҳн гардидани ифротгароии исломӣ роҳбарони ин кишварҳо оҷиз монданд [8].

Барои пешгирӣ намудани ҷавонон аз шомилшавӣ ба гурӯҳҳои террористию экстремистӣ корҳои зеринро бояд анҷом дод:

– дар бораи мубориза бо ифротгароӣ ва хатари он боз ҳам бисёртар баргузор намудани конфронсу маҷлисҳо бо ҷалби қишрҳои васеи аҳолӣ. Дар ин замина, Ҳукумати Тоҷикистон чорабиниҳои зиёд рӯйи даст гирифтааст. Яке аз ин чорабиниҳо ҷашнгирии 1310–солагии Имоми Аъзам – Абуҳанифа Нуъмон ибни Собит ва соли 2009–ро эълон намудани Соли бузургдошти ин фақеҳи бузург ва пешвои мазҳаби ҳанафӣ буд, ки бо таври хосса ва густурда таҷлил гардид;

– сарчашмаҳои молиявии созмонҳои ифротгаро ва террористӣ ҳам дар дохил ва ҳам дар хориҷи кишвар муайян ва нест карда шаванд;

– террористон аз сарчашмаҳои ҷалби маблағ, аслиҳа, воситаҳои моддӣ ва ғайра маҳрум карда шаванд;

– марказҳои таъминоти идеологӣ ва дастгирии террористон, марказҳои тарбияи онҳо мушаххас ва аз байн бурда шаванд;

– маҳдуд намудани имконияти истифодаи террористон ва ифротгароён аз ВАО. Маълум аст, ки расонаҳои хабарӣ яке аз воситаҳои дастраси таъсиргузорӣ мебошанд, ки террористонро ҳамроҳӣ мекунанд. Онҳо бисёр манфиатдоранд, ки аз ВАО истифода намуда, аз як тараф имиҷи худро ҳамчун «мубориэон барои озодӣ» ташаккул диҳанд ва ғояҳояшонро паҳн намоянд, аз тарафи дигар, аҳаммият ва ҳайсияти худро нишон дода, аҳолиро ба тарсу даҳшат биёранд;

– корҳои таблиғотӣ, тарбиявӣ, фаҳмондадиҳӣ, суҳбатҳои инфиродӣ, чопи китобҳо, дастурҳои омӯзишӣ, мақолаҳои таҳлилӣ, тарбияи динию маънавӣ, барномаҳои телевизиониву радиоӣ, мулоқоту вохӯриҳо бо шаклу усули нав ва ғайраҳо.

Бояд гуфт, ки дар ҳамбастагӣ бо дигар қишрҳои ҷомеа муассисаҳои таълимӣ, мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ, ташкилотҳои давлатию ҷамъиятӣ ва волидон бо истифодаи сарчашмаҳои равонию иҷтимоӣ мо бояд ҷавононро дар руҳияи худшиносию ватанпарварӣ тарбия намоем, то ки онҳо тавонанд дар ҳама ҳолати зиндагӣ худро аз хатари таассубгароӣ, ифротгароӣ ва терроризм ҳифз намоянд. Пӯшида нест, ки дар ҳудуди ҷумҳурӣ содиршавии ҷиноятҳои хусусияти экстремистӣ ва террористидошта то ҳол ба назар мерасад. Ин моро ҳушдор медиҳад, то ба хулоса оем ва дарк намоем, ки омилҳои барангезандаи кинаву адовати динӣ ва ҳамзамон миллию маҳаллӣ дар ҷомеаи мо то ҳол пурра решакан нашудаанд. Имрӯз ҳар як фарди ҷумҳурӣ бояд дарк намояд, ки ошкору бартараф намудани зуҳури ин гуна амалҳои номатлуб на танҳо вазифаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ҳамчунин вазифаи ҷонии ҳар як шаҳрванди бономуси миллат мебошад.

**Муқарриз: д.и.с., профессори ДДМИТ - Сафаров Сайфулло**

**АДАБИЁТ**


1. Иброҳимов М. Муносибати давлат бо дин дар ҷомеаи демократӣ / М. Иброҳимов //Ҳақиқати Ленинобод.- 2002.- 16 ноябр.
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ». Қонуни амалкунанда. Санаи қабул: 26.03.2009 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.2009, №489.
3.Маркази матбуоти Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Терроризм ва экстремизм омили асосии барҳамзанандаи амну осоиш. [Манбаи электронӣ]. URL: https://moh.tj/ta/terrorizm-va-ekstremizm-bar-amzanan/ (санаи истифодабарӣ: 14.02. 2023)
4.Маҳмадизода Н.Д., Мухаметов Ғ.Б. Роҳҳои пешгирии ҷалбнамоии ҷавонон ба фаъолияти динию ифротӣ ва террористӣ. [Манбаи электронӣ]. URL: https://tnu.tj/index.php/tj/ro-oi-peshgirii-albnamoii-avonon-ba-faolijati-diniju-ifrot-va-terrorist/ (санаи истифодабарӣ: 14.02.2023)
5. Маъруфов Ф.К. Ҷавонон ва замон / Ф.К. Маъруфов // Маҷмӯи конференсияи илмӣ-методии ҷумҳуриявӣ таҳти унвони «Ҷавонон созандагони фардо». – Хуҷанд, 2017. - С. 290-293.
6. Обидов Х. Мубориза бар зидди ифротгароӣ/ Х. Обидов // Омӯзгор.-2015.- 9 январ.- №2.
7. Одинаев А. Аз таърихи пайдоиши терроризм ва роҳҳои пешгирии он. [Манбаи электронӣ]. URL: http://www.hakikati-sugd.tj/index.php/politics/15044-az-ta-rikhi-pajdoishi-terrorizm-va-ro-oi peshgirii-on(санаи истифодабарӣ: 14.02.2023)
8. Орифӣ О. Б. Терроризм ва экстремизм: моҳият, сабабҳои авҷгирӣ ва роҳҳои пешгирии он .[Манбаи электронӣ]. URL: http://hhdtkhatlon.tj/node/5953 (санаи истифодабарӣ: 14.02.2023)]

9. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Шарқи озод, 2016.- 45 с.
10. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе: Шарқи озод, 2017. - 47 с.
11. Тоатов Ҳ.С. Терроризм ва экстремизм - падидаҳои номатлуб / Ҳ.С. Тоатов. -Хуҷанд, 2017. -95 с.
12. Устобоева Д.М. Омилҳои косташавии ахлоқ ва роҳҳои пешгирии таъсири манфии онҳо / Д.М. Устобоева.- Душанбе, 2018. -44 с.
13. Хатарҳои муосири геополитикӣ ба истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: роҳҳо ва усулҳои пешгирӣ аз онҳо // Маводи конференсияи ҷумҳуриявӣ. -Душанбе, 2017.
14. Холиқов Ғ. Тафсири Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мубориза бар зидди терроризм” / Ғ. Холиқов, А.Ш. Алиев. -Душанбе: Контраст, 2014. -294 с.
15. Шохуморов С. Терроризми байналмилалӣ ва ифротгароии исломӣ / С. Шохуморов. -Душанбе, 2002. - 68 с.

## ОМИЛҲОИ АСОСИИ ШОМИЛШАВИИ ҶАВОНОН БА ГУРӮҲҲОИ ТЕРРОРИСТИЮ ЭКСТРЕМИСТӢ ВА РОҲҲОИ ПЕШГИРИИ ОН

Дар мақолаи илмии мазкур омилҳои асосии шомилшавии ҷавонон ба гурӯҳҳои террористию экстремистӣ ва роҳҳои пешгирии он мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифта, нақши давлат, ҷомеа, мақомотҳои давлатӣ ва волидон дар пешгирӣ намудани ин амали номатлуб муайян карда шудааст. Дар ҷомеаи кунунӣ бархе аз ҷавонону наврасон бинобар сабаби каммасъулиятиву оворагардӣ ва надоштани маълумоти пурра аз таъсири оқибатҳои ноустувори шабакаҳои иҷтимоӣ побанди раванди зуҳуроти гуногуни номатлуби ҷомеа мегарданд. Аз ин рӯ, насли калонсол – падару модарон, омӯзгорон, ходимони дин, кормандони ҳифзи ҳуқуқ, васоити ахбори омма ва дигар табақаҳои аҳолии мамлакатро зарур аст, ки бо ҷавонон ва наврасон ҳамаҷониба ҳамкорӣ намуда, ба онҳо роҳи дурусти бакамолрасӣ ва муваффақ шуданро дар соҳаҳои мухталифи зиндагӣ нишон диҳанд. Ба онҳо собит намоянд, ки маҳз ҷавононе, ки аз таҳсил дур мондаанд ва касби муайян надоранд аз ҳама бештар бо роҳи осон ба доми афроди тундрави беватан ва ифротгаро гирифтор мешаванд. Аз ин лиҳоз муҳаққиқ кӯшиш намудааст бо истифода аз сарчашмаҳои мухталифи илмии дохилию хориҷӣ, омилҳои ҷалбнамоии ҷавононро ба гурӯҳҳои террористию экстремистӣ ошкор намуда, роҳҳои пешгирии онро бо истифода аз методҳои муайян пешниҳод намояд.

**Калидвожаҳо:** гурӯҳи террористӣ, мубориза бар зидди терроризм, санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, терроризм, террорист, экстремизм, ҷавонон, омилҳои асосии ҷалбнамоии ҷавонон, роҳҳои пешгирӣ.

## ОСНОВНЫЕ ФАКТОРЫ ПРИСОЕДИНЕНИЯ МОЛОДЕЖИ К ТЕРРОРИСТИЧЕСКИМ И ЭКСТРЕМИСТСКИМ ГРУППИРОВКАМ И ПУТИ ИХ ПРЕДОТВРАЩЕНИЯ

В данной научной статье анализируются и рассматриваются основные факторы вовлечения молодежи в террористические и экстремистские группировки и пути их предотвращения, а также определяется роль государства, общества, органов государственной власти и родителей в предупреждении этого нежелательного акта. В современном обществе часть молодежи из-за безответственности, бродяжничества, отсутствия полной информации, из-за влияния нестабильного воздействия социальных сетей становятся жертвами процесса различных нежелательных проявлений общества. Поэтому необходимо, чтобы старшее поколение – родители, учителя, религиозные деятели, сотрудники правоохранительных органов, СМИ и другие слои населения страны, -всесторонне сотрудничали с молодежью и указывали ей правильный путь к зрелости и успеху в различных сферах. Докажите им, что именно молодые люди, оставшиеся без образования и не имеющие определенной профессии, легче всего попадают в ловушку экстремистов. С этой точки зрения исследователь попытался выявить пути вовлечения молодежи в террористические и экстремистские группировки, используя различные отечественные и зарубежные научные источники, и предложить пути предотвращения этого с помощью определенных методов.

**Ключевые слова:** террористическая группа, борьба с терроризмом, правовые акты, терроризм, террорист, экстремизм, молодежь, основные факторы вербовки молодежи, способы предотвращения вербовки.

## THE MAIN FACTORS OF YOUTH JOINING TERRORIST AND EXTREMIST GROUPS AND WAYS TO PREVENT THEM

This scientific article analyzes and discusses the main factors of youth involvement in terrorist and extremist groups and ways to prevent it, and also determines the role of the state, society, public authorities and parents in preventing this undesirable act.In modern society, part of the youth, due to irresponsibility, vagrancy, lack of complete information, due to the influence of the unstable impact of social networks, become victims of the process of various undesirable manifestations of society. Therefore, it is necessary that the older generation - parents, teachers, religious figures, law enforcement officers, the media and other sections of the country's population fully cooperate with young people and show them the right path to maturity and success in various fields. Prove to them that it is young people who are left without education and who do not have a certain profession who most easily fall into the trap of extremists and extremists.From this point of view, the researcher tried to identify ways to involve young people in terrorist and extremist groups, using various domestic and foreign scientific sources, and to suggest ways to prevent this using certain methods.

**Keywords:** terrorist group, fight against terrorism, legal acts, terrorism, terrorist, extremism, youth, main factors of youth recruitment, ways to prevent recruitment, etc.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Ҷангиев Ҷаъмахон*** **-** Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, ассистент, кафедраи фанҳои гуманитарӣ. **Суроға:** 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов, 64/14. Телефон: **907-08-08-12**

**Сведения об авторе:** ***Джангиев Джамахон*** **-** Таджикский государственный финансово-экономический университет, ассистент, кафедра гуманитарных дисциплин **Адрес:** 734067, Республика Таджикистан, город Душанбе, улица Нахимова, 64/14. Телефон: **907-08-08-12**

**Information about the author:** ***Jangiev Jamakhon*** **-** Tajik State Financial and Economic University, assistant of the Department of Humanities. **Address:** 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov Street 64/14. Phone: **907-08-08-12**

## ИҚТИСОД – ЭКОНОМИКА


*Хушвахтзода К.Х., Имомназарова Т.А.* Роль монетарной политики в обеспечении равновесного развития экономики........ 5

*Мирбобоев Р.М.* Отраслевые приоритеты экспортного потенциала промышленности Республики Таджикистан........ 12

*Норов Х.Г.* Водохозяйственный комплекс: состояние и перспективы развития........ 23

*Турсунов Р.Р.* Формирование гибкого рынка труда: проблемы и перспективы........ 30

*Лоиков П.И.* Развитие текстильно-швейной промышленности в условиях ускоренной индустриализации Таджикистана........ 38

*Каримов А.С., Мирзоалиев А.А.* Отдельные аспекты применения МСФО в малом бизнесе........ 45

*Исайнов Ҳ.Р., Раҳмонов Ҷ.Ҳ.* Таҷрибаи хориҷии истифодаи самараноки захираҳои обию энергетикӣ........ 56

*Давлатов А.А., Қодирзода Ф.А.* Усулҳо ва роҳҳои иқтидори содиротии Ҷумҳурии Тоҷикистон........ 65

*Абдулмуминзода Н.А.* Таъминоти иттилоотии баҳисобгирии идоракунии хароҷот дар корхонаҳои кишоварзӣ........ 75

*Давлатов Д.С., Қаюмов С.Ш.* Истифодаи методикаҳо нисбат ба қарзҳои андозӣ дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ........ 84

*Расулов Д.Т., Алимардонов Т.А.* Модели иқтисодӣ-риёзии таҳлил ва баҳодиҳии сифати зиндагии аҳолӣ дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон........ 94

*Исматов А.Ф.* Таҳлил ва баҳодиҳии ҳолати истифодаи хизматрасониҳои электронӣ дар раванди маъмурикунонии андоз........ 103

*Бахтиёри Изатулло Муродзода.* Такмили низоми идоракунии КАС - самти муҳимми рушди комплекси озуқаворӣи Ҷумҳурии Тоҷикистон........ 113

*Тагойназаров А.Қ.* Асосҳои назариявии рушди бахши давлатӣ дар марҳилаи муосир........ 123

*Гулаҳмадзода Зулфиқор Аҳмад.* Дурнамои механизмҳои танзими андозии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон........ 134

*Раҳимов Ҷ.О., Раҳимов Ш.Ҳ.* Самаранокии соҳаи растанипарварӣ: таҳаввулоти назария ва самтҳои афзалиятноки рушд........ 141

*Бобозода Шариф Қаноъатшо.* Ташаккули сиёсати муосири кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон........ 148

*Комилов С.Ҷ., Каримов Р.И.* Таҳияи варианти алтернативии пешниҳоди хизматҳои соҳаи энергияи барқӣ дар Тоҷикистон........ 155

*Асозода Ф.Н., Одинаева М.Ш.* Тавсифи соҳаи кишоварзӣ ҳамчун бахши мушаххаси қарздиҳии бонкӣ........ 162

*Хидиралиев Р.З.* Назарияҳои олимони иқтисодчӣ оид ба сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ........ 169

*Шоназаров У.С.* Таҳлили муқоисавии нишондиҳандаҳои рушди зеркомплекси пахтакории минтақа........ 176

*Раҳимзода Фирузи Мадкарим, Иброҳими Ҳасани Ҳакимзода.* Ҷанбаҳои назариявии таваррум ва танзими зиддитаваррумӣ........................................................................................ *184*

*Амонзода Анушервон.* Ошкорсозии муаммоҳои рушди иҷтимоию иқтисодии вилояти Хатлон дар асоси модернизатсияи иқтисодӣ....................................................................................... *191*

*Умарзода Н.Н., Раҳматов Б.Қ.* Таъсири равандҳои ҷаҳонишавии муҳоҷирати меҳнатӣ ба иқтисодиёти миллӣ.............................................................................................................................. *200*

*Икромова М.Х.* Мафҳум ва моҳияти назорати идоракунӣ дар низоми идоракунӣ……………. *207*

*Ҷонмамадов Ш.Б., Деҳқонов С.А.* Ҳавасмандгардонии бахши хусусӣ - омили рушди корхонаҳои хурду миёна дар минтақаи Рашт.......................................................................... *214*


## ИЛМҲОИ ҲУҚУҚШИНОСӢ – ЮРИДИЧЕСКИЕ НАУКИ

*Мавлоназарзода О.А., Муминзода Н.И.* Правовые вопросы международно-правовых актов в защите человеческого капитала………………………………………………………………………… *224*

*Давлатзода Комрон Давлат.* Нишонаҳои тарафи субъективии ҷиноятҳо ба муқобили шабакаҳои интернетӣ ва таҷҳизотҳои ёрирасони онҳо ҳамчун намуди нави киберҷиноятҳо (барномаҳои зараровар ва ҳамлаҳои DOS)........................................................................................ *233*

*Ғафурова Б.Д.* Оиди баъзе масъалаҳои ҳуқуқии узвияти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Созмони Ҳамкории Шанхай.............................................................................................................. *241*

*Шикориева Л.Ш.* Нақш ва аҳаммияти ҳуқуқии барномаҳои давлатӣ дар рушди сармоягузории соҳаҳои воқеии иқтисодиёт........................................................................................ *246*

*Ғозиева М.Х.* Ташаккули падидаи ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон........................................................................................................................................ *252*

*Шарифзода Л.Ш.* Оғози равандҳои демократӣ-заминаи муҳимми ба вуҷуд омадани ислоҳоти конститутсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.............................................................. *258*


## СИЁСАТШИНОСӢ – ПОЛИТОЛОГИЯ

*Zokirov G.N.* “Mountainous region” as a geopolitical doctrine of development of Republic of Tajikistan…………………………………………………………………………………………...... *263*

*Салимов Ф.Н., Ризоён Ш.Ш., Азизи Р.А.* Вопросы экстремизма в медиапространстве Таджикистана: анализ сми и социальных медиа……………………………………………………… *280*

*Рахимов К.Х., Кун Сянюй.* Проблема терроризма в Центральной Азии: на примере Узбекистана *292*

*Шарипов И.А.* Историко-политические предпосылки формирования принципа безусловного уважения суверенных прав каждого народа………………………………………………………… *298*

*Нуриддин П.Р.* Баъзе хусусиятҳои консепсияи сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон........................................................................................................................................ *304*

*Акмалова М.А., Саидова М.А.* Муносибати ҳизбҳои сиёсӣ ва ҳокимияти давлатӣ дар шароити Тоҷикистон............................................................................................................................ *313*

*Шарифзода Л.Ш., Саидзода Д.С.* Ислоҳоти сиёсӣ-ҳуқуқӣ заминаи муҳимми ташаккули сиёсати давлатӣ дар Тоҷикистон........................................................................................... *322*

*Ҷангиев Ҷ.* Омилҳои асосии шомилшавии ҷавонон ба гурӯҳҳои террористию экстремистӣ ва роҳҳои пешгирии он...................................................................................................................... *328*

**ВЕСТНИК**
**ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА**
**Серия социально-экономических и общественных наук**

Научный журнал «Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук» основан в 2012 г. Печатная версия журнала зарегистрирована в Министерстве культуры Республики Таджикистан. Журнал включен в «Перечень рецензируемых научных изданий, в которых должны быть опубликованы основные научные результаты диссертаций на соискание ученой степени кандидата наук, на соискание ученой степени доктора наук» ВАК Министерства образования и науки Российской Федерации.

Журнал принимает научные статьи по следующим отраслям науки: экономические науки (08.00.00), юридические науки (12.00.00) и политические науки (23.00.00).

Журнал включен в базу данных Российского индекса научного цитирования (РИНЦ), регулярно предоставляет в РИНЦ информацию в виде метаданных.

Полнотекстовая версия журнала доступна на сайте издания (www.vestnik-tnu.com).

---

**ВЕСТНИК**
**ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА**
Серия социально-экономических и общественных наук

**2023. №10. часть I**

Над номером работали:
Ответственный редактор: М.К. Ибодова
Редактор серии экономических наук: Д.А. Назарова
Редактор таджикского языка: Ш. Абдуллоева
Редактор русского языка: О. Ашмарин

Издательский центр
Таджикского национального университета
по изданию научного журнала
«Вестник Таджикского национального университета.
Серия социально-экономических и общественных наук»:
734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17.
Сайт журнала: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Тел.: **(+992 37) 227-74-41**

Отпечатано в типографии ТНУ
734026, г.Душанбе, ул.Буни Хисорак, корпус 14.
Формат 70x108/16. Бумага офсетная. Печать офсетная.
Тираж 100 экз. Уч. изд. л. 42,25 усл. п.л. 42,25.
Подписано в печать 15-11-2023